**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД 372.8: 809.155.0+891.550+373**
**ББК 74.261: 81.2 Тоҷ+83.3 Тоҷ+74.2**
**С-60**

**СОЛЕҲЗОДА (ПУЛОДОВА) ШОИРА СОЛЕҲ**

# АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Негматов С.Э.

**ХУҶАНД – 2026**

**Мундарича**


**Номгӯйи ихтисораҳо**....................................................................................**4**

**Муқаддима**..................................................................................................**5**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ – МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ, ФРАЗЕОЛОГӢ ВА ФАРҲАНГИ НУТҚ**..........................**18**

1.1.Аз таърихи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ..................18

1.2.Ҷанбаҳои назарӣ ва бунёдии мафҳуми «фарҳанги нутқ»........................30

1.3. Масъалаи рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ...............................................................................................................56

1.4. Забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон..................76

Хулосаи боби якум..............................................................................................96

**БОБИ 2. ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ**..........................................................**98**

2.1. Мавқеи муносибати босалоҳият ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон.............................................................................................................98

2.2. Мафҳумҳои фасоҳат ва балоғати калом дар рисолаҳои илми бадеъ аз нигоҳи омӯзиш ва парвариши насли наврас....................................................112

2.3. Такмили захираи луғавии хонандагон дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ..............................................................................122

Хулосаи боби дуюм............................................................................................134

**БОБИ 3. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСОСИ СТАНДАРТ, БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСӢ**.....................................................................................................**136**

3.1. Мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар Стандарт, барнома ва китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик..................................................136

3.2. Вазъи умумии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик...................................................................166

3.3. Интихоби минимуми воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ барои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон...........................................................193

Хулосаи боби сеюм......................................................................................214

**БОБИ 4. РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ..........................................................................................218**

4.1. Хусусиятҳои дидактикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ..............................................................................................218

4.2. Роҳҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ...................................................239

4.3. Омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва рушди фарҳанги нутқ.................................................257

Хулосаи боби чорум......................................................................................270

**БОБИ 5. ОЗМОИШИ МУҚАРРАРКУНАНДА ВА ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ..........................................................................................272**

5.1 Санҷиши сатҳи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар рафти озмоиши муқарраркунанда............................................................................272

5.2. Озмоиши таълимӣ ва самаранокии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон.......................................296

Хулосаи боби панҷум......................................................................................309

**Хулосаҳо..........................................................................................313**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот...........................316**

**Рӯйхати адабиёт..........................................................................................318**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.....................................................352**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО:

ВФ – воҳиди фразеологӣ

ГН – гурӯҳҳои назоратӣ;

ГО – гурӯҳҳои озмоишӣ;

ДДХ – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

ЗАТ – забон ва адабиёти тоҷик

МДТ – муассисаи давлатии таълимӣ

М–муаллиф

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ТФН – ташаккули фарҳанги нутқ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФИР – Фарҳанги ибораҳои рехта

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Замони муосир тақозо менамояд, ки дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар баробари вусъат бахшидани маърифату саводнокӣ ба тарбияи ахлоқии аҳли ҷомеа, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, ташаккули завқи зебошиносии наврасону ҷавонон ва амалӣ шудани ҳадафҳои таҳсилот заминаи мусоид фароҳам оварад. Талабот ҷиҳати беҳтар гардонидани сифати таълим, азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малакаи фарҳанги нутқи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ беш аз пеш меафзояд. Аз бар намудани талаботи Стандарт ва барномаи забон ва адабиёти тоҷик як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он, ташаккули маҳорати суханварӣ, ахлоқи муошират, баёни фасеҳ, шинохти вежагиҳои каломи бадеъ ва воситаҳои муассири нутқ маҳсуб меёбад. Барои мутобиқ шудан ба талаботи стандарти таълим ташаккули маҳорат ва малакаҳои хуби гуфтору навиштор, ба дурустӣ донистани меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ, омӯзиши судманду самарабахши ВПФ-и тоҷикӣ зарур аст.

Агар дар ҷараёни машғулиятҳои ЗАТ ба ташаккули нутқ тавассути ВПФ таваҷҷуҳ зоҳир гардад, имкон пайдо мешавад, ки хонандагон моҳияти арзишҳои миллӣ-ахлоқии фарҳанги халқи худ ва ифодаи онро дар забон ба хубӣ идрок намоянд. Чунин роҳу усули таълим, ки қобилияти гуфтори хубу зеборо бо истифода аз ВПФ таъмин карда тавонад, дар МТМУ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар солҳои 90-уми асри ХХ таҳқиқоти илмӣ, маводди таълим, китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо оид ба санъати суханварӣ ва фаҳанги нутқ аз ҷониби М.Шакурӣ [183; 184; 185; 192], Т.Зеҳнӣ [56; 57], Р.Ғаффоров [49; 232], А. Маниёзов [262], Ш. Рустамов [289], А. Сатторзода [149; 150], М. Лутфуллозода [85; 260], А. Абдуқодиров [9; 212; 213], С. Неъматов [123; 124; 125; 126], Т. Ваҳҳобов [231], А. Ҳасанзода [177; 308], Х. Каримова [71] ва олмони рус Н.М. Шанский [185], А.И. Ефимов [53], М.Р.Лвов [261], Т.А.Ладиженская [84], Л. И. Скворсов [156; 157], М. Т. Баранов [35], Л. А. Баринова [37], В.В. Виноградов [43], В.В. Колесов [72] нашр шуд ва имкон дод, ки низоми кор дар ин самт роҳандозӣ гардад. Тибқи ин асару дастурҳо, дар айни замон, муҳассилини макотиби олӣ,

коллеҷҳо, гимназияву мактабҳои тамоюли гуманитаридошта дарс меомӯзанд. Аммо ба ҳалли ин масъала дар МТМУ камтар таваҷҷуҳ шуда, ба инкишофи нутқ дар Стандарт ва барномаи фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI соатҳои алоҳида ҷудо нашудааст. Аз ин ҷо, таҳқиқи масъалаи ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ ба миён меояд. Масъалаи маданияти нутқ яке аз масоили меҳварии таҳқиқоти академик Муҳаммадҷон Шакуриро ташкил медиҳад, ки онро на танҳо аз нигоҳи назариявии забоншиносӣ, балки ҳамчун рукни муҳимми ҳувияти милливу фарҳангӣ баррасӣ кардааст. Шакурӣ дар асарҳои бунёдии худ, ба мисли «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад», «Забони мо – ҳастии мост», «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ» ва «Хуросон аст ин ҷо» талаботи асосии маданияти нутқро ба риояи меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, донистани маъноҳои асливу маҷозии калимаву калом, дурусту бамавқеъ кор фармудани вожаву таъбирҳо ва ҳифзи асолати забон вобаста медонад.

Суст шудани талабот ба инкишофи нутқ дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити хонавода, афзоиши таъсири вожаҳои гӯйишӣ (лаҳҷаву шева, жаргонҳо) ба душворӣ ва мушкилоти таълим сабаб мегардад. Бо фарогирии сарвати забон инсон фарҳанги нутқ ва ҳусни баёни хешро баланд мебардорад, аз ҷиҳати зебопарастӣ серталаб ва баркамолтар мешавад. ВПФ ҳамчун муҳимтарин воситаи муоширати фасеҳу балеғ ба ташаккул ва таҳкими ақидаҳо, нуктаи назар, тарбияи шахсияти бофарҳанг мусоидат намуда, омӯзиши мавзуъҳоро ҷолибу шавқовар мекунанд. Муҳаққиқи рус Мокиенко В.М. таълими ВПФ-ро дар ҳифзи фарҳангу забон ба риштаи таҳлил кашида, чунин изҳори назар кардааст: «Ҷунбиши бесобиқаи паремиологӣ, ки забоншиносон онро 30 сол муқаддам пешгӯйӣ карда буданд, аз тамоми интизориҳо боло рафт. Таҳаввули ҷомеаи муосир боиси фаъол шудани шуури миллӣ ва ҳамзамон таваҷҷуҳ ба чунин жанрҳои хурди фолклор, мисли мақолу зарбулмасалҳо гардид. Озодии баён, дастрасӣ ба фазои интернетӣ ва воситаҳои ахбори омма ташаккули мақолу зарбулмасалҳоро таъмин намуданд» [85, 6]. Омӯзгорон ва волидон аз омода набудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ба суханронии

маданӣ дар назди ҷомеа, надоштани қобилияти ифодаи фикр ба таври мураттабу хушоянд изҳори нигаронӣ доранд. Ба андешаи мо, сабаби асосӣ ба барномаи таълими МТМУ дохил нашудани дарсҳои инкишофи нутқ ва беъэтиборӣ ба омӯзиши ВПФ мебошад. Барои рушди фарҳанги нутқ бояд дар барномаи ЗАТ соатҳои алоҳида барои омодагӣ ба навиштани иншо, нақли хаттӣ, эссе, шарҳу тавзеҳи воситаҳои тасвир, ба таври муфассал муҳокимаву таҳлил намудани корҳои хаттии муҳассилин ҷудо карда мешуд. Мутаассифона, тавсияҳои дақиқи методӣ низ барои гузаронидани ин навъи корҳо дар барномаҳо вуҷуд надорад. Супориши китобҳои дарсӣ, ки ба рушди нутқи шифоҳӣ пешбинӣ шудаанд, барои расидан ба матлаб чандон кофӣ нестанд. Ташкили дарсҳои омодагӣ барои навиштани корҳои хаттӣ, таҳлилу баррасии ғалатҳои роҳёфта, таваҷҷуҳ ба ТФН-и хонандагон дар асоси омӯзиши ВПФ, шинохти маъно ва мавқеи корбасти воҳидҳои муассири забон дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ва машғулиятҳои беруназсинфӣ хеле зарур аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таърихи илми педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ номи муҳаққиқони зиёд, ба монанди М. Лутфуллозода [85; 260], Ф. Шарифзода [187; 310; 311], Камолиддинов [67; 68], С. Аминов [24; 25; 26; 318], С. Э. Неъматов [125; 126; 272; 274], С. Ҳоҷиев [178], Ш. Исрофилниё [64; 66; 245; 250], Х. М. Сабурӣ [143], А. Байзоев [33; 34], М. Аҳмадов [30; 31; 219; 222], Қ.Мухторӣ [119; 264], олимони рус В.В. Виноградов [43], Б. Н. Головин [47], Г.О. Винокур [44], Л.С. Виготский [45], В.Я. Коровина [199], В.Г. Швирина [312; 313], Т. П. Чепкова [208; 309; 370] ва дигаронро мисол овардан мумкин аст, ки ба масъалаи ташаккули малакаи муошırати саҳеҳу дурусти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо корбасти методи самарабахш таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Масъалаи муносибати босалоҳият ба таълим аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ пайваста такмил ёфта, марҳала ба марҳала дар низоми таҳсилот татбиқ мегардад. Олимони зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки моҳият ва хусусиятҳои муносибати босалоҳият ба таълимро аз нигоҳи равонию педагогӣ баррасӣ намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсияи мазкур бо мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ ва талаботи асосии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои миллӣ ва нақшаҳои стратегӣ амсоли Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз 29. 09. 2020, №526), «Барномаҳои рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (аз 28. 11. 2020, таҳти № 647), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26. 09. 2020, таҳти № 503), Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум аз рӯйи муаммои «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ. Ташаккули салоҳият ва таҳаммулпазирии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик» ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 (аз 22. 11. 2025, таҳти №631) ба анҷом расидааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот:**

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқ муайян сохтани омилҳои таъсиррасон дар раванди муошрати хонандагони МТМУ бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, коркард ва омодасозии амсилаи таълим оид ба ташаккули рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ВПФ-и тоҷикӣ дар ҷараёни дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳияи методикаи илман асоснок ва низоми самарабахши кор оид ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI дар МТМУ бо такя ба назарияи инкишофи нутқ ва фарҳанги нутқ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ва машғулиятҳои беруназсинфӣ матлаби асосии рисолаи мазкур маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. **Муайян кардани асосҳои бунёдӣ-методологии таълими ВПФ дар МТМУ:**

- баррасии таърихи омӯзиши масъалаи фарҳанги нутқ дар забоншиносии ватанӣ ва методикаи таълим;

- муайян кардани заминаҳои асосӣ ва шароити мусоиди таъсиррасон ба ТФН;

2. Баррасии мавқеи ВПФ дар барнома ва китобҳои дарсии ЗАТ ва муайян кардани самаранокии машқу супоришҳо.

3. Дар раванди таҷриба муайян кардани сатҳи дониши хонандагон оид ба ВПФ дар МТМУ ва ошкор намудани омилҳои коҳиши фарҳанги нутқ.

4. Муайян намудани меъёрҳои интихоби маводди ВПФ барои омӯзиш.

5. Таҳияи низоми методии таҳлили лексикӣ-семантикии ВПФ-и тоҷикӣ, ки ба ТФН хонандагон ва дарки арзишҳои ахлоқӣ-маънавии онҳо мусоидат мекунад.

6. Санҷиши самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар ҷараёни таҷрибаи таълимӣ ва мураттаб намудани дастур ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон.

7. Муайян намудани асосҳои назарӣ ва методологии ТФН дар раванди омӯзиши ВПФ ва таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-маънавии хонандагон;

8. Таҳқиқи масъалаҳои ТФН-и хонандагон зимни таълими ВПФ дар дарсҳои ЗАТ ва машғулиятҳои факултативӣ дар МТМУ;

9. Таҳияи силсилаи машқу супоришҳо бо мақсади ТФН бо корбасти ВПФ дар дарсҳои ЗАТ барои хонандагони синфҳои V-XI;

10. Мураттаб сохтани барнома ва маҷмуи супоришҳо барои машғулиятҳои беруназсинфӣ ва роҳу усули азхудкунии ВПФ;

11. Бо назарсанҷӣ ва гузаронидани таҷрибаи муқарраркунанда ва таълимӣ муайян намудани самаранокии низом ва амсилаи пешниҳодшуда доир ба ТФН-и хонандагон дар заминаи ВПФ.

**Объекти таҳқиқот** - омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI дар раванди дарсҳои ЗАТ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ.

**Мавзуи таҳқиқот** – асосҳои назарӣ ва методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI дар дарсҳои ЗАТ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ.

Зарурати ТФН-и хонандагон: маъно ва мафҳуми «фарҳанги нутқ»; ҷанбаҳои назарии фарҳанги нутқ; фарҳанги нутқи хонандагон дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ; забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқ**;** ҷанбаҳои назариву таърихии омилҳои ТФН; мавқеи илми баён ва маонӣ дар ташаккули нутқ; мафҳуми фасоҳату балоғат ва салосату ғановати калом дар рисолаҳои илми бадеъ; мафҳуми ВПФ дар сарчашмаҳои илмӣ; ВПФ-и тоҷикӣ ва мавқеи онҳо дар тарбияи миллӣ-ахлоқии хонандагон; мавқеи таъбирҳо, зарбулмасалу мақол ва панду ҳикмат дар барнома ва китобҳои ЗАТ; вазъи умумии омӯзиши таъбирҳо, зарбулмасалу мақол ва панду ҳикмат дар дарсҳои ЗАТ; интихоби минимуми ВПФ дар МТМУ; роҳҳои такмили фарҳанги нутқи шифоҳии хонандагон зимни тафсири ВПФ; аҳаммияти корҳои хаттӣ дар инкишофи фарҳанги нутқи хонандагон; ТФН-и хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ВПФ дар он сурат такмил меёбад, ки **агар:**

- асосҳои назарию амалии ТФН-и хонандагон дар заминаи ВПФ-и тоҷикӣ бо равишҳои муосир таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, принсип ва хусусиятҳои он мушаххас карда шавад;

- омӯзиши ВПФ чун заминаи ташаккули нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон самаранок ба роҳ монда шавад (принсипҳои таълим дақиқ, кор доир ба интихоби ҳадди ақали ВПФ-и фаъол ва усули таълими онҳо асоснок карда шавад);

- шароити мусоиди таълим барои ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ВПФ дар дарсҳои ЗАТ фароҳам оварда шавад;

- амсилаи самарабахши ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ВПФ тоҷикӣ дар дарсҳои ЗАТ таҳия карда шавад;

- хонандагон ба мутолиаи адабиёти бадеӣ ва таҳлили ВПФ ҷалб ва бо ин роҳ салоҳиятҳои иртиботӣ ва маърифатии хонандагон ташаккул дода шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои олимони забоншиносон, адабиётшиносон ва равишшиносон Б. Камолиддинов [67; 68], А. Абдуқодиров [19; 212; 213], Ф. Шарифзода [187; 189], А.Насриддин [121; 268], С.Шербоев [190], С. Негматов [123; 126; 269; 274], Л. Рӯзиева [288], Т. Мирзод [100; 104], Ш. Исрофилниё [64; 66; 245; 250], Ш.Исмоилов [63], А. Байзоев [33; 34], Қ.Мухторӣ [119; 264], С.И.Ожегов [131; 329], В.В.Виноградов [43], Л.С. Виготский [45], В.В. Голубков [48], Б.Н. Головин [47], Н.М.Шанский [185], В.Я. Коровина [199], Т.П. Чепкова [208; 309; 370] ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияи илмӣ методҳои зерини таҳқиқот истифода шудаанд: - мушоҳида, муқоиса, тавсиф, таҳлил; - таҳлили адабиёти илмӣ, илмию методологӣ ва психологию педагогӣ; - ҷамъбаст ва низомбандии маълумоти илмӣ; - таҷрибаи педагогӣ; -пурсиш, мусоҳиба, таҳлили оморӣ ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумот**. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ маводди зерин истифода шудаанд: осори педагогӣ, равишшиносӣ, равоншиносӣ, адабиёти бадеӣ, пойгоҳи иттилоотию рақамӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи маориф: «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6], «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9], «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030» [18] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар ҶТ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанию хориҷӣ.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқ; таҳияи барномаи таҳқиқ,

ташкили озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ, тавсиф ва натиҷагирии озмоиш бо усули эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, индуксия, дедуксия; дар асоси маълумоти бадастомада асоснок кардани далелҳои илмӣ, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усули миқдорӣ, маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо рӯйи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** гимназияҳои №1 ба номи Раҳим Ҷалил, №4, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ба номи Зайниддин Осимов, №5 ба номи 20-солагии Тоҷикистон, №6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Хуҷанд ва гимназияи №2-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, ки ба ҳайси муассисаҳои таҷрибавӣ интихоб шуда буданд, ташкил доданд. Дар раванди таҳқиқот беш аз 182 нафар хонанда, 36 нафар омӯзгор ва 23 нафар падару модар ҷалб шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**ро муқарраароти зерин ташкил мекунанд:

- бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими ВПФ ҳамчун асоси ТФН ва таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-маънавии хонандагон дар дарсҳои ЗАТ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд;

- аҳаммияти таълими ВПФ ҳамчун раванди маърифатии хонандагон ва мавқеи таҳлили осори адабӣ барои дарки арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ дар дарсҳои ЗАТ ҳамаҷониба таҳқиқ карда шуд;

- методикаи ҳамгирои таълими паремия ва таъбирҳо ҳамчун низоми воҳид барои ТФН коркард шудааст;

- низоми асосноки илмӣ-методӣ дар робита ба таҳлили лексикӣ-семантикии ВПФ-и тоҷикӣ корбаст гардида, он ба ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ шароити таълимии мусоид фароҳам меорад;

- навъи хатоҳо дар истифодаи ВПФ аз ҷониби хонандагон ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо муайян карда шуд;

- меъёрҳои интихоби асосноки ВПФ, ки ба ТФН ва таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-маънавии хонандагон нигаронида шудааст, муқаррар гардиданд;

- низоми махсуси машқҳо, ки сатҳи дониш ва малакаи хонандагонро оид ба истифодаи ВПФ дар нутқ баланд мебардорад, таҳия ва пешниҳод гардид;

- нақшаи чорабинии беруназдарсӣ барои ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи ВПФ мураттаб карда шуд;

- равиши таҳлили маънои вожаву ифодаҳо, такмил ва пурра кардани ҷумла ва матн, баёни мазмуну ғояҳои зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо, таҳлили воситаҳои образнок бо усули фаъол, таҳияи корҳои эҷодӣ дар асоси нақша бо истифодаи ВПФ пешниҳод гардид;

- усули хоси таҳлил ва таҳияи матн, нақли шифоҳӣ ва хаттӣ бо истифодаи ВПФ дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик навгонии диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пажуҳиш маълум сохт, ки таҳияи консепсияи лингводидактикии рушди нутқи хонандагон тавассути воситаҳои муосири фаъолгардонии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ на танҳо ҳамчун раванди омӯзиши луғат, балки ҳамчун як системаи мукаммали инкишофи тафаккури мантиқӣ ва илмӣ асоснок карда мешавад, ки ин заминаро барои амиқтар вусъат ёфтани мазмун ва мафҳуми «фарҳанги нутқ» фароҳам меорад.

2. Маълум гардид, ки ВПФ-и тоҷикӣ дар такмили фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI дар дарсҳои ЗАТ мавқеи назаррас доранд;

3. Таҳқиқ нишон дод, ки ВПФ-и тоҷикӣ дар парвариши ахлоқи наку ва ҳисси худшиносии миллии хонандагон нақши муҳим доранд, бино бар ин, таҳияи низом ва амсилаи махсуси методӣ барои ғановати таркиби луғавии хонандагон тавассути ВПФ-и тоҷикӣ зарур мебошад.

4. Муайян гардид, ки таҳқиқи методикаи махсуси омӯзиши ВПФ дар заминаи таҳлили лексикӣ-семантикии матн дар дарсҳои ЗАТ бо мақсади ТФН-и хонандагон ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим мусоидат мекунад.

5. Таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бо истифода аз маводди дидактикӣ ва бо назардошти меъёрҳои дақиқи ташаккули фаъолияти нутқи хонандагон сурат мегирад, ки дар ин раванд аҳаммияти иртиботӣ, басомади истифода, имкониятҳои равонии дарк, арзишҳои зеҳнӣ-

маърифатӣ, ҷанбаҳои тарбиявӣ ва пайдарҳамӣ дар омӯзиши онҳо нақши асосӣ мебозанд.

6. ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ВПФ тавассути тағйири усули таълим дар раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ сурат мегирад;

7. Истифодаи ВПФ-и тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ самаранокии рушди фарҳанги нутқро таъмин месозад.

8. Мушоҳида ва таҳлилҳо асоснокӣ ва самаранокии низом ва амсилаи пешниҳодшударо, ки ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ нигаронида шудаанд, собит намуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот**:

- таҳия ва тавсифи роҳу усул ва шаклҳои кор бо ВПФ аз рӯйи матнҳои таълимӣ, ки ба дарки таҷрибаи рӯзгор, ҳикматҳои ниёкон дар робита бо фарҳанги миллии халқи тоҷик ба тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон мусоидат мекунанд;

- коркарди меъёрҳои интихоби ВПФ, таҳлили масъалаҳои грамматикӣ ва шарҳи маънову мазмуни онҳо, ки ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва парвариши хислатҳо ва сифатҳои баргузидаи ахлоқӣ-маънавии хонандагон роҳ мекушояд;

- фаҳмидани ғоя ва андешаҳои амиқи ахлоқӣ-маънавии ВПФ, ки дар шакли муҷаз, салис ва панду насиҳат баён ёфтаанд ва дар таълиму тарбияи насли наврас мавқеи муҳим доранд;

- дар рисола аҳаммияти омӯзиши ВПФ ҳамчун омили рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагон собит шудааст;

- имконияти шинохти ВПФ ва навъҳои он, аз қабили зарбулмасал, мақол, панду ҳикмат, андарз ва амсоли он таҳлил ва баррасӣ ёфтааст;

- методологияи ҳавасмандгардонии шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши ВПФ тавассути мутолиаи осори адабӣ, матнҳои таълимӣ ва кор бо фановариҳои иттилоотӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:** Натиҷаҳои дар амалия санҷидашудаи рисолаи илмӣ, ки ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ нигаронида шудаанд, барои истифода дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хизмат карда метавонад. Аз ҷумла, омода кардани дастурҳои таълимӣ оид ба омӯзиши ВПФ; имконияти истифодаи маводди диссертатсия дар таҳқиқотҳои минбаъда; баланд бардоштани салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва адабии хонандагон тавассути ВПФ-и тоҷикӣ, ҷустуҷуйи усули нави кор зимни таълими ВПФ ва кор бо матни бадеӣ самаранок ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳияи низоми кор оид ба ташаккули малакаҳои нутқи хонандагон дар ҷараёни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, роҳандозии машғулиятҳои беруназсинфӣ бо такя ба салоҳияти иртиботӣ, инчунин истифодаи силсилаи машқҳо ва амсилаҳои таҳияшуда ҳангоми таҳриру такмили барнома ва китобҳои дарсӣ ба баланд шудани самаранокии ин раванд мусоидат менамоянд. Низом ва амсилаи манзургашта имкон медиҳад, ки рушди малакаҳои фарҳанги нутқи хонандагон пайваста пайгирӣ карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзишу таҳлили амиқи осори илмӣ, бадеӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ, истифодаи усули муқоисавӣ, собит намудани фарзияҳои диссертатсионӣ, муқоисаи нишондодҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, инчунин таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун омӯзгор ва саҳми ҳайати педагогии ба ин раванд ҷалбшуда таъмин намудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуни рисолаи докторӣ, натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо, навгонӣ ва тавсияҳо ба талаботи ихтисоси илмии 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, алалхусус,

дар пажуҳиши самтҳои бунёдӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили мавод; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи ташкили таҷриба ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маводди таҷриба, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори мақолаву дастурҳои таълимӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгор аз соли 2002-юм то имрӯз дар факултети филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият намуда, фанни услубшиносӣ, каломи бадеъ, маданияти нутқ, ҳусни баёни омӯзгор, методикаи таълими ЗАТ-ро дарс медиҳад. Усули пешниҳодшударо дар ҷараёни тадриси фанҳои мазкур, дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён, ҳини мушоҳида, иштирок ва таҳлили раванди дарсҳои омӯзгорони фанни ЗАТ-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷида, самаранокии онро дар такмили фарҳанги нутқи хонандагон татбиқ кардааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ (1.Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо. – Хуҷанд, 2008; 2.Ҷойгоҳи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва муколамаи фарҳангҳо. – Хуҷанд, 2014; 3.Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ. – Душанбе, 2018; 4.Масъалаҳои мубрами илми муосир. – Вашингтон, 2021; 5.Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо. – Душанбе, 2022; 6.Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV. – Душанбе, 2023; 7.Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ. – Хуҷанд, 2023; 8.Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ. – Хуҷанд, 2023; 9. Масъалаҳои мубрами филология. - Фарғона, 2023; 10.Мероси лингвистӣ ва рушди забоншиносӣ. Андиҷон, 2023; 11.Форуми байналмилалии «Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд». – Хуҷанд, 2026) ва ҷумҳуриявӣ

(1.Муносибати инноватсионӣ-интегративӣ ба таълими касбии забонҳои хориҷӣ (Душанбе, 2020); 2.Масоили меҳварии таълими фанҳои филологӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ (Хуҷанд, 2024) баромад намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 2 монография, 8 дастури таълимӣ-методӣ, 64 мақола, аз он 19 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 45 мақола дар маҷалла ва маҷмуаҳои мақолаҳои гуногуни илмӣ дарҷ ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 359 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ, ФРАЗЕОЛОГӢ ВА ФАРҲАНГИ НУТҚ

## 1.1. Аз таърихи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ

Воҳидҳои паремиологӣ ибора ё ҷумлаи муҷаз, вале пурмазмун ва фикрбарангез ҳастанд, ки маъмулан таҷрибаи зиндагӣ ё қонуни умумиро бо шеваи зебову шево баён мекунад ва падидаҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ ва суханварон: панду андарз, зарбулмасалу мақол, афоризм, воҳидҳои фразеологиро фаро мегирад ва баъзан ҷудо кардани онҳо аз ҳамдигар басе душвор мебошад. Аз шарҳи истилоҳи «а**форизм**» бармеояд, ки тамоми хусусиятҳои ВПФ-ро фаро мегирад. «Афоризм» аз калимаи юнонии қадим **αφορισμός** — «сухани муҷаз» гирифта шуда, бо феъли **αφορίζω** — «маҳдуд кардан», «ҷудо кардан», «дур кардан» алоқаманд аст. Мафҳуми «афоризм»-ро **Ҳиппократ** бори аввал барои номгузории маҷмуаи мушоҳидаҳои муҷази худ дар бораи бемориҳо ва муолиҷа истифода кардааст. Бо мурури замон мафҳуми афоризм васеътар шуда, ба ҳар як ибораи муҷаз, мухтасар ва пурмазмун, ки як фикри мукаммалро ифода мекунад, татбиқ гардид [357, https://www.culture.ru/s/slovo-dnya/aforizm].

Дар «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» ин вожа чунин шарҳ ёфтааст: «Афоризм – юн. – ҳикмат, панд, сухани муҷаз, афоризм» [340, 15]. Дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» истилоҳи қисор муродифи ВП аст: «Қисор – афоризмы, изречение (ҳикмат), крылатые выражения» [331, 268]. «Афоризм – сухан, ифода, нутқе, ки муҷаз, буро ва ниҳоят бозарофат аст ва шаклан хусусияти хулосакунандагӣ дорад ва пандомез мебошад» [324, 55]. Таълими ВПФ, мушаххас сохтани вежагиҳои маъноӣ, грамматикӣ, меъёр, ҳаҷм ва ҳудуди онҳо аз масъалаҳоест, ки солҳо ин ҷониб муҳаққиқони илми педагогика ва методистон таваҷҷуҳ намуда, аммо ҳанӯз андешаҳои қатъии мушаххас вуҷуд надорад. Сабаби асосӣ инчунин дар он аст, ки дар бораи ба фразеология дохил шудан ё нашудани зарбулмасалу мақолҳо олимон то ҳол фикри ягона надоранд. Гурӯҳе онҳоро ба фразеология дохил мекунанд, гурӯҳи дигар, баръакс онҳоро

воҳидҳои фразеологӣ намеҳисобанд ва ҳоказо. Ба ақидаи профессор А.И. Ефимов, «на танҳо идиомаҳо, инчунин зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои паремиологӣ, ифодаҳои маҷозии байтҳо, таркибҳои устувор, ифодаҳои хусусияти илмӣ-терминологӣ дошта ва мисли онҳо низ ба фразеология дохил мешаванд» [53, 274]. Рисолаи илмии С.В.Хушенова «Изафетные фразеологические единицы таджикского языка» [175] соли 1971-ум нашр гардид, ки он ба омӯзиши ибораҳои устувори изофӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар бораи се воҳиди мустақили забон: ибораҳои озоди изофӣ, воҳидҳои фразеологии изофӣ ва калимаҳои мураккабу таркибӣ сухан ронда, дар ин бобат мулоҳизаҳои арзишманд баён кардааст.

Дар забоншиносии тоҷик қайдҳои аввалин доир ба ин масъала аз тарафи Абдулғанӣ Мирзоев [105] гуфта шуда ва ҳангоми таҳлили хусусиятҳои забонии ғазалиёти Сайидо доир ба ибораҳои халқии осори ин шоир мулоҳизаронӣ кардааст. Мураттиби фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ М.Фозилов зарбулмасалу мақол, инчунин панду ҳикматҳоро ба қатори ибораҳои устувор дохил кардааст, зеро онҳо низ шаклу қолаби рехта доранд ва тағйир намеёбанд. Забоншиноси маъруф Р.Ғаффоров дар ин хусус навишта буд: «Агар термини фразеология ба маънои васеи ин сухан фаҳмида шавад, ғайр аз мақолҳои лексиконидашуда, аз қабили «аз гов ғадуд», «аз кунда параха» ба он мақолу зарбулмасалҳои муқаррариро, ки ҳангоми нутқ бе тағйир истифода мешаванд, низ дохил кардан мумкин аст» [49,72]. Бо истилоҳи форсии «қисор» ҳаммаъно аст. Хусусияти асосии ин жанрҳо иборат аз он аст, ки ғояҳои баланду барҷаста ба тарзи муҷазу рехта, зебову таъсирбахш ифода меёбанд. Ба тафаккури инсон таъсир карда, рафтору ҷаҳонбинии ӯро шакл медиҳанд ва дар тули асрҳо ҳамчун асоси таълим хидмат кардаанд. Муҳаққиқон В.П. Фелитсина ва Ю.Е. Прохоров [385] ВПФ-ро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд, ки байнашон фарқи назаррас вуҷуд дорад: инфиродӣ ва оммавӣ. ВПФ-и оммавӣ аксар мавридмаънои маҷозиро соҳиб мебошанд ва ба тамоми халқ тааллуқ дошта, доираи истеъмолашон васеъ аст. Ба воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии инфиродӣ ВПФ-и алоҳидаи муаллифӣ дохил мешаванд, ки аз маҳорати услубӣ,

образнокии фикр ва тасвирҳои нави бадеӣ дарак медиҳанд ва берун аз матни муаллиф дар нутқи оммавӣ чандон истифода намегарданд. Ин бозгӯйи эҷодкорӣ, навоварӣ ва қобилияти инфиродии суханвар дар устуворсозии таъбирҳои нав аст. Фозилов М. «ғалати ом» шудан ва «омехтани фактҳои гуногуни забон ва каломи бадеӣ» [347, 10]-ро ба мушоҳида гирифта, кӯшиш кардааст, ки бо мақсади тасаввури дақиқи ҳудуди зарбулмасал, мақол, воҳидҳои фразеологӣ ва хусусияти ҳар яке аз ин воҳидҳои забон ва сабаби дохил кардани онҳоро ба «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва воҳидҳои фразеологии тоҷикию форсӣ» [346, 12] тавзеҳ диҳад. Ба андешаи муаллифи фарҳанг, пеш аз ҳама, аз қатори зарбулмасалу мақолҳо ибораҳои рехта (фразеологизмҳо) ва ибораҳои озод бояд хориҷ карда шаванд, зеро онҳо на ҳамчун воҳиди каломи бадеӣ, балки чун воҳиди луғавӣ баррасӣ мешаванд. Қайдҳои мазкур ба он ишорат доранд, ки фразеологизмҳо гарчанде дорои маънои устувор бошанд ҳам, на ҳамеша панди мукаммалро ифода мекунанд, ки хоси зарбулмасал ва мақол аст. Бино ба ишораи Фозилов М., баъзе ҳикматҳо зарбулмасал ва мақол нестанд, балки «фраза» ё «калимаҳои забонзади умумигашта» мебошанд. Ин ибораҳо, одатан, аз асарҳои мушаххас ё суханронии шахсиятҳои маъруф гирифта шудаанд ва маънои маҷозӣ ё ахлоқӣ доранд, аммо сохтори комили мақол ё зарбулмасалро надоранд. Муаллиф махсус қайд мекунад, ки панду ҳикматҳое, ки бе ҳеҷ маҷоз ва бадеияте гуфта шудаанд, низ зарбулмасал ва мақол намебошанд. Ин нукта фарқи асосии панду ҳикматро аз зарбулмасал ва мақол аз лиҳози образнокӣ ва бадеият таъкид мекунад. Зарбулмасалу мақолҳо, аксаран, дорои унсурҳои маҷозӣ ва бадеӣ мебошанд ва сабаби асосии дохил кардани панду ҳикматҳо ба фарҳанги зикршуда дар он аст, ки мисраҳои ҷудогонаи назму насри сайқалёфта, ки фикри томро ифода намуда, маълуму машҳур гаштаанд, ба зарбулмасалу мақолҳо аз ҷиҳати шакл, сохт ва мазмун наздик мебошанд. Онҳо ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ барои таъсирнок шудани нутқи муҳассилин ва дарки мазмуну мундариҷаи матн хидмат менамоянд. М.Фозилов ба тафовути қолиби ин жанрҳои адабӣ таваҷҷуҳ мекунад: панду ҳикматҳо муаллиф доранд, дар ҳоле ки

зарбулмасалу мақолҳо, одатан, бемуаллифанд ва эҷодкунандаи онҳо халқ аст. Ҳамчунин соҳиби фарҳанг сабаби эҷоди ВФ-и навро чунин шарҳ додааст: бархе аз зарбулмасалу мақол ва афоризмҳо кӯҳна мешаванд ва дигар наметавонанд фикру ақида ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеаро пурра баён намоянд. Аз ин рӯй, эҷоди ВПФ-и нав зарур мегардад, ки ба таҳаввулоти ҷомеа ва пайдоиши ғояҳои нав посух гӯяд. Дар таркиби матнҳои омӯзишӣ ВПФ-и зиёде дучор мешаванд, ки ифодакунандаи хусусиятҳои барҷастаи ҳаёти халқ, тарзи муносибат ва муоширати, орзую омол, рисолатҳои бузурги инсонӣ ва амсоли он мебошанд. Шиносоии хонандагон бо ВПФ ва омӯзиши хусусиятҳои ин қабил воҳидҳои забонӣ дар густариш ва ташаккули нутқи адабии онҳо зарур аст. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик лозим меояд, ки баёни мазмун ва мундариҷаи ВПФ-ро ҳамчун ҳикматҳои волои зиндагӣ дар ҳамбастагӣ бо хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ, бадеии онҳо роҳандозӣ намуда, дар айни замон, тафовути байни зарбулмасал, мақол, фразеологизм ва панду ҳикматро низ равшан гардонад. Аз худ кардани хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ВПФ ва тарзи қабулу идроки онҳо дар тафаккури хонандагон заминаи мустаҳкам мегузорад. Яке аз талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз он иборат аст, ки муҳассилин дар истифодаи воҳидҳои забон дар муошират ва ҳалли муаммоҳои зиндагӣ дар сатҳи зарурӣ тайёр бошанд: «Дар мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо ва афоризмҳо афкору таҷриба, маишату муносибот ва арзишҳои моддию маънавии мардумон бозтоб гаштаанд» [349, 4].

ВПФ паҳлуҳои амиқи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва мардумшиносиро фаро мегирад, зеро онҳо ба сифати унсури асосии фарҳанги халқ хидмат карда, мисли оина таърих, рӯзгор ва руҳияи халқро тули асрҳо дар худ инъикос намудаанд. Хиради наслҳост, ки тавассути мушоҳидаи табиат ва таҷрибаи инсон шакл гирифтааст. Масалан, дар мавзуи муносибатҳои иҷтимоӣ, тарзу тариқи зиндагӣ, машғулият ва алоқаи оиларо бо ҷомеа ошкор менамояд ва мақоли машҳури «Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав» намунаи хуби он аст. Баромади ин мақол дар асл ҳам аз маишати кишоварзӣ сарчашма гирифта, ҳамзамон қонунияти муносибатҳои инсониро шарҳ медиҳад, ки ҳосили некӣ

танҳо некӣ ва ҷавоби бадӣ бо бадӣ аст. Ҳамчунин мақоли «Ҳамсояи наздик аз хеши дур беҳтар» бозгӯйи сохтори иҷтимоии халқ аст, ки дар он ҳамбастагӣ ва ёрии ҳамдигарии ҳамсояҳо дар ҳаёти рӯзмарра ифода ёфтааст. Дар мавриди арзишҳои моддию маънавӣ ва ахлоқию ҷаҳонбинӣ мавқеи арзишҳои миллӣ, ба монанди «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» - ватандӯстӣ ва муҳаббат ба зодгоҳу диёри худ таҷассум меёбад.

Забоншинос ва луғатшиноси шаҳири эронӣ Алиакбари Деххудо дар пешгуфтори фарҳангномаи чаҳорҷилдаи «Амсолу ҳикам» ҳангоми омӯзиш ва тарҷумаи ВПФ ба ду мушкили асосӣ рӯбарӯй шудааст: аввал ин ки фарҳангҳои арабӣ ва форсӣ аз сабаби набудани муодилҳои дақиқ ё камтаваҷҷуҳӣ ба масъала 17 истилоҳро ба таври умумӣ танҳо «масал» тарҷума кардаанд, ки боиси аз байн рафтани тафовути байни онҳо гардидааст; дувум ин ки ҳатто луғатномаҳои бузурги фаронсавӣ таърифҳои кофӣ ва равшан пешниҳод накардаанд, ки дарёфти тафовутҳои дақиқи сохториву маъноии ин истилоҳот возеҳ шавад: «Дар забони фаронсавӣ ҳафдаҳ луғат пайдо кардам, ки дар фарҳангҳои арабиву форсӣ ҳамаи онҳоро масал тарҷума карда буданд ва дар фарҳангҳои бузурги фаронсавӣ таърифҳое барои онҳо навиштаанд, ки муқнаъ нест ва наметавон бо он таърифот онҳоро аз якдигар тамйиз дод. Ногузир тавассути яке аз устодони донишкадаи ҳуқуқ номае ба фарҳангистони Фаронса навиштам ва ихтилофи дақиқи он ҳафдаҳ луғатро хостор шудам» [323, 9]. Ин нишон медиҳад, ки дар забонҳои арабӣ ва форсӣ барои чанд мафҳуми мушаххаси фаронсавӣ як истилоҳи умумӣ «масал» истифода шудааст, ки ба нофаҳмӣ ва омехташавии мафҳумҳо оварда расонидааст. Муаллиф ҷиддан барои ба даст овардани маълумоти саҳеҳ аз манбаъҳои муътабар машғул гашта, таъкид мекунад, ки ҳатто дар фарҳангҳои бузурги фаронсавӣ таърифҳое, ки барои он калимаҳо омадаанд, боэътимод нестанд ва наметавон бо он таърифот хусусиятҳои онҳоро аз якдигар фарқ кард. Ин бозгӯйи нуқси ҷиддӣ дар методологияи луғатнигорӣ ё набудани таҳқиқоти амиқ дар бораи хусусиятҳои нозуки ВПФ дар забоншиносии умумӣ аст. Мавҷуд набудани таърифҳои дақиқ ва қонеъкунанда боис гардидааст, ки муаллиф аз навиштани муқаддима ва

шарҳи масал, ҳикмат ва мафҳумҳои наздик ба он худдорӣ кунад ва китобашро бидуни муқаддима мунташир созад.

Аз ин бармеояд, ки агар ҳатто фарҳангистонҳои бузург натавонанд таърифҳои мушаххаси зарбулмасалу ҳикматро пешниҳод кунанд, ин зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муқоисавиро дар соҳаи фразеология ва паремиология (зарбулмасал ва мақолҳо)-ро собит месозад. Ин андеша бозгӯйи зарурати дақиқияти истилоҳот дар илм ва дарки амиқи мафҳумҳо барои пешрафти забону адабиёт ва таълими босамари он аст. Дар заминаи мулоҳизаҳои андешамандон тафовути ҳар яке аз ин воҳидҳои забон дар ҷадвали поён оварда шуд.

| | **Воҳидҳои фразеологӣ** | **Воҳидҳои паремиологӣ** | | |
|---|---|---|---|---|
| **Хусусият** | **Фразеологизм** | **Зарбулмасал** | **Мақол** | **Панду ҳикмат** |
| **Муаллиф** | Номаълум (халқ) | Номаълум (халқ) | Номаълум (халқ) | Муаллифӣ / халқ |
| **Маъно** | Маҷозӣ, мафҳуми мураккаб | Маҷозӣ; тасвирӣ | Аслӣ; возеҳ | Ахлоқӣ, фалсафӣ... |
| **Сохтор** | Рехта, суфта | Ҷумлаи мураккаб | Ҷумлаи сода (кутоҳ) | Байт, мисра, ҷумла |
| **Ҳадаф** | Таъсирбахш, муҷаз | Ибратомӯз, таҷрибаи зиндагӣ | Маслиҳат, хулосаи одӣ | Тарбия, ҳидоят, андеша |
| **Мавқеъ** | Бозёфти услубӣ | Таъкид, огоҳӣ | Маслиҳат, таълим | Ташаккули маънавӣ ва ахлоқӣ |

Ҳамин тариқ, ВП – ифодаҳои мухтасар, фикрҳои ҷамъбастшуда мебошанд, ки дар шакли муҷаз ва бадеӣ, маъмулан бо маҷоз, ташбеҳ, тавсиф, истиора, муболиға ва монанди инҳо ифода ёфтаанд. Омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ (зарбулмасал, мақол, панд, ҳикмат, андарз) ва фразеологӣ дар ҷараёни машғулиятҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ташаккули шахсияти сухандон ва соҳибзабон аҳаммияти зиёд дорад. Ин раванд ба рушди салоҳияти иртиботии хонандагон, ташаккули маҳорат ва малакаи гуфтор ва навиштор, дарки таҷрибаи рӯзгор, ғояҳои фарҳанги миллӣ, урфу одат, анъана ва хулқу атвори инсон мусоидат мекунад ва насли наврасро дар руҳияи худшиносии миллӣ,

ташаккули тафаккури интиқодӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ омода месозад. Ҷанбаҳои асосӣ ва аҳаммияти омӯзиши ВПФ дар инкишофи нутқ ва ифоданокии фикр ба таври барҷаста ба зуҳур мерасад, мантиқ ва мазмуни сухан тавассути тобишҳои хоси ҳиссӣ, қобилияти дарки таассурот ва воқеият дар мавриду ҳолатҳои гуногун пуртаъсир ва нишонрас баён мешавад. Омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ ба ташаккули салоҳияти маърифатӣ, зеҳнӣ, иртиботӣ, фаъолнокии фикрӣ ва инкишофи фарҳанги нутқ равона мешавад. Корбурди ВПФ ба хонандагон имкон фароҳам меорад, ки дар ифодаи возеҳ, пуртаъсир ва равону мураттаби фикр комёб гарданд. Дар заминаи омӯзиши ВПФ дарки мазмун ва мундариҷаи матнҳои адабӣ дастрас мешавад, ки ба василаи онҳо хонандагон хусусиятҳои ибораҳои устувор ва афкори пурҳикматро идрок ва дар нутқи худ дар мавридҳои муносиб истифода карда метавонанд.

Паремиология баҳси илми забоншиносӣ ва фолклоршиносӣ буда, мақол, зарбулмасал, ҳикмат, панд, афоризм, гуфтори мутафаккирони баргузида ва андарзу ҳикматҳои халқиро меомӯзад. Дар илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ масъалаи паремия баҳснок аст ва андешаҳои муҳаққиқон доир ба он гуногун мебошад. Гурӯҳе аз олимон аз ҷиҳати он ки хусусияти устуворӣ дорад, паремияро қисми таркибии фразеология мешуморанд: «Паремиология (калимаи юнонии қадимӣ. paroimia – «масал, мақол» ва logos – «калима, таълимот») зерсутуни фразеологизм мебошад, ки ба омӯзиш ва таснифи паремиа бахшида шудааст – афоризмҳо, муаммоҳои муҷаз, мафҳумҳо, масалҳо ва мақолаҳои зидди–мақолҳо, гуфтугӯҳо, шиорҳо ва дигар ибораҳое, ки мақсади асосии онҳо ифодаи мухтасари рамзии шифоҳии арзишҳо ва нуқтаи назари анъанавӣ дар асоси таҷрибаи зиндагии гурӯҳҳо, одамон ва ғайра мебошад» [302, 43]. Таҳти мафҳуми паремия гурӯҳи васеи жанрҳои хурди фолклорӣ ва ифодаҳои муҷази адабӣ фаҳмида мешаванд. Хусусияти асосӣ ва ҳадафи истифодаи ВПФ дар он аст, ки ҳамчун воситаи ифодаи мухтасар, фишурда ва рамзии шифоҳӣ хидмат карда, арзишҳои маънавӣ, ҷаҳонбинӣ, урфу одат ва нуқтаи назари фарҳангии ҷомеаро инъикос кардаанд. Ин мавод дар заминаи таҷрибаи бисёрсолаи зиндагии гурӯҳҳои мухталифи одамон, табақаҳои

иҷтимоӣ ва халқҳо шакл гирифта, мисли хазинаи тафаккури олӣ аз насл ба насл интиқол меёбанд. Аз ин рӯй, паремиология на танҳо сохтори грамматикиву луғавии ин ифодаҳоро меомӯзад, балки унсурҳои фарҳангӣ, педагогӣ, равоншиносӣ ва таърихиро баррасӣ менамояд. Гурӯҳи дигари олимон паремияро соҳаи мустақили илми адабиётшиносӣ шуморанд ҳам, баъзе навъҳои онро ба воҳидҳои фразеологӣ мансуб донистаанд: «Паремиология – яке аз соҳаҳои мустақили илми филология мебошад, ки доир ба зарбулмасал, мақол, панду ҳикматҳои умумихалқӣ ва қонуниятҳои мавҷудияту инкишофи онҳо баҳс мекунад... Гоҳо воҳидҳои паремиологиро (баъзе навъҳои ҷудогонаи он) ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ дохил кардаанд» [324, 486-487].

Аз таҳлили диду назарҳои гуногун ВП дорои хусусиятҳои хоси сохторию маъноӣ мебошанд, ки вежагиҳои онҳоро метавон чунин шарҳ дод:

- мазмунҳои баланди тарбиявӣ, ҷамъбастӣ, пандуандарзӣ, ҳикматомӯз доранд ва хулосаи таҷрибаи насли гузаштаро дар худ маҳфуз медоранд;

- аз лиҳози сохтори наҳвӣ аксар маврид чун ҷумлаи мустақил, комил ва пурмаъно мебошанд;

- барои баёни равшан ва таъсирбахш хизмат менамоянд;

- вазифаи тарбиявӣ ва иртиботии мустақилро ҳамчун меъёри рафтору ахлоқи мардум ба иҷро мерасонанд.

Аз ин тасниф бармеояд, ки зери мафҳуми воҳидҳои паремиологӣ хонандагон на танҳо ифодаҳои муҷаз, таъсирбахш ва услубан хушоянди гуфторро меомӯзанд, балки ҳамзамон бо андешаҳои ҷолиб, таҷрибаи рӯзгор, панду ҳикмати ниёкон ва арзишҳои умумиинсонӣ шиносоии комил пайдо мекунанд. Ба ақидаи кулли донишмандони соҳа воҳидҳои фразеологӣ мустақиман ба паремиология дохил намешаванд, вале байни онҳо робитаи зич вуҷуд дорад. Як нуктаи хеле нозук низ ба мушоҳида мерасад, ки фикри болоро тақвият мебахшад: баъзе фразеологизмҳо аз мақол ё зарбулмасалҳо сарчашма мегиранд. Масалан, «рӯзи сахт» [349, ҷ.1, 919] аз мақоли «Дӯст дар рӯзи сахт шинохта мешавад»; аёнро чӣ баён [349, ҷ.1, 9] аз мақоли «Шунидан кай бувад

монанди дидан»; «чашми танг» [349, ч.2, 391] аз «Чашми танги дунёдорро хоки гур пур мекунад» [349, ч.2, 391] ва монанди инҳо.

Аз ин лиҳоз, гуфтан бамаврид аст, ки ВПФ бо ҳам қаробати маъноӣ ва мантиқӣ дошта бошанд ҳам, вале яксон нестанд. Воҳидҳои паремиологӣ дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологӣ аз таҷрибаи ҳаёт, одобу ахлоқ ва фарҳангу одатҳои миллии халқ гирифта шуда, дар шакли ҷумлаҳои яклухт, мураттабу пурмаъно ва ҳикматомез ифода меёбанд (зарбулмасал, мақол, афоризм, панду ҳикмат). Воҳидҳои фразеологӣ ибораву таркибҳои устувор мебошанд, ки дар шакли тайёр ва қолаби рехта ҳамчун ҷузъи ҷумла хидмат мекунанд ва ба таркиби паремиология дохил намешаванд. Аҳаммияти омӯзиши ВП аз он иборат аст, ки дар раванди таълим дар МТМУ ба ҷуз донишандӯзӣ хислатҳои ахлоқӣ-маънавӣ, ки бештар дар ВП (зарбулмасалу мақол ва андарзҳо) инъикос ёфтааast, парвариш дода мешавад. Дар таълими ЗАТ ба таври анъанавӣ чунин тамоюл мушоҳида мешавад, ки фразеологизмҳо ҳамчун воҳидҳои хоси луғавию услубӣ нисбат ба ВП бештар мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо бештар чун маводди иловагӣ ва намунаи ҳусни гуфтор фаҳмида мешаванд, на ба сифати объекти мустақили таълим. Дар барномаҳои таълим низ ба ин масъала муносибати ҷиддӣ ба назар намерасад. Масъалаи мазкур ниёз ба бознигарии амиқи таълимӣ-методӣ дорад ва аз лиҳози омӯзиши амалии фанни забон ва адабиёти тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад. Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими фразеологизмҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди омӯзиши қисматҳои муҳимми забон - лексикология, грамматика ва услубшиносӣ мавқеи назаррас доранд.

Дар раванди таълими ҳамгирои забони модарӣ вазъияти мусоиди шавқовар ва руҳбаландонаро ба вуҷуд овардан басо муфид ва мувофиқи матлаб аст. Ба ин, қабл аз ҳама, маводди таълими пурмазмун ва гуногунпаҳлу, ки аз осори ниёкон ва фозилони муосир сарчашма мегирад, мусоидат менамояд. Омӯзиши ҳар порчаи шеърӣ, ривоят, ҳикоят ва ҳикматҳои пурмазмун шавқовару гуворо аст, ки бо такя ба онҳо шогирдон мафҳумҳои абстрактии забони модариро равшану возеҳ тасаввур мекунанд ва мефаҳманд: «Дар робитаи ҳамдигар

таълим додани фанҳои забон ва адабиёти тоҷик яке аз усулҳои суннатӣ дар таълими ин фанҳо ба ҳисоб рафта, моҳиятан ба масоили роҳҳои беҳтар намудани сифати таҳсилоти хонандагон алоқаманд буда, решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва имрӯз дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим як рукни муҳимми тақвияти салоҳиятҳои донишандӯзӣ, иртиботӣ, иттилоотӣ, иҷтимоишавӣ, ахлоқӣ ва маърифатии хонандагон шинохта шудааст» [361, 4].

Таълими ҳамгирои фанҳои забон ва адабиёти тоҷик аз усулҳои анъанавии самарабахш ба шумор меравад, ки ҳадаф аз он баланд бардоштани сифати таҳсилот ва амиқ гардонидани дониши хонандагон мебошад. Дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим робитаи байнифаннӣ аҳаммияти бештар пайдо карда, рукни муҳимми шаклгирии шахсияти хонанда фаҳмида мешавад ва ба тақвияти маҷмуи салоҳиятҳои хонандагон нигаронида шудааст. Салоҳияти донишандӯзӣ ва маърифатиро бо дарки назарии сохтори забон ва таърихи адабиёт устувор месозад ва салоҳияти иртиботиро тавассути бойгардонии захираи луғавӣ ва рушди нутқи шифоҳиву хаттӣ ташаккул медиҳад. Салоҳияти иттилоотӣ зимни кор бо матнҳои мухталиф ва таҳлили онҳо рушд мекунад ва бо такя ба намунаҳои олии адабиёти классикиву муосир ба иҷтимоишавӣ ва парвариши ахлоқу маънавиёт заминаи мустаҳкам мегузорад. Ҳамгироиро метавон бо иҷрои силсилаи машқу супоришот, ба монанди воҳидҳои фразеологиро ба ҷойи калима истифода намудан, ба таркиби ҷумла ворид сохтан, бо гунаҳои ҳаммаъно муқоиса кардан ва монанди инҳо ба роҳ монд. Махсусан, арзиши таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти фразеологизмҳоро метавон алоҳида таъкид кард, ки нутқро ҷолиб, муассир ва ифодабахшу образнок мекунад. Ба таъбири академик Н.М.Шанский, «фразеологизмҳо нутқро ширадор, ботаров振 ва пуртаъсир месозанд» [185,7].

ВФ бештар барои баёни образноки вазъу ҳолат ва эҳсосоти инсон хизмат кунанд, ВП таҷрибаи халқро дар қолаби ҷумлаҳои муҷаз ва пурмаъно ифода менамоянд. Нақши ВП дар муҷазбаёнӣ зоҳир мегардад, зеро як зарбулмасал ва ё мақоли бамаврид метавонад ба ҷойи даҳҳо ҷумлаи тавзеҳӣ корбаст ва фикри хонандаро дақиқу қотеъ гардонад. Ғайр аз ин, паремияҳо ҳамчун воситаи

муассири тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар муошират баромад мекунанд, зеро аксаран хулосаҳои ҳаётӣ ва пандҳои хирадмандонаро дар бар мегиранд. Дар раванди муошират агар хонанда аз зарбулмасалу мақол истифода барад, на танҳо ақидаи шахсии худро баён мекунад, балки ба ҳикмати дастаҷамъонаи ниёкон такя менамояд ва бо ин эътимоди шунавандаро меафзояд. ВП дорои имкониятҳои зиёди таълимӣ ва тарбиявӣ мебошанд ва ҳамчун воситаи рушди тафаккури мантиқӣ ва эҷодии хонандагон хидмат мекунанд. Профессор М.Мирзоюнус аз мавқеи ВП дар осори суханварони давраи Сомониён мулоҳизаронӣ карда, чунин менависад: «Пояи фикрии аксари шеърҳои ин замон бар панду андарз ва ҳикмат устувор буд. Шуаро аз таҷрибаи рӯзгори худ натиҷа бардошта, онро дар шакли манзум манзур мекарданд. Бадеҳист, ки дар ин замон шеъри пандомӯз (таълимӣ ё дидактикӣ) иштиҳори зиёд дошт, зеро шахси шоир дар замони Сомониён ба ҳайси ҳакими пурдидаву доно ба эҳтироми зиёд сазовор ва дар маҷолиси мутантану базмҳо ҳамнишину суҳбаторои шоҳону аҳли дарбор буда, сурудаҳояш ба гӯши ҷон пазируфта мешуд» [107,12]. Намунаҳои шеъри таълимӣ ва андарзӣ на танҳо дар осори адибони ин аҳд, балки аксари шоирони асримиёнагӣ низ мавқеи назаррас дорад.

Агар фразеологизмҳо «нутқро оро диҳанд», ВП нутқро комил, мураттаб ва пурмаъно гардонида, фикри хонандаро тақвият мебахшанд, ба рушди тафаккури эҷодӣ, ба вусъати ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои маърифатӣ ва маънавӣ мусоидат мекунанд. Омӯзиши ВП манбаи нутқи муассир, ҳусни баён ва омили рушди тарбияи ахлоқии хонандагон маҳсуб ёфта, тафаккури мантиқӣ, интиқодӣ ва таҳлилии муҳассилинро қавӣ мегардонад. Истифодаи бамавриди ВПФ пайваста дар такмили неруи маърифатӣ-зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад. Дар ин бобат мақоми омӯзгор ва бедор намудани рағбату ҳаваси хонандагон, ҳамкории мутақобилаи ҳам омӯзгор ва ҳам шогирдон аз омилҳои самараноки расидан ба мақсад ва ҳадафҳои омӯзишу парвариш ба ҳисоб меравад. Таҷриба ва равиши таҳқиқи мазкур собит кард, ки ВП ҳамчун омили тарбияи ахлоқии хонандагон назаррас аст ва дар онҳо ғояҳои одоб, рафтор, гуфтор, хулқу атвори ҳамида, андеша ва таҳаммул, арзишҳои миллӣ дар шаклу маъниҳои ҷолиб ва

муассир таҷассум меёбанд. Аммо ба таълими ВПФ дар мактаб таваҷҷуҳ камтар зоҳир мегардад ва сабаби асосӣ надоштани маҳорати шинохти маъно, рамзу рози сухан, малакаи таҳлилӣ-интиқодӣ, таҷрибаи зиндагӣ ва сабақҳои ҳаётӣ аст. Маърифати асари бадеӣ ба назарияи маърифати фалсафа ва зебошиносӣ пайванди қавӣ дорад. Масъалаи муносибати тафаккури бадеӣ, қонуниятҳои таҳаввули фаҳмиш ва тафсир, усули шарҳи каломи бадеӣ аз маърази андешаи равишшиносон ва омӯзгорон барканор мондаанд. Онҳо бештар ба шакл таваҷҷуҳ мекунанд, на ба мазмунҳои баланди ВП. Зиёда аз ин, дар китобҳои дарсӣ машқу супоришҳо оид ба азхудкунӣ ва мустаҳкамкунии ВП ниҳоят кам ба назар мерасад. Ташхису тамйизи мазмунҳои баланд, воситаҳои тасвир, таносуби калом ва шинохти тобишҳои маъноии вожаҳо фурсати бештар, мутолиаи муфассалтар ва ошноии дақиқтарро бо роҳу равиши хос тақозо доранд.

Фразеологизмҳо ва ВП ҳамчун воситаи тавонои такмили малакаҳои нутқи хонандагон ба шумор мераванд ва омӯзиши онҳо ба ғановати захираи луғавӣ, дарки арзишҳои фарҳангӣ ва эҷодиёти шифоҳӣ пазируфта шудаанд. Дар адабиёти илмӣ ВП-ро ҷузъи мустақими фразеология намешуморанд, ҳарчанд ки онҳо бо ифоданокӣ ва устувории хеш ба ҳам қаробат ва наздикӣ доранд. Фарқи асосӣ дар пайдоиш ва сохтори онҳо мебошад. Фразеологизмҳо ибораҳои халқии устувор (аксар ба маънои маҷозӣ), вале ВП ифодаҳои мансуб ба муаллифи мушаххас бо маънои амиқ ва хусусиятҳои дидактикӣ мебошанд. Чунончи: *«даст ба гиребони орзу нарасидан»; «хашмро фурӯ бурдан»; «косаи сабр лабрез шудан»* – фразеологизм. *«Офтобро бо доман пушида намешавад»; «Аз як даст садо намеояд», «Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав»; «Некӣ куну ба Даҷла андоз»* .

Аз мисолҳои оварда маълум аст, ки ВП аз ҷиҳати сохтор аз ВФ фарқ мекунанд ва он ҳам дар сурати фикри том ва ҷумла ифода ёфтани ВП мебошад. ВП бештар ба маънои аслӣ зуҳур мекунанд, ҳарчанд ки дар либоси оростаи ҳикмат ва андарз падид меоянд. Бархе аз олимони забоншинос ВП-ро «ифодаҳои сайёр» (крылатые выражения») ном мебаранд, ки бештар хоси

услуби китобӣ (адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ) мебошад. Табиист, ки методикаи таълими забони тоҷикӣ аз бозёфтҳои илми забоншиносӣ дар мавриди таҳқиқи табиат ва моҳияти ВП баҳраманд мегардад ва ҳангоми омода кардани маводди таълим ва интихоби роҳу усули омӯзиши ВП ба хулосаҳои илмии забоншиносӣ такя мекунад. Методикаи таълим иттилои дақиқи илмиро ба инобат гирифта, дар раванди таълим вобаста ба синну сол ва давраҳои таҳсил (ибтидоӣ, миёна, боло) роҳу равиши омӯзиши онҳоро нишон медиҳад. Ҳамчунин аз бозёфтҳои услубшиносӣ низ бархурдор буда, таҳқиқи омӯзиши забон ва услуби ин ё он асар собит месозад, ки ВП бо ҳусни бадеият ва муассирии хеш бо воситаҳои гуногуни баён - ташбеҳ, маҷоз, истиора, муболиға, муқоиса зебоӣ ва имконоти забони тоҷикиро инъикос мекунад.

## 1.2. Ҷанбаҳои назарӣ ва бунёдии мафҳуми «фарҳанги нутқ»

Фарҳанги нутқ чун маҷмуи меъёрҳо усули истифодаи воҳидҳои забон дар раванди гуфтор ва муоширатро фаро гирифта, на танҳо ҳусни баён, мантиқи калом, одоби муошират, балки риояи дастурҳои грамматикӣ, интихоби дурусти вожаву ибораҳо, услуби нутқ ва амсоли онро тақозо дорад. Он танҳо бо зебоиву ҳусни баён, одоби муошират ё мантиқи калом маҳдуд намешавад, балки падидаи бисёрҷабҳа ва фарогир ба шумор меравад. Фарҳанги баланди нутқ аз хонанда тақозо мекунад, ки пеш аз ҳама, дастурҳои грамматикии забони адабиро ба таври қатъӣ риоя намояд, маънои аслӣ ва маҷозии таъбирҳоро шиносад, мувофиқи шохаҳои услубӣ (илмӣ, расмӣ, бадеӣ ё рӯзноманигорӣ) ва вобаста ба вазъияти муошират воҳидҳои забонро бамавқеъ корбаст намояд. Ба ин тартиб, фарҳанги нутқ омили асосии ҳифз ва нигаҳдории асолати забони миллӣ буда, савияи маърифат, ҷаҳонбинӣ, тарбия ва маданияти умумии ҳар як шахс ва дар умум ҷомеаро дар раванди муошират муаррифӣ месозад.

Бояд гуфт, ки мафҳуми «нутқ» аз марҳалаҳои гузаштаи ташаккули забони тоҷикӣ то имрӯз диққати муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Чун далел метавон аз консепсияҳои матраҳкардаи Фердинанд де Соссюр, ки ба ифодаи нутқ нигаронида шудааст, ёд овард. Меҳвари консепсияҳои Фердинанд де

Соссюрро антиномия ташкил мекунад, ки мафҳуми «нутқ» ва «забон» низ аз он орӣ нест. Бино ба андешаи ӯ, забон ҳодисаи ҷамъиятӣ буда, нутқ индивидуалӣ аст [129,81].

ВПФ шакли муҷаз, вале пурмазмун ва хулосаи таҷрибаи зиндагии халқ, сарчашмаи ахлоқу хирад, асоси фарҳанги муошират дар сатҳи баланди маърифату маънавият мебошад. Ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ба таълими самарабахши фанни забон ва адабиёти тоҷик робитаи ногусастанӣ дошта, инчунин ба рушди тафаккури мантиқӣ, одоби муошират, маърифати иҷтимоӣ ва арзишҳои умумибашарӣ мусоидат мекунад. Дар илми педагогика фарҳанги шахсияти соҳибмаърифат тавассути тарбия дар заминаи одобу ахлоқи намунавӣ, дониш ва тарзи гуфтори шахс падид меояд. Нутқи хонанда сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ ва ҳам ақидаю мафкураи ӯро бозгӯй месозад. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқони илми педагогика ФН-ро ҳамчун «меъёри одоби нутқ» шарҳ медиҳанд ва дар забоншиносии тоҷик доир ба марҳалаҳои ташаккули нутқи инсон тадқиқоти ҷолиби диққат анҷом дода шудааст. Масалан, забоншинос М.Х. Саидалиева дар рисолааш «Таҳлили вижагиҳои забони нутқи кӯдак» доир ба ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика, ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак ва таҳлили забонии нутқи кӯдак андешаҳои арзишмандеро баён доштааст [144, 73]. Зарурати рушди фарҳанги нутқ аз дидгоҳи асосҳои назарӣ-бунёдии таълим ва тарбия бо хусусиятҳои барҷастаи худ арзёбӣ мегардад. Нутқ, қабл аз ҳама, ҳосили тафаккури инсон аст ва барои рушди тафаккур аз худ кардани дастурҳои забон мавқеи муҳим дорад. Бо такмили фарҳанги нутқ фаъолнокии фикрӣ, тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил, ҷамъбаст ва хулосабарории хонанда низ такмил меёбад. Аз ҷониби дигар, нутқ василаи иҷтимоишавии хонандагон мебошад ва педагогика муҳити забономӯзӣ ва муоширатро ҳамчун шарти рушди иҷтимоии мактаббачагон ба ҳисоб мегирад. Хонанда тавассути забон ва нутқи мураттаб сӯйи арзишҳои волои ахлоқӣ-маънавӣ, маърифатӣ-зеҳнӣ роҳ мегирад, дар ҷомеа мавқеи устувор пайдо мекунад ва ба ҷаҳони донишу хирад ворид мегардад. Аз ин нигоҳ, забон ва рушди малакаҳои нутқ асоси муваффақияти омӯзиши кулли фанҳо дар МТМУ

маҳсуб меёбад. Ниҳоят, забон сарчашмаи савод буда, тасвири ҷаҳони ботинии хонандагон маҳз тавассути он имконпазир мегардад ва сатҳи баланди забондонӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, маҳорату малакаҳои гуфтор ва инкишофи нутқ калиди пешрафти хонанда дар масири омӯзиш, парвариш ва такмили фаъолияти ӯ мебошад.

Масъалаи дигари муҳим аз нигоҳи мавзуи мавриди назар ва асосҳои бунёдӣ-назарии ташаккули фарҳанги нутқи толибилмони МТМУ – нутқ ҳамчун оинаи равшан ва инъикоскунандаи хазинаи фарҳанги миллӣ арзёбӣ мешавад. Махсусан, аз дидгоҳи педагогикаи миллӣ ва халқӣ забон ва нутқ рукни худшиносӣ, василаи ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳанги волои ниёкон, асоси ташаккули маърифат ва хушзеҳнии хонандагон ба шумор меравад. Дар ин ҷода ҷойгоҳи баланди ВПФ, таълими онҳо дар МТМУ аз нигоҳи арзишҳои педагогикаи миллӣ ва ватанӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. ВПФ таҷассумкунандаи ақлу хиради халқ, сарчашмаи одобу ахлоқ, воситаи тарбияи маънавӣ, намунаи олии ҳусни баён ва фарҳанги нутқ мебошад. Донишмандону муҳаққиқони илми педагогика мутмаинанд, ки ВПФ дар таҳкими пояҳои устувори бунёдӣ, методологияи таълим ва тарбияи хонандагони зинаҳои гуногуни таҳсилот заминаи мусоид фароҳам меоранд. ВПФ асосҳои тарбияи насли наврас ва ҷавонро дар самти густариши ғояҳои маърифатӣ-ахлоқӣ мушаххас намуда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ, башардӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсонгаройӣ раҳнамун месозанд. Дар ҳар як ВП тафаккури фалсафӣ, ҳикмату хиради ниёкон, тарбияи ҳисси меҳанпарастӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ниҳон аст, ки хонандаро чун инсони комил парвариш медиҳад. Воҳиди паремиологӣ ҳамчун унсури фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихӣ дар батни худ ҷаҳонбинии амиқ ва тафаккури фалсафии миллатро маҳфуз медорад, ки он аз ҳикмат ва хиради ҳазорсолаи ниёкони мо сарчашма гирифтааст. Ин ифодаҳои муъҷаз танҳо воҳиди забон набуда, балки дорои неруи пуриқтидори ғоявӣ мебошанд, ки ба ташаккули ҳисси меҳанпарастӣ, худшиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ заминаи устувор мегузоранд. Аҳаммияти омӯзиши ВП дар он зоҳир мегардад, ки тавассути мазмуну маъно ва рамзии худ

метавонад дар зеҳни хонанда таъсири амиқи равонӣ ва ахлоқӣ гузошта, дар руҳияи поквиҷдонӣ, инсондӯстӣ, вафодорӣ ва масъулиятшиносӣ ва парвариши инсони комил мусоидат намояд. Аз ин рӯй, истифодаи фаъоли воҳидҳои паремиологӣ дар раванди таълиму тарбия воситаи хуби интиқоли арзишҳои олӣ ба насли нав ба шумор меравад.

Аслан, падидаҳои маънавият дар зеҳни хонандагони МТМУ ба тарзу равиши гуногун ба зуҳур омада, забону баён беҳтарин ифодакунандаи фарҳанг ва маданияти онҳо мебошад. Дар таъмини зиндагии шоиста маданияти муошират ва андешаву ахлоқ нуфузи тамом дорад, ки сохтори он аз шакли адабии забон оғоз гашта, ба пояи баланди маънавӣ мерасад. Дар назди омӯзгорони МТМУ вазифа гузошта шудааст, ки хонандагон бояд забони адабии тоҷикиро ба хубӣ фаро гиранд, зеро он забони осори бадеӣ, забони садову симо, матбуоти даврӣ, инчунин забони аз тарафи устодони сухан коркардшуда аст. Риояи тозагии забони модарӣ ва ҳусни баён аз масоили меҳварист, ки дар тамоми давраҳои таълим дар мактаб мавриди назар қарор мегирад. Мувофиқи дарку баёни фикр, таносуби маъно ва тақозои матлаб интихоб намудани вожаву ибораҳо, ба назар гирифтани тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо, фоида бурдан аз имконоти семантикӣ дар ифодаи ҳиссиёт, бадеиёт ва муассирии воҳидҳои фразеологӣ, тарз ва меъёри истифодаи онҳо дар мавридҳои гуногун, риояи қоидаҳои калимасозӣ, ба назар гирифтани мавқеи корбурди ибораву ҷумлаҳо фарҳанги гуфторро таъмин менамояд.

Мафҳуми «***фарҳанг***» дар фарҳангномаҳо тавзеҳи гуногун дорад. Мураттиби «Ғиёс-ул-луғот» ин калимаро ба таври зайл маънидод кардааст: ақл ва адаб ва андозаи ҳар чиз нигоҳ доштан; ва ба маҷоз ба маънии китоби луғоти форсӣ» [333, 102]. Дар китоби «Донишномаи забони тоҷикӣ» вожаи мавриди назар ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ муфассал чунин тафсир шудааст: «Фарҳанг (аз «фар» – зебоӣ, ҳусну ҷамол, ороиш; партав, рӯшноӣ, шаъну шукуҳу шаҳомат ва «ҳанг» – вазн, виқор, тамкин, доноӣ, дониш, ҳушёрӣ; маърифат; қудрат, зӯр; ақл, адаб; дониш, илм, маърифат); 1. Луғат, қомус,

вожанома; 2. Ҳамаи он комёбию дастовардҳо, арзишҳои моддию маънавие, ки инсоният дар давоми мавҷудияти таърихии худ ба даст овардааст» [324, 568].

Б.Қутбиддинов вожаи «фарҳанг» ва калимоти дар асоси он сохташударо «фарогирандаи тамоми кӯшишу заҳмати инсоният дар роҳи бунёди рукнҳои ҷомеаи фарҳангӣ» [366,5] арзёбӣ кардааст. Бе фарҳанг тамаддун аз байн меравад ва бе тамаддун фарҳанг наметавонад инкишоф ёбад. Муҳаққиқ мавҷудияти се нуқтаи назарро роҷеъ ба «нисбати муносибатҳои «фарҳанг» ва «тамаддун» ёдовар мешавад, ки: «...фарҳанг на фақат тариқат (технология) ва тарзу усули зиндагӣ ва тамоми фаъолияти эҷодкоронаи одамонро фаро мегирад, балки он ба арзишҳои муҳимми ҳаётӣ такя намуда, ба зиндагонӣ ва ҳастии инсон маънӣ мебахшад» [367,6].

Масъалаи робитаи фарҳанг ва тамаддун нишон медиҳад, ки ин ду тазоҳурот дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ пайванди ҷудонашаванда доранд, зеро бе мавҷудияти фарҳанг маънавиёту арзишҳо ва тамаддун рӯй ба таназул меорад ва бе тамаддун фарҳанг заминаи моддии инкишофро аз даст медиҳад. Ба иттифоқи назари бештари донишмандон, фарҳанг на танҳо маҷмуи усул ва тарзи зиндагии моддии одамон аст, балки он ҷанбаи ахлоқӣ ва арзиши маънавии ҷомеаро ташкил медиҳад. Фарҳанг ба ҳастиву фаъолияти эҷодкоронаи инсон маънӣ мебахшад, дар ҳоле ки тамаддун бештар ба қолаби моддӣ, сохтори сиёсӣ ва дастовардҳои техникии ҷомеа дахл дорад. Аз ин рӯй, шарҳи ин масъала собит месозад, ки барои рушди солими ҳар як ҷомеа ҳамгироии устувори фарҳанг ва тамаддун зарур ва ҳатмӣ мебошад. Бино ба маъхазҳои дастрас донишмандони фарҳангшинос беш аз 500 таърифи вожаи «фарҳанг»-ро тавзеҳ намудаанд [352, 7 https: //allinweb. ru/ farhangshinosi/22048].

Муҳаққиқон дар шарҳи истилоҳи фарҳанг агарчи назари мутафовит доранд, аммо дар масъалаи ***маҷмуи дастовардҳои инсон будани фарҳанг*** ҳамфикранд. Аз ин метавон натиҷа гирифт, ки истилоҳи «**фарҳанг**» маҷмуи дастовард, ҷаҳонбинӣ, маърифат, бовар, арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, динӣ, анъана, урфу одат, ҳадафи зиндагӣ, рисолати инсон, меъёрҳои муошират ва ахлоқи аҳли ҷомеа мебошад. Фарҳанг фаротар аз дастовардҳои моддӣ буда,

ҷавҳари маънавӣ ва анъанаи миллиро ташкил медиҳад ва ин унсурҳо тарзи фикрронӣ, гуфтор, рафтор ва амали инсонҳоро дар ҷомеа таҷассум месозанд. Фарҳанг тавассути урфу одат ва анъанаҳо устувории таърихии ҷомеаро таъмин намуда, ба ҳадафи зиндагӣ ва рисолати инсонӣ маънӣ мебахшад ва меъёрҳои бунёдии муошират ва ахлоқи ҷомеаро танзим мекунад, ки боиси ҳамзистии осоишта ва рушди маънавии шахс мегардад. Умуман, фарҳанг ҳамчун низоми тарбияи умумӣ хидмат мекунад, ки маҷмуи зуҳуроти маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаро муттаҳид сохта, сифатҳои беҳтарини инсониро парвариш медиҳад.

Истилоҳи **фарҳанги нутқ** тадбирҳои амалӣ ва баррасиҳои бунёдӣ-назариро фаро мегирад, ки ба танзим ва истифодаи бамаврид ва огоҳонаи воҳидҳои луғавӣ, воситаҳои баён барои ифодаи муҷаз, мазмунҳои баланд, ифодаи дурусту нишонраси матлаб нигаронида мешавад. Ин масъала ба сифати муҳимтарин шарти инкишофи маданияти нутқи хонандагони МТМУ мувофиқи принсипҳои асосии дидактикӣ дар мадди назар қарор мегирад. Маданияти насли башар дар ҳама давру замонҳо тавассути забони модарӣ ифода мешуд, пеш мерафт ва равнақ меёфт. Забон тамаддуни инсониятро ба вуҷуд меорад, рушд медиҳад ва дар баробари он пешрафту комёбиҳои ҳаррӯзаи фарҳангро инъикос намуда, боз ҳам ғанитар, беҳтар ва муқтадиртар мегардонад. Аз ин лиҳоз, савияи фарҳанги нутқи хонандагон ҳар қадар баланд бошад, тафаккури онҳо низ ба ҳамон андоза рушд хоҳад кард.

***Фарҳанги нутқ*** ин санъат, малака ва салоҳияти дурусти истифодаи воҳидҳои забон ва ифодаи зебову муассири нутқ аст, ки донистани қоидаҳои зерини забон ва маҳорати интихоби воситаҳои мувофиқи баёнро дар вазъияти гуногуни муошират фаро мегирад:

1. Меъёрӣ: риояи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ;

2. Иртиботӣ: салоҳияти интихоби вожаву ибораҳое, ки ба мақсади гуянда ва ҳолати шунаванда мувофиқ бошад;

3. Ахлоқӣ: риояи одоби муошират.

Ҳар як хонанда дар давоми таҳсил дар МТМУ ба инкишофи нутқ ва ҳусни баён бояд кӯшиш намояд, то ки аз имконоти забони модарӣ бештар ва босамар

баҳравар гардад. Дар сурате ки хазинаи фарҳанги миллии халқи тоҷик забони адабии моро пайваста зебу оро медиҳад, майлу рағбати хонандагон дар самти забономӯзӣ, ташаккули маданияти гуфтор ва нутқи мураттаб беш аз пеш пойдорӣ ва устувории онҳоро тақозо мекунад. Маданияти хонандаи даврони муосир ба дарки маҷмуи арзишҳои моддию маънавӣ, тарзу тариқи омӯзиш, татбиқ ва интиқоли донишҳои ҳосилкарда ва салоҳиятҳои ташаккулёфта дар раванди фаъолияти иҷтимоӣ иртибот дорад. Асос ва бунёди маданияти шахсро анъанаҳои ҷомеа ва миллат ташкил медиҳанд. Фарҳанги нутқ аз унсурҳои асосии маданияти умумии инсон ба ҳисоб меравад ва ифодаи дурусти фикр, риояи ҳусни сухан аз падидаҳои намоён ва ташаккули маданияти ҳар як хонанда аст.

Мафҳуми истилоҳи «фарҳанги нутқ» дар сарчашмаҳои илмӣ бо ибораҳои «маданияти забон», «маданияти нутқ», «маданияти сухан», «фарҳанги сухан», «фарҳанги муошират», «ҳусни забон», «ҳусни сухан», «ҳусни баён», «ҳусни калом», «ҳусни ифода», «ҳусни маънӣ», «ҳусни мақол», «ҳусни муомила», «ҳусни мурочиат», «ҳусни матлаб», «ҳусни баён ва услубиёти нутқ» [8, 26] ва монанди инҳо ҳамчун муродифот тавзеҳ шудаанд. Муҳаққиқон ибораҳои марбут ба фарҳанги нуткро, ки «балоғати каломро таъмин намуда, ба меъёри забони адабӣ, ҳунари суханварию сухандонӣ, нармгуфторӣ, ширинкаломӣ робитаи қавӣ доранд» [272,158] дар осори илмиву адабӣ ба мушоҳида гирифтаанд: «Одоби муошират, эҳтироми якдигар аз анъанаҳои маъмули халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла, мардуми Шарқ маҳсуб меёбад. Ин нукта дар сарзамини Форс, Моварочннаҳру Хуросон мавқеи хосса дошта, то ҳанӯз ин анъана давом дорад. Дар осори бузургони тоҷику форс доир ба одоби муошират, одоби сухан гуфтан, мақому манзалати сухан, таъсири сухан асари алоҳидае таълиф нашуда бошанд ҳам, қариб дар ҳамаи асару девонҳояшон ба ин мавзуъ боберо бахшидаанд, ё ишорае намудаанд» [272, 158].

Моҳияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки агарчи дар осори бузургони адабиёти классикии форсу тоҷик доир ба одоби муошират, санъати суханварӣ ва таъсиру манзалати калом китоб ё асари алоҳидаву мустақил таълиф нашуда

бошад ҳам, ин мавзуъ ниҳоят муҳим буд ва ҳеҷ як аз суханварон онро сарфи назар накардаанд. Дар девону маснавиҳо фаслу бобҳои махсусро ба ин масъала бахшида ва ё дар зимни ҳикоёту пандҳо ба он ишораҳо намудаанд. Мисли, боби «Дар одоби хомушӣ» ё «Дар фазилати сухан» дар «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Суханро гавҳари шаҳвор ва нишондиҳандаи ботини инсон дониста, таъкид кардаанд, ки риояи одоби муошират ва санҷидаву боэҳтиром сухан гуфтан омили аслии соҳибэҳтиром гаштани шахс дар ҷомеа аст ва маҳз ҳамин пандҳо ҳамчун меъёри ахлоқии халқ асрҳо боз хидмат мекунанд.

Роҷеъ ба истилоҳи «фразеологизм» (воҳидҳои фразеологӣ) дар адабиёти лингвистӣ пажуҳишгарон мулоҳизаронӣ карда, дар МТМУ ба ҷойи он истифода кардани «таъбир»-ро мувофиқ донистаанд: «Дар қомусҳои пешин истилоҳи таъбир бо номҳои гуногун: «киноёт», «истиорот», «мураккабот», «таркибот», «мусталеҳот» ва ғайраҳо истифода шудаанд» [71, 4]. Ба дурустгуфторӣ, корбасти нишонраси ВПФ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон бояд пайваста таваҷҷуҳ шавад, то дар ифодаи андешаву афкори равшан малака ҳосил кунанд. Бино ба мушоҳидаи устоди сухан Б.Камолиддинов: «Бисёр масъалаҳои баҳси услубшиносии имрӯза ва, хусусан, ҳусни баён ё маданияти сухан» ба луғатномаҳо, тазкираю рисолаҳо, ки ба масъалаҳои назму насри бадеии форсу тоҷик бахшида шудаанд, аз илмҳои балоғат, маонӣ, баён ва бадеъ, дар бобати балоғати калом, фасоҳати калима, калом ва мутакаллим, салосати сухан, муносибати фасоҳату салосат, илми балоғат ва ғайра баҳс кардаанд, алоқаи қавӣ доранд» [67, 4].

Аз ишораҳои муҳаққиқон бармеояд, ки фарҳангномаҳо аз ҷумлаи маъхазҳое мебошанд, ки дар баробари шарҳи маънои калима унсурҳои луғавӣ, дурустии талаффузу имлои вожаҳо низ дарҷ гаштааст. Профессор А.Ҳасанзода бо муқоисаву муқобалаи луғатҳои муътабаре чун «Чароғи ҳидоят» ва «Ғиёс-ул-луғот» зиёда аз 240 моддаи луғавиро роҷеъ ба ғалатҳои машҳур мавриди санҷишу таҳлил қарор додааст. Аз ин қайдҳо метавон аз маҳорати наққодии муаллифон, пазирой ва ё инкори матолиби луғатномаҳои дигар огоҳӣ пайдо

намуд. Бархурдорӣ аз ин мубоҳисаҳо дар парвариши завқу салиқаи суханронии хонандагон муҳим ва шиносоии хонандагон бо ин осор судманд арзёбӣ мегардад: «...фарҳангҳои тоинқилобӣ, ба хусус, «Чароғи ҳидоят» ва «Ғиёс-ул-луғот» на танҳо манбаи луғавӣ ҳисоб мешаванд, балки боз аз ҷумлаи сарчашмаҳоеанд, ки сарфу наҳв, савтиёти забони форсӣ-тоҷикӣ, ҳусни сухан дар онҳо бо тамоми ҷузъиёт инъикос гардидаанд ва таҳлилу тадқиқи онҳо барои ба асолати хеш рӯй овардани каломи тоҷикӣ кумаки беандоза дорад» [333,10].

Дар бештари моддаҳои луғавӣ афкори хоси наққодонаи фарҳангнигорон ва ишораҳои нозуки илмие ниҳонанд, ки хонандаро бо саҳифаҳои баҳсангези забону баён ошно сохта, то ҷое аз вусъат ва қувваи ҷанбаи амалии мавзуъ дар он аҳд дарак медиҳанд ва нақши онҳоро дар рушду таҳаввули забони адабии тоҷик равшан месозанд. Баррасии ҷанбаҳои гуногуни бунёдӣ-назарии балоғату фасоҳат тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагонро ташаккул медиҳад, бино бар он, дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ таваҷҷуҳ ва алоқамандии забоншиносону равишшиносон ба тавзеҳи моҳияти фарҳанги нутқ ва ҳусни сухан низ ба мушоҳида мерасад. Назарияпардозон масъалаи нақд ва тафсири ҷанбаҳои мухталифи балоғату фасоҳат ва мавқеи онро дар сатҳу савияи лозим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз муҳаққиқони муосири тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ солҳо ба омӯзиши ФН шуғл варзида, силсиламақолаи баҳсангези «Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт», «Масъалаи бисёр муҳимми тоҷикон» (оид ба чигунагии нашри китобҳои дарсӣ, 1926), «Фикри ман дар бораи забони тоҷикӣ», «Фикри ман дар бораи забони чопагӣ», «Дар бораи алифбои нав», «Забони «Овози тоҷик» (1928), «Маслиҳатҳои ман дар бораи забон», «На сих сӯзад, на кабоб» (ҷавоб ба мақолаи О. Исматӣ оид ба забони адабӣ, 1929), «Ғалатҳои машҳур» (Тоҷикистони советӣ, 24 декабри соли 1958) ва «Сухан бояд ба织 дониш дарҷ кардан» (Тоҷикистони советӣ, 14 апрели соли 1959)-ро дар матбуоти даврӣ ба интишор расонидааст: «Машҳуртарин асари ӯ «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» (маҷмуаи материалҳо) соли 1960 ба табъ расида, минбаъд, муҳаққиқ имкон ёфт, ки чандбора ба омӯзиши ин мавзуъ баргардад ва

натиҷаи ин нашри китобе ҷомеъ бо номи «Санъати сухан» буд. Ҳамагон огаҳӣ дорем, ки ин асар дар фосилаи 40 сол 5 маротиба нашр ва муҳимтарин дастури шинохти шеър, сабку баён ва фарҳанги сухан барои хонандаи тоҷик маҳсуб мегардад» [204,16]. Зеҳнӣ ин рисоларо бар мабнои маъруфтарин китобҳои асримиёнагӣ тадвин карда, шиносаи (таъриф) истилоҳотро бар асоси кутуби балоғии қудамо фароҳам оварда, дар боби «Нуқсонҳои фасоҳатшикани калом» дар фасли «Заъфи таълиф» [57, 249] омилҳои роҳёбии ғалатҳоро дар баён зикр намудааст.

Муҳаққиқи варзида Худоӣ Шарифов дар шинохти масоили назарии ФН корҳои шоистае анҷом дода, китоби «Каломи бадеъ» (соли 1991) ва баъдтар «Балоғат ва суханварӣ»-ро бо фарогирии фаслҳои калом ва сухан (гуфтор); таърихи пайдоиши суханварӣ; адиб ва адабиёт; балоғат ва фасоҳат; илми маонӣ; илми баён; фанни бадеъ; анвои назм ва насри тоҷикӣ; муҳоварат ва суханварӣ таълиф намудааст. Гуногунии маводу мавзуи китоб аз таъиноти он бармеояд, яъне ҳадафи таълимӣ дорад. Бино ба қайди муаллиф, дар низоми таълими фунуни адабӣ дар замони муосир норасоиҳое вуҷуд дорад ва таълифи асари мазкур кӯшише аст ҷиҳати барҳам додани фосилаи байни қоидаҳои дастурӣ ва ҳунари сухану иншо: «Се ҷиҳати таълиму иршоду раҳнамоӣ дар назар аст: якум, саводи ҳунари сухану иншо мувофиқи қолабҳои суннатии калом, бадеъ ва шакл ва севум, суханварии мавзуӣ ба нияти илқои мақсаде ва талқини ҳадафе» [186,4]. Устод Абдунабӣ Сатторзода ҳини баёни масоили фарҳанги нутқ маълумоти бештаре манзур дошта ва атрофи ҳар кадом гиреҳҳои печидаи марбут ба ҳусни баён ва санъати сухан баҳсу мунозира ороста, ба онҳо баҳои воқеии илмӣ медиҳад. Истинодан ба манбаъ ва сарчашмаҳои мухталиф амсолу шавоҳиди фаровоне аз адибон ҳамчун намуна барои тасдиқи гуфтаҳои назариявии хеш зикр мекунад. Ин муҳассаноти кори муҳаққиқро Н.Одинаев чунин зикр кардааст: «Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ» қариб тамоми сарчашмаҳои илми бадеъиро фаро гирифтааст. Зеро муаллиф дар он ҳар як санъати бадеӣ, истилоҳот ва айбҳои шеъриро дар таҳаввул ва такомули он аз оғози пайдоиш то имрӯз баррасӣ намуда, иштибоҳоти мавҷударо дар замина

рафъ кардааст. Зимнан чунин корро ҳеч яке аз бадеънигорон то ҳол дар ин сатҳ ва бо ин фарогирӣ анҷом надодаанд» [276,185].

Дар марҳалаҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ суханшиносӣ дар робита ба шарҳу тафсири воҳидҳои луғавӣ ҷойгоҳи густурдае пайдо кард ва ба ҳамин васила ноқидон, сухансанҷон ва назарияпардозон то ҷое дар таъмини ниёзмандиҳои ҳамзамонони хеш саҳмгузор гаштанд. Баррасии масъалаҳои инкишофи забони тоҷикии адабӣ, сарчашмаҳои инкишофи забони адабӣ, масъалаи имло, истилоҳот ва монанди онҳо аз ҷониби суханшиносони шинохта Муҳаммадҷон Шакурӣ, Расул Ҳодизода, Носирҷон Маъсумӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Соҳиб Табаров, Раззоқ Ғаффоров, Абдуқодир Маниёзов, Акбар Турсунов, Шарофиддин Рустамов, Ӯктами Холиқназар, Маҳмадулло Лутфуллоев, Абдусаттор Абдуқодиров, Саъдулло Неъматов, Толиб Ваҳҳобов, Абдуҷамол Ҳасанзода ва дигарон муфассал баррасӣ гаштааст. Мубоҳиса дар атрофи равандҳои забони адабии тоҷик ва фарҳанги нутқ аз солҳои 20-уми садаи XX дар чанд Анҷумани илмӣ-забоншиносии тоҷик ва матбуоти даврӣ сурат гирифта, муҳтавои он бо ибтикори профессор Т.Ваҳҳобов ҷамъоварӣ ва дар панҷ ҷилду ҳафт китоб бо номи «Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-90-и садаи XX» бо пешгуфтори муфассал дар ҳар ҷилд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, мақолаҳои арзишманди Д.Тоҷиев ва В.Лившитс «Дар бораи маданияти нутқ» (Тоҷикистони сурх, 20 июни 1953), А.Деҳотӣ «Барои маданияти нутқи тоҷикӣ» (Тоҷикистони сурх, 25 июни соли 1953), М.Шукуров «Як воситаи муҳимми инкишофи маданияти нутқ» (Тоҷикистони сурх, 7 июли соли 1953), Р. Абдуллозода «Диққат ба маданияти нутқ» (Тоҷикистони сурх, 12 июли соли 1953), Р. Амонзода «Маданияти нутқамонро боло бардорем» (Тоҷикистони сурх, 25 июли соли 1953), М. Қозиҷонов «Нутқи муаллим ва баъзе масъалаҳои муҳимми маданияти нутқи даҳанакӣ» (Тоҷикистони сурх, 20 августи соли 1953), Р. Ҳодизода «Чанд сухан оид ба маданияти нутқ» (Тоҷикистони сурх, 25 августи соли 1953), Н. Маъсумӣ «Забон ва маданияти нутқ» (Тоҷикистони сурх, 13 октябри соли 1953) дар маҷмуаҳои мазкур пешкаш шудааст. Забоншинос Т.Ваҳҳобов таносуби мафҳумҳои фарҳанги нутқро бо

маданияти шахс ва, умуман, ҷомеа ва консепсияи забоншиносии давр ва сиёсати миллию забониро истинодан ба афкори Шукуров М. чунин шарҳ медиҳад: «Барои дар амал татбиқ намудани аҳдоф ва вазоифи инқилоби маданӣ мавҷудияти забони адабӣ мақоми аввалиндараҷаро касб менамояд, зеро вай силоҳи тавоно ва ягонаест, ки тавассути он сатҳи мадании соҳибони забон иртиқо бахшида мешавад» [231, 41].

Садриддин Айнӣ аз поягузорони забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо дониши фароху саҳеҳ, қомусназарона, табъи баланд ва назокати вежаи сухансанҷӣ фарҳанги нутқро чун «омили муҳимми таъсири мунтазами ҷомеа ба вазъияти амалкарди забон» маънидод менамояд [372, ҷ.1, 164]. Ба ақидаи мавсуф, фарҳанги нутқ ба таври мушаххас дар тарҳрезӣ ва инкишофи шакли адабии забон, дар интихоб ва таблиғи қоидаҳои тавсияшудаи нутқ ифода мегардад. Аз хусуси ҳусну латофати забони тоҷикӣ ва риояи қоидаву меъёр ва фасоҳату назокати он силсилаи мақолаҳои мубоҳисавӣ чоп шудаанд. Яке аз ҳамин гуна мақолаҳои илмӣ аз ҷониби академик М.Шакурӣ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» [183] аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1965, №10) ва соли 1968 бо чанд мақолаи дигар ба шакли маҷмуа нашр шуд. Дар ҳамаи мақолаҳои М.Шакурӣ на танҳо самимият ва муҳаббати муаллиф ба забони миллии тоҷик, ба фарҳанги нутқ, балки борикбинӣ, нозукфаҳмӣ ва дақиқкории ӯ намоён аст. Умумигӯйӣ хоси илми забоншиносӣ нест ва тақозо мекунад, ки ҳар як фикри нав бо далелҳои илмӣ ва қоидаҳои он асоснок карда шавад ва ҳар як хулосаву таклиф бояд заминаи илмӣ дошта бошад. Ин талабот ба калимасозиву ибораоройӣ бештар аҳаммият дорад. Бисёре аз сухансанҷон бо нишон додани чанд мисол ва як навъ эзоҳ бо қайди таркиби морфологии калима маҳдуд гаштаанд. М.Шакурӣ ба ин қонеъ нашуда, ба тарзи калимасозӣ, заминаи он ва муносибати ҷузъҳои калима низ эътибор додааст. Конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои маданияти сухан дар партави қарори КМ ПК Тоҷикистон ва Совети Вазирони республика «Дар бораи тадбирҳои такмили омӯзиш ва таълими забони тоҷикӣ дар республика» (с.1988) қарор қабул карда буд, ки «Таълими фанни маданияти сухан дар мактаб (дар синфҳои боло) ва

донишкадаҳои олӣ (бо фарқи адади соат дар шуъбаҳои филологӣ ва ғайрифилологӣ) ба роҳ монда шавад» [191, 345].

Мутаассифона, дар илми педагогикаи ватанӣ равияи «Дидактикаи фарҳанги миллӣ» ҳамчун асоси парвариш ва рушди фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ ва донишҷӯёни макотиби олӣ то ҳол ташаккул наёфта ва асарҳои илмӣ ва таълимии хос бо таҳқиқи равишмандонаи масъалаи мазкур низ таълиф нашудааст. Ин аз сабаби дар барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти миёна ва факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ мавқеъ надоштани фанни мазкур аст. Бо ибтикори баъзе аз мутахассисон фанни «Маданияти нутқ» ҳамчун фанни интихобӣ (элективӣ) дар гурӯҳҳои академӣ таълим дода мешавад ва дар ин самт таҷрибаи судманд падид омадааст. Дар адабиёти илмӣ ва дастурӣ мафҳуми «фаҳанги нутқ» ба тарзи гуногун шарҳ ёфта, ҳамчунин баҳсу баррасиҳо перомуни равишҳои дурустгуфторӣ ва саҳеҳнависӣ, ошноӣ бо аслу асолати сухан ва ҳусну таносуби калом, бартараф кардани падидаҳои номатлуби забон ва тарзи баён сурат гирифтааст. Академик М.Шакурӣ табаҳҳури амиқ аз забон ва адабиёти гузаштаву ҳозираи тоҷикӣ дошта, ба таҳлили моҳияту ҷавҳари тавсифҳои марбут ба маданияти сухан пардохта ва таърифи муҷазу мушаххаси фарҳанги нутқро чунин ифода намудааст: «Ҳусни маъниро бо ҳусни баён зоҳир намудан маданияти сухан аст. Маданияти сухан дуруст, сода, фаҳмо ва дар айни замон зебову пуртаъсир ифода кардани фикр аст. Як унсури муҳимми инкишофи ҳартарафаи инсон бояд ҳамин ҳусни сухан, ҳамин нутқи маданию дилкаш бошад» [191, 140]. Барои идроки дурустиву саҳеҳии сухан, омӯхтани қолабҳои беҳтарини калимаву ҷумласозӣ, барои парҳез аз баёни ноогоҳона пайравӣ аз устодони сухан, бархурдорӣ аз сарчашмаҳои муътабари адабиёти классикӣ ва рӯй овардан ба осори гаронарзиши бузургонро мавсуф қайд кардааст: «Зебоиву равонӣ, тавоноӣ ва матонати забони адабиёту илми классикӣ бояд ҳамеша намунаи ибрати мо бошад ва ҷустуҷуҳои нави замони мо ба он такя кунад. Робитаи мо бо адабиёти классикӣ ҳар чи бештар бошад, пояҳои халқии забони адабии имрӯза ба ҳамон андоза устувор хоҳад буд. Яке аз манбаъҳои асосии иқтидори имрӯзаи забони

адабӣ иқтидори дирӯзии он аст» [191,142]. Забони адабии тоҷикӣ дорои зарфиятҳои давоми садсолаҳо такмилёфта буда, ВПФ-и халқӣ ба таври фаровон дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ корбаст мешаванд. Истифода аз онҳо баёнро фасеҳу ғанӣ мегардонад, суханро нуру неру мебахшад ва барои таҳкими тафаккуру андешаи миллӣ замина фароҳам месозад. Адабиёти классикиро, ки иборат аз забони муқтадиру тавоно ва саршор аз ганҷинаи бебаҳои халқ, панду андарз, воҳидҳои рехтаи пуробуранг аст, аз худ накарда, соҳиби маданияти сухан гаштан ғайриимкон аст. Устоди шинохтаи забони адабии тоҷик Р.Ғаффоров байни ин ду истилоҳ тафовуте нагузошта, фарҳанги нутқро ҳамчун яке аз шартҳои асосии инкишофи маданияти миллӣ ба маърази андеша гузоштааст: «Истилоҳи ҳусни баён ё, чунонки ҳоло расм шудааст, маданияти сухан як қатор тадбирҳои амалӣ ва баррасиҳои назариро фаро мегирад, ки ба танзими воситаҳои забони адабӣ, истифодаи бамаврид ва огоҳонаи онҳо барои ҳар чи дурусттар, равшантар ва ё фасеҳтар ифода кардани фикру ҳиссиёт нигаронида мешаванд» [232, 70].

Ҳадафи асосии «маданияти сухан» ё «фарҳанги нутқ» ба он тамоюл дорад, ки воситаҳои гуногуни забони адабӣ ба таври қатъӣ танзим карда шаванд ва хонандагон тавонанд онҳоро бамаврид, ҳадафрас ва огоҳона истифода баранд. Ин равиш барои он зарур аст, ки фикру андеша ва ҳиссиёт ба воситаи калом ҳар чи дурусттар, равшантар, фасеҳтар ва таъсирбахштар ба шунаванда ё хонанда расонида шавад. Моҳияти иҷтимоии ин масъала аз он иборат аст, ки фарҳанги нутқ ҳамчун унсури муошират ва шарти муҳимми инкишофи маданияти миллӣ ва нишондиҳандаи сатҳи маърифатнокии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, сифати нутқ ва асолати забони адабӣ ҳамеша мадди назари донишмандон, зиёиён ва аҳли илму адаб қарор дошт ва омили асосии зиндаву устувор нигоҳ доштани каломи асил боқӣ хоҳад монд.

Ба таъкиди забоншиносон А. Абдуқодиров ва А. Давронов мавридшиносона корбаст намудани воҳидҳои забон шарти зарурии фарҳанги сухан ва ҳусни баён маҳсуб меёбад: «Беғалат, яъне дар ҳудуди қоидаҳои ҳатмӣ баён кардан кам аст, касе, ки дар донистан ё балад будан ба ин ё он забон иддао

дорад, ба замми қоидаҳои маъмулӣ бояд аз тобишҳои нозуки маъноӣ ва мавқеи истеъмоли воҳидҳои фонетикӣ, луғавӣ, фразеологӣ ва грамматикии забон огоҳ бошад, онҳоро фарқ намояд ва мавридшиносона ба кор бурда тавонад» [19,3]. Ин муҳаққиқон аз хусуси мавқеи таркиби луғавии забон дар услубшиносӣ, таносуби маъноии онҳо, хусусияти маъноӣ ва иҷтимоии калимаҳо мулоҳизаронӣ намуда, алоқаи услубиёти лексикиро бо фарҳанги нутқ муайян кардаанд. Услубиёти лексикӣ мавқеъ, доира ва тарзи дурусти истеъмоли воҳидҳои луғавиро дар вазъиятҳои гуногуни муошират ва шохаҳои услубӣ нишон медиҳад. Таълими ин масъалаҳо дар синфи 11-ум ба назар гирифта шудааст. Машқи 205. Матни зеринро хонда, таъбиру калимаҳоеро ба дафтар нависед, ки хоси гуфтугӯянд ё бештар дар муошират истифода мешаванд. Кадом унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ ба меъёри забони адабӣ мувофиқ намеоянд, вале нависанда бо ягон мақсади услубӣ ба кор бурдааст? [68, 229]. Дар машқи пешниҳодшуда нависанда Саидалӣ Саид аз унсурҳои гуфтугӯйӣ ва лаҳҷавӣ бо мақсадҳои услубӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар матни мазкур калима ва ибораҳои «кампир», «мома», «аҳмақум накун», «ҳазлои безеб», «маҳ» ва «як даҳан нона бихо» хоси нутқи гуфтугӯйӣ ҳастанд ва бештар дар забони лаҳҷаву шева истифода мешаванд. Аз нуқтаи назари луғавӣ ва грамматикӣ як қатор унсурҳо ба меъёрҳои забони адабии тоҷик мувофиқат намекунанд, аз ҷумла, калимаи хитобии «бай, бай» (ба ҷойи баҳ-баҳ), калимаи иқтибосии «чита» (ба ҷойи чӣ хел / чӣ гуна), шакли кутоҳшудаи феълии «додаст» (ба ҷойи додааст) ва калимаҳои лаҳҷавии «ира» (ба ҷойи инро), «хубуш» (ба ҷойи хубаш) ва «нона» (ба ҷойи нонро) унсурҳои сирф гуфтугӯйӣ мебошанд. Дар калимаҳои «моҳуш», «садбаргуш» ва «аҳмақум» ба ҷойи пайвандаки «-аш/-ам» (моҳаш, садбаргаш, аҳмақам) истифода шудани садоноки «-у» унсури лаҳҷавӣ ва берун аз меъёри адабӣ аст, тавре ки дар ибораҳои «гул қадре надора» ва «ин як даҳан нона бихо» низ афтодани овози «-д» дар охири феълҳо (надорад, бихур) ва табдили садонои «ӯ» ба «о» дар феъли «бихо» ба чашм мерасад. Нависанда ҳамаи ин унсурҳои маҳалливу гуфтугӯйиро бо мақсади услубӣ, барои тасвири табиӣ, самимӣ ва воқеии нутқи қаҳрамон

(хусусан, кампири Бадалмоҳ), инъикоси заминаи иҷтимоӣ ва синнусолии онҳо ва барои зиндаву пурҷозиба сохтани муколамаи бадеӣ ба кор бурдааст, то хонанда фазои хоси муҳити деҳот ва самимияти пиронсолонро ба таври амиқ ҳис намояд.

Баъди матн иҷрои супоришҳои зерин пешниҳод гаштааст: 1) Дар муколама «Бай, бай!», «Чӣ?», «Ба ростӣ, мебинам» кадом навъи ҷумлаанд ва дар нутқ бо чӣ мақсад кор фармуда шудаанд? 2) Сухани муаллиф аз нутқи айнан нақлшуда бо кадом аломатҳои китобат ҷудо карда шудааст? 3) Чаро пеш аз калимаҳои Абумансур ва Мома вергул гузошта шудааст? [68, 230]. Супоришҳои машқро чунин иҷро кардан мумкин аст: дар муколамаи мазкур ибораи хитобии «Бай, бай!» барои изҳори ҳайрат ва завқу ҳаяҷони пиразан аз дидани нони гарм истифода шуда, калимаи «Чӣ?» ҷумлаи саволии нопурра аст. Мақсади он аниқ кардани фикр ва нишон додани тааҷҷуби қаҳрамон аст ва ҷумлаи «Ба ростӣ, мебинам» ҷумлаи хабарии нопурра ба шумор меравад, барои тасдиқи қатъӣ ва боэътимоди матлаби гӯянда дар нутқ ба кор рафтааст.

Бой будани захираи луғавии хонанда кафолати маданияти баланди нутқ шуда наметавонад, агар хусусиятҳои нозуки маъноӣ ва услубии калимаҳоро надонад. Танҳо шинохти тобишҳои маъноии калимаҳо кифоя нест, риоя накардани меъёрҳои истифодаи вожаҳои ҳаммаъно, зидмаъно, ҳамгунаҳо, сермаъно боиси костагӣ ва паст шудани фарҳанги нутқ мегардад. Беэътиноӣ ба воҳидҳои луғавӣ на танҳо мантиқи каломро халалдор месозад, балки заминаи асосии содир шудани ғалатҳои ҷиддии услубӣ ва маъноӣ ва дар натиҷа нодуруст расонидани мақсад ба мухотаб мегардад. Аз баррасии ин масъала бармеояд, ки барои соҳиб шудан ба фарҳанги нутқ хонандагон ба омӯзиши қонуниятҳои услубиёти лексикӣ ҷиддан машғул ва таъбирҳоро бо дарки дақиқи тобишҳои маъно истифода намоянд: «Услубиёти лексикӣ бо маданияти нутқ алоқаманд аст. Он мавқеи истеъмоли воҳидҳои луғавиро нишон медиҳад. Ба ҳисоб нагирифтани хусусиятҳои маъноии калимаҳо, таркибҳо, синонимҳо, антонимҳо, калимаҳои сермаъно, омонимҳо, паронимҳо ва ғайра боиси костагии маданияти нутқ, зиёда аз он содир шудани ғалатҳо мегардад» [19, 32].

Бар хилофи фасоҳати забон корбасти нодурусти калима ва халал дар таркиби калом яке аз омилҳои поёнравии маданияти сухан аст. Роҳ ёфтани ғалатҳо дар гуфтору навиштор аз падидаҳои номатлуби забон ва тарзи баён буда, ҳанӯз дар сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳои қуруни вусто баҳсу андешаронихо атрофи он сурат гирифта, дар замони муосир низ иштиҳор дорад. Ғайр аз мақолаҳои алоҳида фарҳанги душвориҳои забони тоҷикӣ, ғалатҳои ахбори омма ва матбуоти даврӣ дар китобҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» [1968]; Баҳриддин Камолиддинов «Ҳусни баён» [1989]; Ӯктами Холиқназар «Ғалат менависем» [2000]; Мукаррама Қосимова «Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан» [2005]; Рустами Ваҳҳоб «Дуруст бинависем» [2015]; Абдуҷамол Ҳасанзода «Зикри навоқиси сухан дар вожаномаҳои куҳан» [2018] то имрӯз ба табъ расидаанд ва ҳадафи муаллифон аз ин навиштаҳо боло бурдани фарҳанги нутқ, санҷидакорӣ дар гуфтору имло, фаҳмиши беғалати фикру андеша мебошад: «Мулоҳизоти соҳибназарон то ҷое аз ҷанбаи амалии мавзуъ дар замони муосир дарак медиҳад ва барои дороиафзоии тафаккури насли имрӯз дар боби фарҳанги нутқ, сухан ва асолати он ва забони адабии тоҷик чун арзиши гаронбаҳои миллӣ, посдошти сайри таърихии забон дар марҳалаи комилан дигари муносибат ба суннатҳои миллӣ муфид ва муҳим аст» [283,66].

Метавон аз силсилаи пажуҳишоти муҳаққиқони рус ёдовар шуд, ки ҳар яке ҳарфи тозае дар мавриди фарҳанги нутқ иброз доштаанд, ки ҷолиб ва сазовори таваҷҷуҳи хос аст. Вазифаҳои назариву амалии маданияти сухан аз ҷониби Г.О Винокур, В.В Виноградов, С.И Ожегов, Л.И Скворсов, Б.Н Головин ва дигарон мавриди таҳлилу тадқиқи муфассал қарор гирифтааст. Муҳаққиқон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки истилоҳоти «фарҳанги нутқ» ё худ «нутқи маданӣ»-ро бо диду назари нав тавзеҳ намоянд. Дар луғати «Словарь - справочник лингвистических терминов» фарҳанги нутқ чунин шарҳ дода шудааст: «1. Бахше аз илми филология аст, ки ҳаёти муоширатии ҷомеаро дар марҳалаи муайяни таърихӣ меомӯзад; 2. Маданияти нутқ - мутобиқати он ба талаботи назди забон гузошташуда, бозхост аз забон дар ҷомеаи мушаххас дар марҳалаи муайяни

таърихӣ, риояи қоидаҳои талаффуз, зада, калимаистеъмолкунӣ, шаклсозӣ, сохтани иборау ҷумла мебошад. Меъёрнокии нутқ возеҳӣ, равшанӣ ва тозагиро дар бар мегирад» [338,115].

Масъалаи фарҳанги нутқ дар забоншиносии муосир аз ду паҳлуи асосӣ чун соҳаи илм ва чун сифати нутқи афроди ҷомеа баррасӣ мешавад. Аз як тараф, аз назари муҳаққиқон фарҳанги нутқ бахши муҳимми илми филология  ба шумор меравад, ки вазъи муоширати ҷомеаро дар як давраи мушаххас мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ин ҷанбаи илмӣ, ки хусусияти меъёрӣ-танзимӣ дорад, вазифадор аст, ки устуворӣ ва асосҳои илмии қоидаҳои истифодаи забонро ҳамчун воситаи асосии муошират ва омили ташаккули ифодаи фикри инсон ҳифз ва танзим намояд. Аз тарафи дигар, ҷанбаи амалии фарҳанги сухан ба дараҷаи мутобиқати нутқи хонандагон ба талабот ва бозхостҳое дахл дорад, ки ҷомеа назди забон мегузорад. Ин риояи қатъӣ ва амалии тамоми қоидаҳои забони адабӣ, аз ҷумла талаффузи дурусти овозҳо, истифодаи бамаврид, шакли дурусти дастурӣ ва сохтани иборау ҷумлаҳоро мувофиқи меъёрҳои наҳвӣ тақозо мекунад. Меъёри нутқ кафолат медиҳад, ки нутқи хонанда дорои се хусусияти асосӣ: возеҳӣ, равшанӣ (аз байн бурдани духурагӣ) ва орӣ будан аз унсурҳои бегона, лаҳҷавӣ ва дурушт бошад, ки маҳз ҳамин унсурҳо сатҳи баланди фарҳанги нутқро муайян месозанд.

С.И.Ожегов хусусиятҳои ***фарҳанги баланди сухан***ро ҳадафи омӯзиш қарор дода, перомуни он чунин ақидаи бориксанҷонае манзур намудааст: «Фарҳанги баланди сухан ин маҳорати дуруст, фаҳмо ва равшан баён намудани афкори хеш тавассути воҳидҳои забон мебошад. Нутқи дуруст онест, ки меъёрҳои забони адабии муосир риоя мегардад... Аммо, фарҳанги баланди сухан на танҳо риояи меъёрҳои забон ва маҳорати ифодаи возеҳу дурусти фикр, балки нишонрас (нисбатан таъсирбахш) ва нисбатан мавридшиносона (мувофиқ ба вазъияту ҳолати ҳозир, яъне услубан муносиб)-ро дар бар мегирад» [131, 288]. Фарҳанги баланди сухан бозгӯйи камолоти зеҳнӣ ва салоҳияти иртиботии хонанда, истифодаи огоҳонаи воҳидҳои забон барои ифодаи возеҳ ва равони матлаб мебошад. Қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ ва овозии забони адабии муосир

заминаи асосии дурустии нутқро таъмин мекунад. Ин ҳанӯз маънои соҳиб шудан ба фарҳанги баланди сухан нест. Фарҳанги баланд сатҳи малакаву маҳоратҳоеро тақозо мекунад, ки он фаротар аз меъёрҳои забоншиносӣ мебошад. Таъсирбахшии нутқ, ки ба воситаи он хонанда тавонад ба руҳи шунаванда таъсир расонад ва мақсади худро равшан созад; дувум, мавридшиносӣ ё таносуби сухан, ки қобилияти интихоби вожа ва таъбирҳоро вобаста ба вазъият, муҳит ва ҳолати муошират тақозо дорад. Аз ин рӯй, шарҳи масъала собит месозад, ки фарҳанги баланди нутқ маҳсули ҳамгироии салоҳияти забонӣ, иртиботӣ, равоншиносӣ, муошират ва завқи баланди бадеии инсон аст, ки нутқро аз воситаи одии иттилоотӣ ба малакаи муҳимми иҷтимоӣ табдил медиҳад. Дар бораи фарҳанги нутқ дар ҳолати тасаллути комил доштан ба забони адабӣ бо риояи меъёрҳои забони адабӣ сухан гуфтан мумкин аст. Скворсов Л.И. дар мавриди «саҳеҳӣ ё дурустии нутқ» ва «фарҳанги баланди сухан» муфассал сухан ронда, ду сатҳи азхудкунии забони адабӣ ва ду роҳи соҳиб гаштан ба онро пешниҳод менамояд: «Якум, сатҳи поён, дурустии нутқро фаро мегирад... Дурустии нутқ маънои таълимоти мактабиро дорад. Барномаи мактаб ва умуман ёд гирифтани маҷмуи маҳорати дурустгуфторӣ аст (аз худ кардани грамматика); дувум, сатҳи баланди омӯзиши забони адабӣ ба маънои аслӣ фаҳмида мешавад» [157, 84].

Муҳаққиқ зинаҳои ташаккули маҳорати забондониро комилан дуруст ва илмӣ шарҳ дода, ду марҳалаи рушди нутқи инсонро ба таври возеҳ нишон медиҳад. Сатҳи аввал, яъне дурустии нутқ, заминаи бунёдиест, ки маҳз дар даврони мактабхонӣ тавассути омӯзиши муназзами қоидаҳои грамматикӣ, имло ва талаффуз шакл мегирад. Дар ин марҳала ҳадафи асосӣ аз худ кардани қоидаҳои забон ва саводнокии умумӣ мебошад, то ки хонанда тавонад фикри худро бе хатоҳои гарамматикӣ баён созад. Аммо сатҳи дувум, ки онро фарҳанги нутқ меноманд, марҳалаи баландтар ва босифати забондонӣ аст. Фарҳанги нутқ тасаллути комилро ба имкониятҳои забони адабии тоҷикӣ ба миён мегузорад ва талаб менамояд, ки меъёрҳои нутқ вобаста ба шохаҳои услубӣ, воҳидҳои луғавӣ ва зебошиносӣ ба таври дақиқ риоя карда шавад. Машқу супориши китобҳои

дарсӣ ба ташаккули ҳар ду сатҳи фарҳанги нутқ нигаронида шудаанд. Инро аз супориши машқи 40-уми китоби дарсии синфи 11-ум ба мушоҳид гирифтан мумкин аст: «Худро гум кардан – дасту по хурдан ва аз изо мурдан – замин намекафад, ки дароям дар кадом қолабҳои наҳвӣ ифода ёфтаанд ва аз муродифи луғавиашон чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд?» [68, 48]. Ибораҳои фразеологии «худро гум кардан», «дасту по хурдан» ва «аз изо мурдан – замин намекафад, ки дароям» дорои сохторҳои хоси наҳвӣ ва тобишҳои амиқи услубӣ мебошанд: Аз нуқтаи назари синтаксисӣ ва қолабҳои наҳвӣ таъбирҳо дар се шакли мухталиф омадаанд; ибораи «худро гум кардан» дар қолаби ибораи феълии пайваст (алоқаи ҳамроҳӣ бо ҷониши нафсӣ-таъкидии «худ» дар шакли пуркунанда), ибораи «дасту по хурдан» дар қолаби ибораи феълии сода (исм ва феъл) ва таъбири «аз изо мурдан – замин намекафад, ки дароям» дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайвасти омехта (ибораи рехтаи аввал ва ҷумлаи пайрави пайваст) ифода ёфтаанд. Дар мавриди тафовути маъноӣ ва услубӣ нисбат ба муродифҳои луғавӣ таъбирҳои «ба ҳаяҷон афтодан», «музтар шудан» ва «сахт шарм доштан» хоси услуби бадеӣ ва ҳиссӣ мебошанд. Масалан, «худро гум кардан» ва «дасту по хурдан» на танҳо ҳаяҷон, балки парешонӣ, аз даст додани ирода ва муваққатан паст шудани қобилияти фикронии инсонро нишон медиҳанд. Таъбири «аз изо мурдан – замин намекафад, ки дароям» авҷи ниҳоии хиҷолатзадагиро муболиғаомез ифода кардааст. Ин воҳидҳо дар матн бо мақсади табииву ҷозибадор кардани нутқ ва нишон додани ҳолати ботинии қаҳрамонҳо ба кор меравад.

Академик В.В.Виноградов масъалаи фарҳанги нуткро дар ҳамбастагӣ бо услубиёти нутқ матраҳ намуда, омӯзиши онро аз ду ҷиҳат муҳим медонад: «Аз як тараф, таҳлили он зуҳуроти иҷтимоӣ-забонӣ аст, ки норасоиҳоро нишон медиҳад ва ё худ норасоиҳои саводнокии адабиро бозгӯй мекунад. Аз тарафи дигар, нутқи ҷамъиятӣ на танҳо дуруст, балки возеҳу фаҳмо низ бояд бошад. Корбасти озодонаву эҷодкоронаи ҳамаи воҳидҳои забон ба дониши амиқи услуби нутқ ва истеъмоли моҳиронаи онҳо, инчунин ба дарки қонуну қоидаҳои ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ такя мекунад» [43,171]. Муҳаққиқ алоқамандии фарҳанги

нутқ ва шохаҳои услубиро дар заминаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа бозгӯй карда, нишон медиҳад, ки забонро наметавон танҳо ҳамчун маҷмуи қоидаҳои грамматикӣ омӯхт. Фарҳанги нутқ чун воситаи таҳлили зуҳуроти забониву иҷтимоӣ баромад карда, норасоиҳои саводнокиро дар миёни соҳибзабонон ошкор месозад. Дур шудан аз меъёрҳои миллии забон бевосита ба тағйироти сохтори иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа вобаста аст ва омӯзиши ин ду равандро наметавон аз ҳам ҷудо кард. Барои ин мубориза бо бесаводӣ ва ислоҳи саҳву ғалатҳо ва норасоиҳои нутқ танҳо дар ҳолате имкон дорад, ки ин масъаларо на танҳо аз нигоҳи дурустии қоидаҳои грамматикӣ, балки аз дидгоҳи иҷтимоию таърихӣ низ сабабҳои пайдоиши ин нуқсонҳоро дар ҷомеа дарк кунем. Масъалаи фарҳанги нутқ ҷанбаи амалӣ ва эҷодкорона низ дорад, ки он бевосита ба услубиёти нутқ пайваст мешавад. Нутқи ҷамъиятӣ ва баромади суханварон на бояд танҳо аз рӯйи қоидаҳо дуруст ва бехато бошад, балки вазифаи асосии он возеҳ, фаҳмо, таъсирбахш ва равон будан аст. Барои ин хонанда бояд дониши амиқи услубшиносӣ дошта бошад, то тавонад ҳамаи воҳидҳои забонро озодона ва эҷодкорона мувофиқи мавқеъ, мақсад ва шароити суханронӣ интихоб ва корбаст намояд.

Винокур Г.О. зимни тавзеҳи истилоҳи «маданияти забон» аз хусуси масъалаҳои услубшиносии амалӣ баҳс ороста, таъкид месозад, ки интиқол аз таърихи забон ба назарияи услубшиносӣ ва аз он, дар навбати худ, ба услубшиносии амалӣ дар ҳар ду маврид аввалан истеъмоли равшану мавридшиносонаи калима аст. Фарҳанги нутқ ҷузъи асосии забоншиносии амалӣ ба шумор рафта, раванди ташаккули он аз занҷираи пайвастаи «таърихи забон назарияи услубшиносӣ ва услубшиносии амалӣ» иборат аст. Ин муҳаққиқ дурустии нутқ ва салоҳияти забониро марҳалаи дувуми омӯзиш ё худ ду сатҳи фарҳанги нутқ ба шумор оварда, фарҳанги нутқро ҷузъе аз забоншиносии амалӣ медонад. Нишондиҳандаи асосии ин гузариш, пеш аз ҳама, истеъмоли равшан ва мавридшиносонаи калимаҳо мебошад [44, 166]. Обнорский С.П. забонро рукни асосиии миллат шарҳ дода, онро чун силоҳи маданият, ки «хусусиятҳои ғановату равшанӣ, зебоӣ, устувории меъёрҳо, гуногунии услубиро доро

мебошад» [130, 173], тавсиф менамояд. Дурустии нутқ, ба андешаи ӯ, иборат аз корбурди амалии воситаҳои забон, ки на танҳо ҳамчун воситаи муошират, балки низоми мукаммал, аз назари дастурӣ устувор ва аз нигоҳи усулҳои баён бисёрҷабҳаву инкишофёфта маҳсуб мешавад. Головин Б.Н. кӯшиш кардааст, ки укдаи ҳалли масъалаи фарҳанги нутқро дар заминаи афкору ақоиди донишмандони рус як навъ ҷамъбаст ва се унсури бунёдӣ-назарии онро тафсир намояд:

А) ФН - аломат ва хусусиятҳои баён, маҷмуъ ва низомест, ки ташаккули салоҳияти иртиботии онро таъмин менамояд;

Б) ФН - маҷмуи малакаву маҳорат ва донишҳои хонандагон, корбасти босалоҳият, ҳадафмандона ва бехалали воҳидҳои забон дар муошират;

В) ФН – як соҳаи илми забоншиносӣ роҷеъ ба ҳусни сухан бо фарогирии низом ва хусусиятҳои иртиботии он.

Мавсуф фарҳанги нутқро аз доираи қоидаҳои хушки грамматикӣ берун бароварда, онро ба заминаҳои равоншиносӣ, муошироти ҳаётӣ ва маҳорати эҷодии инсон пайванд донистаанд, ки он замина ва таҳкурсии асосиро барои **салоҳияти иртиботӣ муҳайё** месозад. Яъне, вақте ки инсон усули адои маъниро дуруст дарк мекунад, ӯ қобилияти фаврӣ ва дуруст ворид шудан ба ҷараёни муколамаро пайдо менамояд ва метавонад бо сохторҳои мураккаби фаъолияти олии асаб сухани худро нишонрас ифода созад. Фарҳанги нутқ чун маҳорати амалӣ ва корбасти босалоҳияти воҳидҳои забон тавсиф гаштааст, ки дар ҳаёти воқеӣ, муошироти ҳамарӯза ба таври ҳадафмандона, босалоҳият ва бехалал, бе ғалатҳои услубиву мантиқӣ истифода барад. Ин марҳалаи ниҳоии салоҳияти забонист, ки барои ҳалли муаммоҳои зиндагӣ хидмат мекунад. Ин муҳаққиқ бо таъйини моҳияти фарҳанги нутқ ду маънои онро мушаххасан таъриф намудааст:

А) ФН - маҷмуъ ва низоми хусусиятҳои иртиботии забон;

Б) ФН - таълимот дар бораи маҷмуъ ва низоми хусусиятҳои иртиботии нутқ [47, 9].

Ин ду таъриф моҳияти фарҳанги нутқро аз нигоҳи амалӣ ва назариявӣ мушаххас месозанд: аввалан, маҷмуи сифатҳои сохтории забон, ба монанди дурустӣ, саҳеҳӣ, мантиқӣ, ғановат, содагӣ, покизагӣ ва мувофиқати услубӣ, ки дар раванди иртиботи зоҳир мешаванд. Фарогирии ин хусусиятҳо ба хонанда имкон медиҳад, ки воҳидҳои нутқро мавридшиносона вобаста ба мақсад ва шароити муошират самаранок истифода барад, ки бевосита дар гуфтор ва навишт инъикос меёбад; сониян, фарҳанги нутқ ҳамчун як соҳаи мустақили илми забоншиносӣ (ё фанни таълимӣ) фаҳмида мешавад, ки хусусиятҳо ва сифатҳои иртиботии нутқро таҳқиқ, танзим ва устувор менамояд. Ин таълимот қонуниятҳои фаъолияти нутқ, меъёрҳои забони адабӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муошират ва ҳусни суханро меомӯзад. Он қоида ва тавсияҳоеро таҳия мекунад, ки ҷомеа барои дуруст ва пуртаъсир баён кардани фикр ба онҳо такя менамояд. Ҳамоҳангии ин ду ҷанбаи фарҳанги нутқ заминаи асосии саводнокӣ ва соҳиб шудан ба салоҳияти иртиботиро дар ҷомеа ташкил медиҳад.

Дар мавриди ташаккули фарҳанги нутқ ба ҷуз рисолаҳои мазкур осори фаровоне таълиф шуда, ки ҳар яке бо сабку савияи хос таҳлил ва баррасии мушаххасоти мавзуъро асоси бозҷуст ва нигариш қарор додаанд. Махсусан, аз баҳсу баррасиҳои равоншиносон бармеояд, ки ТФН-и хонандагон бо таълими тамоми қисматҳои забон (фонетика, морфология, синтаксис, лексика, фразеология, услубшиносӣ), дарки мавқеи сухан иртиботи қавӣ дорад. Барои он бояд тафовути ду масъаларо аз ҳамдигар ба хубӣ фаҳмид: дурусту саҳеҳ бо риояи дастури грамматикӣ ифода кардани фикр ва зебо сухан кардан. Омӯхтани зебо сухан гуфтан вазифаи грамматика нест, балки он риояи қавоиди дастуриро талаб менамояд. Муассиру зебо, балеғу расо ва нишонрас сухан гуфтан ба омӯзиши услубшиносӣ марбут аст. Аммо, нутқи маданиву зебо бе донистани асосҳои илмии дурустгуфториву саҳеҳнависии забону баён ба даст намеояд. Аз ин рӯй, омӯхтани ҳамаи қисматҳои забон дар МТМУ амали воқеӣ ва кори зарурӣ аст. Муҳим ва барҷаста баён ёфтани фикри хонанда дар мавриде маълум мешавад, ки барои ифодаи он муодили мувофиқу муносиб интихоб шуда

бошад. Омӯзиши заминаҳои ташаккули ФН-и хонандагон ҳамаи воҳидҳои забонро фаро гирад ҳам, ҳар кадоме масъалаи мушаххаси таҳлилу тадқиқ дорад: «Мувофиқи талаботи фикр, таносуби маъно ва мавриди истеъмол интихоб намудани воҳидҳои луғавӣ, ба назар гирифтани тобишҳои маъно ва хусусиятҳои дигари услубии калима, шинохтани имконоти семантикии воҳидҳои луғавӣ дар ифодаи эҳсосот, муносибатҳои субъективона ва тасвири образноки ҳодисаю воқеаҳо бо вожаҳои сермаъно, муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо. Аз боби фразеология ба назар гирифтани маъно ва тобишҳои маъноӣ, обуранги услубӣ ва эҳсосӣ, бадеиёт ва хусусияти муассирии воҳидҳои фразеологӣ, тарз ва меъёри истифодаи онҳо дар услубҳои гуногуни нутқ, пешгирӣ кардани ғалатҳо дар сохту таркиби фразеологизмҳо ва монанди инҳо муҳим аст» [256, 148].

Аз баррасии афкори донишмандони соҳа бармеояд, ки ТФН дар се марҳала амалӣ мегардад: марҳалаи аввал - омӯзиши меъёрҳои забони адабӣ, ки дар корбасти луғат, калимасозӣ, калимабандӣ ва талаффуз ифода меёбад. Риояи қоидаҳои лексикию грамматикӣ ва овоӣ талаб карда мешавад; дар марҳалаи дуюм унсурҳои мувофиқ ва зарурӣ аз байни силсилаи муродифот мавридшиносона интихоб ва тавре истеъмол гардад, ки фикр фаҳмо, пуртаъсир ва равшану возеҳ ифода ёбад; дар марҳалаи ниҳоӣ дурустиву саҳеҳии мазмун, моҳият ва маънии сухан, яъне ягонагии шаклу маънӣ муҳим аст. Маъсумӣ Н. оид ба забономӯзии толибилмон мулоҳизаронӣ намуда, мавқеи омӯзгоронро дар такомул ва баланд бардоштани фарҳанги нутқи онҳо назаррас донистааст: «Таъмири забон, сайқали вай, такмили забони адабӣ дар замони мо дар ихтиёри адибон, тарҷумонҳои пухтакору пуртаҷриба, олимон, журналистҳо, муаллимон, мактаб ва маориф, матбуот ва нашриёт, радио ва телевизион мебошад» [93, 338]. Муҳаққиқ яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди забони миллиро ба миён гузошта, ҳифз, покизагӣ ва рушди забони адабии тоҷикиро вазифаи тамоми қишри соҳибмаърифати ҷомеа маҳсуб донистааст. Забон мисли пайкари тавоноест, ки агар ба он таваҷҷуҳу назорат карда нашавад, бо мурури замон аз калимаҳои бегона, сохторҳои нодурусти грамматикӣ ва лаҳҷавӣ осеб мерасад.

Дар сафи аввали ин масъулият муаллимон, адибон ва тарҷумонҳои соҳибтаҷриба қарор доранд. Нависандагону шоирон тарҳи наҳвии ҷумла ва калимасозиҳои нав ва бо офаридани асарҳои баландмазмун ва хонданӣ ҷозиба ва зебоии забонро ба намоиш мегузоранд. Аз нигоҳи дигар, тарҷумонҳои ботаҷриба дар замони муосир, ки давраи табодули ниҳоят густардаи иттилоот аст, вазифаи хеле нозукро ба иҷро мерасонанд. Зимни тарҷумаи асарҳои илмиву бадеӣ аз забонҳои хориҷӣ бояд қолабҳои устувори забони тоҷикиро ҳифз намоянд. Олимону муҳаққиқон заминаҳои назариявии сайқал ва такомули забонро таъмин мекунанд. Бо таҳияи луғатномаҳо, дастурҳои имло ва қоидаҳои грамматикӣ меъёрҳои забони адабиро муайян ва устувор менамоянд, то аз парокандагӣ ва худсариҳо дар навишт ва корбасти воҳидҳои луғавӣ пешгирӣ шавад.

Қисми дигари ин занҷира, ки бевосита бо ҷомеа алоқаманд аст, ба соҳаи маориф ва воситаҳои ахбори омма (ВАО) тааллуқ дорад. Муаллимон, мактаб ва маориф зербинои саводнокии ҷомеаро мегузоранд. Маҳз дар мактаб хонанда қоидаҳои дурусти суханронӣ ва ифодаи матлабро бо забони адабӣ меомӯзад. Дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ, матбуот, нашриёт, воситаҳои ахбори омма ниҳодҳои пуриқтидоре мебошанд, ки ба зеҳну шуури хонандагон таъсири зиёд мегузоранд. Агар дар радио ва телевизион забони суфтаву зебо ва холӣ аз лаҳҷаву калимаҳои гӯйишӣ истифода шавад, шунавандагон низ ба ҳамин тарзи суханронӣ одат мекунанд. Дар маҷмуъ, такмили забони адабӣ кори доимист ва муваффақияти он аз ҳамоҳангии фаъолияти мактаб, заҳмати эҷодкорон ва масъулияти аҳли матбуоту расонаҳои хабарӣ вобастагии комил дорад.

Н. Маъсумӣ ҳамчунин манбаи асосии ғановат ва манбаи забони адабиро, ки рукни асосии ТФН мебошад, забони халқӣ ҳисобидааст: «Таърих бе сол ва забон бе мисол намешавад. Забони адабии тоҷик аз сарчашмаҳои саршор ва пурсарват ҳамеша об мехурад... яке аз сарчашмаҳое, ки решаи забони адабӣ аз он ибтидо мегирад, забони умумихалқии тоҷикист» [93, 339]. Дар осори манзуму мансури даврони асримиёнагӣ корбурди ифодаҳои халқӣ ва зарбулмасалу мақолҳо хеле фаровон барои баёни матлаб хизмат кардаанд. Ба

фикри Е.Э.Бертелс, омӯзиши «забони адабии зинда» ин «нағз омӯхтани забони халқ ва то мумкин аст, дар доираи васеътар омӯхтани забони гуфтугӯйии халқҳои Тоҷикистон» ба шумор меравад. Барои пешбурд ва раҳнамоӣ таъини комиссияи босалоҳият, ки зарбулмасал, чистонҳо, суханони ҳикматнок, масал ва латифаҳо, афсонаву ривоятҳоро гирдоварӣ ва интишори он зарур дониста шудааст: «Баъди ҷамъоварии мавод, ки қадами аввалин дар ин самт аст, давраи дувум, яъне омӯзиши илмии ин мавод оғоз меёбад ва «дар ин сурат материал як вазъи зиндае мегирад ва аз шакли як даста гули хушкида баромада, ҳамчун хазинаи забони зинда ба майдон мебарояд» [38, 168].

Дар замони истиқлоли воқеӣ, дар айёме, ки баҳо додан ба такмили маърифат ва маънавиёти насли наврас ва ҷавон дар МТМУ ва мактабҳои олӣ, ҳифз ва такмили беҳтарин анъанаҳои халқи тоҷик аз дидгоҳ ва ғояҳои миллӣ ҳамвора вусъат меёбад, масъалаи ТФН-и толибилмон чун қисми таркибии худшиносии миллӣ мавқеи назаррас касб мекунад. Таҳлили асару мақолаҳои пажуҳишгарон имкон медиҳад, ки аз омӯзиши ин мавзуъ ба хулосаҳои зер расида бошем:

1. Аз рисолаву мақолаҳои мавриди назар ҳеҷ кадоме аз муаллифон бевосита ба ҳалли муаммои «ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон» ба таври мукаммал ва ҳаматарафа напардохтаанд ва он ҳалношуда боқӣ мондааст.

2. Муаллифони рисолаву мақолаҳо мавзуи баҳси мазкурро сирф барои ҳалли ин ё он ҷанбаи забоншиносӣ ва ё адабиётшиносӣ истифода бурдаанд ва дар консепсияи онҳо таҳлили ин мавод ҳамчун ҷузъи ёрирасон хидмат намудааст.

3. Таҳияи фарҳанги ВПФ барои хонандагони МТМУ барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва фарҳанги нутқи онҳо муҳим кумак расонида метавонад.

4. Муайян кардани омилҳои роҳ ёфтани хато дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон, андешаҳои муҳаққиқон доир ба ТФН, баёни аз лиҳози мантиқ ва сохтор дурусту саҳеҳро тақозо дорад, ки масъалаи мавриди назар ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда шавад.

## 1.3. Масъалаи рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ

Давраи соҳибистиқлолӣ марҳалаи комилан нави ҷустуҷуйи асолат ва фарҳанги миллӣ, ташаккул ва тарбияи насли наврас, шинохти арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ аст. Яке аз самтҳои асосии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ баланд бардоштани сифати дарс, рушди малака, салоҳияти иртиботӣ ва фарҳанги нутқи хонандагон ба ҳисоб меравад. Омӯзиши забон якчанд рукн ва ҷанбаҳои таълиму тарбияро фаро мегирад, ки ҳар навъе дар ташаккул ва такомули ҳусни калом созгор аст. Донистани забон, маҳорати муносибати хуб, кӯшиш баҳри муваффақ шудан дар муоширот аз мушаххасотест, ки пешрафту комёбии шахсро дар тамоми ҷодаи ҳаёт нишон медиҳад ва ҷиҳати мутобиқшавии иҷтимоӣ ба шароити ҷаҳони муосир мусоидат мекунад. Аксари унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ ба масъалаи таълим ва тарбияи ҳусни гуфтор робитаи қавӣ доранд, зеро маҳз маданияти гуфтор ва рафтор фарҳанг ва хулқу атвори хонандаи мактабро инъикос мекунад. Дар Консепсияи миллии тарбия ин масъала чунин қайд мегардад: «Таҳаммул ва тоқатпазирӣ аз эҳтироми ақидаи дигарон ба миён меояд... Тоқатпазир будан омили муҳимму самарабахши гуфтушунид, мулоқот, муколама ва музокирот мебошад. Тоқатпазирӣ нишонаи муҳимми фарҳанги баланди муколамаи байни одамон ва одамону давлат мебошад» [10,11]. Аз ин рӯй, дар татбиқи самтҳои муҳимми тарбияи миллӣ ташаккули ҳусни гуфтор нақши бориз ва аввалиндараҷа дорад.

Ба масъалаи ТФН-и хонандагон дар манобеи илмӣ ва таълимӣ  таваҷҷуҳ шуда, дар Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ барои ҳар синф доираи малака ва салоҳиятҳо мушаххас қайд гаштааст: «Муҳтавои таълим бо рушди шахсияти хонанда ва тарбияи шахси бофарҳанге нигаронида шудааст, ки меъёрҳои забони адабии тоҷикиро фаро гирифта, қобилияти озодона баён кардани фикр ва ҳиссиёти худро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ бо назардошти меъёрҳои ахлоқии муомила дорад» [8, 6]. Дар таълими фанни забони тоҷикӣ ва омӯзиши қоидаҳои грамматика, пеш аз ҳама, бояд онро ба назар гирифт, ки кадоме ба

инкишофи нутқ ва маданияти сухан бештар зарур аст. Ба тарбияи ҳусни сухан ва зебошиносии хонандагон Тӯрақул Зеҳнӣ ҳанӯз солҳои 70-уми қарни мозӣ таваҷҷуҳ намуда чунин навиштааст: «Таълими забон, аз худ кардани тарзи баён аз мактаби ибтидоӣ ва миёна суст аст. Баъд аз таълими қоидаҳои грамматика мувофиқи савияи дониши бача (дар синфҳои 3, 4, 5, 6) омӯзонидани порчаҳои насрӣ ва назмии шавқовару диққатрабо зарур ва ҳатмӣ мебошад. Ин равиш барои тарбияи бадеии бача низ аҳаммият дорад» [56, 100].

Ҷанбаи таълимӣ ва методии китобҳои дарсӣ бояд пешниҳоди таъриф, қоидаҳои назарӣ ва мазмуну моҳияти тарбиявии машқу супоришҳоро фаро гирад. Машқу тамрин агар ба инкишофи нутқ ва қобилияти эҷодӣ тамоюл дошта бошад, ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва иртиботӣ мусоидат мекунад. Соҳибмаърифатӣ, салоҳиятнокӣ ва таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ бо омӯзиши босамари маводди хониш, китобҳои дарсӣ дар МТМУ бо татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим имконпазир аст. Дар таъйини аҳаммияти забономӯзӣ А.М Пешковский андешаҳои судманд ба аҳли завқ ва назар пешниҳод кардааст: «Маҳорати асосии ба забони адабӣ сухан гуфтан дар мактаб ҳосил мегардад. Ҳаёт ниҳоят кам ба донишҳои дар мактаб бадастоварда илова карда метавонад. Аз ин ҷо, таваҷҷуҳи зиёди ҳукумати кишвар нисбат ба мактаб ва мавқеи омӯзиши меъёрҳои забон равшан мегардад» [133, 238].

Дарвоқеъ, пойдевори асосии саводнокӣ ва маҳорати суханварӣ бо забони адабӣ маҳз дар давраи таҳсил дар МТМУ гузошта мешавад, зеро таҷрибаи зиндагӣ дар оянда ба донишҳои бунёдии дар ин марҳала андухта тағйироти ҷиддие ворид карда наметавонад. Натиҷаи тадбирҳои ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф ва заҳмати омӯзгорон мустақиман дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа инъикос меёбад. Ҷомеае, ки дар он хонандагон аз хурдӣ фарҳанги дуруст ва ҷиддии сухангӯйиро меомӯзанд, дар марҳалаи минбаъд ба муҳити солим, бомаърифат ва ҳамдигарфаҳм табдил меёбад. Қобилияти баланди муошират ва иртиботи солим имкон медиҳад, ки якдигарро дуруст дарк кунанд. Умуман, фарҳанги баланди нутқ, ки аз мактаб сарчашма мегирад, сатҳи

таҳаммулпазириро дар ҷомеа баланд бардошта, боиси камтар маҳкум шудани афкор ва рафтори якдигар мегардад.

Донистани забон, соҳиб будан ба забони фасеҳ шинохти на танҳо аҳаммияти калима ва калом, балки идроки мазмуну моҳияти он, зебоӣ ва дурустии нутқ мебошад. Сатҳи фарҳанги миллӣ имкон фароҳам меорад, ки бисёр маврид ҳар фарди ҷомеа новобаста аз самти ихтисос, синну сол, тафаккур ва ҷаҳонбинӣ ба забономӯзӣ бо истифода аз воҳидҳои луғавӣ салоҳияти ҳалли муаммову мушкилӣ ва ихтилофҳои мавҷударо дошта бошад. М.Лутфуллоев аз хусуси «дарҳам шикастан»-и консепсия ва низоми таълим ва ба роҳ мондани инсонгароии омӯзиш дар МТМУ охири солҳои 80-уми садаи XX чунин мулоҳизаронӣ кардааст: «Мазмуни ҳамаи фанҳо, умуман, ҷараёни таълиму тарбия гуманитарӣ карда шавад. Ҳар қадар гуманизм дар таълим баланд гардад, ҳамон қадар маданият, хулқу одоби насли наврас ва Аз ин рӯй, маданияти гуфтори ӯ боло мешавад» [260, 129]. Дар идомаи баҳс муҳаққиқ истинодан ба мулоҳизаҳои суханварон мавқеи машқу супоришоти китобҳои дарсиро дар тарбияи ФН-и шогирдон муҳим баҳогузорӣ кардааст. Замина ва низоми таълимию методии китобҳои дарсиро на дар ҳаҷми таърифоти назариявӣ ё қоидаҳои грамматикӣ, балки дар хусусияти дидактикии супоришу машқҳои амалии онҳо донистааст, ки воситаи асосии ташаккули тафаккур ва малакаи амалии хонандагон ба ҳисоб меравconfigured. Тарҳрезии дурусти сохтор ва ҳадафманди супоришҳо метавонанд талаботи таълимиро бароварда созанд: «Аппарати таълимӣ-методӣ на дар таърифоту қоидаҳои грамматикӣ, балки дар хусусияти супоришҳо зоҳир мегардад. Аз ҳамин нуктаи назар, агар машқҳои тамоми китобҳои дарсиро бо нуги сузан кобед ҳам, характери супоришҳо беш аз 7-8-то нест...» [260, 131]. Машқу супоришҳои китобҳои дарсии фанни забони тоҷикӣ ба се талаботи дидактикӣ – методӣ бояд ҷавобгу бошанд:

1. Нутқи хонандагонро инкишоф дода, фарҳанги сухагӯйиашонро баланд бардорад.

2. Моҳияти илми забон, хосса, грамматикаро ба шогирдон ёд диҳад.

3. Саводнокии онҳоро таъмин намояд.

Масъалаи ФН ва рушди он аз муҳимтарин муаммоҳои раванди таълим ва тарбия дар ташаккули маърифати хонандаи мактаб ва, дар маҷмуъ, маданияти ӯ мебошад. Муҳим ва барҷаста будани фикр танҳо дар мавриде зоҳир мешавад, ки барои ифодаи фикр гунаи муносиби баён интихоб гардад. Агар муродифи матлуб интихоб нагардад, маъно ва аҳаммияти сухан номаълум мемонад, моҳияти калом аз байн меравад, фикри баланду барҷаста арзиши худро аз даст медиҳад. Хонандаи босалоҳият ва ҳамаҷониба рушдёфта он аст, ки тавонад бо сухан ҳиссиёту андешаи худро дуруст, возеҳу равшан ва нишонрас баён карда тавонад: «Мазмуннокӣ, мантиқӣ, мураттабӣ, боварибахшӣ, мушаххасӣ, возеҳӣ ва аз ҷиҳати грамматикӣ дурустии нутқ – ин аст талаботе, ки риояи он аз хонандагон дар ҷараёни таълими фарҳанги нутқ бояд ҳосил шавад» [262, 4].

Бархе аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки барои инкишофи нутқи мураттаб омилҳои зерин мусоидат мекунад: «...зимни таълиму парвариши фарҳанги нуқи хонандагон, қабл аз ҳама, маҳорати мураттаббаёнӣ, ҳимояи афкори пешниҳоднамуда ва ҷудо карда тавонистани мафҳумҳои асосӣ аз дувумдараҷа муҳим мебошад» [36, 4].

Маданияти сухан дуруст, сода, фаҳмо, мувофиқи меъёрҳои ҷории забони адабӣ ва дар айни замон зебову пуртаъсир ифода кардани фикр аст. Муҳаққиқи рус Л.И. Скворсов оид ба роҳҳои баланд бардоштани ФН-и хонандагон корҳои судманд ба анҷом расонида, ҳадафи асосии онро барои рушди иҷтимоиву маънавии ҷомеа муфид донистааст: «Фарҳанги нутқ ба тарбияи густардаи забоншиносӣ ва маърифати оммавӣ, ба ибораи дигар, ба тамоми гуяндагон ва нависандагон дастрас намудани пешрафтҳои муосири илми забоншиносиро тақозо дорад. Бидуни он маданияти на шахси алоҳида ва на тамоми халқ вуҷуд надорад» [156, 186]. Малакаи суханварӣ ва баланд бардоштани маърифатнокӣ раванди дастрасии тамоми ҷомеаро ба пешрафтҳои муосири забоншиносӣ тақозо дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши забони адабии тоҷикӣ на танҳо бо машғулиятҳои синфӣ дар муассисаҳои таълимӣ маҳдуд гардад, балки раванди ҳамешагӣ ва пайваста дар зиндагӣ мебошад. Бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботӣ, маҳорати суханварӣ ва корбасти ифодаҳои дуруст, саҳеҳ ва мувофиқ

аҳли ҷомеа бояд аз тамоми воситаҳои муосири баён ва донишномаву фарҳангномаҳо дар такмили маданияти нутқ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Унсури муҳимми инкишофи инсони бофарҳанг ҳусни сухан, нутқи маданию фасеҳ мебошад. Барои он ки сухани хонандаи мактаб мантиқан ва шаклан дурусту бенуқсон бошад, пеш аз ҳама, ӯ грамматикаро бояд амиқ омӯзад. Қоидаҳои забонро огоҳона ва ба таври эҷодӣ аз худ кардан лозим аст, то ки пас аз хатми мактаб таърифу назарияҳо фаромуш гардад ҳам, моҳияти он дар зеҳн мустаҳкам ҷой гирад. Ин гуна дониши огоҳонаи эҷодӣ барои таъмини ФН ҳамеша лозим хоҳад омад. Дар замони истиқлол мактабу маориф аз қадамҳои нахустин ба ташаккули ҳусни баён, маданияти сухани хонандагон эътибори ҷиддӣ доданро таъкид мекунанд. Дар «Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ» қайд мешавад, ки мо ба хонандагон дурусту нишонрас, ҷолибу таъсирбахш ва, аз ҳама муҳим, то ҳадди имкон мувофиқи забони адабӣ ҳарф заданро меомӯзонем. Бояд он аз таъсири лаҳҷаву шева, калимаҳои барзиёду нолозим орӣ бошад. Ба масъалаи ҳусни баён бо мақсади татбиқи салоҳияти иртиботӣ ба хонандагони синфи 5-ум кор бо «Ғалатҳои маъмули грамматикӣ ва услубии ҷумлабандӣ дар асоси матнҳои аннотатсия дар ҳаҷми 3 соат» [8, 141]; синфи 6-ум «Ғалатҳо дар интихоб ва мавқеи кор фармудани воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ. Пургӯйӣ ва ҳашви қабеҳ (такрори маъно) ва роҳҳои ислоҳи онҳо» [8, 145]; синфи 7-ум «Ҳусни баён ва услубиёти забони тоҷикӣ дар асоси матнҳои мусоҳиба, аннотатсия, тақриз, тасвир, эссе (дар ҳаҷми 34 соат) – услубиёти забон» [8, 146-147] ба инобат гирифта шудааст. Афкору андешаҳои донишмандону пажуҳишгаронро оид ба роҳҳои ТФН-и хонандагони МТМУ ба чанд даста метавон тасниф намуд:

1. **Огоҳона аз худ намудани қоидаҳои грамматикӣ.** Меъёрои фарҳанги нутқ ва ҳусни баён, дурусту беғалат ифода кардани фикр мавзуи ҳамешагӣ дар раванди таҳсилот мебошад. Ин масъала аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро он аз зебоиву фасоҳат ва вежагиҳои забони тоҷикӣ бармеояд. Ташаккули тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ, рушди маҳорат ва малакаҳои нутқи мураттаб ва нутқи шевову расо ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ шуруъ мешавад. Таълими босалоҳияти

грамматика аз ҷониби донишмандони илми педагогикаи ватанӣ ва хориҷи кишвар - М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, С.Шербоев, А.Эшонҷонов, С.Аминов, Неъматов С., Заиров С., В. В. Виноградов, М. Т. Баранов ва дигарон мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ин равишшиносон бар он назаранд, ки грамматика на танҳо низоми мураттаби қоидаву қонунҳо, балки асоси сохтори забон буда, барои баёни фикри бомантиқ, дуруст ва аз нигоҳи меъёрҳои забони адабӣ ва услуби нутқ мувофиқ ва мутобиқ мусоидат мекунад. Грамматика санъати истифода аз шаклҳои гуногуни воситаҳои забон барои баёни фикр аст. Маҳз ҳамин боиси ташаккули фарҳанги нутқ, маданияти сухан ва нутқи мураттабу муназзам мегардад. Мутаассифона, риоя накардани принсипҳои дидактикии таълим боиси роҳ ёфтани халал дар ташаккули фикр ва салоҳияти иртиботии муҳассилин мегардад: «...дар мактаби миёна барои гуфтори адабиро ёд додан, илми забоншиносиро меомӯзонанд... Дар натиҷа, мактабхон дониши назариявии забонро ёд мегирад, аммо худи забонро не. Вай ҳиссаҳои нутқро медонад, вале дар худи нутқ заиф аст ва наметавонад ба забони адабӣ, ҳамон тавре ки бо забони лаҳҷа озод сухан мегуяд, ҳарф занад» [146,119].

Аз ин лиҳоз, хонандагон бояд на танҳо аз қонуну қоидаҳои грамматикӣ огоҳ бошанд, балки фикрашонро озодона ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ ифода карда тавонанд, тарзи гуфтор, одоб ва ҳусни баёнро риоя намоянд, на ин ки бо омӯзиши грамматика маҳдуд гарданд: «Мактаб, пеш аз ҳама, ба омӯзиши қоидаҳо, ҳифз ва корбасти онҳо машғул аст. Асосан, қоидаҳои навишт, сипас грамматика ва синтаксис. Албатта, он ҷо соҳиб гаштан ба нутқи шифоҳӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад, аммо дар ин самт низ, асосан, қоида мавқеи бештар дорад» [168, 6]. Диққати асосӣ ба он равона гаштааст, ки дар низоми маориф МТМУ, пеш аз ҳама, вазифаи худро дар омӯзиш, ҳифз ва татбиқи қоидаҳои назарӣ медонад. Ҷараёни таълим азхудкунии қоидаҳои имло ва навиштро муҳим арзёбӣ намуда, сипас ба омӯзиши бахшҳои дигари назариявӣ, аз ҷумла, сарф ва наҳв мегузарад. Ҳарчанд дар барномаҳои таълим инкишофи нутқи шифоҳӣ ва маҳорати суханварии хонандагон низ ба эътибор гирифта мешавад. Дар амал ҳангоми омӯзонидани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ таваҷҷуҳи асосӣ на ба

дурустию эҷодкорӣ дар ифодаи фикр, балки ба риояи қатъии қоидаву меъёрҳои забони адабӣ равона мегардад. Чунин тарзи таълим метавонад дониши назариявии хуб диҳад, аммо қобилияти суханронии саҳеҳу дурусти хонандагонро маҳдуд месозад.

Дониши зарурии грамматикӣ барои ифодаи дурусти фикр ва ТФН-и хонанда роҳ кушода, имкон медиҳад, ки қоидаву қонунҳои грамматикӣ на бо роҳи механикӣ ва азёди назария, балки аз коракард ва фаҳмидани мазмуни матн сурат гирад. Аз ин лиҳоз, грамматика бо вуҷуди мавқеи мувофиқ доштан дар забономӯзӣ ҳадафи асосӣ набуда, балки воситаи расидан ба ташаккули нутқи босавод ва фарҳанги баланди сухан аст. Беҳтарин ва осонтарин роҳу усули дидактикӣ ва педагогии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон муносибати босалоҳият ба таълим аст. Дастурҳои забономӯзӣ ва маводди китобҳои дарсӣ барои татбиқи принсипҳои мазкур ёрӣ мерасонанд ва аҳаммият додан ба мазмуну муҳтавои ВПФ ва ба малакаву маҳорати дарсдиҳии омӯзгор марбут аст. Таълими фанни забони тоҷикӣ дар МТМУ бо омӯзиши грамматика маҳдуд гардида, асосан, маълумоти умумии назарӣ пешниҳод карда мешавад. Шарту шароити татбиқи амалии он ба салоҳиятнокии муаллим ва хонанда алоқамандӣ дорад. Ба ақидаи устод М.Шакурӣ: «Огоҳии пурра аз маънову мавриди истеъмоли ҳар калима, аз аҳволи ҳар ҷузъи ҷумла як шарти фарҳанги сухан мебошад ва савияи баланди онро таъмин мекунад. Фақат таҳлили ҳамаҷонибаю доимии гуфтугӯйи муқаррарӣ ва навиштаҳо, таҳлиле, ки бо назари таърихӣ бунёди халқии забони адабӣ ва меъёри классикии онро ошкор карда, ба тамоюлоти нави инкишофи забон баҳои дуруст медиҳад, моро ба савияи баланди фарҳанги сухан бардошта метавонад» [183, 392]. Дар ҳақиқат, заминаи аввалини такмили фарҳанги сухан огоҳии комил аз тобишҳои маъноии вожаву ибора ва дарки амиқи вазифаи ҳар як ҷузъи ҷумла мебошад, ки маҳз ҳамин омил савияи баланди нутқро таъмин месозад. Аммо барои расидан ба ин сатҳ танҳо донистани маънои луғавии калимаҳо кифоя нест, ин раванд таҳлили ҳамешагӣ ва ҳамаҷонибаи нутқи шифоҳӣ ва корҳои хаттиро тақозо дорад. Таҳлил бояд бунёди баҳси забони адабӣ ва меъёрҳои классикиву сунатии онро

ошкор ва ба тамоюлҳои наву муосири инкишофи забон дар ҷомеа баҳои дурусту воқеӣ дода тавонад. Ҳамин тариқ, маҳсули пайванди устувори классикии забон, унсурҳои халқӣ ва дарки дурусти равандҳои нави забоншиносӣ тавассути таҳқиқу таҳлили доимӣ метавонад хонандаро ба такмили маҳорати суханварӣ расонад. Тавсияҳои зерин барои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва нутқи адабии насли наврас пешниҳод шудааст: «Бисёр мутолиа кунед ва зиёд китоб хонед. Бо мутолиа маҳорати кашфу дарёфти мафҳумҳои баландро соҳиб мешавед ва ганҷинаи вожагонатон ғанитар мегардад. Корбурди вожаҳо ва ҷойгоҳи ҳар кадомро дарёбед, дар интихоби вожаҳо иштибоҳ накунед ва мақому масрафи ҳар калимаро биёмӯзед» [146,128]. Муаллиф аҳаммияти китобхониро таъкид карда, онро калиди асосии рушди фикрӣ медонад. Ба андешаи ӯ, мутолиаи зиёд ва пайваста имкон медиҳад, ки хонанда на танҳо ба вусъати фикрӣ даст ёбад, маҳорати кашфу дарки мафҳуму истилоҳоти илмиву фалсафиро пайдо кунад, балки ганҷинаи вожагон ва захираи луғавии худро низ ба таври назаррас ғановат бахшад. Аммо ҳадафи мутолиа танҳо гирдоварии калимаҳои нав нест, балки омӯхтани маҳорати корбасти дурусти онҳост. Инсон бояд тавассути хондани асарҳои хуб ҷойгоҳ, мақом, тобишҳои маъноӣ ва корбурди ҳар калимаро дар таркиби ҷумла дарёбад.

Аммо ба мушоҳида мерасад, ки дар баъзе китобҳои дарсӣ принсипи омӯзиши гармматика дар асоси матни адабӣ риоя нагаштааст. Масалан, барои таълими фасли «Фразеологизмҳо» ба хонандагони синфи 7-ум дар китоби «Забони тоҷикӣ» (соли нашр 2023) ҳамагӣ 27 машқ (машқҳои 131 то 157) пешниҳод гашта, кор бо матн танҳо 44% (12 машқ)-ро ташкил медиҳад [26, 97-105]. Ҳол он ки китоби замони муосир бояд бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим интишор ёфта, матн ҳамчун заминаи ташаккули малака хизмат кунад. Агар матну супоришҳои амалии китобҳои дарсӣ бо ҳаёти имрӯза пайванд дошта бошанд, шавқи забономӯзии муҳассилин меафзояд.

**2. Мутолиа ва идроки осори манзуму мансур**, ки дорои ҳам маъниҳои баланд ва ҳам тарзи баёни дуруст мебошанд, аз роҳҳои самараноки ташкили

раванди таълим дар МТМУ маҳсуб меёбад. Тавассути ҳамгироии дарсҳои ЗАТ ва омӯзиши грамматика аз рӯйи намунаҳои оливу барҷаста хонандагон фасоҳати сухан ва баёни фикри зеборо ёд мегиранд: «Натиҷаҳои ҳамгироии таълим дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон зоҳир мешавад. Ҳамгироии фанҳо ба он мусоидат мекунад, ки фаъолияти таълимию маърифатӣ бонизом, муътадил ва мукаммал сурат гирад ва хонанда асосҳои фарҳанг, фарҳанги забон, ахлоқ, таърих ва фалсафаро аз худ намояд» [187, 443].

Муаллиф таъкид месозад, ки ҷорӣ намудани усули ҳамгироии фанҳо дар низоми маориф зарурати замон буда, барои ҳалли вазифаҳои мураккабе, ки имрӯз дар назди мактаб ва ҷомеа гузошта шудаанд, заминаи мусоид фароҳам меорад. Ин равиши таълим имкон медиҳад, ки донишҳо ба таври умумӣ ва алоқамандона омӯзонида шаванд. Натиҷаи он дар инкишофи тафаккури эҷодӣ, мустақил ва интиқодии хонандагон зоҳир мегардад. Гузашта аз ин, ҳамгироии фанҳо сохтор ва назму низоми таълимро такмил дода, фаъолияти маърифатии хонандагонро таъмин месозад. На танҳо дониши илмӣ медиҳад, балки кумак мекунад, ки асосҳои бунёдии фарҳанги нутқ, ахлоқ, таърих ва арзишҳои миллиро чун маҷмуи ягонаи салоҳияти маърифатӣ дастрас гардонад, то ки шахсияти соҳибмаърифату таҳаммулпазир дар ҷомеа ба воя расад. Ғайр аз мутолиа, инчунин таваҷҷуҳ ба ВПФ, ба хотир гирифтан ва ҳифзи онҳо захираи луғавии хонандагонро ғановат бахшида, ҳофизаашонро мустаҳкам мегардонад. Он воситаи беҳтарини роҳ ёфтан ба хазинаи маърифат ва фарҳангу маънавият маҳсуб меёбад. Педагогикаи ватанӣ мақоми ВПФ-и тоҷикиро дар ташаккули нутқ ва фарҳанги гуфтор муҳим медонад, зеро дар зарбулмасалу мақолҳои ҳикматомез маънои рӯйдодҳои зиндагӣ, таҷрибаи чандин насли мардумони гузашта ва ҳақиқати ҳаёт хулосаву ҷамъбаст гардида, моҳияти замону ҳодисаҳо ба сурати бадеъ ба ҷилва омадааст. Ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ дар заминаи омӯзиши ВПФ тасаввури онҳоро бобати дарки ҳикмат тақвият мебахшад ва ҳусни баёнро ба забони адабии меъёр наздик бурда, ба дарки маъноҳои маҷозӣ ва ташбеҳу истиораҳо мусоидат менамояд. Он тавассути дар таълим мавқеи хосса пайдо кардани осори адибони классикӣ, аз

рӯйи намунаҳои беҳтарин ба роҳ мондани омӯзиши забони модарӣ муяссар мегардад. Ҳанӯз аз синфҳои поён кор бо шинохти маънои маҷозии вожаҳо, воситаҳои образноки забон тарҳи амалӣ бояд дошта бошад. Танҳо тавассути шарҳи маънову мазмун бачагон бо тобишҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ ошно мешаванд, таъсирбахшию зебоии ифодаҳоро эҳсос мекунанд, меҳри забономӯзиашон зиёд гашта, кӯшиши бардошти маънову мазмунҳои баланд аз матн шакл мегирад. Ин масъала яке аз унсурҳои консепсияи омӯзиши забони тоҷикӣ дар МТМУ мебошад: «Фаҳмидани маънии маводди шунида ё хонда, риояи меъёрҳои навишт, рушди маданияти сухангӯйӣ; ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандустӣ ва ифтихори миллӣ, шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ; тадриҷан инкишоф ёфтани мафкураи аҷдодию миллӣ: «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» маҳсуб меёбад» [4, 14].

Рушди ҳамаҷонибаи инсон ва ташаккули шахсияти соҳибмаърифат дар марҳалаи аввал соҳиб гаштан ба маҳоратҳои бунёдии забон, аз қабили фаҳмидани маънии амиқи маводди шунида ва хонда, риояи қатъии қоидаҳои имло, меъёрҳои навишт ва баланд бардоштани маданияти сухангӯйиро дар бар мегирад. Аммо ин ҷанбаҳои забонӣ танҳо заминае мебошанд барои расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ. Тавассути ин маҳоратҳо, раванди ташаккули шахсият, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, таҳкими ҳисси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва шиносоӣ бо арзишҳои умумибашарӣ сурат мегирад. Муҳаққиқони лингводидактикаи муосир М. Лутфуллозода [85; 260], Ф. Шарифзода [187; 310; 311; 371], Б. Камолиддинов [67; 68], С. Аминов [24; 25; 26; 318], С.Неъматов [123; 124; 125; 126], С. Шербоев [190], С.Ҳоҷиев [178], Ш. Исмоилов [63], В.В. Виноградов [43], Б. Н. Головин [47], Г.О. Винокур [44], Л.С. Виготский [45], В.Я. Коровина [199], В.Г. Швирина [312; 313], Т. П. Чепкова [208; 309; 370] ва дигарон чунин мешуморанд, ки ТФН тавассути татбиқи салоҳияти иртиботӣ муяссар мегардад. Хонанда танҳо дар заминаи дарку таҳлил намудан ва фикри худро дуруст баён карда тавонистан ба рушди малакаи гуфтор ва фарҳанги нутқ ноил мешавад. Ташаккули ин маҳорат кори хеле тулонӣ ва мураккабест, ки бо

хондан, идроки мазмун, нақл ва таваҷҷуҳ ба ВПФ алоқаманд аст. Машқу супоришотро бо дигаргун кардани сохтори ҷумла, услуби баён (гунаи хешро пешниҳод кардан), фаҳмидан ва ислоҳи хатоҳои содиркарда иҷро намудан лозим аст. Илми педагогикаи муосир дар робита ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ тамоюли маърифатӣ ва ахлоқӣ-маънавиро пеш гирифтааст. Сухан оид ба фарҳанги нутқи хонанда ҳамчун ҷузъи пайваста ва ҷудонашавандаи фарҳанги умумии шахсияти ӯ меравад. Олимон омӯзиши забонро ҳамчун воситаи боэътимоди тарбияи насли наврас маънидод кардаанд ва аз ин ҷо грамматика на танҳо категорияи лингвистӣ, балки тарбиявӣ низ маҳсуб ёфта, дар ташаккули шахсияти бомаърифат, соҳибфикру соҳибсухан саҳми арзанда мегузорад.

М.Шакурӣ дарсхонии замони куҳанро ба ёд оварда, ишораҳои аҷиб дар бобати андешаҳои боло ба маърази диққат гузоштааст: «Дарсхондагони куҳнасавод дуруст ва зебо гап мезананд. Медонем, ки дар мактабу мадрасаи пеш аз инқилоб грамматикаи забони форсӣ дарс намедоданд. Хонандагон ва муллобачагон грамматика нахонда забон ёд мегирифтанд, аз ҳусни сухан ва маданияти калом баҳра мебурданд» [184, 83]. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи таърихии маориф ва фарҳанги халқи тоҷик дар он даврон ба воқеияти инкорнопазир ишора мекунад, ки дастпарварони мактабу мадрасаҳои пеш аз инқилоб бо вуҷуди он ки фанне бо номи «Грамматикаи забони форсӣ»-ро ба таври назариявӣ намехонданд, аммо дуруст, равон ва зебо сухан мегуфтанд. Ин амр собит месозад, ки забондонӣ ва соҳиб шудан ба маданияти калом вобастагии мустақим ба таълими грамматика надорад, балки аз мутолиаи зиёди асарҳои классикӣ, азёди ашъори бузургон, гӯш кардани суҳбати пирони хирад ва коркарди ҳамешагӣ бо матнҳои гаронбаҳо сарчашма мегирад. Ин таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки роҳи асосии ба даст овардани ҳусни сухан на ҳифзи қоидаҳои назарӣ, балки дарк ва эҳсоси табиии зебоии забони тоҷикӣ мебошад. Ҳадафи М.Шакурӣ аз тавсияи хондан ва тафсири порчаҳо аз «Гулистон» ва «Бустон»-и Саъдӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ, девони Ҳофизу Бедил аз он иборат аст, ки ин асарҳо дар таълимоти асримиёнагӣ «барои

инкишофи маънавии шахс таҳкурсии мустаҳкаме месохт. Кӯдак ҳарчанд маънои осори он бузургонро чандон намефаҳмид, аммо маъниҳои олӣ ва ҳусни баёни онҳоро минбаъд барои худ кашф менамуд ва маънавияти худро ғано мебахшид» [184, 85]. Бино ба таъкиди муаллиф, усули суннатии таълим, яъне азёд кардан ва хондани асарҳои бузургони адабиёт аз овони наврасӣ фарҳангу маънавиёти шахсро инкишоф медиҳад. Ҳарчанд хонанда дар марҳалаи аввал аз сабаби хурдии синну сол ё мураккабии матн маънои амиқи ВПФ-ро пурра дарк карда наметавонад, аммо оҳанг ва сохтори наҳвии сухан дар зеҳни ӯ нақш мебандад. Ин дониши андухта сармояи маънавӣ мегардад ва тадриҷан маъниҳои олӣ ва ҳусни баёни каломи бузургон идрок ва диди амиқи инсонгароӣ ва ахлоқи накуро парвариш медиҳад.

Бешак, осори гаронбаҳои ниёкон асоси маданияти ҷомеа, тафаккур ва забономӯзиро ташкил медиҳад. Усули таълим тавассути матн барои баланд бардоштани маънавияту худшиносии миллӣ ва дар зеҳн ҷо гирифтани ҳусни сухани олӣ имкон фароҳам меорад: «Панду андарз, ҳикмат, зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои рехта ба ҳайси мероси фарҳангии куҳани мардумони форсизабон дар шакли муҷазу муҷаз ифода ёфта, мафҳуми бузургеро мерасонанд. Ошноӣ бо ин  ҳунари сухангӯйӣ ва ошноӣ бо тарзи баёни ниёкон ва аҷдоди мост ва бозтобест аз маънавиёти мардумӣ, ки ҷавҳари маънавӣ ва тафаккури мардумро дар пайванд ба зиндагӣ ва ҷомеа бозгӯй менамояд» [146, 87]. Пажуҳишгар хонандаро ба мутолиаи устувору пайвастаи осори гаронбаҳои классикӣ, анвои гуногуни матнҳои насриву шеърӣ, илмӣ, фалсафӣ, таърихиву сиёсӣ ва ҳикоятҳо даъват намуда, азёд кардани ВПФ-ро зарур мешуморад. ВП мероси фарҳангии куҳани мардуми форсизабон эътироф мешаванд, ки бо шакли муҷазу муҷаз маъноҳои бузургу амиқеро дар бар мегиранд. Ошноӣ ва унс бо ин ганҷинаи бебаҳо, дар асл, ошноӣ бо ҳунари волои сухангӯйӣ ва тарзи баён мебошад. ВПФ бозтоби зиндаи маънавиёти халқ буда, ҷавҳари фикрӣ, фалсафаи ҳаёт ва тафаккури амиқи мардумро дар пайванд бо рӯзгор ва сохти ҷомеа ба намоиш мегузоранд. Аз ин рӯй, мутолиаи асарҳои бадеӣ ва таваҷҷуҳ

ба ВПФ на танҳо инсонро соҳиби нутқи шевову санҷида мегардонад, балки ӯро ба решаҳои тамаддуни миллӣ пайваст ва маънавиёташро сайқал медиҳанд.

**3. Маводди таълим ва ташаккули фарҳанги нутқ.** Забон ва тафаккур ба ҳам робитаи қавӣ доранд, дар ҷараёни таҳсил дар МТМУ тафаккури хонанда дар асоси маводди забономӯзӣ тадриҷан инкишоф ёфта, фикр кардан ва баёни мураттаби андешаро меомӯзад. Теъдоди зиёди матнҳоеро аз китобҳои дарсӣ намуна овардан мумкин аст, ки бо мазмуни гуногун ва аз ҷиҳати риояи меъёрҳои умумии забони адабӣ саҳеҳу дуруст, вале чандон дархури матлаб нестанд. Барои он ки хонандагон ҷолибу таъсирбахш сухан гуфтанро аз худ кунанд, намунаҳои беҳтарин бояд аз осори адибон таҳлилу баррасӣ намуд, то ки маҳорати корбасти ВПФ ва ифодаҳои хушояндро дар муошират аз бар кунанд. ВПФ ҳамчун воситаи хубу беҳтарини суханварӣ ба инкишофи қобилияти фикрӣ, зарфияти завқу ҳисси зебопарастӣ, маърифатнокӣ, ахлоқи шоиста, маънавияти баланд ва шахсияти хонандагон нақши муассир мегузоранд.

Суханҳои ҳикматнок, зарбулмасалу мақол, воҳидҳои рехта ва панду андарзҳо такмили гуфторро таъмин мекунанд. Аз ин дидгоҳ, вазифаи МТМУ на танҳо таълим, балки воситаи боэътимоди тарбияи фазилату сифатҳои баргузидаи инсонӣ мебошад. Дар замони муосир ҳосили дониш ва иттилооти фаровон бо роҳҳои гуногун сурат мегирад ва маълумот ба насли наврас бо назардошти риояи принсипҳои дидактикӣ бояд пешниҳод карда шавад. Аз ин лиҳоз, ду вазифаи асосӣ назди омӯзгорони МТМУ қарор дорад: аввалан, омӯзиши фанни таълим ва ноил шудани хонандагон ба донишҳои замони муосир; сониян, омода намудани таҳкурсии ахлоқӣ-маънавӣ ва иҷтимоишавии шогирдон. Пайванди наслҳо, иртиботи фарҳангиву забонӣ, меросбарии маънавӣ аз муҳимтарин сифатҳои хонандаи замони муосир аст. Маънавияти насли наврас бо фарорасии истиқлоли миллӣ бо худшиносӣ ва анъанаҳои ниёкон пайванд гирифта, бештар имкон фароҳам меояд, ки эҳтирому арҷгузорӣ ба забон ва ҳувияти фарҳангӣ тақвият ёбад. Омӯзиши адабиёти классикӣ пойдевори асосии зеҳниро барои тамоми соҳаҳои илм устувор мекунад:

«Саводомӯзӣ дар кӯдакистону мактабҳо бояд дар асоси матни асили классикӣ ташкил бишавад, кӯдакон аз аввал агар шеър бисёр аз бар бикунанд, ҳофизаашон бақувват мешавад, шеърро зуд ва беазоб азёд мекунанд ва солҳо азёд намебароранд ва як умр кам-кам аз маънохои баланди он баҳра мебардоранд ва ҳофизаи қавии онҳо барои зуд аз худ кардани дигар илмҳо – ҳандаса, ҷабр, кимиё ва ғайра, формулаҳои ин илмҳо кумак хоҳад кард» [182, 334]. Пажуҳишгар бар ин андеша аст, ки ҷараёни саводомӯзӣ аз хурдӣ, аз оғози роҳи таълим бояд ҳатман дар заминаи матнҳои асили адабиёти классикӣ роҳандозӣ шавад. Манфиати ин кор танҳо бо забономӯзӣ маҳдуд намешавад, балки ҳофизаи қавӣ ва устуворе, ки дар натиҷаи азёди шеърҳо ташаккул ёфтааст, ҳамчун воситаи пуриқтидори зеҳнӣ хизмат мекунад. Ин ҳофизаи омодашуда минбаъд кумак мерасонад, ки мафҳумҳои душвори илмҳои дақиқ зуд ва осон аз худ карда шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи фанни ЗАТ ва омӯзиши мероси гаронбаҳои адабиёти классикиро дар густардагии донишу маърифатнокӣ ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии наврасону ҷавонон хеле баланд медонанд. Пайваста таъкид менамоянд, ки дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ таълими забони адабӣ бояд аз рӯйи беҳтарин матнҳои суханварони номвар ба роҳ монда шавад. Сатҳи маънавияти ҷомеа мустақиман ба мазмуну муҳтавои матни китобҳои дарсӣ иртибот дорад, ки кадом ғояҳо ба насли наврас манзур мешаванд: «Бояд дар китобҳои дарсӣ фақат намунаҳое аз осори пур аз маъниҳои баланд, мӯйшикофиҳои файласуфонаю ҳакимонаи ниёгон баргузида шаванд, ки тавассути онҳо хонандагон тавонанд ба дунёи афкору андешаҳои баланди башардӯстона ва одобу ахлоқи сутуда роҳ ёбанд ва дунёи маънавии худро ғанӣ гардонанд» [147, 55]. Интихоби матнҳои пурқимат ба он хотир зарур аст, ки китоби дарсӣ ҳамчун раҳнамои маънавӣ хизмат мекунад. Тавассути ин шоҳкорҳои адабӣ хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки ба дунёи пурасрори афкори башардӯстона ворид шаванд ва дар замири худ сифатҳои олии инсониро парвариш диҳанд. Машқу тамрини ҳунари суханварӣ бо роҳу усули муосир

барои тақвияти хотира ва неруи ҳофиза ниҳоят муҳим аст. Майлу хоҳиши муҳассилинро ба иҷрои ин кор бо тарғибу ташвиқ ба мутолиаи асарҳои бадеӣ, азёди ашъори баргузида ва таваҷҷуҳ ба ВПФ-и пурҳикмат метавон афзуд. Ҳифзи ифодаҳои хушоянду дилнишин аз он ҷиҳат судманд аст, ки корбасти онҳо дар мавридҳои муносиб дар ифодаи фикр боиси камолу ҷамоли калом мегардад.

**4.Бартараф кардани нуқсонҳо.** Риояи меъёрҳои забони адабӣ ва ҳифзи покизагии он аз вазифаҳои асосии ТФН мебошад ва масъалаи муҳимми умумидавлатист, зеро забони адабӣ тамоми миллатро муттаҳид менамояд. Муҳаққиқон дурӣ ҷустан аз истеъмоли унсурҳои шевагӣ, вулгаризм ва жаргонҳоро роҳи беҳтарини баланд бардоштани фарҳанги нутқи хонандагон шуморидаанд: «Мушкилие, ки дар сари роҳи омӯзиши забони адабӣ қарор дорад, ин фарқи боризи сохтори забони адабӣ аз қолаби забони шифоҳӣ аст. Аз ин рӯй, то ин ду масъала ҳалли худро наёбанд, яъне агар мо услуби роиҷи таълими забонро куллан дигар карда, ба усули амалии фаро гирифтани забон нагузарем, ба ҳеҷ пешрафте дар ин замина ноил намегардем» [146, 120]. Мушкилии асосии самарабахши забони адабӣ дар тафовути ҷиддӣ ва сохтори он аз қолабҳои забони шифоҳӣ зоҳир мегардад. Азбаски хонандагон дар муҳити хонавода бо забони шифоҳӣ муошират мекунанд, ифодаи фикр бо сохтори мураккаб ва расмии забони адабӣ барои онҳо мушкилӣ эҷод мекунад. Барои ҳалли ин муаммо дигаргунии куллӣ дар усули анъанавии таълим зарур аст. Таъкид мешавад, ки агар мо аз усули назариявии қоидамеҳвар даст накашем ва ба усули амалии фаро гирифтани забон, яъне бештар суҳбат кардан, таҳияи матн ва истифодаи ВПФ кӯшиш накунем, ба рушди нутқ ва саводнокии адабии насли наврас ба ҳеҷ гуна пешрафт ноил шуда наметавонем.

Хонандагон бо омӯзиши забон хатову ғалатҳои маъмули гуфтор ва навишторро бояд шиносанд ва аз истеъмоли онҳо парҳез кунанд. Зарур аст, ки насли наврас аз тамоми хатару зарарҳои вожаву таъбирҳои душвормаъно огоҳ шаванд ва дурӣ ҷуянд. Ин кори тамоми ҷомеа аст. Ҳар толибилме, ки аз забони худ ифтихор дорад, бояд фаъолона зидди таъбирҳои беҷову бемантиқ мубориза

барад, нутқи хеш ва дӯстону рафиқонро ислоҳ намояд. Муҳаққиқон истеъмоли жаргонҳоро дар ҷомеа зишту қабеҳ маънидод кардаанд: «Жаргон чунин тарзи суханест, ки тайи солҳо бетараҳҳум интиқом меситонад. Ҷавонон бо камолёбӣ наметавонанд бо жаргонҳои маъмулӣ муомила намоянд, он дар муҳити атроф роҳ намеёбад. Агар ҷавонписар ва ё духтар дар марҳалаи бавоярасӣ соҳиби нутқи адабӣ нагардад, пас дар муоширaт муқайяди тарзи гуфтори худ шуда (бо хиҷолат аз жаргонҳои нобаҷойи худ) ва ногузир дар доми таъбирҳои тайёри худ боқӣ мемонад» [157, 116]. Ҷавонон ҳангоми камолёбӣ ва ворид шудан ба марҳалаҳои ҷиддии зиндагӣ бояд ба суханронии дуруст дар муҳити солим ва ҷомеаи бомаърифат кӯшиш намоянд. Агар аз давраи наврасӣ соҳиби нутқи адабӣ ва равон нагарданд, дар оянда ҳангоми муоширaт ба мушкилии зиёд рӯбарӯй мешаванд.

5. **Кор бо луғат.** Ҳангоми кор бо фарҳангномаҳои тафсирии шоҳиддор талабагон, аз як тараф, бо гулчини асарҳои бузургон ва эҷодиёти халқ ошно шаванд, аз тарафи дигар, ба калимаву ибораҳои зебову муассир дучор омада, бо забони адабӣ чӣ муносибат ва тафовут доштани онро мефаҳманд. Барои дуруст фаҳмидани мазмуни матн ба муаллим лозим меояд, ки хусусиятҳои муродифӣ, мутазоддӣ, ҳамгунагии калима ва таъбирҳои номафҳум, шакли адабии вожаҳои лаҳҷавиву шевагиро шарҳ диҳад. Дар китобҳои дарсии забони модарӣ (синфҳои I-IV) ва забони тоҷикии синфҳои V-XI, мутаассифона, матнҳо аз суханварони форсу тоҷик ниҳоят кам ба мушоҳида мерасанд. Пажуҳишгарон бинишу фаҳмиши матнҳои адабиро ба идрок ва корбасти вожаҳои серистеъмол ва ҳам камистеъмоли китобӣ марбут донистаанд. Дар забони гуфторӣ бе дарки маъно ва шинохти мавқеи истифода бисёр зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ мавриди истифода қарор мегирад. Дуруст мебуд, агар ин воҳидҳои забон, ки бозтобе аз зиндагии моддиву маънавии мардум буда, дар инкишофи нутқ ва пуробуранг намудани баёни афкору андеша хизмат мекунанд, бештар ба кор гирифта шаванд: «Талабагон ҳамаи луғатҳоеро, ки дар забони гуфтугӯйӣ серистеъмоланд, бояд аз худ карда, онҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода намоянд ва бо ҳамин захираи луғавии худро бой намуда,

забондониашонро инкишоф диҳанд» [158, 59]. Муаллиф ҷараёни инкишофи нутқ ва забондонии талабагонро ба ду самти асосии омӯзиши луғат ҷудо мекунад, ки ҳар кадоми онҳо дар сохтори таълим вазифаи хоси худро доранд. Хонандагон бояд калимаҳои серистеъмоли забони гуфтугӯйиро комилан аз худ кунанд ва маҳорати корбасти фаъоли онҳоро ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ ҳосил намоянд. Ҳамин гурӯҳи вожаҳо заминаи аввалини муоширати хубу матлубро ташкил дода, захираи луғавии онҳоро бой ва равон месозад. Калимаҳои камистеъмол (архаизмҳо, калимаҳои таърихӣ ва истилоҳоти куҳна) низ ҳарчанд дар нутқи ҳамарӯза фаъол нестанд, вале донистани онҳо барои хонандагон зарур аст. Муҳиммияти аз худ намудани ин гурӯҳи вожаҳо дар он зоҳир мегардад, ки барои дуруст фаҳмидан, таҳлил кардан ва дарк намудани ВПФ аз асарҳои адибон ва мероси классикии ниёгон зарур мебошанд. ТФН-и хонандагон танҳо дар ҳолати пайванди устувори луғати фаъол ва вожагони камистеъмол ба даст меояд.

**6. Фарҳанги нутқ ва дарси адабиёт.** Осори суханварони бузурги адабиёти форсу тоҷик аз нукоти баландмазмун фароҳам омада, мутолиаву ҳифзи онҳо зеҳну ҳофизаи хонандаро ғановат мебахшад. Дарси адабиёт аз муаллим маҳорату малака ва дониши баландро тақозо мекунад. Омӯзгори ин фан бояд бикӯшад, ки онро ҳамчун санъати сухан, ки асли адабиётомӯзӣ ҳам ҳаст, ба шогирдон таълим диҳад: «Аз осори Айнӣ ва нависандагони дигари мо ба забони адабии имрӯза бисёр калима ва ибораҳои рехтаи зарур даромадаанд, лекин хазинаи забони классикӣ, ба қавли Айнӣ, чунон пурганҷ аст, ки... адо шудан надорад ва боз чизҳои бисёре ҳаст, ки ҳар мутолиакунандаи бодиққат метавонад аз онҳо баҳра бурда, ёфтаҳояшро барои истифодаи умум ба майдон гузорад» [117, 46]. Муаллим дарси адабиётро чун дарси нақл не, балки ба сифати дарси таҳлил, кушодани муаммо ва зебоиҳои сухан баён намояд. Бештар ҳифз намудани ашъори бузургон ва ҳикояву порчаҳои насрӣ аз воситаҳои маъмули беҳтар гардонидани нутқу баён мебошад. Аз ин ҷо, зарурати хушоҳангии гуфтор, риояи меъёрҳои забони адабӣ равшан мегардад, яъне муаллим бояд ҳам ба мантиқу маънои сухан ва ҳам ба оҳанги гуфтор

аҳаммият диҳад. Бино ба ақидаи М.Лутфуллозода: «Ҳеҷ ягон фан мисли адабиёт дар роҳи ривоҷи маданияти сухани мактаббачаҳо ин қадар имконияту майдони васеъ надорад... Онҳоро (муаллифони китобҳои дарсӣ - С.Ш.) лозим аст, ки пеш аз ҳама, ба забон ва тарзи баён аҳаммият дода, китобҳои дарсии адабиётро аз ишкели баёни хушку холӣ ва таърихизм озод намуда, ба ҷиҳатҳои бадеию эстетикӣ, услуб ва ҳусни баёни нависанда диққат диҳанд» [260, 139].

Муаллиф бо қатъият собит месозад, ки дар миёни тамоми фанҳои таълимии мактабӣ, ҳеҷ як фан ба андозаи адабиёт барои рушди ФН-и мактаббачагон имкониятҳои васеъ ва заминаи созанда надорад. Адабиёт на танҳо фанни таълимӣ, балки сарчашмаи асосии илҳом ва қолаби суханварии насли наврас аст. Аз ин рӯй, вазифа ва талаби ҷиддӣ дар назди муаллифони китобҳои дарсии адабиёт мегузорад ва таъкид мекунад, ки бояд, пеш аз ҳама, забон ва тарзи баёни матнҳои таълимиро меҳвари кори худ қарор диҳанд. Танҳо дар ҳолати дарки зебоӣ ва сеҳри каломи адиб китоби дарсӣ метавонад завқи бадеии хонандаро афзояд ва ҳунари сухандонию суханвариро омӯзад.

7. **Мавқеи ҳусни баёни муаллим дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон.** Сухани омӯзгор ҳар қадар ки бомаъниву таъсирбахш, ҳолат ва ҳаракатҳояш табииву самимӣ бошад, ҳамон қадар хонанда бо шавқу ҳавас гӯш карда, мақсадашро дуруст дарк менамояд. Барои ин муаллимро маҳорату малакаи мумтоз мебояд, яъне ҳусни баёни омӯзгор аз муҳимтарин унсурҳои таълим ва тарбияи ФН-и хонандагон маҳсуб меёбад. Маниёзов А. ба ин масъала дахл карда, чунин шарҳ додааст: «Сабақи муаллим дар касби ин соҳаи (фарҳанги нутқ - С.Ш.) муҳимтарини маданияти инсонӣ, ба дурустӣ донистани сухан, ба қадри кофӣ андухтани он ва эҳсос намудани нафосату фасоҳати вай мақоми асосӣ дорад. Бинобар ин, ҳар як ҳаракат, оҳанги гуфтор, тарзи талаффуз, ҳатто ваҷоҳат ва қиёфаи ӯ ҳангоми суханронӣ аҳаммият пайдо карда, ба шогирдонаш бетаъсир намемонад» [261, 7]. Набояд муаллим фаромӯш кунад, ки агар бо забони лаҳҷаву шева дарс гуяд, меъёрҳои забони адабиро риоя накунад, хонандагон ба ӯ тақлид мекунанд. Омӯзгори фанни забон ва адабиётро зарур аст, ки дар тарбияи шогирдон бо донишмандию ширингуфторӣ ва

зарофат дар муошират таъсиргузор бошад. Маҳз ҳусни баёни омӯзгор барои рушду такомули тафаккури маънавӣ, густариши эҳсоси сухандонию суханварӣ ва, дар маҷмуъ, ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии миллии хонандагон мусоидат мекунад. Агар омӯзгорон бо забони адабиву саҳеҳ дарс гуянд ва шогирдонро водор намоянд, ки ба забони адабӣ суханронӣ кунанд, албатта, дар кори таълиму тарбия муваффақ хоҳанд шуд. Зеро хонанда маҳз дар мактаб қонуну қоидаҳои забон ва меъёри талаффузи адабиро меомӯзад. Аз ин рӯй, ҳар як омӯзгор новобаста аз тахассус набояд ҳангоми таълим бо шева ҳарф занад ва калимаҳоро нодуруст талаффуз намояд. Ӯ ба барои шогирдон дар хушсуханӣ ва адабгуфторӣ намунаи ибрат бошад, дар ин самт ба бемасъулиятӣ роҳ надиҳад, зеро ба қавли Ҳаким Саноӣ:

«*Ҳар чи устод барнабишту биронд,*

*Тифл дар мактаб он тавонад хонд*» [378, 94].

М.Лутфуллозода низ масъалаи мазкурро ба риштаи баҳс кашида, масъулияти омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷикро дар ин маврид бештар донистааст: «Вақте ки сухан дар бораи маданияти сухан меравад, боз як омили дигар пеши назар меояд. Ин омили тавоно забон ва тарзи гуфтори коллективи педагогии мактаб, қабл аз ҳама, нутқи муаллимони синфҳои ибтидоӣ, муаллимони забону адабиёт мебошад» [260, 139]. Омӯзгоронро зарур аст, ки аз омилҳои ташаккули нутқ, воситаҳои таъсиррасонӣ ба зеҳн, фасоҳату балоғати калом, риояи қоидаҳои сарфу наҳв, усулҳои ғановат ва сайқал додани маҳорати сухангӯйӣ ба хубӣ огоҳ бошанд. Доманаи санъати гуфтор ва ҳикмати он хеле васеъ буда, муаллим танҳо бо сифатҳои шахсиаш моҳияти онро намоиш дода, метавонад хонандагонро бо он тасхир созад. Мазмуну муҳтавои дарс ва афкору ақоиди дар осори адабӣ ифодашударо амалан ба воситаи оҳанги гуфтор, ҳолати чеҳра, ҳаракатҳои даст, нигоҳ ва ишораҳои худ ба назари хонанда ҷилвагар намояд.

Умуман, масъалаи ТФН-и хонандагонро муҳаққиқон муфассал мавриди баррасӣ қарор додаанд ва ҷавҳари андешаҳои онҳоро роҳҳои судманди ташаккули салоҳияти иртиботӣ, баёни равшану муассири фикр, ошноии амиқ

бо арзишҳои маънавӣ ташкил медиҳад. Ба омӯзиши қонуну меъёрҳои забон маҳдуд нагашта, тарзи дурусти ифода, зебову писандида ва ба таври муассир баён намудани фикр бояд омӯзонида шавад. Муҳимтарин унсури баланд бардоштани фарҳанги сухан аз худ намудани меъёрҳои забони адабӣ ва мутолиаи осори барҷастаи шоиру нависандагони форсу тоҷик аст. Доир ба масъалаи ташаккули ФН-и хонандагон, таълими забон дар МТМУ ва тарбияи завқу салиқаи сухандониву суханронӣ таваҷҷуҳ намуда, як силсила тадбирҳо бо мақсади инкишофи ин соҳаи дониш ва маърифати инсон пешниҳод гаштаанд. Тақозо мегардад, ки таълими ЗАТ сифатан беҳтар ва беш аз пеш такмил дода шавад.

Ташаккули фарҳанги нутқ танҳо дурусту бехато ифода намудани фикр набуда, балки салоҳияти корбасти воҳидҳои забонро дар мавриду мавқеъҳои гуногун фаро мегирад. ФН қисми таркибии фарҳанги умумии инсон маҳсуб ёфта, ба қобилияти муоширати озод алоқаманд аст, ки барои иртиботи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва рушди шахсият муҳим мебошад. Дар сарчашмаҳои илмиву дастурӣ муҳаққиқон масъалаи ТФН-и хонандагонро ҳамчун як падидаи мураккаб ва бисёрҷабҳа аз назари забоншиносӣ, равоншиносӣ ва педагогика тавзеҳ додаанд. Фарҳанги нутқи хонандагон ҳамчун маҷмуи малака ва донишҳое тавсиф мешавад, ки барои муоширати муассиру самарабахш дар шароити гуногун мавқеи назаррас дорад. Ин мафҳум на танҳо аз риояи меъёрҳои забон, балки аз қобилияти интихоби дурусти воҳидҳои луғавӣ ва грамматикӣ, риояи одоби муошират ва нигоҳ доштани яклухтии матн иборат аст.

Аз таҳлили таҳқиқоти дар ин фасл анҷомёфта бармеояд, ки ТФН-и хонандагон таҳти таъсири чанд омил ба амал меояд: муҳити мактабу оила, аз ҷумла, омӯзгорон, хонандагон, ҳамсабақон, дурустгуфторӣ дар раванди дарсҳо ва муҳити иҷтимоии берун аз мактаб. Дар сарчашмаҳои илмӣ мушкилоти асосии ТФН-и хонандагон – истифодаи вожаҳои ғайриадабӣ (шевагӣ, лаҳҷавӣ), сохтори нодурусти грамматикӣ, душворӣ дар ифодаи фикр ва беэътиноӣ ба риояи қоидаҳои муошират зикр шудаанд. Ин мушкилот бо сабабҳои гуногун, аз

ҷумла, паст будани сатҳи дониши забонӣ ва таъсири муҳити атроф ба вуҷуд меоянд. Мазмуну муҳтавои дастурҳои методӣ, барномаи таълим ва маводди дидактикӣ ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон нигаронида шуда, ин сарчашмаҳо иҷрои машқу супоришҳои мушаххасро тақозо доранд, ки ба омӯзгорон дар ҳалли мушкилоти зикршуда кумак расонанд. Ҳадафи таҳияи дастурҳо такмили маҳорати нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон мебошад. Онҳо имкон медиҳанд, ки дониши назариявӣ дар амал ба кор бурда шавад. Муносибати босалоҳият ба таълим, корбасти усули фаъол, ташкили вазъияти муаммовӣ, мубоҳиса, тағйири матн, навиштани корҳои хаттӣ: иншо, нақли хаттӣ, эссе, таҳияи лоиҳа ва таҳлили матнҳо ба рушди салоҳияти адабӣ, эҷодӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии муҳассилин мусоидат мекунад. Олимон ба нақши муаллим ва малакаи суханронии ӯ ҳамчун раҳнамо ва намунаи ибрат дар ТФН-и хонандагон ишора мекунанд. Муаллим бояд на танҳо донишро интиқол диҳад, балки қобилияти дуруст ва возеҳ сухан гуфтанро дар хонандагон тарбия кунад. Сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ якдигарро пурра ва асосҳои назариявиро барои фаҳмидани мушкилот ва омилҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод мекунанд. Дастурҳои таълим усули амалии ҳалли ин мушкилотро дар ҷараёни таълим тавсия медиҳанд. Умуман, такмили фарҳанги нутқи хонандагон ҳамчун раванди доимӣ дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст.

### 1.4. Забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон

Забони адабӣ рукни асосии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ маҳсуб меёбад ва он намунаи олии гуфтор ва нутқи пурмаънову таъсирбахш буда, дар рушди салоҳияти забономӯзӣ, муоширaт ва муносибати субъектҳои таҳсил шароити мусоид фароҳам меорад. Ташаккули маданияти нутқи хонандагонро бидуни талаффузи дуруст, омӯзиши амиқи грамматикаи забон, ғановати таркиби луғавӣ ва услуби баён тасаввур кардан имконнопазир аст. Риояи меъёрҳои забони адабӣ боиси рушди салоҳияти иртиботии

хонандагон мегардад, имкон медиҳад, ки бо атрофиёну ҳамсуҳбатон ба таври озоду мураттаб муошират кунанд, забонро чун воситаи баёни фикр ва андешаҳои хеш дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ истифода баранд.

Боиси зикр аст, ки мактаб ба хонандагон барои ташаккули фарҳанги нутқ ва гуфтори пурмаъно дар қолаби меъёрҳои забони адабӣ имкон фароҳам меорад. Дар МТМУ забон чун воситаи асосии муошират дар пайвастагӣ бо рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ омӯхта мешавад. Ҳар дигаргуние ки дар ҷомеа рух медиҳад, бевосита дар забон акси хешро меёбад. Тағйиру пешрафти забон пайваста ба дигаргуниҳои ҷомеа, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он ба амал меояд, таҳқиқ ва баррасӣ мешавад. Ба хонандагон манзур намудани иттилооти зарурӣ доир ба забони адабии тоҷик, ки бо сохти грамматикӣ ва таркиби луғавии худ дар байни забонҳои дигари гурӯҳи эронӣ аз забонҳои бой ва қадим ба шумор меравад, таваҷҷуҳашонро ба омӯзиш ва шинохти мавқеи забони тоҷикӣ афзун мегардонад. Қайд карда мешавад, ки ҳанӯз дар асрҳои IX-X забони тоҷикӣ ташаккул ёфта, бо ҳусну фасоҳати худ шуҳрат пайдо карда буд. Забони адабии тоҷикиро ҳанӯз дар давраи Сомониён ва даврони минбаъд устодони сухан - Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Хайём суфтаву сайқал додаанд ва бо ин забон асарҳои безаволи худро рӯйи коғаз овардаанд. Забон чун узви ҷудонашавандаи ҷомеа ҳамаи соҳаҳои ҳаётро дар бар мегирад ва омӯзиши он ҳанӯз аз давраи хурдсолӣ дар муҳити хонавода оғоз меёбад. Дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ идома бахшида мешавад ва барои ҳар аъзои ҷомеаи соҳибмаърифат дар сатҳи матлуб донистани он на танҳо зарур, балки ҳатмӣ аст. Зеро дар ҳамаи коргоҳу муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ донишу маҳорати баландро талаб мекунад. Аз рӯйи забондонӣ муайян кардан мумкин аст, ки сатҳи донишу маърифати хонандагони мактаб дар кадом поя қарор дорад.

Аз нутқи фасеҳи шифоҳӣ, навишти пурмуҳтавои хаттӣ маданияти толибилмони муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногуни ҷомеа падидор мегардад. Риояи қоидаҳои имло аз унсурҳои аввалини меъёри забони адабӣ

маҳсуб мешавад. Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 боб ва 28 модда иборат аст. Дар моддаи 3-юми он омадааст: «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) аст» [11, 3]. Қонуни забон талаб менамояд, ки соҳибони забон дар гуфтору навишт меъёри забони адабиро риоя намоянд ва унсури аввалин риояи қоидаҳои имло, ба пуррагӣ донистан ва дар муошират дурусту саҳеҳ корбаст намудани воҳидҳои луғавӣ аст. Забони адабӣ воситаи алоқа ва муошırати намояндагони лаҳҷаҳои гуногуни як забон мебошад. Он шакли ривоҷёфта ва олии забони миллист, ки дар асоси забони умумихалқӣ ташаккул ёфтааст. Забони адабӣ аз тарафи устодони сухан сайқал ёфта ва ба меъёр даровардa шудааст. Бо он асарҳои илмию бадеӣ, китобҳои дарсиву дастурӣ таълиф, ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ таҳия карда мешаванд. Пайдоиши забони адабӣ ба пайдоиши хат вобаста аст ва истилоҳи «забони адабӣ» дар забоншиносии умумӣ ба маънои забони адабиёти бадеӣ низ фаҳмида мешавад. Дар адабиёти бадеӣ бо мақсади фардӣ кунонидани забони қаҳрамонҳо аз унсурҳои шева, жаргон ва калимаю ибораҳои иқтибосии камистеъмол истифода мебаранд, вале зимни баёни фикр бо забони адабӣ корбурди жаргон, вулгаризмҳо ва аносири шевагӣ ҷоиз нест.

Забони адабӣ шакли мукаммали забони умумихалқӣ ва дорои меъёри муайяни талаффузи вожаҳо, қоидаҳои сарфу наҳв, имло ва аломатҳои китобӣ аст. Муҳимтарин хусусияти забони адабӣ иборат аз он аст, ки дорои меъёрҳои устувор буда ва ин меъёрҳо ҳанӯз аз асрҳои IX-X то ба рӯзгори мо интиқол ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, осори суханварони пешин аз устод Рӯдакӣ сар карда то ба имрӯз ба ҳар тоҷикзабон дастрасу фаҳмост. Забони адабӣ дорои аломат ва нишонаҳои хосест, ки барои фарқ кардан аз навъҳои дигари забони миллӣ, аз ҷумла, лаҳҷаҳои маҳаллӣ кумак мерасонад. Аломатҳои онро пажуҳишгарон чунин муайян намудаанд:

- забони адабӣ дорои меъёрҳои умумихалқист;
- забони адабӣ дар хат сабт меёбад, яъне соҳиби хат аст;
- забони адабӣ забонест корхурда, мураттаб ва бонизом;

- забони адабӣ забонест, ки унсурҳои он қонуният ёфта, сабти луғат ва дастурҳо шудаанд;

- забони адабӣ дорои риштаҳои гуногуни услубӣ аст, ки саросар ба тасниф расидаанд;

- забони адабӣ дар ду шакл: хаттӣ ва шифоҳӣ воқеъ мегардад;

- забони адабӣ бисёрвазифа ва серсоҳа аст;

- миқёси густариши забони адабӣ баръакси лаҳҷаю шеваҳо ба маротиб васеъ аст [77; 176; 177; 196].

Донистани ташаккули таърихии забони адабии тоҷик танҳо дар сурати бо таърихи халқ алоқамандона омӯхтани он муяссар мегардад, зеро забон ва қонунҳои инкишофи онро фақат ба шарте дуруст фаҳмидан мумкин аст, ки агар хонанда бо таърихи халқ, ки бунёдкунанда ва соҳиби забон мебошад, пайваста аз худ карда шавад. Забони адабии тоҷикӣ дар ибтидо дар заминаи як ё якчанд лаҳҷаи ба ҳам наздик дар шароити муайяни фарҳангию таърихӣ ташаккул ёфтааст, яъне шаклгирии забони адабӣ дар заминаи чанд лаҳҷа сурат гирифтааст: «Асоси забони адабӣ забони умумихалқӣ аст. Забони халқ сарчашмаи инкишофи забони адабӣ, манбаи асосии қувват иқтидор ва сарватҳои он мебошад... беҳтарин чизҳоеро, ки дар забони халқ ҳаст, дар бар гирифтааст ва аз ин сабаб, ҳама ҳусну зебоӣ ва қувваю тавоноии забони халқ дар забони адабӣ барҷастатар намоён шудааст» [191, 143]. Муаллиф бо диди амиқи илмӣ собит месозад, ки асоси ҳастии забони адабӣ маҳз дар забони умумихалқӣ нуҳуфтааст. Забони халқ ҳамчун чашмаи беинтиҳо ва заминаи бунёдӣ хизмат мекунад, ки ба забони адабӣ неру, қувват, иқтидор ва сарватҳои бепоёни луғавию услубӣ мебахшад. Забони адабӣ падидаи сунъӣ ё ҷудо аз фарҳангу гуфтори мардум нест, балки он тамоми унсурҳои сара, ноб ва беҳтаринеро, ки дар тули асрҳо дар забони зиндаи халқ офарида шудаанд, ҷамъ намуда ва сайқал додааст. Маҳз ба ҳамин хотир, маҷмуи ҳусну зебоӣ, қудрат ва тавоноие, ки дар забони халқ мавҷуд аст, дар сохтори забони адабӣ ба таври ниҳоят барҷаста, муназзам, шево ва устувор ҷилвагар мешавад. Омӯзиши ВПФ-и забони тоҷикӣ дар ташаккули маданияти нутқи хонандагони МТМУ шоистаи

зикр ва эътироф аст. Дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» ВПФ-и фаровон бо мақсади аз худ кардани хусусиятҳои аносири гӯйишӣ аз асарҳои нависандагони муосири тоҷик намунаҳои хубу марғуб пешниҳод гаштааст: «Аз суханони пур аз таҳсин ва ҳайратангез мо ҳамчун одамони мамлакати хеш *курта-курта гӯшт гирифтем* ва *сарамон ба осмон расид* (М.Т.); Қориишкамба бо шунидани ин пешниҳод *ба пӯсташ намеғунҷид* (С.А.)» [26, 12-13].

Метавон аз ашъори бузургони классик ва муосири тоҷик шавоҳиди зиёдеро мавриди баррасӣ қарор дод ва дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик тафсири ҷилоҳои нозуки маъноии вожаву ибораҳои рехта зарур аст. Агар ин равиш мунтазам идома ёбад, ба ТФН-и хонандагон мусоидат менамояд: «Ҳоло аглаб барои пазируфтани осори безаволи нависандагони классик душворӣ мекашанд ва намекӯшанд забони нависандагони бузурги моро, ки бо офаридаҳояшон қавмро аз марги руҳонӣ раҳоӣ бахшидаанд, бифаҳманд» [20, 297].

Лозим аст, ки дар ин самт ҷиддӣ муносибат намуда, бо васли огоҳона бо гузаштаи пуршукуҳ хонандагон бо арзишҳои фарҳанги миллӣ таълим дода шаванд. Чунончи ибораи рехтаи «бехуд гардондан» дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» [349] ба маънои «аз ҳол рафтан, беҳуш шудан» [349, ҷ.1, 105] шарҳ ёфта, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [341] маънои маҷозии он «мағрур шудан» [341 ҷ.1, 194], ки бо ҳамин маъно дар забони гуфтугӯйӣ ба кор меравад, низ илова гаштааст. Дар байти поёни Абдурраҳмони Ҷомӣ маънои мазкури ибора ба мушоҳида мерасад:

«Парда бардору *бехудам гардон,*

То бубинад аён чи хосу чи ом» [392, 65].

Аз мисоли дигар таркиби «дам задан» - воҳиди фразеологии умумихалқӣ, таркиби «тан задан» ба маънои «сукут кардану хомушӣ варзидан» хоси забони гӯйишӣ аст:

«Гуфт: «*Тан зан,* хуни ҷони ман марез,

*Дам мазан,* чӣ ҷои султон аст, хез!» [375, 67].

Таркиби *пухтагӣ кардан* ба маънои оқилона кор кардан маҳз дар қолаби гуфтугӯйӣ, яъне бо иловаи пасванди *-гӣ* омада, боиси наздик гаштани забони адиб ба забони муҳовараи мардум шудааст:

«*Мекунӣ* орзуи *пухтагӣ* аз ҳар хоме,

Чанд дил ранҷа бувад з-ин тамаи хом туро?» [392, 80].

Ибораи ***даст баровардан*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ва дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба чашм нарасид, вале ин ифода дар лаҳҷаи баъзе минтақаҳои кишвар, аз ҷумла, Хуҷанд ба маънои «барои ҷазои касе ҷуръат кардан» роиҷ буда, дар ашъори Ҷомӣ низ айнан ба ҳамин маъно истифода гардидааст:

«То *даст баровардӣ* з-он ғамза ба хунрезӣ,

Бар чарх равад ҳар дам аз дасти ту «Ё рабҳо» [392, 101].

Омӯзиши забони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар нутқ аҳаммияти зиёд дорад, зеро дар захираи луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ «дурдонаҳо»-и зиёде маҳфузанд, ки дар осори ниёкон корбаст гардида, имконияти ба забони адабӣ роҳ ёфтан доранд. Миқдори зиёди вожаву таъбирҳо дар осори адабӣ бо вариантҳои гуногуни овоӣ корбаст шудаанд. Калимаҳо бо як ё ду гуна, балки чор, панҷ ва бештар аз он шаклҳо истифода гардидаанд. Барои дарёти гунаҳои гурӯҳи калони вожаҳо ҳодисаҳои гуногуни фонетикӣ, мисли табдили овозҳои садоноку ҳамсадо, тағйири ҷойи онҳо, тахфиф ё афзоиши овозҳо сабаб гардидаанд. Донишмандон доир ба масъалаи гунанокии аносири луғавӣ ба таври зерин андешаронӣ намудаанд: «Силсилаи калони вожаҳои забони тоҷикӣ, ки дар забони осори ниёгон бо гунанокии мухталифи овоз мавриди истифода қарор доштанд, минбаъд рӯй ба шакли ягонаву воҳид оварда, чун меъёри забони адабӣ пазируфта шуданд» [176, 134].

Масалан, вожаи **мусича** дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттори Нишопурӣ чунин омадааст: «Хе-хе, эй **мусичаи** мусисифат» [375, б.622]. Дар «Илоҳинома»-и шоир шакли тахфифёфтаи калимаи мазкур ба шакли **мусӣ** ба кор рафтааст: «Эй Мусӣ, тақӣ куҷост?» *[375, 2646]*. Дар «Фарҳангномаи форсӣ» ба ду шакл қайд гаштааст: «мусича / мусиҷа ба маънои фохта. Мусича: мурғе аст шабеҳ ба

фохта, ки бештар дар хонаҳо ошён дорад» *[375, 2646]*. Қисме аз воҳидҳои фразеологиро воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ (шевагӣ) ташкил медиҳанд, ки хоси ин ё он маҳал мебошанд. Инҳо диалектизмҳои фразеологӣ ном доранд, ки дар маҳалҳо пайдо шудаанд. Масалан, ибораи фразеологии «чун дуд аз пеши касе / чизе рафтан» ба маънои якбора, босуръат ғайб задан ё тарк кардан: «Ҳамчу оташ ою ҳамчун дуд рав» [349, ч. 1, 82]. Ё худ: **як соат**:

Осиёну ғофилонро аз гуноҳ,

Рӯйҳо гардад ба **як соат** сиёҳ [375, б.1915].

Ибораи **як соат** ба маънои **як лаҳза** аст ва дар забони адабии асримиёнагӣ ба маънои камтарин ҳадди замони қобили тасаввур будааст. Ҳофиз фармудааст:

«Эй офтоби хубон, меҷушад аз дарунам,

**Як соатам** бигунҷон дар сояи иноят» [375, б.612].

Дар забони тоҷикӣ имрӯз низ ба ҳамин маъно роиҷ аст. Дар акси ҳол, байти шоҳид бе мантиқ мегардад: дар рӯзи қиёмат рӯйи осиёну ғофилон дар **як лаҳза ё як он**, на дар шаст дақиқа (як соат) сиёҳ мешавад. Таркиби **аз дар берун кардан** киноя аз «рондан, хориҷ намудан, дур кардан» дар мисоли зерин:

«*Ронда зи буруни дар* маро ту,

*Ҷо карда даруни ҷон* туро ман» [392, ч.1, 70].

Таркиби «даруни ҷон ҷо кардан» ба маънои «меҳр парваридан» дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ дар шакли «дар миёнаи дил ҷо кардан» низ ба кор рафтааст:

«Номи маро навиштӣ аз ҳошия буруntar

Номи туро навиштам ман дар миёнаи дил» [391, 18].

Пайванди устуворе байни забони гуфтугӯйӣ ва забони адабӣ мавҷуд мебошад. Аз иштиҳори вожаҳои классикӣ дар забонҳои маҳаллӣ Садриддин Айнӣ огоҳии комил дошта, корбурди калимаҳои шевагии наздик ба вожаҳои китобиро нисбат ба вомвожаҳо беҳтар донистааст. Дар ҳифзи калимаҳои куҳан вожаҳои халқии гуфтугӯйӣ сарчашмаи муҳим ва арзишманд ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус гӯйишшинос А.Ҳасанзода фармудааст, ки «муқоисаи забони осори манзуму мансури асримиёнагӣ бо маводди шеваҳои мухталифи забон барои равшану возеҳ гаштани манзараи ҳақиқии он дар давраҳои гуногуни

таърихӣ кумак мерасонад. Чунин тарзи таҳлил зуҳури ҳодисаҳои муайяни забонро таърихан нишон медиҳад» [176, 18-21]. Дарки комил ва равшан намудани манзараи ҳақиқию воқеии забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ усули таҳқиқи ниҳоят зарур ва муфид аст. Таърихи забонро наметавон танҳо дар асоси китобҳо омӯхт, пайванди осори хаттии гузашта бо забони зиндаву гуфтугӯйии имрӯзаи мардум ягона роҳи ба даст овардани манзараи воқеӣ ва илмии таҳаввули забон аст. Аз чанд намуна ба гуфтаҳои боло тамассук ҷустан мумкин аст:

«*Хокиёнро кор мегардад тамом,*

*Нон барои **гурсина** бояд мудом»* [375, б.1321].

Дар пешгуфтори китоби «Мантиқ-ут-тайр» Шафеии Кадканӣ доир ба вожаи **гуруснагӣ** андешаҳои зерин баён гаштааст: «Мо яқин дорем, ки Аттор онро (яъне, гуруснагиро – С.Ш.) **гуснагӣ** бар вазни арӯзии фоилан талаффуз мекардааст. Бо итминон метавонем бигӯем, ки дар ин гуна маврид ҳам каламоте аз қабили «тарҷумонст», «осмонст» бар вазни арузии фоилот адо мешудааст ва дар лаҳҷаҳои мовароуннаҳрӣ ҳанӯз гунаҳое аз ин шеваи адоро дар калимоте метавон дид» [375, 94]. Калимаи «гуснагӣ», ки олими муосири Эрон Кадканӣ, онро «мутаассир аз овошиносии лаҳҷаи табиии муҳити зиндагии Аттор медонад, ки ҳанӯз ҳам бақоёи онро метавонем ҳар рӯз дар гуфтори аҳолии Кадкан ва саросари минтақаи Нишопур бишнавем» [375, 95]. Аз ин қайди муҳаққиқ бармеояд, ки адибони классикии мо ҳангоми офаридани асарҳои худ на танҳо аз қолибҳои умумии адабӣ, балки аз унсурҳои овозии зебо ва табиии муҳити зодгоҳи хеш низ баҳра мебурданд. Забони лаҳҷа ва хусусиятҳои овозии замони зиндагии Аттор бо гузашти садсолаҳо аз байн нарафта, баръакс бақо ва унсурҳои забони зиндаи онро мо метавонем ҳанӯз ҳам дар гуфтору муоширати аҳолии деҳаи Кадкан ва саросари минтақаи Нишопури имрӯза мумшоида намоем.

Талаффузи вожаи **гусна** бо табдили ҳарфи «с» ба «ш» дар ҳамаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ дар замони муосир роиҷ аст. Дар китоби дарсӣ мисраи «...Гушна мондӣ, агар имрӯз ба ҷойи ман ту» [26, 30] омада, дар қисмати саволу

супоришот ба шакли навишт ва тарзи талаффузи вожаи мазкур таваҷҷуҳ шудааст: «**Гушна** боз ба кадом шакл навишта ва гуфта мешавад? Кадоме аз онҳо дурустанд?» [26, 30]. Чунин тарзи талаффузи вожаи мазкур дар чанд зарбулмасалу мақоли тоҷикӣ дучор мешавад: «Гушна ба шер мезанад, ташна ба дарё»; «Гушна намур, ки ҷави баҳорак мерасад»; «Гушна шухӣ намебардорад» [380, 66]. Ҳамин гуна ВПФ-ро дар нутқи шогирдони мактаб парвариш дода, ба афзудани қобилияти луғатфаҳмии онҳо мунтазам кор бурдан лозим мешавад. Таваҷҷуҳ ба ҳусни сухан, риояи қоидаҳои забон, истеъмоли бамавқеи унсурҳои гуфтор ва талаффузи салиси вожаву ифодаҳо вазифаи ҳам омӯзгор ва ҳам шогирдон аст. Ин ҳисси муҳаббат ба забони модарӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллиро бедор мекунад ва барои муносибати ғамхорона ба он замина муҳайё месозад: «Ҳар яке аз мову шумо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки шахси маданӣ, одами маълумотнок, масалан, касе, ки мактаби миёнаро ба охир расонидааст, бояд ба забони тозаи адабӣ нависад ва гап занад. Чунин шахс ба забони вайрон, ба лаҳҷаву шеваи маҳалли худ сухан кунад, айб аст» [191, 144]. Агар шахси босавод ба забони вайрон, омехта бо унсурҳои бегона ва ё танҳо ба лаҳҷаву шеваи маҳалли худ суҳбат кунад, ин нишонаи камфарҳангӣ ва нуқси касбӣ ба шумор меравад. Шахси соҳибмаълумот бояд тафовути муҳити расмиву ҷамъиятиро аз муҳити маҳаллӣ донад. Риоя накардани меъёри забони адабӣ аз ҷониби омӯзгорон беҳурматӣ ба ниёкон, ба қонуни забони давлатӣ ва ба унвони «инсони маданӣ»-и худи онҳо мебошад, зеро суханронии шево ва адабӣ қарзи шаҳрвандии ҳар як шахси соҳибсавод ва махсусан омӯзгор аст.

**Салосати** калима ба таркиби овозӣ, таносуби байни садоноку ҳамсадо, ҳамнишинии овозҳо вобаста аст. Як овоз (хоҳ садонок бошад ва хоҳ ҳамсадо) дар дохили калима ба тарзҳои гуногун такроран меояд, ки он баъзан боиси ба душворӣ талаффуз гардидани калимаву ифодаҳо мешавад. Чунин калимаҳо бо морфемаҳои шаклсоз ё калимасоз шакли нав ё калимаи нав сохта, таносуби овозии таркиби калима аҳаммияти калон пайдо мекунад, зеро бар замми овозҳои такрори реша ё асоси калима ба василаи овозҳои морфема такрори дигар рӯй диҳад, ба салосати калима бетаъсир намемонад. Кӯшиш-кӯшишаш,

тут-тутат, шаст - шастат. Дар таркиби калимаҳои мураккаб ҳам таносуби овозии решаҳои васлшуда, баъзан, боиси носуфтагии калима мегардад: дард – дарддор, дарддида, кафк – кафаккарда, гург – гурггир.

Мувофиқи Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ хонандагон бо омӯзиши ҳодисаҳои овоӣ дар синфи 5-ум, 6-ум, 10-ум ва 11-ум асосан машғул мешаванд: «Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ» [8, 34]. Иҷрои машқу супоришҳое, ба монанди: «**Ҷавҳар** дуруст аст ё **гавҳар**?» [25, 11]; «Ба имлои **зумуррад** диққат диҳед. **Зумрат** дуруст аст ё **зумуррад**?» [25, 14]; «**Фил** ё **пил**? Кадоме дуруст аст?» [26, 8]; «**Хурдӣ** аз **хурдӣ** чӣ фарқ дорад?» [26, 9]. Таваҷҷуҳ ба ҳодисаҳои фонетикӣ ва имлои вожаҳои зерин: «*исбот, тубҳо, касб, зудтар, кордча, мағфират, боғча, зоғча, маданӣ-маъданӣ, қатӣ-қатъӣ, рад-раъд, суккон, мунаққас, кабккабоб, каммузд, маҳиннах, яххона, қуфл, кифт, масҳӣ, авф*» ва иҷрои супоришҳои зерин: Зарбулмасали «Он чӣ бо шир дарояд, бо ҷон барояд» ба байти чорум чӣ муносибат дорад? Гӯед, ки бар душ бардоштан ва аз душ бардоштан аз ҳам чӣ фарқ доранд? [26, 18] ва монанди инҳо барои аз худ кардани тарзи талаффуз ва имлои вожаҳо, роҳ надодан ба ғалатҳо, ТФН ва рушди малакаҳои гуфтору навишт мусоидат менамояд. Лозим ба қайд аст, ки ба ҷуз омӯзиши масоили назарӣ дар китоби дарсӣ ташаккули салоҳияти маърифатӣ-ахлоқии хонандагон низ ба назар гирифта шудааст. Баррасии мазмуни ВПФ-и боло арзиши тарбиявӣ ва бадеӣ доранд ва иҷрои супоришҳои зерин: «Бадии золим дар кадом мисраъҳо ифода ёфтааст?»; «Некуию эҳсонро бояд кӣ анҷом диҳад?»; «Мисраи охир кадом зарбулмасалро ба хотир меорад?» [26, 20]; Ҷумлаи «Қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд» ба кадом зарбулмасал наздик аст?» [26, 21] далели гуфтаҳои болоанд. Бо таҳлили ин гуна ВПФ ташаккули тафаккури мантиқӣ ва рушди фарҳанги нутқи муҳассилин дар ҷараёни дарсҳои забон ва адабиёти тоҷикӣ пайваста такмил меёбад. Мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ, талаботи стандарт ва барномаҳои таълим ба ташаккули салоҳиятҳои асосии толибилмон роҳ мекушояд. Чунончи дар ҷараёни таҳлили матн дар

дарсҳои адабиёти тоҷик эътибор додан ба тарзи дуруст хондани вожаҳо низ ба миён меояд. Масалан, аз ғазали Ҳофизи Шерозӣ тавзеҳи хусусиятҳои овоии калимаи м**адоро** талаб карда мешавад: **Мадоро** - дар «ФЗТ» ба гунаи «мудоро / мудорат» омадааст [341, ҷ.1, 718]. Муҳаммад Муин низ қироати «мудорот / мудоро)-ро зикр намудааст. Соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» овардааст: «мудоро – риоят кардан ва сулҳу囗 оштӣ нумудан; ва ин дар асл мудорот бувад; ва дар каломи форсӣ гоҳе **то** аз ин меуфтад ва дар арабӣ бо **то** мустаъмал аст; ва ҳамчунин **муҳобо** ва **мувосо**» [333, ҷ.2, 38].

Бо занни қавӣ ба яқин метавон гуфт, ки қироати «мадоро» таҳти таъсири қофияи байти боло (**бенаворо)** ва байти поён (**гадоро)** ба миён омадааст. Умуман, имло ва қонуну қоидаҳои он дар асоси робитаи ногусастаи нутқи хаттӣ ва тарзи талаффузи адабии калимаҳо бунёд меёбад. Ҳадафи омӯзиши қисмати овошиносӣ эътибор ба салосати сухан, таҳлили ҳодисаҳои савтӣ – саҳеҳу беғалат қироат кардани матн ва ба хато роҳ надодани хонандагон дар корҳои хаттӣ аст. Омӯзгоронро зарур аст, ки риояи меъёрҳои асосӣ ва намунаи олии вожагузиниро пазируфта, шакл ва мавқеи корбурди онҳоро ба шогирдон ҳамчун омили муҳимми ТФН аз худ кунонанд. Забони адабӣ хусусиятҳои хос, масъалаҳои зарурӣ, ҷанбаҳои таҳқиқ ва меъёрҳои худро дорост. Барои забони адабии тоҷикӣ масъалаи инкишофи тадриҷии ду шохаи муҳим - забони гуфторӣ ва хаттӣ, таъсири мутақобилаи онҳо, муносибати забони адабии ҳозира бо забони адабиёти классикӣ ва бо лаҳҷаю шеваҳои маҳаллӣ, дигаргуниҳои адабӣ ва тағйироти шохаҳои услубии забони адабӣ бар асари ин омилҳо аз ҷумлаи умдатарини муаммоҳои таълими ЗАТ ба шумор меравад. Забони лаҳҷаву шева дар маҳалҳои алоҳида корбаст шуда, ба гурӯҳи нисбатан хурди аҳолӣ фаҳмову дастрас мебошанд ва аз ҷиҳати истеъмоли умум имконияти маҳдуд доранд. Бино бар ин, забони лаҳҷаву шеваи маҳаллӣ шакли инкишофнаёфта ва сатҳи поёни забони миллӣ ба ҳисоб меравад. Баробари зуҳури забони адабӣ дар ҷомеа муносибати амиқу устувори ин ду шохаи забони миллӣ, яъне забони адабӣ ва лаҳҷаву шеваҳои маҳаллӣ ба мушоҳида мерасад ва ин муносибат дар табодули пайваста ва муназзам қарор дорад.

Умуман, забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ бо ҳам тавъам инкишоф ёфта, дар якҷоягӣ як забон – забони миллиро ташкил медиҳанд. Ин маънои онро надорад, ки бо ин ҳама пайванду ҳамбастагӣ байни онҳо каму беш тафовуте ҷой надошта бошад. Ҳодисаҳои умумии муштараки забон дар байни онҳо хеле зиёд мушоҳида мегардад ва яке дигареро пайваста такмил медиҳад, вале дар навбати худ то андозае аз ҳам тафовут низ доранд. Ҳарчанд забони адабӣ ва лаҳҷаҳо дар якҷоягӣ забони миллиро ташкил медиҳанд ва ҷанбаҳои муштараки зиёд доранд, дар байни онҳо фарқҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва вазифавӣ низ мавҷуданд. Ин тафовутҳоро метавон дар ҷадвали зерин ба таври возеҳ дид:

| **Меъёри муқоиса** | **Забони адабӣ** | **Лаҳҷаҳои маҳаллӣ** |
|---|---|---|
| **Доираи иҷтимоӣ** | Барои тамоми миллат ва халқиятҳои як кишвар хидмат мекунад. | Танҳо барои як қисми маҳдуди аҳолии як маҳал хизмат мекунад. |
| **Вазифаи ҷамъиятӣ** | Вазифаҳои гуногун ва азим дорад (сиёсат, маориф, қонунгузорӣ, матбуот). | Хеле маҳдуд аст (танҳо барои муоширати рӯзмарра). |
| **Дараҷаи мустақилият** | Моҳиятан мустақил ва соҳиби қонуниятҳои устувор аст. | Мустақил нест, балки сарчашмаи таъминоти забони адабӣ аст. |
| **Услубҳои баён** | Дорои услубҳои мушаххаси илмӣ, бадеӣ, публитсистӣ ва расмӣ мебошад. | Танҳо се сабк дорад: гуфтугӯйи оилавӣ, фолклорӣ ва нутқи оммавии маҳаллӣ. |
| **Шакли ифода** | Шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дорад. | Дар шакли шифоҳӣ ифода мегардад. |

Омӯзиши ин масъала аз он ҷиҳат аҳаммият дорад, ки дарки тафовути онҳо ба се ҳадафи таълимӣ ва тарбиявӣ кумак карда метавонад:

1. Дарки моҳияти забони адабӣ: Хонандагон мефаҳманд, ки забони адабӣ воситаи асосии пешрафти илм, равнақи фарҳанг ва рушди маънавии ҷомеа аст. Бе забони адабӣ ҳеҷ як миллат наметавонад илму технология ва давлатдории худро устувор кунад.

2. Муайян кардани вазифаҳои иҷтимоӣ: Талабагон дарк мекунанд, ки лаҳҷаҳо, бо вуҷуди ширинӣ ва асолати худ, имконияти ҷамъиятии маҳдуд доранд ва наметавонанд вазифаи забони расмиро иҷро кунанд.

3. Эҳтиром ва шинохти мақоми забони адабӣ: Хонандагон забони адабиро ҳамчун унсури боиқтидор, сайқалёфта ва «баландтар аз лаҳҷа» мешиносанд ва

ин боис мешавад, ки онҳо барои соҳиб шудан ба нутқи фасеҳи адабӣ бештар талош намоянд.

Забони адабии тоҷикӣ воситаи асосии мубодилоту муомилот буда, муттасил имкониятҳои дохилии худро аз ҳисоби лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ такмил медиҳад. Ҳамаи он калима, қолабҳои грамматикӣ, шакли талаффуз ва мафҳумҳое, ки танҳо хоси забони гуфтугӯйии мардуми маҳалли мушаххас ё шохаҳои хурди он, яъне лаҳҷаву шева мебошанд ва берун аз он мавзеъ истифода намешаванд, унсурҳои шевагӣ ном доранд. Хусусияти асосии ин аносири луғавӣ дар он аст, ки онҳо ба забони адабии умумимиллӣ тааллуқ надоранд, яъне дар китобҳои дарсӣ, қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва нутқи меъёрии умумимиллӣ истифода намешаванд. Калимаҳои шевагӣ сарвати маҳаллии забонанд, ки доираи маҳдуд доранд ва маҳз ҳамин «умумимиллӣ набудан» унсури шевагиро аз калимаву меъёрҳои забони адабӣ, ки барои тамоми сокинони кишвар фаҳмо аст, ҷудо мекунад.

Муфассал баён намудани навъҳои гуногуни калимаҳои шевагӣ, шарҳ додани тафовути онҳо аз унсурҳои забони адабӣ дар ҷараёни дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик зимни кор бо матн имкон медиҳад, ки шогирдон: ба моҳияти ду гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ – адабӣ ва лаҳҷавиро дар нутқ идрок намоянд; захираи луғавии худро аз ҳисоби калимаҳои забони адабӣ такмил диҳанд; дар нутқи ҳамарӯза, аз ҷумла, дар муоширот аз истифодаи ибороти рехта ва ВПФ фаровон истифода баранд ва фарҳанги забондонии хешро тақвият бахшанд; барои тозагии забони адабӣ ва парҳез аз истифодаи унсурҳои маҳдуди лаҳҷавӣ кӯшанд; муоширатро бо забони адабӣ омӯзанд; мавқеи забони адабиро ҳамчун воситаи муомилоту муошироти як миллати бузург дар тамаддуни ҷаҳонӣ дарк кунанд. Қисми зиёди лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вобаста ба умумияти системаи овозӣ, таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худ дар доираи ду шева: шеваи ҷанубӣ ва шеваи шимолӣ муттаҳид мешаванд. Фаҳмонидани умумият ва тафовути ин шеваҳо ва муносибати онҳо ҳамчун як шохаи забони миллии тоҷик бо дигар шохаи он - забони адабӣ имкон медиҳад, ки шогирдон:

а) сабаби ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шудани шеваҳои забони модарии худро фаҳманд;

б) сарҳадди интишори шеваҳоро минбаъд ҷудо карда тавонанд;

в) умумияти шеваҳоро дарк кунанд;

г) нуфузи шеваҳоро дар зуҳуроти муродифот, мувозаҳо, шаклу қолабҳои нав дар нутқ ва аз ин ҳисоб такомули ҳамешагии забони адабиро дарк кунанд.

Мувофиқи тавсияи «Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ» хонандагон, асосан, дар синфи 7-ум бо унсурҳои гуфтугӯйӣ ошно гашта, ташаккули салоҳиятҳои зерин ба назар гирифта шудааст: «Калимаҳои маъмулро аз калимаҳои номаъмул фарқ кардан; мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро донистан; мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро дар асарҳои бадеӣ муайян сохтан» [8, 90]. Дар китоби «Забони тоҷикӣ» дар фасли «Калима ва таъбирҳо» [26, 65-109] мухтасар таърифи хусусиятҳои калимаҳои шевагӣ зикр ёфта, супоришҳои зерин пешниҳод гаштааст: «Чаро «бехӣ»-ро ҳама намефаҳманд? [26, 80]; Дар маҳалли шумо «**сабзӣ**»-ро боз бо кадом калима ном мебаранд?» [26, 54]; «Нақле нависед ва дар он шахсонеро тасвир кунед, ки аз калимаҳои шевагӣ бемавқеъ истифода мекунанд» [26, 55].

Матни машқи 60-ум [26, 56] номаи Садриддин Айниро ба Пулод Толис фаро гирифта, супоришҳои зерин бо мақсади тавзеҳи вежагиҳои аносири гӯйишӣ омадаанд: «Матнро хонда шарҳ диҳед. Гӯед, ки чӣ тавр луғатҳои шевагӣ забонро бой мегардонанд. Ин кор ба уҳдаи кист?» [26, 56]; савол ва супоришҳои машқи 61: «Ба забони адабӣ сухан кардан чӣ маъно дорад?» [26, 61]; «Ба истифодаи калимаҳои шевагӣ чӣ гуна муносибат доред?» [26, 61]; «***Дастраси ҳамаи халқ бошад***-ро чӣ тавр мефаҳмед?» [26, 85]; «Дар маҳалли шумо ба ҷойи чаро? «Барои чӣ? кадом калимаҳоро истифода мекунанд?» [26, 57].

Умуман, чун унсури забони миллӣ шеваю лаҳҷа муошрати маҳал ё чанд маҳаллро мушаххасу дақиқ намуда, тафаккуру тамаддун, анъанаву фарҳанги мардумро таҷассум менамояд. Яке аз сабабҳои асосии нисбатан суст тағйир ёфтани забони адабӣ устуворӣ ва дар давоми асрҳо ба қолаб даромадани сохти

грамматикӣ ва захираи асосии луғавии он мебошад. Азбаски лаҳҷаҳои маҳаллӣ як шакли забони миллӣ ба шумор меравaнд ва дорои сохти грамматикӣ ва таркиби бойи луғавӣ мебошанд, табиист, ки аз рӯйи анъана ҳамин гуна устуворӣ дар онҳо ҳам ҷой дорад. Забони адабӣ метавонад ҳолати муқаррарии лаҳҷаҳои маҳаллиро тағйир диҳад. Ин таҳаввулот бо таъсири фаъолу бардавоми забони адабӣ ба лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба амал меояд. Ба таври дигар, забони адабӣ, ки талаботи ҳамешагии тамоми аъзои ҷомеаро ба назар мегирад, дар мавридҳои мусоид бо истифода аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва аз ҳисоби шаклу воситаҳои грамматикӣ ва унсурҳои маъмули лексикӣ таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худро мунтазам такмил медиҳад.

Агар аз ҳамин мавқеъ ба лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ диққат диҳем, маълум мешавад, ки онҳо то ҳанӯз имконияти захиравии худро аз даст нададаанд ва забони адабӣ ҷойҳои холии худро аз ҳисоби вожаҳои лаҳҷавӣ такмил мебахшад. Муҳаққиқи рус С.П. Обнорский вазъи таъсири мутақобилаи забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллиро дар мисоли забони русӣ ба мушоҳида гирифта, чунин қайд мекунад: «Таъсири забони адабӣ ба забони зиндаи халқ, харчанд ки ҳамвора ва мунтазам давом мекунад, хусусияти яктарафа дорад, зеро ин ҳодиса, асосан, дар боби лексика ба назар расида, дорои қувваи пуртаъсир нест ва раванди ҳаматарафаю умумӣ, ҳатто қисман раванди инкишофи морфологии нутқи мардум (нутқи лаҳҷавӣ)-ро таъмин карда наметавонад...» [130, 175]. Инкишофи табиии забони адабӣ бо нутқи зиндаи халқ ва забони гуфтугӯйӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар шароити муносиби таърихию иҷтимоӣ забони адабӣ ба таври доимӣ ва пайдарпай аз хазинаи бойи лаҳҷаҳои маҳаллӣ унсурҳои навро мепазирад, ки ин раванд ба ғановати забони адабӣ боис мегардад. Ҳарчанд таъсири забони адабӣ тавассути маориф, китоб, воситаҳои ахбори омма ба забони лаҳҷа ҳамвора давом кунад ҳам, ин таъсир бештар дар боби лексика, яъне танҳо дар ворид шудани наввожаҳо маҳдуд мешавад. Забони адабӣ бо тамоми неруи худ наметавонад раванди ҳаматарафа ва умумии инкишофи сохтори морфологии (тарзи калимасозӣ ва грамматикаи) забони лаҳҷавиро таъмин кунад ва онро аз байн барад. Лаҳҷаҳо дорои сохтори

устувори таърихианд, ки дар баробари таъсири берунии забони адабӣ муқовимат нишон медиҳанд ва асолати худро ҳифз мекунанд. Пойдевори асосии пешрафти маънавӣ, боло рафтани сатҳи илм ва фарҳанги миллӣ мустақиман ба сатҳи забондонии насли наврас вобастагӣ дорад. Таъкид мешавад, ки маҳз замони таҳсил дар МТМУ хонандагон бояд кулли қоидаву қонунҳои сохтории забони адабии ҳозираи тоҷикиро ба таври амиқ аз бар намоянд. Забони адабӣ ягона воситаи рушди тафаккур ва интиқоли илму дониш аст. Аз ин рӯй, агар хонандагон соҳиби нутқи меъёрии адабӣ ва саводи мукаммали грамматикӣ нагарданд, раванди баланд бардоштани сатҳи илму маърифат дар кишвар ҳеҷ гоҳ таъмин нахоҳад шуд. Бино бар он, барои тозагӣ ва дурустии забони адабӣ бояд ҳамеша мубориза бурда, онро аз ҳар гуна вайронӣ, аз вулгаризму жаргонҳо ва ба ҳамин монанд унсурҳои нолозими нутқ муҳофизат намудан зарур аст.

Омӯзгорони МТМУ-ро месазад, ки эҳтиёткориро дар истифодаи аносири гуфторию ғайриадабӣ дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳии хонандагон омӯзонанд. Ин роҳи беҳтарину хуби сайқал додани забони адабӣ ва тозаю беолоиш нигоҳ доштани он мебошад. Аз тарафи дигар, ба ин восита забони адабӣ ҳамчун шакли олии забони миллӣ пайваста инкишоф меёбад ва меъёрҳои он боз ҳам мустаҳкам мегардад. Камтаваҷҷуҳӣ ба корбурди вожаву унсурҳои лаҳҷавӣ дар нутқи омӯзгорону хонандагон на танҳо ба дарки меъёрҳои забони адабӣ, балки инчунин ба саводнокӣ ва такмили фарҳанги гуфтор монеа мегардад. Саводнокии комил, инкишофи маърифатии шогирдон ба малакаи забондонию забонфаҳмӣ ва аз худ кардани хусусияти забони адабӣ иртибот дорад. Аз ин лиҳоз, таълими қоидаҳои забони адабиро ҳам дар гуфтору ҳам дар имло чун ду шохаи бо ҳам пайвасту ҷудонопазири як ҳодиса аз ибтидои кор дар як вақт ва баробар ба роҳ мондан лозим аст. Имло ва қоидаҳои он дар асоси равобит ва муносибати ҳамешагии нутқи хаттӣ ва тарзи талаффузи адабии калимаҳо бунёд меёбад. Таҷрибаи корӣ ва мушоҳидаҳои мо собит месозанд, ки дар ҷараёни таълими фанҳои ЗАТ хонандагон ба мушкилоти зиёд дучор мешаванд ва маъмултарини онҳоро ба таври зерин номбар кардан мумкин аст:

- омӯхтани тарзи талаффузи адабии калимаҳо;

- маҳорати вобаста кардани талаффузи адабии калимаҳо бо тарзу усули дурусти навишти онҳо;

- алоқаманд намудани талаффузи лаҳҷавии калимаҳо бо имло.

Унсурҳои лаҳҷавӣ мисли дигар ҳодисаҳои забон дар нутқи хонандагон ҳанӯз пеш аз таҳсил дар МТМУ зуҳур намуда, минбаъд устувортар мегардад. Дар натиҷа, бартараф ё иваз кардани онҳо бо муродифоти адабӣ кори мушкил мешавад. Ин муддао танҳо дар сурате ба даст меояд, ки омӯзгор ва ҳам худи хонанда барои рафъи онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад ва муродифоти адабии унсурҳои гӯйиширо бамавқеъ корбаст намояд. Мавҷудияти миқдори зиёди калимаю мафҳумҳои лаҳҷавӣ дар нутқи хонандагон таълими забони адабиро мураккаб месозад ва низ дар инкишофи минбаъдаи малакаи дарки мафҳумҳо, таълими меъёрҳои талаффуз, навишти калимаҳо, фаҳмонидани мавзуъҳои нави забон барои муаллим низ мушкилӣ эҷод менамояд. Аз ин ҷиҳат, зимни омӯзиши қоидаҳои забони адабӣ дар назди омӯзгор вазифаи дарёфти роҳу усули бартараф намудани ғалатҳои лаҳҷавӣ меистад. Унсурҳои гӯйишӣ, ки дар ибтидо барои хонандагон як навъ меъёри муқаррарии муомилоту муоширати ҳаррӯза ҳисоб меёбанд, дар рафти омӯзиши қоидаҳои забони адабӣ монеа мешаванд, сабаби суст ва нокифоя фаҳмидани мавзуъҳо мегарданд. Барои бартараф намудани ин гуна норасоиҳо ба ташаккули нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон пайваста таваҷҷуҳ намудан лозим аст: «Ба таври хубу матлуб ташкил кардани кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Сабаби асосии роҳ ёфтани ғалатҳои имловӣ дар корҳои хатти шогирдон, талаффузи нодурусту лаҳҷавӣ, инчунин истифодаи бемавриди унсурҳои лаҳҷавӣ дар назар дошта мешавад» [274, 59]. Дар байни ғалатҳои имловӣ, ки аз тарафи хонандагон содир мегарданд, он хатоҳое, ки маҳз бо таъсири лаҳҷаи шогирдон сар мезананд, мавқеи асосӣ доранд ва он ғалатҳо аз таъсири нутқи шифоҳӣ ба вуҷуд меоянд. Масъалаи дигаре, ки боиси ташвиши зиёд аст, кам диққат додани омӯзгорон ба нутқи шифоҳии шогирдон мебошад. На танҳо ҳодисаи вайрон ё ғалат талаффуз кардани калима ва шаклу

қолабҳои забони адабӣ, балки истифодаи бемавриду беҷойи унсурҳои гӯйишӣ дар истеъмоли хонандагон низ дар назар дошта мешавад. Масалан, бисёр маврид мушоҳида мекунем, ки шогирдон ба ҷойи калимаҳои шинаму суфта ва маълуми тоҷикии ***пургӯйӣ кардан, хомуш шудан, хаста шудан, гӯши касеро кашидан*** ва амсоли инҳо вариантҳои лаҳҷавии онҳо **лаққидан, *дам ба дарун шудан, аз пой афтодан, танбеҳ доданро*** ба кор мебаранд, ки инҳо меъёри забони адабӣ шуда наметавонанд. М.Шакурӣ байни забони адабии навишт ва забони адабии гуфтугӯй фарқ гузошта, талаффузи лаҳҷавии воҳидҳои забонро дар нутқи шифоҳӣ ба он хотир ҷоиз донистааст, ки агар навишти адабиро дар гуфтугӯй ҳатмӣ шуморем, нутқ «...ранги сунъию ғайритабиӣ хоҳад гирифт. Ва ҳол он ки гуфтугӯй бояд табиӣ ва равон бошад, ҳиссиёти гуяндаро ифода карда тавонад» [191, 145].

Дар раванди ТФН-и шогирдон дар МТМУ ба рушди маҳорату малакаи риояи меъёрҳои забони адабӣ диққат додан зарур аст. Дар ҳамаи марҳалаҳои таълими забони адабӣ имконияту хусусиятҳои муҳити нутқ, ки хонандагон дар он зиндагӣ ва амал мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Маҳз дар асоси назардошти шароиту имкониятҳои лаҳҷаҳои муҳити зист гиреҳи бисёр ғалатҳои шифоҳиву хаттии хонандагонро во кардан мумкин аст. Вобаста ба шароити зиндагӣ ва муоширату муомилоти ҳаррӯзаи нутқи хонандагон дар радифи шаклҳои муқаррарии забони адабӣ калимаю иборот дар шакли лаҳҷа фаровон ба кор меравад. Ҳамин гуна камбудиҳои забони шогирдонро танҳо дар муқоисаю муқобилаи шаклҳои адабию лаҳҷавӣ, фаҳмонидани қоидаҳои имло, меъёрҳои талаффузу навишти адабии калимаҳо, нишон додани роҳҳои ташаккули таърихии воҳидҳои луғавӣ ислоҳ кардан муяссар мегардад.

Гоҳо аз рӯйи ғалатҳое, ки дар корҳои хаттӣ содир мешаванд, намояндаи ин ё он лаҳҷа будани соҳиби онҳо маълум мегардад. Мавҷудияти хатоҳо ва камбудиву ноқисиҳои зиёд дар нутқи шогирдон водор месозанд, ки омӯзгор дар таълими фанни ЗАТ усули нави корро ҷуста, дар амал татбиқ карда тавонад. Чунин усулеро бояд истифода намуд, ки аз равиши муқарраррии омӯзиши забони адабӣ дар муҳити ғайрилаҳҷа ба куллӣ тафовут дошта бошанд. Яке аз

ҳамин гуна шаклу усули босамар ташкили дарси инфиродӣ бо ҳар як хонанда аст. Мувофиқи талабу тақозои ин усул синну сол, хусусиятҳои равонӣ, моҳияту имкониятҳои лаҳҷае, ки шогирдон бо он сухан мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Омӯзгор маҳз дар мавриди суҳбатҳои инфиродӣ, иҷрои корҳои хаттии мустақилона имкон пайдо мекунад, ки хатоҳои лаҳҷавии шогирдонро ислоҳ созад, ба ҳар яки онҳо дастури мувофиқ дода, роҳҳои дурусти талаффузу навишти калима ва таркибу ибораҳои алоҳидаро нишон диҳад. Барои ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан ба инобат гирифтани нуктаҳои зерин тавсия дода шудааст:

1.Табиати лаҳҷавии нутқи шогирдонро ҷиддӣ омӯзанд ва суботкорона онро қиёсан бо меъёрҳои забони адабӣ пайваста тасҳеҳ намояд;

2. Бо мақсади такмили захираи луғавии шогирдон аз ҳисоби унсурҳои забони адабӣ доир ба мавзуъҳои лексика (дар муқоиса бо маводди лаҳҷа) машғулиятҳои махсус ташкил намояд [63, 16].

Барои танг кардан ва тадриҷан аз нутқи хонандагон хориҷ намудани аносири гӯйишӣ ва ба ҷойи онҳо истеъмоли шаклҳои мувофиқу муносиби забони адабӣ оид ба таҳлили имлоии корҳои хаттӣ дар ҷараёни дарсҳои ЗАТ бояд омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд. Бино бар мушоҳидаи бадастомада, микдори зиёди ғалатҳои имлоӣ бо таъсири лаҳҷа ва хусусиятҳои нутқи шевагии хонандагон роҳ меёбад. Дигар ин ки, хатоҳои имловии лаҳҷавӣ аз рӯйи муносибати сифатӣ як навъи махсус ҳисоб меёбанд ва эҳтимол меравад, ки дар натиҷаи ин ё он қоидаи имлоро надонистани толибилмон содир мешаванд. Роҳҳои ислоҳи ғалатҳои лаҳҷавиро мураттибони китобҳои дарсӣ ва муаллифони асарҳои методӣ чандон ба назари эътибор намегиранд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳангоми тафтиши корҳои хаттӣ омӯзгорон дар радифи ғалатҳои услубӣ, грамматикӣ ва амсоли онҳо бо гурӯҳбандии ғалатҳои лаҳҷавӣ дар мавриди таҳлил хусусияти онҳоро ба шогирдон фаҳмонида диҳанд. Азбаски лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба нутқи шогирдон таъсири манфӣ мегузоранд, табиист, ки хатоҳои имловии онҳо низ моҳиятан гуногун мешаванд. Бино бар он, тасниф ва шарҳи хатоҳои имловии шогирдон вобаста ба моҳият барои минбаъд такрор

наёфтани онҳо мусоидат мекунад. Қайҳои боло ҳамон вақт амалӣ шуда метавонанд, ки худи омӯзгор низ бо назардошти вазъи воқеӣ ва паҳлуҳои назарии масъала корбарӣ намояд. Аз ҷумла:

а) ғалатҳои имловии лаҳҷавиро пурра дарк карда тавонад;

б) ба муносибати тафриқавии масъалаи таълими қоидаҳои имло диққати махсус диҳад;

в) принсипҳои асосии педагогика ва дидактика (принсипи шуурнокӣ, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва ғайра)-ро ҳаматарафа риоя намояд.

Ҳадафи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ ТФН ва сухандону сухангӯй кардани хонандагон маҳсуб меёбад. Омӯзгор бояд донад, ки ягон мавзуи таълимиро, чи аз боби сарф ва чи аз наҳв берун аз мафҳуму маънии мушаххас (семантика), ки ба соҳаи «Калима ва таъбирҳо» мансуб аст, омӯхтан мумкин нест. Омӯзгоре, ки ин ҷиҳати муҳимми таълимро сарфи назар мекунад, боиси халалдор гардидани ФН-и хонандагон мешавад. Омӯзгор бо хотима ёфтани омӯзиши боби «Калима ва таъбирҳо» (синфи VII) қонеъ нашуда, дар рафти таълими мавзуъҳои минбаъда дар ҳамаи синфҳо низ масъалаҳои семантикаи калима, шинохти мавқеи ҳар як воҳиди луғавӣ ва муносибати забони адабиро бо шева дар мадди назар дошта, ҷиҳати такмили ҳусни калому ФН-и хонандагон кӯшиш намояд. Ин танҳо талабот ва мақсади таълими фанни забони тоҷикӣ нест, балки мавзуъҳои гуногуни грамматика низ омӯзгорро водор месозанд, ки ба ҷуз масъалаҳои асосии таълим ба ислоҳи унсурҳои гӯйишии муҳассилин пайваста машғул шавад. Корбасти мавридшиносона ва талаффузи дурусти вожаву ибораҳои шевагӣ салоҳияти истифодаи пурсамари ин воҳидҳои забонро бо мақсади ҳалли масъалаҳои муошират ва нутқи маданӣ таъмин менамоял, зеро забони зиндаи халқ пуробуранг ва саршор аз дурдонаҳои пурарзиш ҳастанд ва дар байни онҳо воҳидҳои фразеологӣ мавқеи назаррас доранд.

## Хулосаи боби якум

Дар замони истиқлол, ки соҳаи мактабу маориф аз ҷониби ҳукумати кишвар ҳамчун стратегияи аввалиндараҷаи рушди сиёсати дохилӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанги миллӣ арзёбӣ мегардад, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, пойдору устувор гардонидани тамоюлҳои муносибати босалоҳият ба таълим, ташаккули шахсияти забондон ва фарҳангсолор аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ ва рушди ҷомеа дастгирии комил меёбад, масъалаи омӯзиши самараноки ЗАТ чун қисми таркибии фарҳанги миллӣ аҳаммияти назаррас касб мекунад. Забони адабии тоҷик хусусият ва масъалаҳои ҷолиб, ҷанбаҳои таҳқиқ ва меъёрҳои хоси худро дорост. Барои забони адабии миллии тоҷикӣ масъалаи инкишофи тадриҷии ду шохаи муҳим – забони гӯйишӣ ва хаттӣ, таъсири мутақобилаи онҳо, муносибати забони адабии ҳозира бо забони адабиёти классикӣ ва бо лаҳҷаю шеваҳои маҳаллӣ, дигаргуниҳои адабӣ ва тағйироти шохаҳои услубии забони адабӣ бар асари ин омилҳо аз ҷумлаи умдатарини ин масъалаҳо ба шумор меравад. Омӯзиши имкониятҳои забон, тобишу ҷилои вожаву таркибот, маъноҳои кучида ва маҷозии ВПФ ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва ФН замина фароҳам месозанд. Маҳз ҳамин унсурҳои бадеӣ ва халқӣ қодиранд баёни фикр ва ифодаи матлабро дар нутқи шогирдон ниҳоят барҷаста, дилнишин ва таъсиргузор намояд. Хонанда тавассути маъноҳои маҷозӣ меомӯзад, ки фикри худро на бо калимаҳои одию сода, балки бо ифодаҳои зебои бадеӣ баён кунад. Кор бо ин қабатҳои нозуки забон бояд дар заминаи риояи қатъии асосҳои илмӣ, принсипҳои дидактикӣ - аз сода ба мураккаб, мунтазамӣ, пайвастагии таълим бо ҳаёт ва ба назар гирифтани синну соли хонандагон ташкил карда шавад. Омӯзгор бояд тавре ВПФ-ро ба шогирдон омӯзонад, ки на танҳо ин ибораҳоро ҳифз кунанд, балки табиат ва маънои амиқи фалсафию кучидаи онҳоро дарк намуда, дар вақти муошират соҳиби нутқи возеҳ ва фасеҳ гарданд. Ҳамин тариқ, пайванди санъати суханварӣ бо ВПФ кафолати тарбияи насли сухандон ва соҳибмаърифат аст.

Матнҳо аз осори адабии классикони адабиёти форсу тоҷик манбаи асосии иқтидори имрӯзаи таълими забони адабӣ буда, руҷуъ ба адабиёти классикӣ ба ташаккули ҳар чи бештари фарҳанги нутқи пурмаъно ва зебову шево мусоидат мекунад: «Фасоҳату зебоиро наметавон аз дурустии он ҷудо кард. Васоити ахбори омма, инчунин китобҳои дарсиву дастурҳои таълимиву методӣ набояд василаи ғалатсозиву вайронии забон шавад. Ин гуна навиштаҳо илова бар он ки муаллими шогирдон аст, боз муаллими муаллимон низ ҳисоб мешавад» [308, 67]. Таваҷҷуҳ ба зебоиву равонӣ, тавоноӣ ва матонати забони адабиёти классикӣ боиси баланд гардидани фасоҳату балоғат ва салосату ғановати нутқи хонандагон мегардад. Усули гуногуни таҳлили осори манзуму мансури суханварони классики форсу тоҷик дар раванди дарсҳои ЗАТ дар МТМУ ба кор меравад. Омӯзгорони пуртаҷриба бо шарҳи калимоти душворфаҳм, азёди порчаҳои манзум, ҷавоб додан ба саволу супоришҳои китоби дарсӣ ва тавзеҳи маънои абёт на танҳо ба баландшавии савияи забондонии хонандагон, балки афзудани шавқу рағбати онҳо ба забони адабӣ мусоидат менамояд. Таҷриба ва амалияи таълим собит месозад, ки таваҷҷуҳ ба таҳлили ВПФ роҳи беҳтарини идроки мундариҷаю муҳтавои осори адабӣ, арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани ФН-и шогирдон аст, зеро бо чунин таҳлил худшиносиву тафаккури миллии шогирдон ташаккул ёфта, мустақилона ва ба таври зебову муассир баён кардани афкору андеша таъмин мегардад. Баррасии андешаҳои ахлоқиву башардӯстонаи шоиру нависандагони барҷастаи классики тоҷик тақозои давр буда, дар қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоии ҷомеаи кунунии мо иқдоми неке хоҳад буд.

## БОБИ 2. ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ

### 2.1. Мавқеи муносибати босалоҳият ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон

Вазъи кунунии таҳаввули низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои асосии стратегияи давлату ҳукумат дар соҳаи мактабу маориф аст. Муносибати босалоҳият ба таълим барои дарки олам, ҳодисаву воқеаҳо, ҳақиқати зиндагӣ, илму ҳунар ва муоширату муколамаи инсонҳо мусоидат мекунад. Дар МТМУ муносибати босалоҳият ба таълими ЗАТ ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва маърифатии хонандагон замина фароҳам меорад. Мафҳуми салоҳият ва қобилият ба ҳам робита дошта, донишмандони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷи кишвар, аз ҷумла, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Шербоев, С.Неъматов, С.Аминов, Ш.Исломов, Б.Камолиддинов, М.Саломиён, А.Байзоев, Набизода М., Ҳакимова Ш. ва бархеи дигар кӯшиш кардаанд, ки зарурати татбиқи онро баён доранд. Ба таъбири А.Байзоев: «...ҳадафи асосӣ такмили тадриҷии муносибатҳои пешина ба таълим бо муносибати босалоҳият аст, ки ба фаъолии сифатан нав комёб шудани хонандаро ҳамчун натиҷаи таълим дар назар дорад» [33, 26]. Дар ин бобат назари мо низ мувофиқ ба андешаҳои А.Байзоев буда, моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим аз фанни ЗАТ рушди салоҳияти забонӣ, иртиботӣ, маърифатӣ ва адабии хонандагонро дар заминаи мазмуну мундариҷаи маводди таълим ташкил менамояд. Дар робита ба ин андеша ба назар гирифтани имконияту қобилияти ҳар як хонанда, хусусиятҳои фардии ӯ нақши муҳим мебозад. Хонандагони МТМУ ҳар яке қобилият, имконият ва неруву тавоноии гуногун доранд, баъзе аз онҳо мазмуну маънои ВПФ-ро аз матни додашударо зуд ва ба хубӣ дарк мекунанд, баъзе тобишҳои маъноии вожаҳои таркиби ВПФ-ро сарфаҳм меравանд. Аммо як гурӯҳ шогирдон

қобилияти шунидану дуруст фаҳмиданро надорад ва барои ҳазм ва дарки ВПФ аз матн ба вақти бештар, усули содатар ва кумаки иловагии муаллим ниёз доранд. Тафовути қобилиятҳо аз муаллими муосир талаб мекунад, ки усули таълими тафриқавиро пеш гирад, то ҳам хонандаи тезфаҳм аз дарс дилгир нашавад ва ҳам хонандаи камфаъол аз раванди таълим суст намонад. Аксари омӯзгорон бар он бованд, ки матни баъзе китобҳои дарсӣ душвор ва мураккаб мебошад. Дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим вазифаи асосӣ – дарки мазмуни маводди таълим, матн, машқу супоришҳо ва истифодаи донишҳои азхудшуда амалӣ карда мешавад. Чунонки Ҳаким Саноӣ мефармояд:

«Илм бо кор судманд бувад,

Илми бекор пойбанд бувад» [379, 122].

Ё худ:

«Бори дарахти илм надонам ба ҷуз амал,

Бо илм агар амал накунӣ, шохи бебарӣ» [394, 27].

Муҳаққиқони хориҷи кишвар, аз ҷумла, Т.В. Коваленко [362], Г.В. Швирина [211; 312; 313], А.В. Хуторской [305], И.А. Зимняя [60], А.Н. Дахин [51], М.А. Сокол [206] ва дигарон низ бобати муносибати босалоҳият ба таълим ва қобилияти инфиродии хонанда мулоҳизаронӣ кардаанд. Консепсияи Г.В.Швирина, А.Н. Дахин, М.А. Сокол бо он арзёбӣ мегардад, ки хонандаи фаъол, боистеъдод ва бомаърифат қобилияти тез дарк кардани иттилооти нав, таҳлил ва хулосабарориро дорад. Олими шинохтаи рус М.А. Сокол чунин меҳисобад: «Қобилияти хонанда дар дониш, маҳорат ва малака не, балки дар салоҳияти инфиродӣ ва истеъдоди қабули иттиллоот зуҳур менамояд. Дар шароити баробарии имкониятҳои таҳсил дар МТМУ хонандаи закӣ тез, осон, амиқ ва мустаҳкам ба қабули донишу маҳорату малака дар фаъолият ва зиндагӣ муваффақ мегардад» [206, 134].

Дар маҷмуъ, мавқеъ ва андешаю хулосаҳои донишмандон доир ба муносибати босалоҳият ба таълим гуногун буда, аз баррасии онҳо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки қобилияти хонандагон дар заминаи шароитҳои хосса ташаккул меёбад. Дар раванди таҳсил метавонад тағйир пазирад, рушд

кунад ва таҳлили он ба принсипи алоқамандӣ вобастагӣ дорад. Дар таҳқиқи муносибати босалоҳият ба таълим гузориш ва ҳалли масъалаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар робита ба идроки маъниҳои ВПФ, рушди салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ ва маърифатӣ дар дарсҳои ЗАТ мавқеи назаррас дорад. Фарҳанги нутқ алоқамандона бо салоҳияти иртиботӣ ташаккул дода мешавад ва аз худ намудани роҳҳои ифодаи фикр хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Барои он ки салоҳияти иртиботии хонанда устувор гардад, ӯ бояд малакаҳои гуногуни баёнро соҳиб шавад ва донад, ки чӣ тавр фикри худро сода, равон, мантиқӣ ва бо истифода аз вожаҳои мувофиқ ҳам ба таври шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ ба дигарон ирсол намояд. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии омӯзиши забон танҳо азёди қоидаҳо нест, балки тарбияи шахсиятест, ки роҳҳои баёни фикрро хуб медонад, соҳиби фарҳанги баланди нутқ аст ва метавонад дар ҷомеа муоширати созандаву муваффақ дошта бошад.

Маънои ***баён*** «1.зоҳир кардани чизе, кушода гуфтан, гуфтани он чӣ дар дил аст, изҳор; сухани фасеҳ, ифодаи равшан» [341, ҷ.2, 131] ва дар истилоҳ сухани ошкору фасеҳро гуянд. «Баён – (ар. ҳувайдо гаштан, ошкор шудан; таъбир, тавзеҳ) яке аз шохаҳои илми балоғат, ки ба василаи он овардани як маъно ба тариқи мухталиф шинохта шавад» [324, 64]. **Баён** ба қоидаҳои маъмули ифодаи фикр, шинохтани маънои калимаву таъбирҳо, масъалаҳои грамматика, тарзи талаффуз ва оҳанги гуфтор такя мекунад. Баён инчунин сухангӯйӣ ва роҳу усули гуногуни баёни як маънӣ бо тарзҳои гуногун, тарзи ороиши сухан, ташхиси бартарии як усули ифода дар мавридҳои мухталифро дар бар мегирад, ки он бо роҳи муқоиса ва санҷиш муяссар мегардад. Масалан, «Фирдавсӣ  дар «Шоҳнома» манзараи тулуи офтобро 221 маротиба ба тасвир гирифтааст» [121, ҷ.3, 471]. Дар нигориши майдонҳои ҷанг, мадҳ, ситоиши шуҷоат, васф, ҳаҷв, мазҳака ва ғайра низ воситаҳои гуногуни ороиши сухан барои таъкиди айни як маънӣ хеле зиёд истифода мешавад. Маънӣ дар мавридҳои гуногун гоҳе ба шакли равшану фаҳмо ва гоҳо ба тарзи пушидаи барои дарёфти зеҳн душвор баён мегардад. Гуногунии бори маънӣ бо ёрии дарку тасаввури зеҳну шуур маълум карда мешавад. Масалан, дар байти зерини

Абулқосим Фирдавсӣ аз китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 8-ум ибораи ҷаҳони ҷаҳон ба маънои дунёи гузаранда омадааст:

«Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред» [166, 49].

***Ҷаҳон*** - I. олам, дунё, гетӣ; II. феъли ҳол аз ***ҷастан*** – «***ҷастан, ҷаҳидан***» дар ФЗТ шарҳ ёфта, аммо маънои ***ҳаракаткунанда, гузаранда ва нопойдор***, ки дар ин байт ҳамин тобиши маъно баён гаштааст, ба чашм нарасид. Тавзеҳи ин маъно аз «Ғиёс-ул-луғот» бармеояд: «...ҷаҳон // ҷиҳон... дар асл гаҳон бувад, мухаффафи гоҳон, мураккаб аз **гаҳ** ба маънии вақт ва алифу нуни нисбат. Чун мавҷудоти арзиро ба авқот ва азмина тааллуқи тамом аст, лиҳозо ба ҷиҳати тасмияи он ҳарфи аввали **гаҳон**-ро ба ҷим бадал карда **ҷаҳон** гуфтанд» [333, 254]. Ҳикмати ин панд даъват ба иттиҳоду некӣ аст ва таъкид бар ин нукта дорад, ки дар бунёди ҷомеаи солим наслҳои ояндаи аҳли башар масъул ҳастанд. Ин аз паёмҳои маъмули шоир ба ахлоқи нек, ҳамдилӣ ва муборизаи доимӣ бо қувваҳои бад мебошад. Мисоли дигар:

«Агар ду бародар ниҳад пушт- пушт,
Тани кӯҳро ***хок молад ба мушт***» [166, 47].

Гунаи дигари ин байт дар «Ахтарони адаб» мазкур аст:

«Агар ду бародар ниҳад пушт- пушт,
Тани кӯҳро ***хок монад ба мушт***» [376, 441].

Дар ФЗТ ибораи рехтаи «пушт (бар) пушт додан (овардан)» ба маънои «дар анҷоми коре ба якдигар ёрӣ расондан, иттифоқ кардан, муттаҳид шудан» омада, ба сифати шоҳид байти боло бо каме тағйир омадааст:

«Ки гар ду бародар диҳад пушт пушт,
Тани кӯҳро ***бод монад ба мушт***» [341, ҷ.1, 103].

Дар китоби «Амсолу ҳикам» барои шарҳи ибораи «***бод дар мушт мондан – аз коре натиҷа ва фоидае ҳосил накардан***» [323, 352-353] танҳо аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ барои тасдиқи фикр 7 байт, аз ҷумла, байти мавриди андеша айнан дар ҳамин шакл омада, барои гунаи дигари ибора – ***бод ба даст доштан*** 5 мисол [323, 350] боз ҳам аз Фирдавсӣ дарҷ гаштааст.

Маърифати дурусти осори адабӣ ва таъмини балоғати калом ба ҳамдигар иртиботи қавӣ дорад. Дар матнҳои интихобкардаи мураттибони китоби дарсии синфи 7-ум чанд хатое роҳ ёфтааст, ки идроки маънои байтҳои алоҳидаро барои муҳассилин мушкил ва маъниро номафҳум гардонидааст. Ба назар мерасад, ки ибораи мавриди баҳс дар шакли ***бод дар мушти касе мондан*** – «киноя аз холӣ мондани дасти касе» [341, ҷ.1, 190] ба мантиқу мундариҷаи байт созгории бештар дорад ва сиҳатии ин мулоҳизаро бо ду далел собит сохтан мумкин аст. Аввалан, Фирдавсӣ дар мавридҳои дигар низ ибораро дар ҳамин гуна корбаст намудааст:

«Бигиранд гарданкашон пушти ӯй,
***Намонад*** ба ҷуз ***бод дар мушти*** ӯй» [341, ҷ.1, 190].

Сониян, дар фарҳангномаҳои қуруни вусто, аз ҷумла, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад, Ғиёсиддин (ҷилди 1, Душанбе: Адиб, 1987, с.109) ва «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон (Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. Ҷилди 1, Душанбе: Адиб, 1993, с.139) низ воҳиди фразеологии «бод ба (дар) даст (мушт) будан (доштан)» ба маънои маҷозии ***бебаҳра ва бенасиб будан*** сабт шудааст. Соҳиби «Фарҳанги бузурги сухан» [319, 714] низ ибораи мавриди баҳсро дар ҳамин гуна ва бо ҳамин маъно оварда, аз байти зерини Фирдавсӣ тамассук ҷустааст:

«Шикаста шуд ин номвар пушти ту,
К-аз ин пас ***бувад бод дар мушти*** ту» [319, 714].

Аз шарҳи фарҳангномаҳо маълум мегардад, ки муаллифони китоби дарсӣ шакли ғалати байтро мундариҷ ва дарки матлабро мураккабу номафҳум гардонидаанд. Ин бозгӯйи саҳеҳии асноди «ФЗТ» аст ва мураттибони китоби дарсӣ аз сарчашмаҳои марҷаӣ ва боэътимод мебояд суд ҷӯянд. Хонанда бо баррасии ашъор на танҳо бо мазмуни осори адабӣ шинос мешавад ва дар атрофи ғояи он мулоҳиза мекунад, балки калимаҳои душворфаҳм ва санъатҳои бадеии онро меёбад, шарҳ медиҳад, балоғати каломи суханварро муайян месозад. Ба ин васила, завқи маъношиносӣ ва сухансанҷии шогирдон парвариш ва нутқашон такмил дода мешавад. Салоҳияти натиҷагирӣ аз матни бадеӣ ва

дарёфти мақсади муаллифи асари бадеӣ ташаккул меёбад. Воҳиди фразеологии «пушт-пушт ниҳодан» маънои бо якдигар муттаҳид шудан, ҳамдигарро дастгирӣ кардан, пуштибону мададгори ҳамдигар будан ва дар муқобили душвориву хатарҳо якҷоя мубориза бурданро талқин месозад. Вожаи «кӯҳ» дар адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ рамзи бузургӣ, сахтӣ, устуворӣ ва мушкилоти азим аст, ки ба осонӣ аз байн намеравад. Дар байти мавриди назар ба тақозои вазн дар чунин шакл омадааст. Ҳасани Анварӣ дар «Фарҳанги бузурги сухан» гунаи пушт ба пушти ҳам доданро бо маънои зер овардааст: «Пушт ба пушти ҳам додан – (гуфтугӯйӣ, маҷозӣ) якдигарро ёрӣ кардан; ба ҳамдигар кумак кардан; пушт ба пушти якдигар андохтан (маҷоз) (ниг.) пушт ба пушти ҳам додан» [319, 1382]. **Тани кӯҳ** ишора ба монеаҳои зиёд, душвориҳои тоқатфарсо ё душманони бениҳоят пурқувват мебошад. Аз нуқтаи назари маҷозӣ, ин ишора ба он аст, ки бо иттиҳоду ҳамдилӣ шикастан ва ба хок табдил додани кӯҳи азим имкон дорад ва дар натиҷа ҳеҷ осоре аз он боқӣ намемонад. Ҳосили байт ин аст, ки агар ду нафар бо ҳамдигар муттаҳид ва якдил шаванд, якдигарро дастгирӣ ва пуштибонӣ намоянд, неруву тавоне пайдо мекунанд, ки ҳатто душвориву мушкилиҳои зиёд ва монеаҳои сахттаринро метавонанд ба осонӣ бартараф созанд. Ин панди шоир тифоқу ҳамдилӣ, бародарӣ ва пуштибони ҳамдигар буданро таъкид намуда, нишон медиҳад, ки неруи якҷояи инсонӣ аз неруи ҳар як фард ба маротиб зиёдтар аст ва метавонад корҳои ғайриимконро имконпазир гардонад ва бино ба мақоли машҳури халқӣ «Кӯҳро зада талқон кардан» мумкин мегардад. Беҳуда ин шоҳасари безаволро равишшиносон хазинаи афкори олию арзишманд оид ба тарбия ва ахлоқ муаррифӣ накардаанд: «Бузургтарин шоирон ва мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ дар асарҳои безаволи худ масъалаи тарбия ва таълими насли навро ба миён гузоштаанд. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки ҳамосаи бузургу таърихии мардуми эронзамин ва ҳувияти миллии эронӣ ба шумор меравад, тасвири таҷрибаи таърихӣ ва арзишҳои волои ахлоқиро дар бар мегирад. Ин шоҳасар заминаи афкори педагогии мардумони эронинажод, аз ҷумла халқи тоҷикро фароҳам овардааст» [187, 515].

Вожаи «баён» инчунин ба тарзи корбасти таъбир ва сабки хоси муаллифи асари адабӣ ишора мекунад. Матн аз унсурҳои самараноки ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон буда, баён ба маънии дарки сабку услуби сухан ҳам истифода мешавад: «Аз осори манзуму мансури ниёкон, ки хазинаи бузурге аз вожагон ва ганҷинае аз афкори хирадмандона аст, мисолҳои барҷастаеро барои таълими тамоми бобу қисматҳои забон дарёфт ва интихоб кардан мумкин аст, ки барои шиносоӣ пайдо кардани шогирдон бо забони асарҳои классикӣ, бедор шудани шавқу завқи онҳо ба мероси пурбаҳои ниёгон ва асрори маънӣ омӯхтан аз онҳо мусоидат намуда, дар инкишофи нутқи мураттабашон низ саҳми бориз хоҳанд гузошт» [286, 240]. Истифодаи матнҳои адабӣ, ки дар таркибашон ВПФ доранд, дар таълими забон на танҳо барои аз худ кардани қисматҳои гуногуни он ва рушди нутқи мураттаби хонандагон кумак мекунад, балки шавқи онҳоро ба омӯзиши асрори маъно ва шиносоӣ ин ганҷинаи пурарзиш меафзояд. Тарзи баён аз усули ҷумлаороӣ, камию зиёдии таркиби луғавӣ муқаррар мегардад. Мувофиқи талаботи Стандарти фанни забони тоҷикӣ хонанда бояд бо «жанрҳои гуногуни нутқи шифоҳию хаттӣ (нақл, суҳбат, баҳс)... ошно шавад» [8, 12].

Се навъи баёни фикр маълум карда шудааст: нақл, муколама (диалог) ва монолог. ***Нақл,*** асосан, бо як вазифаву мақсад ифода мешавад: гуянда аз рӯйдодҳои зиндагии кас, моҷароҳои ҳастӣ ва авзои воқеӣ сухан мегуяд. Нақл ин баён аз номи шахси якум буда, нависанда аз дидаву шунидаҳои худ ҳарф мезанад. Аксари асарҳои бадеӣ бо ин услуб навишта шудаанд. Тарзи нақли баёнро аз ин суханони муаллифи «Шохи чанор»-и Абдулҳамид Самадов фаҳмидан мумкин аст: «Дили танги Ситора сӯзиш карда, ба кафидан оид мешуд. Вай худ ба худ гоҳ худаш ва гоҳ шавҳарашро маломат мекард: «Шаҳр мешуд, кайхо духтур меомад. Мани беақл! Чаро ба гапи шавҳарам розӣ шудам? Агар не мегуфтам, осмон омада ба замин намечаспид, охир!» Ҳамин дам гапи шавҳараш дар гӯшҳояш садо дод: «Ҷойи бегона ҳам бад не. Ба қадри одам мерасанд, зиндагӣ меомӯзем» [384, 49].

Дигар аз шакли баён **суҳбат**, мусоҳиба ё муколама аст, ки аз гуфтугӯйи ду ва ё зиёда шахс иборат мебошад. Муколама шакли асосии муошират ва

муносибат дар раванди дарси забони тоҷикист. Дар услуби гуфтугӯйӣ низ аз ин тарзи баён ба таври фаровон истифода сурат мегирад. Дар китоби «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 7-ум фасли «Кор бо матни мусоҳиба» порчае аз мусоҳибаи рӯзноманигор бо Давлатманди Хол манзур гаштааст. Аммо супоришоти марбут ба матни додашудаи машқҳо: «Мавзуи асосии мусоҳибаро муайян кунед» [26, 132, машқи 195] ва «Бо такя ба маҳорат ва бардоштатон доир ба ягон масъалаи муҳим мусоҳиба таҳия намоед» [26, 134, машқи 191] ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат намекунад. Муайян намудани мавзуи мусоҳибаи хондашуда ва барои таҳлили хусусиятҳои жанри мусоҳиба диққат додан ба масоили зер лозим мешавад: 1. Муайян намудани ҳадафи ташкили мусоҳиба; 2. Риояи одоби муошират (воҳидҳои ифодакунандаи эҳтиром); 3. Ғаномандии луғавӣ (мавқеи истифодаи калимаву таъбирҳои гӯйишӣ, соҳавӣ, куҳнашуда, иқтибосӣ, наввожаҳо); 4. Мантиқи сухан (таносуби саволу ҷавобҳо); 5. Дарки мавқеи иҷтимоии мусоҳиб; 6. Муайян намудани арзишҳои миллӣ ва маънавии тарғибшаванда; 7. Хулосабарорӣ (ташаккули хулосаи шахсӣ доир ба мавзуъ).

Бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва маърифатии муҳассилин хусусиятҳои зерини саволи дуюми мусоҳиба: «-Шумо ҳамчун фалаксаро маъруфу маҳбуб гаштед, «Фалак»-ро чӣ гуна дарёфтаед?» [26, 132]: масъалаи эътирофи шахси ҳунарманд бо тавсифи «маъруфу маҳбуб», равшан намудани фалсафа ва руҳияи жанр, талаб кардани ҷавоби муфассал, таҳлили маънои вожаи «дарёфтан» аз матни боло, ки магар ҳунарманд чизи гумшударо пайдо намудааст ё арзишу аҳаммияти «фалак» дар густариши мусиқии суннатӣ дарк шудааст ба хонандагон бояд равшан карда шавад.

**Баҳс** – навъи дигари баён аст ва дар Стандарти забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз рукнҳои стратегияи салоҳияти иртиботӣ тавсиф шудааст: «Қобилияти бо далелҳо исбот кардани ақидаи худ, тавассути баҳси созанда мавқеи худро тасдиқ кардан» [8,27]. Ҳадафҳои асосии истифодаи баҳс баёни фикр дар асоси санаду далел, ифодаи мустақилият ва дақиқии андеша, рушди тафаккури интиқодӣ ва эҳтиром ба ақидаи дигарон мебошад. Дар асарҳои бадеӣ барои

нишон додани хислати қаҳрамон, ки ҳангоми баҳс чеҳраи аслӣ руйнамо мегардад, тағйири самти воқеаҳо, баёни ғояи муаллиф ва бахшидани ҷозибанокӣ истифода мегардад. Дар ҷараёни дарс салоҳияти иртиботии хонандаро равшан месозад. Дар матнҳои манзуму мансур ин навъи баён бозгӯйкунандаи вазъи андешаву маънавияти шоир ба мухотаб мебошад. Дар асоси барномаи таълими адабиёти тоҷик (соли 2007) намунаҳо аз осори Ҳофизи Шерозӣ дар МТМУ барои хонандагони синфи VI ва ҳам синфи IX ғазали *«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур»* манзур шудааст. Хонандаи мактаб мувофиқи дараҷаи огоҳӣ ва завқу ҷаҳонбинӣ маънову мазмуни шеърро дарк мекунад ва аз он бардошт менамояд. Дар ниҳоди хонандагон инкишоф додани малаки ҷустор ва шеършиносӣ, баланд бардоштани фарҳанги нутқ, шарҳу таҳлили арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ аз асарҳои бадеӣ яке аз вазифаҳои асосии омӯзгор маҳсуб меёбад. Зимни тафсири осори адабӣ корбурди усули баён, муайян кардани воситаҳои тасвир, санъатҳои бадеӣ ва таваҷҷуҳ ба масоили ахлоқӣ мавқеи махсус мебозад. Ин нуқтаи назар вазифа ва рисолати касбии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷикро дар ҷомеаи муосир равшан сохта, собит менамояд, ки таҳлили асари бадеӣ набояд танҳо бо нақли одии сужет ё шиносоии сатҳӣ маҳдуд шавад. Барои расидан ба ҳадафҳои тарбиявӣ раванди таҳлили асар бояд комил ва бонизом анҷом дода шавад. Санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, тазод ё муболиға танҳо барои ороиш ва сохтори матн хизмат намекунанд, балки онҳо масоили ахлоқӣ, эҳтиром ба ватан, ҷавонмардӣ, ростқавлӣ ва инсондӯстиро ба таври муассир ба риштаи тасвир мекашанд. Аз ин рӯй, омӯзгор ҳангоми кушодани гиреҳҳои бадеии матн ва нишон додани зебоии забони асар ҷавҳари ахлоқиву миллии онро низ ба хонанда меомӯзад ва бо ин усул дарсро аз як машғулияти одии хониш ба дарси ҳаётӣ, ҳувиятсоз ва тарбиявӣ табдил медиҳад. Байти аввали ғазал:

«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махур!» [167, 96].

Дар қисмати савол ва супоришот китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои хонандагони синфи 6-ум барои ғазали «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур» таҳлили ҳар як байт ва шарҳи таъбири «руҳафтода нашудан» талаб карда шудааст. Дар ғазали мазкур санъати талмеҳ моҳирона дар ду маврид, яке ишора ба қиссаи Ҳазрати Юсуф (а) бо ифодаҳои Юсуфи гумгашта, Канъон ва кулбаи эҳзон; дигаре ба воқеаи зиндагии Ҳазрати Нуҳ ба кор рафтааст. Ҳарчанд ки таълими санъати талмеҳ дар синфи 8-ум сурат мегирад, вале баробари омӯзиши ғазалиёти шоир истифода аз фарҳангномаҳо зарур аст. Хоссатан, ки силсилафилми «Юсуф паёмбар» дар замони муосир маҳбубияти зиёд пайдо кардааст, лаҳзаҳои марбут ба мазмуни ғазали болоро тавассути воситаҳои техникӣ ба хонандагон метавон намоиш дод. Ҳамчунин омӯзгор бо истифода аз компютер харитаи Фаластину Мисрро намоиш дода таъкид намояд, ки Фаластин бахше аз Канъон аст.

Мувофиқи ривоятҳо номи шаҳр ба номи набераи пайғамбар Нуҳ - Канъон ибни Ҳом вобаста аст. Аз ин лиҳоз, бе тавзеҳи он маънои абёт пушида мемонад, аз ҷумла, вожаи «эҳзон» дар китоби дарсӣ «ҳузн, ғам, андуҳ» шарҳ ёфта, вале ибораи маҷозии «кулбаи эҳзон», ки дар адабиёти форсӣ - тоҷикӣ корбурди фаровон дорад. Дар қаринаи матн маънои кулбае, ки аз фироқи фарзанди дӯстдоштааш бо мақсади дурӣ ҷустан аз пайвандону атрофиён Яъқуб (а) – падари Юсуф (а) махсус бино карда буд, равшан мегардад ва ин бояд аз ҷониби омӯзгор баён карда шавад. Шоир бо мақсади тасаллои дили инсонҳое, ки дучори ғаму андуҳ гаштаанд, аз мусибати бузургтарини инсоният – ҷудоӣ аз фарзандро дар мисоли Яъқуб (а) ёдовар гаштааст.

Бо мақсади таскини ғаму андуҳи аз ҳад зиёд шоир ҳакимона панд медиҳад, ки рӯзгор шебу фарозҳо дорад ва аз пайи бадбахтӣ хушрӯзӣ низ меояд ва ноумед ҳаргиз набояд шуд. Дар байти сеюм «Баҳори умр» - киноя аз солҳои шукуфоӣ, ё худ давраи ҷавонӣ; вожаи чатр соябон аст, ки дар вақти ҷамъ кардан - ғунча, вақти боз кардан шакли гулро мегирад. Одатан, чатрро барои аз борон ва ё офтоби ниҳоят гарм эмин нигоҳ доштан истифода мекунанд. Дар чаман бо чатри гул баромадан нишоту хуррамии зиёди инсонро ифода мекунад,

яъне агар дар маҷрои зиндагӣ қарор дорӣ, рӯзҳои шоду муборак бароят насиб мегардад. Байти чаҳорум давоми мантиқии байти дуюм аст. Дар гардиш будани чархи гардун ва ҳамагӣ чанд рӯзе пешорӯйи инсон қарор гирифтани ҳузну ғам тазаккур ёфта, метавон байти машҳури зеринро барои равшан гаштани мақсади шоир ба шогирдон тавзеҳ дод:

«Навмед набояд шудан аз гардиши айём,

Ҳар шом, ки ояд, зи пайи он саҳаре ҳаст» [353].

Чи хеле ки сабаби фарорасии шому саҳарро касе намедонад, сабаби номаълум ва пушида будани сияҳрӯзиҳои инсон дар байти поён зикр гаштааст:

«**Ҳон, машав навмед, чун воқиф наӣ аз сирри гайб,**

**Бошад андар парда бозиҳои пинҳон, ғам махур!**» [167, 96].

Огоҳ бош ва ҳаргиз ноумед машав, зеро аз асрори ниҳонии олам ҳеҷ касе воқиф нест ва поёни шаби сияҳ сафед аст. Хайём низ ба ҳамин маъно гуфтааст:

«Асрори азалро на ту דониву на ман

В-ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман» [150, 207].

Дар мақтаи ғазали «Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?», ки омӯзиши он низ барои хонандагони синфи 6-ум дар назар дошта шудааст, ақидаи мазкур ба таври дигар ифода ёфтааст:

«Ҳофиз, асрори Илоҳӣ кас намедонад, хамуш!

Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд?» [167, 96].

Зиндагӣ асрорҳое дорад, ки донистани он ба ҳеҷ касе муяссар нест ва нафаре нест, ки ба чӣ ҳодиса гирифтор омадани даври рӯзгоронро донад. Дар байти панҷум «Баид» – дур, муқобили наздик. Ҳарчанд ки роҳи манзил бисёр хавфноку мақсад нопадид аст, албатта он интиҳо меёбад ва ҳаргиз роҳе бепоён нест. Ҳар чизе ниҳоят дорад, пас, ғам махур. Ҷафо, ки ба ниҳоят расид, албатта, вафо даст медиҳад, зеро ҳар касе агар ба ҷафо сабр кунад, ба вафо мерасад. Дар шарҳи Судӣ таъкид гаштааст: «Агар сели фано бунёди ҳастии туро аз ҷо биканад ва бибарад, яъне бунёди вуҷудатро маҳву нобуд бикунад, чун киштибонат Ҳазрати Нуҳ аст, аз туфон боке надошта бош. Ҳосили калом:

«Агар сели фироқ тамоми оламро нобуд намояд, чун Ҷонон агар майлаш ба туст, ғам махур» [39, ҷ.1, 29]. Лозим ба ёдоварист, ки ин қисса аз маъмултарин воқеаҳои Нуҳ (а) буда, аҳли адаб ба он бисёр руҷуъ кардаанд. Ғазали мазкур руҳбаландӣ, умед ба фардои дурахшон, наҳаросидан аз мушкилиҳои зиндагӣ, эътимод ба меҳрубонии дӯст, кӯшиши ҷиддӣ ба иҷрои мақсадҳои накуро тарғиб менамояд. Барои он ки ин ғояҳои олӣ дар зеҳну шуури хонандагон нақши носутуданӣ боқӣ гузорад ва дар зиндагӣ мувофиқи он амал намоянд, шарҳи маънои ҳар як вожа ва ВПФ-и байтҳо зарур аст, то ки бо дарки намунаҳои барҷаста ва мушоҳидаҳои рӯзгор ба хулосаҳои зарурӣ расанд. Таъсир гузоштан ба зеҳну эҳсоси хонанда зимни баён - ҷавҳари асосии маҳорати омӯзгорист. Риояи қоидаҳои сарфу наҳв дар нутқи омӯзгор, аз ҷумла, мусовот, эҷоз ва итноб дар баёни фасеҳу пурмазмун таъсири калон доранд.

**Мусовот** - ифодаи фикр бо калимаҳои умумиистеъмолӣ, яъне ба ҳадди миёна сухан гуфтан аст, ки на омиёнаи бесаводона бошад ва на ороста бо санъатҳои адабии дур аз зеҳн. Аз лиҳози ифодаи ҳақиқат чунин сухан айнӣ ва ба вуқуъ наздик бояд бошад. Ба монанди ин сухани Саъдӣ: «Ҳар кӣ бо пулодбозу panҷа кард, Соиди симини худро ранҷа кард» [181, 132]. Мусовот дар услуби илмӣ низ ба кор меравад. Абатта, дар адабиёти бадеӣ намунаҳои зиёд дорад. Масалан, бисёре аз ибороти «Гулистон», ки дар мактаб омӯхта мешавад, бо ин навъи гуфтор иншо гардидааст.

**Эҷоз** - бо алфози андак маънии зиёд баён кардан, ба шарти он ки ба маънӣ халале роҳ наёбад. Сарфаҷуйӣ дар калом боиси муассирии нутқ гардида, аз даврони пешин сухани муҷазро аз ҳунарҳои адабӣ мешумориданд. Чунонки Дарвеши Нишопурӣ тамоми ҷанги муғулонро дар Эрон чунин ҳикоят кард: «Омаданду кананду сӯхтанду буриданду куштанду рафтанд» [353]. Дар байти зер калимаи «ашхос» ҳазф шудааст:

«На сарв монад дар ин бустон, на оби равон,
Дареғу дард, ки покону ростон рафтанд» [353].

Ё худ:

«Хештанро видоъ кун, *(ки дар ин сурат)* растӣ,

*(Ва дар ин сурат)* Акд бо ҳур бегумон бастӣ» [353].

**Итноб** – ифодаи фикр ба иборати аз ҳадди миёна зиёдтар ва ин зиёдатӣ барои ҳосили мақсад ба кор меравад. Мавзуъро барои батафсил баён кардан, то ки дар зеҳни хонанда ва ё шунаванда комилан ҷойгир шавад, вале итноб низ ҳадде дорад ва агар аз андозаи маънӣ гузарад, малоли хотир мешавад. Матолиби адабӣ, ки одатан эҳсосотро, аз қабили, ишқу нафрат, маргу зиндагӣ ва ғайраро дар бар мегирад, бевосита дилписанду муассир аст, агар бо баёне ҳунармандона ифода ёбад. Аз ин рӯст, ки метавон тулуъи хуршед, баҳору хазон ва дигар мавзуъҳои даҳҳо маротиба шунидаро мукарраран бо тобишҳои нав, ифодаҳои тоза баён намуд. Чунонки шоир гуфтааст:

«Як умр метавон сухан аз зулфи ёр гуфт,

Дар банди он мабош, ки мазмун намондааст» [386, 66].

Дар байти зерин баъди зикри як мафҳуми куллӣ мисраи дуюм барои эзоҳи матлаб хизмат кардааст:

«Парастори умраш ҳама чизу кас

Бани одаму мурғу муру магас» [394, 108].

Такрор ба ҷиҳати таъкид низ дохили итноб аст:

«Мусалмонон, мусалмонон, мусалмонӣ, мусалмонӣ,

Аз ин ойини бединон пушаймонӣ, пушаймонӣ» [386, 105].

Итноб барои таъкиди андешаи асосӣ ва ё тақвияти фикри муҳим ва ё эҳсосот, ба монанди ҳаяҷон, ғазаб, ё ғам ба кор гирифта мешавад. Вақте ки сухангӯй ё нависанда як андешаро борҳо такрор мекунад, он сухан дар зеҳни шунаванда ва ё хонанда ба таври мустаҳкам ҷой мегирад.

**Илми маонӣ** - маърифат кардани таркиби гуфтор аз ҷиҳати ҳисси мусбат ва ё манфӣ, то ки дар ифодаи фикр мувофиқ ба вазъу ҳоли шунаванда гуфта шавад. Аз таркиби калимаҳои ҷумла маъние маърифат мешавад ва дурустию ҳусни он мутаносибӣ ба мавриду ҳолати ифода вобаста аст. Агар омӯзгор кӯшиш намояд, ки каломаш ба хонанда муассир ва дилнишин афтад, бояд аз балоғату фасоҳати сухан баҳраманд бошад ва ин маҳоратро ба шогирдон

омӯзонад. Маъно дар ин ҳолат маънои калом аст, на маънои воқеии дар нутқи муқаррарӣ истифодашаванда. Илми маонӣ мавридҳои истеъмоли маънои дувумӣ, яъне маънои кучида ва маҷозии вожаҳоро мавриди баҳс қарор медиҳад. Барои он ки сухан дар ҳадди камоли маънӣ, мутобиқ ба завқи хонанда ифода ёбад, омӯзгор бояд ин сифатҳоро дошта бошад: дониши мувофиқи хоҳиш, огоҳӣ аз принсипҳои дидактикӣ, завқи шогирдон ва фарҳанги нутқ. Таълимоти илми маонӣ бо услуби сухан иртиботи зиёд дорад. Ҳар адибе сабки нигориш, тарзи баёни худро дорад. Тафовути услуб ба тарзи ифодаи маъно вобаста аст. Як маъноро ба чанд навъ ба таҳрир овардан мумкин аст, ки дилнишину нишонрас гардад, на каммаъниву номақбул. Бо ҳосили ин маҳорат фарҳанги нутқи хонандагон ташаккул дода мешавад.

Илми баён ва маонӣ бо ҳамдигар иртиботи қавӣ дошта, на танҳо як қисми назария, балки воситаи муҳим барои ташаккул ва такмили нутқи маданӣ, пурмазмун ва зебои хонандагон ба ҳисоб меравад. Тарзи дуруст ва мантиқии ифодаи фикрро меомӯзонад ва дар ташаккули ҷумлаҳо ва пайванд додани онҳо дар матн нақши асосӣ дорад. Он ба хонанда имкон медиҳад, ки суханро мувофиқи вазъу ҳолати ҳамсуҳбат ё хонандаи мушаххас созгор кунад. Аҳаммияти баён ва маонӣ чун омилҳои дидактикии таълим дар ташаккули нутқи хонандагони МТМУ  аз инҳо иборат аст:

1. Ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ: Аз худ намудани илми баён ва маонӣ дар такмили захираи луғавии хонандагон мусоидат намуда, хонандагон истилоҳот, сабку услуб ва тарзҳои баёни мухталифи фикрро меомӯзанд.

2. Рушди тафаккури мантиқӣ: Илми маонӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки фикрҳои худро мантиқан дуруст ва мураттаб ифода кунанд. Ин маҳорат дар навиштани иншо, нақли хаттӣ, эссе, мақола ва хелҳои дигари корҳои хаттӣ муҳим аст.

3. Фарқ кардани сухани одии маъмулӣ аз бадеӣ ва дарки зебоиҳои он.

4. Баланд бардоштани сатҳи таваҷҷуҳ: ҳар қадар ки нутқи хонанда равшану пурмазмун ва муассир бошад, ҳамон андоза таваҷҷуҳи мусоҳиб бештар мегардад.

Умуман, огоҳӣ аз тарзу равиши баён ва маъношиносӣ дар рушди маърифатӣ ва салоҳияти иртиботии хонандагон мавқеи намоён дорад. Тасвири зебо, роҳу усули дуруст, мантиқӣ ва образноки фикрро меомӯзонад, ки ин ба ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва инкишофи маҳорати эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Усули баёнро аз ҳамаи навъҳои жанрҳои адабӣ, вале нақлро аз асарҳои ҳамосавӣ, монологро аз асарҳои лирикӣ ва муколамаро аз осори саҳнавӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Итноб ҳамчун як усули таъкиди сухан барои таъкид, баёни эҳсосот ва зебоии нутқ истифода мешавад. Ба таври дуруст истифода бурдани итноб метавонад суханро боз ҳам хушоҳангу қавӣ ва боэътимодтар созад. Ин рукнҳои забономӯзӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки на танҳо дуруст, балки зебо ва пурмазмун фикри худро баён кунанд ва нависанд.

## 2.2. Мафҳумҳои фасоҳат ва балоғати калом дар рисолаҳои илми бадеъ аз нигоҳи омӯзиш ва парвариши насли наврас

Фасоҳат - ифодаи сода, бомаъно ва зебои фикр аст ва бо баёни фасеҳ метавон диққати шогирдонро ҷалб кард. Омӯзиши масъалаи **фасоҳат** барои хонандагон яке аз зинаҳои муҳимми такмили нутқ ва дарки зебоии забон аст. Вожаи «фасоҳат - (равшанбаёнӣ, равшании сухан, равонии сухан ва гуфтор), дар забоншиносӣ ва илм риштаи махсуси марбут ба сухани комилу болиғу гӯшнавоз, ки масъалаҳои нутқу гуфтори ифоданок ва сухани сараву баргузида, роҳҳои нафис ва латифу хушоҳанг баён кардани фикри инсонро баррасӣ менамояд» [265, 589]. Фасоҳат танҳо бо дурустии грамматикии ҷумлаву таркибҳо маҳдуд нашуда, балки ба зебошиносӣ ва руҳияи сухан нигаронида шудааст. Он ба хонанда кумак мекунад, ки аз калимаҳои дурушт ва душворфаҳм парҳез карда, фикри худро салису равон ва зебо пешкаш кунад, ки ба дили шунаванда зуд асар намояд ва боиси лаззати маънавии ӯ гардад. Дар истилоҳи адабӣ холӣ будани каломро аз се айб гуянд:

«1.Душвории маънӣ

2.Мушкил будани талаффуз

3.Хилофи қоидаҳои дастури забон» [149, 86].

Агар дар навиштае ва ё гуфторе ба ҷумлаву ифодаҳое дучор оем, ки маънии онро надонем, дар талаффуз душворӣ кашем, он навишта ва гуфта фасеҳ нест. Пас, гуфторе ва навиштае фасеҳ шуморида мешавад, ки ин се айбро надорад. Фасоҳат аз муҳимтарин воситаҳои ташаккули маданияти нутқи хонанда ба шумор рафта, равшанӣ, дақиқӣ ва зебоии фикр ва баёни ӯро таъмин месозад. Хонандае, ки тамоми унсурҳои асосии фасоҳатро аз худ кардааст, фикри худро возеҳ, бо калимаҳои муносиб ва ҷумлаҳои солим баён менамояд ва на танҳо ба мазмуни сухан, балки ба шакли зоҳирии он низ таваҷҷуҳ мекунад. Унсурҳои асосии фасоҳат аз инҳо иборатанд:

1. **Ифодаи маъно ба таври равшан, яъне** сухани фасеҳ ба осонӣ фаҳмида ва аз истифодаи калимаҳое, ки маънои пушида ва рамзӣ доранд, худдорӣ карда мешавад.

2. **Таркиби луғавии бой**, ки барои ифодаи фикр аз вожаву ибораҳои муносиб истифода карда тавонад.

3. **Риояи қоидаҳои грамматикӣ,** ки барои саҳеҳӣ ва равшании сухан зарур аст.

Хонандаи огоҳ бо омӯзиши фасеҳбаёнӣ салоҳияти ба осонӣ бо дигарон муошират кардан ва адои маънӣ ба таври муассирро дорад. **Фасоҳат** нишонаи маданияти хонанда ва эҳтироми ӯ ба забон мебошад. Онро на танҳо тавассути хондани китобҳо, балки дар амал, масалан, кор аз болои нутқ ва пайваста беҳтар кардани малакаҳои суханварӣ ба даст овардан мумкин аст. Ин мафҳум ба масъалаи талаффузи дурусти вожаҳо ва риояи қоидаҳои грамматикӣ маҳдуд намешавад, балки ба қобилияти баён кардани фикр ба таври равшан, ҷолиб ва боэътимод ишора мекунад. Фасеҳбаёнӣ салоҳият ва малакаи муҳим аст, ки дар тамоми раванди таҳсил ва ҳаётиояндаи хонандагон муфид хоҳад буд. Он на танҳо барои ба таври возеҳ ва мантиқан солим ифода кардани фикр, инчунин барои ҳосили эътимоду боварӣ зимни суханронӣ ва мубоҳиса хеле зарур аст. Имкон медиҳад, ки хонанда дар ҷараёни дарс, муошırату мубоҳисаҳо бо

итминони комил ва фаъолона суханронӣ кунад, дар омӯзиш бештар муваффақ шавад, муаммоҳои мураккабро ба таври осон фаҳмад ва навиштаҳояш низ беҳтар гардад. Иҷрои корҳои хаттӣ (нақлу ҳикоя, эссе ва иншо) ба истифодаи калимаву ифодаҳои мувофиқу нишонрас ва сохтори дурусти ҷумла, ташкили мубоҳисаҳои озод, мутолиаи адабиёти бадеӣ ва кор бо луғат ба корбасти вожаҳои нав, бойигарии захираи луғавӣ ва ташаккули фасоҳати баён мусоидат менамояд.

Мафҳуми дигари марбут ба ТФН – «балоғат» аст, ки қуввати фикр, ҳусни таъбир ва қудрати таъсирро фаро мегирад. Ба завқи фитрӣ, истеъдод, машқу тамрини мунтазам ва ошноӣ бо осори суханварон алоқамандӣ дорад. Балоғат дараҷаи олӣ ва волои нутқ ва андеша аст. Намунаи хуби ибороту ифодаҳои пурмаънӣ ва балоғати комили калом китобҳои бузургони адаби форс-тоҷик аст: «Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабуе бар душ дар роҳе мерафт. Фузуле ба ӯ расиду гуфт: – Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанию торикӣ дар чашми ту баробар. Ин чароғро фоида чист? Нобино бихандид, ки: – Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлу назананду сабуйи маро нашиканад» [167, 103].

**Балоғату фасоҳат** ду рукни асосӣ ва ҷавҳари зебоии нутқ аст. Ҳар гоҳ матлабе баён кунему хонандагон дар фаҳми он ба душворӣ рубару шаванд ва ё масъалаеро такрор ва бо ҷумлаҳои ҳаммаънӣ ва якнавохт ифода кунем, боиси кам гаштани майлу рағбат ба забономӯзӣ мегардад. Аз ин рӯй, бояд сухангӯйии омӯзгор доир ба мавзуи муайян ҳамоҳанг, муназзам, мантиқӣ, муҷаз, пурмазмун ва судманд бошад. Доир ба роҳҳои таъмини фасоҳату балоғати сухан ва меъёрҳои санҷиши он донишмандону пажуҳишгарони зиёд мулоҳизаронӣ намуда, инро асоси суханварӣ донистаанд. Шарти умдаи балоғати каломро муҳаққиқон дар фасоҳати он дидаанд [149, 300]. Мирҷалолуддини Каззозӣ балоғат ва фасоҳатро мутаносибан «расоӣ ва шевоӣ» номгузорӣ кардааст. Ба андешаи ӯ, балоғат мавзуи баҳси ду илм – маонӣ ва баён буда, омили таъмини балоғати каломро дар фасоҳати он донистааст [66, 300]. Ба ифодаи дигар, каломи балеғ фасеҳ ҳам ҳаст, вале на ҳар каломи фасеҳ

балеғ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии балоғат таъсири калом аст ва сарчашмаи муҳимми ғановати тасаввуроти мо роҷеъ ба омӯзиши балоғат ва фасоҳати калом шарҳу тафсири осори адабӣ мебошад, ки бояд асоси таълими ВПФ қарор гирад. Шарҳ сарчашмаи асосии тадқиқи хусусиятҳои балоғати сухан буда, ба таври амалӣ ва дар заминаи асноди мушаххас онро нишон медиҳад. Бо маърифати осори адабии балеғ завқи сухансанҷӣ ва қобилияти зеҳнии хонандагон афзоиш мeёбад. Мутаассифона, «камбудии асосии ҷараёни таълими адабиёт аз он иборат аст, ки ба омӯзиши амалии поэтикаи матни бадеӣ, масъалаи тафсири зебоишинохтии он, ки бояд дар ҳадафҳои асосии таълими адабиёт қарор гирад, чандон аҳаммият дода намешавад» [115, 50].

Ба завқи сухансанҷӣ ва қобилияти зеҳнии толибилмон таҳлил ва маърифати матнҳои адабӣ алоқаи қавӣ дорад. Бино бар ин, ба масъалаи пайванди саводу маънавият, зарурати татбиқи муносибати босалоҳит ба таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик бо назардошти усули суннатии таҳлилу тафсири матнҳои бадеӣ дар МТМУ ва макотиби олӣ соҳибназарон пайваста руҷуъ кардаанд. Аз ин хусус андешаҳои устоди шодравон А.Насриддин ҷолиби диққат аст, ки кафолати рушди маънавӣ ва фарҳангии хонандагонро таҳлили асарҳои бадеӣ аз ҷиҳати тарбиявӣ мансуб дониста, таъсири амиқи онҳоро дар «ташаккули зеҳниву ахлоқӣ ва шинохти балоғату фасоҳати калом» [121, ҷ. 2, 7] судманд донистааст. Дар марҳалаи аввал шарҳи порчаҳо аз «Гулистон» ва «Бустон»-и Саъдиро пешниҳод менамояд: «Забони Саъдӣ дар «Бустон» сармашқи балоғату фасоҳат ва узубату салосати забони ширини форсӣ-тоҷикист» [121, ҷ.2, 7]. Ҳамчунин муҳаққиқ меафзояд, ки барои дарку фаҳми осори манзум, мисли «Бустон»-и Шайх Саъдӣ ба эътибор гирифтани нуктаҳои зерин зарурат дорад:

1. Ошноӣ бо маъниҳои аслию маҷозии калимаю ибораҳо.

2. Ба назар гирифтани қолабҳои ҷумласозӣ ва таркибу ибораороӣ дар каломи мавзун.

3. Ошноӣ бо сарчашмаҳои андешаи Шайх Саъдӣ [121, ҷ.2, 527].

Таълими адабиёти тоҷик дар таркиби барномаи омӯзиш дар фазои фарҳангию таърихӣ хусусияти хос касб карда, бояд бо такя ба анъанаҳои миллӣ густариш ёбад. Масъалаи парвариши табъи бадеӣ, омӯзишу маърифати асарҳои манзуму мансур ифодакунандаи фарҳанги миллӣ ва худшиносии ҳар шахс ба шумор меравад. Муҳимтарин талабот ва шарти аввалини тафсири асарҳои бадеӣ ташхиси матни дуруст аз ғалат аст: «Шореҳон сиҳатии матн ва асолати онро шарти умдаи маърифати адабиёт ва тафсири боасоси каломи бадеӣ дониста, асарҳои мавриди шарҳро дар асоси нусхаҳои қадимаю муътабар нақду тасҳеҳ кардаанд» [121, ҷ.2, 340].

Аз ин лиҳоз, масъалаи интихоб ва ба китобҳои дарсии адабиёт ворид сохтани матнҳои хуби бадеӣ дар мадди аввал қарор мегирад ва мубрамияти махсус касб менамояд. Муаллифони китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик»-ро зарур аст, ки санҷидакор бошанд, аз нашрҳои интиқодӣ истифода кунанд, аз маслиҳату таҳқиқоти ҷадиди мутахассисон мустафид гарданд, танҳо баъди муайян кардани сиҳатии калом ва интиқоди он дар асоси муқобалаву муқоиса бо нусхаҳои комил онро интишор диҳанд. Аз таҳлили ВПФ китобҳои дарсӣ роҳ ёфтани чанд ғалат ба чашм расид: қироати нодурусти мисраи чаҳоруми мадҳияи дар васфи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ сурудаи Дақиқӣ ба идроки асли мақсади шоир халал расонида, хонандагонро ба иштибоҳ меандозад:

«Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,

Имоми фунуну суханвар бувад.

Дақиқӣ мадеҳ оварад пеши ӯ,

<u>Чу хурмо ба пеши Хаҷевар барад</u>» [103, 56].

Донишманди Эрон Саид Нафисӣ нусхаи дурусти ин қитъаро овардааст:

Шаҳиди Балхӣ гуфтааст:

«Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,

Имоми фунуни сухан буд в-ар.

Дақиқӣ мадеҳ оварад назди ӯй

Чу хурмо бувад бурда сӯи Ҳаҷар» [122, 624].

Дар нашри баъд [103, 58] боз ҳам нусхаи ғалати қитъа айнан сабт гашта, шарҳи мазкур - «Шеърҳои шоирон ба сухан, вале шеърҳои Рӯдакӣ ба хурмои пухтаи ранговарда монанд аст. Шоирони дигар таърифу тавсифро шеъри мадҳия шуморанд, ҳаҷву таъриф дар назари Рӯдакӣ шеъри нописанд аст» [102, 55] бо каме тағйир барои тавзеҳи қитъаи зерини Шаҳиди Балхӣ зикр гаштааст:

«Ба сухан монад шеъри шуаро,

Рӯдакиро суханаш талвиност.

Шоиронро хаву аҳсант мадеҳ,

Рӯдакиро хаву аҳсант ҳиҷост» [103, 58].

«Шеърҳои шоирон ба сухани муқаррарӣ монанд аст, вале шеърҳои Рӯдакӣ арзиши баланд дорад. Шоирони дигар таърифу тавсифро дӯст медоранд, Рӯдакӣ ба таърифу тавсиф эҳтиёҷ надорад» [103, 59]. Бояд қайд кард, ки қитъаи Шаҳиди Балхӣ низ дар китоби дарсӣ хеле пурғалат ва шарҳи луғот ҳам нодуруст омадааст: «т**алвино** – хурмои пухтаи ранговарда; **хав** – хуб, хуш, офарин» [103, 59]. Дар фарҳангномаҳо калимаи талвино мавҷуд набуда, «т**алвин** - ба ранги дигар даровардан, гуногунранг кардан» [341, ҷ.2, 312] ва «х**ав** – 1.алафи бегонае, ки дар миёни ғалла *ва* ғ. мерӯяд, алафи печак; 2.хараки чубин барои болои он истода кор кардани гилкор» [341, ҷ.2, 452];

Дар китоби Саид Нафисӣ гунаи дурусти қитъаи Шаҳиди Балхӣ мазкур аст:

«Ба сухан монад шеъри шуаро,

Рӯдакиро сухане тилви нубист.

Шоиронро хаҳу аҳсант мадеҳ

Рӯдакиро хаҳу аҳсант ҳиҷист» [122, 339].

Китоби Асрори Раҳмонфар баргирифта аз ҳамин мисраи шоир - «Рӯдакиро суханаш тилви нубост... » низ соли 2009-ум ба табъ расида [139], вале аз назари мураттибони китоби дарсӣ дур мондааст. Бояд омӯзгор вожаҳои «тилв – пайрав, дунбола» [341, ҷ.2, 362]; «нубӣ/ нубо/ нубувват – пайғамбарӣ; маҷ.эъҷоз, муъҷизанамоӣ, муъҷиза нишон додан» [341, ҷ.1, 877]; «**хаҳ** - хушо зеҳ, чӣ хуш аст!» [341, ҷ.2, 473]-ро бо истифода аз луғатномаҳо шарҳ диҳад. Ҳамчунин лозим аст, ки адабиёти бадеӣ дар заминаи тафаккуру ҷаҳоншиносии муаллифи

он таҳлил карда шавад, на балки аз пиндошти имрӯзиён, ки аксар безамина аст ва аз маънои асл хонанда хеле дур мемонад. Бо андаке тааммуқ аз қитъаи болои Рӯдакӣ маънои тамоман дигар дар зеҳн матраҳ мегардад: Ба мақому манзалати Рӯдакӣ номитарину беҳтарин суханварон, ки арбоби илму фан маҳсуб меёбанд, арҷ гузоштаанд ва ин мадҳияи ман мисли хурмое аст, ки ба Ҳаҷар (яке аз маҳалҳои серхурмо) баранд, яъне чизеро ба ҷое бурдан, ки дар он макон фаровон аст. Муродифи зарбулмасали мазкур «Зира ба Кирмон бурдан» ё гунаи дигари он «Қатра ба дарё бурдан» аст, ки дар осори адабӣ корбурди фаровон дорад ва киноя аз кори беҳуда анҷом додан аст, аз ҷумла, Камоли Хуҷандӣ мефармояд:

«Маёред, гӯй, ноз ин ҷову ҳусн,

Ки зира ба Кирмон надорад ривоҷ» [341, ҷ.1, 452].

Мушоҳида мегардад, ки гоҳе таҳиягарони китоби дарсиро на гӯши суханшунав ҳасту на дидаи эътибор. Ҳанӯз соли 1984 профессор А.Насриддин доир ба ҳусну қубҳи китоби дар ҳамон замон тозанашри «Адабиёти тоҷик» барои хонандагони синфҳои 9-ум (муаллифон Р.Ҳодизода, Т.Неъматзода ва Т.Миров) мулоҳизаҳои пурарзиш иброз дошта, мутобиқат накардани мавзуъҳои барнома бо китоби дарсӣ, баррасии ҳаҷми соатҳои муқарраршуда, ҷанбаҳои тарбиявиву зебошиносӣ, забон ва услуби маводди китоб аз донишу огоҳӣ ва диди амиқи муқарриз гувоҳӣ медиҳанд. Бо назарсанҷиҳои мӯйшикофонаву нозукбинона «дучор шудани ҷумлаҳои носуфта ва услубан хароб, садҳо хатои имлоиву китобатӣ»-ро ҷурми азим маҳсуб дониста, 23 андешаву хулоса роҷеъ ба сатҳу сифати китоб баён кардаанд. То имрӯз китоби дарсии толибилмони синфи 8-ум 5 маротиба бознашр гардида бошад ҳам, вале баъзе аз ин ғалатҳо мукарраран ба нашрҳои нав кучонида шудаанд. Дар кори таълим аҳаммияте надоштани таъкиди «зану фарзанд доштан»-и Бадриддин Ҳилоӣ [121, ҷ.6, 582] ва чанд хатои дигар дар тақризи мазкур қайд гаштааст: «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо байтҳои:

«Гузаре кун ба ин «Баҳористон»,

То бубинӣ дар ӯ гулистонҳо.

В-аз латоиф ба ҳар гулистоне,

Руста гулҳо, дамида райҳонҳо» [113, 258] оғоз намеёбад, чунонки дар китоби дарсӣ қайд шудааст. Як назар ба матни илмӣ-танқидии он (таҳияи А.Афсаҳзод. – Душанбе, 1972) кифоя аст дарёбем, ки пеш аз ин байтҳо панҷ қитъа ва як маснавӣ омадаанд» [121, ҷ.6, 581]. Муҳаққиқ баъзе хулосаҳои мураттибони китоби дарсӣ, аз ҷумла, «Осаф»-ро, ки образи асотирӣ аст, дар китоби дарсӣ чун вазири подшоҳи замони зиндагии шоир муаррифӣ гаштанашро «тааҷҷубангез» ҳисобидаанд: «...байти зерини Абдурраҳмони Мушфиқӣ:

«Осаф, ки дев бошаду девон ба ҳукми ӯ,

Назми умури мулки Сулаймон чӣ сон диҳад?»-ро иқтибос карда менависанд (муаллифони китоби дарсӣ – С.Ш.): «Баъд аз ин, шоир сабаби ин гуна бадбахтии мардум ва вайронии мулкро шарҳ дода, нишон медиҳад, ки дар ҳамаи ин корҳо вазири Абдуллоҳхон (подшоҳи замони зиндагии шоир – С.Ш.) – Осаф айбдор аст. Дар асл, Абдуллоҳхон «Осаф» ном вазире надошт, балки Осаф ибни Бархиё вазири Сулаймон аст. Мушфиқӣ қиссаи «Сулаймон ва Билқис»-ро талмеҳ кардааст» [121, ҷ.6, 582].

Мутаассифона, дар нашри нави китоби дарсӣ (соли 2018) муаллифон ба ҷойи шарҳи боло тафсири зеринро овардаанд, ки матлабро мубҳам месозад: «Шоир сарвазир Осафро беибо дев меномад, ки чунин ҷуръат кам андар кам аст. Агар дев роҳбар бошад, пас, чӣ гуна низом барқарор хоҳад гашт?» (21, 35). Аз шарҳи муаллиф хонанда ба хулосае мерасад, ки Абдуллохон сарвазире бо номи Осаф доштааст ва монанди инҳо. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маъноҳои зерини вожаи «Осаф» мазкур аст: Осаф – 1.номи вазири Сулаймон писари Довуд, ки ба доноӣ машҳур будааст; Осафи сонӣ – Осафи дуюм, киноя аз ҳар вазире, ки дар ақлу заковат монанди Осаф аст; 2. маҷ. вазири доно, вазири ботадбир [341, ҷ.1, 952]. Дар ин байт Мушфиқӣ мегуяд: «Осаф, яъне вазири шоҳ, агар дев бошад ва ба девон (вазоратхона, ки кормандони он идораи мамлакатро ба зимма доранд) ҳукмфармо бошад, чӣ тавр умури мулк низом

пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, хӯйи девии вазир буруз менамояд ва аҳли девонро ба кори хайру халқпарварӣ равона намесозад ва ғайра.

Ҳамчунин дар ин маврид, вожаи «девон»-ро ба маънои гунаи ҷамъи калимаи «дев» фаҳмидан эҳтимол мувофиқтар бошад, зеро вазир, ки дев аст, тобеонаш низ девҳо мебошанд. Ҳамин маъноро Фаридуддини Аттор возеҳтар баён кардааст: «...Ки муште мардуми деванд ин девони девонӣ!» [375, 82]. Азбаски шарҳу тафсири равшан ва ба фаҳми хонандагон наздику мувофиқи байти мавриди назар манзур нагаштааст, онҳо маънои байтро дарк карда наметавонанд, нозукию тобишҳои маъноии ВПФ-ро намефаҳманд. Дар натиҷа, ҳадафи асосӣ – тарбияи зебошиносӣ халалдор мегардад. Аз шартҳои муҳимми тафсири саҳеҳ кори матншиносӣ маҳсуб меёбад. Тавассути осори адабӣ асолати мероси маънавӣ ва ҳунарии суханварон ва илми балоғат дар натиҷаи омӯхтани қонуну қоидаҳои назму наср ҳосил мешавад. Таълифи китобҳои дарсӣ муносибати ниҳоят ҷиддиву эҳтиёткоронаро тақозо дорад, зеро матнҳои орӣ аз саҳву ғалат заминаи вуруд ба ҷаҳони фикриву ҳунарии адибро ба хонандагон муҳайё месозад.

Мафҳумҳои фасоҳат ва балоғат аз унсурҳои меҳварии илми бадеъ ва фарҳанги нутқ ба шумор рафта, дар шароити муосир омӯзиши ин ду мафҳум на танҳо аҳаммияти назариявию амалӣ дорад, балки ҳамчун воситаи неруманди педагогӣ ва лингводидактикӣ барои омӯзиш ва парвариши насли наврас хизмат мекунад. Нутқи зебо, мантиқӣ ва ҳадафрас заминаи шаклгирии шахсияти хонанда аст. Дар замони муосир, ки бо таъсири технологияҳои муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ нутқи наврасон коста гардида, истифодаи калимаҳои гӯйишӣ иштиҳор пайдо кардааст, омӯзиши фасоҳат аҳаммияти зиёд дорад: а) покизагии нутқ ва маданияти сухан; б)ислоҳи нуқсонҳои талаффуз ва грамматика; в) бойшавии захираи луғавӣ. Барои нутқи фасеҳ дошта хонандагон маҷбур ҳастанд, ки муродифоти зиёди калимаҳоро донад ва дар маавқеи муносиб истифода баранд. Агар фасоҳат заминаи шаклии нутқ бошад, балоғат заминаи равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии он аст. Бо омӯзиши балоғат насли наврас тафовути тарзи суханрониро бо омӯзгор, бо падару модар, бо дӯстон ва назди ҷомеаро аз ҳам дарк мекунад.

Ин унсур фарҳанги муошırати наврасро шакл медиҳад ва бо он наврасон ба худ эътимод пайдо мекунанд. Ба рушди тафаккури интиқодӣ ва мантиқ мусоидат мекунад. Ба хонанда меомӯзад, ки барои исботи ақидаи худ на аз дағаливу садои баланд, балки аз имконияти таъсирбахшии сухан бо санъатҳои бадеӣ (ташбеҳ, истиора, киноя) истифода кунад. Дар ҷомеаи муосир касе муваффақ мешавад, ки фикри худро дуруст, зебо на нишонрас ифода карда тавонад. Омӯзиши балоғат ба наврасон маҳорати суханронии оммавӣ (ораторӣ)-ро меомӯзад ва ба онҳо эътимод ба худ мебахшад. Роҳҳои лингводидактикии фарогирии фасоҳат ва балоғат ба таври зерин сурат мегирад:

1.Кор бо матни бадеӣ: Таҳлили асарҳои манзум ва мансури суханварони форс-тоҷик, ки  як байт дар айни содагиву фасоҳат метавонад ҷаҳоне аз маъниро кашф кунад ва балеғ бошад. Бо ин мақсад истифодаи усули «Таҳрири матн» ба манфиати кор аст. Ба хонандагон матне пешниҳод мешавад, ки афкори пароканда, калимаҳои такрорӣ ва сохтори нодуруст дорад. Вазифаи наврасон ин аст, ки бо истифода аз қоидаҳои фасоҳат матнро тағйир диҳанд ва зебо кунанд. Вобаста ба мақсади дарс омӯзгор метавонад матнро ба чанд сохтор вайрон созад: харобии луғавӣ ва услубӣ истилоҳот ва калимаҳои иқтибосии нофаҳмо, жаргонҳо ва такрори бемаънии калимаҳо ворид карда мешавад; хатои мантиқӣ ва наҳвӣ: таркибу ҷумлаҳо ҷойи худро дигар мекунанд, сабабу натиҷа халалдор мешавад ё матн номуносиб ба вазъият навишта мешавад. Истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба шакл ё гунаи нодуруст, хонандагон матнро таҳлил карда, ғалатҳоро шарҳ медиҳанд. Масалан, мақолро нодуруст истифода кардан «Забони сурх инсонро медиҳад бар бод» (шакли дурусти он «Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод»); «Хеле бисёр хурсанд» - такрори зиёдатӣ; «Дили калон доштан» - истифодаи нодурусти фразеологизм (бояд дили васеъ доштан бошад).

Аҳаммияти лингводидактикии корбасти ин усул аз ин иборат аст:

- Аз худ намудани меъёрҳои услубӣ: Хонандагон дар амал фарқи каломи дуруштро аз каломи фасеҳу балеғ дарк мекунанд.

- Инкишофи фаъолнокии фикрӣ: дарки вазифаи ҳар як калимаву ибора дар ҷумла ва ворид кардани воҳидҳои фразеологӣ, ки мутаносиб ба фикри асосӣ бошад.
- Худтаҳриркунӣ: муҳимтарин натиҷаи истифодаи ин усул аз он иборат аст, ки хонанда минбаъд ҳангоми навиштани иншо ё эссе матни худро пеш аз супоридан аз ҳамин дидгоҳи интиқодӣ таҳрир ва тасҳеҳ мекунад.

Насли наврасе, ки каломи фасеҳ ва балеғ дорад, ба ифодаҳои дағал ва унсурҳои гӯиишӣ роҳ намедиҳад.

## 2.3. Такмили захираи луғавии хонандагон дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ

Забони тоҷикӣ дорои захираи бойи калимаву таркибҳост, ки вобаста ба ифодаи фикр бо назардошти тобишҳои нозуки маъноӣ ба кор гирифта мешавад. Ба ҳифзи луғат, донистани назокати забон ва ҳусни баён зимни шарҳи мутуни бадеӣ бояд таваҷҷуҳи зарурӣ равона гардад. Муносибати босалоҳият ба таълимро, ки дар замони муосир аҳаммияти аввалиндараҷа касб кардааст, чанд сол пештар М.Шакурӣ ҷиҳати татбиқи консепсия ва барномаҳои омӯзишу парвариш ин навъ равиши таълимро дар мадди аввал гузошта, таъкид намуда буд: «Ҳама паҳлуҳои воқеияти иҷтимоӣ дар омӯзишу парвариш бояд дар назар гирифта шавад ва навҷавонони мо бо хатми мактаби миёна барои зиндагонӣ, барои сахтгирӣ дар воқеияти иҷтимоӣ имконияти зарурӣ ба даст биоваранд» [182, 54].

Муносибати босалоҳият ба таълим, маърифати дурусти осори адабӣ ва таъмини балоғати калом ба ҳамдигар иртиботи қавӣ дорад. Чаҳор салоҳияти фаннӣ дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик бояд сурат гирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн ва таҳияи мустақилонаи матн. Идроки матни осори адабӣ дар сурати саҳеҳу дуруст будани матн ҳосил мешавад. Мутаассифона, дар китобҳои дарсӣ, баъзан, иштибоҳот ба мушоҳида мерасад. Дарк ва баҳодиҳӣ ба матн дар раванди дарси забон ва адабиёти тоҷик марҳалаи мураккаб ва тулонӣ аст. Хонанда на танҳо бо мазмуни осори адабӣ

шинос мешавад ва дар атрофи ғояи он мулоҳиза мекунад, балки калимаҳои душворфаҳм ва санъатҳои бадеии онро ёфта шарҳ медиҳад, вежагиҳои сабку баён, балоғати калом ва ҳунармандии суханварро муқаррар месозад. Бо ин восита, завқи шинохти маъно, сухансанҷӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи шогирдонро ба мутолиаи китоб парвариш додан, ҷаҳонбиниашонро ғанитар гардонидан ва нутқашонро такмил додан имконпазир аст. Салоҳияти натиҷагирӣ аз матни бадеӣ ва дарёфти мақсади муаллифи асари бадеӣ роҳандозӣ мегардад.

Мафҳуми «**ғановат**» ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ сабку баёнеро мегуянд, ки маъниро дар заминаи луғати фаровон, имконоти васеи калимасозӣ, шаклу қолабҳои созгор фасеҳ ифода кунад. Забонест, ки захираи бойи луғавӣ, тартиби грамматикӣ ва услубҳои ҷории такмилёфта дошта бошад, то ҳама гуна мафҳумҳоро бе каму кост ифода ва барои саҳеҳу пурра баён кардани фикру эҳсосоти хонандагон мусоидат кунад, дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти онҳо мубодилаи афкорро таъмин намояд. Истилоҳи «ғановат» бо ҳамаи воҳидҳои забон (фонетика, луғат, фразеология, калимасозӣ, шакл) алоқамандии зич дорад. Луғатомӯзӣ шарҳу маънидоди калимаҳои душворфаҳмро дар бар мегирад. Маълум, ки як гурӯҳ калимаву таркибҳо сермаъно буда, вобаста ба ифодаи фикр маънои мушаххаси он корбаст мегардад. Ҳангоми истифодаи калимаю таркибҳо дар нутқ хонандагон ба хотири баёни матлаб ва мақсади худ калимаи мувофиқ ва маънои муносиби онро бояд интихоб кунанд, вагарна маънои ҷумла тағйир меёбад ва мақсад ба таври возеҳ ифода намеёбад. Мисол:

«Кирм дар бехи дарахти тан фитод,

Боядаш ***барканду*** дар оташ ниҳод» [166, 97].

Дар ФЗТ панҷ маънои калимаи «баркандан» шарҳ ёфтааст:

«1. Кандан; гусистан; решакан кардан.

2. Бозгирифтан, рӯёндан, ситондан.

3. Маҷ.: хароб кардан, нобуд кардан; аз байн бурдан, аз буну бунёд нест кардан.

4. Задан; нақш баркандан нақш задан, нақш шинондан.

5. Буридан, қатъ кардан» [341, ҷ.1, 147].

Аз ин лиҳоз, ҳангоми дарс омӯзгор зимни баёни фикр бояд мавқеъшиносона ба тобишҳои маъноии вожаҳо муносибат намояд, то хонандагон низ аз он баҳра ёфта бошанд ва дар мавриди зарур ба истифодаи мантиқии вожаи «баркандан» муваффақ гарданд. Калимаву иборaҳо, аксаран, ғайр аз маънои аслӣ маънои кучида ҳам доранд. Ибораҳое ҳастанд, ки на як, балки ҳамаи калимаҳои онҳо маънои маҷозӣ пайдо кардааст. Масалан, ибораи рехтаи **дасти кушод** ба маънои саховат, дур будан аз хасисӣ, мумсик набудан меояд. Ин гуна ибораҳо дар забони мо хеле бисёранд. Чунончи **сари касе баланд будан –** «киноя аз ифтихормандӣ» [349, ҷ.2, 29], **сари калобаи худро гум кардан** – «1.парешонхотир, мушавваш гардидан; 2.ба вазъияти мушкил афтодан, чӣ кор кардани худро надониста мондан» [349, ҷ.2, 45], **забони касе муҷаз будан** – «ба сабаби иштирок доштан дар коре ҷуръати дар бораи он гапзаниро надоштан, муттаҳам, гунаҳкор будан» [349, ҷ.1, 447], **дар таги гап мондан** – «дар зери танқид, сарзаниш, маломат мондан» [349, ҷ.2, 143] ва ғайра. Маънои маҷозӣ пайдо кардани калимаву ибораҳо ҳодисаи мусбати забон аст. Аҳаммияташ аз он иборат аст, ки имкониятҳои забонро зиёд мекунад, қувваю тавоноии онро меафзояд ва ифодаи матлаб ҳам осонтар, барҷастатар ва рангинтар мегардад. Дар ин роҳ классикони адабиёти форсу тоҷик хеле нодиракорӣ ва мӯйшикофӣ кардаанд. Калимаву ифодаҳо аз ҷиҳати услуб, тобишҳои махсуси ифода, аз ҷиҳати маъно номбар кардани тамоми ашё ва ҳодисаю воқеаҳо ба хелҳо ҷудо мешаванд ва на ҳамеша дар матн чунонки ҳаст, ифода меёбад. Бо мақсади ёрӣ додан ба хонанда, баъзан, муаллифони китобҳои дарсӣ дар поварақ калимаҳои душворфаҳмро шарҳ ва маънидод менамоянд. Ин кор ба таври мунтазам сурат гирифта, асарҳои алоҳида ба табъ расида ва соҳаи илм бо истилоҳи «луғатнигорӣ» (лексикография) ба вуҷуд омадааст. Луғат хазинаест, ки низоми лексикии забонро дар давраи муайяни инкишофи он инъикос мекунад. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калима ва ибораҳо бо маъно ва тобишҳои иловагӣ ва гоҳо бо калимаҳои дигар шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Воҳидҳои луғавӣ мутобиқ ба забони адабӣ ва таносуби маъноӣ ба забонҳои дигар (дар луғатҳои дузабона) ва сайри таърихии калимаҳо аз ҷиҳати

пайдоиш (луғатҳои этимологӣ) нишон дода мешаванд. Таркиби луғавии ҳар як миллат сарвати бебаҳои маънавии онро ташкил медиҳад, зеро он донишҳои дар тули асрҳо андухтаи ин мардумро дар бар мегиранд. Забони тоҷикӣ захираи бойи луғавӣ дорад, тавассути он имкони тамосу муошират бо ҳамдигар ва ба таври суфтаву равон баён намудани фикр мавҷуд аст. Луғатомӯзӣ аз роҳҳои асосии инкишофи тафаккур ва ФН-и насли наврас мебошад. Роҷеъ ба муҳиммияти ин масъала Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи олимони соҳаи забон, адибону рӯзноманигорон, умуман соҳибзабононро ҷалб намуда, ғанигардонии таркиби луғавии забонро таъкид кардаанд: «Ҳар миллат ва қавме, ки ба густаришу рушди фарҳанг ва маънавиёти хеш рӯй меорад ва мехоҳад, ки по ба пойи равандҳои ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ қадам бардорад, ногузир бояд ганҷина ва захираи луғавии худро ҳамеша ғанӣ гардонад, забони адабиро сайқал диҳад ва рушди умумии забонро бар асоси меъёрҳо ва қонунмандиҳои инкишофи таърихии он таъмин созад» [136, 62].

Зинаи аввали забондонӣ ба луғатомӯзӣ марбут аст. Вожанома ва фарҳангҳо дар радифи сарчашмаҳои адабӣ барои инкишофи забон ва маҳфуз доштани дастовардҳои илмиву адабӣ чун махзани пурарзиши вожаву маънӣ рӯйнамо шуда, дар ҷодаи ривоҷу густариши улуми суханварӣ саҳми арзандаро дороанд. Луғатомӯзӣ ҷузъи ҷудонашавандаи таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ буда, ҳадаф аз он ошно сохтан бо олами маъниҳо, ТФН, баланд бардоштани салоҳияти иртиботии хонандагон аст. Дар раванди луғатомӯзӣ муаллимро лозим меояд, ки нуктаҳои зеринро дар фаъолияти педагогӣ ба эътибор гирад:

1. Талқин намудани он, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои қадимаи олам буда, аз ҷиҳати сермаъноӣ, ғановат ва салосат камназир аст.

2. Аз як забон ба дигар забон иқтибосшавии калимаву мафҳумҳо қонуни воқеии робитаи забонҳост ва таъкиди ин нукта ба хонандагон зарур аст, ки забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимасозӣ ва вомвожаҳо бой гашта, пайваста такомул меёбад.

3. Калимаву ифодаҳо чи дар нутқи шифоҳӣ, чи дар нутқи хаттӣ мавқеи хос ва ҷойи истеъмоли худро доранд ва қувваю ҷозибаи сухан аз корбасти мавридшиносонаи онҳо ба сатҳи ФН ва баёни матлаб бетаъсир нест.

4. Зиёд намудани шавқу рағбати хонандагон ба ҷустуҷуйи маънои луғавӣ ва маҷозии калима, сермаъноӣ, духурагӣ ва дигар тобишҳои маъноии он.

5. Бой кардани захираи луғавӣ ва афзудани ҷаззобияти нутқи шогирдон аз ҳисоби ВПФ-и баландмазмун.

6. Мусоидат намудан ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон бо истифода аз ВПФ.

Омӯзиши тобишҳои маъноии вожаву ибораҳо дар заминаи матнҳои китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» ва «Адабиёти тоҷик» таҳлили паҳлуҳои гуногуни фасоҳату балоғати ВПФ, инчунин дурӣ ҷустан аз якрангиву якнавохтӣ муҷиби баланд бардоштани маърифатнокӣ ва ТФН-и хонандагон мегардад. Барои огоҳӣ аз маъноҳои маҷозии вожаҳо ва қолабҳои беҳтарини гуфтор бояд пайрави сухани воло ва сарчашмаҳои муътамади адабиёти классикӣ бошем. Муҳаққиқон шеваҳои дерини «талош дар бақову пойдорӣ ва қавому густариши забон»-ро аз омӯзонидани «Гулистон», «Девони Ҳофиз» ва дигар китобҳои сара муфид мешуморанд: «Дар мактабҳои ибтидоӣ луғоту таркиботи китобҳои муҳимми форсӣ, усули нигориш ва баёни фасеҳи мазмуни осори адабию ахлоқиро меомӯхтанд. Шеърҳои зиёд ва суханони ҳикматнокро ҳифз мекарданд» [268, 142-143].

Дар забони тоҷикӣ бештари калимаҳо хусусияти сермаъноӣ дошта, ба кадом маъно кор фармуда шуданашон аз мазмуни умумии матн маълум мегардад. Таълими маънои аслӣ ва маҷозии вожаҳо тасаввуроти оид ба маънои калима ҳосилнамудаи хонандагонро боз ҳам васеътар мекунад: «Онҳо дар системаи семантикии забон назар ба микдори калимаҳо бисёр будани маъниҳоро тадриҷан сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Илова бар ин, таълими сермаъноии калима яке аз омилҳои асосии бой намудани захираи луғати мактабиён ба шумор меравад» [148, 15].

Луғатомӯзӣ бо роҳҳои зерин сурат мегирад: - ташкили дафтарчаи луғат; - аз осори адабӣ ё худ матбуоти даврӣ навишта гирифтани калимаҳои номафҳум; - шарҳу эзоҳи вожаву ифодаҳои душворфаҳм аз фарҳангномаҳо. Масалан, барои ҷавоб гуфтан ба саволи машқи 55, китоби «Забони тоҷикӣ» [25, 146] «Палос ба чӣ маъно омадааст ва он калимаи кадом забон аст?» бояд ба луғат муроҷиат кард. Аз манобеи хаттӣ дар бораи тағйири ном кардани баъзе ашёи зиндагии моддии қуруни вусто иттилои фаровон ва хеле ҷолиб ба даст меояд. Калимаи *«гилем»,* ки имрӯз бо маънои дувуми он «палос, қолин» маълум аст, дар «Маснавӣ» ба маънои аввалааш «либоси аз пӯсти буз ё гӯсфанд тайёршуда» аз зарбулмасали машҳури «Баҳри кайке пӯстинро сӯхтан» ба кор рафтааст:

«*Баҳри кайке ту гилемеро масӯз*

В-аз судои ҳар магас магзор рӯз» [383, б. 2905].

Аз корбасти зарбулмасали мазкур метавон ба хулоса расид, ки дар марҳалаи муайяни инкишофи забон маънои дувуми вожаи «гилем», яъне *фарш* мавқеи аввалро ишғол карда, маънои дувум – ҷомаи пашмӣ аз забонҳо афтодааст. «Гилем»-ро ҳамчун маҳсулоти санъати ороишиву амалӣ, навъе аз палоси пашмин, ки асосан дар фарши хона ва болои бурё андохта мешавад, мефаҳмем» [351, 350]. Маҳз ба ҳамин сабаб, ҷойи вожаи гилемро калимаи «пӯстин» (он ҳам маъмулан пашмӣ) гирифтааст. Мусташриқи рус Е.Э. Бертелс аз хусуси истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар назми классикии форсу тоҷик мулоҳизаронӣ карда, калимаи «гилем»-ро (аз зарбулмасали зикршуда) аз қасидаи Сузанӣ ба маънои «қолин» истифода (тарҷума) кардааст:

«Аз пайи аҳсанту зеҳ нафканд худро дар базаҳ

*В-аз барои кайкро* нанҳод бар оташ *гилем*» [38, ҷ.1, 475].

Тарҷумаи муаллиф:

«**Ради восклицаний «аҳсант» и «зеҳ» (никто) не ввергал себя в грех,**

**А из-за блох никто не клал на огонь (свой палас)**» [38, ҷ.1, 475].

Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» («Словарь русского языка») низ танҳо маънои дувуми ин калима қайд гардидааст: «Палас – двусторонний ковёр без ворса» [330, 433].

- дар нутқи шифоҳӣ корбаст намудани вожаҳои навазхудкарда;

- бо калимаҳои нав тартиб додани ҷумлаҳо, матнҳо;

- ҳифзи ВПФ-е, ки дар таркибашон калимаҳои камистеъмол доранд.

Масалан, воҳиди фразеологии «Аз як даст садо намебарояд» дар ФИР ба маънои «Барои бомуваффақият ба анҷом расидани коре зарур будани иттифоқу иттиҳод; одами танҳо кореро ба анҷом расонида наметавонад» [349, ҷ.1, 29] тавзеҳ ёфта, вале дар забони гуфтугӯйӣ он ба маънои «дар содир гаштани гуноҳе айбдор будани ду нафар» мутадовил мебошад. Дар навараҳи бештари китобҳои дарсӣ дар мавридҳои муносиб калимаҳои нофаҳмои матнҳо шарҳ дода шудааст. Аммо баъзе вожаҳои барои хонандагон нофаҳмо ба дарки маънои умумии матн мушкилӣ эҷод мекунанд, муаллифон таваҷҷуҳ накардаанд. Дар китоби синфи шашум дар қисми шарҳи ҳоли Ҳофизи Шерозӣ барои қайди шуҳрату маъруфияти Ҳофиз байти зеринро овардаанд:

«*Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,*

*Ки бар назми ту афшонад, фалак иқди Сурайёро*» [62, 92].

Ҳарчанд дар назари аввал маънои шеър фаҳмо менамояд, аммо гумон аст, ки хонандаи синфи шашум ибораҳои «дур суфтан», «иқди Сурайё» ва маънои феъли «афшондан»-ро мутаносибан бо ибораи «иқди Сурайё» дуруст фаҳмида тавонад. Масдари «суфтан»-ро ба маънои «сайқал додан» дар замони муосир мефаҳманд, вале дар замони зиндагии Ҳофиз феъли мазкур ба маънои «сурох кардан», «дур суфтан» корбаст мегардид:

а) сурох намудани марворид бо мақсади ба ришта кашидан;

б) киноя аз сухани балеғу бикр ва ё ифодаи наву тоза истифода мегардид.

Роҷеъ ба ибораи «дур суфтан» илова кардан лозим аст, ки дур суфтан, яъне сурох кардани марворид бо мақсади ба ришта кашидани он ва сохтани ороиши занон ва гарданбанд (иқд) кори нозук маҳсуб мешуд ва малакаву маҳорати баланди заргариро тақозо мекард. Аз ин сабаб, маънои маҷозии он кори хубу хушоянду оличаноб анҷом додан, яъне шеъри олӣ эҷод кардан ба ин ибора таҳмил шудааст.

«Хуш хондан» бо савту мусиқӣ иҷро намудани ғазал аст. «Иқди Сурайё» ё «Иқди Парвин» - «шаш ситораи кучак, ки дар кӯҳони Савр ҷамъ шудаанд ва онро ба иқд (гарданбанд) ё хушаи ангур ташбеҳ кунанд» [341, ҷ.1, 219]. Масдари «афшондан» ба маънои «пошидан, нисор кардан, рехтан» омада, дар байти мавриди назар маънои ***нисор*** – «пошидан, аз болои сари касе пошидани тиллою танга…» манзур мебошад. Маънои байт: Ҳофиз, ту ғазале бикру олӣ сурудӣ, ки мисли дурри суфта аст. Биё ва онро бо лаҳни хушу дилнишин бихон, то фалак иқди Сурайёро ба расми нисор ба сари ту пошад.

Ба сари шоир афшондани тангаву тилло дар қуруни вусто дар дарбори шоҳон расмият дошт. Баъди ин шарҳу тавзеҳ таносуби калом ва маънои байти Ҳофиз то андозае ба хонандагон возеҳу равшан ва қобили пазироиш мегардад. Ба роҳ мондани ин навъ шарҳи ифодаҳо барои ғановати захираи луғавӣ ва саҳеҳии сохти грамматикии нутқ, беғалат ва пурмазмун ифода кардани фикр, озодона дар мавзуи дилхоҳ бо забони адабӣ суҳбат кардан ва истифода аз орояҳои бадеӣ ва бе душворӣ ибрози ақида намудан имкон фароҳам меорад. Дар китоби дарсии синфи шашум аз ғазали «Киштинишастагонем» калимаҳои зерин шарҳ мехоҳанд ва муаллим бояд онҳоро ба хонандагон равшан намояд: **Каромат** – хубӣ кардан; соҳиби каромат, яъне шахси карим ва соҳибэҳсон ё накукор [341, ҷ.1, 45]; **Кимиё** - «1. алхимия, илми бардурӯғ, ки мақсади он маъданҳои сода, масалан, мисро ба нуқраву тилло мубаддал кардан буд; 2. Маҷ. чизи камёб, ноёб, нодир; 3. Макру ҳила; фикр ва мулоҳизаи нозукбинона» [341, ҷ.1, 552].

Аз шарҳи мазкур маънои байт он қадар ҳам возеҳ нест. «Кимиёи ҳастӣ» дар ин байт ба маънои маҷозии ***май*** аст, ки зиндагии пурмашаққату вазнинро сабук ва хуш мегардонад. **Қорун -** «шахси афсонавӣ, ки хеле давлатманд будааст» [167, 93]. Ин шарҳи китоби дарсӣ барои пурра фаҳмидани маънои байт кофӣ нест. Омӯзгор бо истифода аз тафсири сарчашмаҳо дар бораи Қорун, ки бо роҳи кимиёгарӣ соҳиби молу сарвати беҳисоб гашта буд, маълумот медиҳад. Байти тахаллуси шеър дар гунаи зайл омадааст:

*«Ҳофиз ба худ напушид ин хирқаи майолуд,*

*Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро*» [167, 92].

Дар ҳамаи нусхаҳои муътабар шакли «Ҳофиз ба худ напушид ин хирқаи майолуд» омадааст ва ҳамин саҳеҳ аст, ба ин маъно, ки Ҳофиз ба ихтиёри худ шаробнӯш ва бодапараст нашуда, балки ҳар коре, ки мекунад, ба ҳукми азалӣ аст. Аз ғазали «Зи дасти кутаҳи худ зери борам» [167, 94] дар байти аввал бояд калимаи **«бор»** шарҳ дода шавад. Дар ин ҷо **бор** ба маънои *шармсор, шарманда, хиҷолатзада* омадааст. Аз ғазалҳои дигари китоби адабиёти синфи 6-ум вожаҳои зерин тавзеҳталабанд, ки дар поварақ наомадаанд: **хусравӣ** – подшоҳӣ; **ба некномӣ пероҳане даридан** - талмеҳ аст ба қиссаи Юсуфу Зулайхо; **дуроҳа манзил** – дунё, ду роҳ: омадан (таваллуд шудан) ва рафтан (вафот кардан) дорад ва муродифи «**сарои дудар**» **аст**; **ҳазор –** ба маънои булбул. Ба хонандагон ёдрас намудани муродифҳои он – *булбул, ҳазор (ҳазордастон, андалеб)* аз манфиат холӣ нест. Аз ғазали ҳаштум ба тариқи илова ба хонандагон вожаҳои зеринро шарҳ додан лозим аст: **зоҳиди «покизасиришт»** мувофиқи имлои имрӯза вожаи **покизасиришт,** ки ба маънои киноя омадааст, бояд дохили нохунак навишта шавад. Ин нуктаро Судии Буснавӣ зикр кардааст: «Васфи зоҳид бо сифати «покизасириштӣ» ба тариқи таъриз аст, зеро албатта мурод акси он аст. Яъне муҳмалсиришт. Чун зуҳҳод аз риндон айб мегиранд, Хоҷа ҳам худро ҷузъи риндон маҳсуб медонад» [39, ҷ. 1, 500]; **ту бирав, худро бош** – яъне, ту машғули кори худ бош, зеро ҳар кас ба кору аъмоли худ ҷавоб медиҳад. Тоҷикон дар ин маврид зарбулмасали хеле нишонраси «Гӯри ҳар кас ҷудо»-ро истифода мебаранд ва ин ҷо «гӯр» маҷозан ба оқибат ва натиҷаи аъмоли инсон ишора мекунад; **Зиндаруд** – номи дарёи маъруф дар Исфаҳон аст. Дарёи мазкур бо номи «Зояндаруд», ки Зиндаруд гунаи мухаффафи он аст, машҳур мебошад; **боғкорон** – дар шарҳи ин калима омадааст: «Агар мурод аз боғкорон боғбонон бошад, қиёс бо кофи аҷамӣ аст (яъне «г»). Аммо агар мақсуд касоне бошад, ки дарахт менишонанд ва боғ эҷод мекунанд, дар ин сурат бо кофи арабӣ биёяд, ба эътибори таркиби васфии муштақ аз коридан, яъне коштан» [39, ҷ.2, 672].

Хулоса, таркиби луғавии хонандагон бо шарҳи вожаҳои душворфаҳм бой мегардад ва имкон медиҳад, ки матлаб бе мушкилӣ, ба таври пурра ва фасеҳу пуртаъсир баён шавад. Баръакс, заъфи захираи луғавӣ, надонистани маъно ва тобишҳои маъноии калимаҳо, воқиф набудан аз роҳҳои гуногуни ифодаи як мафҳум ё фикр боиси муғлақ, якранг ва дилгиркунанда гаштани сухан мешавад. Шинохтани мавқеъ ва мавриди сухан аз нигоҳи рушди фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ барои шарҳи мазмуни матн, зеҳн мондан ба ҳар ҷумла, ба ҳар калимаю ибораро талаб мекунад, то аз асрори сухан ва ҳусни баён хуб огоҳ шаванд. Танҳо дар ин сурат хонанда соҳиби малакаи сухансанҷӣ ва фарҳанги баланди нутқ мегардад. Барои он ки фикр фасеҳ ифода ёбад, лозим аст, ки калимаҳои зарурӣ дар мавқеи худ корбаст ва яке аз силсилаи муродифот дурусту санҷидакорона интихоб карда шавад. Агар хонандагон табиати забонро хуб фаҳманд, истифодаи воҳидҳои луғавии хушифодаро омӯзанд, мавқеъ ва мавриди суханро шиносанд, ба салоҳияти иртиботӣ ва ТФН соҳиб мегарданд. Вазифаи таълими фанни ЗАТ низ дар ҳамин аст, ВПФ-еро, ки муҳассилин аз китоб мехонанд ва дарк мекунанд, нозукиҳои маънӣ ва мавриди истифодаи онҳоро дар баён таъмин месозад. Истифодаи бомавриди ҳар як воҳиди забонӣ – вожаю иборот ва ВПФ маҳорату малака ва салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ-иҷтимоии хонандаро вусъат бахшида, ӯро дар радифи шахсияти забондон, бомаърифат ва маданӣ қарор медиҳад.

Омӯзиши ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ва, махсусан, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон аҳҳамият дорад. ВПФ сухани муҷаз, вале пурмуҳтаво ҳастанд, ки дар худ таҷрибаи зиндагӣ, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои умумибашариро таҷассум мекунанд. Ҳадафи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ тарбияи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ буда, ВПФ тарзи фикрронӣ ва салоҳияти маърифатии хонандаро тақвият мебахшад. Дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим омӯзиши ВПФ хонандаро водор месозад, ки мантиқ ва маъниҳои ниҳонӣ ва ахлоқии онҳоро дарк намояд. Бо ин равиш таълим додани ВПФ ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, таҳлилӣ, фаъолнокии фикрӣ ва баёни дақиқу дурусти

фикр мусоидат намуда, маҳорати интихоби бамавқеи таъбирҳоро дар нутқ такмил медиҳад ва аз ин ҷиҳат захираи луғавии хонандагон бой мегардад. Тадриҷан малакаҳои истифода аз ифодаҳои муҷаз ва муассиру нишонрас ҳосил мешавад. Ҷиҳати дигари масъала аз он иборат аст, ки дар ин раванд салоҳияти зеҳнӣ-маърифатӣ ва зебопарастиии хонандагон рушд ёфта, онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ ва ифодаи саҳеҳи фикр мусоидат мекунанд. Аз таҳлили стандарт, барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик бармеояд, ки ВПФ ҳамчун воҳиди мустақили забон мустақиман омӯхта намешаванд, балки шохаҳои алоҳидаи он ҳамчун жанрҳои адабӣ ва воҳидҳои забон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Тавсифи мухтасари ин воҳидҳои забон чунин аст: дар синфи 5 зарбулмасалу мақол (1 соат, дар курси хониши адабӣ) ва дар синфи 7-ум (4 соат) ва 10-ум (2 соат) таъбирҳои тоҷикӣ оварда шудааст. Бино бар ин, зарурати рӯй овардан ба ВПФ ва амиқтар омӯхтани онҳо дар дарсҳои ЗАТ ба миён меояд, зеро ин воҳидҳои забон ба тарбияи ахлоқиву маънавии муҳассилин таъсири зиёд мегузоранд. Ин рисолат аз касби мазмуну арзиши ҳаёт, ҷойгоҳи инсон дар ин ҷаҳон, фалсафаи зиндагӣ ва инъикоси он дар осори адабӣ ҳамчун дастури олии инсонпарварӣ, маҷмуи ақл, хираду маърифат ва таълиму тарбияро бозтоб месозанд. Таҷассуми матлабҳои барҷастаи ахлоқиву маънавӣ ҳанӯз дар адабиёти классикии форсу тоҷик мавқеи хос дошта, дар манзумаи «Дарахти асурик» зарбулмасали машҳури «Марворид пеши хук афшондан» ва масали дигар – «Пеши уштури маст чанг навохтан» ба маънои «чизи боарзишеро ба пеши инсони паст ва беарзиш додан, кори беҳуда кардан» ба назар мерасад:

«Ин зарин сухан,
Ки ман ба ту гуфтам.
Чунонест, ки касе пеши хук – гуроз
Марворид афшонад,
Ё чанге занад
Пеши уштури маст…» [21, 72].

Агар ба таърихи пайдоиш ва истифодаи ВПФ назар андозем, нахустин намунаҳои андарзу пандҳо ҳарчанд дар бахшҳои алоҳидаи китоби «Авесто» ва сурудаҳои маъруфи «Готҳо» зуҳур намудааст. Дар адабиёти қадим, қуруни вусто ва муосири тоҷик панду ҳикматҳо дар мавзуъ ва масъалаҳои мухталиф: арзишҳои миллӣ, пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек, ахлоқи ҳамида, анъанаҳои халқӣ, муносибати хуб дар оила, муомилаву муоширати наку бо наздикону дӯстон, муносибат бо душманон, муборизаи некӣ ва бадӣ, давлатдорию сиёсат, ростӣ, меҳру садоқат, ишқу вафо, накуҳиши зулм, тарғиби адолат, парҳез аз молу ҷоҳпарастӣ, танаффур нисбат ба сарват, танқиди хислатҳои бади инсон ва монанди инҳо дар шакли сухани нигоранда (монолог), гуфтугӯй, суолу ҷавоб пешниҳод шудаанд. Аз самараҳои пурмаҳсули осори ҳикамӣ дар марҳалаҳои баъдии ташаккули адабиёт ҷавҳари ахлоқии асарҳои бадеӣ бештар таҳким пазируфт. Анъанаи андарзноманависӣ пас аз Сосониён дар адабиёти араб, адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик ва халқҳои дигари Шарқ идома ёфт. Порчаҳои андарзӣ дар нигоштаҳои Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ («Офаринннома»), Фирдавсӣ («Шоҳнома»), Асадии Тӯсӣ («Гаршоспнома»), Абуалӣ ибни Сино («Пирӯзинома» – «Зафарнома», асари андарзие, ки ба ӯ нисбат дода мешавад), Абдуллоҳи Ансорӣ («Насоеҳ», «Туҳфат-ул-мулук», «Манозил-ул-соирин»), Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба назар мерасанд. Инсон аз рӯзи валодат то поёни умр ба панд гирифтан ва хушахлоқ шудан ниёз дорад. Ин ниёзмандӣ аз таъсири мутақобилаи шахс бо ҷомеа ва баръакс, ҷомеа бо шахс бароварда мегардад. Маҳз осори ҳикамӣ инсониро ба маҷрои адабу ахлоқ метавонад ворид созад.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» ба омӯзиши панду андарзҳо, асосан, аз осори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Бедили Деҳлавӣ таваҷҷуҳ шудааст. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки намунаҳо аз эҷодиёти ин бузургонро бештар ба риштаи таҳлил кашем, то омӯзгорону хонандагон аз он баҳра бардошта бошанд. Адабиётшиносон воҳидҳои паремиологиро ҳамчун навъи

махсуси адабӣ ё воситаи тасвир меомӯзанд. Онҳо ба мазмуни бадеӣ, мақсад ва нақши ВП дар асарҳои адабӣ таваҷҷуҳ мекунанд. ВП дар осори адабӣ ҳамчун хулосаи як боб ё як асари мукаммал, ё ҳамчун ифодаи воқеии зиндагӣ шинохта шудаанд. Масалан, зарбулмасал, мақол ва панду андарз аз жанрҳои марбут ба ВП буда, метавонанд ахлоқ ва мазмуни ҳикамии як асари адабиро пешниҳод кунанд.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳлили гузориш ва ҳалли масъалаи мавриди назар собит месозад, ки ВПФ - ибора ё ҷумлаи муҷаз, вале пурмазмун ва фикрбарангез ҳастанд, ки маъмулан ҳақиқат, таҷрибаи зиндагӣ ва қонунҳои ҳаёти инсонро бо шеваи зебову шево баён мекунад. Он падидаҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ: панду андарз, зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологиро фаро мегирад ва баъзан ҷудо кардани онҳо аз ҳамдигар басе душвор мебошад. Таълими ВПФ дар МТМУ, муайян сохтани вежагиҳои маъноиву грамматикӣ, доира, ҳаҷм, ҳудуд ва мавқеи корбасти онҳо аз масъалаҳоест, ки пайваста таваҷҷуҳи аҳли назарро ба худ кашида, вале ҳанӯз андешаҳои қатъии мушаххас вуҷуд надорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар бораи ба фразеология дохил шудан ё нашудани ВП (зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат) олимон то ҳол фикри ягона надоранд. Гурӯҳе онҳоро ба фразеология дохил мекунанд, гурӯҳи дигар, баръакс, воҳидҳои мустақил меҳисобанд.

Панду андарзҳо муаллиф доранд, дар ҳоле ки ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо, одатан, бемуаллифанд ва эҷодкунандаи онҳо халқ аст. Фарҳангнависон сабаби эҷоди ВПФ-и навро шарҳ дода, изҳор медоранд, ки бархе аз зарбулмасалу мақол ва ВФ куҳна мешаванд ва дигар наметавонанд фикру ақида ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеаро пурра ифода кунанд. Аз ин рӯй, эҷоди ВПФ-и нав зарур мегардад, ки ба тағйироти ҷомеа ва пайдоиши ғояҳои нави иҷтимоӣ посух гуяд. Дар раванди таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар матни китобҳои дарсӣ ВПФ-и зиёде дучор мешаванд, ки ифодакунандаи хусусиятҳои барҷастаи ҳаёти халқ, тарзи муносибату

муоширaт, орзую омол, рисолатҳои бузурги инсонӣ ва амсоли он мебошанд. Шиносоии хонандагон бо ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи онҳо хеле муҳим ва зарур аст.

Яке аз рукнҳои муносибати босалоҳият ба таълим аз он иборат аст, ки шогирдони МТМУ дар истифодаи воҳидҳои суфтаву сайқалёфта бо мазмунҳои баланду барҷаста дар нутқи худ омода бошанд. Омӯзиши ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи шогирдон ва ҷиҳати таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинӣ ва тарбияи ахлоқӣ-маънавии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳадафи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ тарбияи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ буда, тарзи фикрронӣ ва муносибати маърифатии хонандаро ташаккул медиҳад ва тақвият мебахшад. Дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим омӯзиши ВПФ хонандаро водор месозад, ки мантиқ, маъниҳои пушидаву рамзии онҳоро дарк намояд ва дар ахлоқу тарбия низ таҳаввулот падид ояд.

Нақши ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон аз он иборат аст, ки фикрронии бомантиқ ва пурмазмунро инкишоф медиҳад. Бо омӯзиши ВПФ, воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ (ташбеҳ, истиора, киноя), ки суханро дилписанд, рангин ва ҷолиб мегардонад, ҳиссу завқи зебоипарастии хонандагон парвариш меёбад. Истифодаи пайваста ва бамавриди онҳо дар нутқи хонандагон аз ғановати захираи луғавӣ ва салоҳиятнокии шогирдон дарак медиҳад. Соҳиби нутқи бою ғанӣ имкони шарҳи маъноҳои амиқ ва муоширати дурусту судмандро пайдо мекунад. Фарогирии ин ҳама малакаву маҳорат калиди муоширати озоду босамар, ташаккули фарҳанги нутқ ва комёбиҳои шахсиву касбӣ гашта, ба инкишофи нутқи муассир, зебо ва пурмазмун мусоидат менамояд.

# БОБИ 3. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСОСИ СТАНДАРТ, БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСӢ

## 3.1. Мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар Стандарт, барнома ва китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик

Забони тоҷикӣ на танҳо ҳастии миллат, мероси бузурги маънавию фарҳангӣ, василаи муколамаю муошират, балки сарчашмаи файзбахши таълим ва тарбияи насли наврас ва ҷавон ба шумор меравад. Барои халқи тоҷик забони модарӣ омили сарнавиштсоз, унсури аслии худшиносию худогоҳӣ ва шаҳсутуни қасри бақою пояндагии миллат мебошад. Бо забони тоҷикӣ беҳтарин шоҳкориҳои тамаддуни ҷаҳонӣ офарида шудааст, ки асрҳо ҳамчун ҳидоятнома хидмат менамояд. Нақши забони тоҷикӣ дар эҳёи маънавии миллат, пойдорию ҷовидонагии давлат, таъмини истиқлол ва ваҳдату ҳамбастагии миллӣ хеле барҷаста аст. Бо мақсади дар руҳияи ҳисси эҳтиром ва гиромӣ доштани забони модарӣ тарбия кардани насли наврас зарур аст, ки ба таълими самарабахши фанни забони тоҷикӣ дар МТМУ ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ диҳем. Омӯзиши ин фан дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи назаррас дорад. Хосса дар партави татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар кулли муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун ва соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, кору фаъолияти касбӣ ҳамчун рукни асосии муносибат ва муошират маҳсуб меёбад. Забони тоҷикӣ мутобиқи моддаи дувуми Сарқонуни ҶТ ва банди якуми моддаи 3-юми Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони расмию давлатӣ дар қаламрави кишвар қабул шудааст. Тибқи банди 2-юми ҳамин модда - «Ҳар як шаҳрванд вазифадор аст, ки забони давлатиро донад» [11, 5].

Ба таври зарурӣ донистани забони тоҷикӣ ФН-и хонандагонро баланд бардошта, ба мустақилона дониш омӯхтан водор месозад. Забони тоҷикӣ танҳо фанни таълимӣ дар МТМУ нест, балки он сарчашаи босамари омӯзиш низ ҳаст,

зеро ба воситаи он фанҳои дигар ҳам таълим дода мешаванд. Вазифаҳои таълими забони тоҷикӣ аз инҳо иборат аст:

- аз худ кардани маҷмуи донишҳо аз забони тоҷикӣ ва татбиқи амалии онҳо;

- ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва ба таври шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ дуруст баён кардани фикр;

- дар муомилаву муошират риоя кардани қоида ва меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ;

- такмили фарҳанги нутқ, услуби ифодаи матлаб ва ғановат бахшидани захираи луғавии хонандагон.

Барои иҷрои чунин вазифаҳо бояд роҳҳои судманди омӯзиши забони тоҷикӣ дар заминаи таълими анъанавӣ ва таҷаддудгароёна, таҷрибаи омӯзгорони соҳибтахассус ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим сурат гирад: «Тағйироти куллии системаи маориф ҳамеша ба коркардҳои педагогӣ иртибот дорад. Аммо барои ин танҳо навоварии педагогӣ кам аст. Навовариҳои педагогиро бо вуҷуди қолиби диққат будан ва ҳаматарафа коркард гаштан бидуни идоракунӣ ва ташкили равандҳои инноватсионӣ аз худ намудан ғайриимкон аст» [306, 241].

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» ҷузъи таркибии маҷмуи талаботи муқарраршудаи зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор рафта, стратегияи таълим, тарбия ва рушди хонандагонро бо назардошти ҳадафу мақсадҳои таълими забони тоҷикӣ муқаррар менамояд. Забон туфайли аҳаммияти иҷтимоӣ ва махсусияти хеш падидаи беназирест, ки муошрату муносибат, интиқоли иттилоот, воситаи ҳифз ва азхудкунии дониш, ҷузъи фарҳанги маънавӣ ва ошноӣ бо мероси мадании миллии халқи тоҷик мебошад. Пешрафту комёбии соҳаи маориф ва таълими ЗАТ ба мазмуни матну супориши китобҳои дарсӣ иртиботи қавӣ дорад: «Китоби дарсӣ аз унсурҳои муҳимми раванди таълиму тарбия маҳсуб ёфта, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ҷойгоҳи махсусро дорост. Сохтор, мазмуну муҳтавои китоби дарсӣ, мавзуъҳои баррасишаванда, пайдарҳамӣ ва алоқамандии он, масъалагузорӣ дар заминаи

барномаи таълим сурат мегирад. Он сарчашмаи дониш, воситаи асосии аз худ намудани мазмуни таҳсилот ва маърифатнокии хонанда мебошад» [280, 289].

Ба назар гирифтани ҳамгироии фанҳои ЗАТ дар барнома ва машқу супориши китобҳои дарсӣ яке аз рукнҳои асосии низоми таълими муосир ба шумор рафта, раванди пайвастаи ташаккули малакаҳои нутқ ва дарки бадеии оламро таъмин менамояд. Ин ду фан дар асл ҷудонопазиранд, зеро забон ҳамчун маводди асосии офариниши адабиёт хизмат мекунад ва адабиёт, дар навбати худ, меъёрҳои забони адабиро дар худ нигоҳ медорад. Дар ҷараёни таълими ҳамгиро омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ, имло ва услубшиносӣ на дар шакли назарияпардозӣ, балки дар заминаи матнҳои хуби бадеӣ анҷом дода шавад. Хонанда воҳидҳои луғавӣ, муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо, санъатҳои бадеӣ ва ВПФ-ро на танҳо ҳамчун таърифу қоида, балки чун воситаи ифодаи эҳсосу андеша дарк намояд. Чунин усули таълим на танҳо сифати азхудкунии маводро беҳтар месозад, балки дар зеҳни шогирдон тафаккури интиқодӣ ва зебоишиносиро инкишоф медиҳад. Барои ин муҳим аст, ки мураттибони китобҳои дарсӣ дар интихоби матнҳои хубу хонданӣ масъулият зоҳир кунанд: «Бар хилофи барномаҳои солҳои 50–80 барномаҳои муосир бештар ба афзоиши шумораи адибон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои ҳамгироии методӣ имконият намемонанд. Дар ҳоле ки муносибати фарофаннӣ (метапредметӣ) яке аз талаботи калидии таълими босалоҳият ба шумор меравад, дар методикаи таълими адабиёти тоҷик ин усул то ҳол ба таври мукаммал коркард нашудааст» [361, 4].

Барои рушди маориф бояд диққати аввалиндараҷа ба сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдорӣ ва арзишҳои ҳувиятсоз зоҳир карда шавад. Арзишҳои миллии халқи тоҷик аз забон, адабиёт, таърих, ахлоқу одоб, меҳанпарастӣ сарчашма мегирад ва бунёдгузори ҳиссу руҳияи худшиносӣ маҳсуб мешаванд. Бо арҷгузорӣ ва эҳтиром ба муқаддасот метавон ба ҳадафҳои созанда расида ҷойгоҳу мавқеи хешро устувор намоем: «Аз рӯйи принсипҳои баҳодиҳӣ ба китобҳои дарсӣ аввалин чизе, ки пас аз дастгоҳи илмию таълимӣ мавриди назар қарор мегирад, арзиши тарбиявии онҳост. Дар ин ҷо масъалаи

ҳувият ва хештаншиносии миллӣ ва ватанхоҳию ватандӯстӣ дар навбати аввал меистад» [267, 7].

Мазмуни таҳсилот дар барномаҳои таълимӣ мундариҷ мегардад ва амалӣ намудани он дар заминаи маълумоти китоби дарсӣ сурат мегирад. Китоби дарсӣ раҳнамои беҳтарини ташкили раванди таълим барои омӯзгор ва сарчашма асосии ҳосили дониш барои хонанда буда, барои иҷрои чунин вазифаҳо нигаронида шудааст:

- ташаккули қобилияти худомӯзии хонанда ба воситаи маводди хониш;

- тақвияти ҳофиза ва муҳайё кардани шароит барои ҳавасмандӣ, маърифатнокӣ, фаъолияти эҷодӣ, илмӣ - ҷустуҷӯйӣ ва рушди зеҳнӣ;

- дар шакли нисбатан содаю фаҳмо ба хонанда пешниҳод намудани мазмуни дониш ва маводди пешниҳодшуда;

- баррасии матнҳое, ки ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии хонанда тавассути муаммогузорӣ мусоидат менамояд;

- пешниҳоди маводди таълимӣ мувофиқи синну сол, бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон, ки на аз ҳад зиёд мушкил ва на ниҳоят содаву осон бошад;

- бедор намудани ҳисси шавқу рағбат ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши мустақилона ва аз худ намудани иттилооти зарурӣ.

Фанни ЗАТ рушди тафаккур, қобилияти эҷодӣ ва ТФН-и хонандаро таъмин карда, хотираву тасаввурот, малакаҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, худомӯзиро инкишоф медиҳад. Барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11-ум дар асоси стандарти давлатӣ бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим танзим шуда, салоҳиятҳои иртиботӣ ва иттилоотии хонандагонро дар робита ба матни таълим таъмин мекунад. Агар салоҳияти иртиботӣ ҷиҳати инкишофи ҳамаи навъҳои фаъолияти нутқ, маҳорату малакаи ифодаи мавқеъшиносонаи фикр мусоидат намояд, салоҳияти забонӣ маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳоест, ки дар омӯзиши ҳадафмандонаи маводди таълим таъсир мегузорад. Ташаккули салоҳияти забонӣ ба хонандагон барои пурсамар истифода бурдани воҳидҳои луғавӣ, ҳалли вазифаҳои гуногуни

иртиботӣ имкон медиҳад. Китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар ташаккули дониш, ҷаҳонбинӣ ва маданияти хонандагон нақши бунёдӣ доранд ва ВПФ ҳамчун унсури муҳимми таркиби маводди китобҳои дарсӣ мавқеи хосса доранд. Онҳо на танҳо барои интиқоли маълумот, балки дар рушди тафаккур, сатҳи матлуби ФН ва таъмини ҷанбаи тарбиявии хонандагон воситаи пурарзиш мебошанд.

Аз хусуси меъёру принсипҳои навиштани китобҳои дарсӣ аз фанни забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои 5-11-ум муҳаққиқон борҳо изҳори назар ва ҳусну қубҳи онро бозгӯй кардаанд. Аз ҷумла, Абдуқодиров А. «Китоби дарсии насли нав» – талаби айём» [212]; С.Ятимов «Нақди сухан» [315] ва «Эҳёи миллат-бақои давлат» [316]; Набизода С.,Раҳмонзода Ф. «Китоби дарсӣ: мушкили чӣ ё кист?» Чанд сухан перомуни масоили таълифи китоби дарсӣ ва роҳҳои ислоҳи камбудиву норасоиҳо» [266] ва «Идеологияи миллӣ ва такмили мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ атрофи мушкилоти таҳияи барномаҳои таълимӣ ва таълифи китоби дарсӣ» [267] мақолаҳо интишор додаанд. Барои арзёбии сатҳу сифати китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик ғайр аз ҷанбаи илмӣ ва таълимӣ принсипи муҳимтарине, ки бояд ба назар гирифта шавад, арзиши тарбиявии маводди хониш аст. Ҳувият, хештаншиносии миллӣ, ватанхоҳию ватандӯстӣ дар мадди аввал қарор мегирад ва ба андешаи методисти шинохтаи ҷумҳурӣ, муаллифи китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои мактабҳои Тоҷикистон шодравон С.Аминов мураттибони китобҳои дарсӣ қаблан стандарту барномаи фанниро амиқ омӯхта, мазмуни таҳсилотро бояд пурра аз худ кунанд: «Ҳар шахсе, ки муаллифи китоб шуданӣ бошад, қабл аз ҳама, стандарту барномаи фанро хуб омӯхта, мазмуни таҳсилотро бояд пурра фаро бигирад» [266, 3].

ВПФ хазинаи бузурги ҳикмат ва маърифат ҳастанд, омӯзиши онҳо барои хонандагон аз чанд ҷиҳат аҳаммият дорад: ҳам аз нуқтаи назари забономӯзӣ, ҳам аз ҷиҳати рушди нутқи пурмазмун, ҳам аз нигоҳи парвариши арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ВПФ фаровон ба мушоҳида мерасанд ва омӯзиши босалоҳияти онҳо ба такмили

фарҳанги нутқ ва ташаккули ахлоқи ҳамидаи хонандагон мусоидат мекунад. Мувофиқи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11 (соли 2018) ба омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар боби «Калима (лексика) ва таъбирҳо (фразеологизмҳо)» барои синфҳои 7-ум 14 соати қаблӣ ва 4 соат барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба назар гирифта шудааст. Дар ин миқдори соатҳо доир ба калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосӣ, калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ (касбӣ), таърихи баромад (этимология)-и баъзе калимаҳо, воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо) ва фарқи онҳо аз таркибу ибораҳои озод, хусусияти муродифӣ, зидмаъноӣ ва ҳамгунагии фразеологизимҳо, манбаъҳои пайдоиш ва аҳаммияти истифодаи онҳо дар асарҳои бадеӣ, мавқеи таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва усули истифода аз луғати фразеологӣ маълумот пешниҳод ва мақсадҳои зерин пайгирӣ карда мешавад:

**Қобилияти истифода аз луғатҳои тафсирӣ.** Мавқеи фарҳангҳо дар омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ назаррас буда, метавон ҳангоми ҷустуҷуйи ВФ бо чанд вожаи нав ва ибораҳои рехта шинос шуд. Хонандагон бояд малакаи фарқ кардани таъбирҳоро аз калима ва ибораҳои озод, мутобиқ ба вазъият дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамаврид корбаст намудан, муродиф ва мутазодди фразеологизмҳоро ёфтан, барои возеҳу мушаххас кардани маънои онҳо аз фарҳангҳои фразеологӣ истифода бурданро ҳосил кунанд. Ҳанӯз дар аввалин луғатҳои асримиёнагии маҳфуз то замони мо баробари калима ВФ ҳам шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Ҳамин гуна шарҳу тавзеҳро дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (нимаи дуюми а.XI) ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҳамчунин дар луғатномаҳои «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (ибтидои а.XVII), «Бурҳони қотеъ»-и Ибни Халаф Ат-Табрезӣ (а.XVII), «Баҳори Аҷам»-и Рой Тек Чанди Баҳор (а.XVIII), «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ (а. XIX) ва амсоли онҳо ВФ мавқеи назаррас доранд. Фарҳангҳои махсуси фразеологӣ низ тартиб дода шуда буданд. «Мусталаҳот-уш-шуаро»-и Вораста (а.XVII-XVIII) ва «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу (а.XVIII) аз ҷумлаи ҳамин гуна луғатҳо буда, воҳидҳои фразеологӣ бо истилоҳоти киноёт, истиорот, мураккабот, таркибот, мусталеҳот қайд гардидаанд. Мураттибон

танҳо бо зикри сарватҳои фразеологии забони тоҷикӣ қонеъ нашуда, доир ба сохту маънои ибораҳои устувор, муродифот ва шаклҳои гуногуни истифодаи онҳо маълумоти комил додаанд. Нашри фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик воқеаи назаррас ба ҳисоб меравад. Он маҳсули заҳмати тулонӣ ва ҷустуҷуйҳои зиёди забоншинос М.Фозилов буда, аз ду ҷилд (ҷилди якум (ҳарфҳои А-Р) соли 1963 ва ҷилди дуюм (ҳарфҳои С-Ҷ) соли 1965) иборат мебошад ва наздики ҳашт ҳазор моддаи луғавиро дар бар мегирад. Он на танҳо дар забоншиносии тоҷик, балки дар забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ аз аввалин луғатҳои фразеологӣ маҳсуб меёбад. Ҳатто дар забоншиносии рус ҳам луғати фразеологӣ дар ҳаҷми 4000 моддаи луғавӣ бо иштироки чор муаллиф танҳо пас аз чор соли нашри луғати М.Фозилов ба табъ расидааст. Китоби «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик»-и М.Фозилов ба муаллимону хонандагони МТМУ дастрас аст ва бояд дар ҷараёни машғулият ва иҷрои корҳои хонагиву мустақилона истифода гардад. Методистон оид ба аҳаммияти таълими воҳидҳои фразеологӣ чунин мулоҳизаронӣ кардаанд: «Ибораҳои фразеологӣ қисми пуробуранг ва таъсирбахши забон ба шумор рафта, бойигарии забонро нишон медиҳад. Аз ин рӯй, дар забони адабии тоҷик ҳар қадар ки миқдори чунин воҳидҳо зиёд бошанд, мардум онро дар нутқи гуфтугӯйӣ истифода карда тавонад, забон ҳамон қадар зебо, гуфтор шево ва дилчаспу таъсирбахш мегардад. Маданиятнокии инсон ҳам дар истифодаи бомавриду дурусти ин гуна унсурҳои забон ифода меёбад. Ин аст, ки барои таълими он, пеш аз ҳама, мактаб бояд диққати ҷиддӣ диҳад» [188, 13].

Дар китобҳои дарсӣ барои омӯзиши ВПФ машқу супоришҳои қолиб пешниҳод гаштааст. Чунончи: ифодаи «*Шонааш хок нахурда буд*» чӣ маънӣ дорад?» [120, 96] // Т**аҷриба надоштан, корнодида будан, ё навкор ва бетаҷрибагӣ дар коре);**

- зарбулмасали «*Гунҷишкро кӣ кушад? - Қассоб*» [120, 96] // К***орро кордон бояд кунад***;

- «*Худкардаро даво нест*» [120, 96] // Агар инсон кореро бо ихтиёри худ ва аз рӯйи бепарвойӣ ё беандешагӣ анҷом диҳад ва аз он зарар бинад ё паёмади нохуш рух диҳад, пас шикоят кардан ё аз дигарон кумак хостан бефоида аст. Хонандагон чанд муродифи онро ба хотир меоранд: ***Ҳар чи коштӣ, ҳамонро медаравӣ»; «Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав»*;**

- «***Аз ҳила ҳалво сохтан** чӣ маънӣ дорад?*» [120, 116] // Бо найрангу фиреб, макру ҳилла ба мақсади худ расидан ва ё аз ҳисоби дигарон фоида ба даст овардан аст» [349, ҷ.1, 116].

Барои шинохти тобишҳои маъноии ВФ дар китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфи 7-ум омӯзиши кор бо фарҳангҳо бо иҷрои силсилаи машқҳо пешниҳод шудааст. Бояд дар назар дошт, ки саравал хонандагон бо луғатномаҳо ва тарзи корбурди онҳо шинос бошанд. Барои ин роҳнамоии омӯзгори фанни забон и тоҷик хеле зарур аст. Мувофиқи шарту супоришоти машқҳо фразеологизмҳои серистеъмолро, ки дар осори бадеӣ фаровон ба кор рафтаанд, ба хонандагон бо истифода аз луғатномаҳои зери даст шарҳ медиҳем: «***дасти расо, дасти танг**, д**асти чинор**, **даст гарав кардан, дароз гаштани даст**, **дасти тағобун дар якдигар молидан**, **даст дар гиребон бурдан**, **даст рангин кардан**, **дасту по гум кардан***» [341, ҷ.1, 340] ва монанди инҳо.

Дар китобҳои дарсӣ чанд мисол бо калимаи «*дил*» низ оварда шудааст, ки дар таркиби ибораҳои фразеологӣ маъноҳои маҷозӣ пайдо кардаанд: «*дил ба даст овардан*»*;*«*дил фидо кардан*»*,* «*дил сӯхтан*» ва монанди инҳо. Байте аз ашъори Камоли Хуҷандӣ:

«Гар ту дар миҷмараи ғам дили мо сӯзонӣ,

Ҳамчунон бӯйи ту ёбанд зи хокистари мо» [26, 78].

Дар байти мазкур асоси маъно бо таносуби калимаҳои «миҷмара», «сухтан», «хокистар» ва «бӯй» сурат гирифтааст. Аз шарҳу тафсири омӯзгор хонандагон дармеёбанд, ки шоир дили худро ба мушк ташбеҳ додааст, ки дар вақти оташ расидан бӯйи хуш мекунад. Манзур аз дил гуфтани шоир ҳамон ботин аст ва ӯ ба ин хотир ифодаи мазкурро ба кор мебарад, ки «дил» ба сӯзиши маҷозӣ таносубе дорад.

«Дар ин кораш адои қарз бинад,

Дилаш болида, кӯдаквор хандад» [26, 27].

Дар ин байт воҳиди фразеологии ***дили болида*** «хушу хуррам будан» шарҳи омӯзгорро тақозо мекунад. Барои расидан ба ҳадаф ва бо такя ба китоби дарсӣ омӯзгор супоришҳо медиҳад:

1. Аз луғатномаҳо 10 воҳиди фразеологӣ, ки дар таркибаш вожаи «*пой*» ё «*бозу*» бошад, ёбед ва шарҳ диҳед.

2. Интихобан бо 5-тои онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

3. Аз китоби бадеӣ ва ё рӯзномаву маҷаллаҳо ибораҳои фразеологиро нависед ва тобишҳои маъноии онҳоро тавзеҳ намоед.

4. Воҳидҳои фразеологии гуфтугӯйиро аз аъзои калонсоли оила ҷамъоварӣ намоед.

5. Интихобан аз «Луғати фразеологии мактабӣ» тобишҳои маъноӣ ва мавқеи истеъмоли фразеологизмҳоро қиёсан бо луғатномаҳои дигар тавзеҳ додан мумкин аст. Чунончи: ***санг задан*** – «таъна кардану бад шуморидан; теғеро ба санг тез кардан». Ин воҳиди фразеологӣ дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» низ ба ҳамин маънӣ бо муродифоти дигар омадааст: ***касеро санг задан*** - «маънои касеро сарзаниш кардан, таъна, маломат намудан аст» [349, ҷ.2, 14]; ***санг бар дил ниҳодан*** – «сабуру бурдбор ва шикебо будан; кинаи ниҳонӣ доштан, нияти зарбаи пинҳонӣ доштан». Дар ФИР: ***сангдилӣ кардан*** – «бешафқатӣ, бемурувватӣ, бераҳмӣ кардан» [349, ҷ. 2, 23]; Дар ФИР: ***санги вазнинро об намебарад*** – «оқибати тамкин, вазнинӣ, мулоҳизакорӣ хуб аст, ба мақсади худ муваффақ мешавад» [349, ҷ.2, 21]; ***санги сиёҳ будан*** – «беқадру қимат ва хор будан»; ***Санги қаноат ба дил бастан*** – «қаноат кардан, ба нобудӣ, эҳтиёҷ тан додан» [349, ҷ.2, 23]; ***Сангро мум гардонидан*** - «мутеъ ва фармонбардор кардан; одами якравро ба гап даровардан»; ***Санг об шудан*** - «ниҳоят таъсирбахш будан, хеле дилсӯз будан [349, ҷ.2, 22]; ***Сар ба осмон расидан*** – «бисёр хурсанд шудан» [349, ҷ.2, 26].

Шарҳу тафсири таъбирҳо аз фарҳангномаҳо барои дарки муфассали маъно, аз худ кардани сарчашмаи пайдоиш, хусусиятҳои услубӣ ва мавқеи истифодаи

онҳо кумак намуда, ба хонандагон чун манбаи маълумот оид ба мазмуни фразеологизмҳо хизмат мекунанд ва ба омӯзиши амиқи забон, ТФН ва такмили маҳорати суханварии шогирдон ёрӣ мерасонад.

**Дарки хусусияти фразеологизмҳо.** Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» [54] дар бораи ибораҳои фразеологӣ чунин нукта оварда шудааст: «Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ ва амсоли он. Аз байни ин истилоҳот воҳидҳои фразеологӣ нисбатан бештар кор фармуда мешаванд» **[54, 104 ].** Фразеологизмҳоро аз калима ва ибораҳои озод фарқ кардан лозим аст. ВФ рехтаву устувор буда, аксар маврид таркиби онҳо тағйир намеёбад, таркиби он ҳам ҷудонашаванда аст ва ба дигар забон тарҷума намешаванд. Ҳар кас кӯшиш менамояд, ки сарватҳои луғавию фразеологӣ ва грамматикии забони модарии худро  ба қадри зарурӣ аз худ карда, аз имкониятҳои он бештару беҳтар истифода барад. Сарчашмаи фасоҳат, муассирӣ ва нишонрасии нутқ воҳидҳои фразеологӣ мебошанд ва дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати миқдор хеле зиёданд. Яке аз аломатҳои асосии фразеологизмҳо ифодаи маънои маҷозӣ аст ва тавоноии забон низ дар он ба зуҳур мерасад, ки ба бисёр калимаву ибораҳо маънои тоза бахшида, тобишҳои нави маъноӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Барои дар хотири хонандагон мустаҳкам намудани ибораҳои рехтаву муҷаз, пурмазмуну образнок ва васеъ гардонидани доираи ин захира роҷеъ ба хусусиятҳои фразеологизмҳо маълумот додан кам аст. Воҳидҳои фразеологӣ ба захираи фаъоли луғавии хонандагон дар сурати равшан будани маънои онҳо дохил мешаванд. Донистани маънои воҳидҳои фразеологӣ имкони бештари азхудкунии тобишҳои маъноии вожаву ифодаҳоро таъмин мекунад. Агар омӯзгор дар ҷараёни омӯзиши забони тоҷикӣ (мавзуи «Лексика» маъмулан бо таърифи мухтасари маънои калима маҳдуд шавад, пас дар таълими фразеология ин комилан нокифоя аст. Сабаби ин на танҳо дар он аст, ки воҳидҳои фразеологӣ маънои маҷозӣ доранд ва бисёр вақт мафҳумҳои мураккабро ифода мекунанд, балки нашинохтани маънои маҷозии ВФ боиси шарҳи нодуруст ва

надонистани мавқеи воҳидҳои фразеологӣ мегардад. Барои муайян кардани маънои ВФ усули судманди корро таҳия кардан лозим аст. Чунончи:

1. ВФ ба хонандагон дар дохили матн бояд пешниҳод ва маънои маҷозӣ мутаносиб ба дигар аъзои ҷумла шарҳ дода шавад. Барои ташаккули маҳорату малакаи нутқи хонандагон мустақилона истифода бурдани воҳидҳои фразеологӣ бо иҷрои машқу супоришот ба мақсад мувофиқ аст. Азбаски ВФ забони тоҷикӣ маънои образноку рехта доранд, ҳангоми истеъмол маънои маҷозии онҳо дуруст дарк нашуда ва маънои аслии матнро ошкор намесозад. Масалан, зимни мутолиаи ҳикояе дар мазаммати мардумозорӣ аз «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ «Бош, то дасташ бибандад рӯзгор, Пас ба коми дӯстон мағзаш барор» [26, 23] тобиши маъноии ибораи рехтаи ***дасти касе баста будан*** киноя аз «кутоҳдастӣ, нотавонӣ, оҷизӣ» [349, ҷ.1, 78] дар байти мазкур ба маънои «завол ёфтани бахту давлат ва табоҳ гардидани шавкату шукуҳу сарват» дар фарҳангҳои зери даст ба чашм намерасад ва он бо ёрии омӯзгор ба хонандагон равшан мегардад. Беш аз 20 воҳиди фразеологӣ бо вожаи «даст», аз қабили *«даст афшондан; даст бардоштан; даст кашидан; даст гирифтан; даст дароз кардан; дасти муҷаз; дасту дил шустан; даст ба хок кардан; аз даст додан»* ва амсоли он дар фарҳангномаҳо тафсир гаштааст.

Корбурди шарҳномаҳо барои фаҳмидани маънои амиқи на танҳо ибораҳои устувор, балки таъмини ҷанбаи тарбиявии дарс мусоидат менамояд. А.Насриддин ибораи «даст баста шудан»-ро мутаносибан ба абёти болои қитъа «вақти маъзулӣ» оварда, байти мазкурро чунин тафсир намудааст: «Умаро ва коранда (р.)-ҳоро бояд, ки бар тақарруби подшоҳ такя карда, мардумозорӣ нанамоянд, чаро ки ба вақти маъзулӣ ба интиқоми мазлумон гирифтор хоҳад шуд» [121, ҷ.3, 4]. Тавзеҳи нисбатан содаи ин байтро Обид Шакурзода пешниҳод кардааст: «Бимону фурсат нигоҳ дор, то рӯзгор вайро бечора кунад, он гоҳ ба муроди дили дӯст, ки ҳамон муроди хотири туст, мағзашро аз косаи сар берун ор ва ба зории зор ҳалокаш кун!» [181, 4]. Аз худ кардани хусусиятҳои ВПФ на танҳо барои амиқтар фаҳмидани забон кумак мекунад, балки ҳосили малакаҳои муошират, ФН ва зебошиносӣ низ асос мегузорад. ВФ

ҷузъи ҷудонашавандаи забони тоҷикӣ буда, дорои тобишҳои маъноӣ, бадеӣ ва фарҳангии хос мебошанд. Тавассути онҳо хонандагон ҳам қоидаҳои забонро меомӯзанд, ҳам бо фарҳанги миллӣ ва тафаккури маънавии халқ аз наздик ошно мегарданд. Ин донишу салоҳият имкон медиҳад, ки аз воҳидҳои муассиру хушоянди забон моҳирона истифода баранд, дар муошират муваффақу комёб шаванд ва ҳамчун ашхоси босаводу бофарҳанг ташаккул ёбанд.

1. **Маҳорати пайдо кардани муродиф ва мутазодди фразеологизмҳо.**

ВФ дар қолаби муайяни таърихан рехта маъноҳои гуногун, обуранги бадеӣ, тобишҳои ҳиссиро ифода карда метавонанд. Бо мазмун ва оҳангу тобишҳои гуногун ВФ монанди калимаҳо дар баёни ҳодисаю воқеа, амалу ҳаракат, аломату хусусият ва мафҳумҳои дигари ҳаёти воқеӣ ба кор гирифта мешавад. Аммо аз ҷиҳати маъно онҳоро бо калимаҳо  чун синонимҳои баробарвазн ҳисобидан мумкин нест. Масалан, маънои ибораи фразеологии «нури чашмон» фарзанд аст ва ба маънои мусбат - фарзанди азиз ва меҳрубон истифода мешавад. Воҳидҳои фразеологии бадеӣ аз калимаҳои алоҳида ва ибораҳои ноустувори синтаксисӣ на фақат бо обуранг ва ҳаяҷонбахшии худ, балки аз ҷиҳати зуҳури маънои иловагӣ фарқ мекунанд. Аз далелҳои оварда аён аст, ки ибораҳои мазмунан наздик ба мавзуъ ва ҳодисаҳои маълум дар нутқ мавқеи нисбатан устувор доранд. Аз ин лиҳоз, гоҳо дар гуфтор ва асарҳои бадеӣ дар баёни ин ё он матлаб такроран омадани ин гуна ВФ ба назар мерасад, зеро гунаи лексикӣ ё синоними онҳо мақсадро ба таври дилхоҳ ифода карда наметавонад. Чунончи дар машқи 146 (Китоби «Забони  тоҷикӣ», синфи 7, с.102) чанд намуна барои фразеологизмҳои муродифӣ ва бо онҳо тартиб додани ҷумлаҳо супориш дода шудааст: «*табъи касе кушода шудан, димоғи касе чоқ гардидан, курта-курта гӯшт гирифтан, ба пӯст нағунҷидан, гул-гул шукуфтан, тоқиро ба осмон партофтан, сар ба осмон расидан*» [26, 102].

Бо ин роҳ омӯхтани ВФ бесабаб нест, зеро бино ба таъкиди мутахассисон: «Ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологии синонимӣ ифодаи маъноҳои умумии наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гуё ду ва зиёда ифодаҳои синонимӣ як мафҳумро айнан ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд,

ба ҳақиқат дуруст намеояд. Дар ҳар як фразеологизми синонимӣ чунин тобиши маънoии махсусро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар синоними дигар ё тамоман вуҷуд надорад ё ки ба тариқи дигар ифода ёфтааст» [91, 55]. Дар китобҳои дарсӣ ба фразеологизмҳои муродифӣ бештар тарҷеҳ дода ва дар шарти машқҳо омадааст: «Таъбирҳоро хонед ва маънидод кунед. Муқаррар созед, ки кадоме аз онҳо ба ҳамдигар муродиф мешаванд» [26, 146]; «Хонед ва муродифоти таъбирҳои зеринро ёбед ва нависед» [26, 146]; «Муродифҳои таъбирҳои дар ғазал мавҷудро ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед» [26, 141].

Вожаҳои мутазоддӣ на танҳо бо калимаҳои алоҳида, балки дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва таркибҳои рехта низ меоянд ва онҳо бо роҳҳои гуногун ба таркиби таъбирҳо дохил мешаванд: *хору хас, дӯсту душман, пастиву баландӣ, неку бад, сиёҳу сафед* ва ғайра. Ин таъбирҳо маънои муқобил надоранд, танҳо ҷузъҳои таркиби онҳо маънои ба ҳам зидро ифода менамоянд. Масалан, дар китоби «Забони тоҷикӣ» (барои синфи 11) барои омузиши ин масъала байти зер омадааст:

«Он ки дар зулфи парешонаш дили мо ҷамъ буд,
Ҷамъи моро ҳамчу зулфи худ парешон карду рафт» [68, 48].

Истифодаи воҳидҳои фразеологии муқобилмаъно яке аз воситаҳои пуртаъсири санъати сухан дар адабиёти бадеӣ ба шумор меравад, ки намунаи барҷастаи он дар байти шоири номвар Бадриддин Ҳилолӣ ба таври зебову дилнишин шарҳ ёфтааст. Ҷуфти муқобилмаънои «дил ҷамъ будан» (ором ва хотирҷамъ будан) ва «парешон кардан» (парешонхотир, саргардон ва беқарор сохтан)-ро дар заминаи калимаҳои «зулфи парешон» ва «ҷамъи мо» ба кор бурда, тазоди амиқи ботиниро офаридааст. Дар мисраи аввал таъбири «дили мо ҷамъ буд» ҳолати оромиш, умедворӣ ва осоиштагии ошиқро дар сояи зулфи маъшуқ нишон диҳад, дар мисраи дувум бо овардани ибораи «парешон карду рафт» ин оромиш ба куллӣ аз байн меравад ва дили ошиқ мисли зулфи ёр парешону пароканда мегардад. Ғарази услубии шоир аз корбасти ин фразеологизмҳои зидмаъно корбурди бадеи тазод, иҳом ва таносуби калом

мебошад, ки ба матлаб қувваи баланди эҳсосӣ бахшида, ғаму сӯзиши қалби ошиқ ва бевафоии ёрро ба таври ниҳоят таъсирбахш таҷассум кардааст.

Ба гурӯҳи дигари ВФ-и мутазоддӣ чунин таъбирҳое дохил мешаванд, ки дар ҷумлаҳои мустақил барои ифодаи мазмунҳои рехта маъноҳои муқобил касб намудаанд. Ин навъи ВФ, ки ҷузъҳои таркиби он бештар ба вазифаи исм, сифат ва феъл омада, хусусияти антонимӣ зоҳир мекунанд, баёну гӯйиши хонандагонро мақбулу дилпазир мегардонанд. Барои иҷрои машқи 149 аз китоби «Забони тоҷикӣ» (барои хонандагони синфи 7) таъбирҳои муқобилмаъно пешниҳод шудааст: «*дасти дароз, дасти муҷаз; дили касеро бардоштан, дили касеро шикастан; ба роҳ андохтан, аз роҳ задан; ба осмон бардоштан, ба замин задан; аз по афтодан, аз по хестан; дили нарм, дили сахт; обрӯй гирифтан, обрӯй рехтан; дил бастан, дил додан; сару калобаи чизеро гум кардан, нуги ресмонро ёфтан; хату савод баровардан, алифро таёқ гуфтан*» [26,102].

Лозим ба қайд аст, ки баъзе аз мисолҳо фразеологизмҳои мутазодро ташкил карда наметавонанд, аз ҷумла: *дил бастан* - «алоқаманд шудан, ишқ пайдо кардан, дӯстӣ пайдо кардан, ошиқ шудан, дил дар гарави муҳаббати касе овардан, алоқа пайдо кардан, муҳаббат ёфтан» [322, ҷ.11, 134]; *дил бастан* – «1. ба касе меҳр мондан, касеро нағз дида мондан, дӯст доштан; 2. қарор додан; 3. розӣ шудан, тан додан» [349, ҷ.1, с.362]; *дил додан* – «1.ҷасорат талқин кардан, далер кардан:

*Шаҳ чу диҳад дил ба далерони ҷанг,*
*Шер шавад баччаи рубоҳи ланг*» [341, ҷ.1, 450]

*Меҳр бастан* - ошиқ шудан

«*Ман дил намедиҳам ба лабу чашми ӯ, ки ёр,*
*Гоҳ аз фасона, гаҳ ба фусун мекушад маро*» [341, ҷ.1, 65].

Омӯзгор метавонад барои дарки маънои фразеологизмҳо аз ҷониби хонандагон намунаҳо аз осори адабӣ оварад: **дили касеро шикастан** – «1. ранҷондан, дил озурда кардан, хафа ва маҳзун кардан; 2. ҳаросидан, руҳафтода шудан:

***Дили** зердастон набояд **шикаст**,*

*Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст*» [341, ч.1, 65].

**Дили касеро бардоштан** – «1. ба касе тасаллӣ, дилдорӣ додан; 2. касеро рухбаланд, далер, хурсанд кардан: Аммо ба ман ягон кас ҳам тарафдорӣ намекард, ягон чиз гуфта диламро намебардошт» [349, ч.1, 361].

Дар раванди таълими забони тоҷикӣ омӯзгор ба мисолҳое такя мекунад, ки хонандагон аз воҳидҳои фразеологии муқобилмаъно огоҳӣ ёбанд ва ба калимаҳои сермаъно ва синонимҳо иртиботи қавӣ доранд. Дар натиҷаи муқоисаи таъбирҳои синонимӣ ба ВФ-ии антонимӣ мавқеи ибораҳои фразеологии синонимӣ дар ташаккули ВФ-ии муқобилмаъно муайян карда мешавад. Бо ин роҳ дар натиҷаи муқоиса ва дар мавридҳои муайян муносибати зидмаънои фразеологизмҳои гуногун барои мушаххас намудани системаи маънои таъбирҳо ва ошкор кардани робитаи ҳаммаъноии онҳо кумак мерасонад.

Гурӯҳи дигари ВФ-ро ибораҳои устувори омонимӣ ташкил медиҳанд. Ин ибораҳо мазмунан то андозае умумӣ буда, дар гуфтугӯй вобаста ба инъикоси ҳодисаҳои гуногун истифода мешаванд. Аз ҳамин сабаб, ба кадом маъно ба кор рафтани онҳо танҳо дар матн маълум мегардад. Чунончи намунаҳои он дар рафти иҷрои машқи 148 пешниҳод шудааст: «**шамол хурдан** (*зуком шудан*) ва **шамол хурдан** (*дар ҳавои тоза сайругашт кардан)*; **ба қиём омадан, занг задан, тамиз доштан, сир додан** – сир давондан» [26, 102].

Аз таҳлили китобҳои дарсӣ бармеояд, ки фразеологизмҳои муродифӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карда, иҷрои силсилаи машқҳо (синфи 7, машқҳои 146, 147; синфи 10, машқҳои 217, 218) ба назар гирифта шудааст. Аммо доир ба мутазод (синфи 7, машқи 149) ва таъбирҳои ҳамгун (синфи 7, машқи 148) иҷрои ҳамагӣ яктой машқро ба инобат гирифтаанд. Гумон меравад сабаби асосии ин муаммо аз дарки таъбирҳои муродифӣ, ки нисбатан осонтар аст, бармеояд. Онҳо маънои наздик ё айниро ифода мекунанд, аммо фаҳмидани тафовутҳои нозуки байни таъбирҳои мутазоддӣ, ки маънои муқобилро ифода мекунанд ва таъбирҳои ҳамгун барои хонандагон душвортар мебошад. Ин

мушкилот нишон медиҳад, ки барои беҳтар кардани омӯзиши фразеологизмҳо дар китобҳои дарсӣ ва барномаи забони тоҷикӣ таҷдиди назар лозим аст. Мушоҳидаҳо собит карданд, ки ба машқҳои фразеологизмҳои ҳамгун ва мутазод бештар ба назар гирифта шавад, то хонандагон на танҳо маъно, балки нозукиҳои услубӣ ва алоқаи семантикии онҳоро низ дарк кунанд. Ин қабил машқу супоришот имкон медиҳад, ки забон дар сатҳи баланд аз худ ва нутқи хонандагон такмил ёбад.

Ҳамин тариқ, пайдо кардан ва аз худ намудани муродифот, мутазод ва ҳамгунаи ВФ ба хонандагон роҳи босамари ТФН, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва амиқтар дарк кардани нозукиҳои забон мебошад. Нутқи хонандагон рангин, дақиқ ва таъсирбахш, салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва маърифатиашон мукаммал гашта, мазмуну муҳтавои матнҳоро беҳтар мефаҳманд ва тафаккури мантиқиашон инкишоф меёбад.

2. **Истифодаи бамавриди ВФ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.** Барои ташаккули малакаи бамаврид истифода кардани ВФ дар нутқ машқҳои махсус гузаронида мешавад, ки истифодаи мунтазами онҳо захираи фаъоли луғавӣ-фразеологии хонандагонро ғанӣ мегардонад. Содатарин намуди кор интихоби ВФ бо калимаи умумӣ мебошад. Масалан, аз рӯйи китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфи 7 супориш дода шудааст, ки «*Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [340, ҷ.1, 159] шарҳи вожа – калимаи бахт-ро хонед. Калима ва ифодаҳои бо ин вожа омадаро бе шарҳашон нависед*» [26, 106].

Калимаи «**бахт**» дар Фарҳанги забони тоҷикӣ маънои «*насиба, баҳра, қисмат, иқбол, саодат*» [341, ҷ.1, 159]-ро дорад ва бо он ифодаҳои зерин сохта шудаанд: «*бахти баландахтар, бахти бедор, бахти ғунуда, бахти гиронхоб, бахти гумкардароҳ, бахти забун, бахти нангунсор, бахти некхоҳ, бахти норасо, бахти нофарҷом, бахти ошуфта, бахти сабз, бахти сиёҳ, бахти фирӯз, бахти хоб, бахти хоболуд, бахти шур, бахти ғунда, бахти ҳумоюн, бахти ҷавон*» [340, ҷ.1, 159] омадааст ва аз инҳо *бахти сабз, бахти баландахтар, бахти бедор, бахти фирӯз, бахти ҳумоюн, бахти ҷавон* маънои маҷозии «***толеи нек, хушбахтӣ, саодатмандӣ***» [341, ҷ.1, 159]-ро дорад.

Иборахои «*бахти ғунуда, бахти гиронхоб, бахти гумкардароҳ, бахти забун, бахти нангунсор, бахти норасо, бахти нофарҷом, бахти ошуфта, бахти сиёҳ, бахти хоб, бахти хоболуд, бахти шур, бахти ғунуда*» [341, ч.1, 159] *ва* «*Бахти шур*» [341, ч.1, 159] ба маънои бадбахтӣ корбаст мешавад. Дар китоби «Фарҳанги иборахои рехта» тобишхои нави маъноии иборахо ба чашм мерасад: ***Бахти сабз*** ба маънои «бахт ёр будан, ҳамеша *хушбахт будан, ҳамеша пешрав будани кори касе*» [349, ч.1, 79]; ***Бахти сиёҳ*** – «*бадбахт, бетолеъ будан, барор надоштани кори касе*» [349, ч.1, 80]; ***Бахти шур*** – ба маънои «*ба бахти касе хазон омадан, ба бахти касе завол омадан, рӯй гардондани бахт*» [349, ч.1, 81] омадааст.

Супоришхои китоби дарсӣ дар мавриди омӯзиши ВФ бо мақсади ташаккули ФН ва салоҳиятнокии хонандагон гуногунранг мебошад. Аз ҷумла, «Тартиб додани ҷумлаҳо» (синфи 7**,** машқи 154, саҳ.104; синфи 10, машқи 210, саҳ. 142); «Навиштани нақл бо истифодаи таъбирҳо» (синфи 10, машқи 206; синфи 10, машқи 213); «Муродифҳои таъбирҳои дар ғазал ёфта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб додан» (25, синф.10, саҳ.141). Муайян кардан ва шарҳи таъбирҳои ғазали зерини Бадриддин Ҳилолӣ ба хонандагон хеле мушкилӣ пеш меорад, зеро аксар ВФ хоси услуби бадеӣ ва фардии шоир мебошанд:

«Омад он сангиндилу сад рахна дар ҷон карду рафт,

Мулки ҷонро аз силоҳи ғамза вайрон карду рафт... » [171, 96].

Бо кумаки омӯзгор ва истифодаи фарҳангномаҳо метавон таъбирҳо ва муродифоти онҳоро аз ғазал шарҳ дод: **сад рахна дар ҷон кардан** – «ба вуҷуд омадани вайронӣ, ихтилоф, носозгорӣ» [349, ч.1, 887] - маҷозан «*реш, ҷароҳат, озор додан*»; **мулки ҷонро вайрон кардан** – «киноя аз *мушавваш, шуридаву ноором кардани касе*»; **дил ҷамъ будан** - «*хотирҷамъӣ, осудахотирӣ*» [340, ч.1, 78]; **хотири касе ҷамъ будан** – «*осуда будан, ташвишу парешонӣ надоштан*» [349, ч.2, 303]; **зулф парешон кардан** – «*изҳори ҳасрат ва надомат, ғам ва ҳасрат*» [341, ч.1, 89]; **қолиби фарсуда** - маҷозан «*зиёд азобу шиканҷа дидан*» [341, ч.2, 96]; **хок будан** – «1. *хоксор шудан, фурӯтан шудан;* 2. *мурдан, вафот кардан*» [341, ч.2, 96]; **ғорати дил // дил ба ғорат бурдан // дили касеро**

**дуздидан** – «1. *касеро бо фиреб ба раъйи худ даровардан*; 2.*касеро ошиқи худ гардонидан*» [349, ч.1, 371]; **ғорати ҷон** – «*ҷонситонӣ, куштан*» [342, ч.1, 304]; **дил бурдан** – «*мубтало кардан, шефта намудан; касеро ба худ моилу роғиб намудан*» [341, ч.1, 218]; **ҷон аз ғам сӯхтан** – «*гирифтори азобу машаққат, дарду ҳасрат шудан*» [341, ч.2, 396]*;* **дил ба сӯйи касе рафтан** // **дил додан** – «*меҳр бастан; ошиқ шудан*» [341, ч.1, 298]; **ҷон додан** – «*мурдан*» [341, ч.2, 289]; **ҷон сарф кардан** // **ҷон ба касе бахшидан** – «*ҷони худро фидо кардан, ҷони худро нисор сохтан* барои касе ё чизе» [67, 32].

Чанд навъи машқ барои истифодаи бамаврид аз ВФ бо мақсади ТФН ва салоҳиятнокии хонандагон пешниҳод кардем. Ин машқҳо ба хонандагон барои аз матнҳои гуногун ёфтани таъбирҳо ва малакаи интихоби дурусти онҳоро вобаста ба вазъи нутқ инкишоф медиҳанд:

**1. Таҳлили ВФ дар матн:** «Хусусияти фразеологизм ва мавқеи он дар нутқ». **Чанд ҷуфт ҷумла б**а хонандагон пешниҳод карда мешавад, дар яке ВФ бамаврид ва дуруст истифода шудааст, дар дигаре нодуруст (бемавқеъ). Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ҷумлаи дурустро интихоб кунанд ва сабабашро шарҳ диҳанд. **Мисол:**

а) Вақте ки вай ба хона даромад, аз шодӣ чашмонаш чор шуданд, зеро ҳамаи меҳмонон аллакай баромада рафта буданд.

б) Моҳҳои дароз аз писари мусофир ҳеҷ хатту хабаре набуд, модар дар роҳаш чашми чор дошт.

*Шарҳ: гунаи «б» дуруст аст, зеро «чашм чор будан» маънои умедвор будан, бисёр интизор гаштанро дорад, ки дар ҷумлаи аввал (гунаи «а»)* барои ифодаи эҳсоси **«шодӣ»** бемавқеъ корбаст гаштааст.

**2. Муайян кардани ВФ дар шохаҳои услубӣ:** Ба хонандагон чанд ВФ дода, муайян кардани истифодаи он дар вазъият ва шохаҳои услубӣ (расмӣ / ғайрирасмӣ, шифоҳӣ / хаттӣ, бо дӯстон / бо калонсолон) супориш дода мешавад. **Мисол:** «**дили касеро ба даст овардан**». Он ҳангоми тавсифи муносибатҳои хуби шахсӣ, ба даст овардани боварии касе мавриди истифода қарор мегирад: Муаллим бо ширинсуханӣ тавонист, ки ***дили шогирдоно ба***

***даст орад***. Истифодаи номувофиқ (дар матнҳои илмӣ ва расмӣ): Бо натиҷаҳои хуби тадқиқоти анҷомдодааш ***дили мутахассисонро ба даст овард***.

**3. Тағйири мавқеи истифодаи фразеологизм дар нутқ.** Иҷрои ин навъи машқҳо ба инкишофи қобилияти мутобиқ ба вазъи нутқ ифода кардани фикр тавассути фразеологизм мусоидат мекунад. Ба хонандагон ҷумла ё порчаи матнеро, ки дар он фразеологизм истифода шудааст, пешниҳод карда, супориш дода мешавад, ки вазъи нутқ ва муоширатро тағйир диҳанд**:** аз услуби бадеӣ ба маърузаи расмӣ ё аз мақолаи рӯзнома ба ҳуҷҷати ҳуқуқӣ. Масалан, *дар бораи барору комёбии шахс***:** *«Баъди ин қадар мушкилиҳо, дар ниҳоят ба* ***сари мард офтоб баромад»*** (услуби бадеӣ); «Баъди ин қадар мушкилиҳо, ниҳоят мард ба **натиҷаи дилхоҳ ноил гардид**» (услуби расмӣ ё рӯзноманигорӣ).

**4. Машқи нақшофарӣ ё худ муошироти намунавӣ.** Ба ҷуфти хонандагон иҷрои нақш ва вазъи гуногуни муошират, масалан, «мудир ва корманд», «ду дӯст», «омӯзгор ва шогирд», «навкор ва соҳибтаҷриба» бо таҳияи муколамаҳои муҷаз бо ҳадди ақал 2-3 ВФ супориш дода мешавад.

5. **Ҷумлаҳоро пур кардан.** Ба хонандагон ҷумлаҳое пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷойи холӣ ВФ-и мувофиқро монда пур кунанд. Дар қавс вазъияти муошират ё ҳадафро нишон диҳед. **Мисол:** *«Вақте ки вай дар бораи мушкилоташ гап мезад, ман кӯшиш кардам, ки ба ӯ _______ (кумак кардан; ёрӣ додан, дасти ёрӣ дароз кардан, мадад расонидан, дастгирӣ намудан, пуштибонӣ кардан).*

**6. Иваз кардани иборaҳои озоди синтаксисӣ бо ВФ бо:** Хонандагон аз таркиби ҷумла ибораи озодро бо ибораи фразеологии мувофиқ бо назардошти вазъи нутқ бояд иваз кунанд**.** Мисол: *«Аз шунидани ин хабар* ***хеле ғамгин шуд»;*** «Аз шунидани ин хабар **дилаш сиёҳ гашт**».

Ин машқҳо тафаккури хонандагонро фаъол месозанд ва имкон медиҳанд, ки дониши назариявии худро дар бораи ВФ дар амал татбиқ созанд. Омӯзгор барои машқу тамрин матнҳои гуногун ва усули гуногуни баррасии онҳоро пешниҳод карда, хонандагонро ба эҷодкорӣ ва ҳосили малакаи сухангӯйӣ ташвиқ месозад. Умуман, ташкили самараноки таълими ВФ боиси ташаккули

салоҳияти иртиботӣ ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон мегардад. Гарчанде ВФ метавонанд нутқро рангин ва таъсирбахш гардонанд, истифодаи бемаврид ва ё номуносиби онҳо баръакс ба нофаҳмӣ ё кам шудани эътибори сухангӯй оварда мерасонад. Аз ин рӯй, шинохтани вазъият ва мавқеи истифодаи онҳо муҳим аст ва тақозо мекунад, ки дар раванди таълим омӯзгор ба интихоби мувофиқи матн, машқу супоришҳо, сатҳи маърифатнокии хонанда ва ҳадафи муошират диққати ҷиддӣ диҳад. Ташаккули маҳорат ва малакаи корбасти бамавриди ВФ ба таъсирбахшӣ, дақиқӣ ва ҷаззобияти нутқи хонандагон мусоидат карда, барои салоҳиятҳои зерини онҳо ташаккул дода мешаванд:

А) **Салоҳиятҳои забонӣ:** шинохти таъбирҳо, хусусиятҳои фразеологизмҳо, кор бо луғат ва вожаномаҳо.

Б) **Салоҳиятҳои иртиботӣ:** дарк ва баҳодиҳӣ ба матн, мавқеи фразеологизмҳо дар такмили нутқ ва фарҳанги баён.

Дар синфи 10-ум бештар диққат додан ба ташаккули салоҳияти иртиботии муҳассилин пеш меояд, зеро вазифаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар ин марҳалаи таҳсил ба муошırати озод ва эҷодкорона тамоюл дорад: хонандагон ба корбасти мустақилонаи маводди назарии омӯхтаашон омода мешаванд. Муаллифи китоби дарсии синфи 10-ум Саидамир Аминов ҳадафҳои забономӯзиро марбут ба таъбирҳо ва фарҳанги нутқ дар ин марҳала чунин шарҳ медиҳад: «Фаъолгардонии маълумоти забонӣ ва тақвияти самтҳои амалии омӯзиш; - омӯзиши забон чун нахустунсури адабиёт ва имконоти тасвиру ифоданокии он; - фаро гирифтани ҳусни баёну муошират; - васеъ гардонидани малакаи дарку таҳлил ва таълифи матнҳо дар мавзуъҳои гуногун» [24, 3]. Мақсадҳои таълим: ташаккули салоҳияти забонӣ ва иртиботӣ бояд пайваста дар мадди назар қарор дода шаванд. Аз ҷумла, шарт ва талаботи салоҳияти забонӣ иборат аз донистани хусусиятҳои ВПФ, шинохтан ва аз матн ҷудо кардани воҳидҳои луғавии маъмули шохаҳои услубӣ, ба монанди: «калимаю таъбирҳои рехтаи хоси гуфтугӯйи озод, калимаю ибораҳои рехтаи хоси маҳал» [24, 133] мебошад.

Бо мақсади татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои 10-11-ум ва ташаккули малакаҳои нутқ, асосан, бо матн сурат мегирад. Ҳадафи кор бо матн ва истифодаи ВФ дар нутқ иҷрои чунин амалҳоро ба назар мегирад: шинохтан ва шарҳ додани маъно, вазифаву аҳаммияти корбурди ВФ, муродифҳои фразеологизимҳоро ёфтан, аз ҷиҳати услуб ба навъҳо ҷудо кардан, бо таъбирҳо тартиб додани ҷумлаҳо, таҳияи матн ва истифодаи бамавқеъ аз воҳидҳои рехта. Мисолҳои зерин аз китоби дарсӣ баёнгари андешаҳои болоанд: «Дарвешеро шунидам, ки дар **оташи фоқа** месухту руқъа бар хирқа ҳамедухт ва таскини хотири мискинро ҳамегуфт:

Ба нони хушк қаноат кунему ҷомайи далқ,

Ки бори миҳнати худ беҳ, ки бори миннати халқ!

Касе гуфташ: «Чӣ нишинӣ, ки фулон дар ин шаҳр табъе карим дораду караме амим. **Миён ба хидмати озодагон баставу бар дари дилҳо нишаста**. Агар бар сурати ҳоли ту, чунонки ҳаст, вуқуф ёбад, поси хотири азизон доштан миннат дораду ғанимат шуморад. Гуфт: «Хомуш, ки дар сахтӣ мурдан беҳ, ки ҳоҷат пеши касе бурдан» [24, 142].

Хонандагон бояд аз ин матн таъбирҳои ***поси хотир доштан***; ***дар оташ сӯхтан; миён ба хидмат бастан***ро шарҳ диҳанд.

«Ҳам руқъа дӯхтан беҳу илзоми кунҷи сабр,

К-аз баҳри ҷома руқъа бари хоҷагон набишт» [24, 140].

Вожаи **руқъа** дар китоби дарсӣ «мактубча, ариза» шарҳ дода шуда, вале ҳодисаи омоним - ***руқъа*** (дӯхтан) дар мисраи аввал ба маънои «*васла, пораи матоъ, ки даридаи либосро бо он ямоқ мекунанд*» [341, ҷ.2, 154] аз эътибори мусанниф дур мондааст. Маънои ***қитъа*** низ бояд бо кумаки омӯзгор фаҳмонида шавад: *Пора бар пора дӯхтану пайваста дар зовияи шикебоӣ мондан беҳтар аст, ки бо номаву илтиҷо аз бузургон ҷома талаб кунӣ. Бо шафоату миннати ҳамсоя ба биҳишт даромадан бо азобу шиканҷаи оташ баробар аст.*

Ҳамин тариқ, аз худ кардани ВФ аз рӯйи матн на танҳо усули самараноки омӯзиши забон аст, балки ин раванд ба рушди қобилияти дарки матн,

ташаккули ФН, ғановати таркиби луғавӣ ва шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ алоқаманд аст. Ин хонандагонро барои муоширати самарабахш дар ҳаёти воқеӣ омода месозад. Баррасии ВФ дар контексти муайян ба хонанда имкон медиҳад, ки мавқеи истифодаи фразеологизмро дарк кунад ва донад, ки кай ва дар кадом ҳолат онро ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, ибораи «кор афтодан, рӯй тофтан» дар суҳбати дӯстона мувофиқ аст, аммо дар муҳити расмӣ номуносиб мебошад. Маҳз матн ин нозукиҳои вазъи суханро равшан месозад. Матнҳои хуби таълимӣ намунаи олии истифодаи забони адабӣ мебошанд ва тавассути он хонандагон ҳис мекунанд, ки чӣ тавр ВФ нутқро ғанӣ, ифоданок ва ҷолиб мегардонанд. Матнҳои таълимӣ кумак мекунанд, то хусусиятҳои услубии ВФ ва мувофиқати онҳоро дар сабку услуби баён (публитсистӣ, илмӣ, бадеӣ) шиносанд. Омӯзиши ВПФ аз рӯйи матн раванди мураккабест, ки ба ташаккули малакаҳои гуногуни салоҳияти забонӣ тамоюл дорад: қироат ё мутолиа (фаҳмидани мазмуни матн), таҳлил (донистани хусусиятҳои ВПФ), таҳияи корҳои хаттӣ ва ба кор бурдани онҳо дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ. Ба таври ҳамгиро ташаккул додани ин малакаҳо омӯзиши забонро босамар ва натиҷабахш мегардонад. Таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба ВФ ҳангоми мутолиаи асарҳои адабӣ, илмӣ ва маводди матбуоти даврӣ, фаҳмидани маъно, муайян карда тавонистани мавриди истифодаи онҳо, таҳияи ҷумлаву матнҳо ва муқоисаи матнҳо аз ҷиҳати корбурди ВФ дар матнҳои гуногун барои идроки тобишҳои маъноӣ ва услубии таъбирҳо ба шогирдон ёрӣ мерасонад.

Аз таҳлил ва баррасии андешаҳои боло ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки матн дар омӯзиши ВФ нақши асосиро мебозад. Он заминаи зарурӣ барои дарки амиқи маъно, истифодаи бамаврид ва азхудкунии устувори ин воҳиди забон маҳсуб меёбад. Роҳу равиши мушаххаси таълим, дарёфти воситаҳои рӯйнамо кардани мавқеи ВФ боиси ТФН-и хонандагон мегардад. Ба дигар маънӣ, матн маҳсули фаъолияти нутқи пуробуранг мегардад. Хусусияти асосии он дар ҳамбастагии ҷумлаҳои таркиби матн, муташаккилии маъноӣ ва сохторӣ, мундариҷаи мухобиравӣ бо хаҷму ғунҷоиши мазмуни баланд зоҳир мешавад. Чун рисолати забон ифода кардани фикр аст, омӯзиши ВФ-и забони тоҷикӣ дар

ҳамбастагӣ бо ташаккули муносибати босалоҳият ба таълим такмили мафҳумҳои салоҳияти иртиботиро вусъат мебахшад.

**Усули таълими воҳидҳои паремиологӣ.** Воҳидҳои паремиологӣ иборат аз матнҳои муҷази ҳикматомезест, ки боиси камолу ҷамол ва таъсиру ҷазабаи каломи суханварон гашта, дар сарчашмаҳои илмӣ ба унвони амсол, зарбулмасал, мақол, истилоҳот, киноёт, истиорот, калимоти қисор, панду ҳикмат, андарз, афоризмҳо, воҳидҳои фразеологӣ тавзеҳ дода шудааст. Ин гурӯҳи воҳидҳои забонро иддае аз пажуҳишгарон ба доираи таҳқиқ кашида, фарҳангҳои махсус низ ба табъ расонидаанд. Аллома Алиакбари Деҳхудо ВП-и забони форсиро дар чаҳор ҷилд зери унвони «Амсолу ҳикам», донишмандони тоҷик В.Асрорӣ «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» (с.1956); А.Писарчик, М.Ҳомидҷонова «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» (с.1960); М.Фозилов дар се ҷилд «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва ВПФ-и тоҷикиву форсӣ» (с.1975); Б.Тилавов «Зарбулмасалҳои машҳур»-ро (с.1983) мунташир кардаанд, ки далел бар дороиҳои забони тоҷикӣ аст. А. Насриддин борҳо аз балоғату азамати забони тоҷикӣ сухан ба миён оварда, таъкид бар он кардааст, ки яке аз омилҳои узубату нерумандии забон дар фаровонии зарбулмасалу мақолҳои халқӣ мебошад: «...қудрату зарфияти забонҳо аз роҳи ошноӣ бо қолабҳои рехтаи сухан, ибораву таркибот ва гурӯҳи махсуси ҷумлаҳо муайян мешавад. Ин навъи ибораву таъбир ва ҷумлаҳои гурӯҳи махсусро бо номи амсолу ҳикам ё зарбулмасалу мақол ёд мекунанд» [121, 149].

Зарбулмасалу мақолҳо ҳикмати асрҳоро фаро гирифта, таҷрибаи маънавии чандин наслро ҷамъбаст ва барои худшиносии таъриxиву фарҳангӣ, барои худогоҳии миллӣ роҳ ҳамвор мекунанд. Омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар раванди таҳсил аз омилҳои муассири ташакули фарҳанги нутқ буда, воситаи пурмаҳсул ва беҳтарини ғановати захираи луғавии хонандагони МТМУ ба омӯзиши ҳамин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ иртибот дорад. Мутаассифона, дар МТМУ ба таълими зарбулмасалу мақолҳо ҳанӯз диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Ҳар қадар ки омӯзгор омӯзиши онҳоро вусъат бахшад, ҳамон қадар хонандагонро бо сарвати бебаҳои забони тоҷикӣ шинос ва нутқи шифоҳиву

хаттиашонро инкишоф медиҳад. Дар ин мавриД фаъолияти тафаккур, дарки мантиқи ҳикматҳою рисолатҳо ва ҳисси зебопарастӣ мавқеи назаррас дошта бошад, хонандагон хусусиятҳои ин қабил воҳидҳои забонро ба хубӣ идрок карда тавонанд. Дар Стандарт ва барномаи фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5-ум бо назардошти аҳаммияти зарбулмасал ва мақол дар нутқи пуробуранг ва маънодору муҷаз ҳангоми гуфтор ва навишт бамаврид ва ҳадафмандона истифода бурдан аз ин воҳидҳои забон тавсия шудааст: «..зарбулмасал ва мақолро барои обуранг ва маънодор гардонидани нутқ истифода мебарад; ҳангоми гуфтор ва навишт зарбулмасал ва мақолро бамаврид ва мақсаднок истифода мебарад» [8, 34]. Бо ин мақсад, дар китоби «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 5-ум [120] супоришҳои гуногун пешниҳод гардидааст: «Мазмуни зарбулмасалу мақолҳоро шарҳ диҳед» [120, 116]; «Зарбулмасалу мақолҳоро хонед, сохти зидмаъноҳоро муайян кунед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед» [120, 139].

Аз қиёси нашри солҳои охири китоби дарсии синфи 5-ум кӯшиши ислоҳи саҳву ғалатҳои қаблӣ ба мушоҳида мерасад. Муаллифони китоби «Забони тоҷикӣ» (нашри 2018) ба иштибоҳ роҳ дода, тафовуте байни зарбулмасалу мақолро ба мушоҳида нагирифтаанд. Масалан, аз шаш ҷумла бо ишораи дар қавсайн «Зарб.» танҳо «Некӣ куну дар об андоз» [120, 132] зарбулмасал ва боқӣ ҳамагӣ мақол аст. Бояд таъкид кард, ки зарбулмасалу мақол бо хусусиятҳои бадеии худ аз якдигар тафовут доранд. Зарбулмасалҳо аксар мавриД маънои маҷозӣ дошта, мақсад ва фикри асосӣ бо санъати киноя баён мешавад. Маънои зоҳирии зарбулмасалҳо барои ифодаи мақсад ва ғояҳои олӣ бо истифодаи санъати истиора сурат мегирад ва бо ин зеҳни шунавандаро барои кашфи маънои аслии сухан ба тафаккур ва таҳлил водор месозанд.

Аммо дар мақол вожаҳо ба маънои аслӣ, на маънои маҷозӣ ё киноявӣ ба кор намеравад, баёни мақсаду ғоя ба забони гӯйишӣ хеле наздик аст. Масалан, маънои аслии мақоли *«Дили нохоҳам, узри бисёр»* ё «*Кори имрӯзаро ба фардо нагузор*» бе ҳеҷ тавзеҳе равшан аст. Аммо вақте ки «*Дасти одамизод гул*» мегӯем, барои хонанда маънои маҷозӣ ва мустаори онро бояд шарҳ дод.

Зарбулмасалу мақолҳо ба ҳам хеле наздик мебошанд, ки фарқ карданашон аксар вақт душвор аст. Аз лиҳози сохтори наҳвӣ тафовути нозуки байни онҳоро, маҷмуан, чунин муайян кардан мумкин аст: зарбулмасалҳо аз ду қисм иборатанд. Дар қисмати аввал фикре гуфта, дар қисмати дуюм аз онҳо хулоса баровардa мешавад: *Одами бекор – дарахти бебор; Илм дар хурдӣ – нақш бар санг.* Мақолҳо аз як ҷумла иборат буда, бе шарту қиёс баён мешаванд. Мисол: *Дӯстон оинаи якдигаранд; Шакара камаш хуб; Бо як гул баҳор намешавад.*

Маводди дидактикии китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои азхудкунии самарабахши умумияту тафовути зарбулмасалу мақол дар ТФН-и хонандагон ва ҳамзамон тарбияи ахлоқӣ-маънавии онҳо мусоидат мекунад. Суҳбати мухтасар оид ба зарбулмасалу мақол, иҷрои корҳои амалӣ дар синфҳои V ва VI ҳангоми омӯзиши мавзуи «Эҷодиёти даҳонии халқ» гузаронида мешавад. Ҳадаф аз баргузории ин навъ дарсҳо ошкор намудани вазифаи зарбулмасалу мақол дар нутқ аст ва шарҳи хусусиятҳои зерини онҳо бояд муайян карда шавад:

1) образнокӣ ва рангорангӣ - ин вежагӣ бо истифодаи санъати маҷоз, истиора, ташбеҳ ва дигар воситаҳои тасвир сурат мегирад;

2) муҷазӣ (мухтасарбаёнӣ);

3) мазмуни тарбиявии онҳо.

Бино бар таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ ва омӯзиши таҷрибаи муаллимон роҳҳои зерини таълими зарбулмасалу мақолҳоро дар ТФН-и хонандагон истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст: а) мутолиаи асарҳои адабӣ ва аз матн ҷудо кардани ВПФ; б) ташкили баҳсу мунозира доир ба шарҳи маъно ва мавқеи корбасти ВПФ; в) фаъолияти мустақили эҷодӣ, навиштани иншо, нақли хаттӣ, эссе ё ҳикояҳои муҷаз; шарҳу тафсири маъно ва асоснокии мавриди истифодаи онҳо дар нутқ.

Зарбулмасалу мақолҳо ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбанд ва зимни омӯзиши онҳо хонандагон бо мероси ғании халқи худ шинос гашта, эҳсоси ифтихори миллиашон тақвият меёбад. Истифодаи бамаврид аз он баёнро муассир месозад, зеро бо ҷумлаҳои муҷаз метавон фикри пурмағзи

боҳикмат изҳор карда шавад ва ба фаҳмиши беҳтар ва қабули матлаб мусоидат мекунад. Дар китобҳои дарсии фанни ЗАТ намунаи фаровони зарбулмасалу мақолҳо пешниҳод шудааст, ки ҷиҳати азхудкунии самарабахши маводди назарӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва маданияти нутқ ва ҳамзамон тарбияи маънавии насли наврас мусоидат мекунад.

**Таълими панду ҳикматҳо.** Панду ҳикматҳо дурдонаҳои гаронбаҳое мебошанд, ки дар давоми қарнҳо сайқал ёфта, моҳияти зиндагии дирӯзу имрӯз, фалсафаи ҳаёти аҷдодони гузаштаи моро ифода кардаанд. Китобҳои дарсии насли нав бояд фарогири беҳтарин намунаҳо аз осори суханварон бошанд, ҳисси худшиносиву ватанпарастӣ, арҷ ниҳодан ба арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамидаро дар замири муҳассилин афзоянд. Аз донишҳои мавҷуда баҳравар шудан кофӣ нест, насли наврас бояд босубот, эҷодкор ва ботадбир бошад. Барои парвариши ин хислатҳо мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ пайваста такмил ёбад. Китобҳои дарсӣ ҳамчун воситаи асосии таълиму тарбия дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон, ТФН ва парвариши хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мусоидат намоянд. Дар ин хусус мақолаи А.Абдуқодиров таҳти унвони «Китоби дарсии насли нав: Он чӣ гуна бояд бошад?» ба табъ расидааст: «Ба насли наврас хислатҳои ҷуёӣ, эҷодкорӣ, мушоҳидакориву ботадбириро парвариш кардан лозим аст. Дар ин самт кор аз такмили китобҳои дарсӣ оғоз меёбад. Даставвал китоби дарсӣ, ки асоситарин воситаи таълиму тарбият ба шумор меравад, бояд дар ташаккули хислатҳои мазкур мусоидат дошта бошад» [212, 166].

Китобҳои дарсӣ на танҳо донишҳои назариро ба хонандагон интиқол медиҳанд, балки воситаи асосии ташаккули шахсияти хонанда мебошанд, ки дар парвариши арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ хидмат мекунанд. Муҳтавои китобҳо бояд панду андарз ва матнҳои тарбиявиро фаро гиранд ва таърихи халқ, арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ, фарҳангу анъанаҳои хуби ниёконро тарғиб намуда, ба таҳкими худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва ҳисси меҳанпарастии насли наврас ва ҷавон мусоидат кунанд. Тарзи пешниҳоди мавод ба методикаи муосир, хосса, муносибати босалоҳият ба таълим мувофиқ бошад, азёдкунӣ ва такрорро коҳиш

дода, ба рушди тафаккури интиқодӣ, таҳлилӣ, эҷодкорӣ ва татбиқи амалии дониш ва тамили ФН нигаронида шавад. Ин тавассути коркарди матнҳои тарбиявӣ ва намунаҳои ибратбахш, таҳлили амиқи ВПФ муяссар мегардад. Панду ҳикматҳои дилнишину хушоянд диққати хонандагонро ба фикр намудан, муаммоҳоро муҳокима ва дар мубоҳисаҳо иштирок кардан ва ба таври равону суфта сухан гуфтан мусоидат менамояд. Эътибори ҷиддӣ ба ғояву мазмуни ВПФ ва ҷанбаҳои ҳунарии онҳо шавқу ҳавасро ба мутолиаи осори адабӣ меафзояд, ҷаҳонбинӣ, фаъолнокии фикрӣ ва салоҳияти маърифативу зеҳнии насли наврасро рушд медиҳад. Осори суханварони классики тоҷик саршори андарзҳои фаслсафиву ахлоқӣ буда, ангезаҳои маърифатӣ, зебошиносӣ, инсонгарой ва ватандӯстӣ доранд. Масалан, барои равшан гаштани маънои қитъаи поёни Абдурраҳмони Ҷомӣ сараввал тафсири зарбулмасали зерин зарур аст:

а) «**Як сари мӯй хешро афзун ниҳодан**» маънои *худситоӣ кардан, аз ҳад зиёд бартарии худро нишон додан, ё аз худаш боло гирифтанро* дорад. ВП-и мазкур оҳанги манфӣ дошта, ба шахси мутакаббир, ҳавобаланд ва худхоҳ ишора мекунад. **«Як сари мӯй»** миқдори хеле каму ночиз буда, барои таъкиди ин нукта, ки ҳатто андаке бартарии худро аз дигарон боло гузоштан ҳам хислати ношоиста ба ҳисоб меравад, истифода гаштааст. Ибораи **«Хешро афзун ниҳодан»** маънои аслии «худро боло гузоштан ва бузургманишӣ»-ро дорад. Вобаста ба матн маънои ҳавобаландӣ ва худситоӣ - вақте шахс аз ҳад зиёд ба худ боварӣ дорад ва кӯшиш мекунад, ки худро аз дигарон болотар нишон диҳад; ниҳояти беэҳтиромӣ қадру манзалати дигаронро паст мезанад; аз меъёр зиёд худбин мешавад, ҳангоме ки шахс ба дастовардҳои худ аз ҳад зиёд мағрур мегардад.

**б)** «**Аз ҳадди худ берун пой ниҳодан**» – *ба маънои аз меъёр гузаштан, аз ҳудуди муайяни одобу ахлоқ фаро рафтан* буда, оқибатҳои нохуши чунин рафторро таъкид мекунад**.** Вақте шахс кореро ба зимма мегирад ё ба коре даст мезанад, ки имкону тавони иҷрои онро надорад. Ин ибора метавонад ба муносибати ношоиста, дахолат ба корҳои дигарон, ё гуфтани суханоне, ки ноҷо

ва бемавқеъ ҳастанд, ишора кунад; аз ҳудуди салоҳиятҳои худ берун баромадан дар муносибатҳои расмӣ, ки касе ваколатҳои худро убур карда, ба коре даст мезанад, ки дар доираи масъулиятҳои ӯ нест; саркашӣ ва беитоатӣ ба қонуну қоидаҳо ё маслиҳатҳои оқилона низ истифода мешавад:

«Эй бародар, аз ту беҳтар ҳеҷ кас нашносадат,

З-он чӣ ҳастӣ, як сари мӯ хешро афзун манеҳ.

Гар фузун аз қадри ту бистоядат нобихраде,

Қадри худ бишносу пой аз ҳадди худ берун манеҳ!» [170, 157].

Дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ барои тавзеҳи масоили назарӣ таҳлили порчаҳои манзуму мансури дорои бадеиёти баланд самарабахш мебошад. Навъи хеле муфиди кор барои хонандагон баъд аз фаҳмонидани мавзуи муайяни синтаксис ҳар чи бештар ба хотир овардани зарбулмасал ва мақол аст. Мавзуи «Ҷумлаи мураккаби пайваст» дар ин хусус маводди фаровон медиҳад: «*Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд ва аз дасти бахил ба ҷон кандан; Аз нафспарвар саварӣ наёяд ва беҳунар савариро нашояд; Панҷа бо шер задан ва мушт бо шамшер кори хирадмандон нест*» [170, 247]; «*Мор пӯсти худро гузорад, аммо хӯйи худро нагузорад*» [170, 312] ва ғайра.

Барои мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби пайрави шарт» низ зарбулмасалу мақолҳои ҷолиб интихоб кардан мумкин аст. Намунаҳо: Агар оқилӣ, як ишорат бас аст!; Агар халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, давлат аст; Агар хоҳӣ, ки некутарин ва писандидатарини мардумон бошӣ, он чӣ ба худ написандӣ, ба кас маписанд; Агар хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумони неку бишинос; Агар хоҳӣ, ки ба қавли ту кор кунанд, ба қавли худ кор кун; Агар хоҳӣ, ки бебим бошӣ, беозор бош; Агар хоҳӣ, ки ҳама кас дӯсти ту бошад, кинаи ҳеҷ кас дар дил магир; Агар ҳасуд набошад, ҷаҳон гулистон аст; Агар тавонгарӣ хоҳӣ, писандидакор бош; Агар хоҳӣ, ки аз қафои ту нахананд, зердастонро гиромӣ бидор. Аз намунаҳои оварда пайдост, ки пайвандаки шартии «агар» алоқаи сарҷумларо бо ҷумлаи пайрави ҳоли шарт таъмин кардааст. Мисоли дигар:

«...Дерин масале ҳаст, ки дар рӯзи набард,

**Зарбат бувад аз ҳарбаву даъвӣ аз мард**» [170, 35].

Дар китоби дарсӣ маъноҳои «**додхоҳӣ, ҷанҷол, талаби ноҳақ, гувоҳӣ додан**»-и калимаи «даъвӣ» сабт гаштааст. Агар боз як тобиши маъноии ин вожа - «**лофидан, ифтихор изҳор намудан**» дар байти боло ифодаёфта қайд мегардид, маънои зарбулмасал барои хонанда равшан мешуд. Омӯзгор метавонад муродифоти зарбулмасали «**Зарбат бувад аз ҳарбаву даъвӣ аз мард**» - «Кор шамшер мекунад, на ғилоф», «Мардро аз амал донанд, на аз гуфтор»-ро ёдрас намояд. Маънои луғавӣ ва маҷозии вожаҳо бояд шарҳ дода шавад: з**арбат -** зарба, куфтан, лату кӯб; ҳарба - ҷанг, силоҳ, мубориза; даъвӣ // даъво - талаб кардан, изҳори ҳақ; мард дар ин байт на танҳо ба маънои «ҷинси мард», балки ба маънои инсони қавӣ, бовиҷдон, бошуҷоат, дорои ирода ва обрӯй аст**.** Шарҳи маъно: Ҳар зарбаву амали зӯроварӣ аз силоҳ ё воситаи ҷанг сарчашма мегирад ва даъвои ҳақиқат аз шахси бошараф, бовиҷдон ва масъулиятшинос бармеояд. Сухани ҳақ, талаби адолат, ё ҳимояи мавқеи дуруст аз ҷониби шахсе, ки дорои хислатҳои баланди инсонӣ аст, гуфта мешавад. Ин зарбулмасал ба ду паҳлуи муқобили воқеият ишора мекунад**:** зӯроварӣ ва ҷанг бо истифода аз силоҳ анҷом дода мешавад ва ниҳояти беақлӣ аст ва ба қувваи ҷисмонӣ такя мекунад. Аммо сухани ҳақ, талаби адолат ва дифоъ аз арзишҳо кори инсони комил бо хислатҳои олии инсонӣ - мардонагӣ, ақл ва иродаву виҷдон аст. Ин зарбулмасал аҳаммияти ахлоқӣ ва тарбиявӣ дорад ва бартарии ақлу хирадро ба зӯру тавон нишон медиҳад. Танҳо инсони бовиҷдону бошараф ҳақиқатро дифоъ мекунад. Мисоли дигар:

«Набояд кард бад бо бегуноҳе,
**Набояд канд худро низ чоҳе**» [170, 130].

Ҳангоми омӯхтани намунаҳои боло ба хонандагон супориш додан бамаврид аст, ки аз байтҳо шакли дар забони муҳовара маъмули зарбулмасалу мақолҳоро дар дафтар сабт кунанд, баъдан гунаи ба табъу завқашон писандро шарҳ диҳанд ва аз ҷиҳати сохтор ва маъно ба ҳам монанд ва наздикро ба ёд оранд. Зарбулмасалу мақолҳо намунаҳои олии ифодаи мухтасар, дақиқ бо хулосаҳои мантиқиву пандомез ва образноки забон мебошанд ва омӯзиши онҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки бо калимаву ибораҳои нав ошно шаванд ва

дар нутқи худ дуруст ва бамаврид истифода баранд. Баёни фикри амиқ дар шакли муҷазу бадеӣ бо истифодаи зарбулмасалу мақолҳо муяссар мегардад. Таҳлили онҳо хонандагонро водор месозад, ки дар бораи робитаи сабабу натиҷа, мантиқи ҳодисаҳо ва амиқии паём фикр кунанд ва ин тафаккури мантиқӣ ва таҳлилиро рушд медиҳад. Зарбулмасалҳо ганҷинаи арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, дӯстӣ, адолат, эҳтиром ба калонсолон ва ватандӯстӣ мебошанд. Омӯзиши онҳо ба тарбияи хислатҳои ҳамида ва муайян кардани меъёрҳои рафтор дар хонандагон кумак мерасонад. Ҳангоми мутолиаи асарҳои адабӣ аз ин хусусиятҳои зарбулмасалу мақолҳо ва мазмуни аслии матн огоҳӣ пайдо намоянд.

Умуман, суханҳои пандомези бузургон, ки бо зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ба зевари табъ ороста шудаанд, дар таълиму тарбияи насли наврас басо муфид буда, раванди омӯзиши сарфу наҳвро барои толибилмон ҷолибу хотирмон месозад. Бо таҳлили ҳамаҷонибаи китобҳои ба натиҷае расидан мумкин аст, ки маводди таълими манзургашта бисёр ҳам ҷолибу пуробуранг буда, дар такмили ҳусни баён, маданияти гуфтори хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Омӯзгори эҷодкору нававар бояд усулҳои гуногунро таҷриба кунад ва аз якрангӣ эҳтироз варзад. Барои ҳар синф мутолиаи осори адабӣ ва аз рӯйи онҳо иҷрои корҳои мустақилона аз вазифаҳои асосии касбияти омӯзгор аст. Аввалин намунаи корҳои амалӣ бояд дар дарсҳои хониши адабӣ гузаронида шавад, ба монанди, ҷамъоварии намунаи зарбулмасалу мақол аз осори адабӣ ё худ забони муҳовара, шарҳи маъно ва мавқеи истеъмоли онҳо бо истифода аз фарҳангномаҳо. Бо ин роҳ шогирдон ба дониши худ боварӣ ҳосил намуда, ба кори шинохту таҳқиқи ВПФ ҷалб ва ба мутолиаву ҳифзи асарҳои бадеӣ рағбат пайдо мекунанд. Чунин тарзи гузаронидани корҳои амалӣ ҳарчанд саҳлу одӣ ба назар мерасад, аммо мустақилияти хонандагонро афзуда, ба ТФН ва ҳусни баён мусоидат менамояд. Ин равишро дар таҷрибаи педагогӣ истифода бурдани омӯзгор самараи хуб ба бор хоҳад овард.

## 3.2. Вазъи умумии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик

Дарси адабиёт дар заминаи забондонӣ сурат гирифта, воситаи муҳимми тарбияи шогирдон ва ба камол расонидани насли навраси соҳибфарҳанг, меҳанпарвар, хушахлоқ, инсондӯст ва аз ҳар ҷиҳат пешрафта маҳсуб меёбад. Тавассути омӯзиши осори адабии бузургон тафаккури хонандагон рушд мекунад, ҷаҳонбиниашон ғанитар ва нутқашон мукаммал мегардад. Таълими осори манзум аз масъалаҳои мубрам дар МТМУ ба шумор меравад. Дар давраи Истиқлоли кишвар омӯзиши осори арзишманди суханварони форс-тоҷик ҳамчун арзишҳои маънавӣ бозшиносӣ ва дар барномаҳои таълим мавқеи муносиб пайдо кард. Дар бораи сатҳу сифати барномаҳои таълими ЗАТ то кунун муҳаққиқони зиёд изҳори назар кардаанд: Ш. Исрофилниё ва Б. Шарифов «Зарурати таҷдиди назар ба барномаи таълими адабиёт барои синфҳои 5-11-ум» [245] ва М.Аҳмадов «Раванди барномасозӣ ва мундариҷаи барномаҳои таълими адабиёт дар замони Истиқлолият» [219] ва «Бори дигар перомуни барномаи ҳозираи таълими адабиёти тоҷик» [220], Пулодова Ш. «Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик» [280] ва «Мавқеи Ҳофизи Шерозӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ» [285], Солеҳзода Ш. «Мавқеи «Маснавии маънавӣ» дар барнома ва китобҳои дарсӣ» [295] батафсил сухан рафтааст .

Аз хусуси зарурати таҷдиди барномаву китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик Б.Шарифзода дар партави суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин мулоҳизаронӣ кардааст: «...вазири ҳамонвақтаи маориф ва илм Нуриддин Саид масъалаи стандартҳои фанниро ба миён гузошт... гурӯҳи корӣ ташкил ёфт ва ҳам стандартҳои фаннӣ ва ҳам барномаи таълими адабиёт дар синфҳои 5-11-ум бо диди тоза омода ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардид. Мутаассифона, бо сабабҳои номаълум ин стандарту барномаҳо то кунун мавриди амал қарор нагирифтанд» [371, 6]. Таълими адабиёти тоҷик дар таркиби барномаи омӯзиш дар фазои фарҳангию таърихӣ хусусияти хос касб

карда, бояд бо такя ба анъанаҳои миллӣ густариш ёбад. Парвариши табъи зебопарастӣ, омӯзишу маърифати осори адабӣ нишони фарҳанги миллӣ ва худшиносии шахс аст. Масъалаи интихоб ва ба китобҳои дарсии адабиёт ворид сохтани порчаҳои бадеии мутобиқ ба талаботи стандарт ва барномаи таълим дар мадди аввал қарор мегирад ва мубрамияти махсус касб менамояд. Таваҷҷуҳ ба ВП-и Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Заҳирии Самарқандӣ, Андарзи Озарбади Меҳраспандон, Бузургмеҳри Ҳаким, Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, панду ахлоқ ва махсусияти он дар шеъри Ҳофиз [5, 94], панду ҳикмат дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ» [5, 100], Бедили Деҳлавӣ дар барнома махсус таъкид ва барои он ҷудо кардани соатҳои алоҳида ба назар гирифта шудааст. Дар синфи 5-ум барои омӯзиши зарбулмасал ва мақол 1 соат муқаррар гаштааст: «Сохти зарбулмасал ва мақол, умумият ва тавофути онҳо. Нукта ва мавзуъҳои пандомӯз дар зарбулмасалу мақолҳо» [5, 17]. Ҳамчунин зимни шарҳу таҳлили ғазалҳо муайян намудани таъбироти мардумӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ [5, 43] ва хусусиятҳои истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар асарҳои Раҳим Ҷалил супориш дода шудааст [5, 59]. Дар қисмати тавсияҳои методии барнома эътибори ҷиддӣ ба ташаккули фарҳанги гуфтори хонандагон равона гаштааст: «Вазифаи асосии муаллим дар дарсҳои хониши адабӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки ба сифати гуфтору сатҳи навиштори шогирдон аҳаммияти хосса диҳад... муаллим метавонад ба шогирдонаш супориш диҳад, ки онҳо мазмуни пораи шеърро ба наср гардонанд, ё ки дар асоси мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ҳикояе таълиф намоянд» [5, 10]. Дар барномаи курси хониши адабӣ ба ҳифзу маънидоди порчаҳои манзуму мансур ва луғатомӯзӣ диққат дода, дар поёни ҳар кадом мавзуъ аз 2 то 4 соат ҷудо карда шудааст. Барномаи таълими адабиёти тоҷик, ки ҳоло дар истифодаи омӯзгорон қарор дорад, то андозае вазифаашро ба охир расонида ва бо супориши мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ равишшиносон барномаи нави фанни адабиёти тоҷикро таҳия кардаанд. Азбаски барномаи соли 2007-ум дар радифи муҳассанот як қатор норасоӣ дошт,

омӯзгорони МТМУ ва донишмандони соҳа дар бароmаду мақолаҳои алоҳида то ин дам хеле фикру андешаҳои судманд баён кардаанд. Дар ин барнома дар баробари мақсад ва вазифаҳои таълими фанни адабиёт мавзуъҳои «Сохт ва мазмуни барномаи дарсҳои хониши адабӣ (синфҳои V-VII)», «Мақсад ва натиҷаи корҳои хаттӣ ва ҳифзу маънидоди асарҳои манзуму мансур», «Сохт ва таркиби барномаи дарсҳои таърихи адабиёт (синфҳои VIII-XI)», «Роҳҳои гузаронидани корҳои амалӣ дар синфҳои 5-11» ва «Такрор» баррасӣ гардидаанд. Барои мураттаб намудани мавзуъҳои ҳам курси хониши адабӣ ва ҳам курси таърихи адабиёт низоми солномавӣ (хронологӣ) ҷиддан риоя гардидааст. Таҳлили асарҳои адибон, бахусус, осори ғиноӣ матнҳои мушаххас пешниҳод гардида, дар баробари таҳлили умумии ғоявию бадеӣ шарҳи маъно ва кор бо матн низ дар назар дошта шудааст. Чунонки дар қисмати тавсияҳои методии барнома оварда шудааст: «... таҳлили шеърҳои алоҳидаи адибони бузурги мо ба хонандагон имконият медиҳад, ки онҳо ба мазмуни ашъори шоирони бузург ва ҳунари шоирии онҳо пурратар шинос шаванд, муҳити иҷтимоӣ ва маърифатии асарҳои онҳоро бифаҳманд» [3,15]. Таълими хусусиятҳои зарбулмасал ва мақол дар ҳудуди 45 дақиқаи дарс имконпазир нест. Аз мутаассирӣ, парвариши ахлоқӣ, бедор гардидани завқи бадеӣ, тарбияи салиқаи зебошиносӣ ва забономӯзӣ шогирдон бебаҳра мемонанд. Тавассути таълими маҳдуд ба доираи вақт дар қалби шогирдон далериву шуҷоат, эҳтироми халқу ватан, суботу устуворӣ дар рӯзгор, раҳму шафқат, фаросату муҳаббат парваридан амрест маҳол. Омӯзиши фанни адабиёт танҳо дар пояи забондонӣ имконпазир мегардад ва он на танҳо воситаи иртибот, балки асоси дарки матлаб, сарчашмаи дарки мазмун ва мундариҷаи асар тавассути ворид шудан ба ҷаҳони маъниҳои нозук ва маҷозӣ мебошад. Дар қисматҳои мактуби эзоҳӣ ва тавсияҳои методии барнома низ норавшаниҳо, ғалатҳои услубию мантиқӣ ва монанди инҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар барнома барои корҳои амалӣ соатҳо пешбинӣ гашта, пешниҳод гардидааст, ки ҳам корҳои амалӣ ва ҳам корҳои хаттӣ гузаронида шаванд. Дар ҳоле ки барои гузаронидани корҳои амалӣ (синфи VIII) ҳамагӣ панҷ соат ҷудо гардидааст, чунин гуфтаҳо

беасос менамоянд. Чунки танҳо барои гузаронидани иншоҳои синфии санҷишӣ барои ин синф, ки мувофиқи дастури Вазорати маориф бояд 4 адад бошад, 8 соати дарс лозим аст. Мутолиаи миқдори муайяни асарҳои бадеӣ ҳамасола барои шогирдон бояд талаботи ҳатмии барномавӣ бошад, то ки дар рушди ФН шогирдон ба натиҷаҳои муаассир ноил гарданд. Беҳтарин ва мувофиқтарин воситаи ба роҳ мондани мутолиаи осори бадеӣ дуруст ташкил кардани хониши берун аз синф ба ҳисоб меравад. Барои гузаронидани дарсҳои хониши беруназсинфӣ соатҳои алоҳида бояд ҷудо карда шавад, чунонки дар барномаи таълими адабиёти соли 1990-ум ин кор ба инобат гирифта шуда буд. Таҳсил дар МТМУ раванди тозаи таълимро тақозо дорад ва масъулияти барномасозӣ, ки кори басо пурмашаққат аст, боз ҳам зиёдтар гардидааст. Низоми имрӯзаи таълими адабиёт дар назди мураттибони барномаҳои таълим вазифаҳои нав мегузорад.

Аввалин барномаи таълими «Адабиёти тоҷик» барои мактабҳои асосӣ ва миёна (синфҳои 5-11), мураттиб Тӯйчӣ Мирзод дар замони Истиқлол, соли 1993-юм интишор ёфта, нахустин маротиба дар барномасозии фанни мазкур таълими мавзуъҳои ирфонӣ: «Нақши тасаввуф дар осори бадеӣ» (4 соат) ва «Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ)» (10 соат) барои хонандагони синфи 9-ум тавсия шудааст: «Чунин муносибат ба таълими адабиёт имкони густарда медиҳад, то ки хонандагон ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт нуктаҳои меҳварии ин фанро фарогир шавад ва омӯзгорон низ кор бо матни асарҳои бадеиро ба таври матлуб амалӣ созанд. Вале, ҷойи таассуф аст, ки солҳои минбаъд ихтисори ин соатҳои таълим ба миён омад [219, 216].

Ба мавзуи «Нақши тасаввуф дар осори бадеӣ» дар ҳаҷми 6 соат барои синфи X пешниҳод гардида, чеҳраҳои дигари ин равияи адабиёт чун Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ дар барнома (Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V – XI. - Душанбе, 2002. – 67 с.) мавқеъ пайдо намудааст. «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ аз барҷастатарин осори адабист, ки бо касрати мазмун, ҳусни таъбир, зарбулмасалу мақолҳо ва мазмунҳои баланди пандуандарзӣ мавриди таваҷҷуҳи донишмандону

андешамандон қарор гирифтааст. Баррасии ҳикоёти маснавӣ барои тарбияи насли наврас барои расидан ба арзишҳои олии инсониву ахлоқӣ кумак хоҳад расонд. Омӯзиши ВПФ-и маснавӣ, панду андарзҳо, ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафиву фарҳангӣ ҳидоятномае барои бунёди ҷомеаи олии инсонӣ ва сохтмони ҷаҳони ботинии рӯшану мунаввар ва хираду заковати насли наврас маҳсуб меёбад. Таҳлили ҷойгоҳи «Маснавии маънавӣ» дар барномаҳои таълими адабиёти тоҷик ва маводди китобҳои дарсӣ завқу масъулияти мураттибонро дар интихоби намунаҳо ва саҳми эшонро дар камолоти маънавӣ ва фарҳанги нутқи шогирдон бозгӯй менамояд. Дар нашри соли 2002-юми барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI (мураттиб Т.Мирзод, Душанбе: Матбуот, 2002. – 67 с.) ба мавзуи «Ҷалолуддини Балхӣ (Румӣ)» чор соат ҷудо карда, тақсими мавзуии ин чаҳор соат ба тариқи зайл сурат мегирад: «Бозаргон ва тутӣ»; «Марди аблаҳ ва хирс»; «Дарахте, ки меваи ҳаётбахш дорад»; «Андарзҳои ҳакимона» (аз «Маснавии маънавӣ»).

«Бозаргон ва тутӣ». Мазмуни тамсил. Тарғиби ғояи озодӣ. Аҳаммияти саъю кӯшиш дар роҳи ба мақсад расидан. «Марди аблаҳ ва хирс». Мазаммати нодонӣ ва гумроҳӣ. Талқини дурандешӣ, мулоҳизакорӣ ва аҳаммияти он дар зиндагӣ. «Андарзҳои ҳакимона». Дӯстӣ мояи зиндагӣ. Оқибати дурӯғгӯйӣ, бахилӣ, фиребгарӣ дар пешрафти инсони ҷомеа. Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи тамсил» [3, 34]. Дар барномаи соли 2007-ум барои омӯзиши ҳикояҳо аз «Маснавӣ»: «Бозаргон ва тутӣ», «Марди аблаҳ ва хирс», «Табиб ва бемор» ва андарзҳо, шарҳи маънои андарзҳо»-и Ҷалолуддини Балхӣ 5 соат» [3, 28] ба назар гирифта шудааст.

Дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» китоби дарсӣ барои синфи 7, муаллифон М.Шайхов ва У.Тоиров (соли нашр 2002) дар оғози мавзуи «Ҷалолуддини Балхӣ» маълумоти мухтасар дар бораи ҳаёту эҷодиёти Румӣ оварда, порчаҳои алоҳида аз ҳикояти бозаргон ва тутӣ (91 байт) ва аз қиссаи Дақуқӣ (82 байт) ҷамъан 173 байт интихоб шуда, бо сабабҳои номаълум муаллифон «Андарзҳои ҳакимона»-и дар барнома пешбинигаштаро сарфи назар намудаанд. Дар бораи ҳикоёти мунтахаб аз «Маснавии маънавӣ» нуктаи

зеринро таъкид кардан бамаврид менамояд: порчаҳо аз ҳикояти бозаргону тутӣ нисбатан ба идроки хонандагони синфи 7-ум мувофиқ аст, вале мунтахаб аз дафтари севуми маснавӣ – қиссаи Дақуқӣ тахайюли эҷодӣ зиёд ба кор рафта, гумон аст, ки талабаҳои синфи ҳафтум онро ба осонӣ фаҳмида тавонанд. Дар китоби «Адабиёти тоҷик» муаллифон Тоиров У., Солеҳов М., Ширинзода Н. [165; 166] ин норасоиҳо бартараф ва аз ҳикояти «Бозаргон ва тутӣ», «Марди аблаҳ ва хирс», «Табиб ва бемор» ва 113 байти пурҳикмат аз маснавӣ оварда шудааст. Мутаассифона, дар матнҳои гирдовардаи мураттибон чанд хатое роҳ ёфтааст, ки идроки маънои байтҳои алоҳидаро барои муҳассилин мушкил мегардонад. Матни дар китоби дарсии синфи 7-уми соли 2002 интишоргаштаро бо матни «Маснавии маънавӣ»-и чопи Душанбе ва шарҳи Карими Замонӣ муқоиса кардем. Дар китоби дарсӣ омадааст:

Ёд оред, эй меҳон, з-ин мурғи зор,

Як сабӯҳе дар миёни марғзор [180, 77].

Ҳамин байт дар «Маснавии маънавӣ» дар гунаи зайл омадааст:

Ёд оред, эй меҳон, з-ин мурғи зор,

Як сабӯҳӣ дар миёни марғзор [383, 55].

Карими Замонӣ дар шарҳи байт овардааст: «Эй бузургон, он гоҳ, ки дар миёни гулзор аз бодаи тараб сархушед, ин мурғи нотавону зорро ёд оред» [55, ҷ.1, 497]. Яъне, ба ҷойи калимаи *сабӯҳе* мебояд *сабуҳӣ* бошад, ки ба маънои маҷлиси шаробгустарии пагоҳӣ ишорат шудааст. Байти баъдиро ба мушоҳида мегирем:

«Қиссаи тутии ҷон з-ин сон бувад,

Кӯ касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад» [180, 55].

Дар китоби «Маснавии маънавӣ» мисраи дувуми байт чунин сабт шудааст:

«Ку касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад» [383, 56].

Дар шарҳи маснавӣ омадааст: «…вале куҷост касе [ку], ки маҳрами парандагони арш бошад ва барои дарки рози ҳақиқат қобилияту истеъдод ҳосил кунад» [55, ҷ.1, 502]. Табиист, ки дар мисраи дувум «ку»-и аввал ба маънои «куҷост» ва «к-ӯ» мухаффафи пайвандаки «ки» ва ҷонишини «ӯ» - «к-ӯ» - «ки

ӯ» аст. Дар нашри соли 2018 ин ғалат [Кӯ касе...] ба ислоҳ расидааст [Ку касе..., 165, 70]. Мураттибони китоби дарсӣ байти зеринро чунин қироат кардаанд:

«Сӯхта чун қобили оташ бувад,

Сӯхта бистон, ки оташкуш бувад» [180, 57].

Онҳо ҳатто таваҷҷуҳ накардаанд, ки қофияи байт халалдор шудааст. Дар китоби «Маснавии маънавӣ» гунаи саҳеҳи мисраи дувумро мехонем: «Сухта бистон, ки оташкаш бувад» [383, 105]. Карими Замонӣ байти мазкурро ба тариқи зайл шарҳ медиҳад: «Фатила, ки қобили иштиол аст, чунин фатиларо бигир, ки оташро ба худ ҷазб мекунад. Инсоне, ки ба шуълаи ишқ сӯхта шуда, чунин фарде оташи ишқро ба худ мегирад. Вале он, ки орӣ аз ишқ аст, диле сарду фарсуда дорад ва ахгари ишқро ба худ намегирад» [55, ҷ.1, 545].

Дар навараќи ҳамин саҳифаи шарҳ вожаи «оташкаш» чунин тавзеҳ шудааст: «Ҷазбкунандаи оташ, маводди сариюлиштиол, ки зуд оташро ба худ мегиранд». Лозим ба тазаккур аст, ки вожаи «мавод» дар навиштаҳои илмӣ ва васоити ахбори оммаи даврӣ ба маънои «материал» чун вожаи аз ҷиҳати сохт танҳо ба кор рафта, бо пасванди «-ҳо» ҷамъ мебанданд. Ҳол он ки мавод худ ҷамъи модда аст ва беҳуда нест, ки Карими Замонӣ «маводди сариюлиштиол, ки зуд оташро ба худ мегиранд» навишта, хабарро дар шакли ҷамъ наовардааст. Дар китоби дарсӣ вожаи «оташкаш», яъне ҷазбкунандаи оташ маънои баръаксро касб кардааст: оташкуш – кушандаи оташ.

Дар қиссаи Дақуқӣ мураттибони китоби дарсӣ дар байти зерин ба ҷойи *моҳ* саҳван *меҳр* хондаанд:

«Хашм карда қаҳри Ҳақ бар дидаҳо,

Ки набинад меҳрро бинад суҳо» [180, 57].

Дар чопи Душанбе байт ба гунаи саҳеҳ аст, вале имлои навишти вожаи «Суҳо» (бо ҳарфи хурд) нодуруст аст. «Суҳо – ситораи кӯчак ва яке аз се ситораи Дубби Акбар ё Банотуннаъти Кубро аст» [55, ҷ.2, 411]. Мутобиқи имло номи ситора бояд бо ҳарфи калон навишта мешуд. Карими Замонӣ дар шарҳи мисраи мавриди назар овардааст: «Қаҳри Илоҳӣ бар чашми онон муҳр задааст, ки Моҳи тобонро намебинанд, аммо ситораи Суҳоро мебинанд» [55, ҷ.3, 525].

Ба намунаи дигар таваҷҷуҳ мекунем:

«Себи пусида ҳамечинанд халқ,

Дарҳам афтода ба яғмо хушкхулқ» [180, 60].

Дар ин бобат низ мураттибон на ба маънову мантиқи байт диққат додаанд ва на ба қофияи он. Дар шарҳи маснавӣ роҷеъ ба ин байт омадааст: «Ин мардумони саргашта себҳои пусидаи дунёро бо ҳирс ва валаъ мечинанд ва аз дасти ядигар ба яғмо мебаранд» [55, ҷ.3, 526]. Барои себи пусида мардум ба ҳам дарафтодаанд ва ин корро маъмулан бо хушкхулқӣ намекунанд. Умуман, маънои вожаи «хушкхулқ», ки дар китоби дарсӣ дарҷ гаштааст, маълум нашуд. Дар ин мисраъ бояд *хушкҳалқ* бошад:

«Дар ҳам афтода ба яғмо хушкҳалқ» [383, 267].

Дар байти баъдӣ мураттибони китоби дарсӣ бандаки изофии вожаи «сӯ» (сӯйи)-ро ҳазф намуда, вазни мисраъро халалдор кардаанд: «Бонг мезад зи сӯ ҳар дарахт» [180, 60]. Дар чопи Душанбе ва шарҳи маснавӣ гунаи саҳеҳ оварда шудааст. Ғайр аз ин, дар китоби дарсӣ на ҳамаи вожаҳои хосу душворфаҳм мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд. Масалан, гумон намекунем, ки хонандагони синфҳои ҳафтум маънои вожаҳои «**қабз, баст, заман, арсалон, интибоҳ, истиғроқ, муҷтабо, муроқиб**»-ро бе шарҳ дарк намоянд. Манзури мо аз нишон додани норасоиҳои матни «Маснавии маънавӣ» дар китоби «Адабиёти тоҷик» [180 (соли нашр 2002)] «коҳи куҳнаро бод додан нест». Балки, ташвиши мо аз он аст, ки ҳикояти «Бозаргон ва тутӣ» дар ҳамин ҳаҷм ва айнан бо ҳамин ғалатҳо ба китоби баъдан нашршудаи «Адабиёти тоҷик» [164 (соли нашр 2008)] ва бо ислоҳи баъзе иштибоҳот ба нашри соли 2013-ум ва 2018-ум низ гузаштааст. Як нукта дар бобати тавсияи маводди мавриди омӯзиши хонандагони синфи ҳафтум аз осори Ҷалолуддини Балхӣ баҳсбарангез ба назар меояд. Ҳикояи «Табиб ва бемор» яке аз қиссаҳои пуррамзу роз ва тамсилӣ буда, гумон аст, ки хонандагон дар ин синну сол мазмуну муҳтавои ҳикояти мазкурро аз худ карда тавонанд. Муҳаққиқон чанд ҳикояро аз маснавии мазкур барои таълим дар МТМУ мувофиқ меҳисобанд: «Ба муҳассилини синфи ҳафтум пешниҳод кардани ҳикояҳои нисбатан камҳаҷм

нисбат ба ҳикояи калонҳаҷми тулонӣ беҳтар ба назар менамояд. Дар «Маснавии маънавӣ» теъдоди чунин ҳикоёт хеле зиёд аст. Барои мисол: «Қиссаи он дарвеш, ки аз он хона ҳар чи мехост, мегуфт, нест», «Қиссаи ба аёдати ҳамсояи бемор рафтани кар», «Қиссаи дар роҳ дарахт шинондани олим», «Қиссаи он обгир ва сайёдон ва он се моҳӣ, яке оқил ва яке нимоқил ва он дигар мағрур ва аблаҳ муғаффали лошай ва оқибати ҳар се» ва ғайра» [295, 154]. Аз таҳлили мавқеи «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ дар барномаҳои таълими адабиёти тоҷик ва маводди китобҳои дарсӣ ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст:

1. Дар тавсияҳои Вазорати маорифи ҶТ дар бобати ба сифати маводди таҳлилу омӯзиш пешниҳод кардани ин ё он порчаҳо аз эҷодиёти шоирону нависандагони форсу тоҷик, баъзан, хусусиятҳои синнусолӣ ба назар гирифта шудааст.

2. Муаллифони китобҳои дарсӣ дар вақти интихоби матнҳо аз бузургони адабиёти форсу тоҷик на ҳамеша тавсияву пешниҳодҳои Вазорати маорифро ба назар мегиранд.

3. Мутаассифона, матни ба омӯзиши хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ пешниҳодгардида аз ғалатхонӣ ва ғалат баргардон кардан ба алифбои сириллик орӣ нестанд, ки дар натиҷа наврасон аз балоғату фасоҳати каломи ниёгон бебаҳра мемонанд.

4. Тавзеҳоту таъликот, шарҳи луғоти мушкилфаҳм ва ВПФ-и матнҳо дар китоби дарсӣ беҳбуд мехоҳад.

Хуб мешуд, агар ҳангоми интихоби ҳикоёт барои хонандагони МТМУ андешаҳои муаллимони синфҳои дахлдор, ки мустақиман ба таълими маводди мавриди назар шуғл доранд ва аз муаммову мушкилиҳои он бохабаранд, ба назари эътибор гирифта шавад. Осори ниёкон сарчашмаи маънавӣ-ахлоқии саршор аз ВПФ буда, мутолиаи он барои насли наврас аҳаммияти бузурги тарбиявӣ дорад. Зарур аст, ки мураттибон матни саҳеҳу беғалат ва мувофиқ ба синну соли хонандагонро дар китобҳои дарсӣ ҷой диҳанд ва омӯзгорон ВПФ-ро чун воситаи тавонои тарбиявӣ ва таълимӣ дурусту мукаммал шарҳ диҳанд, ки

ба рушди фарҳанги нутқ ва ташаккули шахсияти хонандагон таъсири амиқ мегузорад. Он на танҳо салоҳияти маърифатиро афзоиш медиҳад, балки ба инкишофи зеҳнӣ ва ахлоқии шогирдон низ сабаб мегардад. Дар ашъори адибони гузаштаи мо истилоҳоту таъбирот ва киноёти печидаву мубҳам зиёд ба кор рафтааст, ки на ҳар хонанда ба осонӣ онро дарк карда метавонад.

Бино бар таҳлилҳо аз намояндагони адабиёти тасаввуф дар барномаи таълим намунаҳо аз осори Абдуллоҳи Ансорӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Аттори Нишопурӣ ба хонандагони синфи 5-ум илова гаштааст. Бо зиёд кардани миқдори мавзуъҳои адабӣ танаввуъ ва гуногунии онҳо огоҳии шогирдон аз ахбор ва назари донишмандон вусъат меёбад. Ба ин восита, доираи ҷаҳонбиниашон густардаву вусъати фикрронииашон меафзояд. Аз назари мо, ба хонандагони синфи 5-ум омӯзиши масоили диниву ирфонӣ амри зарурӣ маҳсуб намеёбад. Чун ин қабил мавод ба китоби дарсӣ ворид шудаанд, омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик онро дурусту саҳеҳ таҳлилу баррасӣ намоянд, ба шарҳи ВП, воситаҳои тасвири бадеӣ, услуби баёни шоир ва аз он ҷумла, ба таносуби сухан эътибори ҷиддӣ диҳанд, зеро калиди фаҳмиши ашъори суханвар дар ҳамин гуна ҷиҳатҳо зуҳур менамояд. Осори суханварони аҳли тасаввуф, ки бо услуби хос ва тарзи пушида таълиф мегардад, идроки маънии ин гуна ашъор аз хонанда андешаи амиқро тақозо мекунад. Ба чаҳор мисраи ғазали зерин, ки дар китоби дарсӣ ба пуррагӣ дарҷ гардидааст, таваҷҷуҳ менамоем:

«Молу мулку тахту бахту миру чокар ҳеч нест,
Кору бору гиру дору зебу зевар ҳеч нест» [102, 97].

Дар байтҳои нахуст шоир аз номи қаҳрамони лирикӣ ба хонанда муроҷиат намуда, иброз менамояд, ки тамоми сарвату мансабу ташвишҳои ҷаҳони фонӣ ҳеч арзише надорад. Тавре ки мушоҳида мегардад, қаҳрамони лирикӣ аз номи шахси аввал, ки шахси шоир аст, сухан мегуяд. Аз суханони ин қаҳрамон дармеёбем, ки ӯ дар роҳи ишқи ирфонӣ ба камолот расидааст ва шогирдонро ба покии руҳониву ҷисмонӣ даъват менамояд. Ҳубби ҷоҳу мол яке аз зишттарину хатарноктарин ғаразҳоест, ки дар ҷомеаи башарӣ аз дер боз то кунун сабаби фитнаву хунрезиҳо ва фасодҳои бисёре шудааст. Шоир чун инсони комил ва

орифи боэътиқод ғояҳои накукорӣ ва дил набастан ба моли дунё ва дурӣ ҷустан аз амалҳои бадро, ки дар охири кор илоҷе ҷуз хиҷолату шармандагӣ боқӣ нахоҳад монд, тарғиб намудааст. Аз вежагии муҳимми сабку услуби ғазал аз он иборат мебошад, ки дар байтҳои аввал бо мақсади муассирии фикр ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазоддии “молу мулк, тахту бахт, миру чокар, кору бор, гиру дор, зебу зевар, қасру наср, шоҳу моҳ, боғу роғ” паҳлуи ҳам омада, тавассути онҳо ифодаи равшантари ҳадаф ва хушоҳангиву мусиқоии калом низ таъмин гаштааст.

Шоирони зиёд, аз ҷумла, Абдуллоҳи Ансорӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон, ки барномаи таълими адабиёт омӯзиши осори онҳоро пешниҳод менамояд. Ба хотири он ки таълифоташон бештар мавриди таваҷҷуҳи хонанда қарор гирад, аз қиссаву ривоятҳои мардумӣ бо истифода аз ибораҳои устувор, афоризму панду ҳикматҳо фаровон истифода кардаанд. Суханварон ҳодисаву воқеаҳои таърихиро ҳамчун озмоишгоҳи зеҳну фаҳми инсонӣ қарор дода, арзишмандтарин таҷрибаҳои пешиниёнро барои насли нав армуғон меоваранд ва ба ҳамин далел нақши бисёр созандаву асарбахш дар тарбияти инсонҳо, хосса, насли наврас ва ҷавонон мегузорад. Ғояҳои ахлоқие, ки Аҳмади Ҷомӣ барои идроки арзиши умр овардааст, дар шеъри зерини Саъдии Шерозӣ низ идома ёфтааст:

«Бас бигардиду бигардад рӯзгор,

Дил ба дунё дарнабандад ҳушёр» [394, ч.1, 66].

Осори Саъдӣ аҳаммияти зиёди тарбиявӣ дошта, тавассути ВПФ ба ситоиши некӣ, фазилати инсонӣ ва накуҳиши дунёпарастиву хислатҳои ношоиста бахшида шудаанд ва мутобиқи барнома таълими он дар синфи 5-ум дар ҳаҷми 6 соат ва дар синфи 9-ум 12 соат сурат мегирад. Таҳлилу тафсири самарабахши ғазалҳои шоирон заминаи хубе барои дарки ғояҳои тарбиявию ахлоқӣ фароҳам меорад. Рисолати омӯзгор дар он аст, ки асолати сухан, андешаҳои таҳаммул, таносуби калом ва рамзу рози ашъорро дар заминаи

вожаҳоюи ибороти панду ахлоқӣ ба таври равшану возеҳ баён кардаву дар тарбияи хулқи накуи шогирдон саҳми шоиста гузорад.

Мутаассифона, дар матнҳои интихобкардаи мураттибон хатоҳое роҳ ёфтаанд, ки идроки маънои байтҳои алоҳидаро барои хонандагон мушкил мегардонанд. Аз муқобалаву муқоисаи матни китоби дарсии синфи 5-ум [103 (Душанбе: Маориф, 2017)] бо матни «Девони Шайх Аҳмади Ҷом» (Жандапил) (Ба кӯшиши Аҳмади Карамӣ.-Теҳрон: Чопи Хоҷа, Китобхонаи Растор. – 492 с.) бармеояд, ки дар ғазали «Ҳеч нест» ба ҷойи ибораи фразеологии «**чашми ҳайрат**» - «**чашми ибрат**» омадааст. Гумон меравад, ки муаллифони китоби дарсӣ аз нусхаи дигар истифода кардаанд. Дар мисраи «Як нафас гар ту барорӣ на ба ёдат тавба кун» бандакҷонишини шахси сеюми танҳо «-аш» (ёдаш) барғалат бо бандакҷнишини шахси дуюми танҳо «-ат» (ёдат) омада, ки барои маърифати калом монеа эҷод мекунад. Инчунин ғалатхонӣ дар мисраи «Дар дукону рӯзи маҳшар ғайри довар, ҳеч нест» ба назар мерасад. Таркиби «ду кавн» ба шакли «дар дукон» сабт гардида, боиси харобии мантиқи сухани муаллиф шудааст ва низ дар баъзе байтҳо пеш аз радиф аломати вергул бемавқеъ гузошта шудааст. Дар байти матлаи ғазали дувум бо номи «Мумтоз шуд» низ саҳван ба ҷойи «ҳар ҷое» - «дар ҷое» омадааст, ки дар ин маврид низ мураттибон ба маънову мантиқи байт бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намудаанд. Муҳимтарин талабот ва аввалин меъёри тафсири асарҳои бадеӣ шинохти матни асил аз сақим аст: «Шореҳон сиҳҳатии матн ва асолати онро шарти умдаи маърифати адабиёт ва тафсири боасоси каломи бадеӣ дониста, асарҳои мавриди шарҳро дар асоси нусхаҳои қадимаю муътабар нақду тасҳеҳ кардаанд» [121, 340]. Аз ин лиҳоз, масъалаи интихоб ва ба китобҳои дарсии адабиёт ворид сохтани матнҳои бадеӣ, ки дар таркибашон ВПФ, ифодаҳои пандунасиҳатӣ зиёд аст, бояд дар madди аввал қарор гирифта мубрамияти махсус касб намояд.

Муаллифони китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик»-ро зарур аст, ки санҷидакор бошанд, аз нашрҳои интиқодӣ истифода кунанд, аз маслиҳату таҳқиқоти ҷадиди мутахассисон мустафид гарданд, танҳо баъди муайян кардани сиҳатии калом ва интиқоди матн дар асоси муқобалаву муқоиса бо

нусхаҳои комил онро интишор диҳанд. Ҳанӯз соли 1984-ум профессор Абдулманнони Насриддин доир ба ҳусну қубҳи китоби дар ҳамон замон тозанашри «Адабиёти тоҷик» барои хонандагони синфҳои 9-ум (муаллифон Р.Ҳодизода, Т.Неъматзода ва Т.Миров) мулоҳизаҳои пурарзиш иброз дошта, мутобиқат накардани мавзуъҳои барнома бо китоби дарсӣ, баррасии ҳаҷми соатҳои муқарраршуда, ҷанбаҳои тарбиявиву зебошиносӣ, забон ва услуби маводди китоб аз донишу огоҳӣ ва диди амиқи муқарриз гувоҳӣ медиҳанд. Бо назарсанҷиҳои мӯйшикофонаву нозукбинона «дучор шудани ҷумлаҳои носуфта ва услубан хароб, садҳо хатои имлоиву китобатӣ»-ро ҷурми азим маҳсуб дониста, 23 андешаву хулосаҳои муфид барои афзудани муҳассаноти китоб дар нашрҳои ҷадид баён кардаанд. То имрӯз китоби дарсии толибилмони синфи 8-ум 5 маротиба бознашр гардида бошад ҳам, вале баъзе аз ин ғалатҳо мукарраран ба нашрҳои нав кучонида шудаанд. Аз шартҳои асосии тафсири саҳеҳ ба дурустӣ анҷом додани кори матншиносӣ маҳсуб меёбад. Тавассути омӯзиши мазмуну ғояи осори адабӣ асолати мероси маънавӣ ва ҳунарии суханварон идрок мегардад.

Мутуни аз адабиёти классикӣ интихобшуда, бешак, мушкилоти муайян дар фаҳми калима, таркиб, мафҳум ва мазмуну ҳадафҳоро пеш меорад. Бо ин сабаб, шарҳу тавзеҳи калимаву ибора ва таркибҳо худ як навъ дониши иловагист ва заминаи омодагии хонандагонро на танҳо барои дарёфти мазмуни ғазалиёти баррасишаванда фароҳам меорад, балки ба мутолиа ва омӯзиши ин навъ осори адабӣ мусоидат менамояд. Масалан, гумон намекунем, ки хонандагони синфҳои панҷум маънои вожаву ибораҳои «довар, дунёи дун, Қорун, Қайсар, ваҳдат, сармастӣ, суфӣ, фатҳ, мумтоз, дамсоз шудан, дарҳои раҳмат»-ро аз ғазали овардаи Аҳмади Ҷомӣ бе шарҳ дарк намоянд. Бе тафсиру шарҳи маъноҳои маҷозӣ ва мавқеи истилоҳоти хоси маънавӣ пардаи рамзии ашъор кушода намегардад ва роҳ ёфтан ба ҷаҳони афкори муаллиф имкон надорад. Дар сурати нигоҳи сатҳӣ андохтан ба ин гуна ашъор матлабҳои содаву маъмулӣ берун меоянд ва хонандаи ноогоҳ танҳо аз ҳамон маънои зоҳирии шеър баҳра мебардораду бас. Барои хонандагон таълими ғазали дар васфи ҳунар бахшидаи

Аҳмади Ҷомӣ, ки ҷанбаи тарбиявӣ дорад, мувофиқ ба назар мерасад. Омӯзгорон ба сифати маводди иловагӣ ғазали зерро, ки дар гулчини осори шоир ба чоп расидаву аз ВПФ иборат аст, метавонанд истифода кунанд:

«*Ҳунар беҳтар зи ганҷу зар*, ҳунар беҳ,

Валекин толеъу бахт аз ҳунар беҳ» [393, 108].

Саъдии Шерозӣ дар идомаи ин мавзуъ гуфтааст:

Ҷави толеъ зи хирвори ҳунар беҳ,

*Агар толеъ набошад, боз ҳунар беҳ*» [394, 342].

Мавзуъ ва масоили ахлоқиву тарбиявии осори бузургон аз ҳар ҷиҳат ба ҳам қаробат дошта, мундариҷаи матнҳои дар барнома манзуршуда давра ба давра мураккабтар мегарданд. Аз ин лиҳоз, омодагии ҳам омӯзгорон ва ҳам шогирдон амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Таълими ашъори ирфонии суханварон аз омӯзгорон дониши фарох, бархурдорӣ аз ақоиди ирфонӣ, огоҳӣ аз эҷодиёти даҳонии халқ ва омодагии махсусро тақозо дорад. Лозим аст, ки мутуни барои омӯзиш ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна пешниҳодгардида аз ғалатхонӣ ва баргардони носаҳеҳи порчаҳои адабӣ ба алифбои сириллик орӣ бошанд. Инчунин тавзеҳоту таълиқот ва шарҳи луғоти мушкилфаҳми матнҳо дар китоби дарсӣ беҳбуд мехоҳад. Таълимоти дурусту сареҳи мутафаккирони нуктасанҷ, ки гуногунмазмуну гуногунҷабҳа буда, паҳлуҳои мухталифи рӯзгори инсон, андешаҳои бохирадона, маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии шахси бофарҳанг таҷассум ёфтааст, на танҳо ба ТФН, инчунин ба таҳкими ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ ва монанди инҳо замина мегузорад.

Таваҷҷуҳ ба ашъори бузургони форсу тоҷик ва таҳқиқу таҳлили онҳо ҳанӯз аз даврони асримиёнагии ташаккули адабиётамон ибтидо ёфта буд. Таъсиси Озмуни «Шоҳномахонӣ» (бо ҳадяи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва тарғиби он аз ҷониби Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон рушд хоҳад ёфт), маҳфилҳои шоҳномахонӣ, маснавихонӣ, ҳофизхонӣ, бедилхонӣ ва монанди инҳо, ки дар бархе сарчашмаҳо зикр гардидаанд, аз таваҷҷуҳи ниёзмандони шеъру адаб дарак медиҳад. Махсусан, шарҳҳои адабие, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба

шеъри дилнишини Ҳофиз иншо гардидаанд ва имрӯз низ китобат шуда истодаанд, аз мақоми маънавӣ ва ашъори ноби осори Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомию Камоли Хуҷандӣ, ки сарчашмаи ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи шогирдони мактабҳо мебошад, дарак медиҳад. Эътибори пажуҳишгарон ба таҳқиқи ин осори бадей бозгӯйи ҷойгоҳи баланд ва бузургии онҳост. Ин асарҳо дорои маънои амиқу барҷаста буда, дар матни андак мазмунҳои баланди тарбиявӣ ва масъалаи такмили ахлоқи инсонро дар кулли ғазалиёти шоирону мутафаккирони номбурда ва дигарон дар арсаи ҷаҳони имрӯз ғунҷоиш додаанд.

Аз таъкиди профессор Абдулманнони Насриддин равшан мегардад, ки бештар аз бист шарҳ ба девони Хоҷа Ҳофиз дар қуруни вусто бо забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст. Ин санад бозгӯйи пешрафти шаҳрнависӣ ба девони Хоҷа Ҳофиз мебошад. Адабиётшинос Шарифмурод Исрофилниё солҳои зиёд доир ба вижагиҳои шеъри Ҳофиз пажуҳиш анҷом дода, натиҷаи тадқиқоташро бо номи «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» мунташир намуд. Ҳар байте аз ғазалҳои шоирони маҳбуб, аз ҷумла, Ҳофизу Камол, Саъдию Ҷомӣ муҳимтарин паёмҳои ахлоқиро дар заминаи ВПФ ибораҳои фразеологӣ, панду андарз, ҳикматҳои инсонофарин ва тарбиятгар ҷилвагар месозанд. Чунончи дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» [3 соли нашр 2007)] ба омӯзиши шарҳи ҳол ва ғазалиёти «Ҳофизи Шерозӣ» дар синфи 6-ум панҷ соат ба инобат гирифта шудааст. Хонандагон мазмуну мундариҷа ва муҳтавои ғазалҳои «Киштинишастагонем», «Пайғоми дӯст», «Зи дасти кутаҳи худ зери борам», «Донӣ, ки чист давлат?», «Ғам махур», «Хуш набошад», «Ёд бод»-ро аз худ ва ғазалҳоро азёд кунонад. Ҳамчунин хонандагон бояд ба маънии ибороти рехта ва панду андарзҳо сарфаҳм раванд ва таҳлили маънои байтҳоро ба субут расонанд. Қобили зикр аст, ки дар қисми луғатномаи китоби дарсӣ вожаҳои мушкилфаҳми ғазалҳо тавзеҳ дода шудаанд. Аммо баъзе вожа ва ибораҳои ба хонандагон нофаҳмо аз назари эътибори мусаннифон дур мондаанд. Дар қисмати тарҷумаи ҳоли «Ҳофизи Шерозӣ» омадааст: «Ӯ (яъне Ҳофиз) ба кушудану кашфи асрори олам сари ёрӣ надорад ва онро барҳақ муаммои нокушода мепиндорад:

«Ҳадис аз мутрибу май гуву *рози даҳр камтар ҷу*,

*Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо»* [105, 173].

Дар мисоли боло вожаю ифодаҳои душворфаҳм ба мушоҳида мерасад: ҳадис - сухан; «Рози даҳр»: даҳр – фалак, маънои ибора фалак ва аносири он. «Ҳикмат» - фалсафа ва илму дониш. Маънои байт: «Сухан аз мутрибу май гӯй ва хаёли огаҳӣ аз асрори фалаку аносирро ба куллӣ тарк кун, зеро то ҳол касе натавониста ва ҳеч кас низ нахоҳад тавонист ин муамморо бо илми ҳикмат ҳал кунад» [39, ч.1, 29]. Дар барномаи таълим панҷ соат дарс барои омӯзиши ҳафт ғазал ба назар гирифта шуда, вале миқдори ғазал дар китоби дарсӣ шашто зиёд аст: «Сабо, агар гузаре афтадат ба кишвари дӯст», «На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад», «Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт», «Дар намозам хами абруи ту бар ёд омад», «Ҷамолат офтоби ҳар назар бод», «Саҳар булбул ҳикоят бо сабо кард» [105, 129].

Баррасии мазмун, мутобиқат кардани он ба синну соли муҳассилин ва ғояву мавзуи ғазалҳо моро ба хулосаҳои зерин расонид:

1. Ғазалҳои барои хонандагони синфи 6-ум пешниҳодшуда ба ин синну соли онҳо мувофиқ ҳастанд. Мумкин буд, ки ба ҷойи баъзе ғазалҳои нисбатан мушкилфаҳм ғазалҳои дигар, ба мисли «Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад», «Ин чӣ шурест, ки дар даври қамар мебинам», «Падид омад русуми бевафоӣ» пешниҳод карда шаванд. Ҳатто дар номи бархе аз ғазалҳо мо метавонем мавҷудияти ВПФ-ро пай барем: «*Дарахти дӯстӣ биншондан*»*;* «*Коми дил ба бор овардан*»*;* «*Падид омадани расми бевафоӣ*» ва амсоли он.

2. Муаллифи китоби дарсӣ баъзе ғазалҳое илова кардаанд, ки ба синну сол ва қобилияти дарки муҳассилини синфи 6-ум чандон мувофиқат надоранд. Аз ҷумла, шарҳи истилоҳоти ирфонии ғазали «Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт» ё худ «Дар намозам хами абруи ту бар ёд омад»-ро ба хонандаи синфи 6-ум фаҳмонидан мушкилот пеш меорад:

«Ноумедам макун аз собиқаи *лутфи азал,*

Ту *паси парда* чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт.

*Ҳама кас толиби ёранд*, чӣ ҳушёру чӣ маст,

*Ҳама ҷо хонаи ишқ аст*, чӣ масҷид, чӣ куништ» [105, 86].

Пешниҳоди маводди мавриди назар дар китоби дарсӣ ба тариқи зайл сурат гирифтааст: Маълумоти мухтасар дар бораи тарҷумаи ҳол, маъруфияти Ҳофиз, мавзуи ғазалиёти ӯ ва намуна аз эҷодиёти шоир омадааст, ки дар зери ҳар ғазал мураттибон «Савол ва супориш» овардаанд. Шарҳи луғот дар поварақ сурат гирифтааст. Ғазали «Киштинишастагонем»-и Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки таълими он барои хонандагони синфҳои шашум дар назар дошта шудааст, баробари яке аз ғазалҳои машҳуртарини Ҳофиз будан, ғазали баҳсбарангезтарини ӯ низ ба шумор меравад. Аз 13 байти ғазал бо назардошти синну соли муҳассилин таълими 9 байти он дар китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои 6-ум таҳияи Қ. Хоҷаев, А.Абдувалиев, Н. Шарафиддинов, соли интишор 2004-ум ва ҳашт байти он дар китоби «Адабиёти тоҷик»-и синфи шашуми соли нашр 2009-ум (муаллифон Хоҷаев Қ., Абдувалиев А., Шарафиддинов Н., Раҳматов Б.) манзури хонандагон гаштааст. Байтҳои 7,8,10 ва 11-ум ҳазф гашта, вале мо ба хотири нишон додани манзараи комили тасвироти шоир таҳлили тамоми абёти ғазалро зурур донистем. Ғазали мазкур дар вазни «Мафъулу фоилотун, мафъулу фоилотун (баҳри музореи мусаммани ахраб)» навишта шуда, имкон дорад, ки маъниҳои зоҳирӣ ва низ ботинии онро омӯзгор баён дораем. Дарки маънои баъзе байтҳо, ки чандон мушкилӣ надоранд, ба таври умумӣ тавзеҳ дода шудаанд. Байти 1.

«*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро,*

*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро*» [167, 93].

Дил аз даст рафтан – киноя аз бетоб шудан, фирефта ва ошиқ гаштан; соҳибдилон – аҳли маънӣ, нуктадонону орифон. Ин таркиб аз он ҷо, ки дар баробари дил аз даст рафтан қарор дорад, ба маънии касоне, ки соҳибихтиёри дили худ ҳастанд, низ омадааст. Маънӣ: шахси дил аз дастдода аз соҳибдилон ёрӣ мехоҳад: эй орифону эй соҳибдилон, ба хотири Худо ба доди дили ман бирасед, тадбире бияндешед, ки дилам аз даст рафта истодааст ва агар маро мадад накунед, афсусу дареғ, ки рози пинҳони ман ошкор хоҳад шуд. Маънии аслӣ: Ҳофиз аз орифон хоҳиш мекунад, то роҳу шеваҳои таҳаммули дарди ишқро барояш бозгӯй намоянд. Ҳарос аз он дорад, ки агар асрор ҳувайдо

гардад, аз маломату бадгӯйии мардум дар амон нахоҳад монд. Дар ҳамин маънӣ дар ғазали дигари шоир мехонем:

«*Соқиё, як ҷуръае з-он оби оташгун, ки ман,*

*Дар миёни пухтагони ишқи ӯ хомам ҳанӯз*» [394, 395].

Ҳосили байт: инсон бояд ҳамеша ишқи худро дар дил ниҳон дорад ва танҳо дар хилват роз бо дӯст гуяд. Вале пинҳон доштани дарди ишқ корест басо душвор ва агар он ошкор гардад, боиси эҷоди мушкилиҳои дигар хоҳад шуд. Аз ин ҷиҳат, сирри дил бо касе набояд гуфт ва роҳи рост танҳо аз ҳикмати бузургону хирадмандон ҷуст. Байти 2: «Шурта» калимаи ҳиндӣ буда, маънои мувофиқ, муносибро ифода мекунад. Лозим ба қайд аст, ки дар баъзе нусхаҳои девони Хоҷа Ҳофиз ба ҷойи вожаи «киштинишастагон» калимаи «киштишикастагон» сабт гашта, мавриди баҳсу мунозираҳои зиёди муҳаққиқони варзидае чун Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, Ҳурмуз Ширинбеки Муҳоҷир, Парвиз Хуҷандии Муқаддам ва дигарон шудааст. Ҳар яке бар иддаои хеш аз ашъори худи Ҳофиз ва баъзе аз осори бузургони дигар далел ҷустаанд. Дар ин маврид ривояте низ мутазаккир аст: «Марде Хоҷаро дар хоб дид ва аз ӯ пурсид аз ду ривоят «киштишикастагон» ва «киштинишастагон» кадом гузина саҳеҳтар аст? Ҳофиз дар  ҷавоб филбадоҳа чунин гуфт:

«*Баъзе шикаста хонанд, бархе нишаста донанд,*

*Ҳар кас ба қадри фаҳмаш фаҳмида муддаоро*» [39, 128].

Ҳамчунин байни мардуми шеърдӯст дар бораи шарҳи ин байт ривояте машҳур аст: боре аз Соиби Табрезӣ, ки яке аз иродатмандони Ҳофизи Шерозӣ буд, пурсиданд, ки кадом шакл дуруст аст: «киштинишаста» ё «киштишикаста?» Соиб дар ҷавоб гуфтааст:

«*Гоҳе шикаста хонанд, гоҳе нишаста гуянд,*

*Чун нест Хоҷа Ҳофиз маъзур дор моро!*» [386, 12].

Ду намуна аз шарҳи ҳофизшиносонро ба хотир овардан мумкин аст, ки доир ба ин муаммо фикрҳои мухталиф изҳор кардаанд. Ҷонибдорони «киштишикаста» онро ба умри инсон шабоҳат додаанд: «Киштишикаста»-ро барои киштии куҳнаву фарсудае ба кор бурда, ки баробари тули умр ва

фарсудагӣ, дар баданаи он рахнаҳо эҷод шуда ва бо гузашти замон, ки ин рахнаҳо ба ҷое расида, ки «ислоҳи маллоҳ ҳам суд накунад» ва сабаби вуруди об ба киштӣ ва нишастани он дар қаъри дарё шаванд» [39, 13].

Сафар бо роҳи обӣ дар тамоми давру замонҳо хоҳ киштӣ шикаста аст, хоҳ шикаста нест, бо вуҷуди пешрафтҳои техникӣ барои инсон хатар дорад. Хатари ногаҳонии туфон, хатари роҳзанҳо, садамаҳо ва ё монанди ин ҳазорҳо одамонро ба ҳалокат расонидааст. Ҳатто бузургтарин киштии мусофиркаши амрикоии «Титаник» дар асри XIX зимни сафари нахустинаш дар Атлантикаи Шимолӣ ғарқ шуда буд. Бино бар ин ҳам, «киштинишастагон» ва ҳам «киштишикастагон» таманнои боди мусоид ва кӯшиши тезтар расидан ба соҳилро доранд. **Маънӣ**: мо бо киштӣ сафар дорем ва, эй боди мусоид, бархез ва моро ба соҳил бирасон, то шояд дубора чеҳраи ошноро бубинем. **Маънои** ниҳонӣ: байт баёнкунандаи хатар ва мушкилоти роҳи ошиқон дар дарёи ишқ аст, ки барои гузар аз ин хатарҳо ниёз ба шурта (соҳибдилон) доранд, то шояд ба мақсуд бирасанд ва дидори ошноро боз бубинанд. **Ҳосил**: ин дунё шоистагии дил бастанро надорад, ҳар лаҳза метавонад хатару мушкилоти тозае ба инсон пеш ояд. Аз мушкилот туро танҳо дӯст метавонад раҳоӣ бахшад, аз ин рӯ танҳо дар ёди ӯ бош ва орифоне, ки роҳи мушкилоти ишқро убур кардаанд, метавонанд бароят кумак намоянд. Байти 3: Гардун – фалак, рӯзгор. Даҳрӯза меҳри гардун – дилбастагӣ ба зиндагӣ; киноя аз нопойдории вазъи ҷаҳон. Афсун – фиребу найранг, сеҳру ҷоду. **Маънӣ**: муҳаббати нопойдори рӯзгор афсона аст ва касро бо рангҳои зоҳирӣ сеҳру ҷоду мекунад, то гирифтору мутеи ҷилваҳои бебунёди он гардад. Дар ғазале дигар Ҳофиз ба ҳамин маънӣ фармудааст:

«*Бад-ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,*

***Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд*** [395, 185].

**Ҳосил**: ҳушёр бош, фирефтаи моддиёти дунявӣ нашав ва хубӣ дар ҳаққи дӯстонро фаромуш макун. Ҳар лаҳзаи умрро барои некӣ кардан ба наздикон ғанимат дон, зеро танҳо амалҳои нек инсонро растагорӣ мебахшад. Мисраи дуюми байти зер андарзи хубе мебошад. Байти 4: Ҳалқа – маҷлис, анҷуман.

Мул – шароб. Душ – шаби гузашта, дишаб. Ҳот – биёвар ва бидеҳ. Сабуҳ – шароби субҳгоҳӣ. Ҳуббу – бедор шавед. Сикоро – мастон. Булбул рамзи ошиқи нолон аст ва маъшуқи ӯ гул аст. **Маънӣ:** дишаб дар маҷлиси бодахорон, ки ҳам гул буду ҳам шароб, булбул бо овози хушу дилкаш чӣ зебо хонд, ки эй гурӯҳи мастон, бедору ҳушёр шавед ва бодаи субҳгоҳиро биёваред, то бинушем ва боз ҳам сархуш гардем. **Маънои ниҳонӣ:** ҳалқаи гулу мул ба маънии ошиқон. Булбул киноя аз орифону соҳибдилон аст, ки роҳи наҷотро ба соликони роҳи ишқ бозгӯй менамоянд ва аввалин роҳи расидан ба дидори ёри ошно, ки дар байти сеюм баён гашт, ин некӣ кардан аст. Дар байти навбатӣ роҳи дувум – ибодати субҳгоҳӣ ифода ёфтааст. **Ҳосил:** агар хоҳӣ масту сархуш аз муҳаббати дӯст бошӣ ва калиди ганҷи мақсуд ба даст орӣ, ҳамарӯза кори хайру наку анҷом деҳ. Байти 5: Каромат – 1.каримӣ, саховат, олиҳимматӣ; 2.ғайбдонӣ. Соҳиби каромат – ҷавонмард ва бахшанда. «Дар ин байт метавон соҳиби кароматро маъшуқ ва дарвеши бенаворо Ҳофиз донист». Шукронаи саломат – барои сипос аз офият ва осоиши дил. Тафаққуд – 1.меҳрубонӣ, пазиройӣ, дилҷуйӣ; 2.ҷустуҷуй, пурсупос, аҳволпурсӣ. Дарвеш – фақиру тиҳидаст. Бенаво – бечизу бетуша. **Маънӣ:** эй соҳибкаромат ва бузургвор, рӯзе бо меҳрубонӣ ва ба шукронаи офияту саломатии худ аз ҳоли дарвеши бенаво дилҷуйӣ кун. **Маънои ниҳонӣ:** муроҷиат ба муршид дорад, ки албатта, аз он ки саломативу офият бароям ато фармудаӣ, пайваста шукргузор ҳастам. Аммо ман, ки дарвеши бенаво ҳастам ва тушаи арзишманде (аъмоли нек) бо худ надорам, умед бар меҳрубонии дӯст дорам, то дар роҳи бартараф кардани мушкилот кумак намояд. **Ҳосил:** бар меҳрубониҳои дӯст шукргузор бош ва мутобиқи ҳидоятҳои пирону бузургони рӯзгор амал намо. Байти 6: Ду гетӣ – дунё ва охират. Тафсир – шарҳу баён кардан, пайдову ошкор намудан. Ҳарф – сухан, калом. Мурувват – 1.ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ; лутфу эҳсон; 2. адолат, инсоф; мурувват кардан а) лутфу эҳсон намудан; б) аз рӯйи инсоф амал кардан. Мадоро – 1.бо нармӣ ва ҳусни хулқ бо касе рафтор кардан, муомилаи нек; 2**.** созиш, муросо. Ба андешаи мо, мисраи дуюми байтро низ метавон чун даъват ба ҷониби сулҳу салоҳ, меҳрубонию шафоат қабул намуд. **Маънӣ:** дӯстӣ вақте пойдор мемонад,

ки инсон дар баробари хатоҳои дӯст сабру гузашт кунад ва дар лаҳзаҳои сахтӣ аз худ фидокорӣ нишон диҳад. Хушмуомилагӣ бо душманон боиси паст гаштани кинаву адоват мегардад ва ба ин восита инсон худро аз шарри душман эмин нигоҳ медорад ва шояд бо ин рафтор душман ба дӯст табдил меёбад. **Ҳосил**: агар инсон хоҳад, ки дар зиндагӣ ранҷу азоб накашад ва хотири ҷамъ дошта бошад, бояд мувозинатро ҳифз кунад: бо наздикон саховатманду бахшанда ва нисбат ба мухолифон босабру дурандеш бошад. Ин панд ифодакунандаи фалсафи таҳаммулпазирӣ аст, ки дар замони муосир барои ҷомеаи башарӣ хеле муҳим мебошад. Ба ҳамин маънӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ низ гуфтааст:

«*Дунё на матоест, ки арзад ба низое,*

*Бо хасм мадоро куну бо дӯст мусово*» [392, 208].

Байти 7: Қазо – ҳукми илоҳӣ, сарнавишт. **Маънӣ:** мухотаби шоир дар ин байт зоҳидоне ҳастанд, ки дар пайи хушномианд ва ибодатҳои зоҳирӣ анҷом медиҳанд. Ҳукми азалӣ моро бадном хост, аз ин рӯй, моро ҷуз ба кӯйи риндони бадном роҳ надоданд ва ту эй зоҳид, ки дар кӯйи некномӣ ҳастӣ ва моро маломат мекунӣ, агар бадномии моро намеписандӣ, пас сарнавиштамонро тағйир деҳ. **Маънои ниҳонӣ:** сарнавишти азалӣ ҳаст, ки мо дар кӯйи бадномон (ошиқон) қарор дорем ва назди бемаърифатон бадному шарманда (ба маънои киноя) ҳастем. Вале ин ҳукми қазо аст ва онро касе наметавонад тағйир диҳад. Чи хеле ки Абуалӣ ибни Сино низ таассуби зоҳидонро дар рубоии зер ошкоро ифода кардааст:

«*Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,*

*Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.*

*Хар бош, ки ин ҷамоат аз фарти харӣ,*

*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд*» [150, 139].

**Ҳосил:** агарчи аз мазаммату тамасхури атрофиён наметавонӣ дар амон бошӣ, аммо мутаассири гуфтору аъмоли хурофотии онон набош ва баръакс дар роҳи ишқ устувортар қадам неҳ. Байти 8: Талхваш – талхгуна, киноя аз май аст. Уммулхабоис – сифати хамр, модар ва асли палидиҳо» [341, ҷ.2, 194]. Суфӣ –

пайрави тариқати тасаввуф. Ашно – лазизтар, маҳбубтар. Лано – барои мо. Аҳло – ширинтар. Қублат – буса. Узоро – ҷамъи узро, душизагон. **Маънӣ:** он шароби талхе, ки суфӣ мояи палидиҳо медонад, дар назди ман лазизтару гуворотар аз бусаи душизагон аст. **Ҳосил:** хушиву шириниҳои дунё дилбастагиро нашояд, сархуш аз шароби ишқи воқеӣ будан беҳтар аст. Байти 9: Тангдастӣ – фақирӣ, камбағалӣ, эҳтиёҷмандӣ. Айш – хушӣ, хушгузаронӣ. Кимиё – илми бардурӯғе, ки ба воситаи иксир филизу мисро ба нуқраву тилло мубаддал мекардааст. Кимиёи ҳастӣ истиораи шароб аст. Қорун - номи як давлатманди пешин, ки дар хасисӣ шуҳрат дошт ва аз рӯйи ин амалаш Замин ӯро бо тамоми ганҷаш фурӯ бурд. Шарҳи муфассали ин талмеҳи таърихӣ дар боло гузашт. **Маънӣ:** ҳангоми тангдастӣ хушдилу сармаст бош, зеро ки ин иксири зиндагонӣ метавонад ба фақир сарвати Қорунро бахшад. Барзгари Холиқӣ иваз кардани лафзи «айш»-ро ба «ишқ» лозим донистааст: «Хушгузаронӣ ва айшу нӯш ҳангоми тангдастӣ қобили ҷамъ нест. Ба ҳамин далел, шояд ба ҷойи айш ишқро қарор дод, ки бо кимиёи ҳастӣ қаробати бештаре дорад. Чунонки дар порае аз нусхаҳои ишқ омадааст:

«*Даст аз миси вуҷуд чу мардони раҳ бишӯй,*

*То кимиёи ишқ биёбиву зар шавӣ*» [395, 494].

**Маънои ниҳонӣ:** ин замон, ки тангдасту фақир ҳастӣ, парешон машав ва пайваста бо шароби ишқ худро хушдилу хуррам нигаҳ дор. Умед бар дӯсти воқеӣ дошта бош, зеро ҳар ки дар фақру нодорӣ умр гузаронид, вале дар роҳи ишқ содиқ монд, саодати уқбо насибаш мегардад. **Ҳосил:** ҳар қадар ки инсон эҳтиёҷманду нодор гардад, ба ҳамон андоза ба дӯст ниёз пайдо мекунад. Ҳар ки хоҳишу таманноҳои хешро сидқидилона ва аз рӯйи нишондодҳои дӯстони бомаърифат анҷом диҳад, албатта, саодатманд мегардад. Байти 10: Ғайрат – 1. рашку ҳасад, қаҳру хашм, ҳаммият; 2. саъю кӯшиш, ҳаракат. Мум – моддаи мулоим. Санги хоро – санги сахт. Байни шамъ ва мум таносуб ва байни мум ва хоро тазод аст. Аксари шореҳон лафзи «ғайрат»-ро ба маънои рашк, қаҳр донистаанд: «Дар баробари дилбар саркашӣ макун, зеро ӯ, ки дар кафаш санги хоро чун мум аст, метавонад туро чун шамъе бисӯзонад» [39, ҷ.2,17]. Ба ҷойи

бандакҷонишини шахси сеюми танҳо (–аш) дар вожаи ғайрат бандакҷонишини шахси сеюми ҷамъ (-ат) ба маънои «аз ғайраташ туро» ба кор рафтааст. Чунин тарзи истифодаи бандакҷонишин дар забони адабиёти классикӣ хеле зиёд аст:

«*Азм дорам, к-аз дилат берун кунам*

*В-андаруни ҷон бисозам масканат*» [394, 56].

Дар мисраи аввали байти якум калимаи «дилат» ба маънои «аз дилам туро»-ро дорад. Дар мисраи дувуми байти дувум вожаҳои «решат» ба маънои «дар даруни решам туро» ва «фигорат» ба маънои фигорам туро омадааст. **Маънӣ**: эй ошиқ, аз фармони маъшуқ сар мапеч ва таслим бошу шарти ошиқиро ба ҷой овар, зеро маъшуқ, ки дар дасти ӯ санги хоро чун мум нарм аст, бар ивази ранҷу заҳматҳоят лутфҳои зиёде арзонӣ медорад ва метавонад аз ғайрати худ туро хиҷолатзада гардонад. **Маънои ниҳонӣ:** агар дилу ҷони худро бо маърифати ишқ равшантар намоӣ, бештар ба меҳрубониҳои дӯст мушарраф мегардӣ. **Ҳосил**: тақвияти маънии байти боло аст, ки ҳар қадар ҷидду ҷаҳд намоӣ, ҳамон қадар метавонӣ маънавиёти хурдро таҳким бахшӣ ва бо дӯст пайвандӣ. Байти 11: «Оинаи Сикандар (соҳибдилон) – оинае буд, ки бар болои манори Искандария, ки аз биноҳои Искандар бар канори дарёи Рум буд, насб шуда, авзои Фарангу киштиҳоро аз сад мил нишон медод. Шабе бар асари ғафлати посбонон фарангиён онро дар об андохтанд ва Искандарияро бар ҳам заданд. Дар шеъри форсӣ «Оинаи Искандар» муродифи «Ҷоми Ҷам» омадааст [121, 407].

Ҷоми Ҷам (дили ошиқ) – тибқи достонҳои қадима, ҷоме буд, ки Ҷамшед ҳамаи ҷаҳонро дар он медид. Доро – писари шоҳи каёнӣ Дороб аст, ки бо Искандар (писари дигари Дороб) муҳориба намудааст. Арза доштан – баён кардан, нишон додан. **Маънӣ**: агар хоҳони ойинаи Искандар ҳастӣ, ки ҳамон ҷоми май аст, дурусттар ба он таваҷҷуҳ намо, то асрори мулки Доро бар ту маълум гардад, ки чӣ гуна нобуд шуд. Ҳосил: бар неку бад ва фарҷоми корҳои дунявӣ хубтар таваҷҷуҳ намо, то беарзишиву беэътибории рӯзгор бар ту ошкор шавад. Байти 12: Ҳофизпажуҳон шакли «туркони порсигӯй»-ро ба ҷойи ибораи «хубони порсигӯй» баргузидаанд: «Форсӣ сухан гуфтан барои касоне, ки форс

ҳастанд, ҳеҷ фазилате нест. Ба ҳамин далел, дар нусхае туркони порсигӯй омадааст, ки зеботар ба назар мерасад. Дар замони Ҳофиз, бетардид, турконе дар Шероз буданд, ин байт мехоҳад бигуяд, зеборӯёне, ки ба форсӣ суҳбат мекарданд, ба назари Ҳофиз бисёр малеҳу ширин ҷилва мекард» [39, ҷ.1, 45].

Башорат – мужда, хабари хуш, хушхабар. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ду маънои калимаи «ринд: 1.зирак, ҳушёр, бебок. 2. он ки нисбат ба фармудаҳои шариат ва оину русуми ҷории ҷамъиятӣ бепарво мебошад, лоқайд, озодфикр» шарҳ ёфтааст. Вожаи мазкур дар китоби «Шохи наботи Ҳофиз» чунин тавзеҳ ёфтааст: «Ринд – шахсе, ки зоҳираш дар маломат ва ботинаш дар саломат бошад. Риндони порсо дар ин ҷо порсо ба маънии покдоман нест, зеро ринд бо сифатҳое, ки дар ашъори Ҳофиз инъикос ёфтааст, наметавонад порсо бошад, балки ба маънии аҳли порс ва порсӣ аст» [36, 45]. **Маънӣ**: зеборӯёни форсигӯй ончунон ширингуфторанд, ки ҳамнишинӣ бо онон ба кас руҳу ҷони тоза мебахшад. Эй соқӣ, ба риндони Форс мужда бидеҳ, ки дил ба ишқ зинда доранд. **Маънои ниҳонӣ**: ҳарчанд дар шарҳҳои зери даст вожаи «хубон» бо калимаи «зеборӯён» муродиф дониста шудааст, вале гумон меравад, ки манзури шоир, пеш аз ҳама хубиву саломатии ботин аст, яъне ҳаммаъно бо калимаи соқӣ (муршид) мебошад. Таъкид бар он дорад, ки ҳар ки хоҳони роҳи Ҳақ аст, бояд таъиноти муршидонро ҳатман ба иҷро расонад, зеро онҳо муҷдарасони роҳи наҷот ҳастанд. Байти 13: Ба худ – бо хосту ихтиёри худ. Хирқа – либоси расмии суфиён. Шайх – пиру муршиди ҷараёни суфия аст, ки аз нигоҳи шоир манфӣ муаррифӣ гаштааст. Шайхи покдоман – шайхи риёкорро бо танзу истеҳзо ба покдоманӣ тавсиф кардааст. Маъзур – узрдошта. **Маънӣ**: эй шайхи покдоман, бар ман эътироз дорӣ, ки хирқаи майолуд бар тан дорам. Ман ба ихтиёри худ ин ҷомаро напушидаам, ҳукми азалӣ ин буд. Узри маро бипазир ва беҳуда сарзаниш накун. Дар ҷойи дигар ба ҳамин маънӣ Ҳофиз фармудааст: «Маро рӯзи азал коре ба ҷуз риндӣ нафармуданд» [395, 207]. **Маънои ниҳонӣ**: тақвияти маънои байти 7-ум аст ва эътирози шоир бар зоҳидони зоҳирфиреб иброз гаштааст. Роҷеъ ба маънои ин байт низ дар боло ба тафсил ибрози назар гардид. Ҳосил: агар ки ишқу алоқаи содиқона бо дӯст бароят насиб гаштааст,

хеле инсони сарфарозу саодатманд ҳастӣ. Агар заъфу норасоӣ дар парвариши ишқ дорӣ, пас «табъи салим фарз аст», то битавонӣ покдомании аслиро аз нопокиву риёкорӣ маърифат намоӣ. Қаҳрамони ғазал дил аз даст додааст, яъне сахт ошиқ шудааст. Бино бар ин, ба соҳибдилон муроҷиат мекунад ва аз онҳо мадад меҷуяд. «Рози пинҳон» - роҳи ишқ аст, ки дар дил ниҳон аст ва вақте «дил аз даст меравад», яъне ошиқ ихтиёр аз даст медиҳад, хоҳ нохоҳ маълуми ҳамагон мегардад. Шоир мегуяд, ки барои дар ин ҷаҳон осудаю ором зистан инсон бояд ду кор кунад: ба дӯстон бо ҷавонмардию ҳимматбаланд ва бо душманон бо нармию ҳусни хулқ рафтор намудан.

Хулоса, афкори пандуахлоқии Хоҷа Ҳофиз барои тарбияи насли наврас дар руҳияи инсонгароӣ, парвариши хислатҳои наҷибу шоиста ва бартараф кардани мушкилоти ҳаёт мусоидат менамоянд. Инсон дар зиндагӣ ба вазъу ҳолатҳое рӯбарӯй мешавад, ки имкони бартараф намудани онҳоро ба танҳоӣ пайдо карда наметавонад. Дар ин гуна лаҳзаҳо бояд аз муршидон (боди шурта) мадад ҷуяд. Шоир роҳҳои наҷотро бино ба ривоятҳо аз зиндагии ашхоси соҳибдил ва хирадманд чунин бозгӯй намудааст: Фирефтаи моддиёти дунявӣ машав ва накукориро пешаи худ қарор деҳ. Корҳои неки субҳгоҳӣ беҳтарин авқоти қабули дуост, аз он пайваста истифода намой. Шукргузор бош ва ҳангоми бенавоӣ аз суфиён роҳи ҳалли мушкилотро ҷуй. Ҳаргиз меҳрубонӣ бо дӯстон ва созиш бо душманонро аз хотир набарор. Аз маломату накуҳиши муллоҳои назарфиреб ҳарос накун. Хушиву шириниҳои дунявӣ эътимодро нашояд ва дар лаҳзаҳои мушкиливу муҳтоҷӣ ҳар чи бештар аз шароби ишқ сархуш бош. Тамоми афкори зикргашта дар заминаи андешаҳои ирфонӣ баён шудаанд ва саркашӣ аз иҷрои онҳо боиси нороҳативу парешониҳои инсонҳо мегардад. Агар ба интиҳои кори шахсони гирифтори молу ҷоҳ таваҷҷуҳ намоӣ, беэтимодии дунё бароят ошкор мегардад. Кӯшиш бар он дошта бош, то исмати пок ва ихлосу иродати воқеӣ ҳамроҳ бо ту бошад. Барои он ки ғояҳои баланду барҷастаи осори адабӣ дар зеҳну тафаккури толибилмон ҳифз шавад ва дар зиндагӣ аз рӯйи он амал карда тавонанд, ба омӯзгорро лозим меояд, ки маънои ҳар ВПФ-и байтҳоро шарҳ диҳад.

Дар замони муосир насли наврас дар МТМУ ба омӯзиши бонизоми фанни забон ва адабиёти тоҷик ва тарбияи ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад, соҳиб будан ба дониши мукаммал, малакаву маҳорат ва корбасти усулҳои ҷадиду муосир ба ташкили дарси хубу самарабахш имкон фароҳам меорад. Адабиёти бадеиии пурарзиши ниёкон асрҳо инҷониб ҳидоятгари инсонҳо ба иҷрои корҳои шоиставу созандаву бунёдкорона, тавҳиду ҳамдилӣ, умед доштан ба фардои дурахшон, кӯшишу талоши зиёд барои саодатмандиву хушбахтӣ ва касби сифатҳои накуву беҳтарин гардидааст. Бино бар ин, омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷикро лозим аст, ки ғоя, мазмуну муҳтаво ва арзишҳои милливу ахлоқии ВПФ-ро аз эҷодиёти шоиру нависандагон дастраси хонандагон гардонанд. Донишмандон бар ин нукта ба таври ҷиддӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд: «Инҳо (осори ниёкон – С.Ш.) бунёд, хазина, сарчашма ва силоҳи бузурги маънавӣ ҳастанд барои муваффақ гаштан ба амали ҳаётан муҳим – наҷот бахшидани насли имрӯза аз доми ҷаҳолат, торикӣ, таассуб, хурофот, ифротгароӣ, терроризм ва фоҷиаи навбатии умумимллӣ» [315, 4].

Соати корҳои амалӣ ва гузаронидани онҳо ба ихтиёри омӯзгор аст ва соатҳои алоҳидаи барои ҳар синф ҷудо шударо бо салоҳдиди худ хеле самаранок ва бамаврид истифода барад. Миқдори соатҳои барои корҳои амалӣ ҷудошуда хеле каманд, онҳо дар ҳар синф ҳамагӣ 5-8-ум соатро ташкил медиҳанд. Аз таркиби барномаи таълими адабиёти тоҷик ва маводди ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷалолуддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ бахшидаи китоби дарсӣ аз таҳлили мазмун, ғоя, муҳтавову мавзуъ ва мутобиқат кардани намунаҳои интихобгашта ба синну соли хонандагон ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст:

1. На ҳамаи маводди мунтахаб аз осори Ҷалолуддини Балхӣ ба китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» (барои синфи 7-ум) ба синну соли хонандагон мувофиқ ҳастанд. Дар ин бобат интихоби ҳикояҳо аз «Маснавии маънавӣ» дар китоби дарсии нашри соли 2002-юм шаҳодат медиҳад.

2. Дар баргардонии матни ҳикояҳои «Маснавии маънавӣ» аз алифбои арабиасос ба сириллик иштибоҳот ба назар мерасанд, ки боиси идроки нодурусти баъзе нуктаҳои ин шоҳасар мегарданд.

3. Омӯзгорони МТМУ метавонанд дар раванди таълими эҷодиёти Ҷалолуддини Балхӣ барои ташаккули ҳисси худшиносии миллӣ дар ниҳоди хонандагон порчаҳои ба идроки талабагони синфи 7-ум мувофиқро ба сифати маводди иловагӣ истифода баранд.

Хулоса, бо назардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда ва ба назар гирифтани онҳо зарур аст. Ташаккули салоҳиятҳоро дар алоқамандӣ бо таълими анъанавӣ ба роҳ мондан ба манфиати кор аст ва айни ҳол муҳақиқон бар он назаранд, ки роҳи ягонаи ташаккули салоҳиятҳо муаммогузорӣ дар доираи мазмуни таълим ва ҳалли он дар вазъиятҳои гуногуни таълимию ҳаётӣ мебошад. Ташаккули фарҳанги нутқ аз ташаккули қобилияти ба эътибор гирифтани диду назарҳои гуногун ва кӯшиши ҳамоҳанг сохтани онҳо алоқаманд аст. Хонандагон ҳангоми мубодилаи афкор ва муҳокимаи воқеаву ҳодиса ва муносибатҳо ақидаҳои дигаронро ба назар гирифта, вобаста ба сатҳи эътимоднокӣ мавқеи худро бояд муайян карда тавонанд. Ҳангоми иҷрои машқу супоришҳо ба таври дастаҷамъона (корҳои дунафара ё гурӯҳӣ) барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат кӯшиш намояд. Шартҳои кор дар гурӯҳҳои алоҳидаро риоя карда, нишондиҳандаҳои муваффақияти корро дар гурӯҳҳо ба назар гиранд ва мувофиқи онҳо чараёни иҷрои вазифаро ба мушаххас намоянд. Натиҷаи кори гурӯҳ натиҷаи фаъолияти дастаҷамъона ба ҳисоб меравад, онро дастгирӣ карда, қобилияти ифодаи ақида, бо далелҳо собит намудани дурустии андеша, интихоби қарори ягона ва инчунин пеш аз қабули қарор муайян сохтан ва муқоисаи ақидаҳои гуногун муҳим мебошад. Дар ин маврид шарҳи ВПФ зарур аст, мазмуни умумии матн идрок мешавад, нутқи хонандагонро инкишоф медиҳад ва ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад усули ташкили нутқи монологӣ-мавзуӣ, такмили ҳунари суханварӣ ва низоми натиҷагирии фаъолияти хонандагон вобаста ба талабот ва ҳадафҳои таълим ба

роҳ монда мешавад. Бо таҳлили ВПФ аз матни бадеӣ, мураттаб намудани нақли мухтасар ва ё муфассал, иншо, эссе натиҷаи фаъолияти таълимӣ равшан инъикос меёбад. Ҳангоми баёни мазмуну маънии ВПФ истифода аз усулҳои фаъол, воситаҳои муосири муҳити педагогӣ, аёният, тақвияти фикр бо мисолу далелҳои муътамад боиси рушди фарҳанги нутқ ва ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ мегардад.

## 3.3. Интихоби минимуми воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ барои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон

Омӯзиши тамоми ВПФ-и тоҷикӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик имконнопазир ва берун аз доираи мантиқ аст ва ба интихоби намунаҳое ниёз дорад, ки ба ТФН-и хонандагон мусоидат намояд, то дар ҳолатҳои воқеии муоширату муносибати онҳо иртиботи мантиқӣ ва маърифатӣ дошта бошанд. Дар акси ҳол хонанда дар истифодаи ВПФ дар баёни матлаб ба душворӣ рӯбарӯй мешавад, маъниро нодуруст мефаҳмад ва бемаврид кор мефармояд. Агар минимуми ВПФ ба таври илмӣ ва бо риояи принсипҳои дидактикии таълим интихоб карда шавад, шарҳу тафсир, дарки мазмуну маъниҳои маҷозии онҳо осон мегардад. Бо ин роҳ тафаккури таҳлилӣ, тафсирӣ, интиқодӣ, маърифатӣ, фаъолнокии фикрӣ, парвариши одобу ахлоқи намунавӣ, тарбияи завқи бадеӣ ва зебошиносии толибилмон рушд намуда, фарҳанги нутқашон такмил меёбад. Омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ ва пажуҳиши мустақими масъала собит кард, ки бидуни заминаи устувори илмӣ наметавон ҳаҷми ВПФ-ро мутобиқ ба синну сол ва тавоноии зеҳнии хонандагон ба низом даровард, бино бар ин меъёр ва принсипҳои интихоби асосноки минимуми ВПФ ба методологияи муайян ва мушаххас такя мекунад. Дар адабиёти илмӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёт чанд меъёр ва принсипи дидактикии интихоби ВПФ тавсия шудааст:

**1. Меъёри басомади истифода.** ВПФ-е интихоб шаванд, ки дар нутқи ҳаррӯза ба кор раванд. Унсурҳои асосии ин меъёр сода ва фаҳмо будани ВПФ дар робита ба аҳаммияти амалӣ, яъне мусоидат дар ташаккули фарҳанги нутқ ва

гуфтори хонандагон мебошад. ВПФ набояд пурмуаммо ва ё аз доираи истеъмол берунмонда бошад. Чунончи: «Танқид – меваи коммунизм»; «Бо роҳи Ленин меравем» ва амсоли инҳо. Балки ВПФ-еро бояд интихоб кард, ки хусусияти маърифатӣ-зеҳнӣ ва арзиши ахлоқӣ-тарбиявӣ дошта бошанд. Чунончи: «Ростиро завол нест»; «Дарахти дӯстӣ биншон»; «Дониш талабу бузургӣ омӯз» ва монади инҳо. Ин меъёр талаб мекунад, ки ҳангоми тартиб додани луғатҳо, китобҳои дарсӣ ё таҳқиқоти методиву забоншиносӣ набояд ҳамаи ВПФ мавҷуда дохил карда шаванд. Бояд онҳоеро интихоб кард, ки: **а) умумиистеъмоланд ва дар муошират ба кор мебаранд**, масалан: *«аз таҳти дил», «сари калова (калоба) гум кардан», «пой кашидан», «табъи касе хира шудан»*); б) **дар адабиёти бадеӣ зиёд вомехуранд:** ибораҳое, ки дар асарҳои шоиру нависандагон барои тасвири образҳо зуд-зуд корбаст гардида, арзиши иртиботӣ доранд. Барои фаҳмидани матн ва ифодаи фикр заруранд ва агар шахс ВПФ сербасомадро истифода барад, нутқи ӯ табиӣ ва фаҳмо ифода мегардад.

**2. Ба назар гирифтани синну сол ва хусусиятҳои равонӣ.** ВПФ бояд барои хонанда аз лиҳози маъно ва мазмун фаҳмо, аз ҷиҳати сохт сода ва ба сатҳи тафаккури муҳассилин мувофиқ бошад. Масалан, агар барои синфҳои ибтидоӣ маънои мақолҳои «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор», «Умри дурӯғ - муҷаз» дастрас бошад, барои синфҳои боло интихоб ва пешниҳоди ВПФ-и андаке мураккаб ва пурҳикмат салоҳ аониста мешавад. Амсоли: «Ганҷ бе ранҷ муяссар намешавад», «Хоҳӣ ки нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош» ва ҳоказо.

**3. Маънавӣ-ахлоқӣ ва тарбиявӣ.** ВПФ бояд арзишҳои миллӣ, инсондӯстӣ, ростгӯйӣ, меҳанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва монанди инҳоро фаро гирифта бошад, хушгуфторӣ, рафтору ахлоқи некуро парвариш диҳад.

**4. Маърифатӣ.** ВПФ-и интихобшуда вусъати ҷаҳонбинии хонандагонро тақвият бахшида, онҳоро ба андешаю тааммул ва натиҷагирӣ аз ҳикмати баёншуда водор созад.

**5. Миллӣ-фарҳангӣ.** Ин меъёр, хусусан, барои хонандагони МТМУ муҳим аст, зеро аз синни наврасӣ тавассути ВПФ бо арзишҳои фарҳанги миллӣ, анъанаҳои халқӣ ва умумибашарӣ ошноӣ пайдо мекунанд.

**6. Забонӣ-услубӣ.** Ин меъёр низ аз нигоҳи илмӣ-методӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар таркиби ВПФ-и интихобшуда набояд вожаҳои камистеъмол: лаҳҷавӣ, таърихӣ ва ё адабии китобӣ мавҷуд бошад. Инчунин мутобиқати онҳо бо фарҳангномаҳои ба хонандагон дастрас бояд ба назар гирифта шавад, то ки барои шарҳи маъно мурољиат карда тавонанд.

7. **Шаклан зебову бадеъ будани ВПФ** низ аз меъёрҳои муҳимми интихоби асоснок ва мантиқан мувофиқ ба синну соли хонандагони зинаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёна маҳсуб меёбад. ВПФ чун падидаи барҷастаи ТФН дар раванди муошират ва навиштани корҳои хаттии саҳеҳу пурмаънии хонандагон хидмат мекунанд. Онҳо намунаи олии фарҳанги миллӣ ва адабиёти пурғановати форсу тоҷик маҳсуб ёфта, аз асолату шаҳомат, муассирӣ, фасоҳати сухан ва маъниҳои амиқ мебошанд. Табиатан ВПФ сухани мавзуну хушоҳанг, суфта, расову хотирнишин мебошад. Чунин зебоӣ ё дар шакли қофия, ё дар тавозуни вожаю иборот, ё дар бадеияти баён зоҳир мешавад. Агар аз назари арзиши луғавӣ ва фарҳангӣ баҳо диҳем, ҳама гуна ВПФ дорои мазмунҳои хос, калимаҳои пуртаъсир ва пурмазмун мебошад. Барои бойшавии захираи луғавии хонандагон роҳ кушода, онҳоро аз истифодаи вожаҳои нораво, дағал, кӯчагӣ дур месозанд. Хонандагон ба туфайли истеъмоли ВПФ-и пурмаъно ба зебоии сухан, мантиқи гуфтор ва баёни матлаб майл мекунанд.

Шарти дигари интихоби илмӣ ва асосноки ВПФ мувофиқати он ба меъёрҳои забони адабӣ аст. Ҳар як омӯзгор бобати рушди маданияти нутқи шогирдон ҳиммат ва рағбати комил бояд ба амал орад ва пайваста дар таълими ВПФ кӯшиш намояд. Бо ин, нутқи хонандагон аз забони шеваю лаҳҷа ва омехтаи ғайриадабӣ дур мегардад. Зиёда аз он, адои маънӣ аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст ва намунаи забони адабӣ мегардад. Нақши ин меъёр дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон калон аст, зеро он имкон медиҳад, ки

нутқи онҳо зебову маданӣ, завқи сухангӯйӣ такмил ёбад, ҳисси эҳтиром ба забони адабӣ афзун гардад, ташаккули зебошиносӣ ва завқи бадеӣ ба амал ояд.

Дар интихоби асосноки ВПФ-и фаъол бо мақсади ташаккули фарҳанги нутқи шогирдон омӯзгор ҳадафҳои таълимии онҳоро ба назар мегирад. ВПФ аҳаммияти маърифатӣ-зеҳнӣ дошта, дар ташаккули маданияти нутқи адабӣ ва муоширати фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Зеро онҳо хазинаи бузурги ахлоқӣ-маънавӣ буда, ба ҳаёти хонандагон ва воқеияти иҷтимоӣ иртиботи қавӣ доранд. Интихоби асоснок ва илмии ВПФ таъсири маърифатии онҳоро афзун намуда, хонандагонро ба дарки маъно, баҳсу баррасӣ, зикри намунаҳо аз зиндагӣ ва истифода дар баёни матлаб ва фикру андеша раҳнамун месозад. Ҳамчунин методикаи таълими забони тоҷикӣ бо қисматҳои дахлдори забоншиносии тоҷик, аз ҷумла, лексикология, фразеология, этимология, инчунин илмҳои дидактика ва равоншиносӣ такя мекунад. Масъалаи омӯзиши ВПФ саҳми забоншиносии тоҷик бисёр ҷиддӣ ва назаррас мебошад. Методика ба омӯзиши самараноки маводди таълим оид ба ВПФ, роҳу равиш ва усули омӯзиши онҳо ба хулосаҳои илмии забоншиносӣ такя мекунад. Таҳқиқи таркиби луғавии забон ёрӣ мерасонад, ки калима аз ҷиҳати маъно ва аз лиҳози сохтор ва маънӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки барои синфҳои поён ВПФ-и осонфаҳм ва барои синфҳои боло – гунаҳои мураккабтар ва ба синну сол ва фаҳмиши хонандагон мувофиқро пешниҳод намудан ба мақсад наздик аст.

Меъёри интихоби ВПФ мувофиқ ба сатҳи дарки он аз ҷониби хонандагон муайян, усули шарҳу баён, тавзеҳ, муқоиса ва дарёфти маънои асосӣ пешниҳод мегардад. Таҳқиқоти забоншиносон дар соҳаи фразеология дар робита ба табиати маънои яклухт ва устувор доштани онҳо, маъноҳои маҷозӣ, дорои хусусиятҳои миллӣ будан возеҳу равшан карда шудааст. Муносибати босалоҳият ба роҳҳои шарҳу тафсири маъноҳои пушидаи ибораҳои устувор пайвастагии онҳоро бо зиндагӣ муқаррар менамояд. Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи забоншиносон ва методистон ба гирдоварии ВПФ аз замони шуравӣ оғоз шуда, доктори илмҳои филологӣ ва академики Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон

Абдулғанӣ Мирзоев аввалин маротиба ба шакли ҳирфаӣ ва тахассусӣ ба ҷамъу нашри зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ кӯшиш кардааст. Китоби «Зарбулмасалҳои тоҷикӣ» ба шакли контекст бо алифбои лотиниасоси тоҷикӣ соли 1940-ум аз ҷониби мавсуф нашр ва дастраси хонандагон шуда буд. Дар он 218 зарбулмасал ва мақоли тоҷикӣ сабт ва аз рӯйи ин намуна соли 1956 асари В. Асрорӣ «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» чоп гардид, бо тартиби алифбои тоҷикӣ 1511 зарбулмасал ва мақол қайд ёфтааст. Муаллиф зарбулмасалу мақолҳоро ба се даста ҷудо кардааст: зарбулмасал ва мақолҳои замони пеш аз Инқилоби Октябр 1326 адад; замони шуравӣ 87 миқдор ва суханҳои халқишудаи классикони адабиёти тоҷик 98 адад (80 байт, 18 фард, ё ки мисраъҳои ҳикматноки пандомез) мебошад.

Дар ҳамон сол китоби Р. Амонов «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1956) ҳам бо фарогирии 250 зарбулмасал, баъдтар «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ»-и Писарчик А. Тоҷиддинов С. (379, с.1960) интишор ёфт. Пажуҳиши зарбулмасалу мақол аз осори суханварони алоҳида низ аз иқдомҳои шоиста арзёбӣ мегардад, ки дар соли 1958 бо номи «Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ»-и Абдуллозода Р. нашр гардид. Дар ин асар 227 зарбулмасал ва мақол ба равияи эҷод ва тавсиякардаи А. Мирзоев дар контекст пешниҳод шудааст. Бояд қайд кард, ки ин асарҳо аз ҷиҳати миқдори зарбулмасал ва мақолҳои гирдоварда, сифати шарҳу тарзи баёни муқаддима, шаклу равияи батабъврасида, бешубҳа, яке аз дигаре фарқ ва бартарӣ дорад. Дар ин бобат аз рӯйи тадқиқоти дар сарсухан додашуда ва шакли баён хидмати А. Мирзоев ва аз лиҳози ҳаҷму миқдори мавод хидмати В. Асрорӣ шоёни таҳсинанд. Пайдост, ки А. Мирзоев оид ба вежагиҳои жанри зарбулмасал ва мақолҳо тадқиқи амиқи илмӣ анҷом дода, дар қисми муқадиммаи асари худ моҳият ва аҳаммияти ҳифзу нигаҳдошти ин дурдонаи халқиро ба хонанда ба таври возеҳу равшан шарҳ додааст. Оид ба жанри зарбулмасалу мақолҳо Бозор Тилавов пажуҳишҳои бунёдӣ ба субут расонида, рисолаи номзадӣ «Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок» (1967) ва рисолаи докторӣ «Современный пословичный репертуар таджикского народа» (1975)-ро

навиштааст. Дар рисолаи аввал ба муайян кардани вежагиҳои ин жанр ва таснифоти мавзуии он пардохта, дар рисолаи докторӣ ба вариантнокии зарбулмасалҳо ва танзими онҳо аз рӯйи илми фолклоршиносии русӣ таваҷҷуҳ кардааст.

Рӯйи чоп омадани китобҳои М.Фозилов «Панду ҳикматҳо» (1961), «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» (ҷ.1, с.1963; ҷ.2, с.1964) ва «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва ВПФ-и тоҷикию форсӣ» (ҷ.1, с.1975; ҷ.2, с.1977), «Ҳикояҳои зарбулмасал» (1967), «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо», «Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ» (с.1976); Я. И. Калонтаров «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо» (Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими, с.1965), «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муқоисаи узбекии онҳо» (1969), «Мудрость трёх народов - Панду ҳикмати се халк - Уч халқнинг ҳикматлари» (1989) таҷрибаи илми академии тоҷик дар замони шуравӣ мебошад.

Ба забони русӣ маҷмуаи зарбулмасалу мақолҳои форсӣ-тоҷикиро муҳаққиқон Короглы Х.Г. «Персидские пословицы и поговорки» (1961), Пермяков Г.Л. «Избранные пословицы и поговорки народов Востока» (1968), Раковский М. «Пословицы и поговорки и мудрые мысли» (1968) интишор додаанд. Фарҳангнигори Эрон Алиакбари Деҳхудо дар китоби «Амсолу ҳикам» (солҳои 1030-1033) 30 ҳазор ВПФ (шомили масалу ҳикмат ва киnoяву истилоҳ)-ро ҳамроҳи ҳудудан бо 10 ҳазор муродифу назир ва тақрибан 12 ҳазор истинод аз ашъори шоирон ё навиштаи нависандагони муътабари форсӣ гирд овардааст. Тавзеҳоти муаллиф ба зарбулмасалу мақолҳо ниҳоят пурарзиш буда, ба ҷуз зарбулмасалу мақол боз воҳидҳои дигари забон, аз ҷумла, истилоҳот, ҳадис, ривоят ва маълумоти таърихӣ ҷой дода шудаанд. «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» дар ду ҷилд бо фарогирии 8000 ВПФ падидаи нодир дар илму адаби тоҷик маҳсуб меёбад. Сарсухани китоб аз бандҳои зерин иборат аст:

1. Фразеология ва таҳияи фарҳанги фразеологӣ.
2. Хусусиятҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ.

3. Вазифаи «Фарҳанг» ва шарҳи баъзе хусусиятҳои он.

4. Хелҳои ибораҳои фразеологии «Фарҳанг» аз ҷиҳати сохт ва таркиб.

5. Сохти «Фарҳанг».

Ҳадафи таҳияи фарҳангро муаллиф чунин шарҳ додааст: «Дар давоми зиёда аз 20 сол адабиёти гуногуни гузашта ва ҳозираро мутолиа намуда, зарбулмасал, мақол ва ВПФ-и онҳоро ҷамъ намудем, то ин ки як рӯйхати ба қадри имкон пурраи онҳоро ба вуҷуд оварда, дастраси хонандагони гиромӣ гардонем» [349, 16]. Аз ин қайд маълум мегардад, ки М.Фозилов зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳоро, ки шаклу қолаби рехта доранд, ба қатори ибораҳои устувор дохил кардааст. Ин гуфтаҳо аз таснифоти моддаҳои луғавии китоб низ ба таври равшан мушоҳида мегардад: ибораҳои фразеологӣ; зарбулмасал ва мақолҳо; панду ҳикматҳо; ҳар гуна формулаҳои хоҳиш, нияти нек, қасам, дашном, нафрин. Мушоҳида мешавад, ки «Фарҳанги ибораҳои рехта» номидани китоб маънои рамзӣ дорад ва ба оғози омӯзиши ВФ марбут мебошад. Шинохти ВФ аз категорияи ибораи рехта шуруъ мешавад ва минбаъд аз ҳисоби таркиб, ҷумла, зарбулмасал, мақол, ҳикматҳои халқӣ тавсеа меёбад. Дар фарҳангномаҳои қупуни вусто дар ин маврид вожаи «мусталаҳот»-ро истифода намудаанд. Воқеан, «мусталаҳот» шакли ҷамъи вомвожаи арабии «мусталеҳ» аст ва маънои воҳидҳои фразеологиро пурра ифода намесозад. Хуб мебуд, агар муаллиф истилоҳи афоризмро ба унвони китоб баргузинад, зеро аз таснифоти сохтории маводди китоб ҳамин мафҳум равшан мегардад. Бино ба иттилои М.Фозилов, то замони нашри он «фразеологияи забони тоҷикӣ, ки ҳеҷ мавриди диққати забоншиносони тоҷик нагардидааст, на танҳо ҳудуди фразеология, балки бисёр масъалаҳои он дар торикӣ мондааст» [348, XIV].

Минимуми ВПФ барои хонандагони МТМУ маҷмуи воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳоеро, ки дар матни китобҳои дарсӣ омадаанд, дар бар мегирад. Таҳти мафҳуми минимуми ВПФ гурӯҳи муайяни ВПФ-е дар назар дошта мешавад, ки барои омӯзиш ва истифода дар нутқ заруранд. Бе донистан ва фаҳмидани онҳо тамоми раванди таълим ва таҳлилу баррасии осори адабӣ дуруст ва мантиқӣ нест. Муаллим бояд ба хонандагон дар

ташаккули захираи луғавӣ ва аз худ кардани ҷилоҳои маъноии воҳидҳои тайёру пурмазмуни ифодаву таъбирҳо ёрӣ расонад. Ғановати захираи луғавӣ бидуни аз худ кардани ҳадди ақалли маҷмуи ВПФ, муошироти маданӣ ва нутқи фасеҳи хонандагонро таъмин карда наметавонад. Ин ба сохтори наҳвии махсуси воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол, панду андарз ва маънои баланду бадеи онҳо вобаста аст. Аз ҳамин сабаб, масъалаи тартиб додани маҷмуи ҳадди ақалли ВПФ-е, ки дар нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон ба касрат истифода мешаванд, муҳим мебошад. Мушкилоти асосие, ки барои муайян кардани минимуми ВПФ пеш меояд, ин мураккабии тартиб додани рӯйхати ягонаи меъёрҳо аст. Роҷеъ ба таркиби меъёрҳои интихоб андешаҳои гуногун мавҷуданд, масалан, Л.Н. Волчок ва Т.В. Сасим меъёрҳои зеринро пешниҳод намудаанд: «басомад, арзиши иртиботӣ, қобилияти ҳамгироӣ, аз ҷиҳати грамматикӣ таркибан дуруст, таснифи мавзуӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва серистеъмолии воҳидҳои фразеологиро дар таълими забони русӣ муҳим медонанд» [359, 220-221]. Барои он ки ин воҳидҳо дар сохтори нутқ ба таври табиӣ ҷой гиранд, мутаносибии онҳо бо калимаҳои дигар ва аз ҷиҳати грамматикӣ таркибан дуруст сохта шудани онҳоро муҳим арзёбӣ гаштааст. Муҳаққиқи дигари рус Л. Пугачёва меъёрҳои зерини интихобро ба назар гирифтааст: «Мансубияти мавзуӣ (дар мавриди зарбулмасалу мақол бо назардошти соҳаҳо ва мавзуъҳои муошират), серистеъмолӣ, арзиши иртиботӣ, мансуб ба як сатҳи услубӣ, арзиши ҷуғрофӣ - минтақавӣ, синонимӣ ва бо назардошти хусусияти забони адабӣ (русӣ) (дар мавриди воҳидҳои фразеологӣ)-ро пешниҳод мекунад» [278, 193]. Мавсуф ба назар гирифтани хусусияти забони адабиро пешниҳод мекунад, то истифодаи ВПФ аз меъёрҳои адабӣ, грамматикӣ ва фонетикӣ берун набарояд ва ба ташаккули фарҳанги нутқ замина гузорад.

Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки омӯзиши ВПФ дар раванди дарсҳои забони тоҷикӣ бонизом ва ҳадафмандона сурат гирад, зеро ҳар як принсипи зикршуда ҷанбаи муайяни нутқ ва тафаккури хонандаро рушд медиҳад. Таснифоти Т.П. Чепкова аз рӯйи принсипи «мавзуӣ, арзиши иртиботӣ, басомад, арзиши

минтақавӣ, номаҳдудии услубӣ ва дараҷаи мураккабии маъноии ҳар як воҳиди мушаххас пешбинӣ шудааст» [208, 11] сурат гирифтааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки маводди таълим аз санҷиши дақиқи илмӣ гузашта, танҳо воҳидҳои бештар зарурӣ, фаҳмо ва серистеъмол мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Ба андешаи забоншинос Э.М.Шахсуварова, интихоби минимуми фразеологӣ бо назардошти арзиши иртиботӣ, қобилияти мутаносибӣ, дастрасии забонӣ ва маъноӣ (дар асоси ба назар гирифтани минимумҳои лексикӣ ва грамматикӣ), мавзуӣ, арзиши минтақавӣ дар заминаи коркарди воситаҳои таълим бояд амалӣ гардад [210, 217]. Муназзамии минимуми фразеологӣ дар воситаҳои таълим бо назардошти ин меъёрҳо кафолат медиҳад, ки раванди таълим аз донишҳои назариявӣ ба малакаҳои амалӣ майл намуда, сифати азхудкунии забони адабиро ба куллӣ баланд бардорад. Н. Краситская аз номгӯйи воҳидҳои барои омӯзиш зарурӣ танҳо онҳоеро боқӣ мегузорад, ки маънои ВПФ-ро аз вожаҳои таркиби он идрок кардан мумкин аст. Мувофиқат кардани ВПФ ба марҳалаи омӯзиши забон ва маводди лексикию грамматикии китобҳои дарсӣ таъкид гашта, илова бар ин, шарҳи онҳоро бо ибораҳои озоди синонимӣ унсури зарурии забономӯзӣ барои муҳассилин медонад [365, 8]. Ин равиши маҷмуӣ имкон медиҳад, ки ВПФ на ҳамчун унсури душворфаҳму изофӣ, балки чун ҷузъи таркибӣ ва табиии захираи луғавии муҳассилин дар марҳалаҳои муайяни таълим шакл гиранд ва ба рушди нутқи эҷодии онҳо замина фароҳам созанд.

Хулосаи тамоми андешаҳои изҳоршуда нишон медиҳад, ки ворид намудани воҳидҳои фразеологӣ ва паремияҳо раванди таълими забони тоҷикӣ на тасодуфӣ, балки низоми дақиқ ва бисёрҷанбаи илмию методологӣ мебошад. Муваффақияти ин раванд ба он вобаста аст, ки интихоби минимуми ВПФ дар заминаи коркарди воситаҳои таълим бояд дар асоси ҳамоҳангии қатъии принсипҳои дидактикӣ сурат гирад. Муҳимтар аз ҳама, ВПФ мунтахаб бояд ба марҳалаи омӯзиши забон ва дастрасии забониву маъноии муҳассилин комилан мувофиқат кунанд, яъне дар асоси минимумҳои лексикӣ ва грамматикии аллакай омӯхташудаи китобҳои дарсӣ таҳия шавад, то дараҷаи мураккабии маъноии онҳо боиси гаронии зеҳнӣ нагардад. Ин равиши маҷмуӣ ва муназзам

метавонад ВПФ-ро ба воситаи самарабахши шаклёбии нутқи табиӣ табдил диҳад.

Ю.А. Максяшина аз рӯйи матнҳои дар ҷараёни дарс омӯхташаванда ҳифзи беш аз 1500 воҳиди фразеологиро лозим донистааст. Мавсуф аҳаммияти амалӣ, баррасии доираи истифода, хусусиятҳои услубӣ ва истеъмоли воҳидҳои фразеологии забони русӣ, тобишҳои маъноӣ, мавқеи онҳо дар шохаҳои услубӣ, принсипи мувофиқат ва принсипи гароиш аз сода ба мураккабро мувофиқи мақсад донистааст [201, 8]. Е.А. Быстрова фарҳангномаи минимуми забони русӣ «Фразеологический минимум русского языка для национальной школы»-ро таҳия намудааст, ки он тақрибан 800 фразеологизми забони русиро дар бар мегирад, ки ҳадди ақалли заруриро барои аз худ кардани забони русӣ ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ ташкил медиҳад. Дар луғат тафсири фразеологизм, хусусияти услубӣ ва грамматикии он, алоқаҳои хоси фразеологизм дар нутқ нишон дода шудааст. Маъно ва истифодаи фразеологизмҳо дар нутқ бо зикри шоҳид аз асарҳои адабиёти бадеӣ ва матбуоти даврӣ тасдиқ гардидааст. Дар қисми замима гурӯҳҳои семантикии фразеологизмҳо, ибораҳои фразеологӣ-синонимҳо, антонимҳо, паронимҳо ва феҳристи ибораҳои фразеологӣ оварда шудаанд. Дар аксар дастурҳои муосири русӣ ВПФ аз ҷиҳати мавзуъ тасниф шудаанд, аз ҷумла, Л.С. Пугачёва 5 соҳаи фаъолияти инсон ва мавзуъҳои ба онҳо мувофиқро муайян кардааст, ки ҳангоми муошират бо забони модарӣ бештар аҳаммият доранд: 1. Инсон ҳамчун мавҷуди зинда; 2. Инсон ҳамчун мавҷуди оқил; 3. Инсон ва ҷомеа; 4. Табиат; 5. Мафҳумҳои абстрактӣ [278, 193]. Ин равиш ба қавли муаллиф, имкон медиҳад, ки ба хонандагон дар бораи шакли истифода ва ба кадом услуб мансуб будани он маълумот дода шавад ва барои беҳтар фаҳмидани семантикаи воҳидҳои фразеологӣ мусоидат намояд. Бино ба мулоҳизаи Н. Семёнова, барои ҳар як мавзуъ тақрибан 10-12 воҳиди фразеологӣ интихоб карда шавад: «Дар чунин миқдор онҳо осонтар азхуд карда мешаванд, ҳам ба хотир меоянд ва азбаски дар ҷараёни омӯзиш бо воҳидҳои фразеологии синонимиву антонимӣ фаро гирифта мешаванд, шумораи умумии онҳо хеле зиёд мешавад» [152, 111].

Аз таҳлилу баррасии масъалаи интихоби минимуми ВПФ метавон ба хулосае расид, ки агар ин раванд муназзам, бо риояи принсипҳои дидактикии таълим ба роҳ монда шавад, шарҳу тафсир ва идроки маъниҳои кучидаву маҷозӣ фаҳмо гардида, фарҳанги нутқ, маърифатнокӣ ва салоҳияти иртиботии насли наврасро ташаккул медиҳад. Таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ нишон медиҳад, ки меъёр ва принсипҳои интихоби асосноки минимуми ВПФ ба методологияи муайян такя намуда, ба назар гирифтани басомад, арзиши иртиботӣ, қобилияти ҳамгироии синтаксисӣ, таснифи мавзуӣ ва серистеъмолии ин воҳидҳоро ҳам дар таълими фанни забони тоҷикӣ ва ҳам адабиёти тоҷик ҳамчун меъёрҳои калидиро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, мансубияти мавзуӣ бо назардошти соҳаҳои муошират, муносибатҳои синонимию антонимӣ ва риояи принсипи гароиш аз сода ба мураккаб мувофиқи мақсад дониста мешавад, зеро дар чунин миқдори муайян ва низомманд воҳидҳо осонтар азхуд карда шуда, ҳам ба хотир меоянд ва азбаски дар ҷараёни омӯзиш бо унсурҳои ҳаммаънову муқобилфаҳм фаро гирифта мешаванд, шумораи умумии луғати фаъоли хонандагон хеле меафзояд.

Дар ниҳоят, азбаски ҳудуди фразеологияи забони тоҷикӣ ва хелҳои он то ҳанӯз ба таври қатъӣ муайян нашудаанд ва бисёр масъалаҳои он дар торикӣ мондаанд, таҳияи чунин як минимуми илман асоснок вазифаи муҳимми навбатии равишшиносони тоҷик буда, имкон медиҳад, ки ганҷинаи зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо вобаста ба талабот ва ҳадафҳои таълими муосир мукаммал гардонад. Методисти шинохтаи тоҷик Саидамир Аминов «Луғати фразеологии мактабӣ»-ро [2002, 2007] интишор ва тавсифи тақрибан 2200 воҳиди фразеологиро овардааст, ки «… минимуми заруриро барои аз худ кардани забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муошират ифода мекунад» [326, 89]. Зимни омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар синфи 7-ум истифода аз ин луғатнома низ чунин супориш дода шудааст: «Аз «Луғати фразеологизмҳои мактабӣ» панҷтоӣ фразеологизмҳои омонимӣ, муродифӣ ва зидмаъноро ёфта нависед ва шарҳ диҳед» [26, 107]; «Фразеологизмҳои зеринро, ки аз «Луғати фразеологии мактабӣ» интихоб шудаанд, шарҳ диҳед: *Санг задан, санг бар дил*

*ниҳодан, санги вазнин, санги сиёҳ будан, сангро мум гардонидан, сар ниҳодан*» [26, 107]. Маводди фарҳанги мазкур барои муаллимон зимни тавзеҳи воҳидҳои фразеологӣ, иҷрои машқу супоришҳо ба инкишофи нутқ, дарки тобишҳои маъноии онҳо ба хонандагон роҳнамои судманд ба ҳисоб меравад. Боиси таассуф аст, ки муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ аз ин луғати С.Аминов ба таври бояду шояд истифода накардаанд. Танҳо муаллиф дар китобҳои дарсии мураттабнамудааш (барои хонандагони синфи 7-ум ва 10-ум) чанд машқу супоришҳои синфӣ ва хонагӣ манзур намудааст. Аз тафовути афкори баёнгашта маълум мегардад, ки меъёри ягонаи интихоби ҳадди ақалли ВПФ имконнопазир аст, яъне муайян кардани миқдори ВПФ-и дар ҷараёни дарс омӯхташаванда номумкин аст. Хусусиятҳои минимуми ВПФ барои мактаббачагон, принсипҳои интихоби мавод, таҳлили мавзуии минимум ҳанӯз ҳалношуда боқӣ мемонад. Роҷеъ ба кадом қисмҳо ҷудо кардан ва кадоме аз онҳоро барои омӯзиши мустақилона пешниҳод намудан низ фикри ягона вуҷуд надорад. Ба ақидаи мо, ҳангоми интихоб бояд ба дараҷаи басомад вобаста ба мақсадҳои таълим, ки дар маводди китоби дарсии забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик мавҷуданд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ҳалли масъалаи тавсифшуда метавонад таснифи ВПФ-и мавҷуд дар китобҳои дарсӣ аз ҷиҳати таркиб ва истеъмол бошад. Барои минимуми фразеологии мактабӣ на танҳо ВПФ дар шакли алоҳида, балки матнҳои фарогир бо ВПФ муҳим аст. Танҳо овардани рӯйхати ВПФ бе матн барои азхудкунӣ бе аҳаммият ба назар менамояд. Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зеринро бояд тасмим гирифт:

1. Таҳлили лексикию фразеологии минимумҳои мавҷуда ва принсипҳои интихоби онҳо.

2. Дар асоси шарҳу таҳлил мушаххас кардани мафҳуми ВПФ.

3. Таҳия ва таҳлили таснифоти мавзуии фразеологияи мактабӣ барои муҳассилин.

4. Тартиб ва низоми таснифи минимуми ВПФ барои хонандагон. Муносибати бонизом (систематикӣ) ба интихоб ва таҳлили ВПФ.

5. Муайян кардани роҳҳои фаҳмонидани ВПФ-и тоҷикӣ ба мактаббачагон ва муқаррар намудани алоқаҳои мавзуии байни ВПФ аз нуқтаи назари муносибатҳои методологӣ-маъноӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва иҷрои машқҳо.

Маводди зерин барои омӯзиш хидмат карда метавонанд:

а) матни китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» ва «Адабиёти тоҷик», ки дар заминаи «Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11-ум» [8] (соли нашр 2018) ва «Барномаи адабиёти тоҷик барои хонандагони синфҳои 5-11-ум» [3] таҳия гаштаанд;

б) Луғати фразеологии хонандагон (Мураттиб С.Аминов). – Душанбе, 2018;

в) Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 932 с.;

г) Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 804 с.;

ғ) Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1–2. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969.–951+ 949 с.;

е) Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат 2 Ҷилд. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950+945 с.;

ё) Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 832 с.

Ин рӯйхат ниҳоӣ нест, зеро барномаҳои фанни ЗАТ мунтазам таҷдиди назар гашта ва тағйир меёбанд, китобҳои нав таҳия, матни баъзе асарҳои бадеӣ хориҷ ва ё баръакс матнҳои нав дохил карда мешаванд. Таҳлили принсипҳои дар боло зикршудаи интихоби ВПФ ба мо имкон медиҳад, ки ВПФ-и воқеан зарурӣ ва арзишманд дар муоширату нутқ ва ба таъмини салоҳияти иртиботӣ зарур интихоб карда шавад. Минимуми ВПФ назорат ва фаъол гардондани захираи ВПФ-и мактаббачагон ҳамчун асоси иҷрои машқҳо ва супоришҳои гуногун тавсия дода мешавад (ниг. ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1.**

**Таҳлили омории ВПФ-и китоби дарсии синфи 5-ум**

| | Китоби дарсӣ | ибораҳои фразеологӣ | таркиби фразеологӣ | зарбулмасал ва мақолҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ | 110 | 96 | 68 |
| 2. | Адабиёти тоҷик | 250 | 65 | 25 |

Мувофиқи барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфи V як соат ба омӯзиши зарбулмасалу мақол ва ба воҳидҳои фразеологӣ дар Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ синфи 7-ум ва 10-ум ҷудо гардидааст (ниг. ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Воҳидҳои фразеологӣ дар китоби дарсии синфи 5-ум аз ҷиҳати қабатҳои услубӣ**

| | Китоби дарсӣ | фразеологияи умумиистеъмолӣ | фразеологияи китобӣ | Фразеологияи гуфтугӯйӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ | 110 | 96 | 8 |
| 2. | Адабиёти тоҷик | 250 | 75 | 25 |

Захираи фразеологии пурғановати забони тоҷикиро аз ҷиҳати қабатҳои услубӣ ба се дастаи калон тасниф кардаанд: «умумиистеъмолӣ, китобӣ ва гуфтугӯйӣ» [91, 84]. Фразеологияи умумистеъмолӣ қисми аз ҳама зиёди воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, дар ҳамаи шохаҳои забон серистеъмоланд ва барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа фаҳмову дастрасанд. Вежагии онро пажуҳишгарон дорои «хосияти муҳим – воситаи ягонаи ифодаи мафҳумҳои ҷудогона буданашон» тавсиф кардаанд: «Воҳидҳои фразеологии умумиистеъмолӣ аз ҷиҳати ифодаи обуранг ва тобишҳои ҳиссиву экспессивӣ муътадиланд. Онҳо ину он маъниро бе ягон тобиши иловагии баҳодиҳӣ мефаҳмонанд, образи заминаашон басо хираю забонзад буда, аксаран бо семантикаи фразеологизм алоқаи ниҳоят суст дорад» [91, 85].

Табиатан, маънохои фразеологизмҳои умумиистеъмолӣ равшану возеҳ аст. Аз ин лиҳоз, гуногунандешӣ дар истеъмоли онҳо мумкин нест. Дар силсилаи муродифоти фразеологизмҳо ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун

сарсилсила хизмат мекунанд ва нисбат ба муродифот мафҳуми муайянро нисбатан пурраву комил ифода месозанд. Бино ба таъкиди профессор Маҷидов Ҳ., фразеологизмҳои умумиистеъмолӣ сарсилсилаи занҷири гунаҳои воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад: «Фразеологизмҳои умумиистеъмолӣ дар занҷири вариантҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ низ мақоми сарсилсиларо адо мекунанд. Аз ин ҷост, ки онҳо ҳамчун инварианти вариантҳои сершумор шинохта мешаванд. Вариантҳои дигар аксаран дар асоси он ба вуҷуд омадаанд» [91, 86].

Машқҳои зерин аз китоби «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 7-ум барои аз худ кардани ин қабати фразеологизмҳо нигаронида шудаанд: Машқи 76 [26, 40]: ***дар ҳама ҷо гап гузаронидан*** ба маънои «гапи худро ба касе маъқул кунонидан; касеро ба чизе розӣ кунонидан, дар гуфти худ исрор кардан» [349, ҷ.1, 199]; Машқи 159 [26, 96]: ***аз дил гузаронидан*** - «фикр мулоҳизае аз хаёл гузаштан, дар бораи чизе андешидан»; Машқи 365 [26, 185]: ***чашм дӯхтан*** - «1. ба касе, чизе бо диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан. 2. Ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан» [349, ҷ.2, 136]; Машқи 381 [26, 224] *дида дӯхтан* - «1. Ба касе, чизе бо диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан» [349, ҷ.1, 375]; *дил танг шудан* - «зиқ шудан; ғамгин, малул, озурдахотир шудан»; Машқи 6 [26, 9]: **ҷ*омаи амал пушидан*»** - «ба орзую мақсад расидан, амалӣ шудани орзую мақсад» [349, ҷ.2, 192]; Машқи 15 [26, 13]: **ба ҳар кӯю дар сар зад**ан - «1. кӯшишу ғайрат кардан, 2. аз ҳеҷ коре рӯй натофтан; ҳама чораҳоро дидан» [348, ҷ.2, 69].

Воҳидҳои фразеологии китобӣ чунин воҳидҳои забонӣ мебошанд, ки бо обуранги бадеӣ, оҳанги мутантан аз дигар навъҳои фразеологизмҳо тафовут доранд. Дар таркиби ин гуна фразеологизмҳо вожаҳои адабии китобӣ бештар ба мушоҳида мерасанд ва дар осори адабӣ ба хотири ифодаи барҷастаи афкору андешаи нависанда истеъмол мегарданд. Масалан: *Хуни дил хурдан* [104, 35]; *сари нафс гирифтан* [104, 53]; *Шикаст додан,* [104, 147]; *Аз кор фурӯ мондан* [104, 77]; *Аҳли фаҳм будан* [104, 79]; *Чашми некӣ умед кардан* [104, 35]; *тухми*

*бадӣ коштан,* [104, 116]; *Ба доди касе расидан* [104, 116]; *Заҳмат додан* [104, 124]; *ба таҳлука андохтан* [167, 189]; *зону задан* [167,184]; *мурғи Ҳумо болои сар парвоз кардан* [167, 283]. Маънои маҷозии ин зарбулмасал чунин шарҳ дода мешавад: «Мурғи Ҳумо» парандаи афсонавӣ дар мифологияи Эронзамин аст. Онро рамзи бахт, саодат, сарварӣ, давлат ва шукуфоӣ медонанд. Мувофиқи ривоятҳо, Ҳумо парандаест, ки ҳеҷ гоҳ фуруд намеояд ва ҳамеша дар парвоз аст. Агар сояаш ба сари касе афтад ё аз болои сараш парвоз кунад, он шахс соҳиби бахти баланд ва давлати зиёд мегардад ё ба мартабаи баланд мерасад. Аз ин рӯй, ибораи «Мурғи Ҳумо болои сар парвоз кардан» ба маънои «*хушбахт шудан, комёб шудан; Ноил шудан ба муваффақиятҳои бузург; Ба сарварӣ расидан ё дорои қудрат шудан; Оғози хушбахтӣ ва шукуфоӣ дар зиндагӣ*» кор фармуда мешавад. Ин ибора бештар дар адабиёти бадеӣ, шеъру достонҳо ва суханрониҳои пуробуранг барои ифодаи умед, орзу ва башорати нек истифода мешавад. Иҷрои машқҳои зерин барои равшан гаштани маънои фразеологизмҳои китобӣ замина фароҳам месозад: «*Дил аз моли дунё бардоштан*» маънояш «1. Аз баҳри касе, чизе гузаштан. 2.чизеро тарк кардан. 3. фаромӯш намудан [348, 373]; Байти Миралии Хаттот [120, 31] мафҳуми ибораи «Моҳи шаби тор» - ро маънидод намудан:

«Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст,

Ҳамчу *моҳе дар шаби тор* аст» [120, 5].

Ибораи «моҳи шаби тор» дар забони тоҷикӣ на танҳо маънои луғавии худро дорад, балки ҳамчун фразеологизм ё ибораи устувор низ ба кор меравад ва мафҳумҳои амиқтарро ифода мекунад. Ин фразеологизм маъмулан ба маноҳои зерин истифода мешавад: Умед дар ноумедӣ / Нури умед дар зулмот**:** А) Ин маънои маъмули умед бастан ба ояндаи нек аст. Он рамзи ягонаи равшанӣ ё ҳалли мушкилот дар лаҳзаҳои душвор аст ва ишора ба ч*изе ё касе мекунад, ки хеле камёб ва арзишманд аст*. Б) *Зебоӣ ё хирад дар муҳити номусоид:* Дар баъзе ҳолатҳо он метавонад ба касе ё чизе дахл дошта бошад, ки бо вуҷуди шароити номусоид, дурахшон ва фарқкунанда боқӣ мемонад.

Фразеологизмҳои гуфтугӯйӣ на танҳо мансуб ба нутқи шифоҳӣ, балки бо мақсадҳои муайяни услубӣ дар осори бадеӣ низ ба кор гирифта мешаванд. Тобишҳои баланди ҳиссиву таъсирбахшӣ доранд. Таркиби ин гуна фразеологияро вожаҳои умумистеъмолӣ ташкил медиҳанд. Хусусиятҳои дигари онҳоро муҳаққиқон чунин изҳор доштаанд: «Ин гуна воҳидҳои фразеологӣ бо хосиятҳои як андоза бетакаллуфона, дуруштию оддигӣ ва гоҳе ғайриадабиву густохона будан худ фарқ карда меистанд. Пуробурангии онҳо аксар асоси моддиву маишӣ доранд. Онҳо бо образҳои дар асоси фактҳои конкретии ҳаётӣ ба вуҷудомада алоқамандии бевосита доранд» [91, с.89]. Масалан: Қанд задан [166, 7]; Пешпо хурдан, Курнамакӣ  кардан [166, 31]; Садқаи сар шудан [166, 47]; Пешпо задан [166, 67]; Пушаймон хурдан [166, 67]; Хиҷил  мондан [166, 79]; хаёли хом [166, 116]; Пешона кушода шудан [166, 159]; вақти танг [166, 166]; Кор зӯр шудан [166, 166]; Бемор канда шуд [166, 167]; Ялло карда гаштан [166, 167]; Оби даҳон рафтан [166, 186]; Калонгапӣ кардан [166, 218]; Онакалони худро дидан [166, 269]; Ба замин чалпак  шудан [166, 295]; воҳима кардан [166, 295]; Каллапо кардан [166, 267]; Кашола – пуштора гаштан [166, 264]; Ба куртаи касе  кайк даромадан, [166, 263]; Нугизабонӣ гап задан [166, 260]; *Худро гирондан* [120, 108]*; Рамуз гирифтан* [120, 108]*; Синча кардан* [120, 108]; Ёзидан [120, 98] - ба маънои «фахр кардан, аз худ рафтан» омадааст [349, ҷ.1, 441].

Татбиқи амалии машқҳо бо воҳидҳои фразеологӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ, мувофиқ ба вазъият бо воҳидҳои фразеологӣ ивазкунии вожаву ибораҳои одӣ, ё худ ивазкунии фразеологизмҳо бо муродифот ё мутазодди онҳо омӯзишро самаранок мегардонанд. Бо иҷрои чунин машқҳо идроки тобишҳои маъноӣ, мавқеъшиносӣ ва дигар ҳодисаҳои забоншиносӣ ва умуман такрори грамматика ба ҳам мепайвандад. Баррасии мазмуну муҳтаво ва мавқеи истеъмоли зарбулмасалу мақолҳоро метавон зимни тафсири намунаҳо аз эҷодиёти суханварон дар тамоми давраи таҳсил ба роҳ монд. Масалан, дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи V аз рубоии Абуалӣ ибни Сино диққат додан ба зарбулмасалу мақолҳои зер ва мувофиқи мазмуни онҳо аз матн

порчаҳои алоқамандро ёфтан: «Кор ба кордон осон аст» [104, 71]; «Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ» [104, 71]; «Гӯр сӯзаду дег ҷушад» [104, 71]; Ё худ дар таълими Саъдии Шерозӣ порчаҳои манзумро ба наср баргардонидан ва зимни он истифода кардани зарбулмасали «*Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ»* [104, 126] супориш дода шудааст.

Зарбулмасали «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ» [104, 100] бояд бо кумаки омӯзгор чунин шарҳ дода шавад: Ин зарбулмасал ба он далолат мекунад, ки агар кас бо одамони хуб, донишманд, бофаросат ва хайрхоҳ муошират кунад, аз онҳо таъсири мусбат мегирад, хусусиятҳои хуби онҳоро аз худ карда, мисли онҳо ба шахси равшанфикр ва муваффақ табдил меёбад (моҳ рамзи нур, зебоӣ ва бузургӣ аст). Қисми дуюми зарбулмасал ҳушдор медиҳад, ки кас бо одамони бад, нодон ё шахсони бадахлоқ дӯстӣ варзад, аз онҳо таъсири манфӣ гирифта, эҳтимол дорад, ки хусусиятҳои бади онҳо ба ҳамнишин низ сироят кунад ва боиси паст гардидани манзалату обрӯйи гардад (сиёҳии дег рамзи фасод ва торикӣ аст). Хулоса, ин зарбулмасал аҳаммияти интихоби дӯст ва наздикону атрофиёнро таъкид мекунад. Он моро ташвиқ месозад, ки бо одамоне дӯстӣ варзем, ки дар рушди шахсӣ ва ахлоқӣ кумак кунанд ва аз касоне, ки ба роҳи бад ҳидоят мекунанд, дурӣ ҷуянд. Ин ҳикматест оид ба таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити иҷтимоии ӯ. Захираи ВПФ-и хонандагон бояд тадриҷан зиёд гардад, аз сода ба мураккаб тамоюл намояд ва калимаву таъбирҳои нав, ифодаҳои муҷазу муассирро дар бар гиранд. Ин раванд ба ташаккули завқи бадеӣ, салоҳияти иртиботӣ, малакаи суханварӣ ва баёни таъсирбахши фикр замина фароҳам месозад. Хонандагон доир ба осори адабӣ ҳамчун ҳодисаи ҳунарӣ тасаввурот пайдо менамоянд. Ҳадафи таълими фанни адабиёти тоҷик ва баррасии ВПФ парвариши ахлоқи наку, одоби муошират, малакаи сухандонӣ, шиносоӣ бо чеҳраҳои баргузидаи адабӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, барои омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ интихоби осори саромадони адабиёт ва ашъори гаронмояи онҳо зарур аст. Ба маънои зоҳирӣ ва хусусиятҳои рамзии ифодаву таъбирҳое, ки дар зарбулмасалҳо ба маънои маҷозӣ истифода шудаанд, бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир кард ва ин корро ба

таври муттасил анҷом дод. Намунаҳои зарбулмасалу мақолҳои зиёде, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, имкон медиҳад, то шогирдон бо ёрии муаллим маънову моҳияти онҳоро идрок ва мавқеи корбурди онҳоро шиносанд, нисбат ба каломи зебову шоирона меҳри хосса парваранд ва сифати гуфтору сатҳи навиштори худро такмил диҳанд.

Хулоса, вазифаи асосии муайян намудни минимуми ВПФ-и забони тоҷикӣ барои хонандагон таҳияи дастури махсус аст, ки барои беҳтар аз худ кардани маъно, сохт ва мавқеи истифодаи ВПФ мусоидат мекунад. Дар давоми тамоми давраи таҳсил дар мактаб талабагон бояд танҳо дар синфи V тақрибан 900 ВПФ-ро фаро гиранд, ки яке аз воситаҳои хуби баланд бардоштани ФН-и талабагон мебошад. Минимуми ВПФ нутқи хонандагонро бо мисолҳо ғанӣ мегардонад, барои адои маънӣ, ифодаи возеҳи фикр дар муоширатт, гуфтор ва умуман такмили нутқ мусоидат мекунад. Аз худ кардани минимуми ВПФ кумак мекунад, ки хонанда мухтасар, бамаврид, образнок, равшан ва ифоданок сухан гуяд.

**Минимуми фразеологӣ ва фановариҳои иттилоотӣ.** Рушди ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки ба тарбияи инсони шоистаи замон, ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии ӯ дар раванди таълим бояд мактаб ва устодон ташаббускор бошанд. Таълимро дар замони муосир бе корбурди фановариҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ташкил намудан ғайриимкон аст. Таҷҳизоти техникии муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз воситаҳои муҳимми дастрасии таълим ба ҳисоб рафта, самаранокии ҷараёни таълиму тарбияро таъмин месозанд. Компютер, фановарии иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун манбаи зарурӣ хидмат намуда, ёрирасони муҳассилин ва омӯзгор ҳастанд. Истифода аз васоити техникӣ, маводди шабакаҳои иҷтимоӣ ҳангоми таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик барои самаранокии сифати таълим оварда мерасонад. Аз таҷриба бармеояд, ки зимни корбурди всоитаҳои техникӣ фаъолнокии хонандагон меафзояд:

- Хонандагон бо муваффақият ва шавқу рағбати зиёд маводди таълимро меомӯзанд;

- Ба ташаккули зеҳнӣ, маърифатӣ, тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ, тарбияи завқи зебошиносии шогирдон мусоидат менамояд;

- Фарҳанги нутқи хонандагон такмил меёбад ва ба рушди шахсияти босалоҳият замина мегузорад;

- Ба густариши ҷаҳонбинӣ, маърифатнокӣ ва салоҳияти иртиботиву иттилоотии хонандагон роҳ мекушояд.

Мусаллам аст, ки бидуни таҷаддуду навоварӣ дар зиндагӣ инкишофу пешрафт вуҷуд надорад. Истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки машғулиятҳоро пурмуҳтаво сохта, талабагонро ба дарс ҷалб намояд. Имрӯз насли наврас бештар аз насли бузургсол шиносоӣ ва дастрасӣ ба воситаҳои техникӣ, аз ҷумла, шабакаҳои иҷтимоиву сомонаҳои таълимӣ доранд. Бинобар он, дар раванди тадрис баҳрамандии дуҷониба аз аҳаммият холӣ нест ва омӯзгорон низ метавонанд дар ин маврид аз донишу маърифти шогирдон истифода баранд. Дар ҷаҳон бештар аз сад луғат, қомус, донишнома, доиратулмаорифи электронии тафсирӣ ва тарҷумавии якзабона, ду ва ё бисёрзабона оид ба ҳамаи улуми мавҷудаи наву куҳан таҳия ва бо роҳу усули ҷолиб ба хонандаву бинанда ва шунаванда пешкаш шудааст. Ин маводди электронӣ аз ҷиҳати имкони истифода нисбат ба китобҳои чопӣ осону дастрас ҳастанд. Доираи муайяни илму фанни замони муосирро дар бар мегиранд ва барои хизматрасонии ҳар чи беҳтару зудтар муқаррар гардидаанд: «Қомусҳои интернетӣ аз чопӣ бартарияти зиёд доранд ва бинобар он дар муддати ниҳоят муҷаз онҳо дар истифода бо осонӣ интишор ёфтанд. Дар назари аввал, акнун лозим нест, ки барои ба даст овардани як маълумоти ночиз китобҳои ғафсу калон ва ноёбу нодиррро ҷуста, онҳоро бо қаламу коғаз рӯйбардор кунем» [314, 138].

Бо ҷаҳонишавии шабакаҳои интернет дар ҳамаи самтҳои таълим барномаҳои махсус мувофиқ ба воситаҳои техникӣ коркард шудааст. Таҷҳизоти муосири таълим имкон медиҳад, ки маводди зиёду гуногуни дидактикӣ (слайдҳо, навор, наворҳои таълимии намоиши ҷараёни амалиёти муайян, сохтан, амалиёт бо объектҳои гуногун, кор бо махзани гуногун, асбобҳои

ёридиҳанда, кор бо муаррифӣ ва ғ.)-ро ба таври фаврӣ дар муддати муҷаз истифода намоем: «Дар шароити ҷаҳонишавии рақамӣ, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бояд малакаҳои муосири технологиро аз худ намояд. Танҳо дар ин сурат ӯ метавонад ба шогирдон донишро бо методҳои самараноку ҷолиб расонад. Омӯзгорони оянда бояд на танҳо нақши анъанавии худро нигоҳ доранд, балки ба унвони роҳбари равандҳои таълимии рақамӣ низ фаъолият намоянд» [301, 96]. Истифодаи маводди сомонаҳои зер дар омӯзиши ВПФ аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ҳусни баён – аз шабакаи «Баҳористон» сабти марҳум профессор Баҳриддин Камолиддинов
2. Мақолро ёбед – бозии тоҷикӣ
3. Академияи Муродӣ - маркази таълимӣ, ки одоби муошират ва маҳорати суханварӣ бо усули азхудкунии махсус омӯзонида мешавад
4. Хазинаи маърифат – маҷмуаи панду андарзҳо
5. Панднома – шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ;
6. Шаби ошиқони бедил – шарҳи ашъори Абдулқодири Бедил;
7. www.andesha.tj – китобҳои дарсӣ, китобҳои адабӣ, китобҳои мобилӣ, китобҳои савтӣ, китобҳои илмӣ, луғатномаҳои якзабона-тафсирӣ, луғатномаҳои дузабона-тарҷумавӣ, наворҳо, тасвирҳо, мақолаҳои илмӣ ва адабӣ;
8. www.termcom.tj – бо чор забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, форсӣ фаъолият менамояд: луғатҳои тахассусии онлайн, баҳсхона, асарҳои шоирони классик ва муосир;
9. www.aqeedeh.com – мавод бо хатти форсӣ;
10. www.cit.tj – бо се забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, фаъолият менамояд: барномаҳои омӯзишии компютер, тестҳо, онлайн-луғатҳо, онлайн-дарсҳо, китобхона;
11. www.maktab.tj – сомонаҳои мактабҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, методӣ, луғатҳо, хабарҳо аз ҳаёти маориф, наворҳо, тасвирҳо, маслиҳатҳои методӣ, мусаввадаи дарсҳои кушод, тестҳо;

12. www.aot.tj – *сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ду забон* дастрасии васеи корбарони дохилию хориҷӣ, аз ҷумла муҳаққиқону коршиносони байналмилалиро ба маводди зарурӣ таъмин месозад. Интишори ҳуҷҷатҳои муҳимме, аз қабили низомнома ва стандартҳои давлатӣ, шаффофияти кори соҳаро нишон дода, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки аз талаботи ҳуқуқию меъёрии кунунӣ бохабар бошанд. Аз ҷониби дигар, ҷойгир кардани барномаҳои таълимӣ ва маводди такмили ихтисос барои баланд бардоштани малакаи касбии муаллимон ва дастрасии осони онҳо ба дастурҳои методӣ кумак мерасонад. Инчунин инъикоси машварату конференсияҳо сомонаро ба як платформаи зиндаи илмӣ табдил медиҳад, ки дар он эълонҳо, натиҷаҳои ҳамоишҳо ва тавсияҳои муҳими педагогӣ барои ҷомеаи илмии кишвар дастрас карда мешаванд.

13. «Academic.ru» («Академик») – хизматрасонии интернетиест баҳри ҷустори маълумот дар заминаи қомусҳо, мағозаҳои китоб, фарҳангномаҳои тафсирӣ ва тарҷумавиро бо ду ё бисёр забонҳо манзур медорад.

14. zarowadk.ru – қомуси хазинавӣ бо забони тоҷикӣ дар бораи таърих, забон, адабиёт, мероси хаттӣ, фарҳанги мардум, ашхоси алоҳида, эҷодиёти шифоҳӣ маълумот медиҳад, он ба китобхонаи электронӣ шабоҳат дорад ва онҳоро ройгон фарокаш кардан мумкин аст.

Барномаҳои мазкур ва донишномаву луғатҳои дигари электронӣ имкони донишандӯзӣ, маърифатнокии наврасону ҷавонон ва умуман хонандагону муштариёнро ба маротиб осону дастрас мегардонад. Истифода аз онҳо имкон фароҳам меорад, ки шахс бо сарфаи вақту меҳнат ва неруи ҷисмониву зеҳнӣ доир ба дастовардҳои ҷадид ва соҳаҳои гуногуни ҳаёту ҷомеа иттилоъ пайдо намояд. Лозим аст, ки ҷомеа аз онҳо огоҳона, эҳтиёткорона, ҳадафманд, бамаврид ва самаранок манфиат бардорад, то дурри мақсуд ҳосил гардад.

## Хулосаи боби сеюм

Фарҳанги нутқ яке аз рукнҳои асосии шахсияти инсон ва нишондиҳандаи сатҳи маънавиву ахлоқии ҷомеа мебошад. Дар раванди ташаккули ин фарҳанг,

бахусус, дар байни насли наврас, нақши арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ, ки дар ВПФ таҷассум ёфтаанд, ниҳоят зарур аст. ВПФ ҳикмати халқ аз таҷрибаи рӯзгор буда, дар шакли мухтасар, муҷаз ва пурмазмун ифода меёбанд ва дорои неруи бузурги тарбиявӣ ва зебошиносӣ мебошанд. Ҳар миллат дорои маҷмуи арзишҳои хоси худ аст, ки дар тули таърих ташаккул ёфтаанд. Ин арзишҳо аз қабили ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, эҳтироми калонсолон, покдоманӣ, адолатпарварӣ ва ғайра дар ВПФ ба таври равшану возеҳ инъикос гаштаанд. Онҳо нутқро ғанӣ, рангин ва пурмазмун месозанд. Агар хонандагон дар суханронӣ ё таҳияи корҳои хаттӣ аз ВПФ бамаврид корбаст намоянд, ин бозгӯйи зеҳни расо, тафаккури амиқ, нутқи такмилёфта ва донишу фарҳанги баланди онҳост. Омӯзиши ВПФ имкон медиҳанд, ки вожаву ифодаҳои хубу пуробуранг, инчунин шаклҳои мураккаби грамматикиро аз худ кунанд. Онҳо ба нутқ бадеият, образнокӣ ва муассирӣ мебахшанд. Таҳлилу баррасии сохториву семантикии онҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки мантиқи баёнро идрок ва тафаккури интиқодии худро инкишоф диҳанд. ВПФ дорои паёми маънавиву ахлоқӣ ҳастанд ва фарогирии онҳо ба ташаккули фарҳанги нутқ, шахсияти хушахлоқ, соҳибмаърифат, дарки тафовути некӣ аз бадӣ, ростӣ аз дурӯғ ва парвариши сифатҳои хубу шоиста таъсир мегузорад. Корбурди дуруст ва бамавқеи ВПФ дар муошират нишондиҳандаи салоҳияти иртиботӣ ва фарҳанги нутқ аст. Он ба хонандагон кумак мекунад, ки фикрҳои худро муҷазу мухтасар ва таъсирбахш баён намоянд.

Стандарт ва барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик барои омӯзиши ВПФ дар сатҳи зарурӣ мусоидат мекунад. Намунаҳои беҳтарину барҷастаи ВПФ-ро аз сарчашмаҳои гуногун пешниҳод карда, бо шарҳу тафсир ва машқҳои амалӣ ба дарк ва истифодаи дурусти онҳо заминаи мустаҳкам фароҳам месозанд. Интихоби ҳадди ақалли ВПФ барои синфҳои 5-9-ум бо назардошти синну сол, арзиши ахлоқӣ ва маъмул будани онҳо имкон медиҳад, ки хонандагон бо қисми муҳимми мероси фарҳангии халқи худ ошно шаванд ва барои истифода дар муошират ва дар зиндагӣ салоҳиятнок гарданд. Нақши омӯзгорон барои омӯзиш ва корбасти самараноки ВПФ дар ТФН-и

хонандагон хеле муҳим аст ва бояд тавассути истифодаи фановариҳои иттилоотӣ ва усули фаъол хонандагонро ба ҷустуҷуй ва таҳлили ВПФ ҳавасманд созанд. Барои дарки амиқи маънои ВПФ ва мавқеи истеъмоли онҳо дар нутқ машқҳои амалӣ мунтазам ташкил намоянд. Хонандагонро ба эҷоди иншо, эссе, нақли хаттӣ, кори лоиҳавӣ ва суханронӣ бо истифода аз ВПФ ташвиқ кунанд, зеро онҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги ҳар миллат воситаи тавоно дар ТФН ва арзишҳои ахлоқии насли наврас ва ҷавон ба шумор мераванд. Омӯзиш ва истифодаи фаъоли ВПФ дар раванди таълим ба тарбияи шахсияти комил, дорои фарҳанги баланди нутқ ва ахлоқи ҳамида мусоидат хоҳад кард. Аз худ кардани арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ, ки дар ВПФ нуҳуфтаанд, ба инкишофи фарҳанги нутқи хонандагон, бой гардонидани захираи луғавӣ, рушди тафаккури образнок, баланд бардоштани мантиқи суханронӣ замина фароҳам меоранд. ВПФ намунаи олии баёни фикрҳои амиқ дар шакли мухтасар мебошанд ва таҳлили онҳо ба хонандагон дар сохтани ҷумлаҳои мантиқӣ ва баёни афкору андеша ба таври зебову муассир кумак мекунанд ва нишонаи эҳтиром ба ҳамсуҳбат ва фарҳанги баланди шахс мебошад. Бо омӯзиши ВПФ хонандагон бо решаҳои фарҳангии худ пайванди қавӣ пайдо карда, арзишҳои миллиро идрок ва аз забон ва мероси пурғановати ниёкон ифтихор месозад. Бино ба истиноди донишмандон, сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ зарурати забономӯзӣ ва таъсири он ба пешрафти ҷомеа ва таҳкими худшиносии сокинони кишвар мавқеи назаррас дорад: «Дар таълимоти Пешвои миллат эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ – эҳтиром гузоштан ба Ватан, ба модар, ба миллат, ба фарҳанг ва тамаддуни хеш аст» [147, 31].

Барои инкишофи самарабахши фарҳанги нутқ тавассути ВПФ муҳим аст, ки омӯзгорон дар раванди таълим танҳо бо азёд кардани онҳо маҳдуд нашуда, ба таҳлили амиқ, дарки маънои аслӣ ва рамзии онҳо ва истифодаи амалӣ дар нутқ таваҷҷуҳи хосса зоҳир созанд. Интихоби ҳадди ақалли ВПФ-и тоҷикӣ барои омӯзиш дар МТМУ қадами муҳим дар ТФН ва таҳкими арзишҳои ахлоқии хонандагон мебошад. Ин интихоб бояд ба меъёрҳои муайян асос ёбад,

то ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати сатҳи идрок ба синну соли муҳассилин мувофиқат кунад. ВПФ бояд чунон интихоб шаванд, ки маънои онҳо ба хонандагон дастрасу фаҳмо ва дорои ҷанбаҳои зарурии ахлоқӣ бошанд, ки ба касби сифатҳои мусбати инсонӣ (донишомӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, эҳтиром, меҳанпарастӣ ва ғайра) равона гардад. ВПФ-е бояд интихоб шаванд, ки аз ҷиҳати сохт, бадеият ва мавзуъ дар ифодаи муассир ва нишонраси фикр ёрӣ расонад. Ба хонандагон зарур аст, то бо паҳлуҳои гуногуни ҳикмати мардумӣ ошно шаванд ва дар мавқеи муносиб онҳоро ба кор баранд. Шинохти дурусти ВПФ имкон медиҳад, ки бо бахши муҳимми мероси фарҳангӣ ва забони миллӣ ошно шаванд ва дониши андухта дар ташаккули шахсият ва такмили фарҳанги нутқи онҳо мусоидат намояд. Нутқи пурмазмун ва пуробуранг, ки бо ВПФ ғанӣ гардонида шудааст, салоҳиятнокии забонӣ, маърифатӣ, иртиботӣ ва адабии шахсро таҷассум месозад.

# БОБИ 4. РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ

## 4.1. Хусусиятҳои дидактикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ

Ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон бо низоми босалоҳият ба таълим иртиботи қавӣ дорад ва қобилияти муоширати самаранок, риояи меъёрҳои забони адабӣ, ифодаи равшани фикр ва истифодаи дурусти воситаҳои забониро таъмин месозад. Омӯзиши ВПФ хонандагонро ба мулоҳизаронӣ, таҳлили иттилоот, қобилияти амиқи маърифати матн, инкишофи тафаккур ва дарки арзишҳои бадеиву зебошиносӣ раҳнамун месозад. Хонандагонро барои истифода аз мероси гаронбаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ва дарёфти завқу маърифатнокӣ ва шинохти он раҳнамун месозад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи покизагиву назокати забон ва арҷгузорӣ ба ин арзиши пурғановати миллӣ замеша назари таваҷҷуҳи хос доранд: «Мо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки соҳиби чунин забони ширину гӯшнавози қадимӣ ва пурғановат, забони илм ва шеъру адаби оламгир ҳастем. Бояд ба қадри он расем, меҳрашро бо шири модар ба қалби фарзандонамон ҷо кунем ва ин анъанаро аз насл ба насл идома диҳем, то забони ноби тоҷикӣ умри ҷовидона» [147, 69].

Забони тоҷикӣ дар партави сиёсати ғамхоронаи давлат ҷойгоҳи таълимӣ, фарҳангӣ ва тарбиявии рушду инкишофро пайдо намуда, чун унсури ҳувиятсози миллӣ барои эҳёи дастовардҳои илмиву маърифатӣ фазои муносиби маънавӣ пайдо кардааст. Забони адабии тоҷик мазмун, маънавият, ҷаҳонбинӣ, мероси бузурги ниёконро ба худ таҷассум намуда, барои вусъат бахшидан ба мутолиаи осори гузаштаю имрӯз шароити мусоид фароҳам месозад. Ба ташаккули симои маънавӣ, фарҳанги нутқ ва парвариши одобу ахлоқи шоистаи насли наврас роҳ ҳамвор мекунад. Ба инкишофи зеҳнӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, тарбияи ҳисси зебопарастӣ, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии онҳо

мавқеи назаррас дорад. Таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ аз он ҷиҳат аҳаммият дорад, ки бо ТФН фаъолнокии фикрӣ, қобилияти эҷодӣ, таҳқиқӣ ва ҷустуҷӯйӣ дар асоси осори бадеӣ, муошират ва таҳияи корҳои хаттӣ ба роҳ монда мешавад. Маҳз тавассути коркарди ВПФ аз матнҳои илмӣ ва бадеӣ маҳорати хондан, нақл кардан, навиштан ва рушди фарҳанги нутқ амалӣ мегардад. Дар ин замина хонандагон ба ташаккули салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва адабӣ даст меёбанд. Дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳаёт пайвастани таълим, зарурати инкишофи малакаву маҳорати иҷрои корҳои амалӣ аз ҷониби хонандагон махсус қайд гаштааст: «...дарси омӯзиши маводди нав ба дарси ошкорсозии дониш табдил дода шавад: хонандагон мустақилона мақсади дарс ва мушкилотро муайян месозанд ва бо омӯзгор якҷоя роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷуй менамоянд. Муносибати махсус ба инкишофи нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ аз он сар мезанад, бинобар ин диққати хонандаро дар ҳар як синф ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии гуногун бояд ҷалб кард» [8, 13].

Ин масъала ҳанӯз дар солҳои чилуми асри гузашта роҳандозӣ ва дар барномаи таълими соли 1941-ум ба иҷрои навъҳои гуногуни кори инкишофи нутқ соатҳои алоҳида муқаррар шуда буд: «Хелҳои гуногуни кори инкишофи нутқ (коғазҳои корӣ, нақли хаттӣ ва иншо, кор бо луғат) чӣ дар дарси забон ва чӣ дар дарси хониши адабӣ гузаронидан зарур аст» [14, 8]. Мутаассифона, аз соли 1950-ум то 1960-ум дар барномаи таълимӣ роҷеъ ба масъалаи инкишофи нутқ таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст. Чи хеле ки равишшиносон ба мушоҳида гирифтаанд, минбаъд дар барномаҳои таълим ин масъала мавқеи муносиб пайдо мекунад. Аз ҷумла, дар барномаи таълими соли 1961-ум ташаккули маҳорату малакаи мутолиаи асарҳои бадеӣ, хониши дуруст ва ифоданок, риояи оҳанги талаффуз, луғатомӯзӣ, аз худ намудани маводди назарӣ ва амалии китобҳои дарсӣ, машқу супоришҳои гуногун доир ба калимасозӣ, ибора ва ҷумласозӣ, иҷрои машқҳои шифоҳӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои коргузорӣ дар мадди назари таълиму омӯзиш қарор дошт. Масъалаи инкишофи нутқ, талаффузи адабӣ ва хониши буро дар ҳар як боби барнома бо сархатти махсус нишон дода шудааст. Дар бахши охири барнома зарурати таваҷҷуҳ ба забони асарҳои бадеӣ

ва инкишофи нутқи муураттаб қайд гаштааст. Дар барномаи солҳои 1978-1979-ум дар мавзуи «Инкишофи нутқи мураттаб» боби алоҳида дода шуда буд, ки ҳам ба таълими забони модарӣ ва ҳам ба таълими адабиёт дахл дошт» [293, 91]. Дар барномаҳои минбаъдаи таълим пайваста оид ба инкишофи нутқ тағйирот ба назар мерасад. Ин тағйирот бештар ба рушди малакаи амалии воситаҳои забон нигаронида шудааст: «...бартарии барномаи соли 1987 аз барномаи соли 1980 он буд, ки пас аз номгӯйи маводди назариявӣ бо номи «Маданияти сухан» мундаричаи корҳои амалии хонандагон пешниҳод карда шуда буд, ки тавассути он донишҳои аз назарияи забон омӯхтаи хонандагон такрору мустаҳкам мегардид» [203, 25].

Ҳамчунин барои ташкили корҳои амалӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик низ миқдори ниҳоят кам – дар ҳар синф ҳамагӣ 5-8 соат ҷудо гаштааст. Роҳҳои гузаронидани корҳои амалӣ ба ихтиёри омӯзгорон вогузор ва иҷрои корҳои хаттӣ тарҷеҳ дода шудааст: «Агар муаллим бештари соатҳои корҳои амалиро барои иншонависии шогирдон ҷудо намояд, кораш омад мекунад, зеро сайқал додани сифати гуфтор ва сатҳи навиштори хонандагон аз маҳорату истеъдоди муаллим сахт вобастагӣ дорад» [3, 14]. Инкишофи нутқи хонандагон мафҳуми методологӣ буда, маҷмуи принсип, усул ва роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқ, қобилияти ифодаи дуруст, равон, мантиқӣ ва таъсирбахши фикр, раванди мақсаднок ва самарабахши такмили маҳорати истифодаи воситаҳои забон дар муошират маҳсуб меёбад. Ба ақидаи М.Р.Львов «раванди азхудкунии нутқ: воситаҳои забон (фонетика, лексика, грамматика, фарҳанги нутқ, услубҳо) ва механизмҳои нутқ – дарк ва баёни андешаи онро дар бар мегирад» [261, 169]. Ин таъриф ҷанбаҳои асосии инкишофи нутқи хонандагонро инъикос мекунад:

1. Ҷанбаи лингвистӣ (забонӣ).
2. Ҷанбаи методӣ ва адабӣ (бадеӣ, танқиди адабӣ, суханшиносӣ).
3. Ҷанбаи равоншиносӣ.

Аз муқарраироти мазкур бармеояд, ки ҷиҳати лингвистӣ (забонӣ) дар ҷойи аввал меистад. Аз натиҷаҳои пешбинишудаи инкишофи нутқ дар дарсҳои

адабиёти тоҷик бармеояд, ки бе истифодаи маводди назариявӣ ва амалии забон хонандагон фикру ақидаҳои худро дуруст ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда наметавонанд. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерини масъаларо қайд кардан мумкин аст:

1. Таҳлили ВПФ аз рӯйи матни асари бадеӣ.

2. Ба роҳ мондани кор доир ба таҳияи монологҳо дар мавзуъҳои адабӣ: ҳифзи ашъор, такрори матнҳо, таҳияи корҳои эҷодӣ.

3. Ташкили муоширати хонандагон дар вазъиятҳои гуногун.

4. Эҷоди ҳолатҳои нутқ бо истифодаи ВПФ.

5. Фаъолсозии ҳамгироии дарси адабиёти тоҷик бо дигар фанҳо.

Ба сароҳат дарк мешавад, ки муҳаққиқон масъалаи фарҳанги нутқро дар иртибот ба масъалаи салоҳияти иртиботии хонандагон фаъолона баррасӣ мекунанд. Салоҳиятнокӣ аз фанни ЗАТ ба инкишофи нутқ гираҳ мехурад ва он чун «қобилияти шахс барои хондан ва фаҳмидани ҳама гуна матнҳои хаттӣ ва маводди таълимӣ, ки ба такмили малакаи гирифтани маълумоти зарурӣ аз чизи хондашуда, инчунин андешаронӣ оид ба мавзуи пешниҳодшуда» [2, 23] муайян карда шудааст. Дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик пойдевори саводи хониш ва маърифатнокии шогирдон мебошад, салоҳияти иртиботӣ ва маърифатии онҳо барои ворид шудан ба ҷомеаи муосир такмил меёбад. ТФН-и хонандагон маҳорати одии хонандагон нест, балки чун воситаи асосии муошират ва ҳам ҳусни баён хизмат карда, симои маънавӣ ва шахсияти соҳибмаърифати насли наврасро дар ҷомеа муаррифӣ месозад. Ба назари мо, ба ин мазмун фаҳмидани «ташаккули фарҳанги нутқ» мукаммал ва саҳеҳ аст. Корбасти усули гуногуни ТФН-и хонандагон дар заминаи ВПФ чун арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ муҳим буда, дар нутқи шогирдон бисёр маврид захираи ками луғавӣ, истифодаи нодурусти вожаю иборахо, вайрон кардани ягонагии услуби матн ба назар мерасад. Масъалаи ташаккули фарҳанги нутқи мураттаби хонандагон дар адабиёти илмию методӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор ёфтааст. Ба ақидаи В.В.Голубков, «методологияи инкишофи нутқ ҳамчун илми мустақил танҳо дар солҳои 20-30-юми асри гузашта (асри XX) ташаккул ёфтааст» [48, 250]. Он

замон марҳалае буд, ки методикаи инкишофи нутқ ба методикаи таълими адабиёт дохил карда шуда, ҳанӯз фаъолона мавриди омӯзиш қарор нагирифта буд. Танҳо тайи солҳои охир олимон ба муайян кардани роҳу усули рушди маданияти нутқ шуруъ намудаанд. Ба ақидаи М.Р.Львов, «методологияи инкишофи нутқ ба назарияи фаъолияти нутқ, назарияи матн, танқиди адабӣ, услубшиносӣ, мантиқ ва методологияи хониш зич алоқаманд аст» [261, 107].

Дар ҳалли масъалаҳои рушди фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ ва муҳассилини макотиби олӣ саҳми донишмандону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, С.Шербоев, С.Аминов, А.Байзоев, А. Насриддинов, А. Абдуқодиров, С. Неъматов, С. Ҳоҷиев, М. Аҳмадов, Ш. Исмоилов, Ш. Исломов, А. Мулло, Н.В.Колоколсев, М.Р.Львов, Т.А.Ладиженская, М.Т.Баранов, В.И.Капинос ва дигарон назаррас аст. Бо истифода аз асарҳои бадеӣ ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон, инкишофи нутқи мураттаб аз вазифаҳои асосие мебошанд, ки дар кори амалии омӯзгорони фанни ЗАТ ва таҳқиқоти бунёдию амалии методистон ҳал мегарданд: «Омӯзгор хонандагонро ба хондани асари бадеӣ омода карда барои азхуд кардани мундариҷа машғулияти махсус мегузаронад. Хонандагон зери роҳбарии вай образҳои асосии матни бадеиро меёбанд, маънӣ ва дарунмояи асарро ошкор мекунанд, аз рӯйи нақшаи қаблан мураттабкардаашон ба саволҳо посух медиҳанд» [115, 99]. Дар чунин машғулиятҳо метавон дар бораи муаллиф, давраи эҷоди асар, ғоя, мавзуъ ва масъалаҳои асосии асарро баррасӣ намуд. Ин навъи машқу тамрин ҳама гуна равандҳои маърифатӣ, ба монанди диққат, хотир, тафаккур ва нутқро инкишоф дода, ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ, адабӣ, раванди эҷодӣ ва камолоти маънавии хонандагон мусоидат менамояд. Бино ба қайди Н.В.Колоколсев маҳорати суханронӣ аз мутолиаи китоби бадеӣ муяссар мегардад: «Адабиёт ҳамчун инъикоси образноки воқеият манбаи адонашавандаи ғанӣ гардонидани нутқи хонандагон ба шумор меравад. Дар баробари ин суханронии инкишофёфта яке аз шартҳои муҳимтарини дарки пурраи адабиёти бадеӣ мебошад» [257, 3].

Таҳлилу баррасии ВПФ-и асари бадеӣ аз рӯйи низоми муайян ва барномарезии дуруст барои кушодани дарунмояи асарҳо, густариши донишҳои назарӣ, дарки бошууронаи маводди таълим, соҳибмаърифат гардидани хонандагон хидмат мекунанд ва боиси камолоти маънавӣ ва шаклгирии шахсияти комили насли наврас дар ҷомеаи муосир мегарданд. Арзиши маърифативу амалии кор бо матни асари бадеӣ инкишофи нутқи шифоҳиву хаттии хонандагонро таъмин месозад: «Кор бо матн бо инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон пайванди устувор дорад. Он навъҳои хеле гуногун дорад ва ҳамеша бо хониши бадеӣ ҷур аст. Омӯзгор дар ҷараёни хониши бадеӣ, азбаркунӣ, мураттаб сохтани нақша ва нақли мазмуни матн ба инкишофи нутқи шогирдон эътибор медиҳад» [30, қ.2, 370].

Инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ба ҳам алоқамандона сурат мегирад, зеро ҳангоми таҳлили шифоҳии масоили назарӣ ва намунаи ВПФ аз матни бадеӣ қобилияти ифодаи хаттии фикр такмил меёбад. Кор оид ба нутқи хаттӣ малакаҳои ташаккули афкори шахсии хонандагонро инкишоф дода, тафаккурро фаъол месозад. Хонанда ҳангоми иҷрои супориши хаттӣ барои дуруст сохтани ҷумла саъй намуда, ба мантиқи баён, интихоби калимаҳои мувофиқ, тарзи алоқа ва мавқеи истеъмоли онҳо диққат медиҳад. Иҷрои мунтазами ин кор ба нутқи хаттӣ, дар навбати худ, ба инкишофи нутқи шифоҳӣ низ мусоидат мекунад. Ба хонандагон омӯзонидани тарзи дурусти ифодаи фикр, тарзи таҳияи корҳои хаттӣ, муоширати хуб, ҷавоби дуруст гуфтан ба пурсишҳо зарур аст. Риояи таносуби сухан, муҷазбаёнӣ, муҷазӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, воситаҳои тасвир ва ВПФ-ро шарҳ дода тавонад. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба инкишофи нутқи хонандагон дар муқоиса бо нутқи муколамавӣ ба нутқи монологӣ бештар эътибор медиҳанд. Омӯзгоронро зарур аст, ки бомантиқ, бурро, муҷазу мухтасар сухан гуфтанро ба шогирдон аз худ кунонанд. Дар баёни фикр аз воситаҳои гуногуни забон ва муродифоти луғавӣ босамар корбаст намоянд ва ин яке аз вазифаҳои бунёдии омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад, зеро таровату ҷозибаи сухан маҳз дар муҷазбаёнӣ, муҷазӣ ва истифодаи бомаҳорати санъатҳои бадеию унсурҳои эҷодиёти шифоҳии халқ

зоҳир мегардад. Ҳарчанд дар усули мавҷудаи таълим ва дарсҳои забони тоҷикӣ ба инкишофи нутқи хаттӣ афзалият дода мешавад, вале воқеият нишон медиҳад, ки нутқи шифоҳӣ дар зиндагӣ ва салоҳиятнокии иртиботӣ мавқеи бештар дорад. Нутқи шифоҳӣ дар раванди муколамаи ду ва ё зиёда шахс шакл мегирад, баъдан инсон барои ифодаи фикри мустақили монологӣ тайёр мешавад, қобилияти андешарониаш фаъол мегардад ва ин беҳтарин роҳи инкишофи нутқи шифоҳӣ аст. Дар ин самт, вазифаи асосии омӯзгорон аз он иборат мебошад, ки ин таносубро устувор сохта, ба шогирдон суханронии бомантиқ, буро, муҷаз ва ҷаззобро омӯзанд, то онҳо зимни баёни фикр аз воситаҳои тасвир, воҳидҳои забон, санъати суханварӣ ва муродифоти луғавӣ бамавқеъ корбаст намояд. Дар ниҳоят, бояд ба назар гирифт, ки бе қобилияти дарк кардан ва фаҳмидани нутқи шифоҳӣ, омӯхтани суханронии фаъол ғайриимкон аст ва дар ин раванд риояи меъёрҳои умумии мансуб ба нутқи шифоҳӣ ва ҳам ба нутқи хаттӣ, аз қабили дурустии мазмуну мантиқ, фаҳмо будани сухан, саҳеҳии баён ва таъсирбахшии калом пойдевори ташаккули фарҳанги нутқи насли наврасро ташкил медиҳад. Нутқи шифоҳӣ талаффузи дурусти калимаҳо ва ҳамзамон дарки маънои онҳоро зимни шунидан тақозо мекунад. Инро дар натиҷаи таҷрибаи бомаҳорати муошират, машқу тамрини пайваста ҳосил кардан мумкин аст:

1) дониши зарурӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик;

2) таъмини захираи бойи луғавии шогирдон дар раванди мутолиа, идроки мазмуну муҳтавои асари бадеӣ ва таҳлили хусусиятҳои грамматикӣ ва ғояву мазмуни матни таълимӣ;

3) ташаккули салоҳияти иртиботӣ, қобилияти баёни возеҳу фасеҳ ва балеғи фикр;

4) дониши мукаммал доир ба ВПФ;

5) фаҳмидани ҷилоҳои нозуки маъноии вожаҳо ва мавқеи корбасти ВПФ.

Ба ҳамаи ғалатҳои нутқи шифоҳӣ диққат дода, сари вақт ислоҳ намудани онҳо зарур аст: хатоҳои муқаррарии такроршавандаро нишон дода, сабабҳои содиршавии онҳоро ошкор кардан; мубориза ба муқобили хатоҳои нутқ

инфиродӣ; муаррифии намунаҳои беҳтарини суханварӣ. Маҷмуи машқҳо (муколама, маъруза, ҳикояҳо) барои рушди нутқ дар ҷараёни дарсҳои ЗАТ мавҷуд буда, теъдоди муайяни ВПФ барои фаъолсозӣ ҳанӯз пеш аз таҳлилу коркарди матнҳои мушаххас интихоб карда шавад. Машқу супоришҳо бояд имкони истифодаи калимаҳоро ба маъноҳои гуногун ва дар мавқеъҳои мувофиқ пешниҳод кунанд. Ин усули қаблан шинос шудан бо мазмуни ВПФ барои дуруст фаҳмидани вазифаву муҳтавои забони асарҳои бадеӣ замина ба вуҷуд меоварад. Тамоми системаи машқҳои тайёрӣ ва ҳам амалии нутқ (гуфтори озоди муколамавӣ ва монологӣ) ба тафаккури образнок ва ифодаи бадеӣ асос меёбад. Аз ин рӯй, лозим аст, ки хусусияти жанрҳои бадеӣ, вобастагии он ба хусусияти услуби эҷодӣ ва жанри адабии нависанда ба назар гирифта шавад.

Усули дигари ТФН-и хонандагон ба фаъолияти эҷодии онҳо вобаста намудани иттилооти аз матни таълимӣ гирифта мебошад, ки дар асоси шарҳи маънои ВПФ нақли мазмуну муҳтавои матн ва зикри иқтибосҳо ба роҳ монда мешавад. Дар машғулиятҳо муҳассилин матнро ба таври эҷодӣ омӯхта, мазмуни онро на танҳо бо калима ва ибораҳои фаҳмову умумиистеъмолӣ, балки ба воситаи таъбиру ифодаҳои образноки матн баён мекунанд. Омилҳои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагони синфҳои 5-ум мушаххасан дар Стандарти забони тоҷикӣ чунин қайд шудааст: «Ба вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мавқеи забонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа дар сатҳи дониши андухта шарҳ додан, рисолати забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан, баҳодиҳӣ ба матнҳои зарбулмасал, мақол, чистон» [8, 33]. Мувофиқи ин тавсия чунин роҳҳои ТФН-и хонандагонро зимни омӯзиши ВПФ метавон пешниҳод кард:

1. Ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон.

ВПФ захираи луғавии хонандагонро бой мегардонанд, барои шиносоӣ бо ҷилоҳои маъноии вожаву ибораҳое, ки хонандагон дар нутқи худ истифода бурда тавонанд, таъмин месозад. Он имкон медиҳад, ки фикри худро дақиқтар ва рангинтар баён кунанд. Захираи луғавии хонанда табиатан аз миқдору шумор ва сифати калимаҳое, ки азхуд кардааст ва дар нутқ истифода мебарад,

иборат аст. Вақте ки ба омӯзиши ВПФ таваҷҷуҳ мекунад, ин захира ба таври назаррас меафзояд. Дар Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои 5-11-ум инчунин ба таълими воҳидҳои фразеологӣ соатҳои алоҳида дода шудааст. Маълум аст, ки фразеологизмҳо воҳиди том ва мустақили луғавӣ мебошанд. Ҳар як фразеологизм ба мисли калимаи алоҳида ё якчанд калима ба луғати фаъоли хонанда дохил мешавад. Масалан, хонанда вақте ибораи «худро ба даст гирифтан»-ро меомӯзад, на танҳо маънои «худдорӣ кардан» ё «худро аз коре боз доштан»-ро идрок менамояд, балки дарки маънои маҷозии «қаҳру ғазаби худро фурӯ нишондан»-ро дар заминаи маънои аслии таркиби вожаҳо азхуд мекунад.

Инчунин ибораи «худро бой додан» дар забони тоҷикӣ ба маънои маҷозии:

1. Аз тарс чӣ кор кардани худро надониста мондан.
2. Сахт тарсидан.
3. Аз қувваю дармон рафтан, бе ҳолу нотавон гардидан.
4. Худро гирондан [341, ҷ.2, 314] истифода мешавад.

Ибораи боло ба ҳолатҳое ишора мекунад, ки шахс ба коре иқдом мекунад, ки шояд душвор, хатарнок ё натиҷаи он номаълум бошад. Бо тартиб додани ҷумлаҳо бо маъноҳои аслӣ ва маҷозии ибораҳо хонанда на танҳо маънои воҳидҳои фразеологиро аз худ мекунад, балки қолаби наҳвии баёнро ба захираи луғавии худ илова менамояд. ВПФ на танҳо ҷузъи ҷудонашавандаи забони тоҷикӣ, балки дар бой гардонидани таркиби луғавии хонандагон мавқеи назаррас доранд. Ин раванд дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ зимни омӯзиши таъбирҳо ва воҳидҳои фразеологӣ ба таври зерин сурат мегирад:

а) Дарки муносибатҳои синонимӣ ва антонимӣ. Фразеологизмҳо аксаран бо калима ё ибораҳои озоди синонимӣ мувофиқат мекунанд. Омӯзиши онҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки як маъноро бо чанд навъ баён кунанд. Масалан, «суҳбат авҷ гирифтан» ва «суҳбати касе гарм шудан; суҳбати касе даргирифтан; суҳбат тафсидан; суҳбат қаймоқ бастан»; «сари касеро гиҷ кардан» ва сари касеро гаранг кардан» ба ҳам синоним мебошанд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар интихоби вожаҳо зимни баёни фикр ҳушёр ва зирак бошанд.

Шарҳи муродифоти таъбирҳо ва бамавқеъу дуруст ба кор бурдани онҳо эътибори ҷиддиро тақозо дорад ва ба ин табиати забони тоҷикӣ, ки саршор аз муродифот аст, мусоидат менамояд. Чунончи иҷрои супориши машқи 140-и китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 7 [26, 102] тақозо дорад, ки хонандагон бо фразеологизмҳои додашуда шинос шуда, хусусиятҳои маънoии онҳоро дарк намоянд. Ҳамчун намуна ҷумлаи зер пешниҳод мешавад: «Муҳаммадалӣ ин таърифро шунида, аз хурсандӣ дар ҷомааш намеғунҷид». Муродифҳои ибораи фразеологии «дар ҷома нағунҷидан» дар поёни супориш омадааст: «Онҳо ба ҳам муродифанд ё не?» [26, 101]. Фразеологизмҳои зеринро хонда шарҳ диҳед ва муродифҳои онҳоро дар рӯбарӯяшон нависед: саҳари солеҳон, пашаро озор надодан, аз дилу ҷон, дасту по хурдан, мум газидан, забон баровардан [26, 99].

Ибораи «дар ҷома нағунҷидан» дар забони тоҷикӣ маънои маҷозӣ дорад ва ба ҳолати эҳсосии инсон, яъне хурсандӣ, шодӣ ё ифтихори аз ҳад зиёд ишора мекунад. Вақте ин ибора истифода мешавад, маънои онро дорад, ки шахс чунон шод ё ифтихорманд аст, ки гуё ба «ҷома» (либоси маъмулӣ) намеғунҷад, яъне эҳсосоти ӯ аз андозаи муқаррарӣ берун аст. Яъне муродифҳо ва ибораҳои ҳаммаъно ҳастанд, ки метавонанд ба ҷойи ибораи «дар ҷома нағунҷидан» истифода шаванд. Масалан: ба пӯст нағунҷидан: Ин яке аз наздиктарин ва маъмултарин муродифҳост. Он киноя аз ниҳоят шоду масрур будан [341, ҷ.1, 423]. Мисол: «Нишаста ҳар яке чун дӯст бо дӯст, Намегунҷид кас чун ғунча дар пӯст» [341, ҷ.1, 423].

Ғайр аз мисолҳои китоби дарсӣ муродифоти дигари ин воҳиди фразеологиро низ баррасӣ кардан аз манфиат холӣ нест: Аз шодӣ худро гум кардан: Ин ибора ба ҳолати аз ҳад зиёди шодӣ ишора мекунад, ки инсон метавонад каме аз худ равад ё рафтори ғайриодӣ кунад. Ба замин нағунҷидан (аз хурсандӣ/ифтихор): Ин ибора ба маънои он аст, ки шахс аз шодӣ ё ифтихор чунон сабук шудааст, ки гуё аз замин бардошта мешавад. Мисол: «Аз ифтихори муваффақияти дастааш ба замин намеғунҷид».

Ё худ: пару бол баровардан: Ибораи образноке, ки ба сабукӣ ва эҳсоси парвоз аз хурсандӣ ишора мекунад. Мисол: «Ҳамин ки хабарро шунид, гуё аз шодӣ пару бол баровард». Ин муродифҳо имкон медиҳанд, ки ҳангоми ифодаи шодӣ ё ифтихори аз ҳад зиёд дар нутқ аз гуногунрангӣ истифода гардад [26, 102].

Дар китоби синфи 11-ум барои назарсанҷии дониши хонандагон аз фасли таъбирҳо шарҳи ВПФ супориш дода шудааст: «Худро гум кардан» – «Дасту по хурдан» ва «Аз изо мурдан – Замин намекафад, ки дароям» - дар кадом қолабҳои наҳвӣ ифода ёфтаанд ва аз муродифи луғавиашон чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ доранд?» [68, 55]. Машқи 40. Матнҳоро хонед, воҳидҳои фразеологиро дар шакли ибора ё ҷумла ба дафтар навишта, муродифи луғавиашро ёбед ва муқаррар кунед, ки маънои муштараки он чӣ тарз ифода ёфтааст ва муродифҳои луғавию фразеологӣ аз ҳамдигар чӣ фарқи тобиши маъно ва ё обуранги услубӣ доранд.

б) Фразеологизмҳои антонимӣ

Фразеологизмҳои антонимӣ ибораҳои устуворе мебошанд, ки маънои муқобил доранд. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки фикрҳои муқобилро бо истифода аз тасвирҳои хос ва образнок баён кунем. Мисол: Дили танг; дили васеъ; дил гарм шудан, дил хунук шудан; димоғ сӯхтан, димоғ чоқ шудан; забони касеро кушодан, забони касеро бастан. Дар бораи мақом ва эътибори инсон: Сар ба осмон расидан (хеле ифтихорманд шудан, мағрур шудан, ба мартабаи баланд расидан): Баъди ин муваффақият ӯ сараш ба осмон расид; Сархам шудан (шарманда, забонкутоҳ шудан): Вақте аз корҳои ношоистааш ҳама бохабар шуданд, аз азоби виҷдон сархам мегашт. Супориши машқи 162 ба омӯзиши навъҳои фразеологизмҳо мусоидат менамояд: «Аз «Луғати фразеологизмҳои мактабӣ» панҷтоӣ фразеологизмҳои омонимӣ, муродифӣ ва зидмаъноро ёфта нависед ва шарҳ диҳед» [26, 107]; Антоними ВФ-и дӯст доштан – бад дидан; некӣ кардан – бадӣ кардан; сабру тоқат кардан – бесабрию бетоқатӣ кардан; ҷавонӣ – пирӣ, бисёр – камро навишта, шарҳ диҳед, ки аз ҳамдигар чӣ фарқи маъноӣ ё услубӣ доранд» [68, 57];

Дар асоси ҷуфтҳои муқобилмаънои таъбирҳои пешниҳодшуда, муродифҳои фразеологии онҳо муайян шуда, таҳлили тафовутҳои маъноиву услубии ин ду гурӯҳ дар чунин шарҳ дода мешавад: барои «дӯст доштан – бад дидан» таъбирҳои «дил бастан, дил бохтан, дил додан, дил мондан, дили касе нарм шудан, дил ба касе гарм шудан, дили касе ба касе об хурдан, дилдода шудан, дили касеро банд кардан – чашми дидан надоштан, дил мондан, дил кандан, дили касе вайрон, дил аз касе гаштан, дили касе озор ёфтан», барои «некӣ кардан – бадӣ кардан» таъбирҳои «ба касе дасти ёрӣ дароз кардан – касеро пешпо додан», барои «сабру тоқат кардан – бесабрию бетоқатӣ кардан» ибораҳои «дандон ба дандон гузоштан – косаи сабр лабрез шудан», барои «ҷавонӣ – пирӣ» таъбирҳои «айёми шукуфоӣ – охири умр, пухта мондан» ва барои «бисёр – кам» воҳидҳои фразеологии «аз моҳ то моҳӣ, як дунё, як китоб, як олам – як каф, мисли кафки даҳон, як дам» истифода мешаванд. Тафовути асосии маъноӣ ва услубии ин муродифҳои луғавӣ ва фразеологӣ дар он аст, ки калимаҳои одии луғавӣ танҳо маънои асливу хабарии мафҳумро баён мекунанд, аммо воҳидҳои фразеологӣ дорои обуранги тасвирӣ, бадеӣ ва ҳиссӣ мебошанд. Масалан, калимаи «бад дидан» танҳо як эҳсоси одиро мерасонад, вале таъбири «чашми дидан надоштан» дараҷаи баланди адоват ва ҳасадро бо тасвири табиии зоҳирии инсон нишон медиҳад; ё калимаи «пирӣ» синни инсонро ифода кунад, ибораҳои «охири умр ва пухта мондан» фоҷиа ва наздикии маргро ба таври аёнӣ таҷассум месозад. Аз нуқтаи назари услубӣ муродифҳои луғавӣ бештар умумистеъмол ва хоси услуби илмиву расмӣ мебошанд, аммо воҳидҳои фразеологӣ маҳсули тафаккури халқ буда, бештар дар услуби бадеӣ ва нутқи гуфтугӯйӣ барои зинда, муассир, пуртаъсир ва образнок кардани фикр ва ҷалби диққати шунаванда ё хонанда ба кор бурда мешаванд.

в) Гунанокии фразеологизмҳо.

Таркиби воҳидҳои фразеологӣ, баъзан, тағйир меёбанд ва гунаҳои нави воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд меоянд. Чунончи ибораи «чашм дӯхтан» дар қолабҳои «чашм андохтан // чашм давондан // чашм партофтан // назар дӯхтан», «хотири касе ҷамъ будан // хотири касе осуда будан», «хоб паридан // хоб

гурехтан», «аз хок гирифта ба лой задан // аз хасрубадон гирифта ба лойдон задан», «шинам афтодан // шинам омадан», «худро ба нофаҳмӣ задан // худро ба нофаҳмӣ андохтан // худро ба нодонӣ задан» истеъмол мегардад. Мавҷудияти гунаҳои гуногуни як фразеологизм хусусияти ивазнашаванда будани калимаҳои дохилии онро инкор карда наметавонад, зеро ҳар як воҳиди фразеологӣ миқдори муайяни вариантҳои худро дошта, аз ин ҷиҳат, доираи тағйирёбии ҷузъҳои он маҳдуд аст. Бо тақозои вазъи баён гоҳо муодилҳои нави воҳидҳои фразеологӣ сохта мешаванд. Барои аз худ кардани ин масъала иҷрои машқи 44-ум дар синфи 11-ум мусоидат менамояд: «Кадом тарзи ифода қобили қабул аст? Ба дафтаратон нависед ва сабаби интихоби худро хаттӣ шарҳ диҳед:

1. Бадон агарчи аз уҳдаи бадӣ набароянд, аз бадгӯйӣ ва забондарозии худ бознамеистанд;

2. Ҳар каси дидаю надида ҳаваси зиндагии онҳоро як бор мехурад; Ба либоспушии дугонаҳояш нигариста ҳавасаш меомад; Меҳмонҳо маро дида ҳавасашон мерафт; Мардуми деҳа навхонадоронро дида ҳавас мекарданд, ки кош ба онҳо низ чунин арусу домод насиб гардад;

3. Аз аҳволи ояндаи ман хавотир накашӣ ҳам, мешавад; Кампир аз ин аҳволи писараш ба хавотир афтода бо овози хаста пурсид; Шабу рӯз хавотирӣ мекашам, ки аҳволи фарзандонам дар мамлакати бегона чӣ хел бошад» [68, 57].

Барои муайян кардани тарзи ифодаи қобили қабул ҳар як ҷумла аз назари меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ: сабки баён, фразеология ва грамматика таҳлил карда мешавад:

**1.** Ин ҷумла комилан дуруст ва бо риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ сохта шудааст. Истифодаи вожаҳои «бадон», «аз уҳдаи бадӣ баромадан» ва «забондарозӣ» ба сабки китобӣ ва бадеӣ-публитсистӣ мувофиқат мекунад. Сохтори грамматикии он низ нуқсе надорад.

**2.** Дар забони адабии тоҷикӣ ибораҳои «ҳавас хурдан», «ҳавас омадан» ва «ҳавас рафтан» бештар хоси забони гуфтугӯйӣ ё лаҳҷавӣ мебошанд. Ифодаи устувори адабӣ ва қобили қабул «ҳавас кардан» мебошад. Бинобар ин, дар ин

ҷумла танҳо ҷумлаи охирин (*«Мардуми деҳа навхонадоронро дида ҳавас мекарданд...»*) аз назари меъёри забони адабӣ комилан дуруст аст.

**3.** Калимаи «хавотир» аслан сифат аст (маънояш: парешон, изтироболуд). Феълҳои «хавотир кашидан» ё «ба хавотир афтодан» аз назари меъёри адабӣ чандон устувор нестанд. Дар забони адабии тоҷикӣ ба ҷойи онҳо истифодаи вожаву ибораҳои «хавотир шудан», «ташвиш кашидан», «андӯҳгин шудан» ва «ба ташвиш афтодан» зарур ва дурусттар аст.

Ҷумлаи аввал аз назари услуб, сохтори синтаксисӣ ва интихоби калимаҳо ба меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ комилан мувофиқ аст ва фикрро равшану равон ифода мекунад. Дар банди дувум, ибораҳои «ҳавас хурдан», «ҳавас омадан» ва «ҳавас рафтан» бештар хусусияти гуфтугӯйӣ ва лаҳҷавӣ доранд, аз ин рӯ, танҳо ҷумлаи охирини он бо феъли таркибии «ҳавас кардан» ҳамчун шакли устувори адабӣ қобили қабул аст. Дар банди севум ифодаҳои «хавотир кашидан» ва «ба хавотир афтодан» аз назари меъёри адабӣ чандон саҳеҳ набуда, ба ҷойи онҳо истифодаи «ташвиш кашидан» ё «хавотир шудан» афзалтар дониста мешавад.

2. Такмили образнокӣ ва таъсирбахшии нутқ.

Фразеологизмҳо дорои маънои маҷозӣ ва ифоданок мебошанд. Қадами аввал дарк кардани маънои маҷозии фразеологизмҳост. Омӯзгор бояд ба хонандагон ёрӣ расонад, ки чаро як таркиби муайян дар мавридҳои гуногун маънои дигарро ифода мекунад. Ин таҳлил тафаккури маҷозиро тақвият мебахшад. Истифодаи дурусти онҳо нутқро ҷолиб ва пур аз тасвирҳои бадеӣ мегардонад. Аксари фразеологизмҳо дорои маънои маҷозӣ мебошанд, ки дар асоси ташбеҳ, метафора, метонимия ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ сохта шудаанд. Маънои маҷозӣ тасвири зеҳнӣ ва эҳсосии мушаххасро дар шунаванда ё хонанда ба вуҷуд меорад. Масалан, ба ҷойи «ӯ хеле ғамгин буд» гуфтан, «ӯ дилшикаста буд» гуфтан - бозгӯйи тасвири амиқтари ҳолати шахс мебошад. Он имкон медиҳад, ки хонандагон дар нутқи худ аз баёни хушку бетаъсир дур шуда, ба он ҷавҳари эҳсосӣ ва тасвирӣ бубахшанд.

Фразеологизмҳо аксаран ба тасвирҳои ҳиссӣ ё ҳолатҳои воқеӣ асос ёфта, сипас ба маънои маҷозӣ гузаштаанд. Масалан, «аз пашша фил сохтан» дар зеҳни шунаванда тасвири муболиғаомезро эҷод мекунад. Баъзе фразеологизмҳо бевосита эҳсосот (хушҳолӣ, ғамгинӣ, хашм, тааҷҷуб) ё муносибат (масхара, таҳқир, таъриф)-ро ифода мекунанд. Ба монанди «ҷигархун шудан» ҳисси андуҳи амиқро мерасонад. Ин қобилияти фразеологизмҳо ба хонандагон дар эҷоди тасвирҳои зебо ба нутқ неруи муассир мебахшад ва ба хонандагон кумак мекунад, ки эҳсосот ва андешаҳои худро пуртаъсир баён кунанд. Муқоисаи фразеологизмҳо бо муродифоти луғавӣ, масалан, «дили кӯҳ кандан» ва «далер будан» ба хонандагон имкон медиҳад, ки фарқи байни баёни мустақим ва образнокро дарк кунанд ва аҳаммияти баёни образнокро дар муошират мушоҳида намоянд. Дар боби фразеологияи китоби синфи 11-ум саволҳои зерин барои баррасии масъалаи мазкур ва мустаҳкамкунии мавзуъ омадааст:

1) Муродифҳои мурдан, вафот кардан ва аз дунё гузаштан дар матни асари бадеӣ бо чӣ мақсад истифода шудаанд?

2) Муродифҳои мурдан ва вафот кардан чӣ тафовути услубӣ доранд?

3) Чаро Мурод «аз дунё гузаштани модаркалонам» гуфтааст, вале бой «Як кампир мурд, мурд-дия»?

4) Муродифи хонадор шудан чист?» [68, 52].

Дар забони адабӣ ВПФ ҳамчун воситаи пуриқтидори тасвири хислати персонажҳо, эҷоди фазои муайян ва ғанӣ гардонидани услуби муаллиф истифода мешаванд. Омӯзиши онҳо ба хонандагон барои дуруст дарк кардан ва дар нутқ истифода бурдани ВПФ зарур мебошад.

3. Ташаккули маҳорати интихоби воситаҳои баён.

Таълими ВПФ ба хонандагон имкон медиҳад, ки вариантҳои гуногуни баёни фикрро дарк кунанд ва аз байни онҳо мувофиқтаринашро интихоб намоянд. Ин маҳорат ба инкишофи салоҳияти иртиботӣ бисёр муҳим аст. Ҳангоми шунидан ё хондани матнҳое, ки дар онҳо ВПФ истифода шудаанд, хонанда бояд маънои онҳоро дуруст дарк карда тавонад. Ин раванд маҳорати фаҳмиш ва таҳлили матнро инкишоф медиҳад ва хонандагон ба асари бадеӣ чун

ҳодисаи ҳунарӣ баҳо медиҳанд. Ҳадафи асосии таълими ВПФ ба ҷуз хусусияти маърифатӣ доштан ташаккули одоби ҳамида, маҳорати сухангӯйӣ ва шиносоӣ бо осори гаронбаҳои бузургтарин намояндагони адабиёти тоҷик аст. Ба маънои зоҳирӣ ва хусусиятҳои рамзии ифодаву таъбирҳое, ки ба маънои маҷозӣ истифода шудаанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ин корро мунтазам анҷом додан лозим аст: «Таҳлили асар бояд хонандагонро ба ғояву образҳои тоза, калимаву ибора ва ифодаҳои образнок бой намояд. Бояд гуфт, ки асоси инкишофдиҳии фарҳанг нутқи талабагонро нутқи хаттӣ ташкил мекунад. Нутқи хаттӣ – танҳо намунаи кори хаттӣ набуда, балки вай дар муайян кардани дараҷаи дониш омили муҳим ба ҳисоб меравад» [41, 138].

Шарҳу таҳлили намунаҳои ВПФ-и зиёди китобҳои дарсӣ имкон медиҳад, ки шогирдон бо ҳидояти омӯзгор маънову моҳияти онҳоро дарк ва мавқеи корбурдашонро донистa бошанд, нисбат ба каломи зебову шоирона меҳри хосса парваранд ва сифати гуфтору сатҳи навишти худро такмил диҳанд. Масалан, зимни омӯзиши эҷодиёти Носири Хусрав ғояву мазмуни мақолу зарбулмасалҳои зерин сурат мегирад: «Шунидан кай бувад монанди дидан», «Ба курпаат нигоҳ карда поятро дароз кун», «Макаш беш аз гилеми хештан пой», «Абрро бонги саг зиён накунад», «Аз мост, ки бар мост», «Саг дар меҳроб бузург нашавад», «Аз бадон бад шавӣ, зи некон нек», «Аз илм мурод ҷуз амал нест», «Дурӯғ бефурӯғ аст», «Зи нодон гар расад суде, зиён аст», «Ногуфта басе беҳ бувад аз гуфтаи расво»:

Макун бовар суханҳои шунида,
Шунида кай бувад монанди дида?

Ё худ:

Агар коре кунӣ - музде ситонӣ,
Чу бекорӣ, яқин, бемузд монӣ» [150, 145].

Умари Хай ём «Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст», «Чун дил набувад шод, чӣ ҷойи тараб аст?», «Осуда касе, ки худ назод аз модар», «Кач дору марез», «Накуӣ куну дар об андоз», «Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст» [150, 154]; Убайди Зоконӣ «Дилам зи ҷаъди ту савдоию парешон аст, Бале,

ҳамеша парешонӣ оварад савдо; «Макун бо чашми сармастам далерӣ, Ки аз рубаҳ наояд шергирӣ» [150, 264].

Камоли Хуҷандӣ - «Ба пояи бузургӣ нарасанд худписандон», «То хӯшаҳо ба даст орӣ, донае бикор», «Мастӣ сифати мардуми озода набошад», «Некуӣ куну афган дар об»:

Дил зи зулфу холи хубон тираву ошуфта аст.

Хонаро чун ду-ст бону, лоҷарам, норуфта аст.

Бадриддин Ҳилолӣ: «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор», «Ҷуянда - ёбанда», «Дасти ману домони ту», «То дам аст, ғам аст»:

Рӯзи васл аст ҳам имрӯз фидои ту шавам,

Кори имрӯз нашояд, ки ба фардо афтад!» [103, 89].

Мавқеи омӯзгор дар таҳлили саҳеҳ ва равшан намудани маъноҳои пушида ва хусусиятҳои бадеии зарбулмасалҳо хеле муҳим аст. Омӯзгори ботаҷриба супориш медиҳад, ки хонандагон ду-се зарбулмасалу мақолро муқоиса намуда, таҳриру такмили суханро муайян кунанд, муродифоти онҳоро ёбанд, бо истифодаи ин унсури забони халқӣ эссе таҳия намоянд ва дар матни мушаххас моҳият ва вазифаи онҳоро дуруст тавзеҳ диҳанд. Мутахассисон навиштани эссе ва ё нақли хаттиро бо истифодаи зарбулмасалу мақол яке аз омилҳои ташаккули эҷодкории хонандагон арзёбӣ намудаанд: «Ба хонандагон фармуда шавад, ки вобаста ба мазмуни чунин зарбулмасалҳо ҳикоя эҷод намоянд: «Пурсидан айб нест»; «Танбалӣ офати ҷон аст»; «Худписандӣ далели нодонист»; «Як китоби хуб беҳ аз як хазинаи бузург» ва амсоли инҳо. Таъсир ва моҳияти ҷамъбасткунандагии зарбулмасалҳо дар вақти иҷрои чунин корҳо ба хонандагон фаҳмо мегардад» [41, 103].

Ҳамин тариқ, кор роҷеъ ба ВПФ бояд ҷузъи таркибии ташаккули фарҳанги нутқи шогирдон гардад. Хосса ҳангоми таҳлили матни бадеӣ ҳунармандии суханваронро дар интихоби мавридшиносона ва эҷодкоронаи зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологӣ ва панду ҳикматҳои халқӣ, ки мазиятҳои бисёр ҷолибе дорад, бояд ба таври возеҳу равшан таъкид кард. Ин гурӯҳи воҳидҳои забон дар иртибот бо ҳадафи баланд бардоштани ҳусни баён

ва мароми эҷодии шогирдони мактаб истифода гашта, забону гуфтори онҳоро пуробуранг ва салису таъсирбахш менамояд. Аз намунаҳои поён, ғазал аз ашъори Ҳофизи Шерозӣ аз шарҳи ВПФ хонандагон эҳсос мекунанд, ки шоир на танҳо зарбулмасалҳои мавҷударо ба кор бурдааст, инчунин бо риояи қавоиди зарбулмасалсозӣ онҳоро такмил додааст. Масалан:

«Гуянд санг лаъл шавад дар мақоми сабр,
Оре шавад, валек ба хуни ҷигар шавад» [111, 23].

* * *

«Деҳқони солхурда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, «ба ҷуз аз кишта надравӣ» [111, 23].

* * *

«Дар бисоти нуктадонон худфурӯшӣ шарт нест,
«Ё сухан дониста гӯй, эй марди бихрад, ё хамуш!» [111, 23].

* * *

«Бо хароботнишинон зи каромот малоф,
«Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» [111, 283].

Беҳуда нест, ки устоди зиндаёд А.Насриддин роҷеъ ба сабку баёни ғазалиёти ин шоири номвар чунин изҳори назар кардааст: «Забони ашъори Ҳофиз ниҳоят бовиқору зебо ва матину устувор аст. Суханҳои ӯ мунтахаб, хушсадо ва пурмаъно мебошанд. Ӯ аз хазинаи халқ гавҳарҳои ғалтонро гирифта, зеби сухани худ месозад. Мақолу зарбулмасалҳои халқӣ гуфтори Ҳофизро ниҳоят намакин ва гуворо мегардонанд» [121, 580].

Танҳо баъди шарҳу тафсири зарбулмасалу мақолҳо зебоӣ ва асрори каломи пуррамзу роз ва рангини шоир ба ҷилва меояд ва маҳорати шоир чун гавҳаршинос ва пардозгари сухан пешорӯйи хонандаи мактабхон намоён мегардад. Дар ҷараёни таълими ғазалиёти Соиби Табрезӣ дар синфи 10-ум лозим ба ёдоварист, ки ин шоири баландпоя бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа ба танқиди иллату нуқсонҳо пардохтааст. Аз ин лиҳоз, зарбулмасалу мақолҳои марбут ба масоили иҷтимоӣ дар эҷодиёти шоир мавриди корбаст қарор гирифтааст. Масалан:

«Ду субҳи содиқанд аз як гиребон сар бароварда,
Яди байзои соқӣ бо баёзи гардани мино» [163, 201].
«Соқӣ аз ҷоме агар хотири мо шод кунад,
Беҳ аз он аст, ки сад майкада obод кунад» [163, 201].
«То шавӣ чашму чароғи ин ҷаҳон чун офтоб,
Пушиши ҳар тангдасту фарши ҳар вайрона бош» [163, 201].

Бо намунаҳои тазаккурёфта омӯзгор на танҳо ба ТФН шогирдон, гуфтори пуртаъсир муяссар мешавад, инчунин дар ваҳдату ҳамдилӣ, кумак кардан ба ниёзмандон, накукорӣ ва монанди инҳо маълумот пайдо карда, ба хонандагон пайванди ВПФ-ро бо воқеиятҳои мушаххаси зиндагӣ нишон медиҳад. Ин навъи равиши таълим ба салоҳияти иртиботӣ, ҳусни баён ва тафаккури таҳлилии хонандагон арзишманд хоҳад буд. Дар китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик ВПФ-ҳои зиёде мавҷуданд, ки сареҳан бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд.

4. Баланд бардоштани фарҳанги нутқ.

Истифодаи дуруст ва бамавқеи ВПФ нишони баланди ФН-и хонандагон мебошад ва кумак мекунад, ки дар муошират ва ифодаи хаттии фикр боэътимоду салоҳиятнок бошанд.

5. Рушди тафаккури эҷодӣ: ВПФ аксаран дар асоси маҷоз (метафора, метонимия ва ғ.), ташбеҳ, тазод, истиора сохта шудаанд. Шарҳу таҳлили маънои ВПФ фарҳанги нутқ, фаъолнокии фикрӣ, тафаккури эҷодӣ ва ифодаи образноки баёни хонандагонро рушд мебахшад ва ба иртиботи истилоҳу мафҳумҳо имкон медиҳад.

6. Инкишофи тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ. Барои фаҳмидани маънои рехтаи фразеологизмҳо хонандагон бояд маънои аслии ҷузъҳоро аз маънои том ва маҷозии он фарқ кунанд. Ин раванд тафаккури интиқодӣ ва маҳорати таҳлилии онҳоро меафзояд, зеро водор мекунад, ки берун аз маънои зоҳирӣ андеша кунанд. Аз ҳолатҳои мушаххас ба хулосаҳои умумӣ расиданро омӯзанд. Масалан, «об аз сар гузаштан» - 1. Ба охир расондани нохушӣ, бадбахтӣ; 2. Кор аз кор гузаштан» [349, ҷ.1, 741]  (дучори мушкилот шудан) тасвири ҳолати

мушаххас аст, ки баъдан ба маънои умумии «дучори душворӣ гаштан» шудааст. Ин қобилияти тафаккури мантиқӣ барои умумигардонӣ ва хулосабарорӣ муҳим аст: «Теғи ту чун аз сарам бигзашту ҷон додам равон, Об чун бигзашт аз сар, ғайри мурдан нест кор» [341, ҷ.1, 886].

Маънои бархе аз ВПФ-ҳо аз матни истифодашуда вобаста аст. Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки матнро пурра таҳлил кунанд, то маънои дурусти фразеологизмро дар он замина дарёбанд. Ин қобилияти таҳлили умумӣ ва баҳодиҳӣ ба ҷузъиётро инкишоф медиҳад. Таваҷҷуҳ мекунем ба таҳлили ВПФ аз машқи 186-и китоби «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 5-ум [120, 115]. Шарти машқ: «Матнро бо риояи оҳанги нутқи айнаннақлшуда бихонед» [120, 115]. Дар матн аз осори Садриддин Айнӣ 12 зарбулмасалу мақол ва фразеологизми зерин: Тарафи касеро гирифтан – «касеро ҳимоя кардан, ба касе тарафдорӣ намудан» [341, ҷ.2, 169]; Аз ҳила ҳалво сохтан – «1. ваъдаи ҳавоӣ, хушку холӣ додан, 2. касеро соз карда фиреб додан; дар сеҳру соҳирӣ беҳамто будан» [341, ҷ.2, 612]; Як кор кардан – «илоҷи кореро кардан, чорае дидан, тадбире андешидан» [341, ҷ.2, 465]; Коре аз даст омадан – «аз ӯҳдаи иҷрои коре баромадан, кореро иҷро карда тавонистан» [341, ҷ.1, 535]; Нафсро калон накардан – «чашмгуруснагӣ, ҳарисӣ накардан» [341, ҷ.1, 700] истеъмол гаштааст.

Дар баъзе зарбулмасал ва мақол робитаи сабабу натиҷа ба таври мухтасар ифода ёфтааст. Масалан, «Пул бошад, дар ҷангал шурбо». Хонанда бояд дарк кунад, ки пул сабаби омода гаштани шурбо (натиҷа) мешавад ва ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, зимни омӯзиши ВПФ хонандагон бояд маънои амиқи панду ҳикматро дарк кунанд ва аз онҳо хулосаҳои мушаххас бароранд. Ин маҳорати тафаккури мантиқӣ барои маърифатнокӣ, салоҳияти қабули қарор ва ҳалли масъалаҳо дар зиндагӣ хеле муфид ва пурарзиш аст.

7. Шинохти ҷаҳонбинӣ ва фарҳанг. Забон ва фарҳанг ду падидаи ҷудонашавандаанд, ки бо ҳамдигар робитаи зич доранд. Забон воситаи асосии интиқол ва ҳифзи фарҳанг буда, фарҳанг ба забон шакл ва маъно мебахшад.

ВПФ на танҳо воҳидҳои муассири забон, балки бозёфтҳои фарҳангӣ мебошанд, ки анъана, урфу одат, хислат, ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва хусусиятҳои миллии халқи тоҷикро инъикос мекунанд. Шиносоӣ ва омӯзиши амиқи онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҷаҳонбинии миллиро дарк кунанд, бо арзишҳои миллию башарӣ огоҳ шаванд ва ба мероси фарҳанги ниёкон ва эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик арҷ гузоранд ва ин ба худшиносиву худогоҳии онҳо мусоидат менамояд.

8. Рушди хотир ва диққат. Азбар кардан ва истифодаи дурусти ВПФ хотири хонандагонро мустаҳкам мекунад. Бино бар ин, маъно, сохтор ва хусусиятҳои услубии ҳар яки онҳоро дар хотир нигоҳ доранд ва бояд дарк намоянд, ки забон танҳо аз вожаҳо иборат набуда, инчунин дорои қабатҳои амиқтари маъноӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин фаҳмиш ба дониши умумии онҳо дар бораи забоншиносӣ мусоидат мекунад. Дар раванди омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик шарҳу эзоҳи ВПФ аҳаммияти зиёд дорад, он воситаи босамари инкишофи нутқ, тафаккури таҳлилӣ мегардад. Имкон фароҳам месозад, ки хонандагон ҳамчун шахси босавод, маданӣ ва соҳиби тафаккури амиқ дар ҷомеа ҷойгоҳи худро пайдо кунанд.

Ҳамин тавр, нақши омӯзгор дар ҳалли на танҳо масъалаҳои илми забоншиносӣ ва ё адабиётшиносӣ, балки методию педагогӣ низ назаррас буда, ба рушди шахсияти таълимгирандагон таъсири муҳим дорад. Дар шароити муосири ворид шудани тағйироти гуногун дар ҷомеа раванд ва тамоюлоти муосири таъсиргузорӣ зуҳури дидгоҳҳои тозаи соҳаи таҳсилот боис мешавад. Нигоҳи нав ба ҷараёни таълиму тарбия дар низоми маорифи Тоҷикистон ба пайрезии ақидаву афкори ҷадиду пешқадам дар тадриси соири фанҳои таълимӣ, чӣ дар зинаи МТМУ ва чӣ таҳсилоти олӣ хоҳад шуд. Муносибати босалоҳият ба таълим маҷмуи фаъолиятҳоеро фаро мегирад, ки барои ҳосил намудани дониш, фаъолнокии маърифативу зеҳнӣ, ташаккули нутқ, дарки муносибатҳои иҷтимоӣ ва мавқеи забон дар ҳалли муаммоҳои ҳаётӣ имкон фароҳам орад.

## 4.2. Роҳҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ

Маърифатнокӣ, ҷаҳонбинии густурда, дониши амиқ, донистани фановариҳои ҷадид ва забондонӣ талаботи замони муосир мебошад. Сатҳи саводнокии шахс аз тарзи баён ва суханронии ӯ муайян мегардад. Барои ин масъулияту кӯшиши омӯзгорон назаррас аст: «Донистани сухан ва суханварӣ аз нозукиҳои касбии омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Омӯзгор бояд нутқи фасеҳ, равон, муассир ва адабӣ дошта бошад. Бе донистани қадри сухан ва ҳунари суханварӣ ноил шудан ба муваффақият хеле душвор аст» [272, 164].

Салоҳияти иртиботӣ, инкишофи нутқи мураттаб аз малакаҳои зарурӣ, муҳим ва мураккаб ба шумор рафта, ҳадафи асосии барномаи таълими ЗАТ мебошад. Ба рушди тафаккур, муомилаю муоширати зебову муассир ва инкишофи нутқи хонандагон омӯхтани ВПФ заминаи мусоид фароҳам месозад ва ба ҳалли масоили зарурӣ, вазифаҳои гуногуни иртиботӣ таъсир мерасонад. Дар МТМУ корҳои таълимиву тарбиявӣ ва такмили фарҳанги нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон давра ба давра сурат мегирад. Вазифаи мазкур дар тамоми марҳалаҳои таълими фанҳои ЗАТ мавриди назари омӯзгорон бояд қарор дошта бошад. Дар ТФН-и муҳассилин баррасии ВПФ аз осори адабии классикони форсу тоҷик усули хубу босамар аст. Ин масъала дар тавсияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ ҳанӯз соли 2012-ум омадааст: «Мо намунаи забони миллиро, ки дар пояи забони ноби классикӣ устувор буда, беш аз ҳазору сесад сол дар суннати шифоҳӣ ва хаттӣ ташаккул ёфтааст, дар ихтиёр дорем. Ҳифзи ин забон бо чунин шевоӣ ва зебоӣ ифтихори миллати мост» [12, 9].

Муносибати босалоҳият ва таҷдиди назар ба интихоби роҳу усули инкишофи нутқи хаттӣ зимни таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ ба омилҳои зерин алоқаманд мебошад: усули анъанавии таълим бештар хусусияти маълумотдиҳӣ дорад; хонандагон бо ҳиссаҳои нутқ, аъзои ҷумла, шохаҳои услубии забон ошно мешаванд, бо роҳи аз худ кардани маълумоти

назариявӣ дониш мегиранд, вале на ҳамеша маводди омӯхтаро дар амал татбиқ карда метавонанд. Кофӣ набудани миқдори соатҳо барои роҳандозии кор оид ба инкишофи нутқи мураттаб низ дар баробари сайқал наёфтани фаъолнокии фикрӣ боиси паст гаштани ФН новобаста аз донишҳои назарӣ дар ифодаи андеша ба мушкилӣ дучор гаштани хонандагон мегардад. Масалан, қоидаҳои ВПФ-ро баён мекунад, доир ба хусусиятҳои он маълумот медиҳад, лекин зимни суханронӣ дар мавридҳои муносиб истифода бурда наметавонад.

Омӯзгорону хонандагон бештар ба назарияпардозӣ машғул гардида, аммо ба ташаккули нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ эътибори зарурӣ равон карда намешавад. Навъҳои машқу тамрини инкишофи нутқ аз намудҳои дигари кори таълим ҷудо ба роҳ монда мешавад ва ба назар чунин мерасад, ки аз худ кардани масъалаҳои назарӣ мавқеи аввалиндараҷа касб кардааст, аммо дар раванди таълим ба хонандагон фикр карданро бояд омӯхт. Андешае мавҷуд аст, ки кулли омӯзгорони МТМУ «Усули мавҷудаи таълими нутқро на ҳамчун фаъолияти олии асаб, на ҳамчун фаъолияти эҷодӣ, балки сирф қобилият ё лаёқат муайян мекунанд. Ва  ин боиси пайдоиши ақидаи нодурусте мегардад, ки агар хонанда қобилияту лаёқати фитрӣ ва модарзодӣ надошта бошад, наметавон нутқи ӯро мураттаб гардонд» [300, 241].  Мусаллам аст, ки дар зиндагӣ зимни муомилаву муошират хонандагон аз нутқи шифоҳӣ бештар истифода менамоянд, аммо дар раванди забономӯзӣ ба инкишофи нутқи хаттӣ бештар диққат дода мешавад, зеро он ҷузъи ҷудонашавандаи рушди маданияти нутқи хонандагон аст. Он бо инкишофи нутқи мураттаб робитаи мантиқӣ дошта, дар рафти таълими фанни ҳам забони  тоҷикӣ ва ҳам адабиёт ба роҳ монда мешавад. Масъалаи мазкур дар раванди ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, аз ҷумла, иртиботӣ имконият фароҳам меоварад, ки дарси омӯзиши маводди нав барои дар амал фаъолсозии донишҳои андухта мусоидат намояд. Хонандагон мақсад, мушкилот ва муаммоҳои мавзуъро муайян намуда, ҳамроҳ бо омӯзгор роҳҳои ҳалли онҳоро ҷустуҷуй мекунанд.

Мақсади инкишофи салоҳияти иртиботӣ дарки дурусти матн ва тақвияти фаъолияти фикрии муҳассилин мебошад ва барои татбиқи он истифода аз

шаклу усули беҳтарини кор бо матн, фаҳмидани мазмуну муҳтавои маводди таълим, ҷустуҷуйи мустақилонаи ҳалли мушкилот метавонад ба назар гирифта шавад. Барои ба ин ноил гардидан дар МТМУ ҳангоми омӯзиши фанҳои ЗАТ хелҳои зерини корҳои хаттӣ ба роҳ монда мешавад:

1. Тартиб додани нақшаи асари мутолиакарда: а) нақшаи якҷоя тартибдодашуда; б) нақшаи фардӣ; в) нақшаи сода; г) нақшаи мураккаб.

2. Ҷавоби хаттӣ ба саволҳо: а) ҷавоби мухтасар; б) ҷавоби муфассал; в) ҷавоб бо зикри иқтибос; г) ҷавоб бе зикри иқтибос.

3. Нақли хаттӣ: а) нақли мухтасар; б) нақли муфассал; в) нақл бо тағйир додани шакли асар; г) нақли эҷодӣ; ғ) нақл бо ҷузъиёти иншо; д) нақл аз рӯйи расм.

4. Иншо: а) иншои синфӣ; б) иншои хонагӣ; в) иншои озод; г) иншо аз рӯйи расм; ғ) иншои тасвирӣ.

5. Навиштани тавсифнома: а) тавсифномаи фардӣ; б) тавсифномаи гурӯҳӣ; в) тавсифномаи муқоисавӣ.

6. Эссе

7. Фишурданависӣ

Кор дар самти ТФН шинос гаштан бо хусусиятҳои ВПФ, иттилоъ пайдо кардан доир ба воҳидҳои луғавӣ набуда, балки хусусияти амалӣ бояд касб намояд. Хонанда на бо омӯзиши қоидаҳои забон, балки аз татбиқи амалии донишҳои ҳосилнамуда дар амал қаноатмандӣ зоҳир намояд. Тарзи ифодаи фикр то кадом андоза дуруст риоя шудани меъёрҳои забони адабиро нишон медиҳад. Ташаккули салоҳияти иртиботӣ вазифаи асосии дарсҳои забони тоҷикӣ аст ба таври ҳамгиро бо дигар фанҳо, махсусан, фанни адабиёти тоҷик ба роҳ монда мешавад. Бино бар ин, ҳангоми таълими қоидаву назарияҳои ВПФ инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии шогирдонро ҳадафи асосӣ қарор диҳад. Дар иртибот ба ин, талабот нисбат ба дарси забон ва ТФН-и хонандагон дар заминаи арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ зиёд аст. Иҷрои шарту талаботи ташаккули салоҳияти иртиботӣ вобаста ба зинаҳои таҳлили матн боиси ТФН, камолоти маънавии шогирдон мегардад. «Навиштани корҳои хаттӣ (диктант,

нақли хаттӣ ва иншо), хондани асарҳои насрӣ ва азбар намудани асарҳои манзум (ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва ғайра) захираи луғавии дониши хонандагонро бой гардонида, забони гуфтору шеваи баёнашонро суфта менамояд» [3, 85].

ВПФ аз хулосаҳои пандомези ҳаётӣ иборатанд. Дар онҳо ҷаҳонбинӣ, ҳикмат ва заковати халқ ифода шуда, дар услубҳои бадеӣ ва публитсистӣ бештар ба кор мераванд. Онҳоро нависандагону шоирон дар баёни худ ва қаҳрамонони асар истеъмол мекунанд, ки барои тақвияти фикр, таъсирбахш ва образнокии нутқи муаллиф ва персонажҳо мусоидат менамояд. ТФН ва умуман нутқи мураттаби хонандагон бояд дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши дастурҳои забони тоҷикӣ - шарҳи қоидаҳои грамматикӣ сурат гирад. Тарбияи маънавии фарди ҷомеаи имрӯз ба яке аз муаммоҳои воқеӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, бо омӯзиши бо низому муттасили осори барҷастаи адабӣ кушодани рамзу роз, ғоя ва мазмуну муҳтавои онҳо муяссар мегардад. Бо ин равиш маънавиёти шогирдон баланд гашта, ҳисси эҳтирому муҳаббат ба Ватан, забони модарӣ ва худогоҳиро парвариш додан мумкин аст: «Муаллифони китобҳои дарсӣ ҳангоми интихоби намунаҳо аз эҷодиёти шифоҳӣ ва асарҳои адибон ҷанбаҳои тарбиявӣ, мазмуну муҳтаво, луғатомӯзӣ ва мавқеи онҳоро дар баланд бардоштани фарҳанги муоширати муҳассилин ба эътибор гирифтаанд. Ҳадафи аслии таълими ЗАТ инкишофи нутқ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад» [284, 58].

Супориши китобҳои дарсӣ ба инкишофи нутқ ва салоҳияти маърифативу адабии хонандагон мусоидат карда метавонад: «Чанд ҷумлае тартиб диҳед, ки дар он зарбулмасалу мақолҳо истифода шуда бошанд» [104, 41]; «Порчаҳоро хонед, шарҳу маьнидод кунед ва аз маънии онҳо хулоса бароред» [104, 43]; «Зарбулмасали «Намак хурда ба намакдон туф накунед» [104, 265] ба кадом байти порчаи боло (аз байти Бадриддин Ҳилолӣ-С.Ш.) рост меояд?» [104, 265]; «Нафси бад балои ҷон» ба ҳикояи «Дарди шикам» (аз эҷодиёти Абдумалик Баҳорӣ-С.Ш.) чӣ муносибат дорад? [104, 265]; Аз зарбулмасалҳои зер якеро интихоб карда, матне тартиб диҳед, ки дар он зарбулмасал омада бошад:

«Чуҷаро дар тирамоҳ мешуморанд», «Забони мурғонро мурғон медонанд», «Хар ҳамону полонаш дигар», «Кам-кам хуру доим хур», «Дер ояду шер ояд», «Сукут аломати ризост» [104, 44]. Дар заминаи намунаҳои овардашуда аломатҳои фарқкунанда, ҳаҷм, хусусиятҳои маъноӣ, манбаъҳои пайдоиш, дараҷаи обуранги бадеӣ, ҷиҳатҳои ҳиссиву таъсирбахшӣ ва мавқеи услубии зарбулмасалу мақолҳо бояд шарҳ дода шавад. Роҳандозии ин усули таълим малакаи таҳлили маъно, фаъолсозии тафаккур ва мантиқи сухани шогирдонро инкишоф медиҳад ва барои баҳрамандӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, ташаккули худшиносӣ, рушди шахсӣ ва ҷаҳонбинӣ имкон фароҳам меорад. Муҳимтар аз ҳама, хонандагон ба ғановати фарҳанги нутқ даст меёбанд. Дар ҳақиқат, арзиши ахлоқӣ ва таълимии чунин дарсҳо ба дараҷот баланд аст. Аз ин хусус муҳаққиқон мулоҳизаҳои судманд баён кардаанд: «Дар матни бадеӣ ибораҳои рехта зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои ташбеҳию истиорӣ, ифодаҳои образнок, иқтибосҳои қуръонӣ ва ғайра дучор меоянд, ки на фақат тафсири забоншиносиро тақозо мекунанд, балки маънидоди таърихии ҳаётӣ ва таърихии адабиро низ талаб менамоянд. Тафсирҳои таърихии ҳаётӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки бо воқеият, расму оин ошно шуда, маънии бадеии онро аз матн дарк кунанд» [115, 146].

Таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ин воҳидҳои забон на танҳо захираи луғавии хонандаро бой мекунанд, балки ба нутқи онҳо обуранги бадеӣ, мантиқи амиқ ва ҷозиба мебахшанд. Барои он ки ин раванд самарабахш гардад, омӯзгор бояд аз усулҳои фаъол, воситаҳои муосири техникӣ ва фановариҳои иттилоотӣ босамар истифода барад. Дар зер роҳҳои асосии инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон зимни таълими ВПФ муфассал шарҳ дода мешаванд:

I. Роҳҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ. Нутқи шифоҳӣ омодагии фаврӣ ва қобилияти зуд фикррониро талаб мекунад. Зимни таълими фразеологизмҳо ва паремияҳо роҳҳои зерини рушди нутқи шифоҳӣ тавсия мешаванд:

1. Шарҳи шифоҳии мазмун ва пайдоиши ВПФ. Таъбирҳо ва зарбулмасалу мақолҳо таърихи пайдоиши худро доранд. Нақли шифоҳии таърихи онҳо тафаккур ва нутқи монологии хонандаро инкишоф медиҳад. Мисол: Хонанда шифоҳӣ накл мекунад, ки таъбири «Аз ҳафт иқлим берун» ё «Аз мост, ки бар мост» аз куҷо пайдо шудааст ва чӣ маъно дорад ва монанди инҳо. Барои иҷрои ин мақсад истифодаи маҷмуаҳои «Панду ҳикматҳо» (1961), «Фарҳанги иборахои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» (ҷ.1, с.1963; ҷ.2, с.1964) ва «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва ВПФ-и тоҷикию форсӣ» (ҷ.1, с.1975; ҷ.2, с.1977), «Ҳикояҳои зарбулмасал» (1967), «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо», «Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ» (с.1976) кумак мерасонанд. Масалан, шарҳи панди зерин аз «Маснавии маънавӣ»:

«Кори поконро ќиёс аз худ магир,

Гарчи монад дар навиштан шеру шир» [164, 86].

Дар ин байт ду нуктаи меҳварӣ вуҷуд дорад: 1. Хатарҳои қиёси зоҳирӣ. Мавлоно мегӯяд, ки набояд рафтору кирдори мардони пок, орифон ва бузургонро бо амалу нафси худамон андозагирӣ ва қиёс кунем. Инсонҳои одӣ аксар вақт ба воқеият аз равзанаи маҳдуди ниёзҳо ва ҳиссиёти худ менигаранд ва ба гумроҳӣ мераванд; 2. Бозии калимаҳо: шер ва шир. Мавлоно як мисоли бисёр ҷолиби забониро меорад, ки дар хатти форсӣ аҳаммияти хос дорад. Ҳарчанд навишти шер ва шир як аст, аммо моҳият ва ҳақиқати онҳо аз ҳам хеле фарқ мекунад. Яке ҷонгир аст ва дигаре ҷонбахш. Шоир таъкид мекунад, ки ду кас метавонанд як корро анҷом диҳанд, аммо ангеза ва натиҷаи кори онҳо фарқ мекунад

| **Шакл (навишт якхела)** | **Моҳият (дар ҳақиқат)** | **Натиҷа** |
|---|---|---|
| **Шер** | Қудрат, неруи маънавӣ, инсони комил | Озодӣ аз қайди нафс |
| **Шир** | Ниёзи ҷисмонӣ, ғизои моддӣ, одами одӣ | Побандӣ ба дунё |

Машқи 179 аз китоби «Забони тоҷикӣ (барои синфи 11-ум) ба инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон нигаронида шудааст: «Ин мисраъҳои шоир шуморо

ба чӣ мулоҳиза водор месозанд? Андешаҳоятонро нависед, таҳрир намуда, дусе маротиба бо лаҳни шево қироат кунед, ки дар хотир нишинад. Сипас, фурсати муносибе ёфта, дар байни ҳамсабақон суханронӣ кунед:

Сарманзили кӯдакии саҳроии ман,
Роҳи ту, раҳи бирешими лойии ман.
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кузача кӯдакии тиллоии ман» [68, 190].

Мисраҳои самимӣ аз шеъри шоири маҳбуб Бозор Собир моро ба умқи хотираҳои ширин, сода ва беолоиши кӯдакӣ ҳидоят намуда, дар қалби ҳар як хонанда эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва қадршиносии онро бедор мекунанд. Вақте шоир аз «сарманзили кӯдакии саҳроӣ» ва «раҳи бирешими лойӣ» сухан мегӯяд, мо ҳаёти деҳот ва он кӯчаҳои лойиеро пеши назар меорем, ки бо вуҷуди сахтиву лой будан барои кӯдаки деҳотӣ мисли шоҳиву бирешим нарму азиз ва хотирмон ҳастанд. Ибораи навсохти «як кузача кӯдакии тиллоӣ», ки дар кундаи дарахтон пинҳон мондааст ташбеҳи зебо ва нишонрас аст, ки барои нишон додани арзишмандтарин ва ноёбтарин ганҷи ҳаёти инсон, яъне давраи кӯдакӣ, орзуҳои пок ва бозиҳои кӯдакона - дар оғӯши табиат ва деҳаи маҳбуб маҳфуз хоҳад монд, корбаст гардидааст. Ин сатрҳо моро ба ин мулоҳиза водор месозанд, ки ҳеҷ гоҳ набояд гузашта ва макони аҷдодии худро фаромӯш кунем, зеро маҳз ҳамон пайроҳаҳои лойӣ ва ҳамон табиати сода хишти аввалини шахсият ва ҷаҳони маънавии моро бунёд гузоштаанд. Ин паёми шоир моро ҳушдор месозад, ки вақт зудгузар аст ва мо бояд ҳар як лаҳзаи ҳаётро қадр кунем ва ҳамеша ба ғамхорӣ, самимият ва оғуши гарми Ватан содиқ монем.

2. Бозии муродифӣ ва мутазоддӣ ба таври шифоҳӣ (мубоҳиса). Омӯзгор як ВПФ-ро мегӯяд, хонандагон бояд муродиф ва ё мутазодди онро пайдо кунанд. Бо ин суръати фикрронӣ ва вокуниши фаврии хонандагон меафзояд. Масалан, таъбирҳои муродиф: дил сард шудан – дил хунук шудан, руҳи касеро болида гардонидан - вақти касеро хуш кардан; ба решаи касе намак гӯр кардан – ба решаи касе теша задан, решакан намудан; зӯр шудани кор – мушкил шудани коре, калон шудани доираи коре; қиёмат кардан – шуру ғавғо

бардоштан, ҷанҷол, доду фиғон бардоштан – замину осмонро бардоштан; дар ҳавои чизе афтодан – ҳавас рафтан – дил кашол шудан – дар дил парваридан – дил кашидан; ба касе сангпарронӣ кардан – касеро санг задан – ба касе сахт расидан - димоғи касеро сӯзонидан – дили касеро реш кардан – ба дили касе сих задан ба даҳони касе задан – ба даҳони касе чуб чен кардан – ба даҳони касе ҷурғот хобонидан; б) таъбирҳо мутазод: болои гапро кушодан – болои гапро пӯшидан; бурд кард – бой додан; аз забон мондан – вирди забон гаштан; дил гарм шудан – дил сард шудан; дили танг – дили васеъ; димоғи касеро сӯзонидан – руҳи касеро болида гардонидан

Пайдо кардани зидмаъноҳо нисбатан душвортар аст ва аз хонанда тафаккури амиқи зиддиятҳоро талаб мекунад. Хонандагон мақолеро пайдо мекунанд, ки аз ҷиҳати мазмуни тарбияву ахлоқ ба мақоли аввала зид аст. Ин усул барои дарсҳои мубоҳисавӣ замина мегузорад. Ин бозиҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ яке аз усулҳои самарабахш, шавқовар ва фаъол ба шумор меравад, он аз хонандагон на танҳо донистани маънои аслии калимаҳо, балки дарки амиқи маънои маҷозиро талаб мекунад. Хонанда меомӯзад, ки дар вақти кутоҳ фикр кунад ва ҷавоби саҳеҳро шифоҳӣ баён намояд, ба ҷойи такрори воҳидҳои луғавӣ муодилҳои зебои адабӣ ва бадеъро пайдо ва пайванди мантиқии калимаву таъбирҳоро омӯзад. Бозиро метавон ба шаклҳои зерин ташкил кард:

А) Шакли «Мубоҳисаи занҷирӣ». Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи якум як воҳиди фразеологиро мегӯяд, гурӯҳи дувум бояд муродифи онро пешниҳод кунад. Гурӯҳе, ки вақтро бой медиҳад ё ҷавоб ёфта наметавонад, холро аз даст медиҳад.

Б) Шакли «Омӯзгор ровӣ». Омӯзгор нақши ровиро дорад ва суръати бозиро тез мекунад. Бояд калимаи одиро гӯяд ва хонандагон таъбирҳоеро ёбанд, ки дар таркибаш ин вожа бошад. Масалан: забон – забондароз будан; ангушт – ангуштнамо будан; ҳалқа – суханеро ба гӯш ҳалқа кардан; ҷон – ҷон даромадан; ҷигар – ҷигар хун кардан; ҷома – ҷомаи амал пушидани орзу; кор – кор бемаза шудан; кас – касеро миёнгир кардан ва монанди инҳо.

В) Мубоҳисаи гурӯҳӣ дар заминаи мақолҳо. Интихоби мақолҳои фалсафӣ ва баҳсталаб барои рушди нутқи мустақили хонандагон. Мавзуъ: «Душман натавон ҳақиру бечора шумурд», «Чоҳкан зери чоҳ» ё «Олим шудан осон, одам шудан мушкил». Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, шифоҳӣ ин ақидаро ҳимоя ё рад мекунанд.

II. Роҳҳои инкишофи нутқи хаттӣ

Нутқи хаттӣ дақиқӣ, риояи меъёрҳои грамматикӣ, услубӣ ва орфографиро талаб мекунад. Воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ барои зебо ва устувор кардани матни хаттӣ заминаи беҳтаринанд:

А) Навиштани эссе дар асоси зарбулмасалу мақол. Ин усули беҳтарин барои сохтани матни хаттии мантиқист, ВП ҳамчун ғояи марказӣ хизмат мекунанд ва хонанда бояд дар 5-6 ҷумла онро бо мисолҳо исбот кунад. Масалан: «Ганҷ бе ранҷ набошад», «Ҷӯянда - ёбанда».

Б) Воридсозии таъбирҳо ба матн. Ба хонандагон матне пешниҳод мешавад, ки бо услуби гуфтугӯйӣ навишта шудааст. Вазифаи ин аст, ки калимаҳои одии ба маънои аслӣ омадаро бо воҳидҳои фразеологӣ иваз кунанд, то матн адабӣ ва таъсирбахш шавад.

В) Эҷоди ҳикояҳои кутоҳ бо корбасти ВПФ. Ба хонанда чанд таъбир ва зарбулмасалу мақол дода мешавад, масалан: «Иттиҳод муҷиби бақои мулку давлат аст», «Забон дар даҳон посбони сар аст», «Кор ор нест, балки фазилат аст». Вай бояд ҳикояе нависад, ки ҳамаи ин таъбирҳо дар он мантиқан саҳеҳ истифода шаванд. Ин усул маҳорати пайвасткунии такиби ҷумлаҳо ва нигоҳ доштани яклухтии услубиро инкишоф медиҳад.

Г) Луғати рӯзномаи фразеологӣ. Хонандагон дар дафтари алоҳида «Ганҷинаи таъбирҳо ва мақолҳо»-и худро ташкил мекунанд. Онҳо на танҳо маънои воҳидҳоро менависанд, балки ҳар ҳафта бо истифодаи онҳо ҷумлаҳои эҷодии худро замима мекунанд. Ин раванд нутқи хаттии онҳоро устувор менамояд.

Барои он ки бозӣ хусусияти илмӣ-методӣ дошта бошад, дар хонандагон ҷуфтҳои таъбирҳои муродифӣ ва мутазоддии шифоҳӣ гирдоваришударо дар

дафтарҳои худ сабт карда, бо истифодаи онҳо ҷумлаҳо ва матнҳои хурди эҷодӣ месозанд. Шароитҳои педагогии амалисозии ин роҳҳо аз он иборат аст, ки барои натиҷаи дилхоҳ додан омӯзгор бояд принсипҳои зеринро риоя кунад: аввалан, воҳидҳои фразеологӣ ва мақолҳоро алоҳида, берун аз матн ё ҷумла аз ёд кунонидан лозим нест, хонанда бояд онҳоро дар дохили матн аз худ намояд; сониян, омӯзонидани тарзи истифодаи фарҳангномаҳо зарур аст.

Дар ҷараёни дарс ВПФ-ро аз рӯйи принсипи «Кӣ тезтар, кӣ беҳтар» аз 7-8 то 30 адад дар мавзуи муайян, масалан, дӯстпарварӣ, накукорӣ, дурандешӣ, маърифатпарварӣ, хушахлоқӣ, зиракӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайра метавон ба хотир овард. Беҳтаринҳоро интихоб намуда, маъно ва мавқеи корбасти онҳоро шарҳ додан, мазмунҳои баланду бадеъро ошкор кардан муҳим аст. Дар интихоби ВПФ хусусияти образнокӣ, дурустии муқоисаҳо ва арзиши маърифатии онҳоро ба инобат гирифтан лозим аст. Баррасии мазмуну муҳтаво ва мавқеи истеъмоли онҳоро метавон зимни тафсири намунаҳо аз эҷодиёти суханварон дар тамоми давраи таҳсил низ ба роҳ монд. Бо ин роҳ ва захираи ВПФ-и хонандагон бой мегардад, бо риояи принсипҳои дидактикӣ шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва ҳисси зебошиносии хонандагон бо фарогирии луғатҳои нав, таъбироти тоза ба амал меояд. Малакаву маҳорати таҳлили осори адабӣ, боло бардоштани ҳусни баён ва фарҳанги нутқ такмил меёбад. Дар зинаи хониши адабӣ ташкили корҳои зеринро методистон тавсия медиҳанд: «Вобаста ба омӯзиши асар шарҳ додани калимаву иборaҳои ношинос, аз рӯйи сурат гузаронидани суҳбат, тартиб додани плани сурат ва матнҳо, аз рӯйи план ҳикоя кардани мазмун, нақли таассуротҳои гирифташуда ва монанди инҳо намудҳои корҳои хаттӣ ба шумор меравaнд» [42, 71].

Аз рӯйи анъана дарсҳои инкишофи нутқи хаттӣ аз навиштани нақли хаттӣ ва иншо иборат аст. Дар қисмати тавсияҳои методии барномаи таълими адабиёти тоҷик асосан ба навиштани иншо таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Ба ин навъи кори хаттӣ ду баҳо гузошта мешавад, яке аз фанни забони тоҷикӣ барои саводнокӣ ва дигаре аз адабиёти тоҷик барои мазмуну муҳтаво ва эҷодкории хонандагон. Дарсҳои махсуси инкишофи нутқ бо фанни адабиёти тоҷик ва

омӯзиши асарҳои адабӣ пайванди устувор дорад: «Дар баробари додани донишҳои назарӣ дар дарсҳои таърихи адабиёти тоҷик як қатор корҳои амалӣ низ ба роҳ монда мешаванд. Инҳо саволу ҷавобҳои хаттиву шифоҳӣ, кор бо матни асарҳои бадеӣ, корҳои мустақилона аз рӯйи супоришҳои омӯзгор, кор бо асарҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, навиштани конспект, фишурдаи конспект, интихоби иқтибос, мураттаб сохтани нақшаи кор, навиштани гузориш, маърузаи хаттӣ (реферат), нақли хаттӣ, таълифи иншо ва монанди инҳо мебошанд» [30, қ. 2, 150].

Корҳои хаттӣ на танҳо малакаҳои имло ва саводнокии хонандагонро мустаҳкам месозанд, балки дар рушди тафаккури мантиқӣ ва ТФН-и онҳо мусоидат мекунанд. Вақти хонанда ба шакли хаттӣ ифода кардани фикр ногузир бояд дақиқ ва возеҳ сурат гирад, калимаҳои муносиб интихоб гардад, ҷумлаҳоро дуруст тартиб диҳад. Ин раванд ба ӯ имкон медиҳад, ки на танҳо дар шакли хаттӣ, балки шифоҳӣ ҳам фикри худро беҳтар баён кунад. Корҳои хаттӣ аз навъҳои маъмул ва серистифодаи дарси адабиёт буда, дар такмили қобилияти эҷодӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи шогирдон арзиши зиёд дорад. Он дар фаъолнокии фикрӣ, густариши ҷаҳонбинӣ, инкишофи нутқи шифоҳиву хаттӣ ва саводнокии муҳассилин нақши муҳим мебозад. Тарзи баёни бонизом ва бомантиқи фикрро устувор месозад, малакаву маҳорати таҳияи матн ва нутқи шифоҳиро баланд мебардорад. Корҳои хаттӣ дар шакли мухтасар ва муфассал вобаста ба хусусиятҳои матн ҳикоягӣ, тасвирӣ ва таҳлилӣ мешаванд. Чунин анвои кор имкон фароҳам месозад, ки хонанда фикрашро мустақилона баён кунад, малакаҳои навишт, хониши бошуурона, қобилияти маърифатӣ, мутамарказияти диққат, устувории хотир, тавлиди андеша, мушоҳидакорӣ ва шарҳи воситаҳои тасвирро тақвият бахшад. Бо корбасти ВПФ дар корҳои хаттӣ фарҳанги нутқи муҳассилин ташаккулу такомул ва ҳисси худшиносиву миллӣ-ахлоқӣ парвариш меёбад: «Корҳои хаттӣ марбут ба адабиёт навъҳои гуногунро пеши назар меорад: аз рӯйи матн мураттабсозии нақша ва фикри хонанда, навиштани ҷавоби хаттӣ ба саволҳо, рӯйнависи қисмати матн ва ё иқтибоси асар, тавсифнома, мақола, тезис, тақриз, маъруза, реферат, нақли хаттӣ ва

иншо. Аз ҳама навъҳои кори хаттии адабиёт иншо ва нақли хаттӣ ҷойгоҳи намоён ва нақши босазо доранд» [48, 389]. Аҳаммияти корҳои хаттӣ дар дарсҳои ЗАТ аз ин иборат аст:

1. Мустаҳкам кардани дониши назариявӣ. Корҳои хаттӣ ба хонандагон кумак мекунанд, ки мавзуъҳои дарсро беҳтар фаҳманд ва ёд гиранд. Бо навиштани матн, эссе ва посух ба саволҳо, хонандагон маълумоти аз ҷараёни дарс гирифтаро такрор ва таҳлил мекунанд.

2. Рушди малакаҳои таҳлилу баррасӣ. Навиштани таҳлили асарҳо, қаҳрамонҳо ва мавзуъҳо талаб мекунад, ки хонандагон фикрҳои худро ба таври хаттӣ баён кунанд. Ин кор барои рушди фикри интиқодӣ ва қобилияти таҳлил муҳим аст.

3. Идрок ва баёни ҳиссиёту андешаҳо. Таҳияи корҳои хаттӣ ба хонандагон барои ифодаи ҳиссу фикр ва андешаҳои шахсӣ доир ба матни таълимӣ ва асарҳои мутолиакарда имкон медиҳанд ва ба рушди нутқи хаттии онҳо таъсири матлуб мерасонанд.

4. Риояи қоидаҳои забон ва услуб. Навиштани матнҳои адабӣ хонандагонро водор мекунад, ки қоидаҳои грамматикӣ, китобӣ ва услуби адабиро дуруст истифода кунанд ва он ба ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ таъсиргузор аст.

5. Тарзи дурусти таҳияи матн. Корҳои хаттӣ ба хонандагон тарзи дурусти истифодаи ВПФ, навиштани эссе, иншо ё нақли хаттиро меомӯзонад.

6. Имкони тафаккур ва баёни фикр. Навиштан вазифа, маҳорат, иқтидори эҷодӣ ва малакаҳои маърифатиро талаб мекунад, ки муҳассилин фикрро ҷамъбаст намуда, онро ба тарзи мантиқӣ ва равшан баён намоянд.

Меъёрҳои инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагони синфҳои 5–11-ум чунин муайян карда шудааст:

1. Ғановати захираи луғавӣ, ки тарҳи бадеӣ, олами тахайюлоти шоир ва ё нависанда ва қаҳрамони асарро тавсиф кунад;

2. Шинохти истилоҳоти илмӣ ва соҳавӣ ва корбасти онҳо дар тасвири ҳодисаву воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии марҳалаҳои таърихии дар асар инъикосгашта;

3. Аз худ кардани воситаҳои образнок ва ВПФ;

4. Дарки хусусиятҳои жанр ва шохаҳои услубӣ мувофиқи мақсад ва вазъияти муошират;

5. Равшанӣ, возеҳӣ, мантиқан дуруст ва риояи таносуби калом;

6. Аз худ намудани усули муошират бо истифодаи ВПФ;

7. Ташкили суҳбат аз рӯйи китобҳои бадеии мутолиакарда;

8. Мустақилона таҳия намудани маъруза;

9. Таҳлили матн ва мазмуни ВПФ;

10. Аз худ намудани хусусиятҳои ВПФ.

Ин меъёрҳо дар ҳама дарсҳои ЗАТ ба назар гирифта мешаванд. Барои он ки дараҷаи инкишофи нутқи хонандагон ба ин меъёрҳо мувофиқ бошад, аз омӯзгор тайёрии ҷиддӣ тақозо мегардад, зеро мазмуни корҳои хонандагон ба супориш ва талаботи омӯзгор вобаста аст. Агар шарҳи зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологӣ ва ё ифодаҳои образноки матн талаб карда шавад, иҷрои корҳои хонандагон низ ин гуна масъалаҳоро бояд дар бар гирад. Аз ин лиҳоз, дар назди омӯхгор якчанд талабот гузошта мешавад:

1. Супоришот мантиқан мувофиқ ба савияи дониши хонандагон бошад ва онҳоро ба фикр кардан водор созад.

2. Хонандагон ба шарҳу тавзеҳи воҳидҳои муассири забон ва ВПФ, ки дорои арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ мебошанд, эътибор диҳанд, ба инкишофи нутқ, баланд бардоштани фарҳанги нутқ соҳиб мегарданд.

Иҷрои нақли хаттӣ дар марҳалаҳои зерин анҷом дода мешавад:

- интихоби матн, намунаҳои аз осори адабӣ ё матбуоти даврӣ ва мушаххас сохтани навъҳои нақли хаттӣ;

- хониши ифоданоки матн;

- шарҳи баъзе хусусиятҳои грамматикии вожаҳои мураккаб;

- таҳияи матн ва арзёбии он.

Нақли хаттӣ ва иншо воситаи пурарзиши ТФН, саводнокӣ, такмили истеъдоду қобилият, таъмини балоғати калом, тақвияти хотир, фикр, таносуби шаклу маъно, инкишофи нутқ ва малакаву маҳорати сухангӯйии шогирдон маҳсуб меёбад. Дар барномаи таълими ЗАТ масъалаи дарки асолати сухан ва балоғати калом бо фарогирии асосҳои илми забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, риояи меъёрҳои забони адабӣ, қисматҳои таркибии овошиносӣ, калимасозӣ, шохаҳои услубӣ, тарзи ифодаи нутқ, корбурди дурусти воҳидҳои луғавӣ, санъатҳои бадеӣ ва монанди инҳо марбут дониста шудааст. Дар барномаи ҳар синф баробари мавзуъҳои алоҳида ба иҷрои корҳои хаттӣ баъди ҳар боб, ҳамчунин бо мақсади мустаҳкам намудани дониши хонандагон корҳои хаттии санҷишии мустақилонаро ба инобат гирифтаанд. Дар ин маврид омӯзгорон бо назардошти самаранокии раванди таълим имкони кам ё зиёд кардани миқдори соатҳои ҳар фаслу бобро доранд. Мазмуну мундариҷаи нақли хаттӣ ва талабот ба он мувофиқ ба мавзуъҳои барномаи таълим ва синну соли хонанда бошад. Хонандагон аз рӯйи мазмуни матни хондашуда нақшаи корро тартиб медиҳанд.

1. Ифодаи равшану фаҳмо ва мураттабу асосноки фикр дар заминаи ВПФ.

2. Мувофиқати матн бо нақшаи таҳиягашта.

3. Риояи мураттаббаёнӣ дар тасвири макону замон, мундариҷаи муколамаҳо ва зоҳиру ботини қаҳрамонҳо.

4. Корбасти бамавқеъ аз ВПФ.

5. Ба назар гирифтани хусусияти эҷодии матн.

6. Мувофиқ ба вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ будани матни нақли хаттӣ.

Муҳаққиқони методикаи ЗАТ бархе аз унсурҳои такмилу тақвияти нақли хаттиро пешниҳод кардаанд: «Нақли хаттӣ бо супоришҳои иловагӣ. Он ба нақли хаттии муфассал монанд аст. Баъди навиштан ба талабагон супоришҳои иловагӣ дода мешавад: давом додани нақл, хулоса баровардан, тасвир, тавсифот, симои офарида, ҳодисаҳое, ки дар асар номбар шудаанд, бофтани аввали нақл... Чунин нақли хаттӣ хонандагонро ба иншонависӣ тайёр мекунанд, бинобар он онро «нақли хаттӣ бо унсурҳои иншо» низ меноманд» [83, 11]. Бино

ба андеши М.Р. Львов, талаботи асосии инкишофи бомуваффақияти нутқи хонандагон дар МТМУ аз унсурҳои зерин иборат аст: «Инкишофи механизмҳои физиологии нутқ; зарурати муошират, баёни афкор; мавҷудияти муҳити нутқ, ки нутқи инкишофёбандаи кӯдакро тавассути воситаҳои забонӣ омӯзиш ғизо медиҳад; мавҷудияти маводди муҳим, пурмазмун, ки мазмуни нутқро ташкил медиҳад; азхуд намудани донишхои назариявӣ оид ба забон, шаклҳои он, ислоҳи ғалатҳо, санҷидани матн бо қоидаҳои омӯхташуда, азхуд намудани ФН» [261, 168].

Дар методикаи таълими адабиёт усулҳои муайяне таҳия шудаанд, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки амалҳои судмандро дар самти рушди нутқи хаттии хонандагон анҷом диҳанд. Бо ин мақсад корбасти усули ғайрианъанавии корҳои эҷодӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, усули муаммогузорӣ, таҳлили интиқодии матни таълимӣ ва усули тадқиқотӣ ба мақсад мувофиқ аст: «Корҳои хаттии ёрирасон ба ғановати таркиби луғавӣ ва саводнокии хонандагон мусоидат менамояд. Ин машқҳои луғавӣ - услубӣ, ки омӯзиш ва таҳлили маводди хондашуда, рӯйнавис, навиштан аз хотир ва монанди инҳоро фаро мегирад. Масалан, ҳангоми тайёрӣ ба иншо ... бо зарбулмасалҳо, ВПФ кор мекунанд, вожаҳоеро интихоб мекунанд, ки мафҳуму моҳияти дӯстиро ифода созад» [96, 335].

Кори мустақилонаи эҷодии хонандагон аз навъҳои фаъоли кор бо матн ба шумор меравад, ки дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик омӯзгорон ба ин тарзи кор нисбатан камтар таваҷҷуҳ равона мекунанд. Дар рафти таҳқиқот ҳангоми дарсҳои хониши адабӣ дуруст ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи эҷодӣ дар инкишофи нутқи бадеии хонандагон ба натиҷаҳои назаррас оварда расонд. Дар раванди таълим омӯзгор аз хелҳои гуногуни кори эҷодии хонандагон истифода карда метавонад. Аз ҷумла, баъди омӯзиши ягон ҳикояти ҳаётӣ аз осори адибони классик ва ё муосир омӯзгор кори мустақилонаи эҷодиро супориш медиҳад. Дар пайравии мундариҷаи он ҳикоят хонандагон ҳикояти дигареро аз ҳаёти хеш эҷод мекунанд.

Усули лоиҳавӣ унсурҳои кори тадқиқ ва эҷодиро ба ҳам мепайвандад, манфиат ва андешаҳои хонандагон ба назар гирифта шуда, тамоми намудҳои

фаъолияти мансуб ба нутқ фаро гирифта мешаванд. Хонандагон зимни таҳияи лоиҳаи иттилоотӣ, тадқиқотӣ, эҷодӣ ва ба амалия нигаронидашударо доир ба мавзуи муайян аз рӯйи ин ё он жанр меомӯзанд, захираи луғавии худро фаъол месозанд, сохтори грамматикии нутқро такмил медиҳанд. Дар рисолаи илмии муҳаққиқи рус В.Я.Коровина «занҷири машқҳои мураккаб аз ҷониби хонандагон дар доираи асарҳои омӯхташудаи жанрҳои гуногун таҳия карда шудаанд, ки ба ҳамбастагии дарки хонанда ва фаъолияти нутқи онҳо мусоидат мекунанд» [199, 8]. Навъҳои дигари ташкили кор доир ба инкишофи нутқи хаттии хонандагон чунин ҳастанд:

- баррасии ғалатҳои умумӣ (хатоҳои вобаста ба сохтор, истифодаи нодурусти калима, риоя нагаштани ягонагии услубии матн, вайрон кардани мантиқи ВПФ). Масалан, байти зерин дар шакли ғалат иштиҳор дорад:

«Бе пир марав дар амонӣ,
Гарчанд Сикандари замонӣ» [381, 216].

Шакли дуруст:

Бе пир марав дарнамонӣ,
Гарчанд Сикандари замонӣ.

Дар байти мазкур мақому манзалати устод ва раҳнамо дар рушди камолоти инсон инъикос гаштааст.Ислоҳи сохтории ин байт аз нигоҳи матншиносӣ бисёр муҳим аст, зеро дар шакли нодурусти он ибораи «дар амонӣ» вазни шеър ва мантиқи ҷумла вайрон ва дар шакли дуруст - феъли «дарнамонӣ» (аз масдари дармондан – оҷиз шудан, дар роҳ мондан, ба мушкилӣ гирифтор шудан маъно ва вазни арузии байтро устувор мегардад. Маънои ин ҳикмат дар он зоҳир мешавад, ки инсон ҳатто агар аз нигоҳи қудрат, сарват, дониш ва ҷаҳонкушоӣ ба нишондодҳои Искандари Мақдунӣ баробар шуда, худро бениёз пиндорад, ҳеҷ гоҳ набояд бе машварату роҳнамоии устоди соҳибтаҷриба ба роҳи зиндагӣ ва касбу кор қадам гузорад, вагарна дар гирдоби мушкилот оҷиз ва дармонда хоҳад шуд.

Корбасти воҳидҳои фразеологӣ дар шакли нодуруст ё таҳрифшуда ҳодисаи маъмул аст, ки баъзан дар нутқи шифоҳӣ ва ҳатто хаттӣ ба мушоҳида

мерасад ва мустақиман ба сатҳи фарҳанги нутқ ва салоҳияти забонии шахс вобастагӣ дорад. Фразеологизмҳо табиатан қолабҳои тайёр ва устувори забон мебошанд, ки ҷузъҳои онҳо дар давоми асрҳо бо ҳам омехта ва рехта шудаанд, вале баъзан бинобар амиқ надонистани решаҳои таърихӣ ва маънои маҷозии вожаҳо ин сохторро халалдор мегардад. Нодурустӣ бештар дар шакли ҷойивазкунии калимаҳо бо унсурҳои омиёна, ҳамгунсозии содалавҳона ё хатоҳои имлоиву грамматикӣ зоҳир мешавад, ки барои намуна метавон табдили шакли саҳеҳи «ваъдаю ваид»-ро ба «ваъдаю воиз» (ваъда - паймон барои додани чизи хуб, мукофот; ваид - тарсонидан, ҳушдор, ваъдаи ҷазову уқубат; воиз - шахсе, ки панду андарз мегӯяд ё суханронӣ мекунад) зикр намуд. ***Ваъдаю ваид*** - таносуби амиқи маъноиро дар фарҳанги нутқ ҳифз намуда, усули дурусти баёни мураккабии рафтори инсонҳоро дар ҷомеа таъмин менамояд.

ВФ дар шакли «сару калоба гум кардан» нодуруст буда, шакли саҳеҳи он **«сари калоба гум кардан»** аст, ки аз нигоҳи этимологӣ ба калобаи ресмон ва пайдо кардани нӯг ё аввали он (сари ресмон) вобастагӣ дорад. Маънои 1. Парешонхотир, мушавваш гардидан; 2. Ба вазъияти мушкил афтодан, чӣ кор кардани худро надониста мондан»-ро дорад [349, ҷ.2, 45]. Аз дидгоҳи забоншиносии амалӣ ва ҳусни сухан, вақте ки ВФ дар шакли нодуруст ба кор меравад, он на танҳо таносуби маъно ва бадеияти худро аз даст медиҳад, балки занҷираи мантиқии баёни фикрро вайрон карда, нутқро печида месозад. Барои ҳифзи устувории меъёрҳои забони адабӣ хонандагон набояд ба таассуб роҳ диҳанд, балки лозим аст, ки бо мутолиаи асарҳои ноби адабӣ, шарҳу баррасии сохториву маъноии ВПФ ба корбасти саҳеҳ ва мавридшиносона ноил гарданд.

– мусоҳиба бо шоир ё нависанда, таҳияи пурсишнома барои суханвар (барои ин бояд хонандагон бо эҷодиёти адиб хуб шинос бошанд);

– ба давраҳои дигари вақт интиқол додани қаҳрамонҳои асар (барои ин хуб донистани мазмуну муҳтаво ва хусусияти қаҳрамонҳо лозим аст);

– ифодаи андеша доир ба мавзуи «Ба ҷойи қаҳрамон бошам, чӣ кор мекардам?»;

– тавсифи қиёсии қаҳрамонҳои асари бадеӣ, масалан, «Кова ва Заҳҳок» аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ («Диаграммаи Венн») имкон медиҳад, ки дар асоси таҳлили онҳо шабоҳат ва тафовут муайян карда шавад;

– нақли тафсилӣ – тафсилоти чеҳра, манзара, вазъи моддӣ, маданияти зоҳирии қаҳрамон (тарзи либоспушӣ, роҳгардӣ, ороиши мӯй ва монанди инҳо), фарҳанги нутқ ва сатҳи ҷаҳонбинии ӯ);

– Мо китоб менависем. Ин усул тасаввурот ва нутқи хонандагонро инкишоф медиҳад. Барои таҳияи «китоб» муаллим метавонад ба хонандагон машқҳо пешниҳод кунад. Масалан, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои як воҳиди фразеологӣ чанд муродиф ёбанд («гапи касеро ду кардан»), мавридҳои истифодаашро шарҳ диҳанд ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд;

– навиштани нома ба қаҳрамонони асари бадеӣ;

– тавсифи таассуроти рӯзи гузашта бо истифода ВПФ;

– ба нависанда ё шоири мушаххас табдил шудани хонанда ва таҳияи асари муҷаз бо истифодаи ВПФ;

– навиштани эссеи дастаҷамъона: омӯзгор чанд зарбулмасалу мақол, панду андарз ва воҳиди фразеологиро доир ба як мавзуъ пешниҳод мекунад. Ҷумлаи аввал дар коғаз навишта мешавад, ба таври занҷирӣ хонандагон интихобан бо ВПФ ҷумлаҳоро тавре тартиб медиҳанд, ки мантиқан ба ҳам алоқаманд бошанд ва ниҳоят як ҳикоя ҳосил шавад.

Корҳои хаттӣ хонандагонро водор мекунад, ки андешаҳои худро мустақилона баён ва ҳалли масъалаҳои хаёлиро пайдо созанд, ки он ба ташаккули фарҳанги мутолиа низ мусоидат мекунад. Барои навиштани иншои хуб хонандагон ногузир китобҳои бадеиро бештар мутолиа мекунанд ва ба сабку услуб ва ҳунари сухансароии адибон таваҷҷуҳ менамоянд. Аз таҳлили корҳои хаттӣ омӯзгор метавонад на танҳо сатҳи дониши хонандаро арзёбӣ кунад, балки андеша ва дунёи ботинии ӯро низ дарк намояд. Умуман, корҳои хаттӣ на танҳо санҷиши дониш, сатҳи саводнокӣ, балки воситаи босамари рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи омӯзиш ва истифодаи ВПФ маҳсуб меёбанд.

## 4.3. Омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар машғулиятҳои берунazсинфӣ ва рушди фарҳанги нутқ

Дар ҷараёни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик ташкили корҳои берунazсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна мавқеи муҳим дорад. Он маълумоти хонандагонро аз масоили зиёди забону адабиёти тоҷик ва зебошиносӣ (мусиқӣ, рассомӣ) вусъат мебахшад, дониши муҳассилинро амиқтар намуда, фарҳанги нутқашонро такмил медиҳад. Барои ба таври мукаммал аз худ кардани мавзуъҳои барнома омӯзгор ба хониши мустақилонаи хонандагонро ба инобат мегирад. Донишҳои аз ин роҳ ҳосилнамуда дар раванди дарс бо анҷоми фаъолиятҳои гуногун: баён, муҳокимаи асарҳои хондашуда, ахбор, гузориш, навиштани тақриз ва таҳлили бозёфтҳои эҷодии суханварон назарсанҷӣ мешавад. Бино бар ин, хеле зарур аст, ки ғайр аз дарс корҳои берунazсинфӣ низ ташкил ва масъалаи бозтоби нақши дониш дар ҳаёти инсон равшан карда шавад: «Корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб аз адабиёт дар фаъолияти рӯзмарра (раҳнамоии омӯзгор ва мураббӣ, волидон), лаҳзавӣ (хониши мустақилона, хониши муассир, шабнишинӣ, суҳбату мубодилаи афкор, саёҳат, мубоҳиса ва ғайра), муназзам ба нақшагирифташуда (хониши озоди берунazмактабӣ, маҳфил, созмону ташкилот ва ғайра) мураттаб мегардад. Аз ҷониби дигар, корҳои берун аз синф аз адабиёт дар муҳайёсозии муҳити эҷодии хонандагон (озмуни хониши шеър ва хониши муассири наср, озмуни иншои беҳтарин, вохӯрӣ ва шабнишиниҳои эҷодиву ҳунарӣ ва таҳияи намоишнома, викторина, мақола ва асари илмиву адабӣ) судманд аст» [200, 350]. Омӯзгорон танҳо бо машғулиятҳои синфӣ маҳдуд нашуда, аз воситаҳои дигари таълим: иҷрои корҳои мустақилона, амалӣ ва дигар чорабиниҳои берунazсинфию берунazмактабӣ низ дар мавқеи муносиб бояд истифода баранд. Ташкилу роҳандозии навъҳои гуногуни корҳои берунazсинфӣ ва ё берун аз мактаб ба барномаи омӯзишии дарси ЗАТ бояд робитаи қавӣ дошта, мантиқан идомаи ҳамдигар бошанд ва такмил диҳанд.

Ташкили самараноки ин намуди фаъолият имконият медиҳад, ки дониш ва малакаҳои ҳосилнамудаи хонандагон ба таври муназзам инкишоф ёбад. Дар машғулиятҳои беруназсинфӣ бештар аз ҳама фардият ва шахсияти хонанда ҳувайдо гашта, фаъолнокии фикрӣ ва худшиносии хонандагон ташаккул меёбад. Ин навъи кор шахсият, камолоти маънавӣ ва салоҳияти илмиву эҷодии шогирдонро ташаккул медиҳад. Вазифаҳои омӯзгор дар раванди ин навъ машғулиятҳо аз ин иборат мебошад:

- ташаккули тарбияи ахлоқӣ, маърифатӣ, ватанпарастӣ, инсонгарой, зебошиносӣ ва ҷомеашиносӣ дар чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ дар алоқамандӣ бо сарчашмаҳои илмӣ ва маводди осори адабӣ;
- тарбияи асосҳои фарҳанги нутқ, маданияти суханварӣ, муоширати хуб ва рафтори неку шоиста;
- аз худ намудани донишҳои асосӣ, салоҳиятнокӣ, инкишофи фарҳанги нутқ ва маърифатнокӣ;
- ташаккули шахсият, сифатҳои равоншиносӣ ва ботинии наврасону ҷавонон;
- бунёд ва такомули фаъолияти илмӣ ва амалии хонандагон мувофиқ ба фановариҳои муосир;
- парвариши муносибатҳои шоиста, муоширати ибратомӯз ва эҳтиром намудани дигарон.

Тавассути корҳои берун аз синф густариши дониш, инкишофи нутқ, ғановати таркиби луғавӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, афзудани майлу рағбат ба донишазхудкунӣ ва ҷаҳоншиносии толибилмон имконпазир мегардад ва ин дар рушди шахсияту камолоти маънавии инсон, дар зиндагӣ комёбу муваффақ ва пирӯз будани ӯ нақши сазовор дорад. Роҳандозии матлубу натиҷабахши машғулиятҳои фориғ аз ҷадвали дарс ба масъулият, маҳорат ва салоҳдиди муаллими забону адабиёти тоҷик марбут аст. Бино ба таъкиди Президент Эмомалӣ Раҳмон: «Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳар чи бештар рӯй оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷуйи илму донишро ҷой кунем» [356; http://www.president.tj/node/21975]. Дар синфҳои болоии

муассисаҳои таҳсилоти миёна навъҳои зерини корҳои беруназсинфиро ташкил кардан мумкин аст:

- хониши беруназсинфӣ ва мутолиаи мустақилонаи осори адабӣ ба таври дастаҷамъона (ё гурӯҳӣ) ва муҳокимаи китобҳои ҷолиб, маводди васоити ахбори омма (рӯзномаву маҷаллаҳо), тақризи хонандагон ба китобҳои мутолиакарда;
- ташкили маҳфилҳо ва нақли асарҳои бадеӣ, драмавӣ, адабӣ-эҷодӣ ва монанди инҳо;
- гузаронидани маҳфилҳои илмӣ-адабӣ, адабӣ-мусиқӣ ва адабӣ-фарҳангӣ ба таври ҳамгиро бо фанҳои таърих, ҷуғрофиё, суруд ва технологияи иттилоотӣ;
- гузаронидани озмунҳо барои хонандаи беҳтарини асари бадеӣ, ҳифзи панду ҳикматҳои бузургон, иншои беҳтарин бо истеъмоли ҳар чи бештар ВПФ;
- нашри деворнигори адабӣ, инчунин маҷмуа ё маҷаллаҳо дар мавзуи муайян, дар бораи китоби алоҳида ва ё муаллифи асари бадеӣ бо ВПФ;
- тартиб додани маҷмуаҳо дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоиру нависандагони бузург, аз рӯйи асарҳои алоҳидаи суханварон ва мавзуъҳои мушаххас бо ташреҳи ВПФ;
- шинос намудан бо асарҳои мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва асарҳои саҳнавӣ, ки аз ҷиҳати мавзуъ ба асарҳои таҳқиқшаванда монанданд;
- тамошои мунтазами саҳнаву синамоҳо (махсусан, доир ба рӯзгори адибон ва ё асарҳои омӯхташаванда), барномаҳои телевизионии адабӣ бо тайёрии қаблӣ ва муҳокимаи онҳо;
- мақсаднок шунавонидани хониши осори адабӣ бо сабти овози ровиён ва устодони сухан ва баррасии ВПФ аз он асарҳо;
- ташкили мукотиба бо осорхонаҳои адабӣ, инчунин бо шоиру нависандагони имрӯзи тоҷик;
- сайругашт ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ бо тавсифи минбаъдаи онҳо ба таври шифоҳиву хаттӣ, экскурсияҳои онлайнӣ ва таъкиди арзишҳои миллии онҳо бо истифодаи фаровони ВПФ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ (*Тири рафта аз камон барнамегардад; Аз мукофоти амал ғофил машав; Табиат – дӯст ва табиби мост*) ва амсоли он;

- якҷоя гузарондани сайругашт ва дигар чорабиниҳо оид ба корҳои беруназсинфии чанд муассисаи таълимӣ.

Баъзе равишшиносон роҳҳои ҷолиби ташкили маҳфилҳоро дар иртибот ба омӯзиши ВПФ пешниҳод кардаанд: «Ба аъзои маҳфили адабиёт супоридани вазифаи ҷамъоварӣ намудани эҷодиёти даҳонакии мардуми кишвару маҳалли худ ниҳоят зарур аст... Агар имконияти дар ду-се вариант гуфта шудани баъзе намунаҳои эҷодиёти халқ (мақол, зарбулмасал, дубайтӣ, рубоӣ, чистон, латифа, ғазал, суруд ва ғайра) бошад, навишта гирифта, онҳоро бо ҳам муқоиса намоянд ва ин кор боиси пешравии фаъолияти эҷодии аъзои маҳфил мегардад» [100, 242]. Соҳибназарон берун аз дарс ба мутолиа ҷалб намудани хонандагонро дар тарбияву парвариши насли ҷавон ва гузориш доир ба муаллиф ё муҳтавои асарро муҳим арзёбӣ кардаанд: «Корбасти адабиёти бадеӣ бо зуҳуроти барҷастаи он, ба монанди намунаҳои олии классикии ҷаҳонӣ ва ватанӣ, бешубҳа амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Мутолиаи китоб ҳамеша машғулияти асосӣ ва дӯстдошта буда, худи китоб амалан сарчашмаи аслии дониш мебошад. Китоби хубро ҳатман тарғибу ташвиқ ва хонандаро тарбия кардан лозим аст. Тамоми заҳамоти ин кор маҳз ба зиммаи мактаб ва муаллим вогузор аст. Бешубҳа, танҳо як машғулияти синфӣ нокифоя мебошад. Зарур аст, ки дарсҳои иловагӣ бо фарогирии ҳамбастагии забону фарҳанг ба роҳ монда шавад» [123, 26].

Ҳар як намуди кори беруназсинфие, ки муташаккилона ба роҳ монда мешавад, шавқмандии муҳассилинро ба омӯзиши маводди таълим меафзояд. Махсусан, хониши беруназсинфӣ ҷиҳати парвариш намудани ҳисси адабиётдӯстии хонандагон мавқеи аввалиндараҷаро касб кардааст. Ин навъи фаъолият маъмултарин намуди машғулияти беруназсинфӣ маҳсуб ёфта, афзалияташ аз он иборат аст, ки мутолиа ва дарки асари бадеӣ хусусияти инфиродӣ дорад ва ба он ҳамаи хонандагон бояд ҷалб шаванд, зеро дар ташаккули андешаи миллӣ, рушди иқтидори зеҳнӣ ва таҳкими истиқлоли кишвар нақши китоб ва китобхонӣ хеле бузург аст. Садриддин Айнӣ доир ба арзишу аҳаммияти мутолиаи китоб фикрҳои муфид иброз доштааст: «Моро

лозим аст, ки китоб хонем, илм омӯзем, маънои ҳаёт ва ҳаводиси зиндагиро донем. Агар мо аз илму маърифат баҳравар шавем, яъне соҳиби дониш гардем, метавонем нодонию ҷаҳолатро аз худ созем. Баръакс, агар бе илму маърифат ба воя расем, ҷаҳлу нодонӣ ба мо ҳамла меорад ва мо дар асорати он заифу нотавон ва қашшоқ мемонем» [372, ҷ.7, 127]. Раванди мутолиа ва маҳорати китобхонӣ хеле душвор, тулонӣ ва мустақим аст. Муҳассилин мувофиқи барнома бо намунаҳои барҷастаи асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ошно гашта, ба шарҳу таҳлили онҳо маҳорат пайдо мекунанд, хониши бадеӣ ва нақл карданро меомӯзанд, ба иҷрои корҳои мустақилона малака ҳосил менамоянд. Хониши беруназсинфӣ дониши дар ҷараёни тадрис ҳосилнамудаи хонандагон ва шарҳи маъноиву хусусиятҳои бадеии онҳоро амиқтар мегардонад. Муҳим он аст, ки робитаи хониши беруназсинфӣ ва хониши синфӣ ба таври мунтазам идома ёбад ва толибилмон ба китобхонӣ ҳар чи бештар рағбат пайдо кунанд. Бо ташаббусу иқдоми хушоянди Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мутолиаи китоб чанд сол инҷониб диққати хосса равона гашта, дар тамоми қаламрави кишвар озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” доир шуда истодааст. Роҳандозию баргузории озмуни мазкур дастгирии фарҳангии ҳукумати кишвар ва манбаи ташаккулдиҳандаи ҷаҳоншиносӣ, худшиносии миллӣ ва лаёқату маҳорати эҷодкорию маърифатпарварӣ аст. Он беҳтарин роҳи ҳавасмандкунии дӯстдорони каломи бадеъ ва наврасону ҷавонони соҳибистеъдод ба мутолиа, фаъолияти фикрӣ ва арҷгузорӣ ба фарҳангу маънавият мебошад. Аз ин ҷост, ки муаллим дар ҷараёни дарс ҳангоми пешниҳод кардани маводди барнома бояд ба ҷанбаи муассири тарбиявию ахлоқии ин ганҷинаи хирад диққат дода, ба таври умумӣ он асарҳоеро, ки барои хониши беруназсинфӣ тавсия шудаанд, ҳанӯз аз оғози соли таҳсил тавсиф намояд. Хониши беруназсинфиро бо се роҳ амалӣ кардан мумкин аст: 1) мутолиаи мустақилонаи адабиёти ҳатмии вобаста ба маводди дар синф омӯхташуда, ки равишшиносон чунин усулҳои ба роҳ мондани онро бозгӯй кардаанд - дарёфти порчаҳои таъйинкардаи омӯзгор аз асари бадеӣ, нақли мазмуни қисмати алоҳидаи матн, ки омӯзгор талаб кардааст, баҳо додан

ба қаҳрамони асари бадеӣ дар радифи корҳои мустақилонаи хонандагон арзиши бештареро соҳиб ҳастанд» [30, ч.2, 366]; 2) мутолиа ва таҳлили адабиёти аҳаммияти тарбиявӣ дошта («Асарҳо барои хониши беруназсинфӣ», ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ барои ҳар синф тавсия шудааст; 3) мутолиаи китобҳое, ки хонандагон бо салоҳдиди худ ё бо тавсияи бузургсолон интихоб кардаанд.

Дар барномаҳои қаблӣ (масалан, «Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10» (Душанбе, соли 1986) ғайр аз мавзуъҳои асосӣ инчунин миқдори муайяни китобҳои бадеӣ барои хониши мустақилонаи берун аз синф барои ҳар синф, аз ҷумла, синфи IV 5 соат; V 4 соат; VI 6 соат; VII 7 соат миқдори муайяни вақт дода мешуд» [46, 227]. Равишшиносон ин ду навъи хонишро аз намудҳои алоҳидаи корҳои беруназсинфӣ шуморида, афзалияти хониши мустақилонаро чунин тавзеҳ додаанд: «Ин асарҳо (барои хониши мустақилона пешбинигашта – С.Ш.) ё аз ҷиҳати жанру мавзуъ ё худ сюжету композитсия ба мавзуъҳои асосӣ қаробате дошта, чун материалҳои иловагии ёрирасон барои мустаҳкам шудани дониш ва такмили малакаҳои хониши хонандагон хизмат мекунанд» [41, 165].

Назарсанҷии дониши хонандагон на танҳо аз мавзуи асосӣ, балки аз хониши мустақилона низ мунтазам ба роҳ монда мешавад ва ин равиши кор барои ҳамбастагии маълумоти аз хониши мустақилона ҳосилнамуда бо мавзуъҳои асосии таълимгирифтаи хонандагон мақсаднок ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, дар барномаи ҳозираи таълими адабиёти тоҷик ҳеҷ қайду ишороте на аз хусуси хониши мустақилона ва на хониши беруназсинфӣ ба мушоҳида намерасад. Инчунин аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ феҳрасти интишори асарҳои бадеӣ барои хониши мустақилона барои ҳар синф тавсия гашта, аммо аз назарсанҷии фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна маълум гардид, ки он ба муаллимон дастрас нест ва ҳеҷ корбарие дар ин ришта анҷом напазируфтааст. Муҳаққиқи соҳа Аҳмадов М. ба нақди барномаи кунунии таълими адабиёт дар мактаб (2007) пардохта, пешниҳод менамояд, ки барои дарсҳои хониши берун аз синф соатҳои алоҳида

ҳатман муқаррар карда шавад: «...ҳамасола хонда баромадани миқдори муайяни асарҳои бадеӣ барои шогирдон бояд талаботи ҳатмии барномавӣ бошад... Барои гузаронидани дарсҳои хониши берун аз синф бошад, бояд соатҳои алоҳида ҷудо карда шавад, чунон ки дар барномаи таълими адабиёти соли 1990 ин кор амалӣ гардида буд» [220, 178].

Муаллим сатҳи хониш ва шавқу завқи хонандагонро тавассути мусоҳиба ё пурсиш, омӯхтани шаклҳои қолиби китобхонӣ муайян мекунад. Назорати хониши берунаэсинфӣ аз рӯйи барномаи таълим, кор бо фаслҳои китоб моҳирона истифода бурдани шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии мутолиаи мустақилона, маҳфилҳо, суҳбатҳои инфиродӣ; тафтиши рӯзномаи хониш ва навиштаҳои хонандагон, гузаронидани кори хаттӣ аз рӯйи асарҳои фориғ аз синф мутолиашуда ва монанди инҳоро фаро мегирад. Баъзе равишшиносон мураттаб намудани корҳои хаттиро аз рӯйи асарҳои мутолианамудаи шогирдон дар маърази андешаронихои хеш қарор додаанд: «Таҳияи эссе аз қабили «Гӯшаи китоби хонаи ман», «Дар мутолиаи худ чиро тағйир додан мехоҳам?» дар бораи ангеза ва хусусияти хониши муҳассилин маводди иловагӣ дода метавонад. Бисёр масъалаҳое, ки дар ин гуна корҳои хаттӣ ба миён гузошта шудаанд, мавзуи муҳокимаи синф ва суҳбатҳои инфиродӣ шуда метавонанд» [253, 164].

Таҳлил ва арзёбии корҳои хаттӣ, ба монанди эссе, иншо, навиштани ҷавобҳои хаттӣ ба саволҳои пешниҳодшуда, реферат, тақризҳо дар бораи китобҳои хондашуда барои муайян кардани сатҳи дарки китоби бадеӣ ҳам дар марҳалаи ибтидоии хониши мустақилона ва ҳам пас аз таҳлил ё худ муҳокимаи асар дар синф, санҷиши рушди фарҳанги мутолиа, дараҷаи ташаккули малакаи мустақилона таҳлил ва баҳо дода тавонистан ба асарҳои адабӣ ёрӣ мерасонад. Бархе аз муҳаққиқон усулҳои зерини назорати хониши мустақилонаи муҳассилинро пешкаш кардаанд: «Яке аз шаклҳои тафтиши хаттии хониши беруназсинфӣ дар синфҳои болоӣ дар мактабҳои миллӣ навиштани чакида (аннотатсия), тавсифи мухтасари мавзуъ, мазмун ва ғояи асосӣ, замону маҳалли воқеаҳои инъикосёфтаи китоби хондашуда бояд қайд гардад. Мураттаб

намудани тақриз барои китобҳои калонҳаҷм низ ба мақсад мувофиқ мебошад» [194, 24]. Барномарезии дурусти машғулиятҳои беруназсинфӣ барои эҷодкорӣ, малакаи таҳлили мазмуну муҳтавои асари бадеӣ ва маърифатнокии хонандагон имкон фароҳам меорад. Муҳаққиқон роҳи беҳтарини ҳавасмандӣ ба китобхонӣ ва ҷалб намудани шогирдонро аз ҳамкории мактаб, хонаводаву ҷомеа ва дар назди китобхонаҳо амал кардани шурои волидайн маҳсуб гониста, баргузор намудани маҳфилу чорабиниҳои гуногун, аз қабили «Китобхона дар меҳмонии мактаб», «Мактаб дар меҳмонии китобхона» ва «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»-ро тавсия кардаанд» [179, 167]. Барои тарғиби хониши беруназсинфӣ ташкили суҳбату ҳамоиши хонишро аз ҷониби кормандони китобхонаи муассисаҳои таълимӣ баъзе муҳаққиқон иқдоми хушоянд муаррифӣ кардаанд: «Намоиш, рӯйнамои китобҳои тозанашр, феҳрасти китобҳои шавқовар бо эзоҳи мухтасари мавзуъ ва мундариҷаи онҳо, девornигорҳо... Дар китобхона бо иштироки муаллимони фанни забон ва адабиёти тоҷик суҳбату конфронсҳо бо хонандагон ва конфронсҳои хониш – мавзуӣ, оид ба китобҳои алоҳида, инчунин оид ба масъалаҳои фарҳанги китобхонӣ низ гузарондан мумкин аст» [174, 263].

Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки то вақти баргузории конфронси хониш китобро ҳамаи талабагон мутолиа кунанд. Метавон ба онҳо қаблан пурсишнома пешниҳод кард, то ки афкору ақоиди худро дар бораи сабку баён ва ВПФ-и маводди китоб ҷамъбаст карда тавонанд. Чунин саволҳои санҷиширо барои гузаронидани «Сабқати зеҳнӣ» метавон манзур намуд. Саволҳои зерин дар таҳлили қиссаи «Парончакҳо»-и Абдулҳамид Самад ва дарки нақши ВПФ дар асар ёрӣ мерасонанд:

1. Дар порчаи суханронии Раҳматшоҳ ба Раҳимбек, ӯ дасти росташро дароз карда, мегуяд: «Ошно, ба панҷаи ман нигар. – Дидӣ, панҷ ангушт баробар нест...». Ин ибораи маҷозӣ чӣ маъно дорад ва ба чӣ ишора мекунад? Чӣ тавр суханҳои ҳикматнок, мақол ва зарбулмасалҳо ба нутқи қаҳрамонҳо (мисли Раҳматшоҳ) далелҳо ва муҳокимаҳои мантиқӣ мебахшанд?

2. Муаллиф (А. Самад) дар тасвири Латофат ишора мекунад, ки ӯ аз туҳфаҳо «курта-курта гӯшт мегирад». Ин ибораи маҷозӣ баёнгари кадом ҳолати равонӣ ё ҷисмонии қаҳрамон аст?

3. Ба маънои луғавии ибораи «сар бардоштан» дар ҷумлаи «Танҳо Насим аз болои китоб сар намебардошт» диққат диҳед. Оё ин ибора дар ин замина воҳиди фразеологӣ ҳисобида мешавад?

4. Дар бораи Насим гуфта шудааст, ки ӯ «донотарошӣ намекунад». Маънои ибораи фразеологии «донотарошӣ кардан»-ро шарҳ диҳед.

5. Ба ҷойи ибораи «ба дилат зада бошад» (Хонаи мо ба дилат зада бошад, ин гапи дигар...) кадом воҳиди фразеологии тоҷикиро метавон истифода кард?

6. Агар матни қисса пур аз зарбулмасалҳо ва мақолҳо бошад, ин чӣ гуна ба тасвири «забони равону пуробуранг»-и асар мусоидат мекунад?

7. Дар забони тоҷикӣ барои шахсе, ки ба мисли Латофат ба сару либос ва ороиш чунин рағбати шадид дорад, кадом фразеологизм ё мақолро метавон истифода кард? (Масалан, мақоле, ки муҳаббати зиёдро ба мол ва либос инъикос кунад).

8. Дар порчаи суханронии Раҳматшоҳ ба Раҳимбек, ӯ дасти росташро дароз карда мегуяд: «Ошно, ба панҷаи ман нигар. – Дидӣ, панҷ ангушт баробар нест...». Ин ибораи маҷозӣ (зарбулмасал ё мақол) чӣ маъно дорад ва ба чӣ ишора мекунад?

9. Мавқеи корбасти фразеологизмҳои «қарсак задан», «нуг-нуги по берун баромадан», «дунбол гирифтан»-ро шарҳ диҳед.

Бо ин равиш гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ мутаносиб ба ҳадафҳои омӯзиши осори адабӣ буда, ғайр аз мустаҳкам гардонидани дониш инчунин фаъолнокии муҳассилинро меафзояд. Дар ин гуна мавридҳо метавонанд афкору андешаҳои худро озоду мустақил ва бе маҳдудаи вақт иброз намоянд. Дар муҳокима ҳама шогирдон ширкат меварзанд, донишҳои назарӣ ва маҳорати таҳлили ВПФ ба таври воқеӣ зоҳир мегардад. Имкон дорад, ки баҳогузорӣ ба хусусиятҳои асар ва тавсифи қаҳрамонҳои меҳварӣ баҳсу баррасиҳои тулонӣ сурат гирад. Ташкили ин навъ мубоҳисаҳо ба зуҳури

истеъдодҳо, муаррифии чеҳраҳои нави эҷодкор ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад: «Имкон дорад, ки ба ҳар як фасли асар ғайр аз маърузакунанда боз чанд нафари дигар ҳамчун гурӯҳҳои муқобил ширкат варзанд ва саволҳо пешниҳод кунанд. Барномаи конфронс қиссаҳои бадеӣ, азёд хондани порчаҳо, қироати ифоданок аз китоб, таҳияи намоишнома, тамошои кадрҳо аз филмҳо ва муқоисаи он бо китоби хондашударо дар бар гирифта метавонад. Таҳлили асарҳои мустақилона мутолиашуда малакаҳои хонишро дар машғулиятҳои берунazsинфӣ ва робитаи хонандагонро бо китоб тақвият бахшида, шавқу ҳаваси мутолиаи онҳоро зиёд мекунад» [282, 23].

Ҳарчанд ин фаъолиятҳо ёрирасонанд, аммо шомили салоҳиятҳои касбии муаллими замони муосир ҳастанд ва бо роҳандозии ин навъ машғулиятҳо дар фароянди таҳсил тағйироти матлубе дар имлову фарҳанги гуфтори толибилмон эҳсос мегардад: «Ин салоҳиятҳо бештар ба маҳоратҳои тахассусии омӯзгорон марбут буда, ҷиҳати роҳнамоии дурусти шогирдон дар муомила бо китоб, муносибати эҳтиёткорона ба он, идроки зарурати хондан ва ташаббус барои хониши мустақилона нақши босазо дорад. Дуруст ташкил намудани фаъолият дар ин самт ба ҳар як омӯзгор имкон медиҳад, ки хонандагон ба ҳадафҳои таъиншуда, яъне ташаккули қобилияти шахсӣ, салоҳиятҳои хондану фарҳанги гуфтор соҳиб шаванд ва ин дар он маврид самаранок дониста мешавад, агар зимни мутолиа ба мазмуну муҳтавои асар диққат диҳанд, барои равшан кардани маънои калимаю ибораҳои номафҳум ба фарҳангномаву донишномаҳо муроҷиат намоянд» [281, 441]. Дар ҷараёни дарсҳои забони тоҷикӣ мисолу намунаҳо аз китобҳои бадеӣ таҳлил гашта, мутолиаи он ташвиқ карда шавад. Ному насаби «хонандагони кунҷкоб» ва пурмутолиа дар охири суҳбатҳо эълон ва мунтазам дар нашрияҳои дастрас қайд гардад. Мутолиаи осори бадеӣ бошууртар ва ҷаҳонбинии муҳассилин васеътар мегардад, агар саволҳои ҳангоми мутолиа ба миён омадаро қайд карда, ба онҳо аз китобдор ё муаллим ҷавоб ҷӯянд.

Мутахассисон доир ба эҳёи фарҳанги китобхонӣ мулоҳизаронӣ карда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз рӯйи ҷадвал ҷорӣ кардани соати алоҳида барои

таҳлили китобҳои бадеии мустақилона хондашуда пушниҳод шудааст, ки қобили дастгирист: «...бо ҷалби мутахассисони китобдорию донишшиносӣ барномаи вежаи тавсеаи фарҳанги китобхониро дар ҷомеа бояд таҳия кард ва барои иҷрои он ҳамаи шароитро муҳайё сохт... Масалан, дар мактабҳои миёна бояд ҳафтае як соат барои китобхонӣ ҷудо карда шавад, то бачагон аз хурдӣ бо фарҳанги китобхонӣ ошно шаванд» [369; https://anrt.tj/tj/khabar-o/1186-s-fizoda-far-angi-kitobkhoniro-e-jo-kunem].

Рисолати муаллими забон ва адабиёти тоҷик инкишоф додани қобилияти маърифатӣ, ҳавасмандкунӣ ба мутолиаи осори бадеӣ, рушди малакаи таҳлили мазмуну маъно ва фаъолияти фикрии шогирдон аст. Шароити таълиму тарбияро мувофиқ ба замони муосир ташкил намудан лозим аст, то ки масъул ва бунёдгузори равандҳои ҷадиди мутолиаву таҳқиқи мероси ниёкон бошад. Корбурди васоити техникӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ майлу рағбати хонандагонро ба таълим хеле меафзояд ва истифодаи онро на танҳо дар таълими фанҳои дақиқ, балки дар фанҳои ҷомеашиносӣ низ пажуҳишгарон мусбат арзёбӣ намудаанд: «Истифодаи технологияҳои комютерӣ дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ, хосса фунуни забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ низ метавонад манфиатбахш ва созгор бошанд. Фановариҳои иттилоотӣ имконоти зиёде доранд, ки роҳандозии онҳо дар ҷараёни таълими фанҳои филологӣ ба дониш, эҷодкорӣ, тахайюл, маҳорату малака, салоҳият ва масъулиятшиносии омӯзгорони филолог вобастагӣ дорад» [303, 77].

Бакоргирии фановариҳои иттилоотӣ дар хониши беруназсинфӣ низ аз манфиат холӣ нест, зеро теъдоди зиёди китобҳои электрониро ба таври ройгон бидуни мушкилӣ ва бе маҳдудият метавон аз шабакаҳои иҷтимоӣ зеркашӣ кард (масалан, аз сайти http://www.Epubor Ultimate) ва ба таври аудиовизуалӣ ва пахши возеҳу чандрасонаӣ (мултимедиа) ба хонандагон пешкаш намуд. Рамзкушоӣ ва табдили китобҳои электронӣ ба китобҳои шунавоӣ (овоӣ, аудиоӣ) тавассути беҳтарин нармафзорҳо (масалан, http://www.filelem/com) бе душворӣ анҷом додан мумкин аст. Махсусан, ҳифзи намунаҳо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ,

ашъори Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсору Фарзона ва суханварони дигари барҷастаи форсу тоҷик аз тариқи аудиовизуалӣ тамоман саҳлу осон мегардад ва итминон дорем, ки аз ҷониби хонандагон хуш истиқбол менамоянд. Умуман, истифодаи хубу бамаврид ва мувофиқ ба ҳадафҳои омӯзиш аз расонаҳои иттилоотиву иҷтимоӣ барои бедор кардани шавқу завқи хонандагон ба омӯзиш, рушди неруи зеҳнӣ, густардагии ҷаҳонбинӣ ва фаъолнокии фикрӣ мусоидат мекунанд.

Машғулият агар ба шакли кор дар гурӯҳҳои хурд (гурӯҳбандӣ) ба роҳ монда шавад, муҳассилинро ба ҳозирҷавобию хуштабъӣ тарбия намуда, боиси ташаккули истеъдодҳо мегардад. Барои интихоби сардори дастаҳо метавон хонандагоне, ки ба саволҳо оҷилӣ ва саҳеҳ ҷавоб медиҳанд, интихоб намуд. Масалан, бо мақсади санҷиши дониш, маҳорат ва малака доир ба аҳаммияти ҳусни баён ва самаранокии таълим ва шартҳои баланд бардоштани маданияти сухан ташкили чунин озмун байни гурӯҳҳои хурд мувофиқ аст. Аввалан, пешниҳод кардани саволномаҳо бо роҳи «ҳуҷуми зеҳнӣ». Ин усули самарабахш аст ва ҳадаф аз он муайян кардани сатҳи фаҳмишу дониши толибилмон доир ба як мавзуи мушаххас мебошад, ки ба шакли муҳокимаи тез ва баёни озодонаи фикри ҳамаи хонандагон амалӣ карда мешавад. Теъдоди зиёди саволҳоро метавон ба тарзҳои гуногун пешниҳод намуд: суолу ҷавоби тестӣ; гурӯҳбандӣ; тариқи варақаҳо; шифоҳӣ аз ҷониби ҳайати ҳакамон; намоиши слайдӣ; пешниҳоди саволномаҳо аз ҷониби дастаҳо ба ҳамдигар ва монанди инҳо:

1. Мафҳуми маданияти нутқро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Забон ба ахлоқ ва маънавиёти шахс чӣ гуна муносибат дорад?
3. Барои вусъати маданияти сухан чӣ бояд кард?
4. Омилҳои асосии сухандонӣ ва баёни каломи фасеҳ кадомҳоянд?
5.Барои соҳиб шудан ба маданияти сухан чӣ кор кардан лозим аст?...

Ин гуна саволҳоро то 20-30 адад тартиб додан мумкин аст. Дар сурати дар варақаҳо манзур намудани саволҳо намояндагони гурӯҳҳо яктогӣ варақаҳоро интихоб намуда, бо гурӯҳҳояшон маслиҳат мекунанд ва яке аз онон ҷавоб

медиҳад. Агар ҷавоб нопурра бошад, намояндаи гурӯҳи мухолиф пурра менамояд, ки дар ин сурат ба онҳо хол дода мешавад.

Шарти дигар луғатомӯзист. Ин кор хаттӣ гузаронида мешавад. Дар варақаҳо даҳтогӣ вожаҳо навишта шуда, ба намояндагони гурӯҳ пешкаш карда мешавад. Вожаҳо бояд дар зарфи 5-6 дақиқа шарҳ дода шаванд. Пас, варақаҳо ҷамъ оварда мешаванд.

Шарти дигар метавонад аз мисолҳо (тариқи слайд намоиш дода шавад) шарҳ додани калимаҳои душворфаҳм ва маънои байтҳо доир ба мавзуи сухан ва сухандонӣ бошад:

«Дар хамушӣ ҳарфҳои мухталиф як нуқтаанд,
Мекунад ин ҷамъро теғи забон аз ҳам ҷудо» [386, 238].

«Махур, Соиб, фиреби зуҳд аз аммомаи зоҳид,
Ки дар гунбад зи бемағзӣ садо бисёр мепечад» [386, 203]

«Фаҳми сухан гар накунад мустамеъ,
Қуввати табъ аз мутакаллим маҷуй» [394, 112].

Шарти дигар ин аст, ки ба таври умумӣ аз ҷониби муаллим савол ва супоришҳо дода мешавад. Масалан:

А) Ҷавоби дурусти воҳиди фразеологиро муайян намоед:

«Назар чун бар ҷамоли нозанин кард,
Кулаҳ бар осмон, сар бар замин кард» [234, 67].

Узрхоҳӣ кардан; 3. Таъна задан

Аз даст додан; 4. Хушҳолӣ намудан

* * *

Б) Муаллифи байт кист?

«Авқоти хуш он буд, ки бо дӯст ба сар шуд
Боқӣ ҳама беҳосиливу бехабарӣ буд» [394, 111].

Саъдии Шерозӣ; 3. Ҳофизи Шерозӣ

Ҷалолуддини Румӣ; 4. Камоли Хуҷандӣ

«Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро,

Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро» [391, 202].

Лоиқ Шералӣ; 3. Фарзонаи Хуҷандӣ

Бозор Собир; 4. Гулрухсор Сафиева

Супориш:

- Аз ҳар гурӯҳ якнафарӣ хонанда назди тахта баромада, тасаввур кунад, ки дар ҷаласа ва ё маҳфиле сухан гуфтанист:

- Дар ин вазъият бояд кадом шарту меъёрҳои суханварӣ риоя карда шавад?

- Оё озодона фикр баён карда метавонад?

- Барои мураттаб ифода кардани андеша чӣ халал мерасонад?

Баъди шунидани ҷавоб ба шогирдони дигар имконият фароҳам оред, ки ҷавобҳои ӯро такмил бахшанд ё саволҳои иловагӣ диҳанд.

Шарти дигар метавонад иборат аз овардани ВПФ дар мавзуи сухандонӣ бошад.

Ҳамин тавр, мусобиқаи байни гурӯҳҳо метавонад идома ёбад ва дар охир ҷамъбаст ва гурӯҳи ғолиб ҳавасманд гардонида мешавад. Муҳити гурӯҳи хурд ба озодона амал кардани ҳар кадом аъзои гурӯҳ, ҳамдигарфаҳмии гурӯҳҳо ва бо ризоият, озодона қабул кардани қарорҳо, саҳми сардор дар таъсис ва инкишофи гурӯҳ, кафолати масъулият ва ғайра мусоидат мекунад. Баҳодиҳии умумӣ ба кори гурӯҳ баробари натиҷаҳои корҳои дигар аз рӯйи баҳодиҳӣ ва шаклҳои муошират дар гурӯҳ ба амал меояд. Дуруст ташкил кардан ва гузаронидани чунин машғулиятҳо ба донишу маҳорат ва истеъдоди муаллимону тайёрии муҳассилин алоқаманд аст. Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро дуруст муайян кардан ва арзёбии дониши онҳо, муқоисаи андешаҳои манзургашта боиси ба даст овардани хулосаҳои дақиқи илмӣ ва мантиқӣ мегардад.

## Хулосаи боби чорум

Омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷикро зарур аст, ки сарфи назар аз навъи дарсу машғулият дар нақши касбии худ ҳамчун муаллими эҷодкор зоҳир шаванд, таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии хонандагонро ба асарҳои бадеӣ афзоянд, зеро

ҳосили донишу маърифат, ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пойдории забони давлатӣ, ҳамчун бақои миллат, аз роҳи мутолиаи осори бузургони илму адаб имкон дорад. Ҳадафи асосии ташкили хониши беруназсинфӣ ба даст овардани иттилои бештар аз хусуси ВПФ, инкишофи нутқи хаттиву шифоҳӣ, шинохти истеъдоду қобилиятҳои эҷодии хонандагон аст, ки барои муайян намудани ҳаёти ояндаи онҳо ҳам ёрӣ хоҳанд расонд. Таъмин ва дастрасии заминаҳои моддию техникии муосир алоқамандии шогирдонро ба осори адабӣ ва ҷустуҷуву навовариҳо метавонад афзояд. Омӯзиши хусусиятҳои дидактикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ собит кард, ки ин воҳидҳои забон дорои мазмуну муҳтавои баланди маърифатӣ ва тарбиявӣ мебошанд ва заминаи беҳтарин барои таҳкими арзишҳои миллӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва густардагии ҷаҳонбинии хонандагон дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик замина фароҳам меоранд. Фарогирии ин хусусиятҳо, шинохти маънои асливу маҷозии вожаву ибораҳо барои муайян кардани роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи шифоҳии хонандагон зимни тафсири онҳо роҳ кушод, дар вазъиятҳои мухталифи муошират ба таври бошуурона ва ҷоиз истифода баранд. Кор бо луғатномаҳо ва равшан кардани сохтори ин воҳидҳо маҳорати суханварӣ ва фасоҳати баёни шогирдонро ба куллӣ такмил медиҳад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таълими фанни ЗАТ танҳо бо соатҳои дарсӣ маҳдуд нагашта, дар машғулиятҳои беруназсинфӣ мантиқан идома пайдо мекунанд. Ташкили фаъолиятҳои дастаҷамъона, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, суҳбат ва конфронсу мубоҳисаҳо худшиносии миллӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва салоҳиятҳои маърифатии хонандагонро такмил мебахшанд. Донишҳои назариявии дар раванди дарс ва корҳои беруназсинфӣ ҳосилшуда ташаккули салоҳияти иртиботӣ, адабӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги нутқ ва устувории равонии наврасону ҷавононро кафолат медиҳанд. Муносибати босалоҳият ва ҳамгирои ин самтҳо собит месозад, ки омӯзиши мақсадноки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ воситаи муҳимми ташаккули шахсияти комил ва соҳибфарҳанги ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

# БОБИ 5. ОЗМОИШИ МУҚАРРАРКУНАНДА ВА ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ПАРЕМИОЛОГӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ

## 5.1. Санҷиши сатҳи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар рафти озмоиши муқарраркунанда

Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва қобилият аз марҳалаҳои аосии таҳқиқоти таҷрибавӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши мафҳуми «ВПФ» бидуни таҳияи низоми муайяни машқҳо, бе таҳлили дақиқи вазъу ҳолати воқеии дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятҳои калидии хонандагон дар робита ба мавзуи таҳқиқ ғайриимкон аст. Озмоиши муқарраркунанда барои арзёбии сатҳи ТФН-и хонандагон дар заминаи омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ ҳамчун воситаи самарабахши сайқал додани ҳусни калом, салоҳияти маърифатии хонандагон корбасти ВПФ-и тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; баҳодиҳӣ ба салоҳияти шинохти маънои ВПФ; арзёбии сатҳи идроки арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ; муайян кардани самарабахшии ВПФ ба ТФН-и хонандагон мебошад. Аз нигоҳи илмӣ-методӣ ташкил кардани озмоиши муқарраркунанда моҳияти таълими ВПФ-и тоҷикиро дар МТМУ асоснок карда, барои озмоиши таълимӣ замина мегузорад. Моҳияти озмоиши муқарраркунӣ дар таҳқиқоти методӣ аз марҳалаи асосии самти таҷрибавӣ-санҷишӣ мебошад, ки ҳадафи он:

- муайян намудани сатҳи воқеии рушди фарҳанги нутқи хонандагон;
- ошкор сохтани вазъи амалии истифодаи ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон;
- муайян кардани мушкилот, норасоӣ ва камбудиҳои нутқи муҳассилин, мавҷудияти имкониятҳои фаровон дар истифодаи ВПФ барои ТФН-и хонандагон мебошад.

Ин навъи озмоиш на ҷиҳати тағйири вазъи таълими ВПФ, балки хусусияти ташхисӣ-муқарраркунӣ дошта, зарурати таҳияи модели методии махсусро ба миён мегузорад ва салоҳияти хонандагонро дар истифодаи ВПФ рӯйнамо месозад, меъёр ва нишондиҳандаҳои рушди фарҳанги нутқи хонандагонро

мушаххас мегардонад; заминаи амалӣ-эмпирикии боэътимод барои хулосаҳои методӣ фароҳам меорад. Сатҳу сифати баёни фикр дар ҷараёни нутқ тавассути корбасти ВПФ, таносуби калом, завқи зебоишиносии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Риояи чанд омил: мутобиқати супоришҳо ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва дар доираи талаботи стандарти давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ва муҳтавои китобҳои дарсӣ қарор доштани маводди таълим ва аҳаммияти тарбиявии ВПФ ҳатмӣ мебошад. Озмоиш бо тартиби зерин бо фарогирии намудҳои гуногуни машқу супоришҳо гузаронида шуд:

Марҳалаи 1: Санҷиши дониши хонандагон ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ

Супориши 1.1. Шарҳи маънои ВПФ-и маъмули тоҷикӣ ва зикри мавқеи истеъмоли онҳо дар зиндагӣ ва муошират пешниҳод гардад: «Олими беамал – занбури беасал», «Одоб - ҳусни инсон», «Аз як даст садо намебарояд».

10 ВПФ-и тоҷикӣ ба ёд оред.

Меъёри баҳогузорӣ: Дурустии шарҳ, амиқии таҳлил, қобилияти ёфтани мисолҳои мувофиқ.

Супориши 1.2: Пурра намудани зарбулмасалу мақолҳо:

Аввал андеша – баъд ...

Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон ...

Ба кордон кор...

Ба болои сӯхта ...

Меҳнат бе ... нест.

Худам подшоҳ, хотирам - ...

Он чӣ дар дил аст, ба ... забон ояд.

Сухан дониста гӯй, то дӯстро ...

Забон ҳам ганҷ аст ва ҳам ...

Супориши 1.3. Ёфтани муродифоти ВПФ.

Ба ВПФ-и овардашуда хонандагон муродифи онро ёфта мазмунашро баён мекунанд: ранги рӯй паридан / мисли девор сафед шудан / сурху сафед шудан; дил ба ларза омадан - *ҳолати ниҳоят сахти парешонӣ ё тарс*); дар курта нағунҷидан / кулоҳ ба осмон партофтан / даҳон ба пушти гӯш расидан -

*хурсандии бениҳоят*; аз мӯйи сар зиёд / як олам / бе ҳадду ҳисоб / лак-лак - *бисёр, бешумор ва фаровон*.

Меъёри баҳогузорӣ: Дониши хонандагон оид ба моҳияти ВПФ, идроки дурусти мазмуну маънои онҳо.

Марҳалаи 2: Истифодаи ВПФ дар нутқи шифоҳӣ

Супориши 2.1: Баёни фикр бо истифода аз ВПФ дар мавзуъҳои мушаххас. Ба хонандагон мавзуъҳои мушаххас, масалан: «Ваҳдати миллӣ ва таҳкими ҷомеа», «Масъулияти ҷавонон дар пешрафти ҷомеа»; «Технологияи рақамӣ - кафолати зиндагии шоиста»; «Муҳоҷират ва таъсири он ба омӯзишу парвариш», «Фарҳанги нутқ ва ахлоқи муошират» пешниҳод мегардад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи мавзуи интихобкардаашон нақл кунанд ва чанд ВФП-ии марбут ба ин мавзуъро истифода баранд. Масалан: «Таърих собит намудааст, ки таҳкими ҷомеа аз иттифоқу ҳамдилӣ аст ва маҳз ҳамин руҳияи дастаҷамъӣ кишвари моро аз вартаи нобудӣ наҷот дода, ба суйи ободӣ бурд. Вақте ки мо мисли аъзои як пайкар муттаҳид мешавем, ҳеҷ гуна мушкилӣ наметавонад моро аз роҳи созандагӣ боздорад ва барои расидан ба ҳадафҳои олӣ ҳамкорӣ ва дастгирии якдигар зарур аст. Тавре ки дар мақол омадааст: **«Дасти ба ҳам омада кӯҳро чаппа мекунад»** ва кори душвортарин бо кӯшиши дастаҷамъона осон мегардад. Мо танҳо дар сояи ваҳдату ҳамдилӣ метавонем ба қуллаҳои мурод бирасем, зеро вақте **«Панҷ панҷа як шавад, мушт мегардад»** ва ҳеҷ неруе наметавонад бар он ғолиб ояд».

**Меъёри баҳогузорӣ:** Мантиқи баён, дурустии истифодаи ВПФ, ғановати таркиби луғавӣ, равонии нутқ.

Супориши 2.2: Муколама бо нақшофарӣ.

Хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, саҳначаҳои хурд ё муколамаҳоро бо истифодаи ВПФ омода мекунанд.

Супориши 2.3. Шарҳи ВПФ аз осори адабӣ:

2.3.1. Аз нутқи қаҳрамонҳои асари бадеӣ ё намоишномаву синамо ВПФ-ро ба хотир меоранд ва маънои онҳоро шарҳ медиҳанд.

2.3.2. Дар байти зерини Абулқосим Фирдавсӣ зарбулмасал барои ифодаи

кадом мақсади гуянда хизмат кардааст?

«Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ

Сухан ҳар чи гӯйӣ, ҳамон бишнавӣ» [150, 231].

Меъёри баҳогузорӣ: Коркарди саҳна, корбасти ВПФ дар муколама, ҳамкорӣ дар гурӯҳ, сатҳи идроки тобишҳои маънoии вожаву ифодаҳо.

Марҳалаи 3: Истифодаи ВПФ дар нутқи хаттӣ

Супориши 3.1: Навиштани иншо ё эссе.

Ба хонандагон мавзуи иншо ё эссе пешниҳод мегардад, ки дар он зарурати истифодаи ВПФ вуҷуд дорад, масалан: «Нақши сухан дар ҳаёти инсон», «Зарбулмасалу мақол – ганҷинаи хиради ниёгон».

Хонандагон бояд дар кори хаттӣ чанд ВПФ-ро ба таври дуруст ва мавридшиносона истифода баранд. Намуна**:** Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомуш аст.

Меъёри баҳогузорӣ: Мундариҷа, сохтори кори хаттӣ, саводнокӣ, дурустии истифодаи ВПФ, амиқии таҳлил.

Супориши 3.2**.** Шарҳи хаттии намунаи ВПФ аз осори адабӣ**:**

3.2.1. Чанд зарбулмасалу мақол нависед ва мавриди истифодаи онро баён созед. Масалан:

«Тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол,

Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол» [394, 66].

Вақте ки касе бо доштани пулу моли зиёд мағрур мешавад, вале илму ҳунар надорад, зеро боигарии моддӣ зудгузар аст ва метавонад бо як ҳодиса аз байн равад. Аммо касбу ҳунар сарвати бузургест, ки касе онро дуздида наметавонад ва дар ҳар ҷою ҳар ҳолат инсони босалоҳият хор намешавад. Вақте ки як ҷавон сухани оқилона мегуяд ё кори бузургеро анҷом медиҳад, ки ҳатто калонсолон аз иҷрояш оҷизанд. Ё баръакс, вақте касе танҳо бо такя ба синну сол даъвои эҳтирому дониш мекунад, вале соҳиби донишқ ахлоқи дуруст нест.

**3.2.2.** Ин ҳикмат чӣ паёме дорад, хаттӣ шарҳ диҳед:

«Ба кор андар андеша бояд нахуст,

Бад-он то шавад эмину тандуруст» [150, 128].

Азбаски хатоҳои ҷиддӣ аксар вақт боиси фишори руҳӣ, пушаймонӣ ва ҳатто зарари ҷисмонӣ мешаванд, қабл аз ба коре даст задан андеша кардан зарур аст, то ки саломатӣ низ ҳифз гардад.

3.2.3. **Чанд панду андарз нависед ва хулосаашро баён доред.** Намуна аз Низомии Ганҷавӣ:

«Нашояд ҳама киштан аз баҳри хеш,

Ки рӯзихуронанд аз андоза беш.

Зи боғе, ки пешинагон коштанд,

Пасояндагон мева бардоштанд» [387, 104].

Шоир таъкид мекунад, ки инсон набояд танҳо барои манфиати худ заҳмат кашад, зеро дар ҷомеа теъдоди зиёди инсонҳо, ҷонварон ва насли оянда ба меҳнату некии мо ниёз доранд. Ин даъват ба башардӯстӣ ва хайрхоҳӣ аст. Шоир бо мисоли хеле равшан – боғ ва мева нишон медиҳад, ки дар зиндагӣ ҳар кас бояд масъулияти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дошта бошад. Вақте аз неъматҳои гузаштагон истифода бурд, бояд худаш низ ба бунёдкорӣ машғул шавад ва ин адои қарз дар назди ҷомеа ва пайвандон аст.

Супориши 3.3. Таҳияи эссе ё нақл**.**

Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ҳикоя ё нақли хурдеро таҳия кунанд, ки дар он воҳидҳои фразеологӣ чун унсури асосии инъикоскунандаи арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ истифода шудааст.

Намуна**:** «Боадаб бош, ки хосияти меҳмон адаб аст», «Вақтро чӣ гуна дуруст истифода барем?», «Меҳнат инсонро ба камол мерасонад».

Меъёри баҳогузорӣ: эҷодкорӣ, мантиқи баён, дурустии истифодаи ВПФ дар эссе ё нақл.

Меъёрҳои умумии баҳогузорӣ:

Донистани мафҳуми ВПФ: донистани хусусусиятҳои ВПФ.

Дарки маъно: қобилияти шарҳ додани маънои ВПФ.

Корбасти мавқеъшиносона: Истифодаи дуруст ва мувофиқи мақсад дар мавридҳои муайян.

**Фасоҳати нутқ:** равонӣ, возеҳӣ ва бойигии луғавии нутқ.

**Дарки арзишҳои ахлоқӣ:** фаҳмидани арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ, ки дар ВПФ ифода ёфтаанд.

**Эҷодкорӣ:** Қобилияти истифодаи ВПФ дар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ.

Озмоиши муқарраркунанда собит намуд, ки зиёда аз 58%-и хонандагони синфҳои 5-6-ум дорои дараҷаи пасти фарҳанги нутқ мебошанду ба дараҷаи баланд 20 % ва ба дараҷаи миёна 14 %, аммо дараҷаи ниҳоят паст 8 % қарор доранд, ки инро метавон дар диаграммаи зерин ба мушоҳида гирифт.




Назарсанҷии вазъияти мазкур бозгӯйи он аст, ки нутқи хонандагони синфҳои 5-6-ум ба таври кофӣ шакл нагирифта ва корҳои таълимӣ низ дар ин самт бояд беҳтар ба роҳ монда шавад. Муайян намудани сабабҳои паст будани фарҳанги нутқи хонандагон, таваҷҷуҳ ба омӯзиши осори адабӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ-и тоҷикӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳои олии мақсаднок дар ин самт бояд инкишоф дода шавад.

Дар иртибот ба ин ҳадафҳо бо фаро гирифтани беш аз 150 нафар омӯзгор ва 470 нафар хонандаи синфҳои V-XI гимназияҳои №1 ба номи Раҳим Ҷалил, №4, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ба номи Зайниддин Осимов, №5 ба номи 20-солагии Тоҷикистон, №6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, №23 ба номи А.Фирдавсӣ, №12 ба номи Аловуддин Бобоев, литсейи Донишгоҳи

давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистони шаҳри Хуҷанд ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ба номи Мирзобарот Исмоилов, №15 ва гимназияи умумии №2-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд давраи аввали озмоиши педагогӣ-озмоишии муқарраркуниро ба таъсис фаро гирифтем. Дар ҷараёни ин озмоиш сухбат ва пурсишнома (анкета) бо омӯзгорон ва хонандагон бо мақсади муайян кардани сатҳи идрок ва корбасти ВПФ-и забони тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ гузаронида шуд:

**Пурсишнома ба омӯзгорон:**

**1.** Мафҳуми «ВПФ»-ро чӣ гуна идрок менамоед?

2. Дар ҷараёни дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик чанд муддат барои баланд бардоштани фарҳанги нутқи муҳассилин тавассути ВПФ-и тоҷикӣ лозим аст?

3. То чӣ андоза ВПФ, панду андарз, зарбулмасалу мақолҳои мундариҷ дар китобҳои дарсӣ ба хонандагон шарҳу тавзеҳ дода мешавад? То чӣ дараҷа онҳоро шогирдон дарк менамоянд?

4. Барои тафсири панду андарз, зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ аз кадом китобҳо истифода мебаред?

5. Баҳои умумӣ ба маводди таълими ВПФ-и забони тоҷикӣ.

6. Воҳидҳои фразеологӣ, панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳои кадоме аз китобҳои дарсӣ (кадом синф, фанни «Забони тоҷикӣ» ё «Адабиёти тоҷик») барои таҳкими арзишҳои миллии хонандагон мусоидат доранд?

7. Ба андешаи Шумо таваҷҷуҳи муаллифони китоби дарсӣ барои баланд бардоштани арзишҳои миллӣ то кадом андоза эҳсос мешавад?

8. Аз нигоҳи Шумо машқу супоришоти китобҳои дарсӣ ба такмили фарҳанги нутқи муҳассилин мусоидат менамояд?

9. Намунаҳо аз осори адабӣ то кадом андоза ба тарбияи худшиносии хонандагон равона карда шудааст? Баҳои Шумо.

10. Оё маҳорати корбасти ВПФ, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ дар нутқи хонандагони синфҳои боло ба назар мерасад? Дар кадом маврид он ифода меёбад?

11. Маводди кадом китобҳои дарсии фанни забон ва адабиёти тоҷик ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ, адабӣ ва маърифатӣ, фаъолнокии фикрӣ, ТФН, дарки арзишҳои миллии ВПФ мувофиқ аст?

12. Аз кадом роҳу усули ғайрианъанавии таълим дар ҷараёни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ҳини дарсҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, ё корҳои беруназсинфӣ дар рушди ФН-и хонандагон истифода менамоед?

13. Дар кадом маводди китоби дарсӣ ВПФ бештар истифода шудааст?

Таҳлили натиҷаи пурсишнома имкон дод, ки муносибати омӯзгорон ва ҷавобҳои хонандагон ба ВПФ ҳамчун арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ, ҳалли муаммоҳо тавассути муошırати маданӣ ва муносибат ба омӯзиши онҳо муайян карда шавад. Аз ҷумла, пурсишнома муайян сохт, ки:

а) омӯзиши ВПФ дар рафти дарсҳои ЗАТ аз нигоҳи инкишофи нутқ муҳим ва зарур маҳсуб меёбанд;

б) ВПФ-и тоҷикӣ маҳсули хирад ва таҷрибаи чандинасраи халқи тоҷик буда, ҳамчун унсури асосии ФН хизмат мекунанд ва омили муҳимми рушди маърифатӣ-зеҳнии муҳассилин мебошанд.

в) коркарди роҳу усули босамари омӯзиши ВПФ барои бедор шудани шавқу завқ ва ҳавасмандии хонандагон, хосса, дар тарбияи ахлоқӣ-маънавии онҳо мусоидат менамояд.

г) 30 % - и шогирдон ба омӯзиши босалоҳияти ВПФ майл рағбат зоҳир намуда, ба дарки маънои маҷозӣ ва хусусиятҳои нозуки ин воҳидҳои забон бошуурона муносибат мекунанд.

ВПФ-и тоҷикӣ ҳамчун андарзу ҳикмати бисёрасраи халқи тоҷик дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон мавқеи назаррас дошта, аз калимаҳо ва ибораҳои фасеҳу салис таркиб ёфтаанд. Фарогирии ин навъ ифодаҳои пурҳикмат захираи луғати хонандагонро вусъат мебахшад ва ба инкишофи тафаккури эҷодӣ ва қобилияти дарки маъноҳои амиқ роҳ мекушояд. Истифодаи ВПФ нутқро рангин, ҷолиб ва пурмазмун гардонида, барои ба таври мухтасар, возеҳ ва дақиқ баён намудани фикр мусоидат мекунанд.

ВПФ, ки дорои сохтори муайян ва мантиқи мукаммал мебошанд, нутқи мураттаб ва ҳусни каломро такмил медиҳанд, хислатҳои нек, одоби ҳамида, ахлоқи наку, эҳтироми калонсолон, меҳнатдӯстӣ, худшиносии миллӣ ва дигар арзишҳои инсониро дар хонандагон парвариш медиҳанд. Азбаркунии ВПФ на танҳо салоҳияти забониро рушд медиҳад, инчунин ба тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ низ замина мегузорад. Дониши зарурӣ доир ба ВПФ, малакаи шарҳу тафсири он тавассути кумаки омӯзгор дар роҳи пешгирии истифодаи маҳдуд ё хато, баёни нодурусти фикр ба василаи интихоб ва истифодаи онҳо ёрӣ мерасонад. Бино ба таҳқиқоти мазкур ва мушоҳидаҳо дар раванди дарсҳои ЗАТ ба омӯзиши ВПФ на ҳамаи омӯзгорон таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир намекунанд. Дониши на ҳамаи хонандагон оид ба омӯзишу дарки ВПФ чунонки озмоиши муқарраркунӣ собит кард, дар сатҳи зарурӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, ҷиддият ва фаъолиятҳои зеринро барои омӯзиши ВПФ судманд мешуморем:

**1. Ташкили дарсҳои махсус:**

а) шиносоӣ бо ВПФ-и нав (масалан, 5-10 миқдор дар ҳар дарс);

б) шарҳи маънои ВПФ аз сарчашмаҳои илмӣ; «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «ФИР», «Луғати фразеологии мактабӣ»;

в) муҳокимаи мавқеи истифодаи ВПФ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ;

г) ташкили бозиҳо ва иҷрои машқу супоришҳо оид ба мустаҳкам аз худ шудани ВПФ (интихоби мувофиқи ВПФ бо шарҳу тафсир, овардани мисолҳо аз осори мансур ва манзум).

**2. Супоришҳои эҷодӣ:**

а) таҳияи нақли хаттӣ ё эссе, ки дар онҳо ВПФ-и омӯхташуда истифода шаванд;

б) баҳс ва муҳокима оид ба ВПФ: масалан, ифодаи «дар пӯстини мардум афтодан» чӣ маъно дорад?

а) ғайбат кардан б) танқид хондан

в) ҷома пушидан г) эътиқод кардан

в) нақшбозӣ ё саҳначаҳо, ки дар нутқи қаҳрамонҳо ВПФ истифода мешаванд;

г) таҳияи вожаномаи инфиродии ВПФ бо мисолҳои мантиқан мувофиқ.

**3. Кор бо лоиҳа.** Мавзуъҳо: «ВПФ-и машҳур дар осори классикон», «ВПФ дар ашъори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ», «Мавқеи ВПФ дар нутқи шифоҳӣ», «Корбурди ВПФ дар нутқи аъзои хонавода».

Дар рафти таҳқиқ дар татбиқи амалии ин қабил ибтикорот дар асоси барномаи махсуси «Ҳусни сухан» имкон пайдо намоем. Барномаи мазкур фарогири ҳадафҳои маърифатӣ ва тарбиявӣ буда, ба тақвияти донишҳои хонандагон, муносибати босалоҳият ба дарки арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ, такмили фарҳанги нутқ, ташаккули қобилияти таҳлиливу қиёсӣ ва фаъолнокии фикрии онҳо нигаронида шудааст.

Ба хотири таъсиси машғулиятҳои махсус ва тренингҳо бо тавсияи Шуъбаи маорифи вилояти Суғд омӯзгорони соҳибтаҷриба беш аз 150 нафар ва 470 нафар хонандаи синфҳои V-XI гимназияҳои №1 ба номи Раҳим Ҷалил, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ба номи Зайниддин Осимов, №4, №5 ба номи 20-солагии Тоҷикистон, №6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, №12 ба номи Аловуддин Бобоев, №23 ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, литсейи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистони шаҳри Хуҷанд ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ба номи Мирзобарот Исмоилов, №15 ва гимназияи умумии №2-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, ки донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ба таҷрибаомӯзӣ мераванд ва он мактабҳо бо донишгоҳ Шартномаи ҳамкорӣ доранд, 12 тренинг ташкил карда шуд. Аз ҷумла:

а) соҳиби малакаю салоҳияти зарурӣ дар таълими ВПФ барои рушди фарҳанги нутқи хонандагон;

б) доир ба меъёр ва шартҳои асосии баланд бардоштани ФН маълумоти кофии илмӣ-методӣ доранд;

в) муносибати босалоҳият ва эҷодкорона дар шарҳу тафсири ВПФ, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол доранд;

г) барои фаъолияти эҷодии хонандагон дар раванди таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ шароити мусоиди маърифатӣ фароҳам оварда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нутқи онҳо муассир ва маданӣ бошад;

д) дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, таҳаммул, бардошт, хоксорӣ, тавозуъ масъулият, ташаббускорӣ бошанд;

е) барои рушди салоҳияти касбии хеш, мутобиқшавӣ, интихоби роҳу равиши методӣ ва педагогӣ, қобилияти фароҳам сохтани фазои озоди таълимӣ-омӯзишӣ кӯшиш ба харҷ дода бошанд.

Аз 36 нафар омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТМУ-и рақами 2, 6, 15, 24-ум ва мактаби хусусии «Паймон»-и шаҳри Хуҷанд, МТМУ-и рақами 1, 15, 49-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров пурсиш оид ба «***Салоҳияти касбии омӯзгор***» гузаронида шуд.




Аз ҷадвали овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки омӯзгорони гурӯҳи «А» ва «Д» бештар ба такмили салоҳияти касбии худ эътибор дода, ба тақвияти дониши хонандагон оид ба омӯзиш ва дарки ВПФ, рушди ФН, ташаккули маҳорату малакаи хонандагон ба дарки арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ кӯшиш менамоянд. Дар рафти таҳқиқоти озмоишӣ масъалаи дигаре низ ба миён омад ва маълум гардид, ки дар раванди таҳсил шогирдон навовар ва навҷуй будани омӯзгор тақозои даврy замон ва масъулияти касбии ӯ маҳсуб

меёбад. Аз ин лиҳоз, лозим аст, ки омӯзгорон салоҳиятҳои зеринро низ бояд дошта бошад:

1. Роҳу усулҳои самараноки таълимро вобаста ба ҳар мавзуъ муайян карда тавонад.

2. Малакаву маҳорати шарҳу тафсири возеҳу равшани маънои ВПФ-ро такмил дода, барои дарки мазмун ва моҳияти онҳо аз ҷониби муҳассилин муваффақ гардад.

4. Шавқу завқи хонандагонро барои аз худ кардани ВПФ, фразеологизмҳо, зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ, ки саршори панду андарз ва суханҳои ҳикматбахшанд, бедор кунад ва вусъат бахшад.

5. Дорои захираи бойи луғавӣ-фразеологӣ ва дар нутқ намунаи олии суханварӣ бошад.

6. Аз фазилати ҳусну маънии баён, санъати сухан, қобилияти ифодаи муҷазу пуробуранги фикр ва услуби баланди гуфтор ва муошират бархурдор бошад.

7. Дорои малакаи дарёфти эҷодӣ ва амалан татбиқ кардани фикрҳои тоза дар фаъолияти мушаххас, дар таъсиси лоиҳа ва шаклҳои нави моделсозӣ бошад.

8. Соҳиби тафаккури баланди фарҳангӣ ва зебошиносӣ бошад, ки ин нукта ифодагари рушди зеҳнӣ, эҳсос ва дараҷаи баланди маърифати фарҳангии омӯзгор маҳсуб меёбад.

9. Падидаҳои пурарзиши таълиму тарбияро дар заминаи воҳидҳои паремиологӣ аз унсурҳои ноқис ва камарзиш ташхис карда тавонад.

Татбиқи амалии қобилияти навоварии ҳар омӯзгор дар шароити робитаи пайваста бо шахсият ва ҳампешаҳои ботаҷриба, ки дар таълим андешаҳои солим, салоҳияти истифодаи фановариҳои муосири иттилоотӣ, собиқаи кор бо лоиҳа ва технологияҳои муосирро доранд, босамар ва пурмаҳсул мегардад.

Ҳангоми озмоиш ба таҳлили вазъи таълим ва фаъолияти педагогии омӯзгорон дар самти рушди маърифатии хонандагон дар асоси омӯзиши ВПФ ва дигар унсурҳои паремиологӣ, вусъати салоҳияти касбӣ тавассути иштирок ва фаъолият дар тренингҳо, ки ба ТФН-и муҳассилини мактабҳо, баланд

бардоштани савияи дониш, худшиносӣ ва  худогоҳии миллии онҳо мусоидат мекунанд, аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуд. Аз ин лиҳоз, дар рафти озмоиши муқарраркунанда мо на танҳо ба сатҳи дониши хонандагон бобати омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқ, инчунин ба муносибати босалоҳияти омӯзгорон дар таълими онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардем. Маълум гардид, ки омӯзгорон то чи андоза бомаҳорат, мавридшиносона ва ҳадафмандона ба интихоб ва тафсиру шарҳи муфассали ВПФ муваффақ мешаванд. Озмоиш нишон дод, ки омӯзгорон аз усули гуногуни фаъол дар раванди таълими ВПФ истифода мебаранд:

- огоҳ кардани муҳассилин бо мазмуну маънои ВПФ-и тоҷикӣ аз рӯйи матн ва супоришҳои китоби дарсии ЗАТ;

- ташхиси захираи луғавии хонандагон саволу ҷавоб, баёни мазмун ва маънои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, муайян намудани сатҳи фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои 5-11-ум дар заминаи дониш, фаҳмиш ва истифодаи ВПФ-и тоҷикӣ;

- дарёфти омилҳои ТФН ва ҳусни баёни хонандагон дар робита ба истифодаи ВПФ;

- ташаккули салоҳиятнокии хонандагон дар интихоб ва истифодаи эҷодкоронаи ВПФ дар нақл, ҳикоя, эссе, иншо ва амсоли он;

- арзёбии дараҷаи тафаҳҳум, қобилияти идрок, шарҳу тафсири ВПФ;

- такмили салоҳияти иртиботии хонандагон дар заминаи корбурди ВПФ ва дигар унсурҳои паремилогии забони тоҷикӣ дар раванди ҷаҳонишавии ҷомеа, ки аз вазифаҳои муҳимми таҳсилот ва ҳадафҳои он дар замони муосир маҳсуб меёбад.

Дар раванди озмоиши муқарраркунанда дар робита ба санҷиши вазъи таълими ВПФ иҷрои силсилаи талабот аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин дар мадди назар дошта шуд:

1. Муайян кардани дониши хонандагон оид ба вижагиҳои ВПФ-и тоҷикӣ, ки дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба касрат истифода мешаванд.

2. Арзёбии қобилияти хонандагон дар идрок ва шарҳи маърифатӣ-ахлоқии ВПФ.

3. Муайян кардани салоҳияти хонандагон дар истифодаи дуруст ва мақсадноки ВПФ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

4. Баҳогузорӣ ба муносибати хонандагон ба моҳияти ВПФ ҳамчун воҳиди махсуси лингвистӣ  ва арзишҳои фарҳангӣ-ахлоқӣ.

Дар рафти озмоиш маълум гардид, ки аксари хонандагон салоҳияти идроки мазмун ва моҳияти ВПФ ва мавқеи корбурди онҳоро доранд. Ҳадаф ва омилҳои дар боло зикршуда дар ниҳоди шогирдон ба такмил ва рушди малакаҳои муоширaт, ҳусни баён, вусъати фикр кумак намуда,  баҳри ба даст овардани донишу маълумоти саҳеҳ шароити мусоид фароҳам овард. Дар рафти пурсиш, мусоҳиба, тест ва дигар намуди машқу супоришҳо ҷалби хонандагон ба фаъолияти эҷодӣ дар заминаи истифодаи ин воҳидҳои луғавӣ ва адабӣ роҳандозӣ гардид. Дар рафти озмоиш бархе аз муаммову мушкилоти таълими ВПФ дар МТМУ-ҳои зикршуда, норасоиҳо дар самти ташаккули фарҳанги нутқ ва парвариши арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар ниҳоди муҳассилин ба назар расид. Ба монанди:

1. ФН-и хонандагон ва таҳкими ҳисси арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар заминаи воҳидҳои паремиологии забони тоҷикиро омӯзгори бомаърифат, босалоҳият, дорои таҷрибаи бойи касбӣ ташаккул дода метавонад. Зарур аст, ки дар мадди аввал салоҳияти касбии омӯзгор тавассути баргузории курсҳои босифати такмили ихтисос баланд бардошта шавад.

2. Масъалаи дигари муҳим - донистани меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ, омилҳои такмили фарҳанги нутқ ва ҳусни баёни омӯзгор маҳсуб меёбад.

3. На ҳамаи омӯзгорон савияи баланди дарки моҳият ва мазмуни воҳидҳои паремиологии забони тоҷикиро доранд. Ба ҷавоби баъзе суолҳое, ки дар китобҳои дарсӣ оид ба ВПФ омадааст, баъзе аз омӯзгорон ҷавоби дуруст дода натавонистанд. Дар суҳбатҳои хосса мо дар ин хусус ба онҳо мисол ва ишоратҳои махсусро нишон додем.

Метавон таҷрибаро бо ду шакл ба роҳ монд:

а) дар раванди таълими мавзуъҳои тавсиянамудаи «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11» ва «Барномаи таълими адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11» (омӯзиши зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат дар синфҳои 5-11-ум ва воҳидҳои фразеологӣ дар синфи 7-ум ва 10-11-ум);

б) таълими зарбулмасалу мақол дар синфи 5-ум;

в) таълими панду андарзҳои бузургон (дар ҳамаи синфҳо).

Осори бадеӣ саршор аз ВПФ-и хушоянду дилнишин ҳастанд, ки аз сарватҳои арзишманди миллӣ маҳсуб меёбад (дар ин хусус ба омӯзгорон маслиҳатҳои хуб дода шуд). Дар рафти озмоиш собит гардид, ки ҳангоми машғулиятҳо аз фанни ЗАТ омӯзиши осори адибони барҷастаи форс-тоҷик дар мавриди таҳқиқи масъалаи мазкур аз вазифаҳои муҳим буда, шоистаи эътибори ҷиддӣ ва таваҷҷуҳи хос мебошад. Дар ин ҷода, бо мақсади ТФН-и хонандагон истифода аз эҷодиёти ғании адибони бузург басо манфиатовар мебошад. Аз ҷумла, намунаҳо аз асари мондагори Ҷалолуддини Балхӣ – «Маснавии маънавӣ», ки андешаҳои ҷолиби ҳикматомезро дар либоси оростаи манзум басо нишонрас ба қалам додааст, ҳам дар китобҳои забони тоҷикӣ ва ҳам адабиёти тоҷик ҷой дода шудааст. Агар мисолҳои бешумори ҳикматпазир ба таври возеҳ шарҳу тафсир шавад, на танҳо барои аз худ кардани улуми адабӣ, балки дар парвариши ахлоқи наку нақши муҳим мебозад. Масалан, аз байти зерин баробари шарҳи воҳидҳои фразеологии **лаб бастан** (хомуш будан) ва **каф кушодан** (саховатмандӣ) инчунин шарҳи маънои умумии он низ мувофиқи мақсад аст:

«Лаб бибанду каффи пурзар баркушо,

Бухли тан бигзору пеш овар сахо» [394, 204].

**Шарҳи ҳикмати байти зер:**

Ҳар ки ӯ бедортар, пурдардтар,

Ҳар ки ӯ огоҳтар, рухзардтар.

**Шарҳ:** ҳар каси бомаърифат ва боақл дарди бештар дорад, зеро дар зиндагӣ нобаробарии иҷтимоӣ, ҳақиқат, адолат ва мушкилоти ҷомеаро беҳтар дарк мекунад. Одами бехабар шояд ором бошад, зеро дар бораи дарди дигарон

фикр намекунад, аммо инсони огоҳ танҳо дар бораи худаш намеандешад. Ӯ ғам, фақр ва ранҷи дигаронро ҳам ҳис мекунад, бино бар ин дарди ӯ зиёдтар аст. Мавлоно намегӯяд, ки дард ҳамеша бад аст. Баъзе дардҳо инсонро бедор мекунанд. Масалан, гуруснагӣ ба мо мефаҳмонад, ки бадан ғизо мехоҳад. Ташнагӣ нишон медиҳад, ки бадан об мехоҳад. Дард дар бадан хабар медиҳад, ки ягон ҷойи инсон бемор аст. Ҳамин тавр, дарди рӯҳӣ ҳам ба инсон хабар медиҳад, ки ӯ ба идроки дониш, ҳақиқат, адолат ва маънои зиндагӣ ниёз дорад. Агар инсон аз беадолатӣ, нодонӣ, , ин нишонаи зинда будани дили ӯст.

**Усулҳои фаъол барои мустаҳкамкунӣ:** Ба вуҷуд овардани вазъияти муаммовӣ таҳти унвони «**Дард – хабар ё азоб?** »

- Дард танҳо азоб аст ё метавонад огоҳӣ ҳам бошад?

| **Навъи дард** | **Чӣ хабар медиҳад?** | **Чӣ бояд кард?** |
|---|---|---|
| Гуруснагӣ | Ҷисм ғизо мехоҳад | Хӯрок хурдан |
| Ташнагӣ | Ҷисм об мехоҳад | Об нӯшидан |
| Дарди сар | Ҷисм истироҳат ё табобат мехоҳад | Сабабро фаҳмидан |
| Ғам аз беадолатӣ | Кас адолат мехоҳад | Бетараф набудан |
| Шак ва савол | Ақл дониш мехоҳад | Омӯхтан ва пурсидан |

**Хулоса аз муаммогузорӣ:** Дард на ҳамеша душман аст. Баъзан, дард моро огоҳ мекунад, ки бояд бедор шавем, фикр кунем ва амал намоем.

**Усули фаъол: «Кӣ бедортар аст?»**

А) **Муаллим чанд вазъиятро шарҳ медиҳад.** Хонандагон муайян мекунанд, ки дар кадом ҳолат инсон бедордил аст.

**Б) Кор дар гурӯҳҳо**

**Гурӯҳи 1: Дардҳои ҷисмонӣ**

Саволҳо:

- Дардҳои ҷисмонӣ кадомҳоянд?
- Онҳо ба инсон чӣ хабар медиҳанд?
- Чаро ба дарди бадан бепарво будан хатарнок аст?

**Гурӯҳи 2: Дардҳои рӯҳӣ**

Саволҳо:

- Дардҳои руҳӣ кадомҳоянд?
- Ғам, пушаймонӣ, бефарҳангӣ
- Таассуб, маҳдудияти ҷаҳонбинӣ ва фарҳанг

**Гурӯҳи 3: Одами бедордил**

Саволҳо:

- Одами бедордил чӣ гуна сифатҳо дорад?
- Барои манфиати ҷомеа чӣ кор мекунад?
- Чаро одами огоҳ аз ноҳаққиву беадолатӣ бетараф буда наметавонад?

**Гурӯҳи 4: Одами бепарво**

Саволҳо:

- Сифатҳои инсони бепарво чӣ гуна аст?
- Чаро бепарвоӣ хатарнок аст?
- Агар ҳама бепарво бошанд, ҷомеа чӣ мешавад?

**Рӯзномаи дубахша**

| **Одами бедордил** | **Одами бепарво** |
|---|---|
| дарди дигаронро ҳис мекунад | танҳо худро фикр мекунад |
| ҳақиқатро меҷӯяд | савол додан намехоҳад |
| ба беадолатӣ бетараф нест | танҳо дар ғами худ аст |
| кумак мекунад | Бетараф ва беэътиноӣ мекунад |
| масъулият ҳис мекунад | Сабукфикр ва хунукназарӣ |

**Усули «Як ҷумла — як андеша»**

Хонандагон ҷумлаҳоро пур мекунанд:

1. Одами бедордил касест, ки...
2. Дард баъзан ба инсон хабар медиҳад, ки...
3. Агар инсон огоҳ бошад, ӯ...
4. Бепарвоӣ хатарнок аст, зеро...
5. Ман метавонам бедордил бошам, агар...

**Супориши эҷодӣ:**

**1. Навиштани эссе,** мавзуъ: «**Дили бедор дарди дигаронро ҳис мекунад**».

**2. Расмкашӣ** оид ба мавзуи «**Одами бедордил**». Дар поёни расм 2 ҷумла нависед: одами бедордил чӣ кор мекунад? Чаро ӯ барои ҷомеа муҳим аст?

**3. Навиштани нома.** Аз номи як хонандаи бомаърифату бомасъулият ба дӯст. Мавзуъ: «**Биёед бепарво набошем!**»

Хулоса, аз озмоиши гузаронидашуда ин аст, ки бо мақсади ташаккулу такомули ФН, тарбияву парвариши маърифатӣ-маънавии шогирдон омӯзиши ВПФ аз осори манзуму мансури ҳикматомези суханварон дар иҷрои самараноки уҳдадориҳои омӯзгор нақши хосса дорад. Шарҳу тафсир, омӯзиши луғатҳо, риояи қоидаҳои забони адабӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар раванди таълими ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам адабиёт вазифаи ҳар як омӯзгор ба шумор меравад. Ин нуктаро равишшиноси рус Данилов М.А. чунин иброз доштааст: «Байни маърифат ва таълим иртиботи ниҳоние ҳаст, вале ҳамеша аввал маърифат, сипас таълим қарор дорад. Маърифат маҷмуи донишҳоеро фаро мегирад, ки онҳо таркиби маводди таълиманд» [50, 32]. Боиси қаноатмандист, ки дар китобҳои дарсии синфҳои V-XI беҳтарин намунаҳо манзур гашта ва табиист, ки коркарди порчаҳои баргузида аз чунин асарҳо раванди омӯзишро шавқовар мегардонад. Осори бадеъ ҷаҳони хушобуранги маънавиётро ба хонандагон боз намуда, ҳиссиёти онҳоро бедор ва ба завқи зебоишиносии онҳоро афзун мегардонад.

Таҳлили натиҷаҳо пас аз баргузории озмоиши муқарраркунӣ, ҷамъоварии маводу маълумоти зиёд имкон дод, ки сатҳи рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи омӯзиши ВПФ-и забони тоҷикӣ дақиқ гардид ва барои оғози таҳқиқи марҳалаи дигар - озмоиши ташаккулёбанда мусоидат намуд. Маълумоти бадастомада аз ду ҷиҳат сурат гирифт: таҳлили миқдорӣ ва гурӯҳи сифатӣ.

**1. Таҳлили оморӣ.** Аз таҳлили омории ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-XI дар озмоиши таълимӣ пешрафти назарраси гурӯҳи таҷрибавӣ ба мушоҳида расид. Барои ҳар як хонанда дар ҳар ду гурӯҳ 4 навъ санҷиш: тест, иншо,

мусоҳиба, шарҳи маъно гузаронидашуд. Натиҷаи онро бо фоиз чунин ифода кардан мумкин аст:

1. Тест – ГТ 80 %; ГН – 60 %.
2. Иншо – ГТ 65 %; ГН – 30 %.
3. Мусоҳиба - ГТ 80 %; ГН – 35 %.
4. Шарҳи маъно - ГТ 90 %; ГН – 37 %.

**Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-XI дар озмоиши таълимӣ**




Аз таҳлили омории ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-XI дар озмоиши таълимӣ пешрафти назаррас ва афзалияти куллии гурӯҳи таҷрибавӣ (ГТ) нисбат ба гурӯҳи назоратӣ (ГН) ба мушоҳида расид. Барои ҳар як хонанда дар ҳар ду гурӯҳ чор навъи санҷиш, аз ҷумла тест, иншо, мусоҳиба ва шарҳи маъно гузаронида шуд, ки натиҷаҳои онҳо фарқияти ҷиддии сатҳи донишу маҳоратро нишон медиҳанд. Дар санҷиши аввал - тест, хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ нишондоди баланд (80%)-ро соҳиб шуданд, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар гурӯҳи назоратӣ 60%-ро ташкил дод. Фарқи боз ҳам амиқтар ва ҷолибтар дар корҳои эҷодӣ ба назар мерасад. Дар навиштани иншо гурӯҳи таҷрибавӣ ба натиҷаи 65% ноил гардид, ки ин аз нишондоди гурӯҳи назоратӣ (30%) бештар аз ду баробар зиёд аст. Раванди мусоҳиба низ бартарии усули нави таълимро

тасдиқ кард, зеро хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ бо нишондиҳандаи 80% қобилияти баланди муошират ва изҳори ақидаро нишон доданд, дар сурате ки гурӯҳи назоратӣ танҳо 35%-ро ба даст овард. Ниҳоят, дар санҷиши шарҳи маъно, ки сатҳи тафаккури интиқодӣ ва дарки амиқи маводро инъикос мекунад, гурӯҳи таҷрибавӣ ба натиҷаи ниҳоят баланд - 90% расид, дар ҳоле ки гурӯҳи назоратӣ ҳамагӣ 37%-ро нишон дод. Ин таҳлили муқоисавӣ ба таври возеҳ собит месозад, ки усули дар гурӯҳи таҷрибавӣ истифодашуда самаранокии дарсҳоро ба куллӣ баланд бардошта, боиси рушди ҳамаҷонибаи дониш, фарҳанги нутқ, қобилияти эҷодӣ ва тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои V-XI гардидааст.




Аз таҳлили омории ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-XI дар озмоиши таълимӣ пешрафти назаррас ва афзалияти куллии гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба мушоҳида мерасад. Аз таҳлили муқоисавии диаграмма бармеояд, ки корбасти усули фаъол дар гурӯҳи таҷрибавӣ салоҳиятнокии хонандагонро таъмин намудааст.

**2. Таҳлили сифатӣ.** Аз таҳлили сифатии озмоиш бармеояд, ки рушди фарҳанги нутқ, фаҳмиш ва муносибати хонандагон нисбат ба омӯзиш ва

истифодаи ВПФ дар баён нигаронкунанда аст. Масалан, дар кори хаттии 80 % хонандагон ВПФ умуман истифода нагардида, танҳо 10% аз теъдоди умумӣ корбаст намуданд ва он ҳам баъзан нодуруст ва бе рияои таносуби калом. Гумон меравад, ки ин гурӯҳи хонандагон ё маънои ВПФ-ро ба хубӣ идрок накардаанд ва ё мавқеи истеъмоли онҳоро намедонанд. 10 % хонандагон тавонистанд маънои амиқи ВПФ-ро шарҳ диҳанд ва арзишҳои миллӣ-ахлоқии онҳоро дарк кунанд. Иншои ин хонандагон аз лиҳози мантиқ, сохтор ва равонӣ низ хуб буд.

**Таҳлили мусоҳибаҳо:** Дараҷаи ноқиси фаҳмиши хонандагон оид ба мазмуну маънии ВПФ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ва панду андарзҳо зимни мусоҳиба низ равшан зуҳур намуд. Аксари хонандагон саволҳоро бобати ВПФ дуруст дарк карда натавонистанд ва ҷавобҳои муфассал надоданд (80 %). Мутаассифона, онҳо ба омӯзиши ВПФ чандон таваҷҷуҳ ҳам накарданд ва онҳоро дар ҳаёти худ муҳим нашумориданд. Дар ҷараёни суҳбат низ ба таври озод ВПФ истифода нагардид. Маълум шуд, ки танҳо баъзе хонандагон ВПФ-ро дар нутқи ҳаррӯзаи худ истифода мекунанд (10%) ва он ҳам пайваста нест. Қисми ниҳоят ками шогирдон ВПФ-ро мақсаднок ва дурусту нишонрас ба кор мегиранд.

**Мушкилоти маъмул дар идрок ва истифодаи ВПФ:**

Дар омӯзиши ВПФ хонандагон аксар вақт бо мушкилоти зерин рӯбарӯй мешаванд: дарки маънои мушкил – ин ҳолат мушкилоти асосии давраи нахусти шиносоӣ ва омӯзиши ВПФ аст. Мусаллам аст, ки ВПФ бештар маънои маҷозӣ доранд. Масалан, «**сарбозӣ кардан»** ба маънои «**хидмат кардан**» аст, на ба маънои сарро ба бозӣ даровардан.

**Мисоли дигар:** Хонанда таъбири «**аз об хушк баромадан**»-ро ба маънои воқеӣ мефаҳмад, на ба маънои маҷозӣ (исбот шудани бегуноҳии шахсе).

**Дарки нодурусти ВПФ:**

Хонанда агарчи маънои таъбирро мефаҳмад, вале онро бо ҳолати дигар вобаста мекунад ва ё дар мавқеи комилан номувофиқ истифода мебарад. Дар вазъияте, ки ҳар як ВПФ мазмуни хоси худро дорад. **Мисол:** Истифодаи

таъбири «**чашм кушодан**» маънои *ба воқеият сарфаҳм рафтан*-ро ишора мекунад, вале аксаран хонанда онро ба маънои аслии «аз хоб бедор шудан» мефаҳмад.

**Тағйир додани сохтори семантикии ВПФ**

Қисме аз ВПФ ибораҳои устувор мебошанд ва тағйир додани калимаҳои таркиби онҳо маъноро дигаргун ё тамоман нофаҳмо мегардонад. **Мисол:** Истифодаи **«дил ба хун»** дар нутқ ба ҷойи «**дилхун шудан»** (маъюс шудан, ғамгин шудан).

**Мушкилоти услубӣ:** Баъзе ВПФ хусусияти услубии муайян доранд (расмӣ, ғайрирасмӣ, адабӣ, халқӣ). Истифодаи ВПФ номувофиқ ба услуби матн метавонад онро бемаънӣ ё хандаовар гардонад. М**аҳдудият дар истифодаи ВПФ:** Хонандагон, асосан, ВПФ-и маъмулро истифода мебаранд ва аз мавҷудияти гунаҳои дигар бехабаранд ё ҷуръати истифодаи онро надоранд.

**Дар диаграммаи зерин ҷавобҳои хонандагонро чунин нишон додан мумкин:**




Нишондиҳандаҳои мушкилоти маъмул дар истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ: 1. Нафаҳмидани маъно 35 %; 2. Тағйир додани сохтор 20 %; 3. Истифодаи нодуруст дар матн 45 %. Дар асоси таҳлили омории нишондиҳандаҳои озмоиш, мушкилоти маъмул ва асосии хонандагон дар истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ муайян карда шуд, ки тақсимоти онҳо аз рӯйи фоиз сабабҳои асосии нуқсонҳоро дар нутқ ошкор

месозад. Тибқи ин натиҷаҳо бештари мушкилот ба истифодаи нодурусти ин воҳидҳо дар матн рост меояд, ки он 45%-ро ташкил медиҳад. Тақрибан нисфи хонандагон бо вуҷуди донистани ВПФ дар пайваст кардани онҳо бо дигар калимаҳо ва ҷойгиркунии дурусти онҳо дар ҷумла душворӣ мекашанд. Мушкилии дуюми ҷиддӣ ин нафаҳмидани маънои асливу маҷозии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мебошад, ки 35%-ро ташкил додааст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қисми зиёди хонандагон мазмуни амиқ ва тобишҳои маъноии ин воҳидҳоро пурра дарк накардаанд. Ниҳоят, 20%-и мушкилоти бақайдгирифташуда ба тағйир додани сохтори ин воҳидҳо тааллуқ дорад, ки аз истифода ноогоҳонаи хонандагон аз унсурҳои устувори грамматикиву лексикии ибораҳо ва вайрон кардани шакли рехтаи онҳо шаҳодат медиҳад. Дар умум, аз таҳлили оморӣ исбот мегардад, ки аксари хонандагон бештар дар марҳилаи корбасти амалии ВПФ дар матн (45%) ва дарки дурусти маънои онҳо (35%) ба хато роҳ медиҳанд, ки ин зарурати такмили усули таълимро тақозо мекунад. Суоле бармеояд: Чӣ гуна мушкилот ва хатоҳои маъмулро дар мавриди истифодаи ВПФ дар раванди нутқ ошкор ва бартараф кардан мумкин аст? Барои ошкор кардани мушкилот омӯзгор метавонад аз усули зерин истифода барад:

Таҳлили амиқу саҳеҳи корҳои хаттӣ (иншо, эссе, нақли хаттӣ). Аз ҷумла:

- қайд кардани ВПФ-и истифодашуда (гунаҳои ҳам дуруст ва ҳам нодуруст);
- таснифи хатоҳо ва муайян кардани сабаҳои он (маъноӣ, сохторӣ, контекстӣ, услубӣ);
- ҳисоб кардани фоизи гунаҳои дуруст, муқоисаи натиҷаи ҳам дуруст ва ҳам нодуруст бо шумори умумии ВПФ-и номбаршуда.

**Натиҷаи тестҳои махсус:**

**Пур кардани зарбулмасалу мақолҳо:** Агар хонандагон калимаҳои нодурустро барои пур кардани ҷумлаҳо интихоб кунанд, ин нишон медиҳад, ки онҳо сохтори онро намедонанд.

**Интихоби калимаҳои номувофиқ дар қиёс бо маънои умумии ВПФ:** Агар хонанда маънои нодурустро интихоб кунад, ин аз мушкилоти фаҳмиши маънои маҷозии ВПФ дарак медиҳад.

**Таҳлили сифати муошırати хонандагон бо истифода аз ВПФ:**

- мушоҳидаи дониши хонандагон дар рафти мубоҳиса ва ё иҷрои супоришҳои гурӯҳӣ, оё онҳо кӯшиш мекунанд, ки ВПФ-ро истифода баранд, чӣ гуна ВПФ-ро мефаҳманд?

**Мусоҳиба бо хонандагон:**

- пурсиш оид ба душвориҳое, ки ҳангоми омӯзиш ва истифодаи ВПФ дар нутқ дучор мешаванд.

Натиҷаҳо баъди аз ҷониби омӯзгорон истифода бурдани баъзе аз роҳу усули инноватсионӣ оид ба бартарафкунии мушкилиҳои маъмули хонандагон дар истифодаи ВПФ:




Ошкор кардани душвориҳо заминаи мустаҳкамеро барои таҳияи стратегияҳои таълимии ҳадафманд фароҳам меорад, ки ба хонандагон оид ба бартараф намудани камбудиҳо ва азхудкунии ВПФ кумак мекунад. Пас аз назарсанҷии тамоми маълумоти гирдомада ба хулоса расидем, ки сатҳи дониш, фаҳмиш ва истифодаи ВПФ-и тоҷикӣ ҳамчун арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар нутқи хонандагон дар сатҳи миёна қарор дорад. Аксари хонандагон дар шарҳи

амиқи маънои ахлоқии ВПФ ва истифодаи фаъоли онҳо дар нутқ мушкилоти зиёд доранд. Аз ҷумла, миқдори маҳдуди ВПФ-ро медонанд, баъзе ВПФ-и маъмулро дар нутқ бо хатоҳои маъноӣ ё сохторӣ истифода мебаранд, салоҳияти корбасти ВПФ-ро дар раванди баёни матлаб, нақл, ҳикоя надоранд. Натиҷаҳои бадастомада зарурати таҳия ва татбиқи методикаи махсуси ТФН-и хонандагонро дар заминаи омӯзиши ВПФ тасдиқ менамояд.

## 5.2. Озмоиши таълимӣ ва самаранокии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон

Барномаи рушди малака ва маҳорати нутқ дар иртибот ба ВПФ фаъолияти бисёрзинагиро фаро мегирад:

- муайян кардан ва шинохтани ВПФ дар робита ба идроки семантикаи мураккаби онҳо;

- истифодаи дурусти ин зумра воҳидҳои муаасири забон дар нутқи шогирдони мактабхон бо ҳадафҳои парвариши ахлоқӣ-маънавӣ.

Дар заминаи ин матлабу мақсад амсилаи (модел) таълим ва омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, аз ҷумла, ВПФ-и тоҷикӣ дар раванди таҳсили бонизому мураттаб дар иртибот ба талаботи рушди фарҳанги нутқи хонандагон таҳия карда шуд. Тазаккур бояд дод, ки таҳияи амсилаи асосноки методӣ оид ба омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ дар МТМУ ва санҷиши самараноки он ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад:

1. Дақиқан муайян намудани пайдарпайии марҳалаҳои рушди салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ ва ТФН-и хонандагон ва ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва имконоти ҳамгироии байни фаннҳо.

2. Санҷиши самаранокии роҳҳои ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва мантиқии хонандагон дар раванди омӯзиши маъно ва мавқеи корбасти ВПФ.

3. Муайян намудани натиҷаи маҳсулнокии амсилаи таҳияшуда дар пайвастагӣ ба иҷрои намудҳои гуногуни супоришот аз рӯйи матн, нақли

мазмуну маънои матн, ташаббус ва эҷодкорӣ зимни истифодаи ВПФ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бо ҳадафҳои рушди маданияти гуфтор ва муоширати озод.

Арзёбии сатҳи ФН-и хонандагон бо намудҳои гуногуни фаъолияти фикриву зеҳнии онҳо иртибот дорад ва аз рӯйи унсурҳои зерин таҳлилкардан мумкин аст:

- арзёбии воситаҳои забонӣ, ки дар нутқ корбаст гардидаанд (бо назардошти омилҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ);
- интихоби мувофиқи ВПФ дар нутқ ва аз лиҳози бадеият, пуробурангӣ ва муҷазӣ асоснокшуда аз байни муродифот;
- салоҳияти таҳияи матн, нақл, эссе, ҳикоя ва ҷумлаҳо бо истифодаи ВПФ.

Ҳадаф аз ташкили озмоиши таълимӣ муайян кардани самаранокии амсилаи методӣ дар таълими ВПФ-и тоҷикӣ, рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи дарки арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ мебошад. Бо ташкили озмоиши ташаккулдиҳанда кӯшиш ба харҷ додем, ки таъсири мусбати омӯзиши ВПФ-и тоҷикиро дар инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагони МТМУ ба субут расонем.

Озмоиши ташаккулдиҳанда дар таълим ва омӯзиши ВПФ ба такмили фарҳанги нутқи хонандагон, рушди малакаҳои иртиботӣ, тақвияти тафаккури мантиқӣ ва ташаккули шахсияти онҳо дар руҳияи муносибати босалоҳият ба таълим ва парвариши арзишҳои ҳамидаи инсонӣ мусоидат мекунад. Чунин ҳадаф имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо шахсияти сухандон ва сухангӯй, балки узви ҷомеаи шоиста ва дорои дониши комил ва тафаккури таҳлилию интиқодӣ гардад. Санҷиши ташаккулдиҳанда дар синфҳои болоӣ анҷом дода шуд. Шумораи умумии хонандагон ва сатҳу сифати масъалаи мавриди таҳқиқ дар зер манзур мегардад:

**Синфи 9 «А» (гурӯҳи таҷрибавӣ).**

**Иштироккунандагон:** 28 нафар хонанда (15 духтар ва 13 писар). Зимни омӯзиши ВПФ аз усули муосир ва мутобиқ ба муносибати босалоҳият ба таълим (бозиҳои дидактикӣ ва интерактивӣ, наворҳо тавассути видео ва аудио, замимаҳои мобилӣ ва барномаҳои онлайнӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ) истифода карда

шуд. Санҷиш собит сохт, ки сатҳи миёнаи дониши хонандагони ин синф ***миёна ва болотар аз миёна*** буда, хонандагон ба технологияҳои нави замонавӣ ва фаъолиятҳои интерактивӣ майл ва шавқи зиёд зоҳир карданд.

**Синфи 9 «Б» (гурӯҳи назоратӣ).**

**Иштироккунандагон:** 26 нафар (14 духтар ва 12 писар). Дар гурӯҳи назоратӣ таълими ВПФ бо усули анъанавӣ ва маъмул (асосан, шарҳ аз ҷониби омӯзгор, кор бо маводди китоби дарсӣ ва иҷрои машқу супоришҳои китоби дарсӣ) сурат гирифт. Сатҳи миёнаи дониши хонандагони ин синф ***миёна*** арзёбӣ карда шуд ва он ба сатҳи гурӯҳи таҷрибавӣ қабл аз оғози озмоиш наздик буд.

Ҳар ду синф ҳам аз ҷиҳати шумори хонандагон ва ҳам дар сатҳи ибтидоии донишу маҳорат бобати дарки ВПФ қабл аз оғози озмоиш ба ҳам наздик буданд. Чунин тавозун имкон дод, ки натиҷаҳои санҷиш ва озмоиш воқеӣ арзёбӣ шавад. Тафовути асосӣ дар интихоби роҳу усули пешқадами таълим ва ё маҳдудият дар самти корбасти роҳу равиши анъанавӣ мутобиқан ба ҳар як гурӯҳ татбиқ ва зоҳир гардид. Ҳадафи озмоиш муайян кардани самаранокии фарзияи таҳқиқот ва модели таҳияшуда ҳини корбурди усули нави таълим дар гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба усули анъанавӣ дар гурӯҳи назоратӣ буд.

Дар рафти озмоиш аз методҳои гуногун истифода карда шуд. Аз ҷумла:

1.**Мушоҳида.** Ин метод ба омӯзгор имкон медиҳад, ки муносибати босалоҳият ва фаъолмандии хонандагон дар ҷараёни дарс, иштирок ҳини саволу ҷавоб ва муҳокима, ҳавасмандӣ ва душвориҳои пешомадаро аснои азхудкунии ВПФ пайгирӣ кунад. Таълим дар гурӯҳи таҷрибавӣ бо татбиқи муносибати босалоҳит ба таълим ва истифодаи усули фаъол, дар гурӯҳи назоратӣ бо усули анъанавӣ ба роҳ монда шуд. Натиҷаи мушоҳидаи фаъолияти гурӯҳҳо**:**

- фаъолнокии хонандагон дар иҷрои машқу супоришҳо;

- қобилияти идрок ва салоҳиятнокӣ дар истифодаи ВПФ (дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ);

- рағбат ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши ВПФ;

- муносибати хайрхоҳона нисбат ба истифодаи воситаҳои аёнӣ ва технологияи муосири таълим (иртиботӣ-иттилоотӣ).

**2. Пурсиш.** Бо истифодаи усули пурсиш имкон фикру ақида, эҳсоси зарурати омӯзиши ВПФ, таваҷҷуҳ ба роҳҳои ҳалли душвориҳо ошкор карда шуд. Пурсиш дар шакли хаттӣ (саволнома) ва шифоҳӣ (мусоҳибаи муҷаз) гузаронида шуд. Он имкон бахшид, ки бисёре аз масъалаҳо мушаххас карда шаванд. Аз ҷумла**:**

а) муаммо ва душвориҳо ҷиҳати азхудкунии ВПФ;

б) самаранокии усули гуногуни таълим (масалан, оё шаклҳои гуногуни бозиҳо дар омӯзиши ВПФ кумак мекунанд?);

в) муносибат ва назари хонандагон дар истифодаи воситаҳои гуногун (наворҳо, замимаҳо);

г) дарки аҳаммияти амалии ВПФ дар рушди фарҳанги нутқ ва ҳусни баён.

**3. Саволу ҷавоби тестӣ.** Тестҳо дар марҳалаи муосири раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун арзёбии дониши хонандагон аст. Тест ба арзёбии сатҳи азхудкунии маъно, қобилияти шинохт ва истифодаи дурусти ВПФ дар сурати мавҷуд будани дониши бунёдӣ ва амалии хонандагон мусоидат намуда, ҳамчун санҷиши ниҳоӣ барои муайян кардани пешрафти муҳассилини МТМУ хидмат мекунад. **Намунаи тестҳо:**

А) **Интихоби ҷавобҳои дуруст:**

1. Маънои ифодаи «калиди ҳар ду олам ёфтан»-ро аз мисоли зер муайян намоед:

«Ҳар киро шуд ҳиммати олӣ падид,

Зуд ёбад ҳар ду оламро калид» [394, 82].

**Вариантҳо:**

а) саодатманд шудан — б) бой гардидан

в) соҳиби хона шудан — г) олиҳиммат будан

2. Маънои ифодаи «пой бар рӯйи по афкандан»-ро дуруст интихоб кунед:

Ҳар кӣ пушти по назад бар хоб дар роҳи талаб,

Кай ба манзил метавонад по ба рӯйи по фиканд? [386, 182].

а) ҳаракат кардан б) истироҳат кардан

в) ворид гаштан г) нороҳат шудан

Б) **Пур кардани ҷумлаҳои ҳикамӣ:**

1. Бародар, ки дар банди хеш аст,...

2. Саломатӣ ҳеҷ чиз нест, лекин...

3. Қадри офият касе донад, ки...

4. Писандидатарин чизе, ки падарон барои фарзандони худ боз гузоранд,...

5. Ҳар чизи нав мондагор нест, вале...

(Бе саломатӣ ҳама чиз ҳеҷ чиз нест, ба мусибате гирифтор ояд, на бародар асту на хеш аст, фарҳанг аст, ҳар чизи мондагор нав аст).

**Пурра кардани зарбулмасалу мақолҳо ва шарҳи мавриди истифодаи онҳо:**

1. Бе ранҷ ганҷ нест, ...
2. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ...
3. Аз ҷумчуқ тарсӣ, ....
4. Аз хубон шарофат, ....
5. Аз дӯсти нодон....
6. Дархтро аз меваащ донанд, одамро...
7. Девор муш дорад, ...
8. Дар ноумедӣ басе умед аст,...
9. Ҷойи гул гул бошу...
10. Ба курпаат нигоҳ карда...

**В) Мувофиқат кунонидан:**

1. Фразеологизмҳоро бо маънои додашуда интихоб кунед, масалан:

**ғамгин шудан** – дил об шудан; **ғолибият** – дастболо шудан; ҷанҷолу

Харҳаша – гӯшти якдигарро хурдан; ба лаб кулух молидан – 1. Хомуш мондан; 2. Кореро карда худро ба нодонӣ задан [349, ч. 1, 588].

2. Аз ғазали зерини Ҳофизи Шерозӣ маънҳои мухталифи ВФ **«нигаҳ дорад»**-ро, ки дар 8 байт ҳамчун радиф ба кор рафтааст бо ҷавобҳои мувофиқ шарҳ диҳед:

«Ҳар он ки ҷониби аҳли вафо нигаҳ дорад,

Худош дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад.

Ҳадиси дӯст нагуям магар ба ҳазрати дӯст,

Ки ошно сухани ошно нигаҳ дорад...» [395, 86].

(Риоят кунад; таваҷҷуҳ кунад, пос дорад, маҳфуз медорад; ифшо накунад; дуо кунанд; собит бош; маҳкам дорад; азиз дорад; риоя нашояд; ҳифз кунад).

**4. Тасҳеҳи ғалатҳо:** Хатоҳоро дар истифодаи воҳидҳои фразеологии ҷумлаҳои зерин ислоҳ кунед: Дар ин шаҳр биноҳои думи шутурхурда кам нестанд. Акнун, ки ба пирӣ расидед, дами пирӣ ронед. Толиб тумшуқ туруш карда нишаст. Даҳ панҷаи Мурод ҳунар аст. Ин ҳодиса ба ҳамаи онҳо дарси сабақ шуд. Корҳои ношоистаи шахси бефарҳанг эътибори аҳли ҷомеаро мерезонад**.**

(Эътибор гум кардан, даври пирӣ рондан, бинои гӯштишутурхурда, панҷ панҷа ҳунар будан, рӯй туруш кардан).

**5. Таҳлили корҳои хаттӣ.** Корҳои хаттии хонандагон (иншо, эссе, гузориш ё ҳикоёти муҷаз) аз лиҳози миқдор ва сифати истифодаи ВПФ бо нишондиҳандаҳои зерин муайян карда шуд**:**

- миқдори ВПФ-и истифодашуда;

- дурустии маъно ва имло;

- мувофиқати ВПФ ба мундариҷаи матн ва услуби баён;

- мавқеи ВПФ дар баланд бардоштани муҷазӣ, фасоҳату балоғат ва ифоданокии матн.

**Назарсанҷии гурӯҳҳо дар ҷараёни озмоиши ташаккулдиҳанда** мунтазам татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва корбасти роҳу усули босамар бо мақсади муайян кардани афзалият, имкони ҳалли муаммоҳо ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон тавассути ВПФ анҷом дода шуд. Ин раванд имкон дод, ки дар ҳолати воқеӣ чӣ тавр ба кор бурдани усули муайян арзёбӣ карда шавад.

Баъд аз озмоиш санҷиши ниҳоӣ - арзёбии натиҷаҳо, ҷамъбасткунии дастовардҳо ва муайян кардани самтҳои ояндаи таълим ташкил гардид.

Арзёбии муваффақият барои муайян кардани сатҳи ноилшавӣ ба ҳадафҳои пешгузошта анҷом пазируфт. Ин ҷанбаи баҳодиҳӣ ба самаранокии усули нав ва сатҳи азхудкунии дониш аз ҷониби хонандагон мусоидат менамояд. Бо таҳқиқи мавзуи мазкур вусъати ҳаҷми дониш аз афзоиши тадриҷӣ ва муназзами маълумот дар бораи хусусиятҳои ВПФ, дарки аҳаммияти шинохти ҷилоҳои маъноии ВПФ ва истифодаи мавқеъшиносонаи онҳоро дар ифодаи фикр ба таври зерин пешниҳод кардан мумкин аст:

**Ҷадвали 3. Марҳалаҳои озмоиши таълимӣ**

| **Марҳ. озмоиши таълимӣ** | **Фаъолсозии ВПФ** | **Малакаҳои дар раванди озмоиш ташаккулёбанда** |
|---|---|---|
| **1.Муқарраркунӣ** (синфи VII) | – аз худ кардани афоризмҳо<br>– иваз кардани ибораҳои озод бо ифодаҳои бадеии аз ҷиҳати маъно наздик<br>– пурра кардани қисми ҷумлаҳо бо ВПФ<br>– тартиб додани ҷумлаҳо бо ВПФ-и додашуда | – фарқ кардани ВФ аз ибораҳои озод<br>– азхудкунии тобишҳои маъноии ВПФ<br>– ташхиси хусусиятҳои бадеии ВПФ |
| **2.Асосӣ** (синфи X) | – муқоисаи ВФ бо мақсади муайян кардани сохти онҳо;<br>– муайян намудани тафовути маъноии ВПФ<br>– қиёси обуранги услубии ВФ ва услуби матн<br>– тағйиру такмили матн бо истифодаи ВФ-и як услуб бо дигар;<br>– шинохти ВФ-ҳои номуносиб ва нодуруст истифодашуда аз матн<br>– пурра кардани ҷумлаҳо бо ВПФ-и аз ҷиҳати маъно мутаносиб<br>– гурӯҳбандӣ кардани ВФ-ҳои додашуда аз рӯйи аломати мавзуӣ ва вазъиятӣ<br>– истифодаи ВПФ дар ҳикоя, иншо, эссе ва муколама мувофиқи мавзуи пешниҳодшуда<br>– муқаррар кардани инкишофи нутқи хонандагон аз рӯйи истифодаи ВПФ<br>– муайян кардани шакл ва хусусиятҳои бадеии ВПФ, ки ба унсурҳои ҳиссиёт иртибот дорад;<br>– нишон додани тафовути маънои ВФ бо вожаҳои | – қобилияти дарк ва арзёбии мансубияти услубии ВПФ;<br>– ба даст овардани ҳисси асоснокии интихоби ВПФ бо мақсади ифода;<br>– қобилияти мустақилона банақшагирии ифодаи нутқ тавассути дарки ангезаҳо, ҳадафҳо ва натиҷаҳои эҳтимолии амал<br>– шарҳи на танҳо маънои ВФ, балки мавқеи истифодаи он;<br>-таносуби тобишҳои маъноӣ ва эҳсосӣ;<br>– қобилияти истифодаи ВПФ мувофиқ ба мавқеи нутқ;<br>– фаъол кардани захираи луғавӣ бо ВПФ-и тоҷикӣ;<br>– ташаккул додани шавқу ҳавас ба омӯзиши ВПФ;<br>- рушд додани мушоҳидаи забонӣ;<br>– бошуурона дарк кардани арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ;<br>– мушаххас кардани маънои маҷозии вожаҳои таркиби ВПФ, муайян кардани вежагиҳои онҳо |

| | | |
|---|---|---|
| | муродифӣ;<br>– муайян намудани тафовути маънои таъбирҳо;<br>– тартиб додани ҷумлаҳо бо ВПФ;<br>– нишон додани тафовути маънои таъбирҳои муродиф | |
| | – нишон додани тафовути таъбирҳои ҳаммаъно;<br>– шарҳи мавқеи ВПФ дар матн;<br>– дарки матне, ки ВПФ фаровон истифода шудаанд;<br>– иваз кардани қисми ифода бо ВПФ, ки ифоданокии ҳиссии фикрро таъкид мекунанд | – қобилияти дарки маънои ВПФ;<br>– салоҳияти таҳлили муҳит ва арзёбии мувофиқати интихоби ВПФ вобаста ба мавқеъ ва вазифаҳои муошират;<br>– маҳорати пешбинии натиҷаи баёни худ ё ҷавоби ҳамсуҳбат; |
| **3.Такмили маҳорат** (синфи X1) | – баёни фикр бо ВПФ;<br>– ташкили муколама бо ВПФ-и мувофиқ | – қобилияти мустақилона баён кардани фикр бо ифодаҳои муҷаз, пуробуранг ва муассир. |

Вобаста бо ҳадафҳои фаъолсозии ВПФ дар нутқи хонандагони синфҳои 10-11-ум ва муайян кардани салоҳияти дарку фаҳмиши маънии ВПФ роҳу усули шарҳи онҳоро пешниҳод кардем. Пас аз шарҳи мантиқии ВПФ- дониши хонандагон санҷида ва ҷамъбаст карда шуд.

**ВПФ-и пешниҳодшуда:**

Олими беамал - занбури беасал;

Аз як даст садо намебарояд;

Аз ту ҳаракат - аз ман баракат;

Дониш андар дил чароғи равшан аст;

Ангура хуру боғаша напурс;

Буйи мушк пинҳон намемонад;

Бори каҷ ба манзил намерасад;

Сухани рост талх аст;

Замин накафид, ки дарояд ва монанди инҳо.

Озмоиш нишон дод, ки на ҳамаи хонандагон маънои ВПФ мефаҳманд, маъниҳои пушида ва тобишҳои нозуки онро мефаҳманд. Тахминан 30-35%-и хонандагони синфҳои 10-11 ҳатто чунин ВПФ-ро шарҳ дода натавонистанд. Аз ҷумла:

«Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад» [166, 47].

«Дона чун андар замин пинҳон шавад,
Баъд аз ин сарсабзии бустон шавад» [166, 42].

«Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебо нишони одамият» [394, 242].

«То дард накунад сар, надонӣ, ки сарат ҳаст,
То дард накунад дил, надонӣ, ки дилат ҳаст» [394, 120].

**Ҷадвали 4. Ҷадвали таҳлил ва натиҷаҳои озмоиши таълимӣ: сатҳи дарки маънои ВПФ (синфҳои 10-11-ум)**

| № | ВПФ | Фаҳмиши пурра (%) | Фаҳмиши қисман (%) | Фаҳмиши нокифоя (%) | Хусусияти мушкилот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | *Одами беамал - занбури беасал* | 55 | 20 | 25 | Маҷоз (метафора) |
| 2. | *Аз як даст садо намебарояд* | 60 | 18 | 22 | Маънои рамзӣ |
| 3. | Ганҷ хоҳӣ, ранҷ бибар | 58 | 17 | 25 | Алоқаи сабаб–натиҷа |
| 4. | *Дониш андар дил чароғи равшан аст* | 50 | 23 | 27 | Образнокӣ |
| 5. | Забони ширин морро аз сурох барорад | 48 | 22 | 30 | Ишора (иллюзия) |
| 6. | *Бори каҷ ба манзил намерасад* | 45 | 20 | 35 | Маънои иҷтимоӣ |
| 7. | Хишт дар қолаб пухта шавад, одам дар сафар | 62 | 15 | 23 | Таҷрибаи зиндагӣ |
| 8. | *Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш…* | 40 | 25 | 35 | Ахлоқ |
| 9. | Одам бо амалаш шинохта мешавад, на бо суханаш. | 64 | 24 | 12 | Ҳикмат |

Натиҷаи озмоиши таълимӣ нишон медиҳанд, ки тахминан 30-35%-и хонандагон дар шарҳи маъно ва матлаби ВПФ ба мушкилӣ рӯбарӯй мешаванд.

Ин ҳолат ба чанд омил вобаста буда, сабабҳои асосии нофаҳмӣ дар табиати маҷозӣ ва рамзии ВПФ зуҳур меёбад. Мусаллам, ки кулли ВПФ дар заминаи ташбеҳ, рамз ва образ бунёд ёфтаанд, ки дарки онҳо тафаккури мантиқӣ-таҳлилиро тақозо мекунад.

Сабаби дигар - норасоии таҷрибаи ҳаётӣ ва иҷтимоии хонандагон аст. Чунончи ВПФ-и дорои мазмуни ахлоқӣ ва фалсафӣ (бобати аҳаммияти илм ва дониш дар ҳаёт, таҷрибаи амалӣ, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, одаму одамият) барои мактабхонҳо бидуни таҷрибаи зиндагӣ ба таври амиқ фаҳмо нестанд. Маҳдуд будани луғати фаъоли хонандагон яке аз сабабҳои воқеии ҳамаҷониба дарк карда натавонистани ВПФ маҳсуб меёбад. Вожаҳои мансуб ба услуби китобӣ – «шариф», «ҷон», «одамият», «мушк», «манзил», «амал», «баракат» ва амсоли он на ҳамеша дар нутқи фаъоли хонандагон ба истифода меравaнд.

Озмоиш собит кард, ки **о**мода набудани хонандагон ба дарку шарҳи маънои амиқи ВПФ дар он аст, ки на ҳамаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ин унсури муҳим ва услубан баланди фарҳанги нутқ таваҷҷуҳ мекунанд. Таълим бештар ба азёд кардан ва такрор равона мешавад, на ба тафсир, шарҳ ва хулосаҳои ҳикматнок**.** Озмоиши таълимӣ нишон дод, ки истифодаи ВПФ-и тоҷикӣ дар раванди таълим худ аз худ ба дарки амиқи маънои онҳо оварда намерасонад. Азбаски тақрибан 30–35%-и хонандагон моҳият, мазмун ва ҳикмати ВПФ-ро амиқ дарк намекунанд ва мустақилона маънои онҳоро шарҳ дода наметавонанд, зарурати таҳияи низоми махсуси методии омӯзиши ВПФ тасдиқ мегардад. Силсилаи машқу супоришот ба шарҳи маъно, таҳлили образ, баррасии вазъияти иртиботӣ ва истифодаи ВПФ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бояд нигаронида шавад.

Аз таҳлили натиҷаҳои озмоиши таълимӣ фарзияи таҳқиқот оид ба самаранокии усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълими ВПФ, нақшу мақоми онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон тасдиқ гардид. Он имкон медиҳад, ки дарки бошуури кулли воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ савияи дониши забондонӣ ва сатҳу сифати суханронӣ, маданияти нутқи хонандагонро ба маротиб вусъат мебахшад. Аз натиҷаи озмоиш маълум шуд, ки таълими

бонизоми ВПФ дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ба ғановати захираи луғавии муҳассилин, ташаккули фарҳанги нутқ, салоҳияти иртиботӣ ва ифоданокии баён мусоидат намуда, ба сайқал ёфтани тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ, инкишофи нутқи мураттаб таъсири мусбат мерасонад. Воҳидҳои паремиологии забони тоҷикӣ воситаи беҳтарини дарки арзишҳои умумибашарӣ, панду андарзи ниёкон ва гузаштагони маърифатпарвари мо дар ташаккули шахсияти хонандагон, парвариши ҳисси худшиносии миллӣ ва ахлоқи шоиста маҳсуб меёбанд.

Фарзияи таҳқиқот тариқан ва возеҳ нишон дод, ки фарқи назарраси мусбат дар хонандагони ГТ нисбат ба ГН ба назар мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ воқеан ҳам ба ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон таъсири мусбат расонида, ҳамчун арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар тарбияи насли наврас мақоми шоиста пайдо мекунад. Таҳқиқоти анҷомёфта метавонад барои таҳқиқотҳои нави илмӣ-методӣ роҳ мекушояд. Барои муаллимони фанни забон ва адабиёти тоҷик аз хулосаи таҷриба тавсияҳои зерини мушаххасро пешниҳод кардан мумкин аст:

- истифодаи бозиҳои грамматикӣ ва адабӣ дар раванди омӯзиши ВПФ;
- мураттаб намудани маводди дидактикӣ, ки ба таҳлили маънои ВПФ тамаркуз дошта бошанд;
- ташкили дарсҳои ҳамгирои фанни забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ба омӯзиши самарабахши ВПФ аз китобҳои бадеӣ.

Натиҷаҳои озмоиши таълимӣ нишон доданд, ки сатҳи фарҳанги нутқ дар раванди таълими бонизоми ВПФ ва таҳкими ҳисси арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас баланд гардид. Ин пешрафт дар ҳамаи ҷанбаҳои арзёбишуда, дониши назарии хонандагон роҷеъ ба ВПФ, қобилияти шарҳдиҳӣ, ғановати таркиби луғавӣ, инкишофи тафаккур ва малакаи ифодаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба таври миқдорӣ ва сифатӣ тасдиқ гардид. Аз назари методологӣ ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки фарзияи мо самаранокии амсилаи пешниҳодкардаро тасдиқ ва зарурати ворид сохтани таълими ВПФ-ро ба барномаи таълими забон

ва адабиёти тоҷик ҳамчун асоси ТФН ва таҳкими арзишҳои миллӣ – ахлоқии хонандагонро ба миён мегузорад. Равиши мазкур ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва ташаккули салоҳияти иртиботӣ нигаронида шудааст. Он вазифа ва ҳадафи омӯзиши забони тоҷикиро бо тарбияи арзишҳои миллӣ алоқаманд месозад. Таҳлили озмоиши таълимӣ нишон дод, ки амсилаи таҳиякарда оид ба азхудкунии ВПФ натиҷаҳои мусбат медиҳад. Дар хонандагони синфи таҷрибавӣ қобилияти шинохтани ВПФ дар таркиби матнҳои бадеӣ, дарки маъно ва истифодаи онҳо дар нутқ бештар ба назар мерасад.

Маълумоти оморӣ бозгӯйи он аст, ки омодагии хонандагони синфи таҷрибавӣ назар ба синфи назоратӣ беҳтар аст: дараҷаи истифодаи воҳидҳои паремиологӣ дар синфҳои таҷрибавӣ назар ба синфҳои назоратӣ афзалият дорад. Дар кори хонандагони синфи таҷрибавӣ тамоюл ба корбурди мустақилонаи ВПФ ба матни корҳои хаттӣ зоҳир шуд. Эссеи хонандагони синфҳои таҷрибавӣ бо образнокӣ, гуногунии воситаҳои ифода, нутқи фасеҳу равон ва бадеият фарқ мекарданд. Барои ин ба таври назаррас истифодаи ВПФ дар матнҳои эссе мусоидат кард. Мусаллам аст, ки сатҳи пурарзиши таҳқиқотҳо дар соҳаи методикаи таълим зарурати ташаккули донишҳои амиқро бобати омӯзиши ВПФ муайян мекунад. Таҳлили ҳолати омӯзиши ВПФ дар МТМУ нишон дод, ки дар маҷмуъ фаъолияти педагогии бонизом ва муттасил ба ташаккули маҳорат ва рушди малакаҳои истифодаи ВПФ дар нутқ таҷдиди назар ва татбиқи амалӣ мехоҳад. Он танҳо дар сурати дарёфти роҳу равиши босамари таълими ВПФ ба даст омада, дар рушди маданияти нутқ ва суханронии муҳассилин мусоидат менамояд.

Азбаски барои азхудкунии ВПФ дарсҳои махсус ҷудо карда нашудааст, зарур мешуморем, ки кори мунтазам ва пайваста оид ба равиши ин масъала дар робита ба ташаккули салоҳияти касбии ҳам омӯзгор ва ҳам рушди қобилияти зеҳнӣ-маърифатии хонандагон дар дарсҳои ЗАТ мураттаб гардад. Мушаххас гардидани силсилаи мушкилот, мушоҳидаҳо ва таҳлили вазъу ҳолати азхудкунии амиқи ВПФ аз дараҷаи идроки мазмуну маънои онҳо бармеояд.

Нақши муҳим дар низоми кор оид ба рушди малака ва маҳоратҳои фарҳанги нутқи хонандагон ҳангоми омӯзиши ВПФ ба интихоби машқу супоришҳо тааллуқ дорад, зеро донишу савияи маърифатии хонандагон оид ба хусусиятҳои ВПФ ва мавқеи онҳо дар рушди ФН дар мавриди гуногуни раванди муошират ва гуфтор мушаххас мегардад.

Бо назардошти хусусияти фаъолияти маърифатии хонандагон ва сатҳу дараҷаи маводҳои таълимӣ намудҳои зерини машқу супоришот ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Таҳлили нақши ВПФ дар нутқ, имконияти иваз кардани воҳидҳои лексикии мушаххас бо ВПФ.

2. Иваз кардани вожаҳо бо ВПФ-е, ки ҳиссиёт ва муносибати гуяндаро таъкид мекунанд.

3. Муқоисаи муродифии ВПФ барои ошкор кардани тобишҳои маъноии онҳо.

4. Дарки мазмуну маънои ВПФ дар таркиби матн.

5. Таҳияи матн бо ВПФ-и мувофиқи азхудшуда.

Низоми асоснокшудаи машқу супоришҳо бо истеъмоли дурусти воҳидҳои паремиологии забони тоҷикӣ алоқаманд буда, ба талабот ва принсипҳои муҳимми дидактикӣ оид ба тадриҷан мураккаб шудани маводди таълим такя мекунад. Чанд пешниҳод бобати ташаккули фаъолияти зеҳнӣ-маърифатии хонандагон дар заминаи тағйири матн, машқ, саволу супоришҳо ва тарзи пешниҳоди маводди таълим. Озмоиш дар се марҳала гузаронида шуд. Дар марҳалаи якум (амалӣ, синфи 7) дар хонандагон малакаи азхудкунии маънои ВПФ ва ҷудо кардани воҳидҳои фразеологӣ аз иборaҳои озод ташаккул ёфт. Дар марҳалаи дуюм (синфи 9) – ташаккули маҳорату малакаи истифодаи ВПФ дар робита ба мавриду вазъияти нутқ. Дар марҳалаи сеюм (синфи 10-11) - такмили малака ва маҳоратҳои дарки ВПФ, рушди салоҳияти фарҳанги нутқ ва одоби муошират. Натиҷаҳои озмоиш имконият ва зарурати таълими ВПФ-ро дар асоси баҳисобгирии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои асосии онҳо тасдиқ кард. Санҷиши назоратии натиҷаҳои озмоиши таълимӣ имкон дод, ки амсилаи

пешниҳодшудаи омӯзиши ВПФ бобати рушди малакаҳои нутқ самаранок буда, он ба ҳадди муайян азхудкунии ВПФ-ро дар сатҳи амалӣ муқаррар кард.

Ҳамин тариқ, озмоиши таълимӣ ҳамчун марҳалаи асосӣ собит кард, ки омӯзиши ВПФ ва воҳидҳои дигари паремиологӣ ҳамчун воситаи муассири ТФН-и хонандагони МТМУ дар сурати истифода аз воситаҳои босамари роҳу усули муосир ва фановариҳои иттилоотӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад.

## Хулосаи боби панҷум

Яке аз самтҳои муосири методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик - омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ пайгирӣ ва таъмини рушди фарҳанги нутқи хонандагони МТМУ-и умумиро собит ва асоснок мекунад. Хосса арзишу аҳаммияти ВПФ ҳамчун воситаҳои ифоданоки забон барои такмили нутқи хонандагон назаррас мебошад.

Таҳқиқи маҷмуи масъалаҳои марбут ба мундариҷаи таълими ЗАТ ва натиҷаи озмоиши ташаккулдиҳанда имкон медиҳад, ки роҳу усули босамари омӯзиши ВПФ ҳамчун ҷанбаи махсуси низоми таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки ВПФ ва дигар унсурҳои паремиологӣ ҳамчун воҳиди забон дорои сохтор, вежагиҳои бадеӣ ва тобишҳои хоси маъноӣ  ҳастанд, ҳусни баёни муассир доранд ва чун василаи ифоданоки забон намоён мешаванд. Ошкор кардани нақши ВПФ дар ифодаи фикри муҷаз ба муқаррар кардани асосҳои лингвистии таълим барои таъмини нутқи фасеҳ, пуробуранг ва ТФН-и муҳассилин тавассути матни бадеӣ, дарки асолати сухан ва сохтори ВПФ дар рушди маданияти нутқ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда имкон дод ба хулосае расем, ки ноил шудан ба фарҳанги баланди нутқ бе таваҷҷуҳи пайваста ба азхудкунии ВПФ ҳамчун унсури муҳимми гуфтор ғайриимкон аст. Дар натиҷаи таҳқиқи боби мазкур ҳалли чунин масъалаҳо дастрас гардид:

1. Ошкор кардани асосҳои назариявии таълими ВПФ дар шароити мактаби муосир, муайян кардани мафҳумҳои ибтидоии истилоҳот.

2. Дарки маънои ВПФ.

3. Муайян намудани вазъи омӯзиши ВПФ дар МТМУ, мушкилиҳои азхудкунии арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ, ки ба ташаккули салоҳияти забонӣ, иртиботӣ, адабӣ ва ҳам ба хусусиятҳои тафаҳҳум ва истифодаи ВПФ дар нутқи хонандагон иртибот дорад.

4. Интихоби минимуми (ҳадди ақал) фаъоли ВПФ, ки бояд дар мактаб азхуд карда шавад.

5. Санҷиши таҷрибавии самаранокии усули таълими пешбинишуда.

6. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҷриба ва таҳияи системаи машқҳо барои таълими ВПФ ба хонандагон дар МТМУ.

Натиҷаҳои таҳқиқ фарзияи моро дар бораи алоқамандии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бо ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар МТМУ тасдиқ мекунад. Чунин усул ва равияи омӯзиши ВПФ ба хонандагон бобати ташаккули тафаккур ва фарҳанги нутқ мусоидат намуда, ба такмили малакаҳои иртиботу иттилоот ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ шароит фароҳам овард.

Дар раванди татбиқи низоми пешниҳодшуда малака, дониш ва салоҳияти муҳассилин омӯзиши ВПФ ҷузъи ҷудонанашавандаи вусъати фикр, асоси рушди фаъолияти эҷодӣ мегардад. Бо назардошти он ки барои азхудкунии мафҳумҳои асосӣ ва рушди малакаҳо оид ба қисмати фразеологияи забони тоҷикӣ дар мактаб ҳамагӣ 1-2 дарс ҷудо карда шудааст, азхудкунии амалии ВПФ дар дарсҳои лексика, грамматика ва машғулиятҳои берунazсинфӣ зарур ва ногузир дониста мешавад. Тавре собит гардид, низоми мураттаби матн, машқу супоришҳо оид ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ дар партави маънӣ ва тобишҳои иловагӣ на танҳо хусусияти семантикӣ ва услубии онҳо, балки пайдарпайии ташаккули малака ва салоҳияти иртиботӣ-иттилоотӣ, мавҷудияти нозукиҳои баёни матлаб ва рушди маданияти нутқро мавриди эътибори ҷиддӣ қарор медиҳад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ВПФ дар инкишофи фарҳанги нутқи муҳассилин бой гардонидани таркиби луғавии онҳо мебошад, ки тавассути

рӯйнамоӣ ва шарҳу тафсири калимаҳо ва ифодаву ибораҳои устувор анҷом мепазирад. Аксари ВПФ аз вожаву ифодаҳое таркиб ёфтаанд, ки камистеъмол буда, дар нутқи ҳаррӯзаи хонандагон истифода намешаванд. Омӯзиши ВПФ имкон фароҳам меорад, ки бо ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ шинос шаванд ва маънои онҳоро дарк кунанд. Бархе аз калимаҳои таркиби ВПФ дар матнҳои гуногун сермаъноӣ зоҳир менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба хонандагон кумак лозим аст, то ҷилоҳои нави маънои вожаҳоро аз матнҳои гуногун дарк созанд. Масалан, калимаи «**даст**» дар таъбири «Аз як даст садо намеояд» ва ҷумлаи «Ба як даст ду харбуза бардоштан душвор» тобишҳои гуногуни маъноӣ дорад. Фразеологизмҳо низ мисли ВПФ аз воҳидҳои устувори забон маҳсуб меёбанд, **омӯзиш**и онҳо хонандагонро бо табиати устувории ибораҳо шинос мекунад, ки барои фаҳмидани дигар ибораҳои рехта ва идиомаҳо кумак мерасонад. Ин на танҳо луғат, балки заминаи фарҳанги луғавиро низ ташаккул медиҳад. Барои шарҳ додани ВПФ хонандагон аксар вақт маҷбур мешаванд, ки синонимҳо ва антонимҳоро барои калимаҳои мушаххас пайдо кунанд, ки бо ин роҳ захираи луғавии онҳо метавонад боз ҳам афзояд. Бо корбасти ВПФ, ки дар асоси маҷоз, муқоиса, истиора ва киноя сохта шудаанд, тафаккури мантиқӣ ва образнокии сухан инкишоф меёбад.

Калимаҳои таркиби ВПФ ба маънои амиқтар аз маънои луғавиашон соҳиб мебошанд. Ҳангоми шарҳ додани ВПФ, хонандагон маҷбур мешаванд, ки тасаввуроти худро ба кор баранд ва тасвирҳо ё мафҳумҳоро дар зеҳни худ эҷод кунанд, ки ба маънои маҷозии таъбир мувофиқат мекунанд. Масалан, тасаввур кардани матлаби «**калид»** дар ифодаи «*Дониш – калиди ҳаёт»*. Хонандагоне, ки тафаккури таҳлилӣ-маҷозӣ доранд, чунин ВПФ-ро дарҳол дарк мекунанд ва метавонанд нутқи худро зебою муассир баён созанд. Азбаркунии ВПФ ба муҳассилини мактабхон кумак мекунад, ки фикрҳои мураккабро ба таври мухтасар, муҷаз ва ҷолиб баён кунанд. Барои фаҳмидани маънои ВПФ хонандагон бояд онро ба қисмҳо тақсим карда, таҳлил ва сипас маънои онро дар маҷмуъ фаҳманд, малакаҳои таҳлилӣ ва ҷамъбастиро инкишоф диҳанд, ки дар омӯзиши дигар фанҳо низ муфид аст. Дарки маънои ВПФ, муқоиса ва

мутобиқати онҳо ба воқеияти имрӯза фаъолнокии фикрӣ, тафаккури интиқодӣ, таҳлилӣ ва эҷодии шогирдонро ташаккул медиҳад, моҳияти мантиқии фикри баёншавандаро ба назар гиранд.

Хулоса, омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ на танҳо ба тафаккури хонандагон бо арзишҳои нави маъноӣ ва ахлоқӣ-маърифатӣ ҷойгир мешаванд, балки онҳоро ба ҷаҳони андешаҳои амиқ ва образнокии забон ворид месозад. Ин раванд дар навбати худ ба рушди фарҳанги нутқ ва салоҳияти иртиботӣ, ҳусни баён мусоидат мекунад.

# ХУЛОСАҲО

Масъалаи фарҳанги нутқ мавзуи фарогир ва бисёрҷабҳаи илмию таълимӣ мебошад, ки мавриди баҳси улуми забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, услубшиносӣ, методика ва педагогика қарор дошта, танҳо бо риояи қоидаҳои грамматикӣ маҳдуд нест. Он маҷмуи малакаҳои суханронӣ, аз қабили дурустӣ, равонӣ, мантиқӣ, бадеӣ ва муассирии нутқро дар бар мегирад ва тарзи дурусту пурмазмун баён кардани фикрро дар ҳолатҳои гуногуни муошират танзим менамояд. Инчунин ба маҷмуи малакаҳои инкишофи нутқ, ки барои муошировати босамар заруранд, алоқаманд аст. «**Фарҳанги нутқ**» бо ибораҳои «маданияти забон», «маданияти нутқ», «маданияти сухан», «ҳусни баён», «фарҳанги сухан», «фарҳанги муошират», «ҳусни сухан», «ҳусни калом», «ҳусни ифода», «ҳусни маънӣ», «ҳусни мақол», «ҳусни муомила», «ҳусни мурочиат», «ҳусни матлаб», «ҳусни забон», «ҳусни баён ва услубиёти забони тоҷикӣ» муродиф буда, аввалин шарти он риояи меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ мебошад. Ташаккули ин меъёрҳо дар раванди омӯзиши ЗАТ ва тамоми дарсҳои дигар сурат мегирад ва забони адабӣ воситаи муошировати умумимиллист, ки ба фаҳмиши дурусти масъалаҳо мусоидат мекунад. Муҳити хонавода ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон низ нақши муҳим дорад ва тавассути муомилаву муносибати атрофиён қоидаҳои забон ба хотир супорида мешавад. Суханронии хубу намунавии калонсолон дар оила ва муҳити иҷтимоӣ дар ин раванд муҳим ба шумор меравад. Вазифаи омӯзгорони фанни ЗАТ аст, ки ба инкишофи нутқи хонандагон эътибор диҳанд, зеро ТФН раванди мураккаб ва тулонӣ аст. Он на танҳо ба масъалаи риояи қоидаҳои грамматикӣ, балки ба ташаккули қобилияти фикррониии мантиқӣ, салоҳияти иртиботӣ ва эҷодкорӣ низ мусоидат менамояд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ ба зарурат ва аҳаммияти корбасти усули самарабахши таълим: шарҳи вожаву таъбирҳо аз фарҳангномаҳо, мутолиаи мақсадноки осори адабӣ; иҷрои машқҳои амалӣ оид ба грамматика; кор бо луғатнома ва дастурҳои таълимӣ; баҳсҳои мақсаднок, таҳияи корҳои хаттӣ бо

супоришҳои эҷодӣ; инкишофи малакаи баёни фикр бо истифодаи ВПФ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Омӯзиш ва риояи ин меъёрҳо шахсияти фарҳангии хонанда ва ҷомеаро инкишоф медиҳад.

Дар ҷамъбасти таҳқиқоти диссертатсионӣ ба хулосаҳои зер расидем:

1. Сарчашмаҳои илмӣ ва методии педагогӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, услубшиносӣ ва равоншиносӣ марбут ба мавзуи таҳқиқ асосҳои назарӣ ва методии ташаккули фарҳанги нутқ ва салоҳияти иртиботӣ, фаъолияти фикрӣ, эҷодӣ ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои ЗАТ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ дар шароити муосири МТМУ муайян карда шуданд [5-М], [6-М], [11-М], [35-М], [53-М].

2. Аз ҷиҳати назарӣ омилҳои асосии пешбари педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули фарҳанги нутқ, малакаҳои сухансанҷӣ ва суханварии муҳассилин дар заминаи омӯзиши ВПФ ва мавқеи онҳо дар рушди шахсият, маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон муқаррар гардиданд [15-М], [16-М], [23-М], [64-М].

3. Роҳҳои раванди ТФН ва маҳорату малакаҳои суханварӣ тавассути ВПФ-и тоҷикӣ ошкор карда шуд [10-М], [40-М], [66-М].

4. Нақши муҳимми «Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11-ум» ва «Барномаи таълими адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-ум» ташаккули мафҳумҳо ва омӯзиши меъёрҳои забони адабӣ, шартҳои таъмини балоғат, фасоҳат, салосату ғановати калом дар ТФН, салоҳияти иртиботӣ, адабӣ, маърифатӣ ва фаъолнокии фикрии хонандагон муайян карда шуд [4-М], [13-М], [17-М], [63-М].

5. Баррасии вежагии мафҳумҳои марбут ба фарҳанги нутқ, раванди омӯзиши онҳо ва ташкили озмоишҳо бо мақсади муайян кардани шароити азхудкунии босамари ВПФ имкон фароҳам овард [11-М], [15-М], [59-М].

6. Мавқеи низоми дарсҳо мувофиқи бобу фаслҳо ва мавзуъҳои алоҳида дар омӯзиши ВПФ дар раванди дарсҳои ЗАТ собит карда шуд [34-М], [52-М], [61-М].

7. Ташкили самарабахши таълими ВПФ бо назардошти принсипҳои дидактикӣ чун омили самараноки ТФН ва идроки арзишҳои миллӣ-ахлоқии онҳо нишон дода шуд [9-М], [14-М], [16-М].

8. Аҳаммияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва истифодаи усули фаъол: муаммогузорӣ, гурӯҳбандӣ ва кори лоиҳавӣ - салоҳиятнокии маърифатӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти ҷустуҷуйӣ, муҳокимаронӣ ва фаъолнокии хонандагонро дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик собит сохт [19-М], [20-М], [35-М], [41-М].

9. Мавқеи истифодаи усули ҳамгироии байнифаннӣ дар инкишофи салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ, маърифатӣ ва адабии хонандагон тасбит гардид [12-М], [18-М], [51-М].

10. Ташкили корҳои беруназсинфӣ, тадриҷан мураккаб гардонидани хониши мустақилона дар ТФН зимни омӯзиши ВПФ ва мустақилияти хонандагон мусоидат намуд [11-М], [12-М], [18-М], [57-М].

11. Модули нави муосири «Низоми ташкили самарабахши раванди таълим» ҷиҳати рафъи камбудию норасоиҳои маводди китобҳои дарсӣ ва усулҳои таълими ВПФ таҳия гардид [7-М], [13-М], [54-М].

12. Тарзҳои таҳлили илмӣ-методии ВПФ ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон ба омӯзгорон ва роҳбарони иттиҳодияи методии фанни забон ва адабиёти тоҷик фаҳмонида шуданд [44-М], [56-М], [66-М].

13. Ба мушоҳида расид, ки нокифоягии донишҳои омӯзгорон аз педагогика, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва услубшиносӣ сабаби сатҳи пасти таълим, ФН, салоҳияти иртиботӣ, инкишофи сусти маҳорату малакаи суханварӣ, қобилияти эҷодӣ, тафаккури таҳлилӣ ва парвариши арзишҳои миллӣ-ахлоқии хонандагон мегардад [35-М], [41-М], [49-М], [66-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқ ва ташкили озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ барои татбиқи амалии нуктаҳои муҳимми диссертатсия чунин тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Бозомӯзӣ ва таҳлили осори илмиву методии олимони ватанию хориҷӣ доир ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар раванди омӯзиши ВПФ ба таври бояду шояд анҷом дода шавад;

2. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзиши ВПФ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар дарсҳои ЗАТ шароити мусоид фароҳам оварда шавад;

3. Барнома ва китобҳои дарсии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бо назардошти талаботи такмили фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи ВПФ мувофиқ ба муносибати босалоҳият ба таълим таҷдиди назар карда шаванд;

4. Дар раванди таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба омӯзиши назарияву қоида, мафҳуму истилоҳоти марбут ба фарҳанги нутқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, вежагиҳои ВПФ ва мавқеи истеъмоли онҳо ба таври амиқ баррасӣ карда шавад;

5. Дар семинарҳои омӯзишӣ, курсҳои бозомӯзӣ, тренинг, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва дигар навъи чорабиниҳо масъалаи ташаккули фарҳанги нутқи муҳассилин дар заминаи омӯзиши ВПФ ва мавқеи онҳо дар таҳкими арзишҳои миллӣ-ахлоқии хонандагон ба нақша гирифта шавад;

6. Дар раванди дарсҳои ЗАТ аз усули фаъоли таълим: муаммогузорӣ, Диаграммаи ВЕН, гурӯҳбандӣ, кори лоиҳавӣ, эҷодӣ ки талаботи дарси муосир аст, корбаст гардад.

7. Барои аз худ кардани тобишҳои нозуки маънои вожаву таъбирҳо, пешниҳоди тавсияҳои зарурӣ дар истифодаи фарҳангномаҳо, роҳҳои афзудани ҳавасмандии шогирдон ба омӯзиши ВПФ ва такмили фарҳанги нутқ диққати

муҳаққиқону олимони соҳаи педагогика, дидактика ва методистон ҷалб карда шавад;

8. Машғулиятҳои беруназсинфӣ: факултатив, маҳфил, конференсия, сабқати зеҳнӣ бо мақсади ТФН-и хонандагон дар заминаи ВПФ тоҷикӣ, рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагон ва роҳу усули нави ташкили онҳо ба роҳ монда шавад;

9. Дар шакли намуна модули раванди дарсҳо, дастури «Таҳлили андарзҳои «Маснавии маънавӣ», «Таҳлили таъбирҳо аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» ба роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорони фанни ЗАТ дастрас ва раванди иштирок ба дарсҳо ва таҳлили воқеии онҳо пайваста назарсанҷӣ карда шавад;

10. Масъалаи омӯзиши ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи ВПФ ва парвариши арзишҳои миллӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими фанҳои ЗАТ дар МТМУ дар шароити таҳсилоти муосир дар барнома ва нақшаҳои кории Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ворид карда шавад;

12. Таҳқиқ ва омӯзиши назарияи методологӣ, илмӣ-амалӣ, дидактикӣ, методӣ ва моделҳои таҳиягардидаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи ВПФ дар асоси натиҷаи озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёбад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Адабиёти тоҷик. Барномаи таълим барои мактабҳои асосӣ ва миёна. Мураттиб Тӯйчӣ Миров [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1993. – 60 с.
2. Барномаҳои рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (аз 28. 11. 2020, таҳти № 647)
3. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V - XI. Муҳаррирони масъул: Х. Шарифов ва У. Тоиров [Матн]. – Душанбе, 2007. – 73 с.
4. Барномаҳои таълими забони модарӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2012. – 112 с.
5. Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI. Мураттиб Мирзод, Душанбе: Матбуот, 2002. – 67 с.
6. Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2003. – 24 с.
7. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии забони модарӣ ва математика [Матн]. – Душанбе, 2017. – 110 с.
8. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI [Матн]. – Душанбе: «Душанбе-принт», 2018. – 151 с.
9. Консепсияи миллии маълумоти ҶТ Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи 2002, №200 [Матн] // Ахбори Вазорати маориф ҶТ. – Душанбе, 2003.
10. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2006, № 94 [Матн].
11. Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, № 553 [Матн] // «Ҷумҳурият» 8-уми октябри 2009.
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26. 09. 2020, таҳти № 503)
13. Паём ва рисолати созандаи он (Маҷмуи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 516 с.
14. Программаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои миёнаи нопурра, синфҳои 5-7, НДТ, Сталинобод, 1941. – 8 с.
15. Программаи адабиёт. Барои синфҳои 1У-Х [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1980.
16. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10 [Матн]. – Душанбе, 1986.
17. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои мактабҳои миёна (синфҳои V-XI). – Душанбе: Маориф, 1989. – 96 с.
18. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 [Матн] // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри 2020, № 526 – 103 с.

**II. Китобҳо, монографияҳо:**

19. Абдуқодиров А. Услубиёт ва ҳусни баён (нашри дуюм) [Матн] / А. Абдуқодиров, А. Давронов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 360 с.
20. Абдулло С. Пайванди хат ва забон [Матн] / С. Абдулло // Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 400 с.
21. Абулқосимӣ М. Шеър дар Эрон пеш аз ислом, чопи дувум [Матн] / Абулқосимӣ М. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1383. – 352 с.
22. Актуальные вопросы филологической науки и методики ее преподавания в эпоху инновационного развития [Текст] / – Худжанд: Кова, 2025. – 434 с.
23. Актуальные проблемы культуры речи [Текст] / Сборник. Под ред. В. Г. Костомарова и Л. И. Скворцова. – Москва: Наука, 1970. – 403 с.
24. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Барои синфи 10-ум [Матн] / С. Аминов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 224 с.
25. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Барои синфи 8-ум [Матн] / С. Аминов. – Душанбе: Маориф, 2020. – 256 с.
26. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ хонандагони синфи 7-ум [Матн] / С. Аминов. – Душанбе: Собириён, 2023. – 272 с.

27. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 4. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 65 с.
28. Асозода Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 [Матн] / Х. Асозода, А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 2015. – 400 с.
29. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х.Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 180 с.
30. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик. Қисми 1 [Матн] / М. Аҳмадов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 292 с.; Қисми 2. – Хуҷанд: Нури маърифат (қисми 2), 2016. – 380 с.
31. Аҳмадов М. Тафсири ҳафт ғазал аз девони Шайх Камоли Хуҷандӣ [Матн] / М. Аҳмадов. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 108 с.
32. Аъзамзод С. Ҷавҳари Айнӣ: Дастранҷи пажуҳишгоҳи айнишиносӣ [Матн] / С. Аъзамзод. – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. “Меъроҷ”, 2023. – 348 с.
33. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим [Матн] / А.Байзоев. – Душанбе: Донишварон, 2018. – 48 с.
34. Байзоев А. Масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф [Матн] / А.Байзоев. – Душанбе: Маориф, 2021. – 296.
35. Баранов М.Т. Методика лексики и фразеологии на уроках русского языка: Пособия для учителя [Текст] / Баранов М.Т. – М.:, Просвищение, 1988. – 191 с.
36. Барзгар Х. М. Шохи наботи Ҳофиз: Шарҳи ғазалҳо ҳамроҳ бо муқаддима, талаффузи вожагони душвор (чопи панҷум) [Матн] / Б. Холиқӣ. – Теҳрон: Заввор, 1382. – 1146 с.
37. Баринова Е.А. Воспитание культуры речи [Текст] / Е. А. Баринова, Л. А. Виноградова, Н. Н. Дегтеревская. – Ленинград: Учпедгиз, 1955.– 84 с.
38. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. Том 1 [Текст] / Е. Э. Бертельс. – Москва: Изд-во восточной литературы, 1960. – 555 с.
39. Буснавӣ С. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз. Тарҷумаи Исмати Сатторзода. Дар 4 муҷаллад, ҷилди 1 [Матн] / С.Буснавӣ. – Теҳрон: Аржанг, 1372. – 1522 с.

40. Ваҳҳоб Р. Дуруст бинависем (нашри 2) [Матн] / Ваҳҳоб Р. – Душанбе: Садои Шарқ, 2016. – 132 с.
41. Ваҳҳобов А. Таълими адабиёт дар мактаб [Матн] / А. Ваҳҳобов, М. Қозиҷонов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 192 с.
42. Ваҳҳобов А. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода [Матн]. / А. Ваҳҳобов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 192 с.
43. Виноградов В.В. Проблемы русской стилистики [Текст] / В.В. Виноградов. – Москва: Высш. Школа, 1981. – 320 с.
44. Винокур Г.О. Культура языка [Текст] / Г.О. Винокур // Основы культуры речи: Хрестоматия. – Москва: Высш.школа, 1984. – 312 с.
45. Выготский Л. С. Мышление и речь [Текст] / Л. С. Выготский. – Москва: Педагогика. – 1986. – 362 с.
46. Гаврин С. Г. Изучение фразеологии русского языка в школе: пособие для учителя [Текст] / С. Г. Гаврин. – Москва: Учпедгиз, 1963. – 151 с.
47. Головин Б. Н. Основы культуры речи. 2-изд [Текст] / Б. Н. Головин. – Москва: Высшая школа, 1988. – 320 с.
48. Голубков В.В. Методика преподавание литературы [Текст] / В.В. Голубков. –Москва: Учпедгиз, 1962. – 495 с.
49. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.
50. Данилов М. А. Теоретические основы и методы фундаментальных педагогических исследований [Текст] / М. А. Данилов. – Москва, 1972. – 322 с.
51. Дахин А. Н. Моделирование компетентности участников открытого образования: монография [Текст] / А. Н. Дахин. – М: Изд-во НИИ школьных технологий, 2009. – 292 с.
52. Ерастов Н. П. Методика самостоятельной работы [Текст] / Н. П. Ерастов. – Москва: Мысль, 1985. – 79 с.
53. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи / А.И. Ефимов [Текст]. – Москва, 1963. – 261 с., с.274
54. Забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн].– Душанбе: Ирфон, 1973. – 463 с.

55. Замонӣ К. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ». Дар 7 ҷилд [Матн] / К. Замонӣ. – Теҳрон: Иттилоот, 1392. – 1020 с.
56. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984.– 160 с.
57. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
58. Зикриёев Ф. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо [Матн] / Т. Маҳсудов, Ф. Зикриёев, Х. Ҷалилов. – Душанбе, 1976. – 86 с.
59. Зиёев М. Усули ҳамкорӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик [Матн] / М. Зиёев., Н. Мирзоматов, Ф.Олимова., З.Тошбоева. – Душанбе, 2010. – 63с.
60. Зимняя И. А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия [Текст] / И. А. Зимняя. – Москва: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. – 137 с.
61. Золототрубова Н. Н. Методика преподавания литературы: Учебное пособие для вузов [Текст] / Н.Н. Золототрубова. – Воронеж, 2007. – 247 с.
62. Зубайдов У.З. Тафриқа ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи раванди таълим [Матн] / У.З. Зубайдов. – Душанбе: Сарпараст, 2003. – 192 с.
63. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактаб [Матн] / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 96 с.
64. Исрофилниё Ш.Р. Шарҳи мунтахаби «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, А. Раҳнамо. – Душанбе: Пайванд, 2016.– 360 с.
65. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Шарҳи бист ғазали Саъдии Шерозӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё., М.А. Султонмамадова. – Душанбе: Нигор, 2017. – 68 с.
66. Каззозӣ М. Зебошиносии сухани порсӣ. Чопи чаҳорум [Матн] / М. Каззозӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1381. – 214 с.
67. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Қисми 1. Хусусиятҳои услубии фонетика, лексика, фразеология [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.

68. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11 [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 2022. – 256 с.
69. Капинос В.И. Развитие речи: теория и практика обучения [Текст] / В.И. Капинос. – Москва: Просвещение, 1991. – 191с.
70. Каримов А. Таълими калима ва таъбирҳо дар синфи 5 [Матн] / А.Каримов. – Душанбе: Маориф, 1974. – 42 с.
71. Каримова Х. Роҷеъ ба мафҳуми таъбир дар адабиёти лингвистӣ [Матн] / Х. Каримова. – Душанбе: Нодир, 2006. – 60 с.
72. Колесов В.В. Культура речи – культура поведения [Текст] / В.В.Колесов. – Ленинград: Лениздат, 1988. – 271 с.
73. Коменский Я. А. Великая дидактика [Текст] / Я. А. Коменский. – Москва: Просвещение, 1988. – 240 с.
74. Кохтев Н. Н. Риторика [Текст] / Н. Н. Кохтев. – Москва: Просвещение, 1994. – 207 с.
75. Қозиҷонов М. Таълими адабиёт дар мактабҳои ҳаштсола [Матн] / М. Қозиҷонов. – Душанбе: Маориф, 1962. – 263 с.
76. Қозиҷонов М. Инкишофи нутқи даҳонӣ ва хаттии талабагон [Матн] / М. Қозиҷонов. – Душанбе: Маориф, 1969. – 240 с.
77. Қосимова М. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан [Матн] / М. Қосимова. – Душанбе: Ҳумо 2005. – 135 с.
78. Қурбонов М. Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ [Матн] / М. Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1978. – 72 с.
79. Қурбонов М. Методикаи инкишофи нутқи мураттаб [Матн] / М.Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 28 с.
80. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна [Матн] / М. Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1985. – 96 с.
81. Қурбонов М. Таълими масъалаҳои душвори имло дар синфҳои 5-6 [Матн] / М. Қурбонов, З. Воҳидов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 131 с.
82. Қурбонов М. Асосҳои лингвистӣ ва методҳои таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна [Матн] / М. Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 192 с.

83. Қурбонов М., Маҳмадов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи 5 [Матн] / М. Қурбонов, М. Маҳмадов. – Душанбе: Маориф, 1993. – 104 с.
84. Ладыженская Т. А. Устная речь как средство и предмет обучения: Учеб. пособ. для студ. [Текст] / Т. А. Ладыженская. – Москва: Просвещение, 1998. – 136 с.
85. Лутфуллоев, М. Педагокикаи миллии халқи тоҷик [Матн]. / М. Лутфуллоев. –Душанбе: Сифат, 2015. – 704 с.
86. Маданияти сухан [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1989. – 350 с.
87. Маджидов Х. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик: Дастури таълимӣ / муҳаррирон В.Капранов, Х.Рауфов [Матн]. / Маджидов Х. – Душанбе, 1982. – 104 с.
88. Маонӣ М., Давлатзода, С. Адабиёти тоҷик барои синфи 9 [Матн]. / М. Маонӣ, С. Давлатзода. – Душанбе: Мавлавӣ, 2009. – 368 с.
89. Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-90-уми садаи XX. Китоби V. Баҳси атрофи имло дар забоншиносии тоҷик. Ҷилди 1 (солҳои 20-90-уми асри XX); Муҳаррир: Толиб Ваҳҳобов [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 472 с.
90. Матвеева Т.В. Функциональные стили в аспекте текстовых категорий: Синхронно-сопоставительный очерк [Текст]. / Т. В. Матвеева. – Свердловск: Изд-во Урал, 1990. – 172 с.
91. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 107 с.
92. Маърифати таълим: ҷустуҷу ва бозёфт, мураттибон: Ф.Ниёзов, Ф.Олимов, М.Зиёев [Матн]. – Душанбе, 2012. – 78 с.
93. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷ. 2 [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 352 с.
94. Мединцева И.П. Компетентностный подход в образовании [Текст] / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). – Москва: Буки-Веди, 2012.

95. Методика преподавания русской литературы в таджикской школе. Часть 2 (Второе изд.) [Текст]. – Душанбе: Маориф, 1988. – 288 с.
96. Методика преподавания русской литературы в национальной школе: Пособие для студентов нац.групп пед. ин-тов [Текст] / А.Д.Жижина, Д.А.Клумбите, Т.Ф.Курдюмова и др. – Санкт-Петербург: Просвещение, 1992. – 416 с.
97. Методика развития речи на уроках русского языка [Текст] / Н. Е. Богуславская, В. И. Капинос, А. Ю. Купалова, под редак. Т. А. Ладыженской). – Москва: Просвещение, 1991. – 240 с.
98. Минеева С. А. Риторика диалога: теоритечиские основания и модели (3 издание) [Текст] / С. А. Минеева.– Москва: ФЛИНТА, 2019. – 221 с.
99. Миралиев А. Педагогика ва психология [Матн] / А. Миралиев, М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 344 с.
100. Миров Т. Методикаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 256 с.
101. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум [Матн] / Т. Мирзод, Р. Ҳамидов., М. Пирзод. – Душанбе: АВА, 2002. – 301 с.
102. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум [Матн] / Т. Мирзод, Р. Ҳамидов., М. Пирзод. – Душанбе: АВА, 2008. – 301 с.
103. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум [Матн] / Т. Мирзод, Р. Ҳамидов., М. Пирзод. – Душанбе: Маориф, 2017. – 304 с.
104. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М., Мирзода Ф. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум [Матн] / Т. Мирзод, Р. Ҳамидов., М. Пирзод. – Душанбе: Маориф, 2022. – 272 с.
105. Мирзод Т. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 9-ум. Нашри 4-ум [Матн] / Т. Мирзод, С. Давлатзода, Ф. Мирзода. – Душанбе: Маориф, 2023. – 352 с.

106. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1947. – 199 с.
107. Мирзоюнус М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо: Маҷмуаи мақолаҳои адабиётшиносӣ [Матн] / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 506 с.
108. Миролюбов А. А. Методика обучения инностранным языкам в средней школе [Текст] / А. А. Миролюбов. – Москва: Педагогика, 1982. – 240 с.
109. Миров Т. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9 [Матн] / Т. Миров. – Душанбе: Маориф, 1986. – 150 с.
110. Миров Т. Методикаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 254 с.
111. Миров Т. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 9 [Матн] / Т.Миров, С. Давлатзода. – Душанбе: Маориф, 2014. – 352 с.
112. Михальская А. К. Педагогическая риторика: учебное пособие [Текст] / А. К. Михальская; отв. ред. В. Разномазов. – Ростов н/Д: Феникс, 2013. – 379 с.
113. Михальская А.К. Сравнительно-историческая риторика: учебное пособие / А.К. Михальская. – Москва: ФОРУМ; ИНФРА-М, 2019. – 320 с.
114. Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим [Матн]. – Душанбе, 2017.
115. Мулло А. Методикаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / А. Мулло. – Душанбе: Маориф, 2014. – 394 с.
116. Муллоаҳмадов М. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Андарзнома [Матн] / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 168 с.
117. Муллоқандов Э. Забон дар тули замон [Матн] / Э. Муллоқандов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 144 с.
118. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д.Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А.Байзоев [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 72 с.

119. Мухторӣ Қ. Модули таълимии курсҳои омӯзишии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба гузариши муносибатҳои босалоҳият дар таълим [Матн] / Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров. – Душанбе, 2017. – 79 с.
120. Набизода С. Забони тоҷикӣ (Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) [Матн] / С. Набизода, Ш. Бобомӯродов, С. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 2023. – 256 с.
121. Насриддин А. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди дувум [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 636 с.; Ҷилди 3. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 564 с.; Ҷилди 6. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 756 с.; Ҷилди 7. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 750 с.
122. Нафисӣ С. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. Чопи дувум [Матн] / С. Нафисӣ. – Порис, 2022. – 722 с.
123. Негматов С., Товбаева М. Интегрированное обучение русскому языку в таджикской школе [Текст] / С. Негматов, М. Товбаева. – Душанбе: ТоРус, 2011. – 104 с.
124. Негматов С. Э. Поликультурное и полилингвальное образование в Республике Таджикистан [Текст] / С. Негматов. – Душанбе: Эр–Граф, 2020. – 189 с.
125. Негматов С.Э. Горизонты лингводидактики [Текст] / С.Э. Негматов. – Душанбе: Сино 2020. – 165 с.
126. Негматов С. Э. Инновационные методы в преподавании русского языка в образовательных учреждениях Таджикистана [Текст] / С. Э. Негматов. – Душанбе. Изд. ТНУ, 2022. – 211 с.
127. Ниёзов Ф. Роҳнамои омӯзгор оид ба истифодаии арзёбии ташаккуллдиҳанда [Текст] / Ф. Ниёзов., М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев, Н. Қодиров, М. Иргашева, Қ. Зиёев. – Душанбе, 2019. – 56 с.
128. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули 1. Мураттибон: Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев, Н. Қодиров, М. Иргашева, Қ. Зиёев [Матн]. – Душанбе, 2016. – 36 с.

129. Норматов М. Забоншиносии умумӣ [Матн] / М. Норматов. – Душанбе: Маориф, 2006. – 160 с.
130. Обнорский С.П. Культура русского языка [Текст] / С. П. Обнорский // Основы культуры речи: Хрестоматия. – Москва: Высш.школа, 1984. – 312 с.
131. Ожегов С. И. Лексикология. Культура речи [Текст] / С. И. Ожегов. – Москва, 1974. – 340 с.
132. Педагогика [Текст]. – Москва: Просвешение, 1983. – 608 с.
133. Пешковский А. М. Объективная и нормативная точка зрения на язык [Текст] / А. М. Пешковский // Основы культура речи. – Москва: Высшая школа, 1984. – 312 с.
134. Раҳматҷонов Н., Раҳимов Х. Дастури методӣ оид ба таълими китоби дарсии «Адабиёти ватан» барои синфи VII [Матн] / Н. Раҳматҷонов, Х. Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1990. – 72 с.
135. Раҳимова М. Мақоми осори классикӣ дар таълими самаровари забони тоҷикӣ. [Матн] / М. Раҳимова. – Хуҷанд: Кова, 2025. – 129 с.
136. Раҳмон Эмомалӣ. Фарҳанг-ҳастии миллат [Матн] / Эмомали Раҳмон. Душанбе: 2001. – 341 с.
137. Раҳмон, Эмомалӣ. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. [Матн] / Эмомали Раҳмон. – Душанбе: Шалола, 2007. – 336 с.
138. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон– Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.
139. Раҳмонфар А. Рӯдакиро суханаш тилви нубост... [Матн] / А. Раҳмонфар. – Душанбе: Адиб, 2009. – 282 с.
140. Родуёнӣ М. Тарҷумон-ул-балоға (Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аҳмади Оташ). [Матн] / М. Родуёнӣ.– Эрон: Асотир, 1949. – 1320 с.
141. Розенталь Д. Э. Практическая стилистика русского языка [Текст] / Д.Э.Розенталь. – Москва: Высшая школа, 1977. – 317 с.
142. Рустамов Қ. Омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаб. [Матн] / Қ. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1993. – 78 с.

143. Сабурӣ Х. Маорифи миллӣ ва масъалаҳои пешқадами таълим ва тарбия. [Матн] / Х. Сабурӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 316 с.
144. Саидалиева М.Х. Таҳлили вижагиҳои забони нутқи кӯдак [Матн] / М. Х. Саидалиева. – Душанбе, 2020. – 49 с.
145. Саидов С. Гулшани маънӣ [Матн] / С. Саидов, Ш. Шарифов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 224 с.
146. Сайидзода З. Ш. Истиқлоли давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ. – Нашри дуюми такмилёфта [Матн] / З. Ш. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ «Кон-траст», 2013. – 200 с.
147. Сайидзода З. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ «Кон-траст», 2017. – 464 с.
148. Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои –V-VI. (дастур барои муалимон) [Матн] / Қ. Сангов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 80 с.
149. Сатторзода А. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. Душананбе: Адиб, 2011. – 230 с.
150. Сатторзода А. Адабиёти тоҷик. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-ум. Нашри севум [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Маориф, 2018. – 320 с.
151. Саҳми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди илмҳои филологӣ [Матн]. – Душанбе: МДМТ, 2020. – 266 с.
152. Семенова Н. 2014, с. 111
153. Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои –V-VI. (дастур барои муалимон) [Матн] / Қ. Сангов. – Душанбе: Маориф,1980. – 80 с.
154. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол [Матн]. / Д. Сафин, Р. Мусина, Қ. Мухторӣ, С Қурбонов. Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2007. – 376 с.
155. Сафин Д. В.; Мусина Р. Г. Интерактивные методы преподавания и обучения [Текст] / Д.В.Сафин; Р. Г. Мусина. – Душанбе, 2007. – 86 с.

156. Скворцов Л. И. Актуальные проблемы культуры речи [Текст] / Л. И. Скворцов. – Москва, 1970 – 221 с.
157. Скворцов Л.И. Культура языка – достояние социалистической культуры. Кн. для внеклассного чтения. (VIII-X кл.) [Текст] / Л. И. Скворцов. – Москва: Просвещение, 1981. – 192 с.
158. Солганик Г.Я. Практическая стилистика русского языка (4 изд.) [Текст] / Г. Я. Солганик. – Москва: Издательский центр «Академия», 2010. – 304 с.
159. Судии Буснавӣ. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз. Тарҷумаи Исмати Сатторзода. Дар 4 муҷаллад, ҷилди 1 [Матн] / С.Буснавӣ. – Теҳрон: Аржанг, 1372. – 1522 с.
160. Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ [Матн]. – Душанбе: Нигор, 2018. – 180 с.
161. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 225 с.
162. Тиллохоҷаева М. Луғатомӯзӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] /– Хуҷанд, 2011. – 66 с.
163. Тоиров У. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум [Матн] / У. Тоиров, М. Солеҳов, Р. Шарифов. – Душанбе: КВД “Комбинати полиграфии ш.Душанбе”, 2014. – 336 с.
164. Тоиров У. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7 (нашри аввал) [Матн] / У. Тоиров, Х. Зикиров, М. Мӯсоев. – Душанбе: Мавлавӣ, 2008. – 320 с.
165. Тоиров У., Солеҳов М., Ширинзода Н. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7-ум [Матн] / У. Тоиров, М. Солеҳов, Н. Ширинзода. – Душанбе: Маориф, 2018. – 288 с.
166. Тоиров У. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7-ум [Матн] / У. Тоиров, М. Солеҳов, Н. Ширинзода.– Душанбе: Маориф, 2023. – 288 с.
167. Тоҳирӣ Х.Қ. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 6 [Матн] / Х. Қ. Тоҳирӣ. – Душанбе: Маориф, 2022. – 200 с.
168. Успенский Л.В. Культура речи [Текст] / Л. В. Успенский. – Москва: Знание, 1976. – 96 с.

169. Холиқназар Ӯ. Ғалат менависем [Матн] / Ӯ. Холиқназар. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷикистон, 2000. – 257 с.
170. Хоҷаев Д. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9-ум. Нашри 3-юм [Матн] / Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, М. Саломов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 184 с.
171. Хоҷаев Қ. Адабиёти тоҷик, китоби дарсӣ барои синфи 6 (нашри 3-юм) [Матн] / Қ. Хоҷаев, А. Абдувалиев, Н. Шарафиддинов, Б. Раҳматов. – Душанбе: Маориф, 2014. – 224 с.
172. Хоҷаев Қ. Таҳлили порчаҳои манзум дар синфҳои 5-8 [Матн] / Қ. Хоҷаев. – Душанбе, 1990. – 96 с.
173. Худойдодов А. Камоли Хуҷандӣ дар таҳқиқи Холиқ Мирзозода / Ёдкарди Камоли Хуҷандӣ (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн] / А. Худойдодов. – Хуҷанд: Ношир, 2020 . – 640 с.
174. Хуҷақулов С.Х. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Воситаи таълимӣ – услубӣ [Матн] / С.Х. Хуҷақулов. – Самарқанд: СамДУ, 2014. – 149 с.
175. Хушенова С.В. Изофетные фразеологические единицы таджикского языка [Текст] / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. - 190 с.
176. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гуишҳои шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) [Матн] / А. Ҳасанов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 253 с.
177. Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳорати баён [Матн] / А. Ҳасанзода. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 516 с.
178. Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. Нашри 3-юм [Матн] / С. Ҳоҷиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 400 с.
179. Ҳусейнзода Ш. Адабиёти Ватан барои синфи VII. Нашри II [Матн] / Ш. Ҳусейнзода, А. Абдувалиев, Ғ. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 272 с.
180. Шайхов М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7 [Матн] / М. Шайхов, У. Тоиров. – Душанбе: Pleiades Publishinincins, 2002. – 239

181. Шакурзода О. Шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ [Матн] / О. Шукурзода. – Душанбе: Адиб, 2014. – 540 саҳ.

182. Шакурӣ М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 148 с.

183. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 300с.

184. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 2005. – 362 с.

185. Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка: учебное пособие [Текст] / Н. М. Шанский. – Москва: Просвещение, 1972. – 327 с.

186. Шарипов Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шариов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.,

187. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ [Матн] / Ф. Шарифзода, А. Миралиев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.

188. Шарифов Э., Махкамова Ш. Воҳидҳои фразеологӣ ва усулҳои таълимии он дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Э. Шарифов, Ш. Махкамова. – Хуҷанд, 2006. – 81 с.

189. Шарифов Ф., Каримова И. Х. Педагогика [Матн] / Ф.Шарифов, И. Х. Каримова. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 284 с.

190. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ [Матн] / С. Шербоев, – Душанбе: 2016. – 487с.

191. Шукуров М. Забони мо-ҳастии мост. [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 232 с.

192. Ятимов С. Асарҳо. Ҷ.11. Масъалаҳои забоншиносӣ дар таълимоти Пешвои миллат [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 384 с.

**II. Диссертатсия ва авторефератҳо:**

193. Бобоева И.А. Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V- VII дар раванди таълими осори классикон: Дисс.барои дарёфти унвони н.и.педагогӣ: 13.00.01 [Матн] / И. А. Бобоева. –Хуҷанд. – 2023. – 166 с.

194. Ганьшина Ю.В. Формирование культура речи младщих школников на литературном материале. Автореф. дисс. канд. пед. наук [Текст] / Ю. В. Ганьшина. – Рязань, 2007. – 27 с.
195. Зайтметов Ҳ. А. Хусусиятҳои истифодаи адабиёти бадеӣ дар рушди қобилиятҳои маърифатии шахс: Дисс.барои дарёфти унвони д.и.психологӣ: 19.00.01 [Матн] / Ҳ. А. Зайтметов. – Хуҷанд, 2025. – 498 с.
196. Курганов З.Д. Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари севазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир: Дисс.барои дарёфти унвони д.и.ф.: 10.02.00 [Матн] / З. Д. Курганов. – Хуҷанд, 2024. – 343 с.
197. Каримова Д. О. Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ: Дисс.барои дарёфти унвони н.и.педагогӣ: 13.00.08 [Матн] / Д.О. Каримова. – Душанбе, 2024. – 282
198. Каримова И. Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: дис. … д-ра пед. наук : 13.00.01 [Матн] / И.Х. Каримова. – Душанбе, 2000. – 370 стр.
199. Коровина В. Я. Методические основы совершенствования устной речи учащихся в процессе изучения литературы в школе: дис. … д-ра пед. наук : 13.00.02 [Текст] / В. Я. Коровина. – М., 1994. – 76 с. – URL: http: // irbis.gnpbu.ru / Aref_1994 / Korovina_V_Ja_1994.pdf (дата обращения: 16.06.2023). – Текст: электронный.
200. Мавлонова И. Т. Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ:Автореф.дисс. барои дарёфти унвони н.и.педагогӣ: 13.00.08 [Матн] / И. Т. Мавлонова. Душанбе. – 2025. – 72 с.
201. Максяшина Ю.А. Фразеологический минимум русского языка. Автореф. к.ф.н. [Текст] / Ю. А. максяшина. – Великий Новгород, 2004. – 20 с.
202. Носиров С.Ш. Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон: Дисс.барои дарёфти унвони д.и.педагогӣ: 13.00.01 [Матн] / С. Ш. Носиров. – Душанбе, 2025. – 379 с.

203. Партов Н. Методикаи таълими фасли муқаддимавии «синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар синфҳои 5 таҳсилашон ба забони тоҷикӣ: Автореф. дисс. н.и.пед [Матн] / н. Партов. – Душанбе, 2022. – 25 с.
204. Пулотова Ш. Фигура таджнис и особенности ее использования в персидско-таджикской классической литературе (X - XV вв.) [Текст] / Ш. Пулотова. – Хуҷанд, 2008. – 25 с.
205. Раҳимова М. Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон. Дисс.барои дарёфти унвони н.и.педагогӣ: 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ. Душанбе [Матн] / М. Раҳимова. – Хуҷанд, 2026. – 214 с.
206. Сокол М. А. Русские фразеологизмы как средство формирования коммуникативной компетенции иностранных студентов-нефилологов: дисс. … к. пед. н [Текст] / М. Сокол. – Н. Новгород, 2006. – 219 с.
207. Тилавов Б. Современный пословичный репертуар таджикского народа. Автореферат докторс. дисс [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе, 1975. – 44 с.
208. Чепкова Т.П. Адаптивно-модульное обучение иностраннқх учащихся фразеологии русского языка в системе высшей школы. Автореферат диссерт. На соискание ученой степени доктора пед.наук. [Матн] / Т. П. Чепкова. – Москва, 2023. – 53 стр.
209. Шайхов М. Теоретические основы развития интеллектуального потенциала учащихся в условиях интегрированного обучения (на материале интегрированных уроков таджикского языка в и литературы в 5-7 классах общеобразовательных школ). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата пед. наук. 13.00.01 [Текст] / М. Шайхов. – Душанбе, 2006
210. Шахсуварова Э. М. Лингвистические и методические аспекты описания фразеологии русского языка в целях обучения иностранных учащихся на начальном этапе. Дисс. ... канд. пед. наук [Текст] / Э. М. Шахсуварова. – М., 1983. – 220 с.

211. Швырина Г. В. Формирование культуры речи учащихся на основе текста средствами информационных технологий. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук [Текст] / Г. В. Швырина. – Елец, 2010. – 28 с.

**III. Мақолаҳо:**

212. Абдуқодиров А. «Китоби дарсии насли нав» – талаби айём [Матн] / А. Абдуқодиров // Номаи Донишгоҳ. – №4 (57), 2018. – С.164-168.

213. Абдуқодиров А. Оид ба усули таълими як мавзуи забоншиносӣ [Матн] / А. Абдуқодиров // Истиқлолият ва забон (маҷ.мақ.). – Хуҷанд: Ношир, 2025. – 480 с.

214. Алиев, А. Ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагон омили баланд шудани сифати таҳсилот [Матн] / А.Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018, №4, С. 254-258.

215. Алиев С. Н. Таълими проблемавӣ –воситаи фаъолонидани тафаккури хонандагон [Матн] / С. Н. Алиев // Мактаби Советӣ. – 1969, №11. С. 18-20.

216. Амонӣ С. Илмат ба амал чу ёр гардад [Матн] / С. Амонӣ, А. Байзоев, А. Холов. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2017, №4. – С. 13-19.

217. Амонӣ, С. Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ-эҷодии хонандагон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / С.Амонӣ // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ: Маводди конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. – Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 71-76.

218. Аҳмадов М. Китобҳои дарсии адабиёт [Матн] / М. Аҳмадов // ва низоми таълифи онҳо // Номаи Донишгоҳ. – №1 (46), 2016. – С. 170-176

219. Аҳмадов М. Раванди барномасозӣ ва мундариҷаи барномаҳои таълими адабиёт дар замони Истиқлолият [Матн] / М. Аҳмадов // Номаи Донишгоҳ. – №2 (51) 2016. – С. 216-222

220. Аҳмадов М. Бори дигар перомуни барномаи ҳозираи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / М. Аҳмадов // Номаи Донишгоҳ. – №4 (57), 2017. – С. 177-183.

221. Аҳмадов М. Мавқеи иншо дар инкишофи нутқи хаттии хонандагон [Матн] / М. Аҳмадов // Номаи Донишгоҳ. – №1 (54), 2018. – С..226-232.
222. Аҳмадов М. Усули таҳлили ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ [Матн] / М. Аҳмадов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2021. – №1 (66). – С.165-170.
223. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании [Текст] / А. Байденко. – Высшее образование в России, 2004, №11. – С. 3-13.
224. Басалаева Н.В. Ключевые компетенции как интегральный результат современного образования [Текст] / Н.В. Басалаевв, Т.В. Захарова // Сибирский педагогический журнал, 2012, №5. –С.183-185.
225. Бобоева З. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 [Матн] / З. Бобоева // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2019, №2. – С.183-187.
226. Бобоева З. Методикаи тадриси ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар курси таърихи адабиёт [Матн] / З.Бобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019, №3 (80). – С.193-197.
227. Бобоева З. Таълими матни асари бадеӣ ва усули ба роҳ мондани корҳои эҷодии хонандагон [Матн] / З.Бобоева // Паёми Донишкадаи забонҳо (маводди конфренсияи илмиву амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти шарқ”). – Душанбе, 2019. – С. 143-149.
228. Болотов В. А. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе [Текст] / В. А. Болотова, В. В. Сериков // Педагогика. – 2003. - № 10. – С. 8-14.
229. Быстрова Е. А. Единый фразеологический минимум русского языка для национальной школы [Текст] / Е. А. Быстрова // Русский язык в национальной школе. – М., 1975. – № 4. – С.10-16.
230. Быстрова Е.А. Содержание предмета «Русский язык», или чему учить в школе [Текст] / Е.А. Быстрова, С.И. Львова, В.И. Капинос // Обучение русскому языку в школе: учеб. пособие для студентов педагогических вузов. – М.: Дрофа, 2004.

231. Ваҳҳобов Т. Пешгуфтор // Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-90-уми садаи XX. Китоби V. Баҳси атрофи имло дар забоншиносии тоҷик. Ҷилди 1 (солҳои 20-90-уми асри XX) [Матн] / Т. Ваҳҳобов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 472 с.
232. Ғаффоров Р. Маданияти сухан ва муҳимтарин вазифаҳои забоншиносони тоҷик [Матн] / Р. Ғаффоров // Маданияти сухан. – Душанбе: Маориф, 1989. – 350 с.
233. Ғаюров Ҳ. Ш., Муродов М. К. Татбиқи технологияи чандрасонаӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои миёнаи умумӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Ғаюров, М. К. Муродов // Номаи Донишгоҳ. – 2019. – №2 (59). – С. 136-142.
234. Дахин, А. Н. Компетентностное обучение в России и за рубежом: попытка сопоставления [Текст] / А. Н. Дахин. – Школьные технологии. – 2009. – №5. – С.45-55.
235. Диловаров М. Андарз // А — Асос. — Душанбе: СИЭМТ, 2011. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик: [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир А. Қурбонов ; 2011 – 2023, ҷ. 1. 607 с.
236. Заиров С.А. Муносибати босалоҳият ба таълим ва нақши омӯзгорон дар амалисозии он [Текст] / С.А. Заиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе.2021, №4 (015).– С.132-136.
237. Заиров С.А. Муносибати босалоҳият ва таъсири он дар беҳдошти вазъи муоширати хонандагон [Матн] / С.А. Заиров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. 2020, №4 (32). – С. 102-106.
238. Заиров С. А. Муносибати салоҳиятнок дар таълими адабиёти тоҷик-омили рушди муоширати хонандагон [Матн] / С. А. Заиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №1 (1). – С. 222-227.
239. Заиров С. А. Роҳҳои ташаккули муоширати хонандагон дар машғулиятҳо аз фанни адабиёти тоҷик [Матн] / С. А. Заиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2 (30). – С. 309-314.

240. Заиров С. А. Услуби сахтгирӣ ва ҳудудҳои истифодаи он, методҳои ҳавасмандгардонӣ дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим [Матн] / С.А. Заиров // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2022. – №4. – С.16-18.

241. Заиров С. А. Фанни адабиёти тоҷик - минбари суханварии хонандагон // Маҷмуаи маводди Конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзуи “Таҷрибаи сулҳи тоҷиконро бояд омӯхт” [Текст] / С. А. Заиров. Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, ПРМ, 2021. – С. 67-70.

242. Исломов Ш. Таълими “Хираднома Искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар синфи IX / Ш. Исломов // Мактаби Советӣ, – 1989. – №11. – С. 15-20.

243. Исломов, Ш.Китоби андешаҳо [Матн] / Ш. Исломов // Адаб, 2000, № 2. – С. 23-27.

244. Исломов Ш. Китоби дарсӣ василаи муҳимми гуфтугӯ бо тамаддунҳост [Матн] / Ш. Исломов // Маъвои дилҳо. – Душанбе, 2016. –С., 135-139.

245. Исрофилниё Ш. Зарурати таҷдиди назар ба барномаи таълими адабиёт барои синфҳои 5-11-ум [Текст] / Ш.исрофилниё, Б. Шарифов // рӯзн. Омӯзгор, 14.06.2013. – С.4

246. Исрофилниё Ш. Р. Адабиёт ва мушкилоти таълими он дар мактаб [Матн] / / Ш.Р. Исрофилниё // Адабиёт ва санъат. – 2020, 27.02, №9 (2032), – С. 45.

247. Исрофилниё Ш. Р. Усули таълим ва шарҳу тафсири шеър дар муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ш. Р. Исрофилниё, М.А.Султонмамадова, // Маърифати омӯзгор (маҷаллаи методӣ ва илмии Вазорати маорифи ҶТ), 2016. – №9. – С. 19-23.

248. Исрофилниё Ш. Р. Шеваи таълими «Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ дар муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. // Илм ва инноватсия, 2016. – №1. – С. 93-101.

249. Исрофилниё Ш.Р. Методикаи таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар синфи 9 [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, З.Бобоева // Паёми АТТ. – 2019. – №1(30). – С. 47-52.

250. Исрофилниё Ш. Р. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи манзум дар муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М.

Султонмамадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №4/3 (203). – С. 146-150.
251. Иванова С. Ф. Искусство диалога, или Беседы о риторике [Текст] / С. Ф. Иванова. – Пермь: Западно-Уральский учебно-научный центр, 1992. – 200 с.
252. Исломов Ш. Банақшагирии дарсҳои адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11 [Матн] / Ш. Исломов // Адаб. – 1993. – №7-8.
253. Камолзода С. Мавқеи китобхона ва китобхонӣ дар ташаккули ақлу заковат ва фарҳанги хонандагон [Матн] / с. Камолзода // Номаи Донишгоҳ, 2022, №4 (73). – С.165-170.
254. Каримзода М. Б. Таҳсилоти босифат ба хотири рушди устувор ва ташаккули салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри XXI [Матн] / М.Б. Каримзода // Номаи Донишгоҳ. – 2019. – №1(58). – С. 129-138.
255. Каримова И. Х. Усовершенствование профессионального мастерства учителей и пути его усиления [Текст] / И.Х. Каримова // Паеми донишгоҳи миллии Точикистон [Матн]. – Душанбе. – №3. – 2019. – С. 244-248.
256. Кенҷазода М., Солеҳзода Ш. Асолати сухан – омили муҳимми рушди фарҳанги миллӣ [Текст] / М. Кенҷазода, Ш. Солеҳзода // Забони давлатӣ – рукни давлатдорӣ (Маҷ.мақ.). – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 336 с.
257. Колокольцев, Н. В. Общие вопросы развития речи в процессе изучения литературы [Текст] / Н. В. Колокольцев: непосредственный // Вопросы преподавания литературы в школе: развитие речи учащихся : сб. тр. / Моск. гос. пед. ин-т им. В. И. Ленина; ред. Н. В. Колокольцев. – М.: МГПИ, 1975. – С. 3–10.
258. Кохтев Н.Н. Основы ораторской речи основы ораторской речи Основы ораторской речи [Электронный ресурс]: учеб. пособие / Н.Н. Кохтев. – 2-е изд., стер. – Москва: Флинта, 2013. – 328 с.
259. Қурбонов, Ғ. Такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор дар курсҳои такмили ихтисос [Матн] / Ғ. Қурбонов. Номаи Донишгоҳ. – 2016. –№4 (49). – С. 270-275.
260. Лутфуллоев М. Мактаб ва маданияти сухан [Матн] / М. Лутфуллоев // Маданияти сухан. – Душанбе: Маориф, 1989. – 350 с.

261. Львов М.Р. Риторика. Культура речи. 2-е издание [Текст] / М. Р. Львов. – Москва: Издательский центр “Академия”, 2004. – 272 с.
262. Маниёзов А. Сухани муқаддимавӣ [Матн] / А. Маниёзов // Маданияти сухан. – Душанбе: Маориф, 1989. – 356 с.
263. Мокиенко В.М. Современная паремиология (лингвистические аспекты) [Матн] // Мир русского языка, № 3, 2010, с. 6-19
264. Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми [Матн] / Қ. Мухторӣ // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ: Маводди конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ. Душанбе, 29 июни соли 2018. – Душанбе: Ирфон, 2018. С. 58-66.
265. Мухторов З. Фасоҳат [Матн] / З. Мухторов // Донишномаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2022. – 680 с.
266. Набизода С. Раҳмонзода Ф. «Китоби дарсӣ: мушкили чӣ ё кист?” (Чанд сухан перомуни масоили таълифи китоби дарсӣ ва роҳҳои ислоҳи камбудиву норасоиҳо [Матн] / С. Набизода, Ф. Раҳмонзода // Минбари халқ. – №45, 10.11.2021. – С. 3
267. Набизода С., Раҳмонзода Ф. Идеологияи миллӣ ва такмили мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ [Матн] / С. Набизода, Ф. Раҳмонзода // Рӯзномаи омӯзгор, 15.06.2023. – С.4
268. Насриддин А. Чанд санади равшангар дар корой ва азамати забони мо [Матн] / А. Насриддин // Фурӯғи андеша: Маҷ.мақолаҳо бахшида ба 50-солагии д.и.ф., проф. М.Мирзоюнус. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 264 с., С.140-149
269. Негматов С.Э. Функциональная направленность и стратегия формирования грамматической компетентности студентов языкового вуза в условиях полилингвального образования [Текст] / С.Э. Негматов //Вестник ТНУ. 2016 г. –№4/1. (166) – С.224-227
270. Негматов С. Э. Межкультурная дидактика в современном иноязычном образовании [Текст] / С. Э.Негматов, Г. Б. Мухаметовым // Вестник ТНУ. 2017 г. – №3/1. – С.256-261

271. Негматов С., Абдувоҳидова М. Чанд сухан оид ба консепсияи китоби дарсӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим [Матн] / С. Негматов, М. Абдувоҳидова // Муносибати босалоҳият ба таълими забонҳо дар муҳити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ. – Душанбе: Матбааи “Фасл - 4”. – 2020 с., с.129-133.
272. Негматов С., Зоиров С. Донишмандону бузургони адабиёти тоҷик оид ба муоширaт ва ҳусни баён [Матн] / С. Негматов, С. Зоиров // Номаи Донишгоҳ. – №4 (73), 2022. – С.157-164.
273. Негматов С., Каримова Д. Матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва мақоми он дар омӯзиши забони тоҷикӣ [Матн] / С. Негматов, Д. Каримова // Уфуқи андеша (маҷ.мақ.). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 540 с., с. 90-94.
274. Неъматов С., Пулодова Ш. Забони адабӣ – меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон [Матн] / С. Негматов, Ш. Пулодова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – №4 (52) 2025. –С. 55-61.
275. Нуров А. Баъзе андешаҳо перомуни омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ [Матн] / А.Нуров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – №2 (74) – Душанбе, 2018. – С. 10-13.
276. Одинаев Н. Нигоҳи нав ба илми қадим [Матн] / Н. Одинаев // Суханшиносӣ. – № 2, 2012. – С. 180-189.
277. Османов Н. Пословицы и поговорки в поэтическом наследии Рудаки [Текст] / Н. Османов // Сборник статей. – Сталинабад: Таджикское государственное издательство, 1958. – 240 с., с.168-185.
278. Пугачева Л. С. Фразеологический минимум в обучении иностранных студентов-филологов русским фразеологизмам, пословицам и поговоркам (на материале фразеосемантического поля «Деятельность человека») [Текст] / Л. С. Пугачева // Известия Российского государственного педагогического университета им. А. И. Герцена. – 2011. – № 129. – С. 192-198.
279. Пугачева Т.С. Особенности передачи единиц семантического поля «Рождество» (на материале произведений Розамунды Пилчер и их переводов на русский язык) [Текст] / Л. С. Пугачева // Актуальные проблемы

сопоставительного языкознания и лингводидактики: материалы XXIX международной научно-практической конференции. Москва, 21 апреля 2022 года. – Москва: Московский педагогический государственный университет, 2022. – С. 82-87.
280. Пулодова Ш. Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик [Матн] / Ш. Пулодова // Номаи Донишгоҳ. – №4 (73), 2022. – С. 245-251.
281. Пулодова Ш. Ташаккули афкори адабӣ ва зебошиносӣ [Матн] / Ш. Пулодова // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил (маҷ.мақ.). – Хуҷанд: Меъроҷ, 2023. – 376 с., С.280-283.
282. Пулодова Ш. Таълими хониши мустақилона ва ҳифзи арзишҳои миллӣ [Матн] / Ш. Пулодова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. – №1 (45). С.64-73.
283. Пулодова Ш. Ҷанбаҳои назарии маданияти нутқ дар сарчашмаҳои илмӣ [Матн] / Ш. Пулодова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2025. – №1/4 (140). – С.65-69
284. Пулодова Ш. Вазъи умумии омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ [Матн] / Ш. Пулодова // Номаи Донишгоҳ. – №4 (85), 2025. С. 288-293.
285. Пулодова Ш. Мавқеи Ҳофизи Шерозӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ [Матн] / Ш. Пулодова // Номаи Донишгоҳ. – №1 (82), 2025. С. 163 - 168
286. Раҳимова М. Мавқеи панду андарзи классикон дар таълими синтаксис // [Матн] / М. Раҳимова // Номаи Донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров. – 2015. – №4 (45). – С. 239-242.
287. Раҷабов Б., Солеҳзода Ш. Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он [Матн] / Б. Раҷабов, Ш. Солеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2026. – №2. С. 290-299.
288. Рузиева Л.Т. Пословицы, поговорки, фразеологизмы и афоризмы как прецедентные феномены в преподавании русского языка как неродного [Текст] / Л. Т. Рузиева // Евразийский гуманитарный журнал. – 2017. – №2. – С.28-30.

289. Рустамов Ш. Масъалаҳои муҳимми маданияти сухан [Матн] / Ш. Рустамов // Маданияти сухан. – Душанбе: Маориф, 1989. – 350 с., С.9-70.
290. Сайфуллоев, Х. Ғ. Таълими интерактивӣ дар ташаккули неруи эҷодии шогирдон [Матн] / Х. Ғ. Сайфуллоев // Вестник педагогического университета. Серия педагогика-психология. – Душанбе, 2019. – №2 (79). –С. 19-21.
291. Сайфуллоев Х. Ғ. Ташаккули салоҳияти фарҳанги иҷтимоии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон [Матн] / Х. Ғ. Сайфуллоев // Вестник педагогического университета. Серия педагогика и методика преподавания. –Душанбе, 2018. – № 2. – С. 99-104.
292. Сайфуллоева, З.Х. Компитентностный подход как основа качественного образования [Текст] / З. Х. Сайфуллоева // Вестник педагогического университета. Серия педогогические науки. – Душанбе, 2017, №3 (70). – С. 44-50.
293. Сатторова Ҳ. Ҳусни нигориши расмӣ [Матн] / Ҳ. Сатторова // Паёми Педагогика. – №3-4 (7-8), 2011. – С.81-91.
294. Соколов А.А. Мозговой штурм [Матн] / А.А. Соколов. Директор школы, 2006. –№1. – С. 30 -34.
295. Солеҳзода Ш. Мавқеи “Маснавии маънавӣ” дар барнома ва китобҳои дарсӣ [Матн] / Ш. Солеҳзода // Паёми Китобхонаи миллӣ. – 2025, №4 (12). – С.151-157.
296. Сомова Л.А. Моделирование слова учителя в современной образовательной парадигме [Текст] / Л. А. Сомова // Преподаватель XX век. – №2, 2008. – С. 167-171.
297. Султонмамадова М.А. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021. – №1(38). – С. 103-108.
298. Султонмамадова, М.А. Методикаи таълими рӯзгор ва осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5 [Матн] / М.А. Султонмамадова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017, № 3/4. – С. 297-301.

299. Султонмамадова М.А. Салоҳияти педагогӣ омили самаранокии раванди таълиму тарбия [Матн] / М.А. Султонмамадова, Н. Гулова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2019. – №1 (25). – С . 68-73.
300. Тиллохоҷаева М. Инкишофи нутқи хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Тиллохоҷаева // Номаи Донишгоҳ. – № 2(43) 2015. – С.241-244.
301. Тиллохоҷаева М. Моҳияти технологияи рақамӣ ва аҳаммияти истифодаи он дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик [Матн] / М. Тиллохоҷаева // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – №3 (03), 2025. – С.163-167.
302. Толибов И. М. Мазмун ва мафҳуми паремия дар соҳаи паремиология ва дар фразеологияи забони англисӣ [Матн] / И. М. Талибов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. – №1 (84). С.43-46.
303. Тоҷибоев Ш. Самаранокии истифодаи фановариҳои компютерӣ дар омӯзиши фанни “Назмшиносӣ” [Матн] / Ш. Тоҷибоев // Номаи Донишгоҳ. – 2021. – №3. – С. 78.
304. Хоҷа Д. Анъанаи забоншиносии тоҷикӣ [Матн] / Д. Хоҷа // Ахбори ДДҲБСТ. – №3, 2021. – С. 100-114.
305. Хуторской А. В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций [Электронный ресурс] / А. В. Хуторской // Интернет-журнал "Эйдос". 2005. 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.
306. Ҳакимова Ш. Асосҳои назариявию методии равандҳои инноватсионӣ дар таълим [Матн] / Ш. Ҳакимова // Номаи Донишгоҳ. – 2016. – №2 (47). – С. 241-245.
307. Ҳакимова Ш. Марҳилаҳои татбиқи инноватсияҳои педагогӣ дар таълим [Матн] / Ш. Ҳакимова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – №4 (58), 2025. – С. 50-58.
308. Ҳасанзода А. Сухан қаср асту маънӣ пояи он [Матн] / А. Ҳасанзода // Забони давлатӣ – рукни давлатдорӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 336 с.
309. Чепкова Т. П. Формирование фразеологической компетенции иностранных студентов при обучении русскому языку [Текст] / Т. П. Чепкова // Наука и школа. – 2012. – № 3. С. 61-66.

310. Шарифзода Ф. Ташаккули маданияти зеҳнӣ ва рушди тафаккури хонандагон [Матн] /Ф. Шарифзода // Паёми ДМТ. – №3/1. – 2017. – 174 с.
311. Шарифзода Ф. Технологияи навини таълими забони модарӣ: бозёфт ва андешаҳо [Матн] / Ф. Шарифзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2014. – №3 (17). – С.30-50.
312. Швырина Г. В. Воспитание культуры речи средствами информаци онных технологий [Текст] / Г. В. Швырина // Актуальные проблемы развития транспортного комплекса: материалы VI Всероссийской дистанционной науч но-практической конференции. – Самара: СамГУПС, 2010. – С. 199-201.
313. Швырина Г.В. Совершенствование методики преподавания русского языка и культуры речи на основе компьютерных технологий [Текст] / Г.В. Швырина // Наука и культура России: материалы VII Международной научно практической конференции, посвященной Дню славянской письменности и культуры памяти равноапостольных Кирилла и Мефодия. - Самара: СамГУПС, 2010. – С. 207-209
314. Шокиров Т. Қомусҳои электронӣ ва вежагиҳои онҳо [Матн] / Т. Шокиров. // Ахбори ДДҲБСТ. – №3 (88), 2021. – С.131-140.
315. Ятимов С. Нақди сухан [Матн] / С. Ятимов // Рӯзномаи Ҷумҳурият, №220 (24075) аз 13.11.2020. – С. 3.
316. Ятимов С. Эҳёи миллат-бақои давлат [Матн] / С. Ятимов // Ҳомии омӯзгор (Нашрияи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҶТ). – №8 (171), аз 31.08.2023. С.1 – 5.

**IV. Фарҳанг ва донишномаҳо:**

317. Амид Ҳ. Фарҳанги форсӣ [Матн] / Ҳ. Амид. – Теҳрон: Роҳи рушд, 1389. – 1088 с.
318. Аминов С. Луғати мухтасари мактабӣ [Матн] / с. Аминов. – Душанбе: ООО “Арун”, 2008. – 132 с.
319. Анварӣ Ҳ. Фарҳанги бузурги сухан [Матн] / Ҳ. Анварӣ. Дар ҳашт муҷаллад. Ҷилди 2. – Теҳрон: Сухан, 1381. – 1543 с.
320. Быстрова Е.А. Фразеологический минимум русского языка для национальной школы [Текст] / Е. А. Быстрова. – СПб, 1992. – 269 с.

321. Бурҳон М.Ҳ. Бурҳони қотеъ. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. Ҷилди 1 [Матн] / М. Ҳ. Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – 424 с.
322. Деҳхудо А. Луғатнома [Матн] / А. Деҳхудо. Ҷилдҳои 1-50. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1328; Ҷилди 23. – Теҳрон: Сирус, 1335. – 300 с.
323. Деҳхудо А. Амсолу ҳикам [Матн] / А. Деҳхудо. Ҷ.1. – Теҳрон: Амири кабир, чопи шашум, 1363 ш.қ. / 1946. – 624 с.
324. Донишномаи забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2022. – 680 с.
325. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1988. – 304 с.
326. Луғати фразеологии мактабӣ. Мураттиб Аминов С [Матн]. – Душанбе: ООО “Арун”, 2007. – 94 с.
327. Львов М. Р. Словарь-справочник по методике русского языка [Текст] / М. Р. Львов. – Москва: Просвещение, 2007. – 280 с.
328. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин [Матн] / Муҳаммад Муин. – Теҳрон, 1386. – 956 с.
329. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ [Матн] / А. Нуров. – Душанбе, 1990. – 257 с.
330. Ожегов С.И. Словарь русского языка [Текст] / С. И. Ожегов. - Москва: Русский язык, 1983. – 816 с.
331. Персидско – русский словарь. В 2-х томах. Под ред.Ю.А.Рубинчика [Текст]. – Москва: Советская энциклопедия, 1970. – Т. 1. – 782 с.; Т.2. – 848 с.
332. Раковский М. Пословицы, поговорки и мудрые мысли. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 355 с.
333. Ромпурӣ М. Ғ. Ғиёс-ул-луғот (Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров ). ҷилди 1 [Матн] / М. Ромпурӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 460 с.; ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.

334. Рубинчик Ю. А. Основы фразеологии русского языка [Текст] / Ю. А. Рубинчик. – Москва: Наука, 1981. – 270 с.
335. Русско – таджикский словарь [Текст]. – Москва: Русский язык, 1985. – 1280 с.
336. Садрӣ Афшор, Ғуломҳусайн. Фарҳангномаи форсӣ, дар се муҷаллад, ҷ.3 [Матн] / Садрӣ Афшор, Ғуломҳусайн. – Теҳрон: Баён: Фарҳанги муосир, 1388. – С. 1956-3012.
337. Симо Дод. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ [Матн] / Д. Симо. – Теҳрон, 1378. – 365 с.
338. Словарь - справочник лингвистических терминов. Культура речи. Сост. Эльяшевич Д., Розенталь Д.Э., Теленков М.А [Текст] – Москва: Просвещение, 1976. – 543 с.
339. Словарь терминов общей и социальной педагогики [Текст]. – Москва, 2006.
340. Табаров С. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Маориф, 1988. – 144 с.
341. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) (иборат аз ду ҷилд) [Матн]. Ҷилди 1. – М.: СЭ, 1969. – 951 с.; Ҷилди 2. – М.: СЭ, 1969. – 949 с. 336 313.
342. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд (Зери назари С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон) [Матн]. -Душанбе, 2008. Ҷ.1, – 944 с.; Ҷ. 2, – 949 с.
343. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ. Ҷ.1 [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 832 с.
344. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ [Матн]. – Душанбе, 2006.– 784 с.
345. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ [Матн] / М. Фозилов. –Душанбе: Дониш, 1976. – 375 с.
346. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва воҳидҳои фразеологии тоҷикиву форсӣ. Иборат аз 3 ҷилд; Ҷ.1 [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе:

Ирфон, 1975. – 375 с. ч.2. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 584 с., Ҷ. 3. – Душанбе: Нашри Камол, 2014. – 640 с.
347. Фозилов М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо[Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.
348. Фозилов М. Панду ҳикматҳо [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1961. – 124 с.
349. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1 [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 932 с.; Ҷилди 2.–Душанбе: Ирфон, 1964. – 804 с.;
350. Шамисо Сирус. Фарҳанги талмеҳот [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Маҷид, 1371. – 652 с.
351. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1988. – 544.

### V. Сомонаҳои электронӣ

352. https://allinweb.ru/farhangshinosi/22048 [манбаи электронӣ].
353. https://shurodis-att.tj/ad.html [манбаи электронӣ].
354. https://www.culture.ru/s/slovo-dnya/aforizm [манбаи электронӣ].
355. http://www.maorif.tj. Низомномаи Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» [манбаи электронӣ].
356. http://www.president.tj/node/21975 [манбаи электронӣ].
357. Афоризм // (https://www.culture.ru/s/slovo-dnya/aforizm) [манбаи электронӣ].
358. Арапов, А. В. «Мы не войдем в историю…!?» /к политической биография Файзуллы Ходжаева (1896-1938). – Научный сайт Арапова А.В. – narod.ru
359. Волчок Л.Н., Сосим Т.В. // Матер. конфер. “Русский язык как средство международного и межнационального общения, межкультурной коммуникации», 2005 стр. 33-35 [Электронный ресурс]. http://edoc.bseu.by:8080/handle/edoc/68971
360. Ғафурова, Ҷ. Омилҳои иҷтимоӣ ва офариниши гавҳари гуфтор дар доираҳои адабии Мовароуннаҳри нимаи дуввуми асри XVIII ва нимаи аввали

асри XIX // file:///C:/Users/User/Downloads/omil-oi-i-timo-vaofarinishi-gav-ari-guftor-dar-doira-oi-adabii-movarounna-ri-nimaiduvvumi-asri-xviii-va-nimai-avvali-asri-xix.pdf

361. Исломов Ш, Давлатбег Қ. Масъалаи робитаҳои байнифаннӣ (забон ва адабиёт) дар назария ва амалияи методикаи таълими адабиёти тоҷик [манбаи электронӣ] / Ш. Исломов, Қ. Давлатбег. Масъалаи хамгиро.pdf

362. Коваленко, Т. В. Развитие речи на уроках литературы [Электронный ресурс] / Т. В. Коваленко. – URL: https://docs. google.com/viewer?url=https: //nsportal.ru/ sites/ default /files/2016/04/27/ razvitie_rechi_na_urokah_literatury.pdf&embedded=true (дата обращения: 20.07.2023).

363. Коновалова М. В. Современные педагогические технологии на уроках русского языка и литературы. Конструктор урока [Электронный ресурс] / М. В. Коновалова // Русский язык и литература. – 2015. – № 10. – С. 2–URL: https://www.e-osnova.ru/PDF/osnova_4_58_12961.pdf (дата обращения: 20.12.2022).

364. Краситская Н. http://www.stattionlineo.org.6i-a8a/ tovitelnom-etape-oӣucheniya-russkomu-yazyku-kak-inostrannomu.html [Электронный ресурс]

365. Красицкая Н. С. Фразеология и афористика на подготовительном этапе обучения русскому языку как иностранному: [Электронный ресурс] / Н.С. Красицкая. http://www.stattionline.org.ua/pravo/62/8567-fra

366. Қутбиддинов Б. Масъалаи муносибати фарҳанг ва тамаддун [Манбаи электронӣ] / Б. Қутбиддинов. https://donishju.net/).

367. Қутбиддинов Б. Арзишҳои фарҳанги миллиро чӣ гуна бояд таблиғ кард? [Манбаи электронӣ] / Б. Қутбиддинов. http://www.pitfi.tj/node

368. Робитаи дин ва фарҳанг - Сомонаи илмӣ ва иҷтимоии Тоҷикон (tojikon.org)) [Манбаи электронӣ].

369. Суфизода Ш. Фарҳанги китобхониро эҳё кунем [Манбаи электронӣ] / Ш. Суфизода. https://anrt.tj/tj/khabar-o/1186-s-fizoda-far-angi-kitobkhoniro-e-jo-kunem

370. Чепкова Т.П. Формирование фразеологической компетенции иностранных студентов при обучении русскому языку // Педагогические

исследования [Электронный ресурс] / Т. П.Чепкова стр. 61-66. https://cyйerleninka.ru/article/n/formirovanie-frazeologicheskoy-kompetentsii-inostrannyh-studentov-pri-oйuchenii-russkomu-yazyku 2012, с. 201-203

371. Шарифзода Б. Мушкилоти китобҳои дарсӣ [Манбаи электронӣ] / Б. Шарифзода. info@lip.tj; санаи руҷуъ: 22.04.2023

**VI. Осори адабӣ:**

372. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон Сталинобод, 1958. – 360 с.; ҷ. 9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 430 с.

373. Асрорӣ В. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ [Матн] / В. Асрорӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – 213 с.

374. Аттор Ф. Пандномa. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо [Матн] / Ф. Аттор. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 256 с.

375. Аттор Ф. Мантиқ-ут-тайр. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон, 1384.–903 с.

376. Ахтарони адаб, ҷилди 5. Шоҳнома, ҷ. 3. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.

377. Ватвот Рашидуддин. Латоиф-ул-амсол / таҳия ва тавзеҳи М. Анварова ва О. Оқилов [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 265с.

378. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон. Гирдоварӣ, тарҷума ва мураттабсозии Д.Раҳимов [Матн]. – Душанбе: Истеъдод. – 2012. –136 с.

379. Ғазнавӣ С. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа [Матн] / С.Ғазнавӣ. – Душанбе, 2008. – С. 120.

380. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ [Матн]. Тартибдиҳандагон А.Писарчик, С.Тоҷиддинов, М.Ҳамидҷонов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 228 с.

381. Калонтаров Я.И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо» (Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими) [Матн] / Я. И. Калонтаров. – Душанбе, 1965. – 534 с.

382. Короглы Х.Г. Персидские пословицы, поговорки и крылатые слова. На персидском и русском языках [Текст] / Х. Г. Короглы. Изд. 2-е. – Москва: Наука, 1973. – 615 с.
383. Румӣ Ҷ. Маснавии маънавӣ [Матн] / Ҷ. Румӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с., б. 2905
384. Самадов А. Шохи чанор [Матн] / А. Самадов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 125 с.
385. Фелицына В. П. Русские пословицы, поговорки и крылатые выражения: Лингвострановедческий словарь / Ин-т рус. яз. им. А. С. Пушкина; Под ред. Е. М. Верещагина, В. Г. Костомарова [Текст] / В. П. Фелицына, Ю. Е. Прохоров. – М.: Рус. яз., 1979. – 240 с.
386. Табрезӣ С. Мунтахабот [Матн] / С. Табрезӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980, – 704 с.
387. Тилавов Б. Баёзи фолклори тоҷик» ҷ.I [Матн] / Б. Тилавов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 288 с.
388. Тилавов Б. Зарбулмасалҳои машҳур. [Матн] / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1983. – 126 с.
389. Тилавов Б. Куллиёти фолклори тоҷик [Матн] / Б. Тилавов. Иборат аз 3 ҷ., ҷ. I. – Душанбе: Дониш, 392 с.
390. Туҳфаи ҷон (Шарҳи 40 ғазали Камоли Хуҷандӣ). Мураттиб С.Саидов. [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2020.– 288 с.
391. Хуҷандӣ Фарзона. Себарга. [Матн] / Ф. Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2011. – 436 с.
392. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. [Матн] / А. Ҷомӣ. – дар 8 ҷилд, ҷ.1
393. Ҷомӣ, Аҳмад Жандапил. Гулчин аз девон / Ҳозиркунандаи чоп: Ромиз Собир. [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 120 с.
394. Шерозӣ Саъдӣ. Куллиёт. Иборат аз 4 ҷилд. Ҷ.1. Қасоид, марсия. [Матн] / С. Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 432 с.

395. Шерозӣ Ҳофиз. Куллиёт. Бо кӯшиши Козими Лоҳиҷӣ [Матн] / Ҳ. Шерозӣ. – Теҳрон: Арванд, 1380. – 505 с.

## Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

### I. Монографияҳо:

**[1-М] Солеҳзода Ш. С.** Такмили фарҳанги нутқи хонандагон ва таҳкими арзишҳои миллӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 210 с.

**[2-М] Солеҳзода Ш. С.** Таҳқиқ ва таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 350 с.

### II. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:

**[3-М] Пулодова Ш. С., Маҳмадшоев М.** Мавқеи осори ғиноӣ дар ташаккули дониш ва зебошиносии муҳассилин // Номаи Донишгоҳ. – № 4 (69). – 2021. – С. 161-166.

**[4-М] Пулодова Ш. С.** Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик // Номаи Донишгоҳ, №4 (73), 2022. – С. 245-251;

**[5-М] Пулодова Ш. С.** Арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ ва масъалаи тарбияи хонандагон // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 3 (27) 2023. – С. 9-14;

**[6-М] Пулодова Ш. С.** Роҳҳои такмили фарҳанги нутқи хонандагон зимни таҳлили осори манзум // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №4 (49), 2023. – С. 17-22.

**[7-М] Пулодова Ш. С.** Вижагиҳои таълими ашъори ирфонӣ дар дарси адабиёт // Номаи Донишгоҳ, № 4 (77), 2023. – С. 120-129.

**[8-М] Пулодова Ш. С.** Ташаккули дониш ва тарбияи миллӣ-ахлоқии муҳассилин // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, №2 (30), 2024. – С. 16-22.

**[9-М] Пулодова Ш. С.** Зарбулмасалу мақол – манбаи инкишофи нутқи хонандагон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 1 (50), 2024. – С. 48-58.

**[10-М] Пулодова Ш. С.** Арзишҳои миллӣ-ахлоқии панду ҳикмат ва истифодаи он дар таълими забони тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо, № 3 (55), 2024. – С. 268-276.

**[11-М] Пулодова Ш. С.** Таълими хониши мустақилона ва ҳифзи арзишҳои миллӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №1 (45), 2024. – С. 64-73.

**[12-М] Пулодова Ш. С.** Пешвои миллат ва масъалаҳои тарғиб ва нашри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 2 (30), 2024. – С. 111-118.

**[13-М] Пулодова Ш. С.** Мавқеи Ҳофизи Шерозӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Номаи Донишгоҳ, № 1 (82), 2025. – С. 163-167.

**[14-М] Пулодова Ш. С.** Вазъи умумии омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ // Номаи Донишгоҳ, № 4 (85), 2025. – С. 288-294.

**[15-М] Пулодова Ш. С.** Ҷанбаҳои назарии маданияти нутқ дар сарчашмаҳои илмӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, № 1/ 4 (140), 2025. – С. 65-69.

**[16-М] Неъматов С. Э. , Пулодова Ш. С.** Забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №4 (52), 2025. – С. 55-61.

**[17-М] Пулодова Ш. С.** Мавқеи «Маснавии Маънавӣ» дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Паёми Китобхонаи миллӣ, 2025, №4 (12). – С. 120-127.

**[18-М] Солеҳзода Ш. С, Кенҷазода М.С.** Ҳофизхонӣ – мактаби суханварӣ ва камолоти маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1, 2026. – С. 346-353.

**[19-М] Солеҳзода Ш. С., Мирмухаммедова П.** Аҳаммияти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим // Номаи Донишгоҳ, № 1 (86), 2026. – С. 167-172.

**[20-М] Солеҳзода Ш. С., Раҷабов Б. М.** Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он // Паёми Донишгоҳи миллӣ, №2 (87), 2026. – С. 230-240.

**[21-М] Солеҳзода Ш. С., Раҳмонзода Н.Р.** Китоби насли нав - равзана ба оянда // Номаи Донишгоҳ, №2 (87), 2026. – С. 92 - 99

### II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар:

**[22-М] Пулодова Ш. С., Тиллохоҷаева М. Н.** Таносуби маънои калимаҳо дар рубоиёти Рӯдакӣ // Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо (Маводди конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 416 с. – С. 318-324.

**[23-М] Пулодова Ш. С.** Чанд калима дар бораи сарчашмаҳои илми бадеи тоҷику форс // Номаи ховаршиносон, №6. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 320 с. – С. 190-198.

**[24-М] Пулодова Ш. С.** Аҳаммияти омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ // Маҳзари маънӣ (маҷ. мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 280 с. – С. 125-129.

**[25-М] Пулодова Ш. С., Тиллохоҷаева М. Н.** Неруи сухан агар набудӣ воло. . . // Оинадори ҳусни сухан. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – С. 38-43.

**[26-М] Пулодова Ш.С.** Шарҳи ҳоли Ҳофизи Шерозӣ дар синфи 7 // Уфуқи андешаҳо (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд: Зиё, 2016. – С. 25-29.

**[27-М] Пулодова Ш.С.** Садриддин Айнӣ ва масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти муосири тоҷик (Маҷмуи маводди конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С. 282-286.

**[28-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М. Н.** Умрҳо бояд, ки бишносӣ забони хешро. . . // Гулшани андеша (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2019. – 452 с. – С. 431-439.

**[29-М] Пулодова Ш.С.** Садриддин Айнӣ дар бораи таълифи китобҳои дарсӣ // Устод Айнӣ ва масъалаҳои робитаи адабӣ: Маҷмуаи мақолаҳои конфронси байналмилалӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 146-150.

**[30-М] Пулодова Ш.С.** «Луғати фурс» – сарчашмаи боэътимоди «Фарҳанги забони тоҷикӣ» // Лексикографияи тоҷик ва дурнамои луғатнависӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 127-134.

**[31-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М. Н.** Каломи Камол — камоли маънӣ // Маҷаллаи илмию адабии «Камоли Хуҷандӣ». – Хуҷанд, №3, 2019. – С. 37-47.

**[32-М] Пулодова Ш. С.** Омилҳои таъмини самаранокии дарс // Уфуқи андеша. – Хуҷанд: КҲС «Фахри Набӣ», 2019. – С. 27-33.

**[33-М] Пулодова Ш. С.** Маъниофаринӣ дар шеъри Хоҷа Камол // Ёдкарди Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2020. – С. 486-492.

**[34-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М.Н.** Масъалаҳои рушди методикаи таълими адабиёт дар таҳқиқоти Мирзоҳабиб Аҳмадов // Армуғони дӯстон (Маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С. 137-145.

**[35-М] Пулодова Ш.С.** Муносибати босалоҳият – маърифатнокии толибилм // Маводди конфронси ҷумҳуриявии «Муносибати инноватсионӣ-интегративӣ ба таълими касбии забонҳои хориҷӣ». – Душанбе: ДОТҶ (РТСУ), 2020. – 301 с. – С. 139-144.

**[36-М] Пулодова Ш.С.** Принсипҳои дидактикӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълим // Маводди конфронси байналмилалии илмии «Challenges in science of nowadays», №6 ИМА. Вашингтон, Маркази нашрияҳои илмии «InterConf», соли 2021. – С. 166-172.

**[37-М] Пулодова Ш.С.** Мактабҳои ҷадидӣ ва нашри китобҳои дарсӣ // Бунёдгузорони нашри китоб дар Осиёи Марказӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 458 с. – С. 234-239.

**[38-М] Пулодова Ш.С.** Асосҳои назарии ташаккули илми бадеъ ва маонӣ // Нақш ва ҷойгоҳи Заҳируддин Муҳаммади Бобур дар рушди илму фарҳанги ҷаҳонӣ (Маводди ҳамоиши байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Фарғона: ФГУ, 2023. – 1098 с. – С. 353-360.

**[39-М] Пулодова Ш.С.** Васоити ахбори омма ва ҳамбастагии он бо фарҳангу маънавият // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. - 325 с. – С. 223-230.

**[40-М] Пулодова Ш.С.** Ташаккули афкори адабӣ ва зебошиносӣ // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил. Маҷмуи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. - 371 с. – С. 283-286.

**[41-М] Пулодова Ш.С., Дӯстова М.С.** Омилҳои ташаккули дониш ва салоҳиятнокии муҳассилин дар дарсҳои адабиёти тоҷик // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 371 с. Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 371 с. – С. 93-99.

**[42-М] Пулодова Ш С.** Мактаб, матбуот ва тафаккури созанда // Ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар рушди забон ва адабиёти тоҷик: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 622 с. – С. 525-533.

**[43-М] Пулодова Ш.С.** Арзишҳои фарҳанги миллӣ дар осори адабӣ // Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон: Маводди конфренсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. -1196 с. – С. 729-734.

**[44-М] Пулодова Ш.С.** Фарҳанги нутқ ва ташаккули салоҳияти иртиботии муҳассилин // Мероси лингвистӣ ва рушди забоншиносӣ (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Андиҷон, 2023. – 470 с. – С. 233-237.

**[45-М] Пулодова Ш.С.** Дарси адабиёт ва маърифати шеър // Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2023. –736 с. – С. 229-234.

**[46-М] Пулодова Ш.С.** Омӯзиши сабку баёни ашъори Камоли Хуҷандӣ дар забоншиносии тоҷик // Мушкилоти муосири фанҳои филологӣ: Маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. - Фарғона, 2023. - 602 с. – С. 357-362.

**[47-М] Пулодова Ш.С.** Арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ // Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ: Маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2024. – 794 с. – С. 243-247.

**[48-М] Пулодова Ш.С. , Бобоева М.С.** Сухани бадеъи форсии тоҷикӣ дар партави балоғати арабӣ // Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ: Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 640 с. – С. 278 – 283.

**[49-М] Пулодова Ш.С.** Фарҳанги сухан ва роҳҳои такмили он // Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира (Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2024. – 498 с. – С. 221-223.

**[50-М] Пулодова Ш.С., Бобоева И.А.** Мулоҳизаҳо доир ба инкишофи нутқи муҳассилин // Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира (Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ). – Душанбе, 2024. – 498 с. – С. 268-271.

**[51-М] Пулодова Ш.С.** Мутолиаи осори адабӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ // Нақши санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар раванди муносибати салоҳиятнокии таълими фанҳои тахассусӣ (Маводди конфересияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд, 2024. – 448 с. – С. 153-157.

**[52-М] Пулодова Ш.С.** Мавқеи афоризмҳо дар такмили фарҳанги нутқи хонандагон // Уфуқи андеша: Масоили меҳварии таълими фанҳои филологӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ. Ҷилди 6 (Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). – Хуҷанд: **Нури маърифат**, 2024. – 495 с. – С. 294-300.

**[53-М] Пулодова Ш.С.** Кор бо матни асари бадеӣ ва рушди салоҳиятнокии хонандагон // Масъалаҳои мубрами филологияи тоҷику узбек: Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 830 с. – С. 678-688.

**[54-М] Пулодова Ш.С.** Ҷойгоҳи панду андарз дар омӯзишу парвариши насли наврас // Муаммоҳои илму фан аз нигоҳи муҳаққиқон (Дурнамои таҳқиқи фанҳои педагогӣ: Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд-Фарғона, 2024. – 236 с. – С. 50-56.

**[55-М] Пулодова Ш.С., Неъматов С.Э.** Инъикоси арзишҳои фарҳангӣ дар ашъори устод Фарзона // Номаи эъҷоз: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 630 с. – С. 482-487.

**[56-М] Пулодова Ш.С., Бобоева И.А.** Роҳҳои инкишофи нутқи муҳассилин зимни таълими забони тоҷикӣ // Усул ва воситаҳои таълими забони русӣ дар шароити муосири дузабонӣ. – Душанбе, 2024. – 360 с. – С. 271-277.

**[57-М] Пулодова Ш.С.** Арзишҳои маънавӣ – ҷавҳари ҳастии миллат // Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Кова, 2024. – 1030 с. – С. 933-937.

**[58-М] Солеҳзода Ш.С.** Китоб, ислоҳот ва таҷдиди ҷомеа // Забони русӣ – забони муошрати байни миллатҳо (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Дабир, 2025. – 526 с. – С. 346-351.

**[59-М] Солеҳзода Ш.С.** Нақши китобҳои дарсӣ дар рушди ҷомеа // Рушди забонҳои туркӣ дар даврони глобализатсия: масъалаҳои забон, маориф, назария ва амалия (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Қаршӣ, 2025. – 521 с. – С. 53-58.

**[60-М] Солеҳзода Ш. С.** Рушди фарҳанги миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои он // Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тадқиқи таърихи халқи тоҷик (Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе, 2025 – 330 с. – С. 131-134.

**[61-М] Солеҳзода Ш.С.** Фарҳанг, ҳувият ва шаклгирии салоҳияти маърифатӣ // Маводди конфронси байналмилалӣ дар доираи Форуми байналмилалии «Ҳамкорӣ баҳри рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд». Қисми 1. – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 476 с. , – С. 438-445.

**[62-М] Солеҳзода Ш.С.** Раҳнамо ба омӯзандагони забони тоҷикӣ // Уфуқи андеша: Муаммо ва дурнамои илми методикаи таълим дар раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди инноватсионӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 372 с. – С. 96-101.

**[63-М] Солеҳзода Ш.С.** Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он // Эҷози Гулназар: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 472 с. – С. 453-467.

**[64-М] Солеҳзода Ш. С.** Асолати сухан – омили муҳимми рушди фарҳанги миллӣ // Забони давлатӣ – рукни давлатдорӣ (Маҷм. мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 336 с. – С. 148-157.

**[65-М] Солеҳзода Ш.С., Набизода М.Н.** Саҳми Пешвои миллат дар рушди забони давлатӣ аз дидгоҳи профессор Абдусаттор Абдуқодиров // Масъалаҳои мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 468 с. – С. 25-31.

**[66-М] Солеҳзода Ш.С.** Аз дониш ба маҳорат: татбиқи салоҳияти маърифатӣ С. 25-30 // «Интегратсияи илм, забон ва таълим: рӯйкардҳои методии муосир». 29-уми июни соли 2026. – Фарғона, Маркази маҳорати педагогии вилояти Фарғона, 2026. – 346 с. – С. 45-75

**IV. Дастурҳои таълимӣ-методӣ:**

**[67-М] Абдуқодиров А., Пулодова Ш.С.** Маданияти сухан: комплекси таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд, 2014. – 110 с.

**[68-М] Пулодова Ш.С.** Каломи бадеъ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 132 с.

**[69-М] Пулодова Ш.С.** Санъати таҷнис: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат 2021. – 104 с.

**[70-М] Абдуқодиров А., Воҳидова Н., Пулодова Ш. С.** Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалисозии сиёсати давлатии забон дар МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 182 с.

**[71-М] Пулодова Ш.С.** Принсипҳои дидактикӣ ва усулҳои фаъоли таълим: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 120 с.

**[72-М] Солеҳзода Ш.С.** Ҳусни баёни омӯзгор: комплекси таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2024. – 160 с.

**[73-М] Солеҳзода Ш.С., Раҳмонзода Н.Р.** Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 2 (Андарзҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 150 с.

**[74-М] Солеҳзода Ш.С., Бобоева И.А.** Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 1 (Андарзҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 170 с.